В современных условиях глобализации рынка труда, в которых существует острая необходимость адаптироваться к мировым тенденциям в развитии экономики и её цифровизации, трансформация модели регулирования рынка труда в целом непосредственным образом будет воздействовать на его формирование, и от того, как именно будет эта модель строиться, будет зависеть и дальнейшее социально-экономическое развитие страны.

**Рецензент: к.э.н., доцент ТНУ - Бобоева Р.М.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аширов Д.А. Управление персоналом / Д.А. Аширов. -М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. -432 с.
2. Боровская, М.А. Резервы роста производительности труда в условиях цифровой трансформации / М.А. Боровская, М.А. Масыч, Т.В. Федосова // Terra Economicus. – 2020. -№18(4). –С.47-66. DOI: 10.18522/2073-6606-2020-18-4-47-66
3. Булатова Г.А. Формирование гибкого рынка труда при переходе к инновационной экономике // Вестник Экономика. Профессия. Бизнес. Алтайского государственного университета. – 2015. -С-26-29. [Электронный ресурс]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=25926920.
4. Булатова ГА. Перспективы трудоустройства выпускников вуза (на материалах АлтГУ) / Г.А. Булатова, Т.М. Зайцева // Research Journal of International Studies. – 2014. -№1(20). -С.23.
5. Гоибназарзода С.М. Новые аспкеты рынка труда Республики Таджикистан / С.М. Гоибназарзода // Вестник Таджикского университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№3. -Часть II. -ISSN 2074-1847.
6. Жиленкова Е.П. Кадры в цифровой экономике: обзор аспектов развития / Е.П. Жиленкова. -Санкт-Петербург, 2018. -С.120-122.
7. Индустрия 5.0 [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Общество_5.0 (дата обращения 11.01.2023)
8. Исмаилова, Л.Э. Факторы спроса и предложения на рынке труда, безработица и формы ее проявления / Л.Э.
9. Исмаилова. -М.: Институт экономики РАН, 1993. -256 с.
10. Турсунов Р.Р. Мировые Тенденции рынка труда в условиях цифровой экономики / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2023. -№2. -С.86-88.
11. Турсунов Р.Р. Роль промышленной инфраструктуры в урегулировании конъюнктуры рынка труда в Республике Таджикистан. Экономика и управление: проблемы и решения. Том 2 / Р.Р. Турсунов. -М.: Дом печати, 2019.
12. Усманова, Т.Дж. Особенности рынка труда в современном Таджикистане / Т.Дж. Усманова, М.Т. Азимова // В сборнике: Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление. Материалы ежегодной международной научно-практической конференции по проблемам социально-трудовых отношений (17 заседание). ФГБОУ ВО «Воронежский государственный университет»; Академия труда и занятости (Воронежское региональное отделение). -Воронеж, 2017. -С.17-22.


**БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ВАЗЪИЯТИ МУОСИРИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Муаллиф дар мақолаи мазкур таъкид мекунад, ки дар шароити муосир ҷузъи истеҳсолии кишвар, инчунин, самаранокии бозори меҳнат бештар аз истифодаи оптималии иқтидори меҳнатӣ вобаста аст. Ташаккули бозори меҳнат, дар навбати худ, аз чунин унсурҳо вобаста аст: системаи маориф, бозомӯзии кадрҳои мавҷуда, сатҳи тахассуси коргарон, сатҳи мувофиқати омодагии кормандон ба сатҳи рушди рақамӣ, техникӣ, технологӣ ва ғайра. Дар баробари ин, танзими давлатӣ ба ташаккули самараноки бозори меҳнат низ мусоидат мекунад. Ба ақидаи муаллиф, танҳо бо рушди ҳамоҳанг ва ба ҳам алоқаманди тамоми унсурҳои қувваҳои истеҳсолӣ имкон дорад, ки неруи меҳнатӣ дуруст истифода бурда шуда, коргарон дар байни соҳаҳои фаъолият дуруст тақсим карда шаванд, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд, ки ин, дар навбати худ имкониятҳои такмили ихтисос, тахассусро васеъ намоянд. Дигаргуниҳои иқтисодӣ сабаби ба вуҷуд омадани бозори бисёрҷанбаи меҳнат гардид, ки, бешубҳа, танзими онро душвор мегардонад. Бо ба даст овардани соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди як қатор давлатҳои дигар, бахри рушди иқтисодиёти миллӣ ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ авлавият пайдо кард, ки бидуни он шароити оптималӣ барои иқтисодиёт фароҳам овардан имконнопазир аст. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти

таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумат қарор дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзими бозори меҳнат як қатор қонунҳо ва барномаҳоро қабул кардааст, ки ҳадафи онҳо танзими бозори меҳнат ва коҳиши сатҳи бекорӣ мебошад.

**Калидвожаҳо**: аҳолӣ, қувваи корӣ, бозори меҳнат, шуғл, иқтисод.

**НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ РЫНКА ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье автор подчеркивает, что в современных условиях производственная составляющая страны, а также эффективность рынка труда во многом зависят от оптимального использования трудового потенциала. Формирование рынка труда, в свою очередь, зависит от таких элементов, как система образования, переквалификации уже имеющихся кадров, уровня квалификации работников, уровня подготовленности работников к освоению цифровых и технико-технологических условий и т.п. Наряду с этим эффективному формированию рынка труда способствует и государственное регулирование. По мнению автора, лишь при согласованном и взаимосвязанном развитии всех элементов производственных сил представляется возможным оптимальное использование трудового потенциала и правильное распределение работников по сферам деятельности, создание новых рабочих мест, расширяющих возможности повышения профессионально-квалификационного и культурного уровня работников. Экономическая трансформация стала причиной становления многомерности рынка труда, что, несомненно, усложняет его регулирование. С приобретением суверенитета для Республики Таджикистан, как и для ряда других стран, в целях развития национальной экономики, приоритетом стала стабилизация политической обстановки, без которой невозможно создание оптимальных условий обеспечения роста экономики. Рынок труда в Республике Таджикистан находится под особым вниманием правительства. Правительством республики Таджикистан был принят ряд законов и программ по регулированию рынка труда, целью которых является регулирование рынка труда и снижение уровня безработицы.

**Ключевые слова:** население, рабочая сила, рынок труда, занятость населения, экономика.

**SOME ASPECTS OF THE CURRENT STATE OF THE LABOR MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this article, the author emphasizes that in modern conditions the production component of the country, as well as the efficiency of the labor market, largely depends on the optimal use of labor potential. The formation of the labor market, in turn, depends on such elements as the education system, the retraining of existing personnel, the level of qualification of workers, the level of preparedness of workers for the development of digital and technical and technological conditions, etc. Along with this, state regulation also contributes to the effective formation of the labor market. According to the author, only with the coordinated and interconnected development of all elements of the production forces is it possible to optimally use the labor potential and correctly distribute workers among areas of activity, create new jobs that expand the opportunities for improving the professional, qualification and cultural level of workers. Economic transformation has become the reason for the emergence of a multidimensional labor market, which undoubtedly complicates its regulation. With the acquisition of sovereignty for the Republic of Tajikistan, as well as for a number of other countries, in order to develop the national economy, the priority has become the stabilization of the political situation, without which it is impossible to create optimal conditions for ensuring economic growth. The labor market in the Republic of Tajikistan is under special attention of the government. The Government of the Republic of Tajikistan has adopted a number of laws and programs to regulate the labor market, the purpose of which is to regulate the labor market and reduce unemployment.

**Keywords:** population, labor force, labor market, employment, economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Турсунов Расул Рустамович*** **–** Филиали муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директор оид ба таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 735147, ш.Левакант, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Рудакӣ, 16. E-mail: **rasultursunov1985@yandex.ru.** Телефон: **(+992) 905-15-40-00**

**Сведения об авторе:** ***Турсунов Расул Рустамович*** **–** Филиал государственного учреждения Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана в Хатлонской области, кандидат экономических наук, замиститель директора по образовательной, научной, воспитательной части и международных отношений. **Адрес:** 735147, г.Левакант, Республика Таджикистан, улица Рудаки, 16. E-mail: **rasultursunov1985@yandex.ru**. Телефон: **(+992) 905-15-40-00**

**Information about the author:** ***Tursunov Rasul Rustamovich*** **–** Branch of the state institution International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan in the Khatlon region, candidate of economic sciences, deputy director for educational, scientific, educational and international relations. **Address:** 7351472, Levakant, Republic of Tajikistan, Rudaki street, 16. E-mail: **rasultursunov1985@yandex.ru.** Phone: **(+992) 905-15-40-00**

ТДУ: 332.1 (575.3)

# ТАТБИҚИ МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОИРАИ ГУРӮҲҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ

*Мирбобоев Р.М., Қодирзода Ф.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавӣ бо ҳадафи таҳкими равобити тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва сиёсии ширкаткунандагон таъсис дода мешаванд ва онҳо ба афзоиши ҳаҷми савдо, якҷоя ҳал кардани мушкилот ва таҳкими мавқеи кишварҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишвар дар доираи амали ин гурӯҳҳо раванди мураккаб мебошад ва бинобар сабаби манфиатҳои гуногунро пайгирӣ кардани давлатҳои иштирокчӣ, аз таъсири шароити ба миёномада ва қатори омилҳои дохилию берунӣ вобастагӣ доранд.

Дар иртибот бо ин муайян кардани манфиатҳои иқтисодии кишвар ва роҳҳои амалӣ гардонидани онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Манфиатҳои иқтисодии кишвар маҷмуи ҳадафҳо, талаботҳо ва афзалиятҳое мебошанд, ки барои ноил шудан ба некуаҳволии иқтисодӣ, рушди устувор, таъмини манфиатҳои шаҳрвандон ва мустаҳкам намудани мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд. Манфиатҳои иқтисодӣ категорияи муҳимми иқтисодӣ буда, таҳқиқ ва таҳлили онҳо ба кишварҳо дар таҳияи стратегияҳое, ки ба беҳбуди вазъи иқтисодии онҳо нигаронида шудаанд, кумак мекунад. Қобили зикр аст, ки манфиатҳои иқтисодии кишвар дар зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад ва таҳлили онҳо барои муайян кардани афзалиятҳо дар сиёсати иқтисодӣ барои ноил шудан ба рушди устувор мусоидат мекунад.

Моҳияти манфиатҳои иқтисодии мамлакат ҷанбаҳои гуногунро, аз қабили некуаҳволии иқтисодӣ, бехатарӣ ва устуворӣ, рақобатпазирии байналмилалӣ, инноватсия ва рушди технологӣ, амнияти энергетикӣ ва дигарҳоро дар бар мегирад. Дар байни манфиатҳои иқтисодии кишвар ва ҳадафи асосии он, ки аз таъмини сатҳи баланди зиндагии шаҳрвандони худ иборат мебошад, робитаи мутақобили мураккаб ва бисёрҷониба мавҷуд аст. Манфиатҳои иқтисодии кишвар, одатан нақши асосиро дар татбиқи ҳадафи асоси иҷро менамоянд. Ин бо роҳи таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани дараҷаи даромади аҳолӣ ва таъмини устувории нарх ба даст оварда мешавад.

Шаклҳои зуҳуроти манфиатҳои иқтисодии мамлакат дар доираи равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ гуногун мебошанд:

- иштирок дар савдои ҷаҳонӣ, содирот ва воридоти молҳо ва хизматрасониҳо барои қонеъ гардондани талаботи миллӣ ва зиёд кардани даромадҳо;
- сармоягузорӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва байналмилалӣ барои дастгирии соҳаҳои калидӣ, тавсеаи бизнес ва ҷалби сармоягузориҳо аз дигар кишварҳо;
- танзими муомилоти пулӣ, сиёсати андоз, назорат аз рӯи таваррум ва устувории пул дар мамлакат;
- иштирок дар созмонҳои байналхалқии иқтисодӣ, пешбурди гуфтушунидҳо ва бастани созишномаҳо барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ;
- рушди таҳқиқоти илмӣ ва технологӣ, мубодилаи дониш ва технологияҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ва дигарҳо.

Шаклҳои зуҳуроти манфиатҳои иқтисодӣ, ки онҳо дар раванди савдо, сармоягузорӣ, муносибатҳои молиявӣ, ҳамкориҳои дигари иқтисодӣ ва илмию техникӣ дар доираи иштироки кишвар дар гурӯҳҳои ҳамгироии тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ ба миён меоянд, дар алоқамандии мутақобил қарор доранд ва метавонанд бо инкишофи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ба вуқуъ пайвастани дигаргуниҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ тағйир ёбанд.

Ҳамин тавр, дар алоқамандӣ бо ҳолатҳои дар боло овардашуда комилан қувваҳои ҳаракатдиҳандаи равандҳои ҳамгироӣ аён мегарданд. Дар навбати аввал, ин манфиатҳои иқтисодӣ мебошанд, ки манфиатҳои сиёсиро ба вуҷуд меоранд ва баръакс. Ҳар як иштирокчии раванди ҳамгироӣ ба гирифтани фоида умед мебандад. Шарикони ҳамгироӣ

низ ҳамин ҳадафро пайгирӣ мекунанд. Аз ин бармеояд, ки ҳамгироӣ барои ҳамаи иштироккунандагон манфиатовар мебошад.

Пайдоиш ва инкишофи ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ натиҷаи қонунии равандҳои байналмилалишавии истеҳсолот ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҳамчун марҳилаи олии ин равандҳо мебошад. Гузашта аз ин, агар дар кишварҳои пешрафта ҳамгироӣ натиҷаи дараҷаи баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ бошад, пас дар кишварҳои рӯ ба рушд ва кишварҳои иқтисодиёти дар ҳоли гузариш он ҳамчун воситаи рафъи ақибмонии иқтисодӣ ва технологӣ, инчунин, пайвастан ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) дар ҷаҳон наздик 550 иттиҳод (блок)-и тиҷоратӣ дар шакли созишномаҳо дар бораи тиҷорати озод ва иттиҳодияҳои гумрукӣ мавҷуд аст, ки 407-тои он воқеан амал мекунанд. Айни замон, ҳамаи 161 кишвари узви СУС, иштирокчиёни равандҳои ҳамгироӣ мебошанд [10].

Дар замони муосир ба раванди ҳамгироӣ гуногунии назарияҳо ва консепсияҳо хос аст, ки онҳо гуногунрангии иқтисоди ҷаҳонии муосирро инъикос мекунанд. Бояд қайд кард, ки вобаста ба омӯзиши пайдоиш ва инкишофи равандҳои ҳамгироӣ, заминаҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои онҳо дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ равишҳои гуногун истифода мешавад ва дар заминаи истифодаи онҳо, назарияҳои ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, аз қабили назарияи бозорӣ (Р. Арон, Г. Кассел, В. Репке ва диг.), бозорӣ-институтсионалӣ (Б. Балласа, Ҷ. Вайнер, Г. Кремер, Р. Липси ва диг.), дирижитсӣ (Р. Купер, Г. Мюрдал, Я. Тинберген ва диг.), корпоратсионалистӣ (С. Ролф, У Ростоу ва диг.) ва сохторӣ (Ч. Киндлебергер, А. Маршалл, Ф. Перу ва диг.) вуҷуд доранд. Вале, сарфи назар аз ин то имрӯз таъриф ва ақидаи ягона вобаста ба ҳамгироии иқтисодӣ вуҷуд надорад.

Назарияҳои хориҷӣ аз рӯи мазмуни худ бобати пайдоиш ва рушди ҳамгироии иқтисодӣ аз ҳамдигар тафовути калон доранд, аммо муҳим ва асосӣ он аст, ки ягонтои он тамоми маҷмуи масъалаҳои инкишофи равандҳои ҳамгироиро ба назар намегирад. Дар робита бо ин равишҳои гуногун барои арзёбии таъсири ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ба иқтисодиёти миллии кишварҳои ҳамгирошаванда истифода мешавад.

Ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва ҳамкории минтақавӣ равандҳое мебошанд, ки ба таъсис ва рушди муносибатҳои наздики иқтисодӣ ва ҳамкории байни кишварҳо ва минтақаҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт, беҳтар намудани дастрасӣ ба бозорҳо ва захираҳо ва инчунин, коҳиш додани монеаҳои тиҷоратию иқтисодӣ нигаронида шудаанд [8,с.97].

Бо хоҳиши кишварҳо ҳамгироии минтақавӣ метавонад барои таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ дар дохили як минтақаи мушаххас ҳавасманд карда шавад. Таъсиси минтақаҳои савдои озод, иттиҳодияҳои гумрукӣ ё иттиҳодияҳои иқтисодӣ ба аъзои ин иттиҳодияҳои минтақавӣ имкон медиҳад, ки монеаҳои тиҷоратиро коҳиш диҳанд, дастрасиро ба бозор беҳтар карда, масъалаҳои иқтисодиро якҷоя ҳал намоянд [7,с.52].

Ҳамин тариқ, ба раванди ҳамгироии минтақавӣ омилҳои гуногун, аз қабили суботи сиёсӣ дар минтақа, вазъи иқтисодӣ, робитаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин, манфиатҳо ва чолишҳои умумӣ таъсири калон доранд. Ба ақидаи мо, ҳамгироии иқтисодии давлатҳо – ин раванди объективии ба ҳам наздикшавӣ, мутобиқшавӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва истеҳсолии иқтисодиёти миллии кишварҳо, муттаҳид кардани хоҷагиҳои миллии ду ва зиёд аз он давлатҳо ва ташаккул додани гурӯҳҳои иқтисодии минтақавӣ мебошад, ки ба равандҳои табиии вобастагии мутақобилаи низомҳои миллии иқтисодӣ ва бозорҳо асос меёбад.

Рушди ҳамкориҳо дар ин раванд, пеш аз ҳама, дар афзоиши ҳаҷми амалиёти байналмилалии тиҷоратӣ, кредитӣ, молиявӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои байни давлатҳо зоҳир мешавад ва бо танзимнамоии муштараки бошууронаи робитаҳои иқтисодии байниҳамдигарии онҳо пурра мегардад.

Ҳамкории минтақавӣ метавонад бо хоҳиши кишварҳо барои таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ дар дохили як минтақаи мушаххас ҳавасманд карда шавад. Таъсиси минтақаҳои савдои озод, иттиҳодияҳои гумрукӣ ё иттиҳодияҳои иқтисодӣ ба аъзои ин иттиҳодияҳои минтақавӣ имкон медиҳад, ки монеаҳои тиҷоратиро коҳиш диҳанд, дастрасии бозорро беҳтар кунанд ва мушкилоти иқтисодиро якҷоя ҳал кунанд [5,с.20].

Аз ин рӯ, ҳамкории минтақавӣ метавонад бо зарурати ҳалли муштараки масъалаҳо ва чолишҳои умумӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, масъалаҳои экологӣ, амнияти энергетикӣ, муҳоҷират, хариду фурӯши одамон ва ҷиноятҳои байналмилалӣ сурат гирад. Ҳамкорӣ дар сатҳи минтақавӣ ба кишварҳо имкон медиҳад, ки табодули таҷриба гузаронанд, фаъолияти худро ҳамоҳанг намоянд ва якҷоя барномаҳо ва қарорҳо таҳия кунанд, ки ба манфиати ҳамаи иштирокчиён бештар ҷавобгӯ бошанд.

Ҳадаф аз чунин амал, рафъи монеаҳои миллӣ дар роҳи ҳамкории мутақобилаи тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, фароҳам овардани имконият барои рақобати одилона ва дар шароити баробар ҷойгир кардани субъектҳои хоҷагидории ин давлатҳо мебошад. Минбаъд, бо дарназардошти афзалиятҳои якҷоя коркардшудаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар заминаи ҳамоҳангсозӣ, якхелагардонӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати буҷетӣ, андоз ва асъор фазои ягонаи иқтисодӣ таъсис дода мешавад.

Агар ҳадафҳои кишварҳои ҳамгирошаванда мувофиқат кунанд, ё якдигарро мутақобилан пурра гардонанд, пас қадами минбаъдина муайян кардани стратегияи ҳамкориҳои ҳамгироӣ, яъне муайян намудани самтҳои амалӣ гардондани иқтидори ҳамгироӣ бо дарназардошти афзалиятҳои рақобатии мамлакатҳои ҳамгирошаванда мебошад.

Дар иртибот бо ин, раванди таъсис додани иттиҳодияи ҳамгироӣ ё ворид шудани ин ё он кишвар ба он пеш аз ташаккули ҳадафҳои мушаххас, ки ба даст овардани он тавассути ҳамкории ҳамгироӣ имконпазир аст, сурат мегирад. Ҳар як кишвар бояд дақиқ муайян кунад, ки барои чи мехоҳад дар ин иттиҳодия иштирок кунад ва тавассути иштирок дар ҳамгироӣ кадом масъалаҳоро ҳал кардан мехоҳад.

Мақсади давлатҳо, ки дар иттиҳодияи ҳамгироӣ иштирок мекунанд, сарфи назар аз дараҷаи рушди иқтисодии онҳо дар намуди умумӣ, ба даст овардани фоидаи иловагии иқтисодӣ ва дар ниҳоят амалигардонии манфиатҳои миллии иқтисодии кишвар аз ҳамгироӣ мебошад. Аз ин рӯ, афзун кардани натиҷаҳои иқтисодӣ тавассути иштирок дар равандҳои ҳамгироӣ, истифодаи самараноки иқтидори ҳамгироӣ мақсади асосии водоркунанда барои таъсис додани гурӯҳҳои ҳамгироии иқтисодӣ буда метавонад.

Иқтидори ҳамгироӣ - ин маҷмуи захираҳои табиӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, зеҳнӣ ва ғайраи кишварҳои иштирокчии иттиҳодияи ҳамгироӣ мебошад, ки истифодаи муштараки мутақобилан судманди онҳо, самараи ҳамгироиро ба бор оварда, дар фоида ва бартариҳои иловагии иқтисодӣ барои кишварҳои ҳамгирошаванда ифода меёбад, ки ноил шудан ба онҳо бе таъсири мутақобилаи ҳамгироӣ ғайриимкон (ё бо самараноки камтарин) аст.

Ҳамгироии минтақавӣ, дар навбати худ, ба таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва ҳамкории байни кишварҳое, ки ба як минтақаи ҷуғрофӣ тааллуқ доранд, нигаронида шудааст. Вай метавонад дар худ таъсиси созмонҳои минтақавӣ, форумҳои байниҳукуматӣ, созишномаҳои тиҷоратии минтақавӣ ва дигар механизмҳои ҳамкориро дар бар гирад.

Раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дорои як қатор афзалиятҳо, аз қабили кам кардани монеаҳои гумрукӣ ва дигар маҳдудиятҳо, мусоидат ба ҳамкории зичи иқтисодӣ тавассути ташкили бозори умумӣ, муттаҳид кардани захираҳо ва истифодаи инфрасохтор, афзоиши ҳаҷми савдо ва сармоягузорӣ, таҳкими рақобат ва рақобатпазирии иштироккунандагон тавассути фароҳам овардани муҳити мусоид барои соҳибкорӣ ва инноватсия, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, коҳиш додани хавфҳо ва баланд бардоштани суботи иқтисодӣ мебошад. Инчунин, онҳо ба таҳкими устувории сиёсӣ ва дипломатӣ, таҳкими эътимод ва беҳтар кардани муносибатҳои байни кишварҳои минтақа мусоидат мекунанд.

Динамикаи равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба таври назаррас фарқ мекунад ва ба онҳо чунин омилҳо, ба монанди тафриқаи иҷтимоию иқтисодии кишварҳои ҳамгирошаванда, сохтори савдои хориҷӣ, иқтидори илмию техникӣ ва ғайра таъсир мерасонанд. Ҳамчунин бояд гуфт, ки ба равандҳои ҳамгироӣ сиёсати давлатҳои пешрафта бо пешоҳангии ИМА таъсири калон мерасонанд, ки дар шароити буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ кӯшиш доранд, дар системаи муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ба афзалиятҳои яктарафа соҳиб шаванд.

Муҳимтарин ҳадафи аксари иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, таҳкими ҳамкориҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум тавассути ҳавасмандгардонии рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Барои кишварҳое, ки аз лиҳози ҷуғрофӣ ба ҳам наздиканд ва мушкилоти якхелаи рушд доранд, мавҷудияти муносибатҳои мутақобилан судманд бо давлатҳои ҳамсоя на танҳо як авлавияти геоиқтисодӣ, балки муҳимтарин авлавияти геосиёсӣ низ мебошад, ки сиёсати ягонаро дар соҳаи ҳамкории техникӣ ва бехатарӣ дар маҷмуъ таъмин менамояд.

Дар раванди ҳамгироӣ кишварҳои ширкаткунанда вазифаҳои мушаххасро барои якҷоя ҳал кардани масъалаҳои барои ҳамаи иштирокчиён аҳаммияти муҳимдошта ва фарогирандаи манфиатҳои миллии иқтисодии онҳо пешбинӣ менамоянд. Масъалаҳое, ки гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавӣ ҳал карда метавонанд, вобаста ба гурӯҳи мушаххас ва ҳадафҳои он метавонанд фарқ кунанд. Аз ин рӯ, қатори масъалаҳо метавонад рушди якҷояи соҳаҳои иқтисодии низом ташкилкунанда барои ҳамаи мамлакатҳои ҳамгирошаванда, таъсиси минтақаҳои тиҷорати озод, иттиҳодияҳои гумрукӣ ё бозорҳои ягона барои ҳавасмандгардонии тиҷорат ва сармоягузорӣ байни кишварҳои аъзо, рушди соҳаҳое, ки онҳо барои ҳамаи мамлакатҳои ҳамгирошаванда манфиатоваранда, аз ҷумла рушд додани соҳаи энергетика, ба вуҷуд овардани захираҳои энергетикӣ ва инфрасохтори умумӣ, рушди муштараки соҳаҳои якдигарро пурракунандаи иқтисодиёти миллӣ, рушди муштараки соҳаҳо бо истифода аз афзалиятҳои рақобатии кишварҳои иттиҳодияи ҳамгироӣ, истифодаи устувори захираҳо ва таъмини рушди соҳаҳои махсусгардонидашуда дар асоси бартариятҳои рақобатии давлатҳои ҳамгирошаванда, рушди якҷояи соҳаҳои воридотивазкунанда, сармоягузории муштарак барои рушд додани инфрасохтор, ба монанди шабакаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсия, ҷиҳати вусъат додани савдои байниҳамдигарӣ ва берунӣ, беҳтар кардани робитаҳои байни кишварҳо ва ғайраро дар бар гирад.

Натиҷаи рушди ҳамгироии байналмилалӣ, васеъшавии бозорҳои омилҳо, бозорҳои молу хизматрасониҳо ва оптимизатсияи захираҳо мебошад. Иштирок дар равандҳои ҳамгироӣ аз ҷониби кишварҳои дороӣ сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ дошта, ин равандҳоро метезонад ва ҳамчун натиҷа, чунон ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои ҳамгирошаванда меафзоядю. Дар баробари ин, дар ҷаҳони муосир ташаккули гурӯҳҳои ҳамгироӣ як падидаи зиддиятнок низ аст: дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт он ба яке аз шаклҳои мубориза ва рақобати геоиқтисодӣ ва геосиёсӣ табдил ёфтааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба равандҳои ҳамгироӣ, алалхусус аз ҷониби минтақаҳои рушдёбандаи ҷаҳон таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Дар фазои баъдишуравӣ низ, имрӯз дар доираи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ якчанд иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, аз қабили Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Давлати иттифоқии Россия ва Беларус, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) ва бо иштироки кишварҳои узви ИДМ ва хориҷи дур гурӯҳҳои ҳамгироии Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) фаъолият карда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ узви чунин иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, аз қабили ИДМ, СҲШ ва СҲИ мебошад. Дар доираи мақолаи мазкур иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИДМ ва СҲШ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Ҳамгироии иқтисодии кишварҳои ИДМ ва таҳлили мутобиқати он ба моделҳои самараноки ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ дар иртибот ба ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки монеаҳои асосии халалрасон инҳоянд: фарқияти назаррас дар низомҳои иқтисодӣ, дар сатҳҳои рушди механизмҳои бозорӣ, ҳуқуқӣ, сохторҳои институтсионалии кишварҳои иштирокчӣ; вобастагии иқтисодӣ қисми зиёди кишварҳои ИДМ аз захираҳо ва рӯоварии қатори муайяни онҳо ба кишварҳои пешрафтаи иқтисоди бозории рушдкарда, пеш аз ҳама, ИА ва ИМА; тафовут дар низомҳои танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ ва вуҷуд надоштани ҳамоҳангсозии самараноки сиёсат ва стратегияи иқтисодӣ; бесамар будани мақомоти идоракунӣ ва назоратии ИДМ; ихтилофоти сиёсӣ ва низоъҳои байни кишварҳо ва тақвиятёбии таъсири давлатҳои хориҷи дур ба равандҳои ҳамгироӣ дар қаламрави ИДМ; мавҷудияти ихтилофҳои ошкоро ва пинҳонӣ дар соҳаҳои

иқтисодӣ ва сиёсӣ; ҷой надоштани равиши ягона ба масъалаҳои ислоҳоти Иттиҳод дар мамлакатҳои иштирокчӣ.

Ҳамзамон, ИДМ бо дигар чолишҳо ва маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ шудааст. Дар қатори онҳо майл надоштани элитаи сиёсии бисёре аз кишварҳои иштирокчии ИДМ барои додани ваколатҳои муайян ба сатҳи фавқулмиллӣ мебошад, ки дурнамои раванди ҳамгироии миқёси васеъ доштаро дар фазои ИДМ зери шубҳа мегузорад. Дар баробари ин, чунон ки таҷрибаи ҷаҳонии ҳамгироии иқтисодӣ нишон медиҳад, дар равандҳои ҳамгироӣ, махсусан дар мамлакатҳои ИДМ аз зиддиятҳо комилан канорагирӣ кардан ғайриимкон аст. Барои бидуни низоъ таъмин намудани рушди бештари равандҳои ҳамгироӣ зарур аст, ки ташаккули минтақаи озоди савдо ва рушди ҳамкориҳои мутақобилаи давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи иқтисодӣ тадриҷан тавассути баланд бардоштани сатҳи ҳамгироӣ, пешбурди сиёсати иқтисодии ҳамоҳангшуда, ҳамоҳангсозӣ ва ба як шаклдарории қонунгузорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва савдои хориҷӣ ва дигар самтҳо бо дарназардошти меъёрҳо ва принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва қоидаҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) амалӣ карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар доираи ИДМ шуруъ аз соли 1996 иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ пайваста ташаккул ёфта истодаанд. Бояд қайд кард, ки ҷустуҷӯи шаклу усулҳои оптималии ҳалли муштараки мушкилоти мавҷуда дар фазои ИДМ, боис ба амалияи ҳамгироии минтақавии бисёрсатҳа ва бисёрсуръат гардид. Чи тавре дар боло қайд кардем, дар фазои ИДМ ва иштироки кишварҳои узви он якчанд иттиҳодияҳои байнидавлатии ҳамгироӣ амал мекунанд, ки аз рӯи таркиби иштирокчиён ва сатҳи ҳамкориҳои тарафайн аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд. Дурнамои рушди равандҳои ҳамгироӣ дар онҳо имрӯз то андозае назаррас мебошанд.

Бояд қайд кард, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, Россия барои истифодаи ҳамгироии минтақавӣ ҳамчун василаи нигоҳ доштани нуфузи худ дар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ кӯшиш ба харҷ дод. Таъсиси ИДМ дар соли 1991 мисоли ин мебошад, вале тибқи ақидаи академик Т.Н. Назаров, «ИДМ басо номукаммал баромад ва ҳамгироии иқтисодӣ натавонист кӯшиши ҷумҳуриҳои собиқ шуравиро барои истиқлолият бартараф намояд» [6,с.103].

Қувваи асосӣ ва пешбарандаи равандҳои ҳамгироӣ дар ИДМ танҳо ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодӣ буда метавонад ва дар ин иртибот кишварҳои ИДМ нисбат ба ҳамкории байни ҳамдигар ҳавасмандии табиӣ доранд. ИДМ як созмоне мебошад, ки ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии кишварҳои узв нигаронида шудааст. Мамлакатхои иштироккунанда бо ҳамдигар дар тиҷорати молҳо ва хизматрасониҳо ҳамкории мустаҳкам доранд ва лоиҳаҳои муштаракро дар амал татбиқ мекунанд.

Дар доираи ИДМ инчунин, озодии ҳаракати шаҳрвандон ва муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд дорад. Ин маънои онро дорад, ки шаҳрвандони як кишвар метавонанд дар кишвари дигари иштирокчӣ озодона кору таҳсил кунанд ва имтиёзҳои дигар гиранд. Илова бар ин, барои кишварҳои иштирокчӣ бозори ИДМ на танҳо ҷолиб аст, балки баъзан аз нуқтаи назари иқтисодӣ бе алтернативӣ низ мебошад. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки қарорҳо оид ба рафъи монеаҳо ва либерализатсияи ҳаракати молҳо, хизматрасониҳо, сармоя ва қувваи корӣ дар ҳолати таъмини ҳамкории самарабахш дар он соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт арзишманд шуда метавонанд, агар ҳамкориҳои ҳамгироӣ дар онҳо ба рушди иқтисодии кишварҳои ҳамгирошаванда мусоидат намоянд. Ҳамзамон, ИДМ бозори ягона ва иттиҳоди гумрукӣ надорад, аз ин рӯ, ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳои иштирокчӣ маҳдуд буда, робитаҳои дуҷониба асоси ҳамкории байни кишварҳои ИДМ боқи мондаанд.

Тоҷикистон дар доираи ИДМ, дар табодули мол ва хизматрасонӣ бо дигар кишварҳои узв иштирок менамояд, ки ин ба рушди савдои хориҷии кишвар мусоидат мекунад. Илова бар ин, дар доираи ИДМ оид ба масъалаҳои гуногун, аз қабили нақлиёт, энергетика, кишоварзӣ ва ғайра машваратҳо ва кумаки мутақобила сурат мегирад.

**Ҷадвали 1. Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои иштирокчии ИДМ дар солҳои 2010-2022 (млн доллари ИМА)**
**Table 1. Foreign trade turnover of the Republic of Tajikistan with the CIS member states in 2010-2022 (millions of US dollars)**

| Нишондиҳанда | 2010 | 2015 | 2017 | 2020 | 2021 | 2022 | 2012/2022 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷӣ | 1724,1 | 2045,4 | 2086,9 | 2357,9 | 3120,1 | 3870,4 | 224,4 |
| Содирот | 161,2 | 226,7 | 430,7 | 289,4 | 574,7 | 761,4 | 472,3 |
| Воридот | 1562,9 | 1818,7 | 1656,2 | 2068,4 | 2545,4 | 3109,0 | 198,9 |
| Тавозун | -1401,7 | -1592,0 | -1225,5 | -1779,0 | -1970,7 | -2347,6 | |

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С. 308, 314, 319.

Аз ҷадвали 1 маълум мешавад, ки ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон бо кишварҳои иштирокчии ИДМ дар соли 2022, нисбат ба соли 2010 зиёда аз 2,2 маротиба зиёд шудааст. Ҳаҷми содирот ва воридот низ дар ин давра 4,7 ва 1,9 маротиба мувофиқан афзун гардидаанд. Новобаста аз суръати баланди рушди содироти кишвар ба давлатҳои узви ИДМ, гардиши савдои хориҷӣ ҳамоно бақияи манфӣ дорад ва тавозуни савдо низ манфӣ барқарор гашта, дар соли 2022 беш аз 2,3 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ба динамикаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ИДМ, ҳамчун шарики асосии тиҷоратӣ Россия таъсири калон мерасонад, ки дар соли 2022 ҳиссаи он 43,2% (дар соли 2015 57,6%)-и гардиши савдои хориҷӣ, 51,7% воридот ва 12,1% содироти (дар соли 2015 54,0 ва 25,1% мувофиқан) Тоҷикистонро дар ИДМ ташкил кардааст [2,с.309-319].

Вазъи ҷойдошта нишон медиҳад, ки иқтисодиёти Тоҷикистон то ба имрӯз бо сатҳи баланди вобастагӣ аз воридот тавсиф меёбад. Аз ин рӯ, кишвар бояд ба рушди минбаъдаи равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ҳавасманд бошад, зеро маҳз ҳамкорӣ, пеш аз ҳама, бо мамлакатҳои ҳамсоя ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири мусоид мерасонад.

Ҳамзамон, иқтидори ҳамкориҳои сармоягузорӣ, ки яке аз шарти зарурии афзоиши ҳамбастагии иқтисодиёти кишварҳои ИДМ мебошад, то ба имрӯз дар доираи ин иттиҳоди ҳамгироӣ ба қадри кофӣ истифода нашудааст. Таҳлили сармоягузориҳои мустақим, ки иштирокро дар ҳамкории байни ширкатҳо инъикос мекунад, афзоиши алоқамандии мутақобилаи воқеии истеҳсолиро нишон намедиҳад. Ҳамин тариқ, новобаста аз дигаргуниҳои куллии дар доираи ИДМ ба миёномада, ҳадафҳои асосии дар Стратегияи ҳамкории иқтисодии давлатҳои иштирокчии ИДМ барои давраи то соли 2020, аз қабили суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани мавқеъ ИДМ дар системаи хоҷагии ҷаҳонӣ ба даст оварда нашуданд.

Айни замон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дар равандҳои ҳамгироӣ дар доираи СҲШ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамкории байни кишварҳои СҲШ дар асоси Барномаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии кишварҳои узви СҲШ сурат мегирад. Стратегияи рушди иқтисодии СҲШ ба давраи то соли 2030 ва Барномаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодии кишварҳои узви СҲШ то соли 2035 густариш ва таҳкими амали мутақобили кишварҳои узвро дар тамоми самтҳои ҳамкорӣ, бахусус фароҳам овардани шароити мусоид барои тадриҷан татбиқ намудани ҳаракати озоди молҳо, сармоя, хизматрасониҳо ва технологияҳо пешбинӣ мекунад.

Ҳадафи ин барнома, таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои кишварҳои СҲШ, таъмини рушди иқтисодиёти онҳо, коҳиш додани тафовути рушди байни минтақаҳои мухталиф ва инчунин, таъмини сулҳу субот ва музаффарият дар минтақа дар 15 соли оянда мебошад.

Татбиқи Стратегияи рушди иқтисодии СҲШ ба давраи то соли 2030 ба рушди фарогири устувори иқтисодии минтақа мусоидат намуда, ноил шуданро ба ҳадафҳои рушди устувор барои давраи то соли 2030 имконпазир мегардонад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва гуманитарию фарҳангӣ бо кишварҳои узви СҲШ дар шароити ҷаҳонишавӣ, самти афзалиятноки сиёсати хориҷии давлат ва шарти зарурии ворид шудан ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 2. Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ дар солҳои 2012-2022 (млн. доллари ИМА)**
**Table 2. Foreign trade turnover of the Republic of Tajikistan with the SCO member countries in 2012-2022 (millions of US dollars)**

| Кишвар | 2012 | 2015 | 2017 | 2020 | 2021 | 2022 | 2012/2022 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Россия | 1067,5 | 1105,5 | 935,9 | 973,6 | 1352,9 | 1673,9 | 156,8 |
| Хитой | 669,2 | 793,0 | 591,1 | 472,8 | 839,3 | 1210,0 | 180,8 |
| Қазоқистон | 706,0 | 702,1 | 838,9 | 909,7 | 1178,6 | 1441,2 | 204,1 |
| Ҳиндустон | 27,6 | 17,0 | 23,7 | 39,7 | 122,6 | 125,6 | 455,1 |
| Покистон | 78,8 | 64,5 | 41,3 | 25,8 | 32,3 | 32,5 | 41,2 |
| Ӯзбекистон | 62,0 | 12,0 | 126,4 | 333,8 | 447,8 | 555,4 | 895,8 |
| Қирғизистон | 80,2 | 33,8 | 48,8 | 36,8 | 25,8 | 15,1 | 18,8 |
| Ҳамагӣ | 2691,3 | 2727,9 | 2606,1 | 2792,2 | 3999,3 | 5053,7 | 187,8 |

Сарчашма: Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. -Душанбе, 2021. -С.513, 519.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С.309, 312.

Ҳаҷми савдои хориҷии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ тамоюли афзоиши устувор дорад, зеро дар соли 2022, дар муқоиса бо соли 2012 гардиши савдои хориҷии кишвар бо давлатҳои узви СҲШ наздик 1,9 маротиба афзун шудааст (ҷадвали 2).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гардиши савдои ҷумҳурӣ бо кишварҳои узви СҲШ дар соли 2022, нисбат ба соли 2012 наздик 1,9 маротиба боло рафта, зиёда аз 69,1%-и ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамояд. Тибқи додаҳои ҷадвали 2, гардиши савдо бештар бо Россия, Қазоқистон ва Хитой ба назар мерасад. Қайд кардан бамаврид аст, ки савдо бо аксарияти куллӣ кишварҳои СҲШ тамоюли болоравиро касб кардааст. Тавре аз ҷадвал бармеояд, гардиши мол дар давраи солҳои 2012-2022 ба истиснои Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Қирғизистон, ки ба таври назаррас коҳиш ёфтаанд, бо дигар кишварҳои узв аз 1,6 маротиба бо Россия то 8,9 маротиба бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон афзоиш ёфтааст.

Дар диаграммаи 1 динамикаи содироти маҳсулот аз Тоҷикистон ба кишварҳои СҲШ дар солҳои 2015-2022 тасвир карда шудааст.

**Диаграммаи 1. Динамикаи содироти маҳсулот аз Тоҷикистон ба кишварҳои СҲШ дар солҳои 2015-2022, млн. доллар**
**Diagram 1. Dynamics of exports of products from Tajikistan to the SCO countries in 2015-2022, million of US dollars**




Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С.308, 314, 319.

Аз диаграммаи 1, маълум мешавад, ки ҳаҷми бештари содирот аз Тоҷикистон ба ҷониби кишварҳои Қазоқистон, Хитой, Ӯзбекистон ва Россия, сурат мегирад. Дар соли

2022 ҳаҷми содирот ба Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар байни молҳои содиротии Тоҷикистон ба кишварҳои СҲШ, неруи барқ, металлҳои сиёҳ ва қиматбаҳо, алюминий, пахта, либос, сабзавот, мева ва бехмева бартарӣ доранд. Сарфи назар аз иқтидори хеле баланди содиротии баъзе соҳаҳо дар Тоҷикистон, содирот ба кишварҳои СҲШ бо омилҳои гуногун, аз қабили мушкилоти инфрасохторӣ, хароҷоти нақлиёт ва монеаҳои гумрукӣ маҳдуд аст. Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи стратегияи рушди иқтисодии худ кӯшиш дорад, ки равобити тиҷоратии худро бо ҳамаи кишварҳои СҲШ боз ҳам беҳтар намояд.

Дар диаграммаи 2 динамикаи воридоти маҳсулот ба Тоҷикистон аз кишварҳои СҲШ дар солҳои 2015-2022 оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. Динамикаи воридоти маҳсулот ба Тоҷикистон аз кишварҳои СҲШ дар солҳои 2015-2022, млн. доллари ИМА**
**Diagram 2. Dynamics of imports of products to Tajikistan from the SCO countries in 2015-2022 (million of US dollars)**




Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С.319, 321, 322.

Ҳаҷми воридот ба Тоҷикистон хеле назаррас мебошад. Ба молҳои асосии воридшаванда аз кишварҳои СҲШ гандум ва ғалла, равғани растанӣ, шакар, маҳсулоти нафтӣ, доруворӣ, кимиёи рӯзгор, электроника, техникаи маишӣ ва нақлиёт, масолеҳи сохтмонӣ ва дигар молҳо дохил мешаванд.

Аз диаграммаи 2 маълум мешавад, ки дар қатори содиркунандагони маҳсулот ба Тоҷикистон аз СҲШ Россия, Қазоқистон, Хитой бартарӣ доранд. Дар солҳои охир Ӯзбекистон низ содир намудани маҳсулотро ба Тоҷикистон бо суръати баланд афзун кардааст.

Хитой шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои СҲШ мебошад. Тоҷикистон аз Хитой навъҳои зиёди молҳо, аз ҷумла электроника, масолеҳи сохтмонӣ, нассоҷӣ ва воситаҳои нақлиётро ворид мекунад.

Дар воридот ба Тоҷикистон, Россия низ нақши асосӣ дорад. Молҳои асосии воридотӣ аз Русия маҳсулоти нафтӣ, газ, хӯрокворӣ ва масолеҳи сохтмонӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ, Тоҷикистон аз кишварҳои узви СҲШ молҳои мухталиф ворид мекунад ва барои ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии мардуми худ, равобити тиҷоратиро бо ин кишварҳо ҳаматарафа тавсеа дода истодааст.

Кишварҳои СҲШ ба рушди савдо, сармоягузорӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ тавассути ташаббусҳои минтақавӣ, аз қабили Камарбанди ягонаи иқтисодии Роҳи Абрешим ва Барномаи рушди роҳи оҳани Фароафғонистонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд.

Самтҳои афзалиятноки ҳамкории мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ соҳаҳои савдо, сармоягузорӣ, саноат, хоҷагии қишлоқ, бонку молия, гумрук,

наклиёт ва логистика, энергетика, инноватсия ва рақамикунонӣ, экология ва сайёҳӣ маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тариқ, самтҳои ҳамкорӣ байни кишварҳои СҲШ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, ки барои ҳар як кишвари иштирокчӣ мубрам ва мувофиқанд, амалӣ мешаванд. Бахусус, дар барномаи ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳои узв масъалаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон низ хеле муҳим аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои суръат бахшидан ба рушди иқтисодии худ ва маблағгузории тарҳҳои инфрасохтори дохилӣ ба сармоягузорони хориҷӣ ниёз дорад. Дар соли 2022 аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2576796,6 ҳазор доллари ИМА сармоягузориҳо, аз ҷумла 618400,0 ҳазор доллар сармоягузориҳои мустақим (23,9% аз ҳаҷми умумӣ) ворид шудааст [3,с.574]. Сармоягузориҳои мустақим асосан барои рушди соҳаҳои саноати коркард, истихроҷи маъдан ва тарҳрезии конҳои рег, сохтмон, наклиёт, хоҷагии анбор, алоқа ва ғайра равона шуданд.

Дар расми 1 вазни қиёсии сармоягузориҳо аз кишварҳои аъзои СҲШ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 оварда шудааст.

**Расми 1. Вазни қиёсии сармоягузорӣ ба Тоҷикистон аз кишварҳои СҲШ дар соли 2022, бо %**
**Figure 1. Share of investments in Tajikistan from SCO countries in 2022, %**




Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С.574.

Дар соли 2022 аз давлатҳои узви СҲШ ба ҷумҳурӣ ба маблағи 1025545,8 ҳазор доллари ИМА сармоягузориҳо ворид гардидааст. Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим ба Тоҷикистон аз кишварҳои СҲШ дар ҳамин сол маблағи 477990,89 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кардааст.

Бояд қайд кард, ки ҳиссаи сармоягузориҳои мустақим аз кишварҳои СҲШ 46,6% буда, дар қиёс ба ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими мамлакатҳои хориҷӣ 77,3%-ро ташкил менамояд. Аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои кишварҳои узви СҲШ, беш аз 50,2% дигар сармоягузориҳо мебошад ва чунин тарзи ҷалби сармоя ба кишвар боис ба афзоиш ёфтани қарзи берунӣ мегардад [3,с.574].

Чи тавре аз расми 1 дида мешавад, дар доираи кишварҳои узви СҲШ, Хитой (45,1%) ва Ҷумҳурии Қазоқистон (39,3%), дар маҷмуъ 84,4% аз ҳаҷми умумӣ ба Тоҷикистон сармоягузорӣ мекунанд. Ҳиссаи дигар кишварҳои СҲШ дар умум ба 15,6 баробар аст. Дар соли 2022 аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои Хитой 462984,9 ҳазор доллари ИМА 429863,13 ҳазор доллари ИМА ё 92,8%-ро сармоягузории мустақим ташкил кардааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар миёни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон аз нигоҳи молиявӣ бештар аз сармоягузориҳои Хитой вобаста аст ва ин вазъ ба Хитой имкон

медиҳад, ки ин вобастагии иқтисодиро барои асоснокнамоии ҳузур ва таъсири худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд.

Ҳамин тариқ, иштироки Тоҷикистон дар блокҳои ҳамгироии минтақавӣ метавонад бартариҳои зеринро барои иқтисодиёти кишвар фароҳам орад:

- ба ширкатҳои тоҷикӣ имкони дастрасӣ пайдо карданро медиҳад, ба бозори васеътари минтақавӣ дода, ба афзоиши ҳаҷми содироти молҳо ва хизматрасониҳо ва инчунин, ба зиёд шудани ҳаҷми истеҳсолот ва даромадҳои иқтисодиёти Тоҷикистон мусоидат мекунад;
- иштирок дар лоиҳаҳои ҳамгироӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди иқтисодӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон мадад карда, ба зиёд шудани фаъолнокии сармоягузорӣ ба рушди соҳаҳои нав ва навсозии инфрасохтори кишвар меоварад;
- узвият дар гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавӣ дастрасии Тоҷикистонро ба бозорҳои байналмилалӣ осон гардонида, ба кам кардани боҷҳои гумрукӣ, сода кардани расмиёти савдо ва инчунин, ба вуҷуд овардани қоидаҳои ягона дар савдои байналмилалӣ мусоидат мекунад;
- иштирок дар блокҳои ҳамгироӣ ба кишвар дастрасиро ба дастгирии техникӣ ва рушд аз ҷониби дигар кишварҳои узв ва созмонҳои байналмилалӣ фароҳам оварда, ба рушди хоҷагии қишлоқ, энергетика, нақлиёт ва дигар бахшҳои муҳимми иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонад;
- ҳамгироии кишвар ба блокҳои минтақавӣ, инноватсия ва навсозии истеҳсолотро ҳавасманд карда, рақобатпазирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиётро баланд мебардорад.

Дар асоси таҳлили иштироки Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ метавон қайд кард, ки айни замон иштирок дар СҲШ барои кишвар босамар мебошад, зеро он ба барномаи васеи ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф асос ёфтааст ва истифодаи самаранок аз иқтидори хеле калони ин созмон, бахусус сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои рушди минбаъдаи устувори иқтисодӣ дар кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, иштирок дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба ҷалби сармоя, афзоиши савдо, рушди иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин, дар татбиқи манфиатҳои миллии кишвар бевосита мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С.309-312.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. -Душанбе, 2021. -С.513-519.
3. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан // Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. -Душанбе, 2023. -С.574.
4. Акрамов, Ш. Привлечение зарубежных инвестиций для развития сельского хозяйства / Ш. Акрамов, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Чабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. -№2/8(149). -С.273-276.
5. Гулаков У.М. Анализ основных форм и тенденции углубления региональной экономической интеграции / У.М. Гулаков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/3. -С.20.
6. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество / Т.Н. Назаров. -Душанбе: УИ МИД РТ, 2004. -С.103.
7. Рахимов А.М. Внешнеэкономические и монополистические аспекты повышения конкурентоспособности национальной экономики / А.М. Рахимов. -Худжанд, 2005. -С.52.
8. Урунов А.А. Интеграция и экономический рост. Монография / А.А. Урунов. –М.: Издательский дом «Грааль», 2003. -С.97.
9. Хушвахтзода, К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / К.Х. Хушвахтзода, Ф.Б. Махмадизода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№2. -С.5-12.
10. [Манбаи электронӣ]. URL: https://stat.tj/ru?ysclid=l7eubppjqz676345690
11. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.wto.org/english/tratop_e/region_e/region_e.htm

## ТАТБИҚИ МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОИРАИ ГУРӮҲҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ

Дар мақола асоснок карда шудааст, ки яке аз неруҳои пешбарандаи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ манфиатҳои иқтисодии кишварҳои иштирокчӣ мебошад, зеро ҳар як иштирокчии ин раванд умеди ба даст овардани фоидаро дорад. Шаклҳои зуҳуроти манфиатҳои иқтисодии мамлакатро дар доираи равандҳои ҳамгироии минтакавӣ таҳлил намуда, таъсири мусбати мутақобилаи инкишофи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва татбиқи манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ муайян карда шудааст. Дар мақола ба амалӣ намудани манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иштирок дар ИДМ ва СҲШ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Инчунин, дар мақола асоснок карда шудааст, ки барои кишварҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам наздик ва мушкилоти якхелаи рушд дошта, мавҷудияти муносибатҳои мутақобилан судманд бо давлатҳои ҳамсоя дар доираи гурӯҳҳои ҳамгироӣ на танҳо амалӣ шудани манфиатҳои миллиро таъмин менамояд, балки афзалияти муҳимми геоиқтисодӣ ва геосиёсӣ низ мебошад. Ҳамзамон, дар мақола қайд гардидааст, ки иҷрои бомуваффақияти ин судмандиҳо то чи андоза самаранок идора ва ҳамоҳанг кардани раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ вобаста аст. Муайян карда шудааст, ки дар айни замон иштирок дар СҲШ барои Тоҷикистон бештар муассир аст, зеро он ба барномаи васеи ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун асос ёфта, метавонад бартариҳои иловагии рақобатиро фароҳам оварад, инчунин, ба рушди устувори минбаъдаи иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо:** манфиатҳои иқтисодӣ, ҳамгироии минтақавӣ, гурӯҳҳои ҳамгироӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, иқтидори ҳамгироӣ, савдои хориҷӣ, сармоягузории хориҷӣ.

## РЕАЛИЗАЦИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ИНТЕРЕСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РАМКАХ РЕГИОНАЛЬНЫХ ИНТЕГРАЦИОННЫХ ГРУПП

В статье обосновано, что одной из движущих сил региональных интеграционных процессов являются экономические интересы участвующих стран, так как каждый участник этого процесса надеется на получение выгоды. Анализируя формы проявления экономических интересов страны в рамках региональных интеграционных процессов, выявлено положительное взаимное влияние на развитие региональной экономической интеграции и реализацию экономических интересов национальных экономик. Особое внимание в статье уделено вопросам реализации экономических интересов Республики Таджикистан в рамках участия в СНГ и ШОС. В статье также обосновано, что для стран, географически близких друг к другу и имеющих одинаковые проблемы развития, наличие взаимовыгодных отношений с соседними государствами в рамках интеграционных групп не только обеспечивает реализацию национальных интересов, но и является важнейшим геоэкономическим и геополитическим приоритетом. Вместе с тем в статье отмечается, что успешная реализация этих выгод зависит от того, насколько эффективно будет управляться и координироваться процесс региональной экономической интеграции. Выявлено, что в настоящее время участие в ШОС более эффективно для Таджикистана, поскольку оно основано на широкой программе сотрудничества в различных областях и может обеспечить дополнительные конкурентные преимущества, а также положительно содействовать дальнейшему устойчивому экономическому развитию страны.

**Ключевые слова:** экономические интересы, региональная интеграция, интеграционные группы, региональное сотрудничество, интеграционный потенциал, внешняя торговля, иностранные инвестиции.

## IMPLEMENTATION OF ECONOMIC INTERESTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITHIN REGIONAL INTEGRATION GROUPS

The article substantiates that one of the driving forces of regional integration processes is the economic interests of the participating countries, since each participant in this process hopes to receive benefits. Analyzing the forms of manifestation of the country's economic interests within the framework of regional integration processes, the positive and mutual influence of the development of regional economic integration and the implementation of the economic interests of national economies has been identified. Particular attention in the article is paid to the implementation of the economic interests of the Republic of Tajikistan within the framework of participation in the CIS and SCO. The article also substantiates that for countries that are geographically close to each other and have the same development problems, the presence of mutually beneficial relations with neighboring states within the framework of integration groups not only ensures the realization of national interests, but is also the most important geo-economic and geopolitical priority. However, the article notes that the successful implementation of these benefits depends on how effectively the process of regional economic integration is managed and coordinated. It has been revealed that at present, participation in the SCO is more effective for Tajikistan, since it is based on a broad program of cooperation in various fields and can provide additional competitive advantages, as well as positively contribute to the further sustainable economic development of the country.

**Keywords:** economic interests, regional integration, integration groups, regional cooperation, integration potential, foreign trade, foreign investment.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мирбобоев Раҳматуло Мадюбович*** - Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**
***Қодирзода Фарҳод Анвар*** - Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**
***Кодирзода Фарход Анвар*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Mirboboev Rahmatulo Madaubovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**
***Kodirzoda Farhod Anvar*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**

ТДУ: 336.6 (575.3)

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ ПЕШГӮИНАМОИИ ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШИ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

*Иброҳимзода И.Р., Камолзода И.А., Камолов С.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар солҳои охир иқтисодиёти рақамӣ ба як муҳаррики асосии тағйирот дар иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст [1]. Воридшавии технологияҳои рақамӣ ба соҳаҳои гуногуни тиҷорат боиси зарурати аз нав дида баромадани системаи андоз мегардад, то он воқеияти навро инъикос намояд [18]. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариши босуръат ба иқтисоди рақамӣ, вусъут додани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус низоми молияву андозро дар меҳвари ислоҳоти иқтисодии худ қарор дода, ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет стратегияву барномаҳои соҳавиро амалӣ намуда истодааст.

Дар ин замина, дар Паёми навбатиашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятноки Ҳукумати мамлакат эълон гардидааст ва ба ниҳодҳои дахлдор дастур доданд, ки ҷиҳати нигоҳдории босуботи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, дар муҳлатҳои наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд [33]. Бояд қайд кард, ки мутобиқсозии системаи андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ, мувофиқи баъзе корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мушкилоти андозбандиро дар соҳаи тиҷорат эҷод мекунад [16; 17; 18; 19]. Дар маҷмуъ, таҳлили таҳқиқоти муосир нишон медиҳад, ки бознигарии низоми андоз ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба технологияҳои рақамӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи вокуниши давлат ва имкониятҳои иқтисоди рақамӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми идоракунии молияи давлатӣ, бахусус сиёсати андозӣ ва низоми даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ислоҳоти назаррасро аз сар гузаронида истодааст. Ин гузариш марҳилаи муҳим дар манзараи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро ҳукумати мамлакат технологияҳои рақамиро барои навсозӣ ва ба тартиб даровардани механизмҳои ташаккули қисми даромади буҷети давлатӣ ба таври стратегӣ қабул менамояд. Низоми даромади буҷети давлатӣ, ки барои таъмини маблағгузории соҳаҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ ва мусоидат ба раванди рушди иқтисоди миллӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ ба давраи рақамӣ мутобиқ мешавад.

Дар заминаи гузаронидани ислоҳоти самараноки иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва нигоҳдории босуботи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисодиёти ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти миллӣ, дар давоми даҳ соли охир рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3% таъмин гардида, соли 2020 бошад, дар натиҷаи таъсири бемории сироятии COVID-19 суръати рушди иқтисодиёт коҳиш ёфта, ба 4,5% омада расид, ки нисбат ба рушди миёна 2,8 банди фоизӣ кам мебошад.

Таҷрибаи муосири пешбурди сиёсати андозу буҷет ва идораи молияи давлатӣ исбот намудааст, ки дар марҳилаи зудтағйирёбандаи иқтисодиёти минтақа ва ҷаҳон таҳлили пайвастаи омилҳои болозикр ва мунтазам андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ислоҳоти калидӣ маҳсуб меёбад. Дар ин масир Ҳукумати мамлакат дар охири соли 2023 Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2024-2029 қабул намудааст,

ки ба таъмини иҷрои муқаррароти стратегияҳои миллии рушд ва идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои қабулнамудаи давлатию соҳавӣ ва минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо шароит фароҳам оварда, имкон медиҳанд, ки рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин ба рафти иҷрои барзиёдии даромади буҷет замина гузоранд. Тавре дар Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2029 қайд гардидааст, мақсад аз таҳияи стратегияи соҳавии мазкур афзоиш додани даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҳисоби рақамикунонии низоми даромадҳои давлатӣ, васеъ намудани манбаъҳои иловагии даромади буҷет, мукаммалгардонии маъмурикунонии пардохтҳои андозию гумрукӣ, иҷрои саривақту сифатнок ва тақвият бахшидани раванди таҳияи дурнамои даромадҳо таҳия гардидааст [34].

Нишондиҳандаҳои мақсадноки макроиқтисодӣ ба амалисозии пурра ва бомуваффақи тадбирҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ пешбинишуда, инчунин, таъсири самарабахши онҳо ба иқтисодиёти кишвар асос меёбанд.

Тибқи ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавӣ афзоиши Маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат ва дар маҷмуъ рушди муъатили нишондиҳандаҳои иқтисоди миллӣ дар давраи миёнамуҳлат ба омилҳои зерин вобастагӣ доранд:

**Расми 1. Самтҳои афзалиятноки рушди муъатили нишондиҳандаҳои иқтисоди миллӣ**
**Figure 1. Priority directions of development of indicators of the national economy**




Сарчашма: Дар асоси заминаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ аз ҷониби муаллифон таҳия гардидааст.

Тибқи дурнамо рушди ММД дар соли 2024 дар сатҳи 8,0% ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025 ва 2026 мувофиқан 7,7% ва 7,9% пешбинӣ карда шудааст.

Рушди ММД дар солҳои оянда асосан ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ асос ёфта, афзоиши он барои соли 2024 дар сатҳи 20,2% пешбинӣ мегардад ва рушди ин соҳа яке аз ташаккулдиҳандаи нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дурнамои маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ дар соли 2024 аз рӯйи рушди номиналӣ ба маблағи 64 млрд 499,0 млн сомонӣ, бо афзоиши рушди воқеии 20,2%, соли 2025 аз рӯйи рушди номиналӣ ба маблағи 78 млрд 839,0 млн сомонӣ бо афзоиши рушди воқеии 20,3% ва соли 2026 аз рӯйи рушди номиналӣ ба маблағи 96 млрд 349,0 млн сомонӣ бо афзоиши рушди воқеии 20,5% пешбинӣ шудааст [21].

**Ҷадвали 1. Тамоюли рушди воқеии Маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои шарикони асосӣ (бо фоиз)**
**Table 1. The trend of the real development of the gross domestic product of the Republic of Tajikistan and the countries of the main partners (in percentage)**




Сарчашма: Дар асоси маълумоти махзани маълумоти Хазинаи Байналмилалии Асъор. https://www.imf.org/external/datamapper/NGDP_RPCH@WEO/RUS/KAZ/TJK/KGZ/UZB/CHN аз ҷониби муаллифон таҳия гардидааст.

Таҳлилҳои иҷрои нишондиҳандаҳои пешбинишудаи дурнамои миёнамуҳлат инъикос менамоянд, ки ба коҳиш ёфтани рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар соли 2020 бемории сироятии COVID-19 таъсири манфӣ расонида, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 9,7% ва кишоварзӣ 8,8% барзиёд таъмин карда шуд ва дар баробари ин, гардиши савдо дар ҳаҷми 6,8 банди фоизӣ, сохтмон 4,6% ва хизматрасониҳои музднок 2,6% иҷро нагардид [21; 30].

Новобаста аз паёмадҳои ногувори иқтисоди минтақа ва ҷаҳон дар соли 2021 афзоиши воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 9,2% таъмин гардида, суръати рушди воқеии он аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22,0 дарсад, кишоварзӣ 6,6%, сохтмон 23,3%, гардиши савдо 13,0%, хизматрасонии музднок 7,9% афзоиш ёфта, тавассум дар бахши истеъмолӣ 8,0%-ро ташкил дод [21; 30].

Рушди нишондиҳандаҳои мазкур дар соли 2022 аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 15,4%, кишоварзӣ 8,0%, сохтмон 11,4%, гардиши савдо 11,2%, хизматрасонии музднок 16,0%-ро ташкил дода, ба афзоиши воқеии ММД дар сатҳи 8,0% замина гузошт. Дар ин давра таваррум дар бахши истеъмолӣ 4,2%-ро ташкил дод.

Дар соли 2023 новобаста аз таҳаввулоти дар иқтисодиёти ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти миллӣ, баҳодиҳии рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ пешбинӣ карда шуда, рушди ММД дар сатҳи 8,0% муайян гардид ва индекси дефлятор ба 3,9%, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 20,1%, кишоварзӣ 7,2%, ҳаҷми боркашонӣ тавассути ҳама намудҳои нақлиёт 5,5%, мусофиркашонӣ 7,1%, гардиши савдои дохилӣ 9,7%, сохтмон 9,1%, хизматрасониҳои музднок 10,7% баробар аст [21; 30].

**Ҷадвали 2. Маълумот оид ба нишондиҳандаҳои алоҳидаи иқтисодӣ аз рӯи дурнамо, баҳодиҳӣ ва иҷро дар солҳои 2022-2023 (бо миллиард сомонӣ)**

**Table 2. Data on individual economic indicators by perspective, assessment and implementation in 2022-2023 (in billion somoni)**

| Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ | Соли 2022 | | | | | | | Соли 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дурнамо | Баҳодиҳӣ | Иҷро | Фарқияти иҷрои воқеӣ нисбат ба: | | | | Дурнамо | Баҳодиҳӣ |
| | | | | Дурнамо | | Баҳодиҳӣ | | | |
| | | | | (+,-) | фоиз | (+,-) | фоиз | | |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | 103,9 | 114,2 | 115,7 | 11,8 | 111,4 | 1,5 | 101,3 | 127,3 | 129,9 |
| Суръати рушди ММД (%) | 107,9 | 107,2 | 108,0 | 0,1 | 100,1 | 0,8 | 100,7 | 107,8 | 108,0 |
| Индекс-дефлятори ММД (%) | 103,4 | 107,7 | 108,4 | 5,0 | 104,8 | 0,7 | 100,6 | 103,4 | 103,9 |
| Саноат | 45,0 | 47,1 | 43,0 | -2,0 | 95,6 | -4,1 | 91,3 | 60,1 | 53,1 |
| Кишоварзӣ | 39,5 | 45,4 | 49,3 | 9,8 | 124,8 | 3,9 | 108,6 | 50,9 | 54,0 |
| Гардиши савдои дохилӣ -ҳамагӣ | 44,0 | 44,4 | 47,6 | 3,6 | 108,2 | 3,2 | 107,2 | 53,1 | 54,3 |
| аз он, гардиши савдои чакана | 37,3 | 37,6 | 39,6 | 2,4 | 106,3 | 2,0 | 105,3 | 45,0 | 45,3 |
| Хизматрасонии пулакӣ | 16,4 | 15,2 | 18,7 | 2,3 | 114,0 | 3,5 | 123,0 | 16,7 | 20,9 |
| Гардиши савдои хориҷӣ ($) | 4,8 | 5,6 | 7,3 | 2,5 | 152,1 | 1,7 | 130,4 | 6,4 | 7,7 |
| - содирот (миллиард доллар) | 1,6 | 1,9 | 2,1 | 0,5 | 131,3 | 0,2 | 110,5 | 2,4 | 2,4 |
| - воридот (миллиард доллар) | 3,2 | 3,7 | 5,2 | 2,0 | 162,5 | 1,5 | 140,5 | 4,0 | 5,3 |
| Маблағгузорӣ | 13,7 | 15,3 | 16,3 | 2,6 | 119,0 | 1,0 | 106,5 | 17,3 | 17,8 |

Сарчашма: Нишондиҳандаҳои дурнамо ва баҳодиҳӣ дар асоси Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июли соли 2021 таҳти №266 ва аз 29 июли соли 2022 таҳти №370 ҷамъоварӣ гардида, ҳисоботи иҷро тибқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвалҳои боло овардашуда ва дурнамои сиёсати қабулшудаи кишвар маълум мегардад, ки Ҳукумати мамлакат новобаста аз таъсири омилҳои гуногун ба иқтисоди кишвар, таъмини рушди муътадили нишондиҳандаҳои иқтисоди миллиро дар меҳвари сиёсати пешгирифтаи худ қарор дода, дар солҳои дурнамои миёнамуҳлат низ самтҳо ва тадбирҳои асосии сиёсатро дар асоси талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҳадафҳои асосии сиёсати иқтисодӣ ҷиҳати нигоҳ доштани тамоюли мусбати рушди иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар роҳандозӣ намуда истодааст.

Бояд иброз намуд, ки сиёсати иқтисодӣ ба ҳавасмандгардонии рушди соҳаҳо, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва танзими соҳаи соҳибкорӣ равона карда шуда, имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ таҳкими механизми ҳавасмандгардонии соҳаҳои мухталиф, тақвият додани саҳми бахши хусусӣ ва истифодаи таҷрибаи муосири байналмилалӣ нақши муассир дорад.

Чунин иқдомот бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории амалкунандаи кишвар тайи солҳои охир тавассути пешбинӣ намудани имтиёзҳои фискалӣ, ғайрифискалӣ ва дигар сабукиҳо роҳандозӣ гардида истодааст.

Мақсади асосии пешниҳоди имтиёзҳо таъмини ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодии андозсупорандагон ҷиҳати рушд додан ва васеъ намудани доираи фаъолияти соҳаҳои афзалиятнок, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани фонди музди меҳнат, ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии кормандон, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди истеҳсолот ва ҷалби сармоя, инчунин, дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҳалли мушкилиҳои хусусияти иҷтимоидошта маҳсуб меёбад.

Бо ин мақсад, дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар супоришҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин масъала мунтазам гузаронидани таҳлили самаранокии имтиёзҳо ва аз натиҷаи он роҳандозӣ намудани ислоҳоти қонунгузории андозу дастгирии субъектҳое, ки ба ташаккули қисми даромади буҷети давлатӣ таъсиргузоранд, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, пешбурди сиёсати устувор ва самарабахши андозбандӣ ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, омили асосии афзоиши ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар сохтори Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва таъмин гардидани мувозинати буҷети давлатӣ мебошад.

Бо мақсад таъмини ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодии андозсупорандагон ҷиҳати рушд додан ва васеъ намудани доираи фаъолияти соҳаҳои афзалиятнок, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани фонди музди меҳнат, ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии кормандон, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди истеҳсолот ва ҷалби сармоя, инчунин, дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҳалли мушкилиҳои хусусияти иҷтимоидошта аз пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ё гумрукӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади ҷорӣ намудани мониторинги имтиёзҳои муқарраргардида тариқи пешбурди феҳристи дахлдор, муайян намудани тартиби пешниҳод ва методологияи арзёбии самаранокии имтиёзҳо, роҳандозии механизми ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба имтиёзҳои соҳавӣ, таъмини шаффофият ва назорати минбаъдаи самаранокии имтиёзҳои андозиву гумрукии пешниҳодшуда ва (ё) пешниҳодшаванда дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 майи соли 2019 баён доштанд, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ» аз 31 декабри соли 2020 таҳти №670 ба тасвиб расидааст.

Дар ин раванд, самаранокии имтиёзҳои бевосита алоқаманд ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, зимни баҳодиҳӣ афзалият ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва молиявӣ дода шудааст.

Яке аз самтҳои асосии пешбурди оқилонаи сиёсати андозу буҷет ва дар маҷмуъ, идоракунии босуботи молияи давлатӣ ба таҳлили мунтазами ислоҳоти пешбинишуда ва

такмили пайвастаи он асос ёфта, дир ин замина арзёбии самаранокии даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имтиёзҳои андозию гумрукии пешбинишуда нисбат ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт нақши муассир дорад.

Бояд қайд намуд, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии татбиқи имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ мутобиқ ба талаботи қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли молиявии дахлдор” ва Созишномаҳои сармоягузорӣ пешбинӣ карда мешавад.

Дар ин замина, маблағи имтиёзҳои андозию гумрукии дар соли 2022 татбиқшуда, ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба 12,7 млрд сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ММД 10,9% ва нисбат ба даромади умумии буҷети давлатӣ 34,9%-ро ташкил намуд. Аз ҷумла, имтиёзи андозӣ 7,1 млрд сомонӣ ва имтиёзи гумрукӣ 5,6 млрд сомониро ташкил менамояд [28; 29].

Лозим ба қайд аст, ки мутобиқ ба замимаи 1 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020 таҳти №670 Феҳристи имтиёзҳои андозию гумрукии амалкунанда таҳия гардида, мутобиқи он 104 номгӯйи имтиёзҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда, пешбинӣ гардидааст, ки аз онҳо 77 адад дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 адад дар доираи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 адад тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор” ва 8 адад тибқи созишномаҳои сармоягузорӣ муқаррар шудааст [31].

Дар тақсимоти идоравӣ 57 ададро имтиёзҳои андозӣ ва 47 ададро имтиёзҳои гумрукӣ ташкил дода, имтиёзҳои мавриди таҳлил қарордодашуда, дар маҷмуъ 45%-и шумораи умумии имтиёзу сабукиҳои дар қонунгузории амалкунанда муқарраршударо дар бар мегирад. Зеро, чунин имтиёзҳо ҳамчун хароҷоти андозӣ эътироф гардида, ҳиссаи онҳо аз рӯи хароҷот нисбатан назаррас мебошад.

**Ҷадвали 3. Номгӯи имтиёзҳои андозию гумрукӣ аз рӯи соҳаҳо дар соли 2022**




Сарчашма: Маълумоти расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон http://moliya.tj/wp-content/uploads/2024/01/analiz-zatrat-i-vygod-otdelnyh-nalogovyh-lgot-osvobozhdenij-respubliki....pdf, http://moliya.tj/wp-content/uploads/2024/01/otchet-o-nalogovyh-rashodah-rashodah-respubliki-tadzhikistan-za-9-mesyaczev-....doc-1.pdf. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз тавсифи умумии имтиёзҳо бармеояд, ки дар тақсимоти соҳавӣ ба бахши саноат 39 имтиёз, кишоварзӣ 14 имтиёз, сармоягузорӣ 13 имтиёз, тандурустӣ 3 имтиёз, энергетика 10 имтиёз, қарзӣ - молиявӣ 5 имтиёз, нақлиёт 7 имтиёз, сайёҳӣ 3 имтиёз ва дигар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт 10 имтиёз рост меояд.

Имтиёзҳои андозиву гумрукии дар ин давра татбиқшуда ба соҳаҳои саноат 3672,5 млн сомонӣ, қарзӣ – молиявӣ 1916,5 млн сомонӣ, кишоварзӣ 1469,6 млн сомонӣ, сайёҳӣ ва нақлиёт 698,1 млн сомонӣ, энергетика 682,3 млн сомонӣ, тандурустӣ 25,4 млн сомонӣ, маориф 19,8 млн сомонӣ ва дигар соҳаҳои мухталиф 2548,6 млн сомонӣ рост меояд.

Тавре аз таҳлили мазкур бармеояд, дар давраи солҳои 2013-2022 маблағи имтиёзҳои ба субъектҳои соҳибкорӣ татбиқшуда, дар маҷмуъ ба 67,0 млрд сомонӣ баробар гардида, аз ин 37,3 млрд сомониро имтиёзҳои андозӣ ва 29,7 млрд сомониро имтиёзҳои гумрукӣ (тарифӣ) ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 4. Тамоюли имтиёзҳои андозию гумрукӣ, вазни қиёсии онҳо нисбат ба ММД ва даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ (бо млн сомонӣ)**
**Table 4. The trend of tax and customs benefits, their relative weight in relation to GDP and current revenues of the state budget (in millions of somoni)**




Сарчашма: Маълумоти расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://moliya.tj/wp-content/uploads/2024/01/analiz-zatrat-i-vygod-otdelnyh-nalogovyh-lgot-osvobozhdenij-respubliki....pdf, http://moliya.tj/wp-content/uploads/2024/01/otchet-o-nalogovyh-rashodah-rashodah-respubliki-tadzhikistan-za-9-mesyaczev-....doc-1.pdf. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агар, дар соли 2013 маблағи имтиёзҳои андозию гумрукии ба субъектҳои соҳибкорӣ татбиқшуда 3,3 млрд сомонӣ, вазни қиёсии он 8,2%-и ММД ва 35,2% даромадҳои ҷории буҷети давлатиро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 12,8 млрд сомонӣ баробар ба 10,9%-и ММД ва 50,6%-и даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ баробар гардидааст.

Яъне, дар соли 2022 нисбат ба соли 2013-ум 3,8 маротиба зиёд гардида, дар давраи муқоисашаванда вазни қиёсии он нисбат ба ММД 2,7% ва нисбат ба даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ 15,4% афзоиш ёфтааст.

Аз як тараф, имтиёзҳо ва сабукиҳои пешбинишуда ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ нигаронида шуда бошад, аз ҷониби дигар, хароҷоти андозӣ эътироф гардида, дар сурати ғайримақсаднок истифода шудан, бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ дар тавозуни буҷети давлатӣ сарбории иловагиро эҷод менамояд, ки дар ин масир танзими имтиёзҳои андозӣ бо роҳи аз байн бурдани имтиёзҳои инфиродӣ ва камсамар, ки ба хароҷоти ғайримақсадноки буҷети давлатӣ дохил аст, тадбири саривақтӣ мебошад.

Дар баробари дастгирии давлатии соҳибкорию сармоягузорӣ, самти дигари афзалиятноки ислоҳоти низоми андози кишвар ҳамчун асоси ташаккули буҷети давлатӣ муайян намудани самтҳои асосии сиёсати андозу гумрук ва дурнамои миёнамуҳлати даромадҳои давлатӣ мебошанд.

Соли 2021 бо қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, ба принсипҳои адолат, самаранокӣ, бетарафӣ, осонӣ, возеҳии тафсир ва имконияти суботи бештар мутобиқ гардида, дар он механизмҳои нави рақамикунонии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ муқаррар карда шудааст.

Яке аз самтҳои дигари афзалиятноки ислоҳоти андоз, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла ҷоринамоии тамғагузории молҳо дар корхонаҳои истеҳсоли молҳо, хариду фурӯш ва ба воридоти молҳо машғулбуда ҷиҳати мубориза бар зидди канораҷӯйӣ аз пардохти андозҳо ва интиқоли даромадҳо ба хориҷи кишвар маҳсуб меёбад.

Дар робита бо ин, тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав вазорату идораҳо мувазззаф гардидаанд, ки ҷиҳати ҷорӣ намудани шакли ягонаи муттаҳидкардашудаи электронии баҳисобгирии амалиёти аз ҷониби андозсупоранда анҷомдодашаванда, аз қабили тамғагузории электронӣ, чеки фискалии электронӣ, ҳисобнома-фактураи электронии мол, кор, хизматрасонӣ ва шакли пардохти ғайринақдӣ тадбирҳоро андешанд.

Ҷиҳати қонеъгардонии талаботи ҷаҳони имрӯза, ҷиҳати ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва боз ҳам содаву сабук ва муносиб гардонидани ҷараёни андозсупорӣ, заминаи ҳуқуқӣ барои тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз фароҳам оварда шуда, дар асоси дастурамалҳои дахлдор ҳамаи шаклҳои эъломияҳои андоз ҷиҳати тариқи электронӣ пешниҳод гардидани онҳо мутобиқ гардонида шудаанд ва имрӯзҳо бо истифода аз барномаи компютерии «Утоқи шахсии андозсупоранда» зиёда аз 80 ҳазор андозсупоранда эъломияҳои худро дар ҳамин шакл пешниҳод намуда истодаанд.

Яке аз шароитҳои зарурии пешбурди сиёсати самараноки буҷетӣ, мавҷудияти дурнамои эътимодноки даромадҳои буҷети давлатӣ маҳсуб меёбад, ки ҷиҳати банақшагирии хусусиятҳои ҷорӣ намудани сиёсат имкон медиҳад. Дар раванди таҳияи дурнамои даромади буҷети давлатӣ баназар гирифтани вобастагии нишондиҳандаҳои буҷетӣ аз ҷараёнҳои макроиқтисодӣ ва таҳлили якчанд сенарияи рушди иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар ин самт, соли 2022 бо мақсади мукаммалсозии раванди таҳияи нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Дастурамал оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022 таҳти№63 ба тасвиб расид.

Дар доираи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ дар солҳои охир афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ таъмин гардид. Агар дар соли 2013 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 12,3 млрд сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 маблағи 36,3 млрд сомониро ташкил додааст. Бо вуҷуди ин, дар ин давра нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ 3 маротиба афзоиш ёфтаанд, таҳлилҳо дар ин самт нишон доданд, ки барои ғанӣ гардонидани даромадҳои буҷет имкониятҳои иловагӣ ҷой доранд, ки ҷалби онҳо ба буҷет зарур мебошад.

Умуман, дар шароити муосири рушди низоми молияи давлатӣ пардохтҳои андозӣ, боҷҳои гумрукӣ, фароҳам будани фазои мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ҳамоҳангии қонунгузории миллии соҳавии кишвар ба меъёру муқаррароти санадҳои байналмилалӣ ҳамчун масъалаи муҳимми макроиқтисодӣ дар раванди амалӣ гардидани ислоҳоти бозоргонӣ дар Тоҷикистон нақши калидӣ дошта, густариши раванди рақамикунонии молияву андоз ва низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамӣ ҷиҳати фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет тадбирҳои саривақтӣ арзёбӣ мегаранд.

Дар ин радиф, тасдиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023 таҳти №586 ҷиҳати аз 1 августи соли 2023 тариқи ғайринақдӣ ба роҳ мондани пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин, қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ (хизматрасониҳои музднок) ислоҳоти калидӣ мебошад.

**Ҷадвали 5. Маълумот оид ба нишондиҳандаҳои даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (бо фоиз)**
**Table 5. Information on indicators of the income of the State Budget of the Republic of Tajikistan in relation to the Gross Domestic Product (in percentage)**




Сарчашма: Дар асоси маълумоти расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллифон таҳия гардидааст.

Илова бар ин, нақшаи чорабиниҳо оид ба рафти татбиқи Фармони мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардидааст, ки тамоми тадбирҳои зарурӣ барои боз ҳам вусъат додан ва ҷоннок намудани раванди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ пешбинӣ карда шудаанд. Дар доираи иҷрои вазифаҳои тибқи Нақшаи мазкур вогузоршуда, натиҷаҳои назаррас низ ба даст оварда шудаанд, аз ҷумла тибқи маълумоти оморӣ:

- истифодаи ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар кишвар босуръат афзуда, шумораи умумии онҳо ба санаи 30 ноябри соли 2023 ба 8,1 млн адад расидааст, ки нисбат ба соли гузашта 26% зиёд мебошад. Айни замон, зиёда аз 20 намуди замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавриди истифода қарор дошта, танҳо тавассути ин воситаи пардохтӣ имконияти пардохти 300 намуди хизматрасониҳои давлатӣ фароҳам оварда шудааст;

- бо истифода аз суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ, замимабарномаҳои мобилӣ, хизматрасонии интернет-эквайринг ва дигар воситаҳои пардохти ғайринақдӣ, ки аз ҷониби низоми бонкӣ таъмин карда шудаанд, ки пардохт намудани маблағи беш аз 500 намуди хизматрасониҳои давлатӣ имконият дорад;

- тибқи маълумоти оморӣ ба санаи 30 ноябри соли 2023 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 6,6 млн ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли гузашта 33% зиёд мебошад;

- барои қабули пардохти ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар маҷмуъ, 3950 POS-терминал мавриди истифода қарор дода шуда, шумораи онҳо танҳо дар се моҳи охир ба 1016 адад (25%) зиёд шудааст;

- барои пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронии муштариён дар маҷмуъ зиёда аз 10 ҳазор терминалҳои худкор дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ насб карда шудаанд;

- аз 1 августи соли 2023 пардохти молу хизматрасониҳо бо истифодаи QR-рамзи ягона роҳандозӣ гардида, то инҷониб аз ҷониби 23 ташкилоти қарзии молиявӣ зиёда аз 11,9 ҳазор QR-рамзи ягона дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла муассисаю ташкилотҳои давлатӣ насб карда шуда, 1178 адади он махсус барои қабули маблағи хизматрасониҳои давлатӣ мавриди истифода қарор дода шудааст;

- дар моҳҳои январ-ноябри соли 2023, таносуби ҳиссаи ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва амалиётҳои ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ

(кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 80,7% ба 19,3%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ 7,7 банди фоизӣ зиёд гардид. Танҳо дар моҳи ноябр ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ 23%-ро ташкил дод.

Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки идоракунии молияи давлатӣ тавассути низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ амалӣ гардида, даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ тариқи ин низом ба роҳ монда шудааст.

Ташкилотҳои буҷетӣ, аз ҷумла маъмурони даромади буҷети давлатӣ, ба низоми ягонаи хазинадории марказӣ пайваст буда, дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ суратҳисобҳои алоҳидаи бонкӣ надоранд, яъне тамоми хизматрасонии музднoке, ки аз ҷониби ташкилотҳои мазкур пешниҳод карда мешаванд, аз рӯйи таъинот ба суратҳисобҳои дахлдори таркиби суратҳисоби муросилотӣ ворид мегарданд. Тақсимоти даромад аз ҳисоби маблағҳои аз натиҷаи пешниҳоди хизматрасониҳои музднoки давлатӣ ба буҷет воридшуда, тавассути Низоми идоракунии молияи давлатӣ мутобиқи мушаххасоти дахлдори ташкилотҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, ҳамгироии низоми амалкунанда барои қабули пардохтҳои ғайринақдии ташкилотҳои буҷетӣ бо низоми электронии пардохтҳои байнибонкӣ пешбинӣ гардидааст.

Бинобар ин, бо қабули сиёсати инноватсионии андоз ва таҳкими муҳити мусоид барои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, давлат метавонанд иқтидори иқтисоди рақамиро барои пешбурди рушди иқтисодӣ истифода барад. Яъне, татбиқи инноватсия ва истифода аз технологияҳои рақамӣ барои такмили низоми пешгӯии даромад ва банақшагирии буҷет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳлили мукаммали маълумоти васеъ, механизмҳои содагардонидашудаи ҷамъоварии андоз ва сармоягузориҳои мақсаднок дар бахшҳои рӯ ба рушди стратегияҳое мебошанд, ки устуворӣ ва самаранокии буҷети давлатиро тақвият мебахшанд. Гузашта аз ин, густариши ҳамкориҳои байни ниҳодҳои давлатӣ, корхонаҳои хусусӣ ва шарикони байналмилалӣ барои татбиқи сиёсати ҳамаҷониба ва дурнамои молиявии давлат муҳим аст.

Хулоса, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фаъол низоми пешгӯии даромади буҷети давлатиро ба талаботи иқтисоди рақамӣ мутобиқ намуда, бо фарогирии раванди босуръати технологӣ ва татбиқи ислоҳоти стратегӣ метавонад мавқеи молиявии худро таҳким бахшад ва диар ин замина, рушди иқтисоди миллӣ ва некуаҳволии шаҳрвандони худро дар асри рақамӣ таъмин намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Международный индекс цифровой экономики и общества 2020, (International Digital Economy and Society Index, I-DESI 2020) // European comission. - 2020. [Электронный ресурс]. URL: https://digital-strategy.ec.europa.eu/en/library/i-desi-2020-how-digital-europe-compared-other-major-world-economies
2. A Fair and Efficient Tax System in the European Union for the Digital Single Market // European Commission Communication from the Commission to the European Parliament and Council. – 2017. [Электронный ресурс]. URL: https://eur-lex.europa.eu/legal-content/en/TXT/?uri=CELEX%3A52017DC0547.
3. Action Plan on Base Erosion and Profit Shifting // OECD. – 2013. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/ctp/BEPSActionPlan.pdf.
4. Addressing the Tax Challenges of the Digital Economy // OECD. – 2015. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/ctp/addressing-the-tax-challenges-of-the-digital-economy-action-1-2015-final-report-9789264241046-en.htm.
5. Commission Expert Group on Taxation of the Digital Economy: Report of 28/05/2014. // Europa Union. – 2014. : [Электронный ресурс]. URL: https://taxation-customs.ec.europa.eu/expert-group-taxation-digital-economy_en.
6. Committee of Experts on International Cooperation in Tax Matters. Fifteenth session // United Nations. – 2017. [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/esa/ffd/wp-content/uploads/2017/10/15STM_CRP22_-Digital-Economy.pdf.
7. Corporate Tax and the Digital Economy: position paper update / HM Treasury, 2018 // Government UK. [Электронный ресурс]. URL: https://assets.publishing.service.gov.uk/government/uploads/system/uploads/attachment_data/file/689240/corporate_tax_and_the_digital_economy_update_web.pdf.
8. Digital Economy Outlook 2012 // OECD. – 2012. [Электронный ресурс]. URL: https://read.oecd-ilibrary.org/science-and-technology/oecd-internet-economy-outlook-2012_9789264086463-en#page1.
9. Discussion Draft on the Attribution of Profits to Permanent Establishments // OECD. – 2001. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/ctp/transfer-pricing/1923028.pdf.
10. G20 Digital Economy Development and Cooperation Initiative // G20 Summit – 2016. [Электронный ресурс]. URL: https://www.mofa.go.jp/files/000185874.pdf.

11. Economic and Financial Commission Report by the Experts on Double Taxation — Report on Double Taxation: Document E.F.S.73. F.19; April 5, 1923. [Электронный ресурс]. URL: https://adc.library.usyd.edu.au/view?docId=split/law/xml-main-texts/brulegi-source-bibl-1.xml;chunk.id=item-1;toc.depth=1;toc.id=item-1;database=;collection=;brand=default.
12. Electronic Commerce: Taxation Framework Conditions : Report Ottawa Ministerial Conference // OECD. – 1998. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/ctp/consumption/1923256.pdf.
13. Protecting the Tax Base in the Digital Economy // United Nations Department of Economic and Social Affairs. – 2014. [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/esa/ffd/wp-content/uploads/2014/10/20140604_Paper9_Li.pdf.
14. Report on Implementation of the Ottawa Taxation Framework Conditions // OECD. 2003. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/tax/administration/20499630.pdf.
15. Tax Challenges Arising from Digitalisation – Economic Impact Assessment: Inclusive Framework on BEPS, OECD/G20 Base Erosion and Profit Shifting Project // OECD. – 2020. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/tax/beps/tax-challenges-arising-from-digitalisation-economic-impact-assessment-0e3cc2d4-en.htm.
16. Tax Challenges Arising from Digitalisation – Report on Pillar One Blueprint: Inclusive Framework on BEPS, OECD/G20 Base Erosion and Profit Shifting Project // OECD. – 2020. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/tax/beps/tax-challenges-arising-from-digitalisation-report-on-pillar-one-blueprint-beba0634-en.htm.
17. Tax Challenges in the Digital Economy // European Parliament Policy Department A: Economic and Scientific Policy, TAXE2 Committee. – 2016. [Электронный ресурс]. URL: https://www.europarl.europa.eu/RegData/-etudes/STUD/2016/579002/IPOL_STU(2016)579002_EN.pdf.
18. Tax Challenges of Digitalisation, Comment Received on the Request for Input Part I // OECD. – 2017. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/tax/beps/tax-challenges-digitalisation-part-1-comments-on-request-for-input-2017.pdf.
19. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июли соли 2022, №370 “Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025”.
20. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №266 “Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026”.
21. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844.
22. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004.
23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023” аз 7 декабри соли 2022, № 1916.
24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022” аз аз 30 ноябри соли 2021, № 1804.
25. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” аз 26 октябри соли 2021, №460.
26. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 декабри соли 2019 № 642.
27. Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон https://moliya.tj/
28. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон https://andoz.tj/
29. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон https://stat.tj/
30. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ» аз 31 декабри соли 2020, №670.
31. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Дастурамал оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ” аз 8 апрели соли 2022, №63.
32. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» шаҳри Душанбе 28 декабри соли 2023. [Электронный ресурс]. URL: http://president.tj/node/32191.
33. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2029” аз 30 декабри соли 2023, №594.

## ТАКМИЛИ НИЗОМИ ПЕШГӮИНАМОИИ ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШИ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

Воридшавии технологияҳои рақамӣ ба соҳаҳои гуногуни тиҷорат боиси зарурати аз нав дида баромадани системаи андоз мегардад, то он воқеияти навро инъикос намояд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариши босуръат ба иқтисоди рақамӣ, вусъут додани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус низоми молияву андозиро дар меҳвари ислоҳоти иқтисодии худ қарор дода, ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет стратегияву барномаҳои соҳавиро амалӣ намуда истодааст. Бинобар ин, омӯзиш ва татбиқи навгониҳо дар низоми буҷети давлатӣ бо мақсади таъмини рушди муътадили иқтисодиёти кишвар нуқтаи калидӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, муаллифон дар асоси таҳлили вазъи воқеии иктисодиёти кишвар унсурҳои асосии низоми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзёбӣ намуда, нақши бахшҳои асосии иқтисодиётро, ки дар афзоиши ММД таъсиррасон мебошанд, муайян намудаанд.

**Калидвожаҳо:** буҷет, низоми буҷет, иқтисодиёти ҷаҳон, даромад, андозҳо, молия, рушди иқтисодӣ, иқтисоди рақамӣ, дурнамо, технологияҳо, саноат, кишоварзӣ, сохтмон.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ ДОХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ (НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

Внедрение цифровых технологий в различные сферы бизнеса приводит к необходимости пересмотра налоговой системы с учетом новой реальности. Таким образом, Республика Таджикистан, на этапе быстрого перехода к цифровой экономике, сделала расширение процесса цифровизации национальной экономики, особенно финансовой и налоговой системы, фокусом своих экономических реформ, в целях обеспечения показатели доходной части государственного бюджета, эффективности его расходов и полного покрытия возможных источников доходов реализует отраслевые стратегии и программы. Поэтому изучение и внедрение инноваций в государственную бюджетную систему в целях обеспечения стабильного развития экономики страны считается ключевым моментом. На основании этого авторы на основе анализа реального состояния экономики страны оценил основные элементы доходной системы государственного бюджета Республики Таджикистан и определил роль основных отраслей экономики, влияющих на рост ВВП.

**Ключевые слова:** бюджет, бюджетная система, мировая экономика, доходы, налоги, финансы, экономическое развитие, цифровая экономика, прогнозирование, технологии, промышленность, сельское хозяйство, строительство.

## IMPROVING THE STATE BUDGET REVENUE FORECAST SYSTEM DURING THE TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY (IN THE CASE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN)

The introduction of digital technologies into various fields of business leads to the need to revise the tax system to reflect the new reality. Therefore, the Republic of Tajikistan, at the stage of rapid transition to the digital economy, has made the expansion of the digitalization process of the national economy, especially the financial and tax system, the focus of its economic reforms, to ensure the indicators of the revenue part of the state budget, the effectiveness of its expenses and the full coverage of possible sources of income. the budget is implementing sectoral strategies and programs. Hence, learning and implementing innovations in the state budget system to ensure the stable development of the country's economy is considered a key point. Based on this, the authors evaluated the main elements of the revenue system of the state budget of the Republic of Tajikistan based on the analysis of the real state of the country's economy and determined the role of the main sectors of the economy that influence GDP growth.

**Keywords:** budget, budget system, world economy, income, taxes, finance, economic development, digital economy, forecast, technologies, industry, agriculture, construction.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918814240.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Камолзода Илҳом Аскаралӣ*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D курси 3-юм, аз рӯйи ихтисоси молия, кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 409000003.** E-mail: **kamolzoda.tj@mail.ru**
***Камолов Сомон Аскаралиевич*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D курси 3-юм, аз рӯйи ихтисоси молия, кафедраи молия. **Суроға**: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 408881111**

**Сведения об авторах:** ***Иброхимзода Илхомуддин Раджабали*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедра финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918814240.** E-mail**: ilhomuddin@mail.ru**
***Камолзода Илхом Аскарали*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D 3 курса по специальности финансы, кафедра финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 409000003.** E-mail: **kamolzoda.tj@mail.ru**
***Камолов Сомон Аскаралиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D 3 курса по специальности финансы, кафедра фининсов. **Адрес**: 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 408881111**

**Information about the authors:** ***Ibrokhimzoda Ilkhomuddin Rajabali*** **–** Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 918814240.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Kamolzoda Ilkhom Askarali*** **–** Tajik National University, Ph.D. 3rd year doctoral student majoring in finance, Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 409000003.** E-mail: **kamolzoda.tj@mail.ru**
***Kamolov Somon Askaralievich*** **–** Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D. 3rd year doctoral student majoring in finance, Department of Finance. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone**: (+992) 408881111**

ТДУ: 33+311(575.3)

# ТАҲҚИҚИ ОМОРИИ СОХТОРИ МАССАИ ПУЛ ВА СУРЪАТИ ГАРДИШИ ВОҲИДИ ПУЛӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

*Одинаев М.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маврид ба зикр аст, ки тибқи адабиётҳои муосири иқтисодӣ ва таҷрибаи аксари бонкҳои марказии давлатҳои ҷаҳон, интизории таваррум ҷузъи муҳимми сиёсати монетарӣ, инчунин, яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи сатҳи таваррум дар иқтисодиёт ва инъикоскунандаи эътимоди мардум ба сиёсати зиддитаваррумии бонкҳои марказӣ ба ҳисоб меравад, ки он ба вазъи минбаъдаи макроиқтисодӣ таъсири назаррас мерасонад.

Бахусус, интизории болоравии сатҳи таваррум ба коҳишёбии маҷмуи пасандозҳои пулӣ ва сармоягузорӣ, афзоиши сатҳи долларикунонӣ, беқурбшавии пули миллӣ ва коста гардидани самаранокии сиёсати пулию қарзӣ мусоидат намуда, боиси афзоиши маҷмуи талабот ва болоравии босуръати сатҳи нархҳо мегардад.

Дар соҳаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ бошад, интизории баланди таваррум ба арзиши молу хизматрасонӣ ва ҳаҷми онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Зеро, дар ин ҳолат корхонаҳо бинобар интизории афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ (бинобар болоравии нархи ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр, беқурбшавии пули миллӣ, афзоиши хизматрасонии қарзҳои хориҷӣ ва ғайра) бо ду роҳ фаъолияти минбаъдаи худро ба танзим медароранд: Якум, ин кам намудани хароҷотҳо, аз ҷумла коҳиш додани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, шумораи қувваи корӣ ва ё музди меҳнати кормандон. Дувум, ин боло бардоштани нархи молу хизматрасониҳо мебошад. Албатта, ҳар ду роҳ дар интиҳо ба болоравии сатҳи нархҳо мусоидат менамояд [14].

Дар навбати худ интизории паст ва мўътадили сатҳи таваррум ба устувории қурби пули миллӣ, афзоиши сатҳи боварии мардум ба бонкҳои марказӣ, зиёдшавии маҷмуи пасандозҳои пулӣ, коҳишёбии сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт, зиёдшавии сармоягузориҳои дарозмуддат, рушди истеҳсолот, пешбурди самаранокии сиёсати монетарии кишвар ва мўътадилии сатҳи нархҳо мусоидат хоҳад намуд. Таҳлили маълумотҳои омории Бонки Ҷаҳонӣ аз он дарак медиҳанд, ки меъёри фоизи қарзҳо дар иқтисодиёти кишварҳое, ки дар он ҷо сатҳи таваррум мўътадил аст, паст мебошад [6].

Бинобар ин, нишондиҳандаи мазкур дар татбиқи сиёсати самараноки монетарии бонкҳои марказӣ, бахусус дар пешбурди реҷаи ҳадафгирии таваррум муҳим арзёбӣ гардида, дар аксарияти бонкҳои марказии кишварҳои хориҷа мунтазам ҳисоб карда шуда, ҳамчун канали муҳимми механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Дар давоми солҳои охир, дар ҷаҳон як қатор рўйдоду пайомадҳои гуногуни манфӣ, аз қабили ҷоришавии бастаи таҳримҳо нисбат ба кишвари Русия ҳамчун шарики асосии стратегӣ, идомаи низоъҳои тиҷоратӣ байни давлатҳои абарқудрат, афзоиши номуайяниҳо ва номўътадилии нархҳо дар бозорҳои молию пулии ҷаҳон, хуруҷ ва паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-19), ки дар натиҷа ба буҳрони шадиди молиявию иқтисодии ҷаҳон ва афзоиши сатҳи нархҳо оварда расонид, мушоҳида мегардад. Чунин зуҳуроти номатлуб боиси афзоиши номуайяниҳо, паст гардидани эътимоди аҳолӣ, болоравии сатҳи нархҳо ва манфӣ гардидани интизориҳои таваррумии аҳолӣ гардид [12].

Омилҳое, ки бештар ба болоравии сатҳи таваррум дар дохили кишвар таъсир мерасонанд, хусусияти ғайримонетарӣ дошта, асосан аз ҳисоби таконҳои берунӣ – болоравии нархҳои ҷаҳонии молҳои хўрокворӣ ва сўзишворӣ, аз ҷумла тағйироти нархи маҳсулоти гандум, орд, биринҷ, шакар, равғани растанӣ ва сўзишворӣ) ба вуҷуд меоянд. Зеро, дар бозорҳои ватанӣ ҳиссаи зиёди молу маҳсулот аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад.

Тибқи маълумотҳои дастрасшуда, бештари молҳои хўрокворие, ки дар сабади истеъмолӣ вазни зиёд доранд ва инчунин, маводи сўзишворӣ аз кишварҳои Русия, Қазоқистон, Ўзбекистон ва Покистон ба ҷумҳурӣ ворид карда шуда, аз Ҷумҳурии

Мардумии Чин ва Туркия бошад, бештар молҳои ғайрихӯрокворӣ харидорӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, афзоиши омилҳо ва фишорҳои таваррумӣ аз ин кишварҳо ба сатҳи нархҳои дохили кишвар таъсирри назаррас доранд. Дар айни замон, болоравии сатҳи нархҳо дар бештари кишварҳои шарикони асосии савдо ба назар мерасад [5].

Омӯзиши таърихи иқтисодиёти ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳолатҳои бухрон одатан мардум манбаҳои иловагии даромадро аз даст медиҳанд ва захираҳои пулии худро танҳо барои чизҳои муҳимтарин сарф менамоянд. Дар ин раванд, талаботи маҷмуии аҳолӣ ба қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, синамо, туризм, хизматрасониҳои нақлиёт ва молҳои ғайрихӯрокворӣи муҳлати истифодабариашон дароз (durable goods) коҳиш меёбад.

Албатта, ҳангоми рух додани бухрон хароҷотҳо асосан барои хӯрокворӣ ҳамчун зарурати аввалиндараҷа равона карда мешавад. Маҳсулоти гаронбаҳо бо маҳсулоти арзонтар иваз карда шуда, талабот ба маҳсулоти хӯрокворӣ рӯз то рӯз зиёд гардида, ба болоравии сатҳи нархи онҳо оварда мерасонад. Ин ҳолат бештар хосси давлатҳои сатҳи даромадашон паст ва миёна мебошад. Аз ин лиҳоз, вазъи кунунии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар бозорҳои ватанию хориҷӣ вобаста ба густариши пандемия гувоҳӣ ин гуфтаҳост [4].

Тибқи баҳодиҳии мусоҳибон дар назарсанҷии навбатӣ сатҳи таварруми солона дар моҳи марти соли 2022 - 11,01%-ро ташкил медиҳад, ки он аз сатҳи таварруми воқеии аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб кардашуда (10,1%) 0,91 банди фоизӣ зиёд мебошад [6].

Таҳлили натиҷаи назарсанҷиҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сатҳи таварруми аз ҷониби мусоҳибон арзёбигардида бо таварруми воқеӣ қариб яқхел буда, коррелятсияи онҳо аз 60 то 70%-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯи арзёбии мусоҳибон, афзоиши сатҳи нархҳо бештар аз ҳисоби коҳишёбии қурби сомонӣ нисбати доллари ИМА (29,5%), таъсири пандемияи коронавирус (20,5%), сиёсати фурӯшандагон ё худ монополия (19,5%), болоравии сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ (12,5%), болоравии нархи маҳсулоти кишоварзӣ (4,1%), сиёсати Бонки миллии Тоҷикистон (2,5%), сатҳи даромади аҳолӣ (2,4%) инчунин, дигар омилҳо (10,6%) ба вуқуъ пайваст [1].

**Ҷадвали 1. Омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи таваррум**
**Table 1. The main factors affecting the inflation rate**

| Омилҳо | 2019 С1 | 2020 С1 | 2020 С2 | 2020 С3 | 2020 С4 | 2021 С1 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тағйирёбии сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ | 22,6% | 11,5% | 6,0% | 11,5% | 11,0% | 12,5% |
| Тағйирёбии нархи маҳсулоти кишоварзӣ | 10,5% | 12,5% | 5,8% | 5,5% | 6,0% | 4,2% |
| Сиёсати Бонки миллии Тоҷикистон | 4,0% | 3,5% | 2,5% | 2,0% | 2,0% | 2,5% |
| Тағйирёбии сатҳи даромади аҳолӣ | 4,1% | 4,5% | 3,0% | 3,5% | 2,0% | 2,4% |
| Пасту баландшавии қурби асъор | 30,3% | 27,5% | 30,0% | 32,5% | 28,8% | 29,5% |
| Сиёсати фурӯшандагон | 13,3% | 26,5% | 32,4% | 31,5% | 23,0% | 19,5% |
| Пандемияи коронавирус | | | | | | |
| Дигар ҳолатҳо | 1,7% | 2,9% | 2,3% | 6,5% | 18,8% | 23,9% |

Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ.

Аҳолии кишвар иброз намуданд, ки дар давоми семоҳаи якуми соли ҷорӣ, нархи аксарияти молҳои хӯрокворӣ тамоюли болоравӣ дошта, бештар афзоиши нархи картошка, гӯшти гов ва гӯсфанд, шир, тухм, равған ва шакар мушоҳида гардид. Дар асл раванди мазкур тахти таъсири пайомадҳои пандемияи коронавирус, омилҳои берунӣ, мавсимӣ ва таклифотӣ ба вуқуъ пайваст. Аммо, бинобар маълумоти кам доштани аҳолии кишвар аз вазъи нархҳои ҷаҳонӣ дар рафти назарсанҷии мусоҳибон коҳишёбии қурби сомонӣ, таъсири пандемия ва сиёсати худи фурӯшандагонро ҳамчун омилҳои асосии ба сатҳи нархҳо таъсиррасон ҷонибдорӣ намуданд.

Аз нуқтаи назари омор дар соли гузашта нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ хуб арзёбӣ гардида, сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуд. Барои таҳқиқи таркиби таваррум тамоюли тағйирёбии динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи мубодиларо мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Дар таҷрибаи байналмилалӣ барои омӯзиши таркиби таваррум

усулҳои мухталиф татбиқ мегарданд, ки ҷиҳати шарҳи алоқамандии муомилоти пулӣ ва сектори воқеии иқтисодиёт истифода бурда мешаванд. Яке аз усулҳои маъмул ва бештар истифодашаванда, модели монетаристии таваррум ба шумор меравад, ки дар асоси таҳлили омилӣ ва арзёбии омории нишондиҳандаҳои таркибии таваррум ҳисоб карда мешавад. Дар натиҷаи истифодаи ин модел, ҳиссаи омилҳои монетарӣ ва ғайримонетарӣ дар ташаккулёбии таваррум муайян мегардад. Барои татбиқи модели монетарӣ ва арзёбии омории динамикаи таваррум, таҳлили омилӣ гузаронида мешавад, ки нишондиҳандаҳои омори муомилоти пулиро фаро гирифтааст.

Дар ин асос нишондиҳандаи омори макроиқтисодии муомилоти пулӣ ҳисоб карда мешаванд, ки аз баробарии Фишер маншаъ мегирад. Мутобиқи назарияи монетаристии таваррум, дар мавриди ба вуҷуд омадани ҳолатҳои буҳронӣ, баробарии Фишер халалдор мешавад. Ба ибораи дигар, сабаби ба вуҷуд омадани таваррум якбора зиёд гардидани ҳаҷми пулӣ дар муқоиса бо афзоиши ҳаҷми воқеии молӣ буда метавонад. Барои омӯзиши ин ҳолат якчанд нишондиҳандаҳои монетарӣ ва ғайримонетариро бояд ҳисоб намуд. Бо истифода аз маълумотҳои омори бонкӣ, индекси номиналӣ ва индекси суръати гардиши ҳаҷми пул, индекси ҳаҷми воқеии ММД ва сатҳи таваррумро дар муқоиса бо соли гузашта дида мебароем. Барои таҳқиқи сохтори таваррум таҳлили омилӣ гузаронида мешавал. Аз маълумотҳои оморӣ бар меояд, ки сатҳи таваррум нисбат ба соли гузашта 4,2%-ро ташкил намуда, зери таъсири омилҳои ҷудогона ба вуҷуд омадааст. Татбиқи усули таҳлили омилӣ имкон медиҳад, ки сатҳи таварруми ҳосилгардида ва сохтори он ошкор гардад. Барои омӯзиши сохтори таваррум, динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи мубодиларо барои солҳои 2018-2022 дида мебароем [3].

**Ҷадвали 2. Динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи мубодила барои иқтисодиёти миллӣ давоми солҳои 2018-2022) (бо % нисбат ба соли гузашта)**

**Table 2. Dynamics of exchange rate indicators for the national economy during 2018-2022 (in % compared to last year)**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Индекси номиналии ҳаҷми пулӣ $M_2$ ($I_m$) | 110,0 | 123,1 | 118,8 | 112,3 | 143,37 |
| Индекси суръати гардиши ҳаҷми пулӣ ($I_v$) | 102,3 | 57,5 | 89,9 | 106,5 | 77,2 |
| Индекс ҳаҷми воқеии ММД ($I_Q$) | 102,8 | 105,6 | 97,3 | 126,0 | 108,0 |
| Сатҳа таваррум ($I_{p-1}$) % | 5,4 | 8,0 | 9,4 | 8,0 | 4,2 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ.

Дар шароити муосири таҳаввулоти иқтисодӣ ва таъсири омилҳои гуногун, мушкилӣ дар муносибатҳои бозории суръати гардиши пул ва ҳаҷми воқеии истеҳсоли мол ва иҷрои хизматрасониҳо муътадил набуда, байни суръати рушди ҳаҷми пулӣ ва нархҳо алоқамандии зич мушоҳида намегардад. Ҳамчунин, баробарии мубодилавиро ба сифати модели динамикии таваррум метавон истифода бурд, ки дар асоси дефилятори ММД чен карда мешавад. Дар асоси маълумотҳои расмии омори бонкӣ, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст, сохтори таваррумро дар солҳои 2021-2220 ва динамикаи тағйирёбии онро мувофиқи модели монетаристӣ таҳлил менамоем.

Яъне, $I_{p-1} = I_M * I_v * I_Q$ аз ин ҷо $I^1_Q$ чунин муайян карда мешавад;

$\frac{1}{I_Q} = I^!_Q; I_{p-1} = I_M * I_V * I^!_Q$, ки аз ин ҷо $I^!_Q = \frac{1}{1{,}08} = 0{,}93$

1,042=1,44*0,77*0,93

Дар асоси таҳлили омилӣ қисматҳои асосии ташкилдиҳандаи таваррум, ки 4,2 %-ро дар бар гирифтаанд, таҳлил намуда, ҳиссаи ҳар як омилро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

а) Дар натиҷаи таъсири тағйирёбии ҳаҷми пулӣ;

$I_M - 1 = 1{,}44 - 1 = 0{,}44$ ё 44% тавре аз натиҷаи таҳқиқ бар меояд, тағйирёбии ҳаҷми пулӣ дар муомилот буда ва танзими он омили муҳим ва бештар таъсиррасон ба ҳолати таваррум дар соли 2021 ба шумор рафта, ҳиссаи он 44%-ро ташкил додааст, ки хеле назаррас мебошад.

б) дар натиҷаи тағйир ёфтани суръати гардиши пуллӣ;

$I_M(I_v - 1) = 1{,}44(0{,}77 - 1) = -0{,}331$ ё -33,1%

Дигар омили таъсиррасон ба раванди таваррум, ин тағйир ёфтани суръати гардиши пулӣ мебошад, ки ҳиссааш дар сохтори таваррум ба 33,1% баробар буда, дар якҷоягӣ таъсири омилҳои монетарӣ ба 77,1% баробар шудаанд.

в) дар натиҷаи тағйир ёфтани ҳаҷми воқеии ММД;

$I_M * I_V * \left(I_Q^1 - 1\right) = 1{,}44 * 0{,}77(0{,}93 - 1) = -0{,}077;$ *ё -7,7%*

Аз омилҳои ғайримонетарӣ бошад, тағйир ёфтани ҳаҷми воқеии ММД, ки нишондиҳандаи асосии макроиқтисодии давлат ба шумор меравад, ночиз буда, ҳамагӣ 7,7%-ро ташкил додааст.

Натиҷаи таъсири се омилро дар якҷоягӣ дида мебароем;

44+(-33,1)+(-7,7)=-3,2% Натиҷаи таъсири се омил дар якҷоягӣ ба 3,2% баробар гардида, тасдиқи худро ёфтааст.

Аз натиҷаи таҳлил бар меояд, ки омили асосии таваррум дар соли 2022 якбора зиёд гардидани ҳаҷми пули нақди дар муомилот буда ва тағйир ёфтани суръати гардиши пулӣ ба ҳисоб меравад, ки таъсири ин ду омил дар якҷоягӣ 77,1% ташкил додааст.

Ҳамзамон, барои арзёбии омории таваррум ва баррасии он ба сектори истеъмолии иқтисодиёт, давоми солҳои 2021-2022 рӯй оварда, таҳлили омилиро мегузаронем. Ба сифати нишондиҳандаи массаи пулӣ, унсури пулии М0 истифода гардида, аз рӯйи маълумотҳои омори расмӣ ва омори бонкӣ бузургии миёнаи ҳаҷми пулиро аз рӯйи миёнаи хронологӣ меёбем.

$\bar{\bar{X}}_{(2021)} = 19026{,}59$ млн. сом.

$\bar{\bar{X}}_{(2022)} =25402{,}55$ млн. сом.

Тавре маълум аст, дар ин давра индекси нархҳои истеъмолӣ ба 100,2% баробар аст. Модели монетарии таваррум аз рӯйи маълумотҳои ҷадвали 2 чунин мешавад.

**Ҷадвали 3. Модели монетарии таваррум**
**Table 3. Monetary model of inflation**

| (млн. сом) | 2021 | 2022 | Афзоиши мутлақ | Суръати афзоиш (%) | Суръати афзоиш (коэффитсиент) |
|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши чакаи молӣ | 33259,5 | 39586,2 | 6326,7 | 119,02 | 1,19 |
| Бузургии миёнаи унсури пулии $M_0$ | 19026,59 | 25402,55 | 6375,96 | 133,51 | 1,34 |
| Суръати гардиши унсури пулии $M_0$ | 5,2 | 4,4 | -0,8 | 84,61 | 0,85 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ.

$\frac{1{,}34*0{,}85}{1{,}002} = 1{,}136$; $I_Q^1 = \frac{1}{1{,}002} = 0{,}998$; Дурустии натиҷаи ҳисобро аз рӯйи модели монетарӣ санҷида мебароем; 1,136=1,34*0,85*0,998

Нишондиҳандаи хароҷоти иловагии пули аҳолиро бо назардошти таваррум аз рӯйи омилҳои алоҳида дида мебароем:

Ҷадвали 3.

а) тағйир ёфтани пулҳои нақдӣ дар муомилот буда:

33259,5*(1,34-1)=11308,23 млн. сом.

б) тағйир ёфтани суръати гардиши пулӣ:

33259,5*1,34(0,85-1)= -6685,2 млн. сом.

в) тағйир ёфтани ҳаҷми ҷисми фурӯш:

33259,5*1,34*0,85(0,998-1)=-75,76 млн. сом.

Натиҷаи таъсири се омил дар якҷоягӣ: 11308,23+(-6685,2)+(-75,76)= 4547,3 млн сом.

Ҳамин тариқ, бо суръат афзоиши даромадҳои аҳолӣ дар муқоиса бо афзоиши нархҳо дар давоми солҳои 2021-2022 имконият дод, ки аҳолӣ 75,76 млн сомонӣ маблағҳои худро сарфа намояд. Афзоиши нархҳо имконият дод, ки талаботҳо зиёд гарданд ва ин ҳолат шароитеро ба вуҷуд овард, ки даромадҳои воқеии аҳолӣ ба маблағи 11308,23 млн. сом. коҳиш ёбанд.

Коҳиш ёфтани суръати гардиши пулҳои нақдӣ дар мумилот буда, ба афзоиши пасандозгузории аҳолӣ алоқаманд аст, ки ба сарфа гардидани хароҷотҳои аҳолӣ ба маблағи 6685,2 млн сомонӣ оварда мерасонад.

Низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори молиявӣ ба ҳисоб меравад, фаъолияти устувору мунтазами низоми молиявии кишвар, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетиро бо гузаронидани пардохтҳои саривақтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои бехатар таъмин менамояд ва ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Яке аз мақсадҳои Бонки миллии Тоҷикистон, ин мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”).

Аз ин сабаб, Бонки миллии Тоҷикистон ба рушди низоми пардохтӣ таваҷҷуҳи хос дода, ташкили фаъолияти низоми самараноку боэътимоди пардохтӣ, клиринг, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳои пулиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дорад, фаъолияти онҳоро танзим ва назорат менамояд [1].

Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” ва дигар санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, самтҳои асосии рушди низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, қоида, шакл, мӯҳлат ва стандартҳои гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” (№1397, аз 24 феврали с. 2017) асосҳои ҳуқуқию ташкилии фаъолияти низоми пардохтӣ ва тартиби пешниҳод намудани хизматрасониҳои пардохтиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, ба рушди низоми пардохтӣ мусоидат менамояд.

Фаъолияти низомҳои пардохтӣ ва муносибатҳои тарафайни иштирокчиёни он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва шартномаҳои тарафайн ба танзим дароварда мешаванд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат ҷиҳати вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Бо ин мақсад як қатор ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосирро татбиқ намуда, ба аҳолӣ имкониятҳои осон, дастрас ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд. Дар баробари ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар амал татбиқ намудани технологияҳои муосир (хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ), аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг ва пардохтҳо тавассути POS – терминал ва QR-рамзро дар сатҳи зарурӣ идома медиҳанд. Аз ҷониби ташкилотҳои мазкур мунтазам корҳои ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ва вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд, ки пешниҳоди “Cash back”, яъне баргардонидани маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва ғайра аз қабили онҳо мебошанд.

Қобили қайд аст, ки дар айни замон шабакаи терминалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ васеъ паҳн гардида, кортҳои пардохтии бонкии низоми пардохтии миллии “Корти миллӣ”, инчунин, низомҳои пардохтии байналмилалии Visa, Mastercard, UnionPay ва American Express-ро хизматрасонӣ менамояд. Кортҳои пардохтии бонкӣ ба аҳолӣ имкон медиҳад, ки амалиёти пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ, гирифтани пули нақд ва дигар хизматрасониҳоеро, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар роҳандозӣ гардидаанд, бе мамоният анҷом диҳад.

Ҳамзамон, қайд намудан бамаврид аст, ки дар амал татбиқ кардани технологияи интиқоли маблағҳои электронӣ яке аз равандҳои муосир дар низоми бонкии кишвар маҳсуб ёфта, аз соли 2018 инҷониб ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ин усули пардохтҳои ғайринақдиро ба муштариёни худ пешниҳод менамоянд.

Бо истифода аз маблағҳои электронӣ, муштариён имкон пайдо карданд, ки як қатор хизматрасониҳоро, аз қабили пардохти молу хизматрасониҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, пардохти ҳаққи хизматрасониҳои коммуналӣ, баъзе аз намудҳои андоз, пардохти қарз, интиқоли маблағ ба дигар ҳамёни электронӣ, пардохт дар интернет мағозаҳо, пардохти хизматрасониҳои алоқа ва ғайраро тавассути смартфонҳо ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Инчунин, бо васеъ намудани имкониятҳои истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, ҳангоми пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ аз ҷониби аҳолӣ ва аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо, дар заминаи татбиқи “Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025” қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018 таҳти №565 “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ” ба тасвиб расидааст.

Дар робита ба иҷрои талаботи қарори мазкур шуруъ аз соли 2019, аз ҷониби вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳои давлатӣ, ки хизматрасониҳои пулакиро ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд, дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ имконияти пардохти ғайринақдии як қатор хизматрасониҳои давлатӣ, аз қабили пардохти ҳаққи истифодаи қувваи барқ, об ва дигар хизматрасониҳои коммуналӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, пардохти маблағи раводид, бозрасии давлатии автомобилӣ (қисман), тандурустӣ (қисман), алоқаи телефони шаҳрӣ, пардохти маблағҳои андоз тавассути Интернет эквайринг, бонкдории мобилӣ ва терминалҳои электронӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ таъмин карда шуда истодааст.

Боиси хурсандист, ки теъдоди воситаҳои электронии пардохт (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) дар ҳудуди ҷумҳурӣ сол то сол афзоиш ёфта истодаанд. Ба санаи 31 декабри соли 2022, аз ҷониби 21 ташкилоти қарзии молиявӣ дар маҷмуъ 5,1 млн. адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шуданд, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 45,5% зиёд мебошад. Ҳамзамон, 17 ташкилоти қарзии молиявӣ хизматрасонии ҳамёни электрониро ба аҳолӣ роҳандозӣ намудаанд ва теъдоди умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 6,3 млн. адад баробар гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса нисбат ба соли қаблӣ 2,8 млн. адад (79,1%) зиёд мебошад.

**Диаграммаи 1. Ҳаҷм ва шумораи амалиётҳо тавассути ҳамёни электронӣ**
**Diagram 1. Volume and number of operations through the electronic wallet**




Ба ин тартиб, дар соли 2022 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 33,4 млн. адад амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасониҳо ба маблағи 8,2 млрд. сомонӣ анҷом дода шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021 аз рӯи шумора 46,3% ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 2,3 маротиба зиёд мебошад ва дар маҷмуъ 12% ҳиссаи умумии пардохтҳои ғайринақдиро ташкил медиҳад [6].

**Диаграммаи 2. Амалиётҳо тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ**
**Diagram 2. Transactions through electronic means of payment and share of non-cash payments**




Ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бо пули нақд таъмин кардани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ 1 724 адад банкомат ва 2132 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (НППН) насб намудаанд. Дар муқоиса ба соли 2021 шумораи банкоматҳо 312 адад ва шумораи терминали электронӣ 1 126 адад (18.1% ва 18.8%) зиёд шуд.

Илова бар ин, барои қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 3 872 адад POS - терминал ва 17 433 адад QR–рамз насб карда шуданд, ки назар ба соли 2021 теъдоди онҳо мувофиқан 842 адад (27,8%) ва 6 397 адад (58%) зиёд мебошанд [6].

Қайд кардан зарур аст, ки сегменти ҳисоббаробаркуниҳои чакана пайваста дар ҳолати рушд қарор дорад ва афзоиши шумораи иштирокдорон, инчунин, ҳамгироии онҳо ба ташаккули экосистемаҳои маҳаллӣ дар бахши низоми пардохтӣ ва пайдоиши хизматрасониҳои нави пардохтӣ мусоидат мекунад.

Барои нигоҳ доштани рақобатпазирӣ субъектҳои низоми пардохтӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи худро бо мақсади рақобати фаъолона бо таҳиягарони қарорҳои инноватсионии нармафзор ва сахтафзор, инчунин, бо ширкатҳое, ки дар бахши пардохтҳо фаъолият мекунанд ва технологияҳои навтаринро истифода мебаранд, навсозӣ мекунанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Боҳирова Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Банковский статистический бюллетень Национального банка Таджикистана. – декабрь, 2004/12 (113). – декабрь, 2005/12 (125). – декабрь, 2006/12 (137). – декабрь, 2007/12 (149). – декабрь, 2009/12 (173). – декабрь, 2011/12 (197). – декабрь, 2012/12 (209). – декабрь, 2013/12 (221) – декабрь, 2014/12 (233). – декабрь, 2015/12 (245). – декабрь, 2016/12 (257). – декабрь, 2017/12 (269). – декабрь, 2018/12 (261). – декабрь, 2019/12 (293). – декабрь, 2020/12 (305).
2. Морозко Н.И. Государственное регулирование монетарных процессов в современных условиях / Н.И. Морозко // Экономика. Налоги. Право. – 2015. -№1. -С.123-127.
3. Одинаев М.А. Применения мультипликативной модели индексного анализа в промышленности / М.А. Одинаев //Финансовый университет при правительстве Российской Федерации. Департамент бизнес-аналитики Факультета налогов, аудита и бизнес-анализа. II Международной научно-практической конференции «Статистика, аналитика и прогнозирование в современной экономике: опыт и перспективы развития». - 21-22 апреля 2022 г.
4. Одинаев М.А. Изучение потребностей сельского населения Республики Таджикистан / М.А. Одинаев, Дж.У. Урунбоев // XIII Международной научно-практической конференции по вопросам финансово-банковской экономики «Банковская система: устойчивость и перспективы развития». –Пинск, Республика Беларусь, 2022.
5. Официальный сайт Центрального банка Российской Федерации. [Электронный ресурс]. URL: www.cbr.ru/statistics/
6. Официальный сайт Национального банка Таджикистана. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj

7. Официальный сайт Государственного статистического комитета при Президенте Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: www.minfin.tj/Государственный долг
8. Официальный сайт Министерства финансов Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: www.moliya.tj
9. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: www.mmk.tj
10. Отчет МВФ о серьезных трудностях банковской системы Таджикистана от 16.10.2016г. [Электронный ресурс]. URL: https://rus.ozodi.org/a/27546734.html
11. Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Парламенту страны от 20.04.2011. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/864
12. Стратегия денежно-кредитной политики Республики Таджикистан на 2021-2025 годы. -Душанбе, 2020. -11 с.
13. Тобин Дж. Денежная политика и экономический рост / Дж. Тобин; пер.с англ. -М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2010. -С.475.
14. Умаров Х. Регулирующая роль Национального банка Таджикистана в условиях неравновесного состояния денежного рынка / Х. Умаров, М.Р. Обидова // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: сборник научных трудов Крымского инженерно-педагогического университета имени Февзи Якубова. -Симферополь: ИТ «АРИАЛ», 2022. -С.530-533.

## ТАҲҚИҚИ ОМОРИИ СОХТОРИ МАССАИ ПУЛ ВА СУРЪАТИ ГАРДИШИ ВОҲИДИ ПУЛӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Таҷрибаи иқтисодии кишварҳои ҷаҳон собит намудааст, ки яке аз омилҳо ва нишондиҳандаи фундаменталии рушди босуботи иқтисодию молиявӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар, ин таъмини муътадили сатҳи нархҳо мебошад. Зеро муътадилии сатҳи нархҳо дар коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, афзоиши боэътидоли қобилияти харидории пули миллӣ ва зиёд гаштани эътимоди аҳолӣ ба он, афзоиши ҳаҷми қарзу пасандозҳо ва сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, рушди низоми молиявию бонкӣ ва беҳтар шудани сатҳи некуаҳволии мардум заминаи мусоид фароҳам меорад. Вобаст ба ин, дар айни замон бештари бонкҳои марказӣ нигоҳдории сатҳи муътадилии нархҳоро мақсади асосии худ қарор додаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми таҳия ва татбиқкунандаи сиёсати пулию қарзии кишвар ноил гардидан ва нигоҳ доштани муътадилии сатҳи нархҳои дохилиро дар давраи дарозмуддат мақсади асосии худ муқаррар намуда, ҷиҳати ноил шудан ба ин мақсад тамоми роҳу воситаҳои муосирро дар доираи ваколатҳои худ амалӣ намуда истодааст. Аз ҷумла, баҳри такмил ва пешбурди сиёсати воқеан самараноки пулию қарзӣ марҳила ба марҳила гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро дар давоми панҷ соли оянда ба нақша гирифтааст, ки яке аз иқдомҳои муҳим дар ин самт маҳсуб мeёбад.

**Калидвожаҳо:** омор, таваррум, массаи пул, гардиши пулӣ, иқтисодиёти рақамӣ, бонк, амалиётҳои ғайринақдӣ, амалиётҳои нақдӣ.

## СТАТИСТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ СТРУКТУРЫ ДЕНЕЖНОЙ МАССЫ И СКОРОСТИ ОБРАЩЕНИЯ ДЕНЕЖНЫХ ЕДИНИЦ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

Опыт стран мира доказал, что одним из основополагающих факторов и показателей экономического, финансового и социального развития любой страны является обеспечение стабильности уровня цен. Так как стабильность уровня цен снижает неуверенность и негативные ожидания населения, увеличивает покупательную способность национальной валюты и повышает доверие к ней населения, увеличивает объем кредитов и депозитов, внутренних и иностранных инвестиций, развивает финансовую и банковскую системы, а также повышает уровень благосостояния народа. В связи с этим большинство центральных банков сделали поддержание стабильного уровня цен своей главной целью. В Республике Таджикистан, Национальный банк Таджикистана, как орган, разрабатывающий и реализующий денежно-кредитную политику страны, поставил своей основной целью достижение и поддержание стабильности уровня внутренних цен в долгосрочной перспективе, а также для достижения этой цели он реализует все современные способы и средства в пределах своих полномочий. В частности, в целях совершенствования и продвижения действительно эффективной денежно-кредитной политики в ближайшие пять лет планируется поэтапный переход к режиму инфляционного таргетирования, что считается одним из важнейших шагов в этом направлении.

**Ключевые слова**: статистика, инфляция, денежная масса, денежный поток, цифровая экономика, банк, безналичные операции, кассовые операции.

## STATISTICAL RESEARCH OF THE MONEY MASS STRUCTURE AND MONETARY UNIT CIRCULATION SPEED IN THE CONDITIONS OF THE TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY.

The experience of countries around the world has proven that one of the fundamental factors and indicators of economic, financial and social development of any country is ensuring price level stability. Since the stability of the price level reduces uncertainty and negative expectations of the population, increases the purchasing power of the national currency and increases the population’s confidence in it, increases the volume of loans and deposits, domestic and foreign investment, develops the financial and banking system, and also increases the level of well-being of the people. In this regard, most central banks have made maintaining stable price levels their main goal. In the Republic of Tajikistan, the National Bank of Tajikistan, as the body that develops and implements the country's monetary policy, has set as its main goal the achievement and maintenance of stability in the level of domestic prices in the long term, and to achieve this goal

it implements all modern methods and means within their powers. In particular, in order to improve and promote truly effective monetary policy, a gradual transition to an inflation targeting regime is planned over the next five years, which is considered one of the most important steps in this direction.

**Keywords**: statistics, inflation, money supply, cash flow, digital economy, bank, non-cash transactions, cash transactions.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омор. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**

**Сведения об авторе:** ***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**

**Information about the author:** ***Odinaev Mehrubon Abdurahmonovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Statistics. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru**. Phone**: (+992) 900-17-17-59**

ТДУ: 338.24 (575.3)

# ХАРИДИ ДАВЛАТӢ, ТАНЗИМ ВА ТАШАККУЛИ ФАЗОИ ЯГОНАИ ИҚТИСОДӢ

*Шарифзода Фаррух Зариф*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бозори хариди давлатӣ муҳимтарин унсури рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар буда, худи низоми хариди давлатӣ ба яке аз институтҳои бунёдии танзими давлатии иқтисодиёт табдил ёфта, ба динамика ва сохтори он таъсири назаррас мерасонад.

Хариди давлатӣ на танҳо раванди фармоиш, балки воситаи ташаккули сиёсати давлат барои иҷрои вазифаҳои худ мебошад:

-муҳофизат (КАС);

- амнияти озуқаворӣ (комплекси агросаноатӣ);

- амнияти энергетикӣ (комплекси сӯзишворию энергетикӣ);

- соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, илм, фарҳанг);

- ҳифз ва ҳифзи сарватҳои табиӣ.

Дар баробари ин, ташаккули сохтори ташкилии идораи бозори давлатӣ бо ҷудо намудани якчанд марказҳои маъмурӣ дар саросари ҷумҳурӣ ба танзими вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо (вилоятҳо ва шаҳрҳо) мусоидат мекунад.

Оид ба муҳиммияти такмил додани механизми хариди давлатӣ инҳо шаҳодат медиҳанд. Дар остонаи асрҳои XX ва XXI ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ қариб дар ҳама кишварҳо (пешрафта ва дар ҳоли рушд) беш аз 700 маротиба афзуда, ҳам ҳаҷм ва ҳам ҳаҷми харид барои эхтиёҷоти давлатӣ зиёд гардид. Давлат бузургтарин истеъмолкунандаи бозори мол, кор ва хизматрасонӣ мегардад, ҳиссаи хариди давлатӣ мунтазам меафзояд ва дар кишварҳои пешрафта беш аз 20%-и ММД-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳукуматҳо бо идоракунии хароҷоти давлатӣ ва андозҳо метавонанд ба равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсири назаррас расонанд ва хариди давлатӣ беш аз пеш яке аз воситаҳои самарабахши рушди иҷтимоию иқтисодӣ дида ва омӯхта мешавад.

Дар шароити самти иҷтимоӣ доираи иқтисодиёт (нигаронидашуда) хариди давлатӣ низ яке аз воситаҳои тавоно ва муассири сиёсати давлатӣ дар ҳалли чунин вазифаҳои муҳим ба шумор меравад: таъмини ягонагии фазои иқтисодӣ, рушди бозорҳо ва нигоҳ доштани муҳити рақобат, дастгирии минтақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ, рушди субъектҳои алоҳидаи бозор ва соҳаҳои иқтисодиёт, тайёр кардани идоракунии давлатии иқтисодиёт дар шароити узвият ба СУС (созмони умумиҷаҳонии савдо).

Механизми таҳияи хариди давлатӣ имкон медиҳад, ки иқтидори соҳибкории хусусӣ, ҷамъиятҳои маъюбон, корхонаҳои шаҳраки хурд ва дигар ташкилотҳо дар иҷрои супоришҳои давлатӣ, ки ба таъмини устувории рушди иқтисодиёт, мусоидат мекунанд, истифода бурда шавад, проблемаҳои мубрами рушди иҷтимоию иқтисодӣ таъмин карда шавад.

Бо тамоюлҳои афзояндаи самти иҷтимоии иқтисодиёт, махсусан дар шароити бухрон, аҳаммияти системаи хариди давлатӣ чандин маротиба меафзояд. Дар иқтисодиёти ҳозираи Белоруссия нишондиҳандаҳои хароҷоти давлатӣ бо нишондиҳандаҳои мамлакатҳои пешрафта наздик мешаванд. Ҳар сол ҳаҷми хариди давлатӣ 3-5% меафзояд. Ин, пеш аз ҳама, аз ҳисоби зиёд шудани хароҷоти давлат барои модернизация ва ҳалли проблемаҳои инфраструктура ва манзил ба амал меояд.

Самаранокии иқтисодиёти миллӣ на танҳо аз рӯи таносуби ҳиссаи шаклҳои моликияти давлатӣ ва хусусӣ, балки, пеш аз ҳама, аз рӯи сатҳи рақобати байни субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла рақобат барои татбиқи супоришхои давлатӣ мебошад. Бо ин мақсад рақобати давлатӣ дар соҳаи хариди давлатӣ ба таъмини омилҳои зерини рушд нигаронида шудааст:

- баробарии имкониятҳо ҳангоми гирифтани қарордодҳои давлатӣ ва канорагирӣ аз яксонсозӣ, ки дар ниҳоят руҳияи вобастагӣ ба вуҷуд меорад;

- афзудани аҳаммияти давлатии соҳибкории хусусӣ ва моликияти хусусӣ (ба таври ҳаққонӣ ба даст овардашуда), ҳамчун шароите, ки коллективҳо ва ҳар як одамро сафарбар мекунад, сифати меҳнатро баланд мебардорад, яъне шароити ҳамаи чизҳое, ки бе онҳо

хоҷагии динамикӣ инкишоф ёфта наметавонад, иқтисодиёти обод (метавон гуфт, ки дар шароити муосир, агар рақобати одилона набошад, давлати мукаммал вуҷуд надорад).

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир хариди давлатӣ ҳамчун воситаи амалӣ намудани консепсияи идоракунии давлатӣ тибқи формулаи «нақша + бозор = танзими давлатӣ», яъне воситаи кори «дасти ноаёни бозор» ва дасти намоёни идораи солими давлатӣ аст.

Харидҳои давлатии сармоягузорӣ. Тавассути механизми хариди давлатӣ масъалаи ҷалб намудани ресурсҳо барои тезонидани суръати афзоиши иқтисодиёт ва рушди иҷтимоӣ ҳал карда мешавад. Ба назар гирифтан лозим аст, ки барои рушди устувор ва мутаносиби иҷтимоию иқтисодӣ на танҳо суръати афзоиши иқтисодиёт, балки муҳайё намудани шароит барои ҳалли чунин проблемаҳои муҳим, монанди:

- ноил шудан ба якхелаи иҷтимоӣ ва технологии фазои иқтисодии кишвар;
- кам кардани тафовути сатҳи зиндагӣ дар байни гурӯҳҳои даромад ва минтақаҳои гуногун;
- конвергенсияи сатҳи технологии истеҳсолот дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт;
- баланд бардоштани якхелаи иҷтимоию технологии иқтисодиёт.

Маҳз тавассути механизми мукаммали хариди давлатӣ, ин мушкилотро самараноктар ҳал кардан мумкин аст. Инро таҷрибаи зиёда аз 200-сола дар рушди системаи федералии шартнома дар Иёлоти Муттаҳида дастгирӣ мекунад.

Диверсификатсияи соҳавӣ паст ба назар мерасад: саноат, фаъолияти умумии тиҷоратӣ, нақлиёт. Дар хоҷагии қишлоқ, моҳидорӣ, маъданҳои кӯҳӣ, сохтмон, нигоҳдории тандурустӣ, коммуналӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ кам маблағгузорӣ карда мешавад. Дар маҷмуъ, бояд қайд кард, ки ҷараёни асосии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳоло ҳам ба бахшҳои технологияҳои пасту миёнаи иқтисодиёт равона карда шудааст. Мушкилоти асосии рушди ояндаи кишварҳои мо аз он иборат аст, ки афзоиши сармоягузорӣ ҳанӯз хеле ноустувор буда, бештар ба шароити мусоид дар бозорҳои ҷаҳонӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ, аҳаммияти хариди давлатӣ ҳамчун институти рушди иқтисодиёт ва ҷомеа меафзояд.

Хариди давлатӣ воситаи ташкилӣ, фазои ягонаи иқтисодӣ мебошад. Бо ташкили Иттиҳоди гумрукӣ аҳаммияти такмили механизми хариди давлатӣ афзоиш ёфт. Ҳисобҳои назариявии ҳамаи иштирокчиёни он даромаднокии ин лоиҳаро тасдиқ мекунанд.

Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии интизорравандаи ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи хариди давлатӣ, пешниҳоди низоми миллӣ ба корхонаҳои резидентии тарафҳо ҳангоми иштирок дар хариди давлатӣ мебошад.

Равшан аст, ки дар ин замина формулаи зерин эътибор дорад: «Режими ризои миллӣ + Мутобиқгардонии қоидаҳои хариди давлатӣ + Раванди ягонаи ҳуҷҷатҳо = ФЯИ».

Барои ташаккули низоми байнидавлатии хариди давлатӣ қадамҳои афзалиятноки зерин лозим аст:

1. Маълумот дар бораи нақшаҳои харид (на танҳо барои соли буҷетӣ).
2. Таъсиси агентии байнидавлатии харид.
3. Таҳия ва бастани Шартномаҳои чаҳорчӯбаи байни супоришдиҳандагон ва таъминкунандагон (тавозуни рақобатӣ, ки дар татбиқи лоиҳаҳои калони хоҷагии халқ самарабахш аст: сохтмони роҳу купрукҳо, нав кардани ҳайати ҳаракаткунанда ва ғайра).
4. Электронизатсияи хариди давлатӣ дар асоси шиносномаҳои электронии мол тибқи низоми GSI ва муомилоти электронии ҳуҷҷат ҳамчун воситаи кумаки мустақим ба корхонаҳо дар фаъолияти содироту воридот бо дарназардошти он, ки (GS1 + имзои рақамӣ) забони муосир мебошад.
5. Таъсиси Маркази амалиёти тиҷоратӣ (логистика).
6. Ташаккули феҳристҳои маҳсулот мутобиқи стандартҳои миллӣ ва тавсияҳои байналмилалӣ (системаи GS1 – "шиносномаҳои маҳсулоти электронӣ").
7. Мониторинги бозорҳои миллии хариди давлатӣ.
8. Ҷамъоварӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ: таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо (SIMAP), Системаи Федералии Шартномаи ИМА, низоми хариди давлатии Русия, низоми хариди давлатии Беларус, Латвия, Молдова ва дигар кишварҳо.
9. Ташкили омӯзиши кадрҳо барои кор дар бозорҳои Иттиҳоди гумрукӣ ва бозорҳои ҷаҳонии харид.

10. Маблағгузории корҳо оид ба ҷамъбасти маълумоти умумиҷаҳонии хариди давлатӣ ва таҳияи усулҳои самарабахши татбиқи амалии он.

Харидҳои давлатӣ объекти ҳисобҳои таҳлилӣ ва роҳбарияти давлатӣ мебошад. Хариди давлатӣ як тартиби нозуки ҳуқуқӣ ва мураккаби ташкилӣ буда, захираҳои зиёди моддӣ ва инсониро талаб мекунад (дар кишварҳои пешрафта шумораи мутахассисоне, ки раванди харидро ташкил мекунанд, аз 4 то 5%-и шумораи умумии кормандони мақомоти давлатӣ ва корхонаҳоро ташкил медиҳанд).

Дар назария ва амалияи хариди давлатӣ ба инобат гирифтани сикли харид муҳим аст, ки се равандро дар бар мегирад:

- ташаккули фармоиш,
- ҷойгир кардани фармоиш,
- иҷрои фармон.

Дар қонунгузорӣ раванди ҷойгиркунии фармоиш дастгирии бештари танзимкунанда дорад. Аммо барои баланд бардоштани самаранокии хариди давлатӣ ба марҳилаи ташаккули фармоиш диққати махсус додан лозим аст, ки ба ақидаи мутахассисон то 60%-и самаранокии харид аз он вобаста аст.

Ташаккули фармоиш чунин фаъолиятҳоро дар бар мегирад, ба монанди муайян кардан ва асоснок кардани харид, муттаҳидсозии онҳо, гузаронидани таҳқиқоти бозори таъминкунандагон (маркетинг), оптимизатсияи харид ва таҳвили маҳсулот аз рӯи вақт ва макон (банақшагирӣ). Бинобар ин, дар қонунгузорӣ бояд меъёрҳое муайян карда шаванд, ки ташаккули фармоиш, аз ҷумла нархи ибтидоии шартномавиро ба таври аниқ ва расмӣ танзим мекунанд.

Ҳамзамон, бояд муқаррарот оид ба арзёбии ҳавфҳо (суғуртаи молиявӣ ва ғайра) барои таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон ва тартиби таҳлил ва кам кардани онҳо муайян карда шаванд. Дар баробари ин, таъмин намудани рақобати байни таъминкунандагон (ки боиси паст шудани нархи муомилот мегардад) ва ҳавасмандии намояндагони фармоишгарони давлатиро ба ин кор (ҳам моддию маънавӣ) таъмин кардан зарур аст.

Системаи иттилоотии харид дар ташкили фармоиш нақши муҳим мебозад. Стандартҳои ба таври умум эътирофшуда ва таҷрибаи андӯхтаи бисёр кишварҳо дар ин масъала нишон медиҳанд, ки механизми шаффофият дар хариди давлатӣ мустақиман аз қобилияти давлат дар таъмини дастрасии иттилоот дар бораи харид тавассути захираҳои иттилоотии интернетӣ ва нашрияҳои чопӣ вобаста аст. Маълумот дар бораи хариди давлатӣ одатан дар домени ҷамъиятӣ ҷойгир карда мешавад.

Бояд гуфт, ки ба сохторҳои тиҷоратӣ ё давлатӣ додани ваколатҳо оид ба назорати ошкорбаёнии раванди хариди давлатӣ ниҳоят номувофиқ аст. Маблағҳое, ки массаи буҷети кишварро ташкил медиҳанд, ки баъдан ба фармоишҳои давлатӣ табдил меёбанд, дорои хусусияти андоз мебошанд, аз ин рӯ, таъмини шаффофияти хариди давлатӣ дар ҳама марҳилаҳои татбиқи он муҳим аст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ бартарии назорати давлатиро аз болои хариди давлатӣ нишон медиҳад.

Иҷрои фармоиш аз ҷониби фармоишгар шартҳои шартномаи хариди давлатиро чи аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдор ва чи аз ҷиҳати сифатӣ дар назар дорад.

Методологияи хариди давлатӣ маҷмуи муайяни тадбирҳои ташкилӣ ва технологияи татбиқи онҳо мебошад. Мақсади асосии методология баланд бардоштани самаранокии иҷрои супоришҳои давлатӣ мебошад. Усулҳои ташкил ва гузаронидани хариди давлатӣ вобаста ба объекти харид фарқ мекунанд (махсусан аз ҷиҳати хизматрасонӣ: хизматрасониҳои сохтмонӣ, машваратдиҳӣ ва ғайра), инчунин аз дараҷаи рушди инфрасохтори иттилоотӣ дар як кишвари мушаххас вобаста аст (қобилияти иттилоотӣ дар бораи харид, маркетинги электронӣ ва музоядаҳои электронӣ, системаҳои дастгирии ҳуҷҷатҳои шартномавӣ ва ғ.).

Методологияи харид амали иштирокчиёни онро дар марҳилаҳои зерини фаъолияти харид муайян мекунад:

1. Чиро маҳз ва кай харидан лозим аст (таърифи предмети харид).
2. Аз кӣ ва бо кадом шароит харидан (маркетинг).
3. Чӣ тавр анҷом додан ва дастгирӣ кардани транзаксия (харид).

4. Тарзи таҳлили фаъолияти харид (назорат).

Ҳар яке аз ин масъалаҳо ду ҷузъ дорад: беруна (истифодаи механизми нарх, гуфтушунид ва ҷанбаҳои ҳуқуқӣ) ва дохилӣ (дастгирии дохилиташкилӣ).

Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани самаранокии хариди давлатӣ ҳаҷми бузурги корҳои таҳлилӣ ва ҳамоҳангии тамоми қисмҳои механизми рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар зарур аст.

Аҳаммияти ин кор дар мисоли зерини дар Ҷопон баъди бартараф намудани мушкилотҳои иқтисодӣ, аз ҷумла бо роҳи ташкили ҳамкории давлат ва бизнеси хусусӣ нишон дода мешавад, инҳоянд нуқтаҳои ӯ:

1. Мошинсозони экспорткунанда ба металл нархи рақобатпазирро номбар карданд.

2. Ангиштканон маблағ пайдо карда, шахтаҳои худро нав карда, бо гарантияи металлургҳо тамоми ангишти истеҳсолкардаашонро харида, нархи онро 18% арзон карданд.

3. Металлургҳо корхонаҳои худро низ нав карданд, ки ин бо ҳамроҳии ангишти арзон ба онҳо имкон дод, ки ба нархи даркорӣ расанд.

4. Киштисозон металли арзон гирифта, нархи киштиҳои баҳриро арзон карданд.

5. Воридкунандагони ангишт мутаносибан хароҷоти нақлиётро кам карда, нархи ангишти воридотиро низ арзон карданд.

Ҷамъбаст маълум аст. Ҷопон ҳоло дар истеҳсоли маҳсулоти баландтехнологӣ, доништалаб ва инноватсионии мошинсозӣ яке аз пешсафони ҷаҳонӣ мебошад. Ҳалли ин мураккабтарин «марҳила» самараи фаъолияти давлат дар ташаккули фармоишҳои давлатӣ ва ташкили рақобат барои иҷрои он мебошад.

Масъулини он созмондиҳанда ва ҳамоҳангсози ин қазия буданд. Маҳз онҳо дар эҷоди эътимод байни иштирокчиёни он ва рушди созиш саҳм гузоштанд. Ин тарзи муносибатҳои байни давлат ва соҳибкорӣ бо номи «роҳбарии маъмурӣ» ба амал омад. Инчунин, дар он тадбирҳои хеле қатъӣ оид ба ҳифз ва дастгирии соҳибкории миллӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Тавре маълум мегардад, модели ШДБХ-и Ҷопон дар зери сарпарастии давлат таъсис дода шудааст, ки як қатор фаъолиятҳои ташкилию иқтисодиро амалӣ намуд, ки сарнавишти ояндаи Ҷопонро пешакӣ муайян мекард.

Ҳамин тариқ, хариди давлатӣ соҳаест, ки дар он миқдори доимӣ ва назарраси корҳои таҳлилӣ дар тамоми марҳилаҳои давраи ҳаёти харид, ташаккули фармоиши давлатӣ, ҷойгиркунӣ ва иҷрои он (яъне ин як соҳаи фаъолиятест) талаб карда мешавад, ки дар он бисёр чизҳоро бодиққат ба назар гирифтан лозим) Фоизи фоидаи корхонае, ки дар мусобиқа ғолиб баромадааст, инчунин, принсипи нархгузорӣ ба молу хизмати корхона ва ғайраро ба назар гирифтан лозим аст.

Имконияти иштироки ҷомеа дар оптимизатсияи заминаи қонунгузории хариди давлатӣ ва хариди он аз ҳисоби худ таъмин карда шавад. Аз ин лиҳоз, зарурати таъсиси захираи ягонаи иттилоотии таҳлилӣ оид ба хариди давлатӣ ва харид аз ҳисоби худамон ба миён омадааст.

Электроникунонӣ ба ташаккули фазои ягонаи иттилооти хариди давлатӣ мусоидат намуда, истифодаи унсурҳои шабакаҳои иҷтимоӣ дар татбиқи техникии он имкон медиҳад, ки ҳам мутахассисони соҳаи хариди давлатӣ ва ҳам шаҳрвандони одӣ ба ҳалли мушкилот ҷалб карда шаванд. Ин, пеш аз ҳама, ба ташаккули материалҳои таҳлилӣ оид ба супоришҳои давлатӣ ва кор карда баромадани роҳҳои хеле самарабахши механизмҳои он вобаста аст. Вазифаи аввалиндараҷа таъсис додани системаи ягонаи харидҳои давлатии электронӣ барои тамоми кишвар мебошад.

Табиист, ки барои такмил додани системаи хариди давлатӣ танҳо тадбирҳои маъмурию технологӣ кифоя нестанд. Илова бар ин, тавре ки муҳокимаи маърузаҳо дар Форум нишон медиҳад, барои мунтазам такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он, инчунин, таъмини сифати молу хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, таҷрибаи ҷалби сохторҳои мустақили коршиносиро ҷорӣ кардан зарур аст.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур - Самандаров И.**

**АДАБИЁТ**

1. Афанасьев А.В. Государственные закупки в рыночной экономике / А.В. Афанасьев, Н.В. Афанасьева, В.А. Кныш. -СПб., 2004.
2. Бобоев, Ш. К. Основные направления лизинга сельскохозяйственной техники / Ш. К. Бобоев, Ф. Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Peasant. – 2014. – № 4. – С. 44-45.
3. Вертайм К. Цифровой маркетинг. Как увеличить продажи с помощью социальных сетей, блогов, вики-ресурсов, мобильных телефонов и других современных технологий / К. Вертайм, Я. Фенвик. -М.: Альпина Паблишер, Юрайт, 2010. -384 с.
4. Зибзеева Е.В. Финансовые инструменты эффективного использования бюджетных средств при размещении государственного заказа: автореферат / Е.В. Зибзеева. -Ростов-на-Дону, 2013.
5. Лукинский В.С. Модели и методы логистической теории / В.С. Лукинский. -СПБ: Питер, 2008. -75 с.
6. Махмадиев, Ф.Б. Зарубежный опыт государственного регулирования фермерской кооперации / Ф.Б. Махмадиев, Мехроби И.Х., З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/6. – С. 157-161.
7. Мельников, В.В. Государственные закупки как инструмент экономической политики / В.В. Мельников, И.Н. Карелин // Journal of Institutional Studies. - 2021. -№13(2). -С.100-115. DOI: 10.17835/2076-6297.2021.13.2.
8. Система государственных закупок: теоретический и практический аспекты. д.э.н профессор Л.И. Юзвович., к.э.н доцент Н.Ю Исакова. -Екатеринбург: Издат. Уральского Университета, 2019. -233 с.
9. Смирнов В.И. Комментарий к Федеральному закону «О размещении заказов на поставки товаров, выполнение работ, оказание услуг для государственных и муниципальных нужд» от 21.07.2005г. №94-ФЗ. -М.: ГУ ИМЭМИ, 2006.
10. Степанов В.И. Материально-технологическое снабжение / В.И. Степанов. –М.: Академия, 2009. -192 с.
11. Турсунов, Р.Р. Заработная плата как мотивация к труду / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2023. -№11. -С.197-207. -EDN YLPASG.
12. Усмонова Т.Дж. Основные принципы регулирования рынка труда в современных условиях / Т.Дж. Усмонова, Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№2. –С.49-55.
13. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. - № 3. -Часть II. -С.108-119.
14. Шарифзода Фаррух Зариф. Моҳият, мафҳум ва принсипҳои хариди давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ / Шарифзода Фаррух Зариф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикиситон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2024. -№2. –С.144-148.


## ХАРИДИ ДАВЛАТӢ, ТАНЗИМ ВА ТАШАККУЛИ ФАЗОИ ЯГОНАИ ИҚТИСОДӢ


Дар мақолаи илмӣ доираи васеи масъалаҳои марбут ба моҳият ва мазмуни хариди давлатӣ, хариди давлатӣ ҳамчун механизми танзими давлатӣ ва ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки механизми таҳияи хариди давлатӣ имкон медиҳад, ки иқтидори соҳибкории хусусӣ, ҷамъиятҳои маъюбон, корхонаҳои шаҳраки хурд ва дигар ташкилотҳо дар иҷрои супоришҳои давлатӣ, ки ба таъмини устувории рушди иқтисодиёт, мусоидат мекунанд, истифода бурда шавад, проблемаҳои мубрами рушди иҷтимоию иқтисодӣ таъмин карда шавад. Методологияи хариди давлатӣ маҷмуи муайяни тадбирҳои ташкилӣ ва технологияи татбиқи онҳо мебошад. Мақсади асосии методология, баланд бардоштани самаранокии иҷрои супоришҳои давлатӣ мебошад. Қайд шудааст, ки электроникунонӣ ба ташаккули фазои ягонаи иттилоотии хариди давлатӣ мусоидат намуда, истифодаи унсурҳои шабакаҳои иҷтимоӣ дар татбиқи техникии он имкон медиҳад, ки ҳам мутахассисони соҳаи хариди давлатӣ ва ҳам шаҳрвандони одӣ ба ҳалли мушкилот ҷалб карда шаванд. Ин, пеш аз ҳама, ба ташаккули маводҳои таҳлилӣ оид ба супоришҳои давлатӣ ва кор карда баромадани роҳҳои хеле самарабахши механизмҳои он вобаста аст. Вазифаи аввалиндараҷа таъсис додани системаи ягонаи харидҳои давлатии электронӣ барои тамоми кишвар мебошад.



**Калидвожаҳо:** хариди давлатӣ, фазои ягонаи иқтисодӣ, танзими давлатӣ, самаранокӣ, рақобат, сармоягузорӣ, таъминкунанда, ҷойгиршавӣ, назорат, инфрасохтор.


## ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ЗАКУПКИ, РЕГУЛИРОВАНИЕ И ФОРМИРОВАНИЕ ЕДИНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЗОНЫ


В научной статье рассматривается широкий круг вопросов, связанных с сущностью и содержанием государственных закупок, государственными закупками как механизмом государственного регулирования и формирования единой экономической среды. Автор отметил, что механизм развития государственных закупок позволяет потенциалу частного предпринимательства, сообществ инвалидов, малых городских предприятий и т.д. оказывать содействие в реализации государственных задач. Методология государственных закупок представляет собой определенный комплекс организационных мероприятий и технологию их реализации. Основной целью методики является повышение эффективности выполнения государственных задач. Отмечается, что электронизация способствует формированию единого информационного пространства государственных закупок, а использование элементов социальных сетей при ее технической реализации позволяет привлечь к решению проблем как специалистов в сфере государственных закупок, так и рядовых граждан. Прежде всего, это зависит от

формирования аналитических материалов по задачам государства и разработки весьма эффективных способов и механизмов. Первоочередной задачей является создание единой системы электронных госзакупок для всей страны.
**Ключевые слова:** государственные закупки, единое экономическое пространство, государственное регулирование, эффективность, конкуренция, инвестиции, поставщик, размещение, контроль, инфраструктура.

**PUBLIC PROCUREMENT, REGULATION AND FORMATION OF A COMMON ECONOMIC ZONE**

The scientific article examines a wide range of issues related to the essence and content of public procurement, public procurement as a mechanism of state regulation and the formation of a unified economic environment. The author noted that the mechanism for the development of public procurement allows the potential of private entrepreneurship, communities of people with disabilities, small urban enterprises, etc. provide assistance in the implementation of government tasks. The methodology of public procurement represents a certain set of organizational measures and technology for their implementation. The main goal of the methodology is to increase the efficiency of fulfilling government tasks. It is noted that electronicization contributes to the formation of a unified information space for public procurement, and the use of elements of social networks in its technical implementation makes it possible to involve both specialists in the field of public procurement and ordinary citizens in solving problems. First of all, this depends on the formation of analytical materials on the tasks of the state and the development of very effective methods for its mechanisms. The primary task is to create a unified electronic government procurement system for the entire country.
**Keywords:** public procurement, common economic space, government regulation, efficiency, competition, investment, supplier, placement, control, infrastructure.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифзода Фаррух Зариф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **936-06-06-06**

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Фаррух Зариф*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 936-06-06-06**

**Information about the author:** ***Sharifzoda Farrukh Zarif*** **–** Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **936-06-06-06**

ТДУ: 33+620.9 (575.3)

# ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ЗАХИРАҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ходжаев Д.Х.*
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ буда, ин шумора ба 527 млрд кВт.соат/солона баробар мебошад. Бо дарназардошти шароитҳои техникӣ, захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ба 317 млрд.кВт соат баробар буда, айни замон танҳо 4-5%-и он мавриди истифода қарор дорад.

Дар давраи истиқлолият 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмуъ, 75%-и инфрасохтори энергетикии кишвар азнавсозӣ гардида, беш аз 2000 мегават иқтидори энергетикии иловагӣ бунёд гардидааст, ки ин ҳама барои таъмини бехатарии энергетикии кишвар таъсирбахш мебошад [5].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти захираҳои гидроэнергетикии худ дар ҷаҳон ҷои ҳаштумро баъд аз Хитой, Россия, ИМА, Бразилия, Конго, Ҳиндустон ва Канада ва ҷои аввалро дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ишғол менамояд. Энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 95% аз гидроэнергетика ташкил меёбад [6].

Иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон аз талаботи имрӯзаи ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба неруи барқ се маротиба зиёдтар мебошад. Дар ҳоли истифодаи оқилонаи ин захира, метавон минтақаро бо неруи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намуд. Қисмати асосии захираҳои номбурда дар ҳавзаи дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Зарафшон мутамарказ гардидаанд.

Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Панҷ ба 122,9 млрд. кВт.соат баробар буда, дар баробари ин, захираҳои аз ҷиҳати техникӣ ва иқтисодӣ мақсаднок барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ 82 млрд.кВт соатро ташкил менамояд. Тибқи таҳлилҳои мавҷуда, айни замон 14 қисматҳои марзӣ барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ бо обанборҳо мавҷуд мебошанд, ки танҳо яке аз онҳо мавриди истифода қарор дорад. Дарёи Панҷ яке аз бузургтарин дарёҳои Тоҷикистон бодарозии 921 км, майдони обҷамкунии 114000 км$^2$ ва бо ҳаҷми ҷараёни об 33,4км$^2$ ба шумор меравад. Давомнокии ин дарё сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҷудо менамояд [10].

**Ҷадвали 1. Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Панҷ дар шароити муосир**
**Table 1. Hydropower capacity of the Panj River in modern conditions**

| Дарёи Панҷ | Ҳаҷми обанборҳо, км3 | Иқтидори муқарраргардида, МВт | Истеҳсол млрд. кВт.соат/сол |
|---|---|---|---|
| НБО Баршор | 1,25 | 300 | 1,6 |
| НБО Андероб | 0,1 | 650 | 3,3 |
| НБО Пиш | 0,03 | 320 | 1,7 |
| НБО Хоруғ | 0,01 | 250 | 1,3 |
| НБО Рушон | 4,1 | 3000 | 14,8 |
| НБО Язғулом | 0,02 | 850 | 4,2 |
| НБО Ширговард | 0,04 | 1000 | 9,7 |
| НБО Хостав | 0,04 | 1200 | 6,1 |
| НБО Даштиҷум | 10,2 | 4000 | 15,6 |
| НБО Ҷумар | 1,3 | 2000 | 8,2 |
| НБО Москва | 0,04 | 880 | 3,4 |
| НБО Кончин | 0,2 | 350 | 1,5 |
| Маҷмуи иншооти гидротехникии болооби Амударё | 15,2 | 1000 | 4,4 |

Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Вахш ба 251,15 млрд.кВт.соат баробар буда, дар баробари ин, захираҳои аз ҷиҳати техникӣ ва иқтисодӣ мақсаднок барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ 37 млрд.кВт соатро ташкил менамояд. Тибқи таҳлилҳои мавҷуда,

айни замон 9 мавзеҳои мувофиқ барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ бо обанборҳо мавҷуд мебошанд. Айни замон, дар 7-тои он неругоҳҳои барқи обӣ бо иқтидори умумии 4775,05 МВт сохта шудаанд.

НБО-и Роғун, ки агрегати якуми он 16 ноябри соли 2018 ба кор андохта шуд, ҳаштумин НБО дар ин силсила ба шумор меравад. Баъд аз пурра сохта ба истифода додани НБО Роғун, иқтидори умумии неругоҳҳои барқи обии ин силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш ба 8375,05 МВт баробар хоҳад шуд.

Дарёи Вахш яке аз дарёҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дарёчаҳои дигар ва дигар резишгоҳҳое, ки ба ҳавзаи дарёи Вахш ворид мегардад 6276 ададро бо дарозии умумии 17073 км ташкил мехиҳанд. Дар ҳавзаи дарёи Вахш садҳо пирях бо масоҳати умумии наздики 5000 км$^2$ мавҷуд мебошад. Ҳамчунин, ба ҳавзаи дарёи Вахш 569 кӯлҳои кӯҳӣ бо масоҳати умумии 17,37 км2 дохил мегардад [10].

**Ҷадвали 2. Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Вахш**
**Table 2. Hydropower capacity of the Vakhsh River**

| Дарёи Вахш | Ҳаҷми обанбор км$^3$ | Иқтидори мавҷуда, МВт | Коркард млрд.кВт.соат/сол |
|---|---|---|---|
| НБО Роғун | 13,3 | 3600 | 17,0 |
| НБО Шӯроб | 0,027 | 850 | 2,1 |
| НБО Норак | 10,5 | 3000 | 11,2 |
| НБО Бойғозӣ | 0,084 | 600 | 2,9 |
| НБО Сангтӯда-1 | 2,7 | 670 | 2,5 |
| НБО Сангтӯда -2 | 0,932 | 220 | 0,665 |
| НБО Сарбанд | — | 240 | 0,96 |
| НБО Перепадная | — | 29,95 | 0,21 |
| НБО- и Марказӣ | — | 15,1 | 0,114 |
| Ҳамагӣ: | 27,543 | 9225,05 | 33,649 |

Иқтидори гидротехникии дарёи Зарафшон ба 33,94 млрд.кВт.соат баробар буда, дар баробари захираҳои гидротехникии аз ҷиҳати техникӣ имконпазир ва аз нигоҳи иқтисодӣ мақсаднок барои сохтмони неругоҳҳои барқи оби 10,55 млрд.кВт.соат-ро ташкил медиҳад. Тибқи таҳлилҳои мавҷуда 13 мавзеъҳои мувофиқ барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ва обанборҳо мавҷуд мебошад. Дарозии дарё 877 км буда, масоҳати умумии ҳаҷми ташаккулёбии оби дарё 12,3 ҳазор кмро ташкил менамояд [10].

**Ҷадвали 3. Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Зарафшон**
**Table 3. Hydropower capacity of the Zarafshan River**

| Дарёи Мастчоҳ (резишгоҳи дарёи Зарафшон) | Ҳаҷми обанбор, км$^3$ | Иқтидори мавҷуда, МВт | Истеҳсол млрд. кВт.с/сол |
|---|---|---|---|
| НБО-и Мастчоҳ | 1,0 | 90 | 0,55 |
| НБО-и Риомут | 0,55 | 75 | 0,46 |
| НБО-и Обурдон | 0,72 | 120 | 0,35 |
| НБО-и Дарг | 0,05 | 130 | 0,75 |
| НБО-и Сангистон | 0,05 | 140 | 0,9 |
| НБО-и Похут | 0,05 | 140 | 0,9 |
| Фондарё (резишгоҳи дарёи Зарафшон) | | | |
| НБО-и Фондарё | — | 300 | 1,8 |
| Ҳамагӣ: | 2,42 | 995 | 5,71 |

| Дарёи Зарафшон | Ҳаҷми обанбор, км3 | Иқтидори мавҷуда, МВт | Истеҳсол млрд.кВт.с/сол |
|---|---|---|---|
| НБО Айнӣ | 0,05 | 160 | 0,95 |
| НБО Ёвон | 0,05 | 120 | 0,18 |
| НБО Дупула | 26 | 200 | 1,0 |
| НБО-и Панҷакент 1 | — | 50 | 0,27 |
| НБО-и Панҷакент 2 | — | 45 | 0,25 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| НБО-и Панҷакент 3 | — | 65 | 0,38 |
| Ҳамагӣ: | 26,1 | 640 | 3,03 |

Иқтидори гидротехникии дарёи Кофарниҳон ба 37,22 млрд.кВт.соат баробар буда, дар баробари захираҳои гидротехникии аз ҷиҳати техникӣ имконпазир ва аз нигоҳи иқтисодӣ мақсаднок барои сохтмони неругоҳҳои барқи оби 8,7 млрд.кВт.соат-ро ташкил медиҳад. Тибқи таҳлилҳои мавҷуда, 6 мавзеъҳои мувофиқ барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ва обанборҳо мавҷуд мебошад [10].

**Ҷадвали 4. Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Кофарниҳон**
**Table 4. Hydropower capacity of the Kofarnihan River**

| Дарёи Кофарниҳон | Ҳаҷми обанбор, км³ | Иқтидори мавҷуда, МВт | Истеҳсол млрд.кВт.с/сол |
|---|---|---|---|
| НБО Вистан | — | 200 | 0,6 |
| НБО Сарвоз | — | 250 | 0,8 |
| НБО Явроз | 0,045 | 400 | 1,1 |
| НБО Ромит | 1,2 | 450 | 1,4 |
| Иншооти обиии Багҷигдин | 0,85 | 150 | 0,6 |
| Иншооти обии поёноби Кофарниҳон | 2,05 | 150 | 0,6 |
| Ҳамагӣ: | 4,145 | | |

Дарёи Сурхоб ва Хингоб аз дарёи Вахш сарчашма гирифта, иқтидори энергетикии онҳо 36,32 млрд.кВт.соат муайян гардидааст. Дар баробари ин, захираҳои гидротехникии аз ҷиҳати техникӣ имконпазир ва аз нигоҳи иқтисодӣ мақсаднок барои сохтмони неругоҳҳои барқи оби 16,46 млрд.кВт.соат-ро ташкил медиҳад. Тибқи таҳлилҳои мавҷуда, 4 мавзеи мувофиқ дар ҳавзаи дарёи Сурхоб ва 5 мавзеи мувофиқ барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар ҳавзаи дарёи Хингоб мавҷуд мебошад [10].

**Ҷадвали 5. Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Сурхоб**
**Table 5. Hydropower capacity of the Surkhab River**

| Дарёи Сурхоб | Ҳаҷми обанбор, км³ | Иқтидори мавҷуда, МВт | Истеҳсол млрд.кВт.с/сол |
|---|---|---|---|
| НБО Ҷалбулак | 1,4 | 600 | 2,0 |
| НБО Сайрон | 0,01 | 500 | 2,2 |
| НБО Горген | 0,02 | 600 | 2,7 |
| НБО Ғарм | 0,02 | 400 | 1,8 |
| Ҳамагӣ: | 1,45 | 2100 | 8,7 |

**Ҷадвали 6. Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Хингоб**
**Table 6. Hydropower capacity of the Hingob River**

| Дарёи ОБИ Хингоб | Ҳаҷми обанбор, км³ | Иқтидори мавҷуда, МВт | Ислеҳсол млрд.кВт.с/сол |
|---|---|---|---|
| НБО Сангвор | 1,5 | 800 | 2,0 |
| НБО Урфатин | 0,01 | 850 | 2,1 |
| НБО Штиен | 0,01 | 600 | 1,5 |
| НБО Нуробод-1 | 0,02 | 200 | 1,2 |
| НБО-Нуробод-2 | 0,01 | 160 | 0,96 |
| Ҳамагӣ: | 1,55 | 2610 | 7,76 |

Иқтидори энергетикии Тоҷикистон 5190 МВт-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла ҳиссаи энергияи барқи обӣ 93,9% тамоми иқтидорҳои муайяншударо ташкил медиҳад. Ҳиссаи шабакаҳои гармидиҳӣ 318 мгвт, яъне танҳо 6,1%-ро ташкил медиҳад. Истеҳсоли миёнаи солонаи энергияи барқӣ дар энергосистемаи Тоҷикистон, ки асосан аз ҳисоби истгоҳҳои барқи обӣ мебошад, 16,5 млрд.квт/соатро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки беш аз 98% и энергияи барқӣ, ки дар Тоҷикистон истеҳсол карда мешавад, аз ҳисоби НБО аз ҷумла 97%-и он аз неругоҳҳои бузургу миёна ба даст меояд [10].

Дар фасли зимистон кишвар ба камбуди зиёди энергияи барқи (2,2-2,5 млрд.квт/соат) дучор мешавад ва маҷбур аст маҳдудияти додани барқро ба кор барад, ки он махсусан ба аҳолии деҳот, ки беш аз 70% аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, таъсир мерасонад. Ҳамасола бо сабаби маҳдудияти энергияи барқӣ нобудшавии ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ ба 30% баробар мерасад.

Дар баробари ин, дар фасли тобистон таъмини энергияи обии барқӣ бештар боварибахш аст. Чунки дар ин фасли сол тавлиди изофии барқи обӣ ба миқдори 3-5 млрд.квт/соат мебошад. Барзиёдии об боиси масрафи бефоидаи он мегардад, ки он мутаносибан ба нобудшавии миқдори зиёди энергияи барқи обӣ сабаб мегардад. Вобаста ба шароити обу ҳавои сол, зарари иқтисодӣ аз 90 то 225 млн.доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Дар ҳоли ҳозир, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 НБО-и бузургу миёна амал мекунад. Ҳамчунин, дар ҳудуди 300 НБО-ҳои хурд бо иқтидори умумии 131 МВт фаъолият доранд. Дар соли 2009 барномаи нав оид ба тартиб додани сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд қабул шуда буд. Тибқи ин барнома сохтмони 189 НБО-ҳои хурд бо иқтидори 103.6 МВт ба назар гирифта шуда буд. Дар солҳои 2010-2011 беш аз 60 НБО-ҳои хурд бо иқтидори умумии 47 МВт бунёд гардиданд ва ин анъана имрӯз ҳам идома дорад. Баҳодиҳиҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки дар маҷрои дарёҳо дар қисматҳои кӯҳии ҷумҳурӣ аз лиҳози техникӣ имконпазир ва аз лиҳози иқтисодӣ мувофиқ беш аз 900 неругоҳҳои хурди обии барқӣ бо иқтидори аз 100 то 3000 киловатро бунёд намуд. Бар асоси баҳогузории коршиносон, истифодабарии энергияи дарёҳои хурд метавонад ниёзҳои 500-600 ҳазор инсонро бо энергияи обии барқӣ бароварда созад, ки дар манотиқи дурдасти кишвар то 50-70% ва дар баъзе мавридҳо то 100% аҳолӣ зиндагӣ мекунанд [7].

Дар соли 2011 системаи ягонаи энергетикии кишвар, ки системаи энергетикаи ҷанубу шимолро ба ҳамдигар мепайвандад, таъсис дода шуда буд, ки ҳамаи ин имкониятҳои амалии дастрасии тамоми аҳолии Тоҷикистонро ба энергияи обии барқии истеҳсолшаванда таъмин намуд. Имрӯз нархи қувваи барқ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти иҷтимоӣ дошта, ба андозаи 2,32 сенти ИМА барои як киловат соат муайян карда шудааст. Давлат қисман нархро барои аҳолӣ ҷиҳати боло набурдани нарх назар ба дигар категорияҳои масрафкунандагон аз ҳисоби худ пардохт менамояд. Нарх барои саноат 5,61 барои як киловатт соат мебошад, ки 2,4 баробар аз нархи аҳолӣ бештар мебошад. Ба ғайр аз ин, Ҳукумати кишвар ҳамасола иловатан истифодаи неруи баркро барои оилаҳои камбизоат аз буҷаи ҷумҳурӣ, аз ҳисоби худ пардохт менамояд [3].

Имрӯз дар кишвари мо 98%-и неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз неруи об истеҳсол гардида, Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» шашум кишвари пешсафи сайёра мебошад. Дар ин самт, ҳоло дар Тоҷикистон лоиҳаҳои бузурги бунёди неругоҳҳои барқи обӣ амалӣ гардида истодаанд ва дар 7 соли оянда аз ҳисоби бунёди неругоҳи «Роғун» ва таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 ҳазор мегаватт афзоиш меёбад.

Бояд қайд кард, ки бе назардошти соҳаи энергетика иҷроиши дурнамо (нақша) дар 11 моҳи соли равон 108%-ро ташкил додааст.

Ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар мамлакат нисбат ба соли 2020 – 853 млн. кВт. соат ё 4,3% зиёд гардид. Бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи энергетика ва ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда ҳоло дар соҳа лоиҳаҳо ба маблағи 16,6 млрд сомонӣ дар марҳилаи татбиқ қарор дорад.

Ба ғайр аз захираҳои гидроэнергетикӣ, ҳамчунин, Тоҷикистон захираҳои бузурги ангиштро, ки онро ба 4,5 млрд тонн баровард кардаанд, дар ихтиёр дорад. Дар соли 2013 муассисаҳои конкобии мамлакат дар ҳудуди 500 ҳазор тонна ангишт истеҳсол намуданд, ки 2 баробар бештар аз нақшаи пешбинишуда мебошад. Дар ҷумҳурӣ 162 корхонаҳои саноатӣ фаъолияти худро ба ин намуд сӯзишворӣ ба роҳ мондаанд, ки талаботи солонаи онҳо беш аз 200 ҳазор тонна ангиштро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон истеҳсоли ангишт фаъолона дар 7 кон Шӯроб, Назарайлоқ, Фон-яғноб, Зидди ва ғайраҳо ба роҳ монда шудааст. Захираи онҳо беш аз 100 млн тонна мебошад [1].

Обу ҳавои Тоҷикистон барои истифодаи энергияи офтобӣ муносиб мебошад. Ба ҳисоби миёна 280-330 рӯзҳои офтобӣ вуҷуд доранд ва фаъолияти интенсивии радиатсияи офтобӣ дар давоми сол аз 280 то 925 МДЖ/м2 дар ноҳияҳои наздикӯҳӣ ва ҳамчунин, аз 360 то 1120 МДЖ/м2 дар манотиқӣ кӯҳӣ тағйир мекунад. Истифодаи энергияи офтобии мавҷуда дар Тоҷикистон метавонад 10-20%-и талаботро ба энергия таъмин намояд.

Мувофиқи ҳисоботҳо захираи энергияи офтобии Тоҷикистон ҳудуди 25 млрд.киловат/соатро дар сол ташкил медиҳад. Ин захира амалан истифода намегардад, агар баъзе аз қисматҳои он, ки барои гарм кардани об истифода бурда мешавад, ба назар гирифта нашавад. Захираи ками энергияи бод вуҷуд дорад, аммо истифодаи он ҳамчун пуркунандаи энергияи обӣ дар баъзе минтақаҳо ба мақсад мувофиқ аст. Бодҳои аз ҳама сахт дар минтақаҳои кӯҳӣ мевазанд, дар ҷойҳое, ки пастию баландии мамлакат ба ҷараёнҳои ҳавоӣ наздик мешаванд ва ҳамчунин, дар вилоятҳои Суғд ва водии Рашт. Суръати миёнаи бод дар ин минтақаҳо 5-6 метр дар як сонияро ташкил медиҳад.

Истеҳсоли миёнаи солонаи неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосан тавассути неругоҳҳои барқи обӣ амалӣ карда мешаванд, 17млрд.кВт.соатро ташкил медиҳад. Бояд зикр кард, ки 95%-и неруи барқ дар кишвар тавассути неругоҳҳои барқи обӣ, аз ҷумла 94%-и он дар НБО-ҳои бузург ва миёна истеҳсол мешавад.

Неруи барқи дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсолшаванда хусусияти мавсимӣ дошта, аз сатҳу ҷараёни об дар дарёҳо вобастагӣ дорад. Нишондиҳандаи пасттарини истеҳсоли неруи барқ дар кишвар дар мавсими тирамоҳу зимистон (аз моҳи октябр то апрел/май), дар ҳоле ки дар ин мавсим талабот ба неруи барқ бениҳоят баланд аст, ба амал меояд. Дар мавсими тобистон, ки талабот ба неруи барқ нисбатан камтар аст, неруи барқ барзиёд, то ба андозаи 3-7млрд кВт соат истеҳсол мешавад.

**Ҷадвали 7. Истеҳсоли неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022**
**Table 7. Electricity production in the Republic of Tajikistan in 2022**

| **Номгӯй** | Истеҳсоли н/б (ҳазор.кВт.соат) |
|---|---|
| Истеҳсоли умумии н/б дар кишвар | 18095309 |
| ШСХК «Барқи Тоҷик» | 15352610 |
| Сангтӯда-1 | 1862473 |
| Сангтӯда-2 | 701341 |
| ҶСК «Помир энерҷи» | 178885 |
| НБО-ҳои хурд | 5625 |

Маълумоти мавҷуда оид ба истифодаи неруи барқ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар нишон медиҳад, ки истифодабарандагони асосии неруи барқ дар кишвар соҳаҳои хоҷагии манзилии коммуналӣ - 47%, корхонаҳои бузурги саноатӣ – 41,11% ва соҳаи кишоварзӣ – 16% ба шумор мераванд [10].

**Ҷадвали 8. Истифодаи неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022**
**Table 8. Electricity consumption in the Republic of Tajikistan in 2022**

| **Номгӯй** | Истифодабарии неруи барқ | |
|---|---|---|
| | млрд. кВт.с | % |
| Истифодаи неруи барқ дар маҷмуъ (неруи барқи фоиданок) | 13,5 | 100,00% |
| Саноат | 4,2 | 31,11% |
| Кишоварзӣ | 2,1 | 15,56% |
| Хоҷагии манзилии коммуналӣ | 6,3 | 46,67% |
| Нақлиёт | 0,011 | 0,08% |
| Дигар | 0,9 | 6,67% |

Айни замон байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя 13 хатти интиқоли барқ (ХИБ) бо ҷараёни гуногун, аз ҷумла ду ХИБ 500кВ, шаш ХИБ 220 кВ, чор ХИБ 110 кВ ва як ХИБ 35 кВ бо иқтидори умумии 4570 МВт мавҷуд аст, ки аз он 3500 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 500 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Ҷумҳурии Қирғизистон ва 570 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мегузарад [10].

Аз хатҳои интиқоли барқи болозикр, айни замон ХИБ 220 кВ «Сангтуда-1 – Пули Хумри (Афғонистон)» ХИБ 110 кВ «Геран – Кундуз (Афғонистон)», ХИБ 220кВ «Конибодом – Айгултош (Қирғизистон)» ва ХИБ 110 кВ и 35 кВ ба Ҷумҳурии Қирғизистон истифода мешаванд.

Шуруъ аз моҳи апрели соли 2018 содироти неруи барқ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавассути хатҳои интиқоли барқи 220 кВ «Регар-Гулча», «Регар-Денав», «Узловая-Сирдаринская ГРЭС-1», «Узловая- Сирдаринская ГРЭС -2» ва хатти интиқоли барқи 500кВ «Регар Сурхан» (Х508) амалӣ мешавад. Ҳаҷми умумии неруи барқи интиқолгардида дар мавсими обёрии соли 2018 1млрд. 440млн.кВт соатро ташкил медиҳад.

Истифодаи нопурраи хатҳои интиқоли барқи болозикр бо маҳдуд будани имкониятҳои содироти неруи барқ дар фасли зимистон ва кофӣ намудани неруи барқ дар доҳили кишвар алоқамандӣ дорад.

Барои мисол хатти интиқоли барқи 220 кВ«Сангтуда-1 – Пули Хумри (Афғонистон)» дар фасли тобистон зиёда аз 300 МВт неруи барқро интиқол дода, дар фасли зимистон ин нишондиҳанда ба 50 МВт баробар мегардад.

Сохтори истеъмоли неруи барқи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар минтақаҳои мамолики ҷаҳон комилан фарқкунанда мебошад.

Дар ҷадвали 9 маълумот дар бораи ҳиссаи манбаъҳои гуногуни энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

**Ҷадвали 9. Сохтори истеъмоли энергия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 9. Structure of energy consumption in the Republic of Tajikistan**

| **Намудҳои манбаъҳои энергия** | **Ҳисса бо %** | |
|---|---|---|
| | **Соли 2000** | **Соли 2021** |
| Энергияи неруи барқ (НБО) | 48,7 | 52,2 |
| Маҳсулоти нафт | 28,8 | 29,9 |
| Гази табиӣ | 17,7 | 18.3 |
| Ангишт | 4,8 | 4.9 |
| Сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия | - | |

Манбаъ: Таҳлили ҳисоботи маълумот оид ба инвентаризатсияи партовҳои газҳои гармхонаӣ. Тибқи маълумоти Агентии обуҳавосанҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021.

Тавре маълум аст, дар сохтори истеъмоли энергия дар ҷумҳурӣ мавқеи муҳимро гидроэнергетика ишғол мекунад. Ҳиссаи он аз 48,7% дар соли 2000 то соли 2021 ба 52,2% расид (барои муқоиса, ҳиссаи неругоҳҳои барқи обӣ дар сохтори истеъмоли ҷаҳонии энергия ҳамагӣ 2,6%-ро ташкил медиҳад). Чунин афзоиши ҳиссаи гидроэнергетика дар Тоҷикистон на танҳо бо зиёд шудани истеҳсоли неруи барқ алоқаманд аст. Дар тули солҳо, истеҳсоли неруи барқ дар маҷмуъ каме коҳиш ёфт. Сабаб ин аст, ки истеҳсол, таҳвил ва истифодаи сӯзишвории истихроҷшаванда қариб 15 маротиба кам шудааст.

Илова бар ин, истеъмолкунандагони неруи барқ минтақаи Вахш мебошад, ки дар он кишоварзӣ ва истеҳсоли нуриҳои минералӣ таҳия карда мешаванд, ки миқдори зиёди энергияро барои эҳтиёҷоти технологӣ, обёрии заминҳои кишоварзӣ, инчунин, шаҳри Душанбе бо консентратсияи баланди аҳолӣ истифода мебаранд, ба ҳисоб меравindependent.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт, истеъмоли неруи барқ низ гуногун аст. Соли 2015 ин соҳа 27,1%-и маҷмуи қувваи барқро дар Тоҷикистон истифода мебурд, 27,1% барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, 16,9%-и хизматрасонии коммуналӣ дар шаҳрак ва деҳот ва 28,7% дигар соҳаҳо. Дар зарфи 11 моҳи соли равон дар муқоиса бо давраи қаблии талафот 8,9%-ро ташкил дод, бинобар ин, тавсияҳо оид ба такмил додани стратегияи рушди бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани омилҳое, ки дар зарфияти шабакаи ҷамъиятӣ афзоиш меёбанд зарур аст [5].

Аксарияти қувваи барқро барои истеҳсолот дар металлургияи ранга - 95,5% истеъмол мекунанд. Баъдан иншооти сохтмонӣ - 1,4% ва саноати сабук - 1,0%. Дар зинаи дуюм, дар сохтори истеъмоли саноати кимиёвӣ ва нафтукимиёвӣ таҳия ҷойгир аст. Аммо фаъолияти

он дар солҳои охир муътадил буда, ҳиссаи истифодаи неруи барқ соли 2004 аз 0,3% дар соли 2015 то 0,08% коҳиш ёфт.

Қисми истеъмоли неруи барқ дар иқтисоди миллии Тоҷикистон ҳамеша аз истеҳсоли он дар кишвар зиёд буд. Соли 1990 ин фарқият ба 1,241 миллиард киловатт/соат баробар буда, соли 2000 - аллакай 1,333 миллиард кВт/с-ро ташкил медод.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДДТТ – Зубайдов С.**

**АДАБИЁТ**


1. Гафуров А.Р. Классификация угроз энергетической безопасности в контексте современного развития топливно-энергетического комплекса (на примере Мурманской области) / А.Р. Гафуров // Вестник ИНЖЭКОНа. Серия: Экономика. - 2010. -№7-42. -С.148-152.
2. Гидроэнергетика Таджикистана – настоящее и будущее // Презентация Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. -Душанбе: Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2009. -С.15.
3. Глобализация экономики и энергетическая безопасность: науч. конф., 11-12 октября 2012: сб. докладов. -СПб.: Изд-во С.-Петерб. гос. ун-та экономики и финансов, 2012. -300 с.
4. Сайти расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.minenergoprom.tj/energetika.php
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри 2023 с.
6. Ходжаев Д.Х. Энергетический сектор Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/3. –С.97-102.
7. Ходжаев Д.Х. Исследование факторов, угрожающих энергетической и экономической безопасности Республики Таджикистан / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№3. -Часть 1. –С.31-35.
8. Хофизов Х.А. Таъмини сармоягузорӣ барои амалисозии лоиҳаҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х.А. Хофизов, Б.А. Набиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2023. -№1(81). -С. 247-262.
9. Энергетика Таджикистана настоящее и будущее. Презентация Министерства энергетики и промышленности Республики Таджикистан. -Душанбе: Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2011-2017.
10. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.mewr.tj
11. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.ray- idaho.ru/blog.


## ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ЗАХИРАҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Ҳолати истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёҳо, чун қоида аз нуқтаи назари умумӣ ва ба мақсад мувофиқ дар минтақа мушоҳида карда мешавад. Дар ҳоли истифодаи оқилонаи ин захира, метавон минтақаро бо неруи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намуд. Қисмати асосии захираҳои номбурда дар ҳавзаи дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Зарафшон мутамарказ гардидаанд. Такмил ва инкишофёбии НБО дар таъмини сифати неруи барқ ба истифодабарандагони дохилӣ ва хориҷӣ мавқеи хосси худро дошта, барои таъмини амнияти неруи барқ бояд сохта ба истифода додани НБО хурду миёна дар минтақаҳои дурдаст таъмин карда шаванд. Дар мақолаи мазкур таъмини бехатарии захираҳои гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Неруи барқи дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсолшаванда хусусияти мавсимӣ дошта, аз сатҳу ҷараёни об дар дарёҳо вобастагӣ дорад. Нишондиҳандаи пасттарини истеҳсоли неруи барқ дар кишвар дар мавсими тирамоҳу зимистон (аз моҳи октябр то апрел/май), дар ҳоле, ки дар ин мавсим талабот ба неруи барқ бениҳоят баланд аст, ба амал меояд. Барои таъмин ва рушди афзалиятҳо дар соҳаи бехатарии гидроэнергетикии кишвар, ҷалби бештари сармоягузорони дохилию хориҷӣ зарур аст.



**Калидвожаҳо:** захираҳои гидроэнергетикӣ, бехатарӣ, неруи барқ, сармоягузорон, истеҳсол, нишондиҳанда.


## БЕЗОПАСНОСТЬ ГИДРОЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Использование гидроэнергетических ресурсов рек, как правило, рассматривается с общей и целесообразной в регионе точки зрения. В случае рационального использования этого ресурса можно обеспечить регион дешевой и экологически чистой электроэнергией. Основная часть этих ресурсов сосредоточена в бассейнах рек Пяндж, Вахш, Кофарнихан и Зарафшан. Совершенствование и развитие АЭС в обеспечении качества электроэнергии отечественным и зарубежным потребителям имеют свою особую позицию в целях обеспечения безопасности электрической энергии. В данной статье определяется безопасность гидроэнергетических ресурсов Республики Таджикистан. Электроэнергия, производимая на гидроэлектростанциях, имеет сезонный характер и зависит от уровня и расхода воды в реках. Наименьшее производство электроэнергии в стране приходится на осенне-зимний сезон (с октября по апрель/май), когда спрос на электроэнергию чрезвычайно высок. Для обеспечения и развития приоритетов в сфере гидроэнергетической безопасности страны необходимо привлекать больше отечественных и иностранных инвесторов.

**Ключевые слова**: гидроэнергетические ресурсы, безопасность, электроэнергия, инвесторы, производство, показатели.

**SECURITY OF HYDROPOWER RESOURCES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The use of hydropower resources of rivers, as a rule, is considered from a general and expedient point of view in the region. If this resource is used rationally, it is possible to provide the region with cheap and environmentally friendly electricity. The bulk of these resources are concentrated in the basins of the Pyanj, Vakhsh, Kofarnihan and Zarafshan rivers. The improvement and development of nuclear power plants in ensuring the quality of electricity to domestic and foreign consumers have their own special position in order to ensure the safety of electrical energy. This article defines the safety of hydropower resources of the Republic of Tajikistan. Electricity produced by hydroelectric power plants is seasonal and depends on the level and flow of water in rivers. The lowest electricity production in the country occurs in the autumn-winter season (October to April/May), when the demand for electricity is extremely high. To ensure and develop the country's hydropower security priorities, it is necessary to attract more domestic and foreign investors.

**Keywords:** hydropower resources, safety, electricity, investors, production, indicators.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хоҷаев Диловар Хайриддинович*** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғурта. **Суроға**: 734061, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **(+992) 987-52-60-60**. E-mail: **khojaev02@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ходжаев Диловар Хайриддинович*** **–** Таджикский государственный университет коммерции**,** кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и страхования. **Адрес:** 734061, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица А. Дехоти 1/2. Телефон: **(+992) 987-52-60-60**. E-mail: **khojaev02@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khojaev Dilovar Khayriddinovich*** – Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Insurance. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dekhoti street ½. Phone: **(+992) 987-52-60-60**. E-mail: **khojaev02@mail.ru**

ТДУ: 338.48 (575.3)

# ВИЖАГИҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ САЙЁҲӢ ВА ТАНЗИМИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Юнусов Т.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир сайёҳӣ ҳамчун яке аз фишангҳои мусоидаткунанда ба рушди иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Сайёҳӣ аз нигоҳи иқтисодӣ асосан дар шакли хизматрасонӣ зоҳир мегардад, ки он ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти инсон равона шудааст ва самараи нафъовар дорад. Ҷараёни амалигардонии ин гуна хизматрасониҳо бевосита ба худи инсон ва ҳам ба шароите нигаронида шудааст, ки инсон дар он қарор дорад.

Хизматрасониҳои сайёҳӣ ё ба тарзи "маҳсулоти сайёҳӣ" зудвайроншаванда буда, он бояд дарҳол ба истеъмолгар расонида шавад. Ба таври дигар, ҷараёни пешниҳоди хизматрасонӣ ва истеъмоли он як давраро фаро мегирад. Ба таркиби хизматрасониҳои сайёҳӣ, фурӯши роҳхатҳои сайёҳӣ, ҷойгиркунонӣ ва хизматрасониҳо дар меҳмонхонаҳо, индустрияи маводҳои ғизоӣ ё пешниҳоди хӯрок, ташкили барномаҳои аниматсионӣ, ташкили сайёҳатҳо ба маконҳои фарҳангию таърихӣ, пешниҳоди хатсайрҳои экологию экстремалӣ ва ғайра шомил мебошанд.

Инчунин, хизматрасониҳои сайёҳӣ, ин фаъолияти истеҳсолии муассисаҳои саноатии сайёҳист, ки ба қонеъгардонии талаботи мизоҷон равона гардида, он шакли моддӣ ва molӣ надорад. Ба таври дигар, хизматрасонии сайёҳӣ самараи "маҳсулоти ноаён"-ро дорад. Хизматрасонӣ чун моли ба истеъмолкунанда пешкашшаванда, дорои арзиши истеъмолӣ ва арзиш мебошад. Бузургии арзиши хизматрасонӣ бояд ба маблағи масрафҳои меҳнати ҷамъиятии барои истеҳсоли он зарур буда, мувофиқат намояд. Хусусияти хосси дигари хизматрасонии сайёҳӣ, ин он аст, ки агар дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ маҳсули омодагардида то истеъмолкунанда, яъне харидор бурда шавад, пас ин дар сайёҳӣ баръакс аст, яъне истеъмолкунанда (сайёҳ) худ ба мавқеи ҷойгиршавии объектҳои сайёҳӣ сафар намуда, хизматрасонии пешниҳоднамударо истеъмол менамояд.

Ҳоло миёни маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасонии сайёҳӣ таносуб вуҷуд дорад ва нишонаи муҳимтарини ин таносуб он аст, ки хизматрасонии сайёҳӣ бояд дар макони тавлидшуда истифода шавад. Маҳсулоти сайёҳиро бошад метавон дар макони зист дастрас намуд, вале истифодаи он дар ҷои бунёди хизматрасонии сайёҳӣ сурат мегирад. Ба таври дигар, пас аз пардохти маблағ истеъмолгар танҳо имконияти истифодаи хизматрасонии сайёҳиро ба даст меорад. Бозори хизматрасонӣ аз бозори молӣ аз рӯи нишонаҳои зерин фарқ дорад:

1. Хизматрасониҳо то давраи истеъмол вуҷуд надоранд ё ба таври дигар, ин танҳо пас аз ба сайёҳ расидан эҳсос мегарданд:
2. Ба хизматрасонӣ номуаянӣ хос аст, яъне то ба сайёҳ расонида нашавад, дараҷаю сифати он маълум нест [10].

К. Маркс хизматрасониҳоро ҳамчун фаъолияти манфиатнок бо арзиши гуногун, ба молӣ ва маҳсулотӣ ҷудо намудааст.

Фаъолият дар соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷиҳатҳои хос дорад ва аз фаъолияти кормандони дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт машғулбуда, тафовут дорад [1,с13-15].

Хизматрасонии сайёҳӣ аз рӯи як қатор ҷиҳатҳои танҳо ба соҳаи мазкури иқтисодӣ хос буда, нисбати дигар соҳаҳои иқтисодӣ фарқ мекунад, ки аз хусусиятҳои хизматрасониҳои дар корхонаҳои сайёҳӣ пешкашшаванда бармеоянд. Вобаста ба ин, нишон додани таъсири хусусиятҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ ба танзими корхонаи сайёҳӣ, инчунин, муайян кардани амиқӣ ва самтҳои рушди механизмҳои танзимнамоӣ муҳим аст, то ки масъалаҳои ҳалталаби ба танзимнамоӣ ва рушди ин соҳа хосбуда, ба таври дуруст ҳал карда шаванд.

Хизматрасонии сайёҳӣ маҷмуи васеи пешниҳодҳоро фаро мегирад, ки талаботҳои гуногунранги сайёҳону сайёҳаткунандагонро қонеъ менамоянд. Ин хизматрасониҳо ба беҳгардонии таассуроти умумӣ аз сайёҳат равона гардида, ба навъҳои гуногун ҷудо мешаванд.

Ҳамаи шаклҳои хизматрасонии сайёҳӣ хусусиятҳои хосси худро доранд ва ҳадафи асосӣ ин, пеш аз ҳама, равона намудани фаъолият ба қонеъ намудани талаботҳои истеъмолкунандагон-сайёҳон (дохилӣ ва берунӣ) мебошад. Ин хусусиятҳо бо назардошти вижагиҳои талабот интизории сайёҳон тарҳрезӣ гардидаанд.

Чунончӣ:

- хизматрасонии сайёҳӣ моддӣ нест, яъне он эҳсосшаванда буда, танҳо пас аз анҷоми хизматрасонӣ, нисбати сифати он таассурот падид меояд;
- он "зудвайроншаванда" буда, анбор карда намешавад ва пас аз анҷоми хизматрасонӣ бозпас гардонида намешавад. Чунончӣ, утоқи меҳмонхонаи имрӯз холибударо пагоҳ агар меҳмонон бештар оянд, пешниҳод карда наметавонем;
- хизматрасониҳои сайёҳӣ дар як вақт истеҳсол ва ба фурӯш бароварда мешаванд. Дар ин ҳангом қобили қайд аст, ки маҳсулот ё хизматрасонии сайёҳӣ кӯчонданашавандаанд, яъне он дар макони истеҳсол ба фурӯш бароварда шуда, харидор, яъне истеъмолгар (сайёҳ) ба ҷои ҷойгиршавии объектҳои сайёҳӣ ҳаракат менамояд;
- тағйирёбандагӣ, яъне ҷараёни тағйири намудҳои хизматрасонӣ аз як шакл ба шакли дигар, аз шароитҳои табиӣ ва ё ҳолати объектҳо вобаста аст;
- якранг набудан, яъне хизматрасониҳои сайёҳӣ ба талаботҳои ҷудогонаи сайёҳон мутобиқ карда мешаванд. Ҳар як хизматрасонӣ вобаста ба нотакрорӣ аз ҳамдигар тафовут доранд;
- ҷалби мизоҷон. Аксаран сайёҳон беихтиёр дар ҷараёни пешниҳоду фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ иштирок мекунанд ва ба сифати таблиғгар баромад менамоянд. Дар раванди пешниҳоди хизматрасонӣ усули "tet-a-tet", яъне аз забон ба забон амал мекунад, ки он инъикосгари дараҷа ё сифати хизматрасонӣ буда, дар сурати анҷомдиҳии босифати хизматрасонӣ аллакай бо тариқи автоматӣ ҳангоми баргашт ба ватан сайёҳ беихтиёр аз кишвари ташрифиаш ба дигарон тавсифи муносиб медиҳад, ки ин боиси афзоиши шумораи хоҳишмандони сафари сайёҳӣ ба ин кишвар мегардад;
- мавсимнокӣ, яъне ин вижагии хизматрасонии сайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки аксари хизматрасониҳои сайёҳӣ хусусияти мавсимӣ доранд. Мавсим барои ин ё он ноҳияи сайёҳӣ даврае маҳсуб меёбад, ки шумораи якмоҳаи сайёҳони воридшуда, аз нишондиҳандаи миёнаи моҳ дар як сол афзунтар аст. Ин айёмро бо мафҳуми «фасли пурҷӯш» (сурх, баланд) нисбат медиҳанд.

Мавсимият дар сайёҳӣ он аст, ки ҳангоми зимистон «бозори фурӯшандагони хизматрасонии сайёҳӣ» авҷ мегирад ва дар мавсими зимистон «бозори харидорон» оғоз мегардад, яъне ҳангоми зимистон ширкатҳои сайёҳӣ бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон арзиши хадамоти хешро поён мефароранд.

Боиси тазаккур аст, ки дар кишварҳое, ки таносуби ҳарорати ҳаво чандон бузург нест, мавсимнокӣ он қадар зиёд мушоҳида намешавад. Масалан: дар Миср, Тунис, Марокаш, АМА, Исроил сайёҳӣ хусусияти тамомисолӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мавсимият баръакс намоён аст. Ба густариши мавсими сайёҳӣ, фаъолнокии сайёҳии корӣ, яъне гузаронидани симпозиумҳо, намоишҳои байналмилалӣ, конфронсҳо, ҳамоишҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра мусоидат менамояд;

- нотакрорӣ, яъне хизматрасонии сайёҳӣ дорои хусусиятҳои нотакрорӣ буда, нотакрорӣ омили калидии фурӯши хизматрасонии сайёҳӣ маҳсуб меёбад;
- ҳассосияти фарҳангӣ. Хизматрасонии фарҳангӣ бояд бо фарҳанги маҳаллӣ омезиш дода шавад;
- чандирии нархгузорӣ. Ин хусусияти хизматрасонии сайёҳӣ ба чунин омилҳо ба мисли айёми мавсим, чорабиниҳои махсус ва тағйирёбии талабот вобаста аст;

Дарки ин хусусиятҳои хос ба пешкашкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

Инчунин, яке аз хусусиятҳои хосси хизматрасонии сайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми фурӯши хизматрасонии сайёҳӣ нақши ҷанбаи шахсият баланд мегардад, бинобар ин, дар танзими сайёҳӣ бояд диққати ҷиддӣ ба идоракунии кормандон ва ташкили мусоиди муносибатҳои байнишахсӣ равона шавад [8,с.11-18]. Ташаккули шахсият аз васеъгардии ҷаҳонбинии инсон вобастагии қавӣ дорад, зеро ҳангоми сафар ба ягон кишвар нигоҳи инсон тағйир ёфта, таассуроташ дигаргун мегардад ва бахшидани

таассуроти мусбӣ ҷиҳати ташаккули шахсияти истеъмолкунандаи маҳсулоти пешниҳодшаванда, вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои ба сайёҳӣ рабтдошта мебошад.

Ҷиҳати хосси дигари сайёҳӣ, ин таъсири бузург доштан ба пайдоишу ташаккули инфрасохтор мебошад, ки дар таркиби он корхонаи сайёҳӣ нақши калидӣ доранд ва дар иҳотаи маҷмуи зиёди мизоҷон амал мекунанд, ки ба фаъолияти онҳо таъсири калон ва бевосита мерасонанд. Инчунин, бояд ба инобат гирифт, ки ҳар яке аз гурӯҳҳои алоҳидаи мизоҷон-сайёҳон манфиатҳои хосси худро доранд, ки онҳо ба манфиатҳои дигар гурӯҳҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ, мувофиқат намекунанд. Муассисаҳои сайёҳӣ аксаран дар ҳолати ҳамкорӣ бо муноқиша ва ихтилофи иштирокчиён қарор доранд. Ин аз он сабаб аст, ки манфиатҳои гуногуни иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ бо ҳам зид мебошанд, масалан, соҳибони меҳмонхонаҳо, аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳони ташрифоварда. Ҳамин тавр, дар минтақаҳои сайёҳӣ проблемаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳони истироҳаткунанда ба миён меоянд. Зиёд дучор меоянд ҳолатҳое, ки аҳолии маҳаллӣ ҳангоми коста шудани манфиатҳои худ ба гурӯҳи пурқувват муттаҳид гардида, бар зидди фаъолияти сайёҳӣ дар маҳал баромад менамоянд. Ин гуна ҳолатҳо дар Миср, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Мянма, Тунис ва Алҷазоир ба чашм расида буд..

Ҳамзамон, аксаран муассисаҳои сайёҳӣ гурӯҳҳои аҳолии ба рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ манфиатор бударо муттаҳид менамоянд, инчунин, дигар ташкилотҳои ба фаъолияти сайёҳӣ иштирокдоштаро ҷалб намуда, бо мақомоти давлатӣ ва идоракунии маҳаллӣ, аҳли тиҷорат ва дигар иштирокчиён ҳамкорӣ менамоянд.

Ба ақидаи мо, пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, инчунин, сайёҳӣ аз раванди дурусти идоракунӣ вобаста буда, он бояд тариқи методологӣ ва зинавӣ сурат гирад. Ҷараёни амалинамоии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва методологияи идоракунии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи солҳои охир боиси он гаштааст, ки ширкатҳои сайёҳӣ пайваста аз рӯи шумора дар ҳоли афзуншавӣ қарор доранд.

Ҳамзамон, бо эътироф гардидани сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, ки шумораи ширкатҳои сайёҳӣ афзоиш ёфтааст, инъикоси мукаммалгардии низоми идоракунии сайёҳӣ аз ҷониби давлат мебошад [9,с.31].

Агар корхонаи сайёҳӣ дар назди худ мақсадҳои калонмиқёси ба рушди минбаъдаи иҷтимоӣ-иқтисодии маҳал ҷавобгубуда гузоранд, афзалиятҳо ва арзишҳои онро пос доранд, пас онҳо қодиранд, ки тавозуни манфиатҳои байни иштирокчиёни гуногуни ин соҳаи хизматрасониро таъмин намоянд ва ҳатто аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дастгирӣ бинанд. Аз ин хотир, дар бархе аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба мисли Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон «Сайёҳӣ дар асоси ҷамъиятҳои маҳаллӣ» ташкил гардидааст, ки тавассути фаъолияти онҳо имкониятҳою иқтидорҳои сайёҳии маҳалҳо муаррифӣ гардида, ҳам ба буҷаи оилавӣ, ҳам ба буҷаи маҳаллӣ ва ҳам ба буҷаи ҷумҳурӣ манфиати иқтисодӣ меорад. Маҳз бо ҳамин хотир ба танзим дар соҳаи сайёҳӣ диққати муҳим дода шуда:

- дар сатҳи корхонаи сайёҳӣ бояд стратегияи фаъолияти фоидаовар ва босамар гузаронида шавад;
- дар сатҳи маҳалли алоҳида бояд сиёсате ба ҷо оварда шавад, ки аз ҷумла усулҳои банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми хизматрасониҳои сайёҳиро дар бар гирад. Дар ин маврид, дар рушди сайёҳӣ ҳатман бояд аҳли ҷамоатчигии маҳал иштирок намояд.

Хусусияти дигари хосси хизматрасонии сайёҳӣ бо хусусиятҳои талаботи сайёҳӣ алоқаманд аст, ки он вобаста аз чунин сабабҳои асосӣ якхела нест.

Якум, бо ҳиснашавандагӣ ва ҳифзнашавандагии маҳсулоти сайёҳӣ. Ин дар кори идоракунандагони корхонаи сайёҳӣ душвориҳо эҷод менамояд, то ки ҳар як истеъмолкунандаро бовар кунонад, ки маҳз хизматрасониҳои корхонаи мазкур барои харидори кардан, муфид мебошанд.

Дуюм, гуногуншаклии истеъмолкунандагон (мизоҷон, қабулкунандагони хизматрасониҳо)-и хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки ҳамчунин сабаби яхела набудани талабот мебошад. Усулҳои навтарини ба бахшҳо ҷудо кардани бозори сайёҳӣ мизоҷонро вобаста

аз даромади онҳо, мақсадҳои сафар, талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин, сохтори оила, синну сол, маълумот, оини ҳаёт ва дигарҳо ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд.

Сеюм, ҷиҳати хосси хизматрасонии сайёҳӣ, ин вобастагии он аз вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар макони мушаххас (мамлакат, минтақа) мебошад, ки ҳамчунин тафовут дар талабот ба хизматрасониҳои саноати сайёҳиро бунёд менамояд. Дар байни омилҳои иҷтимоӣ нишондиҳандаҳои шароити зист ва меҳнат, инчунин, мавҷудияти вақти озод муҳим мебошанд. Имконот ва шароити давлатҳои демократии муосир барои рушди сайёҳӣ ниҳоят муфид мебошанд. Дар чунин ҷомеаи мутаҳаррик, бофарҳанг ва озоди истеъмолкунандагон, бешубҳа, талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ зиёд аст.

Бояд хусусияти умумии сайёҳӣ- маҷмуи бисёрнамудаи байнисоҳавии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ-маиширо қайд намуд, ки муҳиммии сайёҳиро чун соҳаи иқтисодиёти миллӣ муайян менамояд. Дар он арзишҳои моддии нав бунёд карда, дар шакли молҳои махсус фурӯхта мешаванд ва инчунин, хизматрасониҳо ба одамон ба ҷо оварда ва фурӯхта мешаванд. Вобаста ба ин, сайёҳӣ дорои маҷмуи вазифаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ мебошад.

Хусусияти дигари муҳимми сайёҳӣ он аст, ки чун маҷмуи бисёрнамудаи байнисоҳавӣ, маҷмуи хизматрасонии сайёҳиро ифода менамояд, ки он фарогири меҳмонхонаҳо, воситаҳои молиявӣ, объектҳо (нақлиётӣ, алоқа ва дигарҳо), ташкилотҳои хӯроки умумӣ, муассисаҳои дилхушӣ ва истироҳат, корхонаҳои равшаннамоӣ, тиҷоратӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва таъиноти дигарро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, вобаста ба зиёд будани ҷиҳатҳои хосси соҳаи сайёҳӣ чун объекти идоракунӣ он аз ҳама дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ба куллӣ фарққунанда мебошад ва ин ишорат ба он менамояд, ки менеҷерҳои ин намуди соҳибкорӣ бояд ҷиҳати мазкурро ба инобат гиранд ва ҳам усулҳои танзим ва ҳам таҷриба аз дигар соҳаҳои фаъолияти меҳнатиро дар он амалӣ намоянд.

Танзими хизматрасонии сайёҳӣ банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва назорати унсурҳои гуногуни сайёҳӣ барои таъмини самарабахши хизматро дар бар мегирад. Хусусиятҳои танзими хизматрасонии сайёҳӣ як қатор мулоҳизаҳоро дар бар мегирад, ки ба хусусияти динамикӣ ва бисёрҷанбаи бахши сайёҳӣ хосанд. Хусусиятҳои асосӣ инҳоянд:

1. Ба мизоҷ равонагардида. Танзими хизматрасонии сайёҳӣ ба фаҳмиш ва қонеъ кардани ниёзҳо ва афзалиятҳои муштариён (сайёҳон) аҳаммияти калон медиҳад. Қонеънамоии сайёҳон ҳадафи асосӣ буда, стратегияҳо барои беҳтар кардани таҷрибаи умумии сайёҳӣ тарҳрезӣ шудаанд.

2. Стандартҳои сифат ва хизматрасонӣ. Таъмини сифати баланди хизматрасонӣ яке аз хусусияти асосии танзими фаъолияту пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Танзим, муқаррарот ва нигоҳ доштани стандартҳои сифати хизматро аксар вақт тавассути аккредитатсия, сертификатсия ё барномаҳои кафолати сифат дар бар мегирад.

3. Гуногунрангии хизматрасониҳо. Идоракунии хизматрасониҳои сайёҳӣ бо доираи васеи хизматҳо, аз ҷумла ҷойгиркунӣ, нақлиёт, хатсайрҳо, фароғат ва ғайра сарукор дорад. Ҳамоҳангсозии ин хизматҳои гуногун барои эҷоди кори муътадил як ҷанбаи мураккаби танзим мебошад.

4. Идоракунии хавфҳо ва танзими пайёмадҳои он ва буҳронҳо. Идоракунии самаранок пешгӯӣ ва коҳишдиҳии хатарҳоро ба монанди офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулоддаи саломатӣ ё рӯйдодҳои геополитикиро дар бар мегирад. Нақшаҳои идоракунии буҳронҳо ва арзёбии хатар ҷузъҳои ҷудонашаванда мебошанд.

5. Мулоҳизаҳои устуворӣ. Танзими сайёҳӣ бештар ба устуворӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ин идоракунии муҳити зист, ҷалби ҷомеа ва таҷрибаҳои масъулиятноки сайёҳиро барои таъмини устувории дарозмуддати маконҳо, яъне дар баробари иқтидорҳои табиӣ бо мақсади ташкилу пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ, инчунин, ҳифзу нигоҳдошти муҳити табиирo дар бар мегирад.

6. Дурнамои глобалӣ. Хизматрасониҳои сайёҳӣ аксар вақт ҷанбаи байналмилалӣ доранд. Стратегияҳои идоракунӣ бояд тамоюлҳои ҷаҳонӣ, муқаррароти байналмилалӣ ва фарҳангҳои гуногуни сайёҳонро ба назар гиранд.

7. Рақамикунонӣ ва ҳамгироии технологӣ. Ҳамгироии рақамӣ як хусусияти асосӣ аст. Ин низомҳои фармоишии онлайн, замимаҳои мобилӣ, таҳлили дараҷаи хизмат ва дигар

технологияҳоро барои беҳтар кардани самаранокии амалиёт ва таҷрибаи умумии муштариён дар бар мегирад.

8. Ҳамкории шабакавӣ. Идоракунии хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳамкории тарафҳои гуногуни манфиатдорро ба мисли, мақомоти давлатӣ, соҳибкорон, ҷамоатҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бар мегирад. Ҳамкории шабакавӣ барои эҷоди ҳамкориҳои судманд ва ҳалли мушкилоти умумӣ муҳим аст.

9. Маркетинг ва таблиғ. Маркетинг ва таблиғи муассир яке аз хусусиятҳои муҳимми танзими хизматрасонии сайёҳӣ мебошанд. Танзими сайёҳӣ таҳия ва татбиқи стратегияҳои маркетингиро барои ҷалби сайёҳон бо истифода аз роҳҳои анъанавӣ ва рақамӣ дар бар мегирад.

10. Идоракунии захираҳои инсонӣ. Бо назардошти хусусияти меҳнатталабии соҳаи сайёҳӣ, идоракунии захираҳои инсонӣ як ҷанбаи муҳим аст. Ин ҷалб, таълим ва нигоҳ доштани мутахассисони соҳибкасби миллиро барои пешниҳоди хизматҳои босифат дар бар мегирад.

11. Инноватсия ва мутобиқшавӣ. Танзими сайёҳӣ бояд навоварона ва мутобиқшаванда бошад, то ба тамоюлҳои тағйирёбандаи бозор, пешрафтҳои технологӣ ва тағйирёбии афзалиятҳои истеъмолкунандагон вокуниш нишон диҳад.

12. Мутобиқати меъёрӣ. Риояи қоидаҳои дохилӣ ва байналмилалӣ низ хусусияти хосси танзими сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Он риояи стандартҳои бехатарӣ, қоидаҳои экологӣ ва дигар талаботи қонуниро дар бар мегирад.

13. Танзими маълумот ва таҳлил. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар қабули қарорҳо ҷиҳати танзим нақши муҳим мебозанд. Истифодаи маълумот барои таҳқиқоти бозор, фикру мулоҳизаҳои муштариён ва ченкунии самаранокӣ ба қабули қарорҳои муассир мусоидат мекунад.

14. Иштироки ҷомеа. Бо эътирофи таъсири сайёҳӣ ба ҷамоатҳои маҳаллӣ, идоракунии муассир муошират бо мардуми маҳаллиро дар бар мегирад. Ин метавонад ташаббусҳои рушди ҷомеа, кӯшишҳои ҳифзи фарҳанг ва таҷрибаҳои масъулиятноки сайёҳиро дар бар гирад.

15. Такмили доимӣ. Танзими сайёҳӣ як раванди муттасили арзёбӣ ва такмилдиҳӣ мебошад. Ин ҷустуҷӯи фикру мулоҳизаҳо, таҳлили фаъолият ва ворид кардани ислоҳҳоро барои баланд бардоштани самаранокии умумӣ дар бар мегирад.

Хусусиятҳои номбаргардида дар якҷоягӣ ба танзими бомуваффақияти сайёҳӣ тавассути мувозинати рушди иқтисодӣ, қаноатмандии муштариён ва таҷрибаҳои устувор мусоидат мекунанд, вале ҷараёни бароҳмонии танзим принсипҳо ва ё шартҳои худро дорад.

## М О Д Е Л И Р А В А Н Д Ҳ О И И Д О Р А Н А М О И И С О Ҳ А И С А Й Ё Ҳ Ӣ

| НАМУД | ТАВСИФИ МОДЕЛ | | ҶАНБАҲОИ МУСБАТ |
|---|---|---|---|
| Бозорӣ | Такя ба қувваҳои бозорӣ ва соҳавӣ мекунад. Ба дахолати давлат эътибор надода, ба корхонаҳо имконияти дар асоси динамикаи талаботи истеъмолгарон кор карданро фароҳам меоварад | Ба рақобат, самаранокӣ ва татбиқи инноватсияҳо мусоид мебошад | Саёҳии барзиёд, нохуб гардидани вазъи муҳити атроф ва таъсири манфӣ расонидан ба ҳимояи истеъмолгарон |
| Назоратӣ-маъмурӣ | Тадбирҳои ҷиддии идоранмоӣ ва мушорикати бевоситаи давлатро дар назар дорад, қоида ва низомномаҳои мушаххас аз ҷониби давлат вогузошта ва татбиқ мешаванд | Принсипҳо ва стандартҳои аниқу мукаммали идоракуниро доро мебошад, ки барои хуб идора намудани соҳа мусоид мебошад | Татбиқи инноватсияҳоро боздошта, захираҳои маъмурии зиёдро талаб мекунад. |
| Идоракунии муштарак | Равишҳои муштараки ҳам давлат ва ҳам иштирокчиёни дигари соҳаро ҳамгироӣ менамояд. Давлат қоидаҳои умумиро пешниҳод менамояду корхона ва ассотсиатсияҳои соҳавӣ сахми худро дар коркард ва таъмини иҷрои қоидаҳо мегузоранд | Ба фарогир гардидан, чандирият ва фавран аксуламал нишон додани соҳа мусоидат мекунад | Татбиқи инноватсияҳоро боздошта, захираҳои маъмурии зиёдро талаб мекунад |
| Худидоракунӣ | Корхонаҳо таҷрибаи худашонро истифода бурда, рафтор ва стандартҳои худашонро ҷорӣ менамоянд ва аз рӯйи он корбарӣ мекунанд | Ӯҳдадориҳои соҳавиро дастгирӣ менамояд ва ба муҳит фавран мутобиқ мегардад | Имконияти назорати иҷроиши ӯҳдадориҳо паст мегардад |
| Иштирок | Иштироки васеи шуроҳои маҳаллӣ, корхонаҳо ва сайёҳонро дар раванди қабули қарорҳо фароҳам оварда, талаб мекунад, ки санадҳои меъёрӣ талаботҳои ҳамаи тарафҳоро ба инобат гирад | Фарогирии шуроҳои маҳаллӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои онҳоро баланд мебардорад | Механизмҳои мураккаби самаранокии қарорҳои қабулмешударо талаб мекунад, ки он музокиротро мушкил мегардонад |
| DMO | Ташкилотҳо ва назорати фаъолияти сайёҳиро дар масофаҳо созмон медиҳад ва танҳо ба рушди устувори ин масофаҳо нигаронида мешавад | Татбиқи қоидаҳо ва стратегияҳои маконҳои мушаххасро ҷорӣ менамояд ва ба рушди сайёҳии устувор мусоида мекунад | Хислати самаранокии тарафҳои гуногунро талаб менамояд, ки дар натиҷа амалигардонӣ мушкил мегардад |
| Ҳавасмандгардонӣ | Ҳавасмандгардониҳо, субсидияҳо ва ё имтиёзҳои андозбандиро истифода мекунад, то корхонаҳо усулҳои уствурро татбиқ карда тавонанд. Риояи стандартҳои мушаххасро ҷонибдорӣ мекунад | Рафтори мусбатро ҷонибдорӣ намуда, корхонаҳоро барои сармоягузорӣ намудан ҳавасманд мегардонад | Самаранокӣ аз барномаҳои коркардмешуда ва ҳавасмандгардонӣ аз идора кардани онҳо вобаста мебошад |
| Идоракунии мантиқӣ | Фарогири равандҳои технологӣ буда, воситаҳои рақамиро барои таҳлили маълумотҳо ва технологияҳои ҳушмандро барои назорати фаъолияти сайёҳӣ татбиқ менамояд | Самранокӣ, назорат ва мутобиқшавиро баланд мебардорад | Сармоягузориҳои муайянро талаб мекунад ва аз лиҳози ифшои сирри шахсӣ шикастпазир мебошад |

Танзими сайёҳӣ аз маҷмуи принсипҳое, ки қабули қарорҳо, банақшагирӣ ва татбиқи соҳаи сайёҳиро роҳнамоӣ мекунанд, густариш меёбанд. Ин принсипҳо ба таъмини рушди устувор, таъсири мусбати иқтисодӣ ва некуаҳволии ҳам барои сайёҳон ва ҳам қабулкунандагони сайёҳон мусоидат мекунанд. Принсипҳои калидӣ, ки ба танзими сайёҳӣ таъсир мерасонанд, инҳоянд:

- субот, яъне пешбурди таҷрибаҳои сайёҳии устувор, ки таъсири манфии экологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро кам мекунанд. Ин саъю кӯшишҳо барои ҳифзи захираҳои табиӣ, ҳифзи гуногунрангии биологӣ ва дастгирии некуаҳволии ҷомеаро дар бар мегирад;
- эҳтиром ва ҳифзи фарҳанг, яъне танзими сайёҳӣ бояд фаъолиятҳоеро ташвиқ кунад, ки фаҳмиши фарҳангӣ, эҳтиром ба анъанаҳои маҳаллӣ ва мусоидат ба ҳифзи арзишҳои фарҳангиро мусоидат намояд;
- манфиатҳои иқтисодӣ ва рушди маҳаллӣ. Қобили зикр аст, ки сайёҳӣ ба ҷамоатҳои маҳаллӣ фоидаи иқтисодӣ меорад, яъне танзими сайёҳӣ бояд ба фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ва мусоидат ба рушди умумии иқтисодии макони таъинот мусоидат намояд;
- дастрасӣ ва фарогирӣ. Ин принсип густариши таъмини дастрасии хизматрасониҳои сайёҳӣ барои доираи васеи сайёҳони тамоми категорияҳоро инъикос менамояд. Принсипҳои фарогирӣ боиси он гардид, ки таҷрибаи сайёҳӣ барои ҳама лаззатбахш ва ҷолиб бошад;
- бехатарӣ ва амният, яъне дар раванди танзими сайёҳӣ бояд барои рафъи хатарҳои эҳтимолӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва бuҳронҳо ҳангоми таъмини некуаҳволии меҳмонон ва сокинон чораҳо андешида шавад.

Ин принсипҳо ба таври маҷмаавӣ ба танзими масъулиятнок ва устувори сайёҳӣ мусоидат намуда, ба натиҷаҳои мусбӣ барои самтҳои сайёҳӣ, тиҷорат ва инфрасохтори ҷамоатҳое, ки ба соҳаи сайёҳӣ машғуланд, мусоидат менамоянд.

Таҳқиқотҳои илмӣ собит менамоянд, ки дар тамоми кишварҳо инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими хизматрасонии сайёҳӣ вижагиҳои хосси худро дорад. Ҳукуматҳо ва ассотсиатсияҳои соҳаи сайёҳӣ аксар вақт стандартҳои сифатро барои хизматрасонии сайёҳӣ муқаррар ва татбиқ менамоянд, то пайваста болоравии сифат ва қаноатбахшро барои сайёҳон таъмин кунанд. Дар баробари ин, иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсияи корхонаҳои сайёҳӣ вобаста ба шакл ва сифати хизматрасонии пешниҳодшаванда сурат мегирад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 296 ширкатҳои сайёҳӣ амал мекунанд, ки фаъолияти худро дар доираи санадҳои қабулшуда ба роҳ мондаанд ва ҷараёни фаъолияти онҳо аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои дар самти хизматрасонии сайёҳӣ фаъолияткунанда вазифадор карда шудаанд, ки қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ва ҳимояи истеъмолкунандагонро тавассути таъмини шаффофият, нархгузории одилона ва шарту шароитҳои возеҳ ба роҳ монанд.

Инчунин, вобаста ба он, ки дар таъмини пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии маҳалҳо нақши сайёҳӣ бузург аст ва яке аз вижагиҳои махсуси ин шакли хизматрасонӣ ба шумор меравад. Ҳукуматҳо ва мақомоти маҳаллӣ дар банақшагирии идоракунии самтҳо, танзими рушди умумии самтҳои сайёҳӣ барои мувозинат додани манфиатҳои иқтисодӣ бо масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ҷалб карда мешаванд. Дар ҷараёни татбиқи нақшаҳои танзими хизматрасонии сайёҳӣ, баъзе қоидаҳо иштироки ҷамоатҳои маҳаллиро дар банақшагирии сайёҳӣ ва қабули қарорҳо ташвиқ карда мешаванд, то, ки манфиатҳои онҳоро ба назар гиранд. Яке аз ҷузъҳои муҳим дар ин самт танзими платформаҳои рақамӣ мебошад, ки бо пайдоиши платформаҳои бронкунии онлайн ва маркетинги рақамӣ, қоидаҳо метавонанд масъалаҳои марбут ба рақобати одилона, ҳифзи истеъмолкунандагон ва махфияти маълумотро дар фазои рақамӣ ҳал кунанд.

Хулоса, танзими самараноки хизматрасонии сайёҳӣ, ин ба даст овардани мувозинат байни мусоидат ба рушди саноат ва таъмини некуаҳволии сайёҳон, ҷомеаҳои маҳаллӣ ва муҳити зист мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Ёров Ҷ.Н.**

**АДАБИЁТ**

1. Балаева Д.А. К вопросу стратегического планирования предприятий туристской отрасли / Д.А. Балаева, А.К. Дзарасова // В сб.: Закономерности и тенденции развития науки в современном обществе. Сб. статей Международной научно-практической конференции. В 3 ч. – 2016. -С.13-15.
2. Барышев А.Ф. Маркетинг в туризме и гостеприимстве / А.Ф. Барышев. -М.: Финансы и статистика, 2007. -160 с.
3. Бегматов З.Р. Рекреационный потенциал водного фонда Таджикистана и его экономико-географическая оценка: дисс. на соиск. уч. степени кандидата географических наук / З.Р. Бегматов. -Душанбе, 2019. -220 с.
4. Бехешти С.С. Формирование и развитие горного туристского комплекса (на материалах Юго-Восточного Таджикистана): автореф. дис...канд. геогр. наук / Бехешти Сейедахмад Сейеднасер. -Душанбе, 2018. -145 с.
5. Диловаров Р. Некоторые социально-экономические аспекты развития туризма / Р. Диловаров, Ш.Я. Курбонов, А. Негматов // Материалы научно-практической конференции на тему «Развитие туризма как фактор социально-экономического продвижения Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы» (30 июня 2018). – 2018. -С.60-65.
6. Ёров Дж.Н. Влияние туризма на развитие сельских территорий Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы. Монография / Дж.Н. Ёров. –Душанбе, 2021.
7. Ёров Дж.Н. Эффективность сельского туризма и его влияние на развитие сектора АПК (на материалах Республики Таджикистан): дисс. на соиск. уч. степени кандидата экономических наук / Дж.Н. Ёров. -Душанбе, 2009. -164 с.
8. Кабисов М.Е. Туристско-рекреационное развитие региона: инвестиционный компонент / М.Е. Кабисов, Д.А. Балаева, А.К. Дзарасова // В сб.: Закономерности и тенденции развития науки в современном обществе. Сб. статей Международной научно-практической конференции. В 3 ч. - 2016. -С.11-13.
9. Қурбонов Ш.Я. Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). Рисолаи номзади илмҳои иқтисодӣ / Ш.Я. Қурбонов. -Душанбе, 2020. -131 с.
10. Устюгова Е.В. Туристский продукт и туристские услуги / Е.В. Устюгова, Т.О. Попова // Вестник Института бизнеса и политики. -М., 2018.

## ВИЖАГИҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ САЙЁҲӢ ВА ТАНЗИМИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба баррасии вижагиҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва танзими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити муосир сайёҳӣ ҳамчун яке аз фишангҳои мусоидаткунанда ба рушди иқтисодӣ, маҳсуб меёбад. Сайёҳӣ аз нигоҳи иқтисодӣ асосан дар шакли хизматрасонӣ зоҳир мегардад, ки он ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти инсон равона шудааст ва самараи нафъовар дорад. Ҷараёни амалигардонии ин гуна хизматрасониҳо бевосита ба худи инсон ва ҳам ба шароите нигаронида шудааст, ки инсон дар он қарор дорад. Таҳқиқотҳои илмӣ собит менамоянд, ки дар тамоми кишварҳо инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими хизматрасонии сайёҳӣ вижагиҳои хосси худро дорад. Ҳукуматҳо ва ассотсиатсияҳои соҳаи сайёҳӣ аксар вақт стандартҳои сифатро барои хизматрасонии сайёҳӣ муқаррар ва татбиқ менамоянд, то пайваста болоравии сифат ва қаноатбахшро барои сайёҳон таъмин кунанд. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки танзими самараноки хизматрасонии сайёҳӣ ин ба даст овардани мувозинат байни мусоидат ба рушди саноат ва таъмини некуаҳволии сайёҳон, ҷомеаҳои маҳаллӣ ва муҳити зист мебошад.

**Калидвожаҳо:** хизматрасониҳои сайёҳӣ, пешниҳоди хизматрасонӣ, истеъмол, ташкили сайёҳат ба маконҳои фарҳангию таърихӣ, пешниҳоди хатсайрҳои экологию экстремалӣ.

## ХАРАКТЕРИСТИКА ТУРИСТИЧЕСКИХ УСЛУГ И ИХ РЕГУЛИРОВАНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена рассмотрению особенностей туристических услуг и их регулированию в Республике Таджикистан. Автор отмечает, что в современных условиях туризм рассматривается как один из рычагов, способствующих экономическому развитию. С экономической точки зрения, туризм выступает преимущественно в виде услуг, которые направлены на удовлетворение потребностей человека и имеют благотворный эффект. Процесс реализации таких услуг напрямую ориентирован на самого человека и на условия, в которых он находится. Научные исследования доказывают, что во всех странах, а также в Республике Таджикистан, регулирование туристических услуг имеет свои особенности. Правительства и туристические ассоциации часто устанавливают и обеспечивают соблюдение стандартов качества туристических услуг, чтобы обеспечить постоянное улучшение качества и удовлетворенности туристов. Автор приходит к выводу о том, что эффективное регулирование туристических услуг заключается в достижении баланса между содействием развитию промышленности и обеспечением благополучия туристов, местного сообщества и окружающей среды.

**Ключевые слова**: туристические услуги, предоставление услуг и их потребление, организация путешествий по культурно-историческим местам, предложение экологических и экстремальных маршрутов.

## CHARACTERISTICS OF TOURIST SERVICES AND ITS REGULATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the consideration of the features of tourism services and their regulation in the Republic of Tajikistan. The author notes that in modern conditions tourism is considered as one of the levers promoting economic development. From an economic point of view, tourism acts primarily in the form of services that are aimed at meeting human needs and have a beneficial effect. The process of implementing such services is directly focused on the person

himself and the conditions in which he finds himself. Scientific research proves that in all countries, as well as in the Republic of Tajikistan, the regulation of tourism services has its own characteristics. Governments and tourism associations often set and enforce quality standards for tourism services to ensure continuous improvement in the quality and satisfaction of tourists. The author concludes that effective regulation of tourism services involves striking a balance between promoting industrial development and ensuring the well-being of tourists, the local community and the environment.

**Keywords:** tourist services, provision of services and their consumption, organization of trips to cultural and historical places, proposal of environmental and extreme routes.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Юнусов Талабшо Абдулваҳобович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **937-02-04-05; 102-04-70-70**

**Сведения об авторе:** ***Юнусов Талабшо Абдулвахобович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономической географии и туризма. **Адресс**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **937-02-04-05; 102-04-70-70**

**Information about the author:** ***Yunusov Talabsho Abdulvakhobovich*** - Tajik National University, assistant of the department of economic geography and tourism. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **937-02-04-05; 102-04-70-70**

ТДУ: 335.26.5.

# ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ

*Ахмедов Д.Ҳ., Ятимзода Хуршед Мардон*
**Инситутути иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

Ҷанбаҳои методологию назариявии коркарди маҳсулоти боғу токпарварӣ дар вақтҳои охир мавриди омӯзиши олимони соҳа қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки барои омӯзиши масъалаҳои зерин натанҳо ақидаи олимони дохилӣ, балки ақидаи олимони хориҷӣ инчунин, дигар тарафҳои соҳаи мазкур маврид баррасӣ қарор гирифтааст.

Оид ба мафҳуми методологии коркарди маҳсулот ва ҳамзамон ҳамгироии он бояд ҳамчун як намуди мутавассити ҳамкории корхонаҳо дарк карда шавад, ки дар байни муносибатҳои дарозмуддат, шартномавӣ ва моликияти пурра қарор дорад. Дар комплекси агросаноати аз бастани шартномаҳои гуногуни байни корхонаҳо, ки дар занҷири ягонаи технологии истеҳсоли маҳсулот қарор дорад, оғоз меёбад, ки дар фаъолияти муштарак манфиатдор мебошад. Дар байни шаклҳое, ки ҳамгироии сохта ба даст меорад, ҳам ояндадор (лизинг, франчайзинг) ва ҳам боздорандаи рушди истеҳсолоти агросаноатиро (маҳдудияти буҷавӣ, бартер-мубодила, толлинг) метавон ҷудо намуд. Давраи хотимавии коркарди маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ муттаҳид кардани корхонаҳо бо ташкили занҷири ягонаи технологии ташаккули арзиши иловашуда мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии хоҷагидории соҳаҳои КАС мусоидат мекунад.

Методологияи коркарди маҳсулоти соҳаи мазкур бо вазифаҳои воситаҳои асосии банақшагирии барномавию мақсаднок ва идоракунӣ дар доираи сиёсати минтақавии агросаноатӣ бо мақсади истифодаи комплекси ҷузъи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа пурра мекунад. Қайд кардан зарур аст, мақомотҳои идоракунии минтақавӣ ва олимон-иқтисоддонҳо ташаккули коркарди маҳсулоти соҳаро ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди минтақаҳо ба ҳисоб намегиранд, аммо ба онҳо аз сабаби муҳиммияти таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар ва зарурати баланд бардоштани шуғл дар минтақа, инчунин, тавсеаи пойгоҳҳои андоз аҳаммияти махсус медиҳанд.

Методологияи рушди коркарди маҳсулоти боғу токпарварӣ аз инҳо иборат мебошад:

- баланд бардоштани истифодаи донишҳои ташаккулёфта;
- ташкили намудҳои нави ҳамкории асоснок дар соҳаи боғу токпарварӣ.

Дар мисоли давлатҳои иқтисодии рушдкарда, аҳаммияти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодиро метавон пайгирӣ намуд. Ҳамин тавр, ташаккули методологии коркарди маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ дар Фаронса дар солҳои 1950-1960 бо кори гурӯҳи соҳаҳо дар ҳайати сохторҳои он машҳур шуд, ки ба ташаккули самараи синергетикӣ дар соҳаи шуғл, равандҳои сармоягузорӣ ва суръатбахшии интиқоли технологияҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёти Фаронса таъсири мусбӣ расонид.

Ҳудуди фазои иқтисодии минтақавӣ, ки корхонаҳои кишоварзӣ дар он ҷо ҷойгиранд, ба сифати самти консентратсияи омилҳои истеҳсолот ва захираҳои молиявӣ амал мекунанд, ки бозгашти самараноки сармоягузориҳоро дар ҳудуди ин минтақа таъмин менамояд. Интегратсияи (ҳамгироии) корхонаҳои КАС самтҳои рушди иқтисодиро ташаккул медиҳад. Дар ин ҷо сармоя бояд ба ҷойи тақсимоти он ба ҳамаи корхонаҳои комплекси хоҷагидорӣ сармоягузорӣ карда шавад.

Самтҳои рушд – ноҳияи хеле мусоид барои захираҳо, мавқеи ҷуғрофӣ, иқтидори сармоягузорӣ ва самаранокии боздеҳии сармоягузорӣ мебошад. Таҷҳизонидани самти афзоиш бо иншооти инфрасохторӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ онро ба маркази рушд табдил медиҳад. Ду намуди асосии марказҳои рушдро метавон баррасӣ намуд: марказҳое, ки сармоягузории захираҳои иқтисодиро аз маркази калон оғоз мекунанд ё муттаҳидкунандаи марказҳои хурд дар ноҳияҳои таназзули кишоварзӣ; модернизатсияи ояндаи онҳо ва тезонидани рушди иқтисодӣ.

Ҷ.Фридман чаҳор марҳилаи рушди методологияи марказҳои коркарди маҳсулотро шаҳр додааст:

1) мавҷудияти шумораи зиёди ядрои маҳаллӣ, ки ба ҳудудҳои дар наздикии онҳо қарордошта таъсири ночиз мерасонад;

2) ҷудокунии яке аз ядрои қавӣ, ки самти афзоишро инкишоф дода таъсир мерасонад;

3) ташаккул додани рушди асосии сохтори ба соҳаҳои муқобил мусоидат кунанда;

4) муттаҳид намудани сохтори ягонаи соҳаҳои таъсиррасон ва рушдкунанда.

Самти рушд, маҷмуи ягон соҳаҳо фаҳмида шуда, инчунин, рушди марказҳои ҷуғрофӣ ва афзоиши маҳсулоти он.

Ядрои иқтисодӣ, ин ба рушди шумораи зиёди ҷузъи боқимондаи низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ кумак мерасонад. Элементҳои асосии иқтисодӣ дар асоси параметрҳо интихоб карда мешаванд: нишондиҳандаҳои аслии иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои фоида ва даромаднокӣ, коэффитсиенти муомилоти сармояи гардишӣ, динамикаи шуғли аҳолӣ, тағйирёбии талаботи маҷмуӣ ва ғайра.

Барои амаликунии бомуваффақияти модели кластерии соҳаи агроосаноатӣ ва рушди он дар минтақа ҳамкории доимии ҳамаи ҷузъҳо – корхонаҳои шаклҳои гуногуни ташкилӣ, мақомоти ҳокимият, ташкилотҳои инфрасохторӣ, илм, системаи маълумоти ибтидоии касбӣ, воситаҳои ахбори умум ва ғайра зарур аст. Ҷанбаҳи дигари методологияи коркарди он аз омилҳо афзоиши талаботи пардохтпазири аҳолӣ ва дурнамои дарозмуҳлат вобастагӣ дорад.

Вазифаҳои таъмини корхонаҳои соҳаи саноати хӯрокворӣ бо ашёи хом ва босифат истифодаи оқилонаи захираҳои растанӣ дар ҷумҳурӣ ва коркрди оқилонаи он дар соҳаи дорусозӣ нақши муҳим дорад. Қайд менамоем, ки ташкили марказҳои коркарди маҳсулоти соҳа дар шаҳрҳои Кулоб, Бохтар Ҳисор, Душанбе, Хуҷанд, Хоруғ ва ноҳияи Рашт ба роҳ монда шавад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти мева, буттамева, ангур ва дигар навҳои ҳосили растаниҳо дар ин шаҳрҳо коркард шуда, ба аҳолӣ дастрас менебошад.

Шаҳри Душанбе дар айни замон маркази илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Корхонаҳои шаҳри Душанбе беш аз 20% маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро истеҳсол мекунанд, ки зиёда аз нисфи онҳо - илмталаб мебошанд. Дар наздикии шаҳр бисёре аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ - таъминкунандагони ашёи хом барои корхонаҳои истеҳсолӣ мавҷуданд.

Барои рушди коркарди маҳсулоти соҳаи боғу токарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, омодасозии кадрҳои худии бадландихтисос зарур мебошад, бояд ба он Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дастрасӣ дошта бошад. Инчунин, омили муҳиме, ки имконияти ташкили омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисони ихтисоси зарурӣ дар асоси эҳтиёҷоти бозори меҳнат дар заминаи мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ мебошад, таъмин менамояд.

Таъминоти амнияти озуқаворӣ дар шароити имрӯза яке аз самтҳои муҳимтарини рушди кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, он дар ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат нақши муҳимро мебозад. Ин, ҳолат пеш аз ҳама, дар он муайян мешавад, ки вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла, кишоварзӣ ва рушди самараноки фаъолияти он таъминоти амнияти озуқавориро муайян намуда, мамлакате, ки системаҳои маҳсулоти асосии хӯрокиро таъмин карда наметавонад, рушди комплекси озуқавории ватаниро маҳдуд намуда, боиси зиёд гардидани воридоти маҳсулоти асосии хӯрока ва сабаби баландшавии сатҳи талабот ба онҳо мегардад.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми бехатарии озуқаворӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри гузашта, баъди бухрони амиқи маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи ФАО (Ташкилоти байналхалқии кишоварзӣ ва озуқаворӣ) дохил карда шуд. Маълум аст, ки маҳсулоти кишоварзӣ, ин манбаи асосии таъминоти озуқа дар ҷаҳон буда, дар ҷумҳурии мо он ҳамчун маводи асосии хӯрока ба ҳисоб меравад ва мутобиқи ташкилоти ФАО, ин маҳсулот ҳамчун эталони мушоҳидаи баланси озуқаворӣ қабул шудааст. Бехатарии озуқаворӣ мафҳуми нисбатан васеъро дар бар гирифта, мазмуни онро бо чунин тарз шарҳ додан мумкин аст: ба миқдори кофӣ вуҷуд доштан ва ба таври воқеӣ дастрас будани озуқавории бехавф, мувофиқат намудани он ба ратсиони меъёрии хӯрока, ҳис намудани масъулият барои таъминоти бехатарии озуқавории давлат ва ҳар як шаҳрванди алоҳида, таъминоти иқтисодӣ ва физикии сатҳи зарурии истеъмоли хӯрока, таъмин намудани сарчашмаи талабот бо маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом, озуқа ва ғайра.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ноҳияҳо ва умуман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрока дар шароити ҳозира, талаботи меъёри хӯрокаи истеъмолиро қонеъ карда наметавонад.

Маҳз ҳамин муаммоҳои дар боло овардашударо ба эътибор гирифта Асосгузори сулҳу вҳдати миллӣ – Пеншвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар маҷлиси ҳукуматие, ки 20 апрели соли ҷорӣ баргузор гардид, тамоми роҳбарони корхонаю ташкилотҳо, бахусус хоҷагиҳои кишоварзӣ (хоҷагиҳои давлатию коллективӣ, хоҷагиҳои, наздиҳавлигии шахсӣ ва ғайра)-ро ба ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаи ҳамзамон мубрами рӯз даъват намуд. инчунин, ӯ қайд карда, таъкид намуд, ки новобаста аз болоравии нархи маҳсулоти кишоварзию саноатӣ ва масолеҳи сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ ва тамоми дунё, аз ҳар як шахсони мутасаддӣ ва роҳбарони хоҷагиҳо талаб карда мешавад, ки роҳҳои ҳалли ин масъаларо пешгирӣ намуда, таъминоти амнияти озуқавориро дар якҷояги ба амал бароварда тавонем. Ба ақидаи Президенти мамлакат барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, бахусус таъминоти амнияти озуқаворӣ истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои заминро ба роҳ монда, дар як сол тавонем то ду, се ҳосил ва аз ин ҳам зиёд ба даст дарорем. Ӯ инчунин қайд кард, ки дар он ҷойҳое, ки баландшавии обҳои зеризаминӣ ба мушоҳида мерасад, кишти зироати шолиро ба роҳ монда, ба ин васила метавонем, самараи дутарафаро ба даст дарорем, яъне ҳам дилхоҳ ба даст даровarда ва ҳам то қадре ҳам бошад роҳи баландшавии сатҳи обҳои зеризаминиро пешгирӣ намоем. Ба фикри мо, он муаммоҳое, ки имрӯзҳо Президенти мамлакат масъалагузорӣ намуданд, дар айни замон яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами рӯз ба шумор рафта, ҳалли амалии ҳамаҷонибаи онҳо метавонад то қадре ҳам бошад ба рушди истехсолоти кишоварзӣ такони ҷиддӣ бахшида, ба таъминоти амнияти озуқаворӣи мамлакат мусоидат намояд.

Дар доираи татбиқи ҳадафи гузошташуда, вазифаҳои асосии амаликунии соҳаи боғу токпарварӣ инҳо мебошанд: Ташаккули шароит барои рушди муташаккилу самараноки соҳа, аз ҷумла таҳияи стратегияи рушди коркарди маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ, ки бартарафсозии «ҷойҳои маҳдуд» ва маҳдудиятҳоро таъмин мекунад, ки рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшударо дар доираи занҷири истеҳсоли арзиши иловашуда, инчунин, таъминкунандаи афзоиши афзалиятҳои рақобатии иштирокчиёни он вайрон месозад;

-таъмини дастгирии самараноки коркарди соҳаҳои боғу токпарварӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии иштирокчиён бо назардошти афзалиятҳои рушди коркард равона карда шудааст;

-ҷалби лоиҳаҳои сармоягузориҳо, аз ҷумла захираҳои молиявии Фонди сармоягузории ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

-дастгирӣ ва имтиёзҳои давалатӣ барои рушди соҳибкорони хурд ва миёнаи соҳаи боғу токпарварӣ;

-татбиқи сиёсати кадрҳо, аз ҷумла баланд бардоштани самаранокии системаи таҳсилоти касбӣ, мусоидат ба рушди ҳамкориҳои байни корхонаҳо ва ташкилотҳои таълимӣ.

Таъмини дастгирии самарабахши методӣ ва иттилоотию машваратии дар сатҳи минтақавӣ аз 4 марҳила иборат мебошад.

- якум, таҳлили заминаи методологии коркарди маҳсулот, арзёбии ҳадафҳои иштирокчиёни имконпазир, мавҷудияти сармоя ва захираҳои зарурӣ, таҳлили дурнамои рушди минбаъдаи корхонаҳо-иштирокчиён;

- дуюм, таҳқиқотҳои маркетингӣ, таҳлили бозори маҳсулоти мева, буттамева ва ангур, талабот ва пешниҳоди динамикаи нархи маҳсулот, арзёбии рақибон ва афзалиятҳои рақобатии корхонаҳоро дар бар мегирад.

- сеюм, ҷанбаи иқтисодӣ, сохтори хоҷагии минтақавӣ ва махсусгардониии он, сатҳи таваррум, сиёсати андоз ва молиявӣ, қобилияти харидории аҳолӣ, ҷанбаи табиӣ - иқлим, мавҷудияти захираҳои ашёи хом, экология;

- чорум, ҷанбаи сиёсӣ сохтори иҷтимоию сиёсӣ, сатҳ, хусусиятҳо ва дараҷаи иҷрои қонунгузорӣ, ҷанбаи технологӣ стандартҳои нави истеҳсол ва истеъмолотро муқаррар менамояд.

Хулоса, чалби ҳамаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ ба муносибатҳои бозорӣ вобастагии зич дошта, барои фароҳам овардани шароити баробари рақобат; сохторҳои хоҷагидорӣ, ки дар деҳот бо захираи маҳсулоти боғу токпарварӣ ва таъмини онҳо бо захираҳои зарурӣ бо нархҳои муфид машғул буда, инчунин, ҳадафи ягона барои корхонаҳои асосии соҳа, самтгирии ҳамаи иштирокчиён дар занҷири истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти боғу токпарварӣ, барои ба даст овардани самараи иқтисодӣ бо назардошти харочотҳои воқеӣ, ки ҳамаи иштирокчиёнро шахсан дар баланд бардоштани сатҳи боғдорӣ ҳавасманд месозад.

**Муқарриз: д.и.и., профессор, академик ИИТСРК АИКТ – Пиризода Ҷ.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Ахмедов Д.Х. Проблемы эффективности садово-виноградарческого подкомплекса Таджикистана. Монография / Д.Х. Ахмедов, Бобоазиззода Ш.А. –Душанбе, 2019. -128 с.
2. Ахмедов Д.Х. Ҷанбаҳои ташкили-иқтисодии соҳаи боғу токпарварӣ ва кластеркунонии он / Д.Х. Ахмедов. -Душанбе, 2023. -С-90-112.
3. Ахмедов Д.Ҳ. Механизми рушди устувори боғу токпарварӣ дар вилояти Хатлон / Д.Х. Ахмедов, Бобоазиззода Ш.А. // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ. – 2015. -№5(66). -С.110-114.
4. Богданова Е.А. Эволюция интегрированных форм хозяйствования в агропромышленном комплексе: формирование кластерных систем: дис....канд. экон. наук / Е.А. Богданова. -Орёл, 2007. -135 с.
5. Бондарев В.П. Индустриальная технология возделывания высокоштамбовых широкорядных виноградников / В.П. Бондарев, И.А. Суятинов // Пути решения продовольственной программы в виноградарстве: Сб. научн. тр. ВНИИ виноградарства и виноделия «Магарач». - 1985. -Т. 22. -С.9-20.
6. Долгошей Г. Экономический механизм межхозяйственной кооперации и агропромышленной интеграции / Г. Долгошей // Экономика сельского хозяйства. - I98I. -С.80-87.
7. Курски Л. Интеграционные связи между сельским хозяйством и перерабатывающей промышленностью в ЧССР / Л. Курски, Я. Брунцвик // Экономика сельского хозяйства. –Садоводство, 1965. -Грозный, 1983. -С.81-83.
8. Мадаминов А.А. Состояние и развитие продуктов растениеводства в Республике Таджикистан / А.А. Мадаминов, Бобоазиззода Ш.А., Д.Х. Ахмедов // Сборник научных статей. Теоретический и научно-практический журнал «Земледелец» Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемура. -Душанбе, 2018. -№4. –С.170-175.
9. Махмадиев, Ф.Б. Формирование и развитие кластеров в АПК Республики Таджикистан / Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/3(201). – С. 56-60.
10. Махмудова Ш.Х. Формирование и развитие рынка садоводческой продукции Республики Таджикистан: диссертация / Ш.Х. Махмудова. –Душанбе, 2009. -81 с.
11. Музаффаров, Б.С. Некоторые методологические подходы к организации агрокластеров / Б.С. Музаффаров, М. Курбонов, Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – № 2/3(111). – С. 53-57.
12. Рахимов Ш. Состояние и перспективны развития виноградарства в Узбекистане. [Электронный ресурс]. URL: www. Ifc.uz/cbeddce.
13. Садриддинов Н.Т. Роль садово-виноградарческого комплекса а республике / Н.Т. Садриддинов // Кишоварз. – 2016. -№1. –С.65-67.
14. Серова Е.В. Аграрная экономика. Оценка экономической эффективности садоводства / Е.В. Серова. –М., 1995. -506 с.
15. Устойчивое развитие сельских территории. Вопросы стратегии и тактики / В.М. Баутин, В.В. Козлов [и др.]. -М: ФГНУ Росинформагротех, 2004. -312 с.
16. Шарифов З.Р. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного механизма АПК / З.Р. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2008. -359 с.
17. Эргашов А.Э. Современные формы становления и развития многообразия форм собственности в аграрном секторе экономики / А.Э. Эргашов, А.С. Исмаилов. -Душанбе, 2004. -188 с.


## ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ


Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои методоогии коркарди маҳсулоти боғу токпарварӣ аз нуқтаи назари таҳқиқотҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст, инчунин, таҳлили заминаи методологии коркарди маҳсулот, арзёбии ҳадафҳои иштирокчиёни имконпазир, мавҷудияти сармоя ва захираҳои зарурӣ, таҳлили дурнамои рушди минбаъдаи корхонаҳои коркардкунандаи маҳсулоти соҳаи боғу токпарварӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назари таҳқиқот дур нагаштааст. Ёдовар мешавем, ки таҳқиқотҳои маркетингӣ таҳлили бозори маҳсулоти мева, буттамева ва ангур, талабот ва пешниҳоди динамикаи нархи маҳсулот, арзёбии рақибон ва афзалиятҳои рақобатӣ, коркарди аввалияи маҳсулоти соҳа дар корхонаҳо коркард шуда, яке аз ҷанбаҳои асосии методологии таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Инчунин, яке аз роҳҳои рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани ҳолати кунунии соҳа буда, дар оянда барои рушди он чи корҳоро анҷом намудан зарур аст, мавриди таҳлили илмӣ мебошад. Ҳамзамон, ҳадафи ягона барои корхонаҳои асосии соҳа, самтгирии ҳамаи

иштирокчиён дар занҷири истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти боғу токпарварӣ барои ба даст овардани самараи иқтисодӣ бо назардошти хароҷотҳои воқеӣ мебошад.

**Калидвожаҳо: методология,** боғдорӣ, токпарварӣ, маҳсулот, коркард, мева, нарх, корхонаҳои коркард, истеҳсолот, амнияти иқтисодӣ.

**МЕТОДОЛОЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПЕРЕРАБОТКИ САДОВО- ВИНОГРАДНИЧЕСКОЙ ПРОДУКЦИИ**

В данной статье рассмотрены методологические аспекты переработки садово- виноградничеcкой продукции, с точки зрения научных исследований, а также проведен анализ методологической основы переработки продукции, оценка целей возможных участников, наличия капитала и необходимых ресурсы, анализ дальнейших перспектив развития садоводческой отрасли и решение перерабатывающих предприятий в условиях Республики Таджикистан. Напоминаем, что маркетинговые исследования, анализ рынка плодово-ягодной и виноградной продукции, спроса и предложения, динамики цен на продукцию, оценка конкурентов и конкурентных преимуществ, первичная переработка продукции отрасли на действующих предприятиях являются одними из основных методических аспектов исследования. Также одним из путей развития отрасли садоводства и виноградарства в Республике Таджикистан является, прежде всего, научное обоснование современного состояния отрасли, а то, что необходимо сделать для дальнейшего развития, подлежит научному анализу. При этом единственной целью для основных предприятий отрасли являются ориентация всех участников цепочки производства и реализация продукции садоводства с целью достижения экономического результата с учетом фактических затрат.

**Ключевые слова:** методология, садоводство, виноградарство, продукция, переработка, плоды, цена, перерабатывающие предприятия, производство, экономическая безопасность.

**METHODOLOGICAL ASPECTS OF PROCESSING GARDEN AND VINEYARD PRODUCTS**

In this article, the methodological aspects of horticultural product processing from the point of view of scientific research are discussed, as well as the analysis of the methodological basis of product processing, the assessment of the goals of possible participants, the availability of capital and necessary resources, the analysis of the future development prospects of horticultural industry solution processing enterprises in the conditions Today, the Republic of Tajikistan is not far from the research. We remind you that marketing research, analysis of the market of fruit, berry and grape products, demand and supply of product price dynamics, assessment of competitors and competitive advantages, initial processing of industry products in working enterprises is one of the main methodological aspects of the research. Also, one of the ways to develop the field of horticulture and viticulture in the Republic of Tajikistan is, first of all, scientific justification of the current state of the field, and what needs to be done for the future development is subject to scientific analysis. At the same time, the only goal for the main enterprises of the sector is the orientation of all participants in the chain of production and sale of horticulture products to achieve economic results, taking into account the actual costs.

**Keywords:** methodology, horticulture, viticulture, product, processing, fruit, price, processing plants, production, economic security.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ахмедов Давлатали Ҳайталиевич*** – Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар КАС. **Суроға**: 734049, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ҳаёти-Нав, 306. Телефон: **(+992) 931-71-11-99**. E-mail: **davlat_1118@mail.ru**
***Ятимзода Хуршед Мардон*** **-** Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини Президент. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33

**Сведения об авторах:** ***Ахмедов Давлатали Хайталиевич*** – Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства ТАСХН, кадидант экономических наук, доцент, зав.отделом изучения и мониторинга инвестиций в АПК. **Адрес:** 734049, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **(+992) 931-71-11-99.** E-mail: **davlat_1118@mail.ru**
***Ятимзода Хуршед Мардон*** **–** Академии сельскохозяйственных наук Таджикистана, кандидат экономических наук, заместитель президента. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33

**Information about the authors:** ***Akhmedov Davlatali Khatalievich*** **–** Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development, TAASKhN, candidate of economic sciences, associate professor, head of the department for studying and monitoring investments in the agricultural sector. **Address:** 734049, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Khayoti-Nav street, 306. Phone**: (+992) 931-71-11-99.** E-mail: **davlat_1118@mail.ru**
***Yatimzoda Khurshed Mardon*** **–** Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Deputy President. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33

ТДУ: 33

# ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

*Холматова Д.А.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Маълум аст, ки таъминоти рушди иқтисодии муътадил ва самаранок чи дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва чи дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ аз татбиқи сиёсати иқтисодии самараноки давлат оид ба истифодабарии омилҳои дохилӣ ва беруна вобастагии қавӣ дорад. Зеро мавҷудият ва таъсири чунин омилҳо, пеш аз ҳама, ба рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони дохилӣ, афзоиши ҳаҷми барориш дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ ба назар мерасад. Дар чунин шароит, коркарди стратегияи рушд ба масъалаи муҳим мубаддал гардида, он дар сатҳи давлат афзалиятнок эътироф карда мешавад.

Маълум аст, ки рушди иқтисодӣ ин таърихи истифодабарии афзалиятҳои мавҷудбуда ба ҳисоб нарафта, балки таърихи бартарафсозии шароити номусоид ба ҳисоб меравад [9,с.108-120].

Ба ақидаи Горев В.П. “ҳангоми муносибати оқилона, ҳодисаҳои бухронӣ дар ибтидо метавонанд барои ташаккулёбии заминаҳо барои рушди инноватсионӣ ва тағйиротҳои прогрессивӣ мусоидат намоянд. Ба ғайр аз ин, рақобат имконият медиҳад, ки чунин қобилиятҳои хоҷагидорӣ кушода дода шаванд, ки онҳо бе муносибати кофӣ ба онҳо пӯшида боқӣ мемонданд” [4,с.74-80].

Афзоишёбии қувваҳои истеҳсолкунандаи миллӣ аксар вақт бо зарурати таъсиси иқтидорҳои дохилӣ барои истеҳсоли маҳсулот алоқаманд мебошанд, ки барои ҳалли мушкилоти фарқгузории сохторҳои хоҷагидорӣ ва дастрасии худтаъминкунии иқтисодиёт бо молҳои зарурӣ, захираҳои стратегӣ ва техникаву технологияҳои нав равона карда мешаванд.

Бинобар ин, дастгирии истеҳсолоти молҳо дар дохили мамлакат ва ҳимояи молистеҳсолкунандагони дохилӣ аз рақибони беруна дар ҳама марҳилаҳои рушди онҳо аз тарафи ҳама таҳқиқотчиён дастгирӣ карда мешавад. Сиёсати садои озод метавонад натиҷаҳои назаррасро дар марҳилаи рушди муваффақонаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ таъмин намояд, зеро барои корхонаҳо ва соҳаҳои инкишофёбанда бозорҳои нави фурӯш лозим мегарданд [8,с.65-77].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки хислати хосси муносибатҳои иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба рушд аз ҳамдигар бо мавқеи ишғол намуда фарқият дорад. Аз ҳамин сабаб, сиёсати савдои озод барои мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ пурра мутобиқат намуда, истифодабарии стратегияи воридотивазкунӣ барои мамлакатҳои рӯ ба рушд бештар мувофиқат менамояд. Зеро аксарияти мамлкатҳои рӯ ба рушд ҷараёни саноатикунониро пурра аз сар нагузаронидаанд, инчунин, мамлакатҳои тараққикарда дар шароити татбиқи принсипҳои рушди пасоиндустриалӣ қарор доранд. Мутобиқан дар ҷараёни саноатикунонӣ чораҳои дастгирии давлат бештар барои тараққӣ додани истеҳсолоти воридотивазкунӣ равона карда шуда, дар мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ дастгирии давлатии истеҳсолкунандагон барои ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда равона карда мешавад. Боиси қайд аст, ки дар ин раванд истеҳсолкунандагони мамлакатҳои тараққикарда молҳои содиротии худро ба шарофати рақобатпазирии баланд дар бозорҳои ҷаҳонӣ пешбарӣ намуда, гардиши молҳои хориҷиро дар ин бозорҳо коҳиш медиҳад. Дар чаҳорчӯбаи амалигардонии саноатикунонӣ мамлакатҳои рӯ ба рушд кӯшишҳои худро ба инкишофи воридотивазкунии молҳои воридотӣ дар бозори миллӣ равона месохтанд, ки ба шарофати диққатҷалбкунандагӣ барои истеъмолкунандагон, алалхусус аз рӯи шартҳои нархӣ ва сифатии рақобатпазирӣ фарқ мекарданд. Чунин тарзи татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ба мамлакатҳои рӯ ба рушд имкон фароҳам овард, ки суръати рушди иқтисодӣ ва тағйиротҳои мусбатро дар сохтори тавозуни пардохт таъмин намоянд [14,p.8]. Дар ҷадвали 1 маълумот оид ба нишондиҳандаҳои асосии рушди як қатор мамлакатҳои рӯ ба рушд барои солҳои 1960-2011 оварда мешаванд.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии рушди як қатор мамлакатҳои рӯ ба рушд барои солҳои 1960-2011**
**Table 1. The main development indicators of a number of developing countries for the years 1960-2011**

| Мамлакат | Нишондиҳанда | 1960 | 1985 | Суръати миёнаи рушд дар солҳои 1960-1985 (фоиз) | 2011 | Суръати миёнаи рушд дар солҳои 1985-2011 (фоиз) | Суръати миёнаи рушд дар солҳои 1960-2011 (фоиз) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бразилия | ММД аслӣ, млрд. доллар | 133,0 | 647,4 | 6,5 | 1724,4 | 3,8 | 5,2 |
| | Ҳиссаи содироти молҳо дар ММД (%) | 6,0 | 8,1 | 1,2 | 13,6 | 2,0 | 1,6 |
| | Ҳиссаи воридоти молҳо ММД (%) | 9,0 | 4,4 | -2,8 | 19,4 | 5,8 | 1,5 |
| Мексика | ММД аслӣ, млрд. доллар | 194,1 | 740,3 | 5,5 | 1425,6 | 2,6 | 4,0 |
| | Ҳиссаи содироти молҳо дар ММД (%) | 3,7 | 7,4 | 2,8 | 26,4 | 5,0 | 3,9 |
| | Ҳиссаи воридоти молҳо ММД (%) | 5,7 | 5,1 | -0,04 | 28,0 | 6,8 | 3,2 |
| Кореяи Ҷанубӣ | ММД аслӣ, млрд. доллар | 27,3 | 260,6 | 9,4 | 1335,1 | 6,5 | 7,9 |
| | Ҳиссаи содироти молҳо дар ММД (%) | 0,9 | 25,7 | 14,4 | 44,0 | 2,1 | 8,0 |
| | Ҳиссаи воридоти молҳо ММД (%) | 7,5 | 26,9 | 5,2 | 38,0 | 1,3 | 3,2 |
| Чин | ММД аслӣ, млрд. доллар | 581,4 | 2160,5 | 5,4 | 10375,2 | 6,2 | 5,8 |
| | Ҳиссаи содироти молҳо дар ММД (%) | 0,9 | 2,9 | 4,7 | 23,4 | 8,4 | 6,6 |
| | Ҳиссаи воридоти молҳо ММД (%) | 0,7 | 4,1 | 7,6 | 20,5 | 6,4 | 1,1 |
| Ҳиндустон | ММД аслӣ, млрд. доллар | 429,9 | 762,8 | 2,3 | 4570,7 | 7,1 | 4,7 |
| | Ҳиссаи содироти молҳо дар ММД (%) | 2,0 | 2,7 | 1,2 | 5,9 | 3,1 | 2,0 |
| | Ҳиссаи воридоти молҳо ММД (%) | 4,0 | 4,8 | 0,8 | 10,6 | 3,1 | 2,0 |
| Миср | ММД аслӣ, млрд. доллар | 14,4 | 79,2 | 7,1 | 411,4 | 6,5 | 6,8 |
| | Ҳиссаи содироти молҳо дар ММД (%) | 7,7 | 2,4 | -4,6 | 8,5 | 4,9 | 0,2 |
| | Ҳиссаи воридоти молҳо ММД (%) | 14,5 | 6,8 | -3,0 | 15,5 | 3,2 | 0,1 |

Сарчашма: Penn World Table, version 8.0. Бо нархҳои муқоисавӣ бо қурби соли 2005.

Дар баробари ин, ҳангоми истифодабарии стратегияи воридотивазкунӣ якчанд вирантҳои татбиқи он имконпазир ҳастанд. Таҷрибаи мамлкатҳои гуногун оид ба татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ се тарзи истифодаи онро нишон медиҳад: таъиноти дохилӣ дошта, таъиноти беруна дошта ва воридотивазкунии омехта. Инкишофи истеҳсолоти воридотивазкунии таъиноти дохилӣ дошта бо мақсади азхуд намудани бозори дохилӣ татбиқ карда мешавад. Аз нуқтаи назари иқтисодиёти миллӣ, стратегияи мазкур ба ақибмонии технологӣ ва ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ сабаб гардида, ба пайдоиши соҳаҳои пешрафта дар иқтисодиёт монеаҳо эҷод менамояд, ки истифодабарии дастовардҳои пешрафти илму-техникаи ҷаҳониро маҳдуд мекунад [11,с.28-32]. Истифодбарии тарзи мазкури татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ барои рушди кишварҳои нави индустриявии Амрикои Лотинӣ марҳилаи муҳим ба ҳисоб меравад. Ба ин кишварҳо, пеш аз ҳама, Бразилия, Аргентина, Мексика, Чили, Парагвай ва Уругвай дохил мешаванд.

Стратегияи воридотивазкунии таъиноти дохилӣ дошта дар таъсисёбии иқтисодиёти миллии диверсификатсияшуда бо васеъшавии истеҳсолоти молҳои зарурӣ бо қувваи дохилӣ, нақши калидиро иҷро намуд. Бо мақсади ҳимояи иқтисодиёти худ аз экспансияи Амрикои Шимолӣ дар солҳои 50-60-уми асри XX, кишварҳои Амрикои Лотинӣ як қатор чораҳоро оид ба паст намудани нархҳо ба маҳсулоти истеҳсоли дохилӣ татбиқ намуда, воситҳои аз ин ҳисоб сарфашударо барои таҷдиди соҳаҳои саноат равона сохтанд.

Асоси консептуалии татбиқи чунин стратегия, назарияи иқтисодиёти минтақавӣ баромад намуд, ки аз тарафи гурӯҳи олимони Амрикои Лотинӣ бо роҳбарии котиботи Комиссияи иқтисодии СММ барои Амрикои Лотинӣ, махсусан аз ҷониби Р. Пребиш коркард шуда буд. Мутобиқи консепсияи мазкур талабот ба маҳсулоти бахши аввалиндараҷаи мамлакатҳои рӯ ба рушд (ашё ва масолеҳ) нисбат ба талаботи чандирнокии баланд ба молҳои саноатии мамлакатҳои тараққикарда, дорои чандирнокии паст аз рӯи даромад мебошанд. Мутобиқан дар дурнамои дарозмуддат мамлакатҳои тараққикарда ногузир бо бадшавии шароити мубодила дучор гардиданд. Ақидаҳои бартараф намудани ақибмонии иқтисодии мамлакатҳои рӯ ба рушд, ки аз рӯи ин назария пешкаш шуда буданд, бо татбиқи саноатикунонии воридотивазкунӣ ва гузариш ба рушди ба бозори дохилӣ нигаронидашуда алоқамандии зич доштанд. Дар натиҷа ҳамаи ин чораҳо барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, баланд намудани шуғли аҳолӣ ва баланд намудани сатҳи зиндагонӣ дар ин минтақа мусоидат намуданд. Консепсияи Р.Пребиш ба нақши давлат ва татбиқи ислоҳоти аграрӣ, молиявӣ ва институтсионалӣ, ки ба бартараф намудани ақибмонии иҷтимоӣ-иқтисодии мамлкатҳо равона шуда буданд, диққати ҷиддӣ зоҳир карда мешуд [7,с.4-21].

Татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар мамлкатҳои Амрикои Лотинӣ дар ду марҳила амалӣ карда шуд. Дар раванди марҳилаи якум кӯшиши мақомотҳои давлатӣ бештар барои ҳавасмандагрдонии истеҳсолоти дохилии маҳсулоти истеъмолӣ равона шуда буд. Дар марҳилаи дуюм, дастгирии истеҳсоли молҳои таъиноти истеҳсолӣ дошта, пеш аз ҳама, таҷҳизоти истеҳсолӣ амалӣ карда шуд.

Масалан, дар Мексика дар тули солҳои 1940-1954 ивазшавии босуръати молҳои воридотии истифодабариашон кӯтоҳмуддат ба воситаи истифодабарии сиёсати фаъолонаи протексионистӣ бо пешкаш намудани имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, кимё ва инчунин корхонаҳои навтаъсисёфтаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва коркарди металлҳо (озодкунӣ аз 40% андоз аз даромадҳои корхонаҳо) амалӣ карда шуд. Дар ин росто барои вориди молҳои ниҳоӣ боҷҳои баланди гумрукӣ ва озод намудани воридоти ашёи хом ва масолеҳ, техника ва технологияи нав барои саноати коркард аз пардохтҳои гумрукӣ озод карда шуда буданд [3].

Марҳилаи минбаъдаи воридотивазкунӣ солҳои 1954-1970 дар бар гирифта, дар ин давра воридотивазкунии маҳсулоти фосилавии таъиноти истеҳсолӣ дошта, воситаҳои истеҳсолот ва молҳои истифодабариашон дуру дароз аз ҳисоби афзоиши инвеститсияҳои хусусӣ ва дастгирии давлат ба миён омад.

Айнан бо ҳамин тарз стратегияи воридотивазкунӣ дар Бразилия амалӣ карда шуд. Марҳилаи аввали он солҳои 40-уми асри XX оғоз ёфта, дар ин давра воридотивазкунии сару либос, пойафзол, маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайраҳо таъмин карда шуданд. Марҳилаи нави воридотивазкунӣ солҳои 1956-1961-ро фаро гирифта, дар ин давра инкишофи

босуръати соҳаҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои истеҳсолот ва молҳои маишӣ ба миён омад. Дар ин марҳила корхонаҳои васлу насби мошинасозӣ, металлургия, коркарди нафт, селлюлозаву коғаз фаъолона ташкил карда шуданд. Барои зиёд намудани талабот ба молҳои истифодабариашон дуру дароз, ҳукумати Бразилия чораҳо оид ба ташаккулёбии низоми қарздиҳии арзони истеъмолиро васеъ истифода бурд. Чунин чораҳо имконият доданд, ки дар тули марҳилаи мазкур суръати иқтисодии миёнасолаи 10% таъмин карда шавад, ҳатто дар соҳаҳои алоҳида суръати миёнасолаи рушд аз ин ҳам зиёд таъмин шуда буд. Масалан, дар истеҳсолоти автомошинаҳо ва таҷҳизотҳои маишӣ 22%. Меъёри инвеститсияҳо дар иқтисодиёти Бразилия аз 17,6% ММД дар соли 1967 то 24,45% ММД дар соли 1972 баробар шуд [8,с.59-66]. Аммо дар солҳои 80-уми асри XX чунин суръати афзоиши ММД камтар коҳиш ёфта, ба ҳисоби миёна дар тули солҳои 1960-1985 ҳамагӣ 6,5% ташкил намуд (ҷадвали 1).

Лекин истифодабарии стратегияи воридотивазкунии ба дохили мамлакат нигаронидашуда аз оқибатҳои манфӣ низ холис набуд. Афзоиши хароҷоти давлатӣ барои инкишофи соҳаҳои саноат ва беҳтар намудани таъминоти инфрасохторӣ (энергияи барқӣ, роҳҳои автомобилгард, нақлиёт ва алоқа) ба баландшавии сатҳи таваррум ва вобастагӣ аз воридоти сармояи хориҷӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби иштирок дар пойдоршавии саноати миллӣ ва воситаи шомилшавӣ ба корпоратсияҳои трансмиллӣ оварда расонид. Мавҷуд набудани унсури асосии бозорӣ, ба монанди рақобат саноати тавлидшавандаро аз рағбат ба навовариҳои технологӣ дур намуд, ки дар натиҷа боздеҳи сармоя андӯхти умумиро боз дошт [8,с.65-77]. Ҳамзамон, мушкилотҳои беруна шиддат ёфтанд, афзоиши начандон зиёди содирот ба камчинии (дефитсити) тавозуни пардохт ва эҳтиёҷот барои қарзҳои нав сабаб гардид. Дар баробари ин, протексионизми тулкашидаи саноатӣ ба қафомонии соҳаи кишоварзӣ сабаб шуд.

Варианти дигари татбиқи стратегияи воридотивазкунии ба дохили кишвар нигаронидашуда, стратегияи воридотивазкунии ба берун нигаронидашуда баромад мекунад, ки хислати хосси он дастрасии дигаргуниҳои сохторӣ дар иқтисодиёт ба воситаи иваз намудани воридоти масолеҳи пурракунандаи истеҳсолот ва маҳсулоти содиротӣ баромад менамояд. Татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ аз рӯи чунин тарз инкишофи истеҳсолоти молҳои ватаниро дар сатҳи кофӣ барои бозори дохилӣ ва дар оянда баровардани ин молҳо ба бозори ҷаҳонӣ дар назар дорад.

Мувофиқи назарияи Хекшер ва Олин тақсимоти нобаробари омилҳои истеҳсолот дар сохтори савдои беруна инъикос меёбад, зеро ҳар як мамлакат танҳо он молҳоро содирот менамояд, ки барои истеҳсоли онҳо омилҳои дар мамлакат барзиёд мавҷудбуда истифода мешаванд [10,с.83]. Бо дарназардошти қонунияти мазкур ҳадафи татбиқи стратегияи воридотивазкунанда, ин муайян намудани захираҳои иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ барои ташаккулёбии омилҳои ба соҳаҳои ояндадор ба ҳисоб меравад. Чунин механизми дастгирӣ на танҳо барои иваз намудани муҳсулоти воридотӣ дар бозори дохилӣ, инчунин, барои васеъшавии доираи фаъолияти ин соҳаҳо ва ташаккулёбии имкониятҳо барои содироти молҳои изофагӣ ва омилҳо ба хориҷа мусоидат менамояд.

Мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва ИМА аввалин маротиба аз рӯи ин стратегия солҳои 1850 барои дастгирии саноати дохилӣ истифода бурдаанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ибтидои истифодабарии стратегияи мазкур ба миёнаи асри XIX рост меояд. Новобаста ба ин инкишофи татбиқи стратегияи воридотивазкунии оҳиста ба содирот нигаронидашуда ибтидои худро дар нимаи асри XX дар мамлакатҳои рӯ ба рушд мегирад, пеш аз ҳама, дар мамлакатҳои нави индустриявии Осиё: Тайван, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Таиланд, Филиппин ва ғайраҳо. Дар баробари ин, кишварҳои Осиёси Шарқӣ тамоюли рушди иқтисодии босуръатро нисбат ба мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда нишон медоданд, ки оид ба татбиқи назарияи конвергенсия шаҳодат медод [6,с.757]. Мисол аз соли 1960 суръати баланди афзоиши ММД ба Кореяи Ҷанубӣ имкон дод, ки дар соли 1997 ба гурӯҳи мамлакатҳои тараққикарда бо даромадҳои баланд шомил гардад.

Сабаби муваффақияти мамлакатҳои Осиё, пеш аз ҳама, сиёсати оқилонаи андозбандӣ, сатҳи баланди пасандозҳо, ҳавасмандгардонии инкишофи маориф, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, инчунин, дастгирии сатҳи тараққиёти соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравbooнд. Мамлакатҳои нави индустриявии минтақаи Осиё ҳангоми

ислоҳоти истеҳсолоти саноатӣ диққати ҷиддиро ба азхудкунии технологияҳои нав, истеҳсолоти ғунҷоиши техникии баланд дошта (мошинасозӣ, электроникаи маишӣ, саноати нимноқилҳо) зоҳир намуда, барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо дарназардошти содироти ояндаи онҳо ба бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат намуданд. Дар ин росто стратегияи рушди расонанда дар мамлакатҳои индустриявӣ нав дар татбиқи доктринаи “рамаи қозҳои паранда” ифода меёфт, ки аз тарафи иқтисодчии ҷопонӣ Канаме Акаматсу дар ибтидои солҳои 1930 номгузорӣ карда шудааст. Мутобиқи ин доктрина, мамлакатҳо оҳиста оҳиста ба инкишофи технологӣ ба мисоли мамлакатҳои дар пеш истода ҳаракат мекунанд [12,с.256-269]. Дертар иқтисодчиёни ҷопонӣ Коҷима ва Озава ба ин назария омили инвеститсияҳои хориҷиро дохил намуда, нишон доданд, ки то кадом андоза кумаки технологӣ ва молиявӣ ба корхонаҳо метавонад суръати рушди иқтисодии мамлакатро суръат бахшад.

Мисоли таъсири мусбати инвеститсияҳои хориҷӣ таҷрибаи стратегияи воридотивазкунии кишвари Чин баромад карда метавонад. Асоси рушди иқтисодии Чин аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX баландшавии нақши воридшавии технологияҳо ҳамчун рағбат барои тараққиёти инноватсионии мамлакат ба ҳисоб меравад, ки дар ҳошияи он ғайриколлективикунонии соҳаи кишоварзӣ гузаронида шуда, шаклҳои ҳуқуқии пешбурди бизнеси хусусӣ таъсис дода шуда, дар сатҳи давлат бошад, дастгирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ ва инкишофи тараққиёти инноватсионӣ амалӣ карда шуданд. Татбиқи дигаргуниҳои сифатӣ дар иқтисодиёти Чин дар шароити мавҷудияти бозори васеи дохилӣ имкон фароҳам овард, ки дар муддати кӯтоҳ оптимизатсияи сохтори истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакат дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъмин карда шаванд. Самаранокии чунин стратегия оид ба рушди иқтисодии миёнасола шаҳодат медиҳад, ки дар тули 30 соли охир ба ин мамлакат ба назар мерасанд. Дар ин росто, ҷаҳиши ҷиддӣ дар ҷодаи инкишофи саноатӣ низ ба назар мерасад. Дар баробари ин, ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ дар ҳаҷми оқилона ба сифати фишанги баланд бардоштани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ амалӣ карда шуданд [5,с.103-109].

Самаранокии умумии татбиқи стратегияи воридотивазкуниро дар кишварҳои Осиё суръати рушди иқтисодии онҳо нишон медиҳад, ки аз суръати мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ баландтар мебошанд (ҷадвали 1). Дар раванди татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ мамлакатҳои Осиё некуаҳволии аҳолиро баланд карда бошанд, мамлакатҳои индустриявии нави Амрикои Лотинӣ аз рӯи нишондиҳандаи даромади солона ба ҳар сари аҳолӣ дар 30 соли охир дар сатҳи 1973 боқӣ мондаанд [15,р.10]. Бо вуҷуди ин, стратегияи воридотивазкунӣ ба мамлакатҳои нави индустриявии Амрикои Лотинӣ имкон фароҳам овард, ки иқтидори назарраси саноатиро таъсис дода, барои инкишофи дигар соҳаҳои истеҳсолии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намоянд.

Мавҷудияти натиҷаҳои мусбат дар истифодабарии тарзи воридотивазкунии ба дохил нигаронидашуда ва ба берун нигаронидашудаи инкишофи истеҳсолоти миллии мамлакатҳои гуногун, самаранокии ҳар кадоми онҳоро нишон дода, афзалиятҳои онҳоро дар ҳавасмандгардонии тараққиёти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ ифода менамояд.

Унсурҳои стратегияи воридотивазкунии ба бозори дохилӣ нигаронидашуда ва стратегияи воридотивазкунии ба бозори дохилӣ ва беруна нигаронидашуда дар ҳамзистӣ ба воридотивазкунии омехта оварда мерасонад. Зеро татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар аввал барои таъмин намудани бозори дохилӣ бо баробари коҳиш додани ҳаҷми воридоти молҳо равона карда шуда, баъдан дар асоси таъмини рақобатпазирӣ ба бозори ҷаҳонӣ роҳ пайдо мекунад. Дар ин ҷода самти афзалиятнок барои азхуд намудани бозорҳои беруна аз таъминоти захиравии иқтисодиёт вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, бояд қайд аст, ки дар шароити муосир инкишофи истеҳсолоти сарфакунандаи захира барои воридотивазкунӣ пешбинӣ карда мешавад. Мамлакатҳое, ки чунин стратегияро амалӣ мекунанд, бо воридотивазкунии омехта сару кор доранд. Зеро воридотивазкунӣ аз таъминоти дохилӣ оғоз гардида, баъд аз таъмини пурраи эҳтиёҷоти дохилӣ барои бозорҳои беруна таъинот пайдо мекунад. Ба ин мисол шуда метавонад татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар Ҳиндустон. Дар шароити рақобати шиддатнок бо молҳои англис,

давлат як қатор чораҳоро оид ба инкишофи истеҳсолоти воридотивазкунӣ дар соҳаҳои саноати вазнин татбиқ намудааст, ки бо ҷалби захираҳо барои таъсиси соҳаҳои калидии саноати мазкур, беҳтаргардонии инфрасохтори иқтисодӣ, мувофиқан ташаккулдиҳии муҳити солим барои мустаҳкамгардонии соҳибкории хусусӣ алоқамандӣ дорад. Аз рӯи молҳои истеъмолӣ дар нимаи солҳои 60-уми асри XX, ҳиссаи воридот дар умум аз 4% зиёд набуда, аз рӯи молҳои талаботи фосилавӣ 8% ва маҳсулоти мошинасозӣ 21% ташкил дода буд. Мутобиқи ақидаи намояндагони Бонки захиравии Ҳиндустон "иқтисодиёти мамлакат аз рақобати хориҷӣ дар соҳаи истеҳсолот ва ҳам дар савдо ҳифз карда мешуд" [6,с.759]. Яъне, дар Ҳиндустон сиёсати мақсаднок оид ба васеъшавии ҳаҷми саноати миллӣ барои дастрас гардидан ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаҳои дорусозӣ бештар ба назар расида буд. Дар шароити муосир зиёда аз 20 ҳазор ташкилотҳои дар Ҳиндустон фаъолиятбаранда, истеҳсоли номгӯи васеи дорувориро таъмин карда истодаанд [13,p.11].

Ҳаҷми содироти маҳсулоти фарматсевтӣ аз мамлакат аз ҳаҷми воридоти он 4 маротиба зиёд мебошад. То соли 1970 дар бозори дохилии Ҳиндустон ширкатҳои трансмиллӣ афзалият дошта, онҳо 85% бозори маҳсулоти фарматсевтиро танзим ва назорат мекарданд [17,p.8]. Ба шарофати қабул намудани тағйиротҳо дар қонунгузории патентӣ дар тули 20 сол ба Ҳиндустон муяссар гардид, ки ҳиссаи ширкатҳои хориҷиро дар ин бозор то 40% коҳиш диҳад. Роҳ надодан ба монополизатсияи соҳа ба воситаи ҷорӣ намудани шароитҳои нави пешниҳоди патент муяссар гардид. Тартиби пешниҳоди патент аз он иборат аст, ки он барои ҳавасмандгардонӣ ва кафолати истеҳсолот дар дохили мамлакат дар асоси тиҷорат амалӣ карда шуда, ҳамзамон, барои монополизатсияи воридот монеаи ҷиддӣ баромад мекунад. Дар соҳаи фарматсевтии Ҳиндустон танҳо хусусиятҳои технологии раванди истеҳсолот бо патент таъмин карда шуда, он ба муҳлати 7 сол истеҳсолкунандаро аз рақибони хориҷӣ ҳифз менамояд. Давлат дорои ҳуқуқи пешниҳоди литсензияҳо барои доруворӣ мебошад, ки дар ҳолати аз тарафи соҳиби истеҳсолот бо шароитҳои мусоид пешкаш нашудан, истифода мешавад.

Хислатҳои стратегияи воридотивазкунии омехта барои иқтисодиёти Миср низ хос аст. Татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ба Миср имкон фароҳам овард, ки дар тули 25 соли охир 90% маводҳои доруворӣи дар дохили кишвар истеъмол мешударо бо истеҳсолоти дохилӣ таъмин намуд. Ба ақидаи раиси Палати саноати фарматсевтии Миср, М. Ҳассан "Мамлакат метавонад мавқеи пешрафтаро дар истеҳсоли маҳсулоти фарматсевтӣ ишғол намояд, зеро маҳсулоти онҳо ба сифатҳои баланди ҷаҳонӣ ба шарофати назорати қатъӣ мутобиқат мекунад" [13,p.14]. Бо дарназардошти чунин вазъият, бо мақсади амалигардонии иқтидори саноатӣ, давлат афзалияти афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти миллиро бо нигоҳдории мавқеи устувор дар бозори дохилӣ таъмин менамояд.

Афзалияти асосии стратегияи воридотивазкунии тарзи омехта, ин имконияти диверсификатсияи тараққиёти иқтисодиёт аз рӯи самтҳои гуногун дар асоси тақсимоти минтақавии захираҳо ба ҳисоб меравад. Дар натиҷа, имконият барои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти содиротӣ ва маҳсулоти барои бозори дохилӣ таъинотдошта таъмин карда мешавад [1,с.281-286].

Таъсири мусбати истифодабарии чунин тарзи воридотивазкуниро нишондиҳандаҳои иқтисодии Ҳиндустон ва Миср ифода мекунанд (ҷадвали 1). Муносибати инфиродӣ дар муайянкунии тарзҳои дастгирӣ ва хусусияти гузаронидани саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ имкон медиҳад, ки иқтисодиёти минтақаҳои мамлакат ба таври комлексӣ бо дарназардошти ба даст овардани самараҳои баланд аз фаъолияти субъектони хоҷагидории дохилӣ таъмин карда шаванд. Хусусиятҳои хосси воридотивазкунии омехтаро ба назар гирифта, метавон таъкид намуд, ки истифодабарии амалии он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад.

Хислатҳои умумии татбиқи стратегияи воридотивазкунии тарзи омехта дар мамлакатҳои дунё, ки дар асри XX ташаккул ёфтаанд, дар замони муосир низ муҳиммияти худро гум накарда, балки бо дарназардошти тағйиротҳои техникӣ ва технологӣ метавонанд баҳри расидан ба ҳадафҳои воридотивазкунӣ, яъне таъминоти бозори дохилӣ ва баромадан ба бозори ҷаҳонӣ мусоидат намоянд. Дигаргуниҳои глобалӣ, ки дар шароити муосир дар муносибатҳои байналмилалӣ ба назар мерасанд, ногузир барои татбиқи ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти дохилӣ ва истеъмолоти он дар дохили

кишвар ва баъдан ба бозори ҷаҳонӣ баровардани он зарур арзёбӣ карда мешавад. Дар ин росто коҳиш додани вобастагӣ аз бозорҳои беруна дар чаҳорчӯбаи татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ба натиҷаҳои мусбат ҳам барои давлат ва ҳам барои аҳолӣ оварда мерасонад. Яъне, самараи стратегияи воридотивазкунӣ қобилият дорад як қатор мушкилотҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дохилиро баратараф намояд, ба монанди таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромадҳои аҳолӣ, таъминоти бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат, афзоиш додани ҳаҷми содирот ва дар ниҳоят таъмини рушди иқтисодии босамар.

Таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ нишон медиҳад, ки он асосан бо дур тарз амалӣ карда мешавад. Тарзи якум, ин воридотивазкунии ба бозори дохилӣ нигаронидашуда ва тарзи дуюм, ин воридотивазкунии ба бозори беруна нигаронида шуда. Тарзи якуми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ барои таъминоти бозори дохилӣ ва маҳдуд намудани ҳаҷми воридоти мол нигаронидашуда, ҳадафи он истифодабарии иқтидори истеҳсолии дохилӣ ба шумор меравад. Ҳангоми татбиқи стратегияи воридотивазкунии беруна, сухан оид ба инкишофи истеҳсолоти дохилӣ, коҳиш додани ҳаҷми воридоти молҳои муайян ва ба соридот нигаронидани маҳсулоти истеҳсолмешуда меравад.

Бинобар гуфтаҳои боло, вобаста ба шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафҳои пешгирифтаи давлату ҳукумат, тарзи воридотивазкунии ба бозори беруна нигаронидашуда қобили қабул мебошад. Бо баробари таъмини бозори дохилӣ бо мол ва хизматҳои дохилӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ ҳатман содироти он низ ба инобат гирифта шуданаш лозим аст. Зеро самаранокии воридотивазкунӣ дар ҳолате баланд мегардад, ки агар ҳангоми татбиқи он дар навбати аввал таъминоти бозори дохилӣ бо молҳои ивазкунандаи воридот таъмин карда шуда, баъдан маҳсулоти барзиёдистеҳсолшуда бояд, ки барои содирот равона карда шавад. Ба фикри мо, агар воридотивазкунӣ танҳо барои бозори дохилӣ равона шуда, содироти минбаъдаи он ба инобат гирифта нашавад, он гоҳ рақобатпазирии чунин молҳо ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он коста мегардад. Ҳангоми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ таъминоти пурраи бозори дохилӣ амалӣ карда шуда, ҳаҷми истеҳсолоти зиёдатӣ ҳатман содирот карда шуданаш лозим аст. Зеро дар ҳолати таъмини дохилӣ ва ба содирот нигаронидани қисми истеҳсолоти воридотивазкунӣ метавонад сатҳи рақобатпазирии молҳои воридотивазкуниро на танҳо дар бозори дохилӣ, инчунин, дар бозори беруна таъмин намояд. Дар ин васила самараноки стратегияи воридотивазкунӣ ногузир баланд шуда, метавонад ҳаҷми воридоти молҳоро ба мамлакат коҳиш диҳад. Инчунин, воридотивазкунии омехта низ барои минтақаҳои Тоҷикистон мутобиқат менамояд, ки дар он унсурҳои стратегияи ба бозори дохилӣ нигаронидашуда ва ба бозори беруна нигаронидашуда омезиш карда мешаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Ҳодиев Д.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Волкодавова Е.В. Реализация стратегии импортозамещения продукции на российских промышленных предприятиях / Е.В. Волкодавова // Экономические науки. - 2009. -№12. -С.281-286.
2. Ворожейкина Т. Внешний фактор индустриализации Мексики и Бразилии / Т. Ворожейкина // Мировая экономика и международные отношения. – 1999. -№7. -С.59-66.
3. Галиева А.Х., Бактымбет А.С., Муканова Т.К. Современное состояние импортозамещения в зарубежных странах // Вестник Евразийского национального университета имени Л.Н. Гумилева. Сер. Экономические науки. - 2013. -Март. [Электронный ресурс]. URI: http://repository.enu.kz/handle/123456789/5534.
4. Горев В.П. Конкуренция как универсальный механизм макрорегулирования рынка / В.П. Горев, В.И. Самаруха [и др.]// Проблемы экономического роста и реструктуризации российской экономики: материалы межрегион. науч.-практ. конф., г. Иркутск, 28 марта 2008 г.. -Иркутск: Изд-во БГУЭП, 2008. -С.74-80.
5. Кородюк И.С. Проблемы применения зарубежного опыта в государственном регулировании нефтегазового комплекса России / И.С. Кородюк, С.Е. Трофимов // Известия Иркутской государственной экономической академии. - 2015. -Т. 25. -№1. -С.103-109. - DOI: 10.17150/1993-3541.
6. Кругман П.Р. Международная экономика: теория и политика / П.Р. Кругман, М. Обстфельд; пер. с англ. -5-е междунар. изд. -СПб.: Питер, 2003. -832 с.
7. Лавут А.А. Поиски латиноамериканской модели / А.А. Лавут // Латинская Америка. - 2011. -№2. -С.4-21.
8. Лебедев В. По бразильской системе / В. Лебедев // Эксперт. - 2013. -№24. -С.65-77.
9. Портер М. Конкуренция / М. Портер. -М.: Вильямс, 2005. -608 с.

10. Пугель Т.А. Международная экономика / Т.А. Пугель, П.Х. Линдерт; пер. с англ. -М.: Дело и Сервис, 2003. -800 с.
11. Сучкова Н.А. Импортозамещение в продовольственном секторе России с учетом мирового опыта / Н.А. Сучкова // Международный сельскохозяйственный журнал. - 2010. -№2. -С.28-32.
12. Шамхалов Ф.И. Опыт импортозамещения продукции оборонной промышленности в зарубежных странах / Ф.И. Шамхалов // Известия Тульского государственного университета. - 2010. -№1. -ч. 1. -С.256-269.
13. A brief report on pharmaceutical industry in India /Corporate catalyst India PVT LTD. - 2014. -11 p. [Electronic resource]. URL: http:// www.cci.in/pdfs/surveys-reports/Pharmaceutical-Industryin-India.pdf.
14. Feenstra Robert C. The Next Generation of the Penn World Table / Robert C. Feenstra, Robert Inklaar, Marcel P.-8p.
15. Gerster Richard. People before Patents. The Success Story of the Indian Pharmaceutical Industry/Richard Gerster. - 2010. -10 p. [Electronic resource]. URL: http://de.slideshare.net/santrivedi/growth-of-indian-pharmaceutical-industry-27600512.
16. Timmer // American Economic Review, Forthcoming. - 2013. [Electronic resource]. URL: www.ggdc.net/pwt.
17. World Bank. World Development Indicators. - 2014. [Electronic resource]. URL: http://wdi.worldbank.org/table.

## ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

Дар мақолаи мазкур таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ба шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафҳои пешгирифтаи давлату ҳукумат, тарзи воридотивазкунии ба бозори беруна нигаронидашуда қобили қабул мебошад. Бо баробари таъмини бозори дохилӣ бо мол ва хизматҳои дохилӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ ҳатман содироти он низ ба инобат гирифта шуданаш лозим аст. Зеро самаранокии воридотивазкунӣ дар ҳолате баланд мегардад, ки агар ҳангоми татбиқи он дар навбати аввал таъминоти бозори дохилӣ бо молҳои ивазкунандаи воридот таъмин карда шуда, баъдан маҳсулоти барзиёдистеҳсолшуда бояд, ки барои содирот равона карда шавад. Ба фикри мо агар воридотивазкунӣ танҳо барои бозори дохилӣ равона шуда, содироти минбаъдаи он ба инобат гирифта нашавад, он гоҳ рақобатпазирии чунин молҳо ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он коста мегардад. Ҳангоми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ таъминоти пурраи бозори дохилӣ амалӣ карда шуда, ҳаҷми истеҳсолоти зиёдатӣ ҳатман содирот карда шуданаш лозим аст. Зеро дар ҳолати таъмини дохилӣ ва ба содирот нигаронидани қисми истеҳсолоти воридотивазкунӣ метавонад сатҳи рақобатпазирии молҳои воридотивазкуниро на танҳо дар бозори дохилӣ, инчунин, дар бозори беруна таъмин намояд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти миллӣ, мамлакатҳои дунё, рушди иқтисодӣ, рақобатпазирӣ, истеҳсоли маҳсулот, садои озод, мамлкатҳои рӯ ба рушд, мамлкатҳои тараққикарда.

## МИРОВОЙ ОПЫТ РЕАЛИЗАЦИИ ИМПОРТНОЙ СТРАТЕГИИ

В данной статье изучается и обсуждается мировой опыт реализации стратегии импортозамещения. Автор отмечает, что согласно социально-экономическим условиям регионов Республики Таджикистан и целям государства и правительства приемлем метод импорта и обмена, направленный на внешний рынок. Наряду с обеспечением внутреннего рынка отечественными товарами и услугами, увеличением объемов внутреннего производства необходимо учитывать и его экспорт. Потому что эффективность импортозамещения возрастает, если при его реализации внутренний рынок сначала снабжается импортозамещающими товарами, а затем перепроизводственная продукция направляется на экспорт. По нашему мнению, если импортозамещение будет направлено только на внутренний рынок и если не учитывать его последующий экспорт, то конкурентоспособность таких товаров снизится как внутри страны, так и за рубежом. В ходе реализации стратегии импортозамещения необходимо реализовать полное обеспечение внутреннего рынка, а объем излишков продукции экспортировать. Ведь в случае внутреннего снабжения и экспортоориентированной части производства импортозамещение может обеспечить уровень конкурентоспособности импортируемых товаров не только на внутреннем, но и на внешнем рынке.

**Ключевые слова:** национальная экономика, страны мира, экономическое развитие, конкурентоспособность, производство продукции, свободный голос, развивающиеся страны, развитые страны.

## WORLD EXPERIENCE IN IMPLEMENTING IMPORT STRATEGY

This article studies and discusses global experience in implementing an import substitution strategy. The author notes that according to the socio-economic conditions of the regions of the Republic of Tajikistan and the goals of the state and government, the method of import and exchange aimed at the external market is acceptable. Along with providing the domestic market with domestic goods and services and increasing the volume of domestic production, it is also necessary to take into account its export. Because the effectiveness of import substitution increases if, during its implementation, the domestic market is first supplied with import-substituting goods, and then the overproduced products are sent for export. In our opinion, if import substitution is aimed only at the domestic market and if its subsequent export is not taken into account, then the competitiveness of such goods will decrease both within the country and abroad. In the course of implementing the import substitution strategy, it is necessary to fully supply the domestic market, and export the volume of surplus products. Indeed, in the case of domestic supply and the export-oriented part of production, import substitution can ensure the level of competitiveness of imported goods not only in the domestic, but also in the foreign market..

**Keywords:** national economy, countries of the world, economic development, competitiveness, production, free voice, developing countries, developed countries.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холматова Дилоромҷон Алиевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муаллими кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1

**Сведения об авторе:** ***Холматова Дилоромджон Алиевна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кафедра бухгалтерского учета и аудита, преподаватель. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова, 1.

**Information about the author:** ***Kholmatova Diloromjon Alievna***– Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Department of Accounting and Auditing, teacher. **Address**: 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue 1

ТДУ: 631.12

# ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ МЕХАНИЗМҲОИ ИҚТИСОДӢ – АСОСИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН

*Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ*
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

Механизми иқтисодие, ки самаранокии истифодаи захираҳо, махсусан захираҳои заминро танзим мекунад, аз омилҳои асосии зерин иборат мебошад: қарзӣ-молиявӣ; танзимкунии буҷетӣ; андозбандӣ ва фаъолияти берунаи иқтисодӣ.

Дар замони ҳозира, ки тавассути қонунҳои бозор (тиҷоратӣ) инкишоф меёбад, маблағгузориҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати молиявӣ ахаммияти махсус дорад. Зеро молистеҳсолкунандагони хоҷагии кишоварзӣ, махсусан дар минтақаҳои кӯҳистон бо сабаби ҳолати бади молиявиашон ба қадри кофӣ наметавонанд баъзе масъалаҳои иқтисодиро, ки ба истифодаи оқилонаи киштзорҳо алоқаманданд, самаранок мустақилона ҳал намоянд.

Фаъолияти самараноки маблағгузорӣ шарти ҳатмии фаъолияти устувор ва инкишофи босуботи иқтисодиёти замони имрӯза мебошад. Дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ба миқёс ва механизми ҷалби маблағгузориҳо, самаранокии мақсаднок ва сохтори истифодабарии онҳо вобаста мебошад.

Сиёсати оқилонаи маблағгузорӣ, ки аз маҷмуи чораҳо оид ба ҳавасмандгардонӣ ва танзими раванди маблағгузорӣ барои таъмини босуботи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо иборат мебошад, тавассути ҳамкории дутарафаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва мақомоти давлатии идораи сатҳи минтақавӣ, вилоятӣ таҳия ва татбиқ мегардад. Чунин ҳамкорӣ ба конститутсия асос ёфта, бо санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, ки онҳо аз ҷониби Президент, Парламент, Ҳукумат ва шартномаҳои байни марказ ва минтақаҳо тасдиқ шудаанд, танзим карда мешаванд.

Дар соҳаи сиёсати маблағгузории минтақавӣ дар айни замон такмили қоидаҳои мавҷуда ҳатмӣ буда, бояд бо мақсади татбиқи бомуваффақияти фаъолияти маблағгузорӣ шароити нав фароҳам оварда шавад. То оғоз ёфтани самараи мултипликатсиявӣ ва расидани минтақа ба саргаҳи инкишофи худ дахолати давлатӣ зарур аст. Барои татбиқи ин гуна сиёсат минтақаҳо стратегияи рушдро бояд ҳамчун асос қарор диҳанд ва зимнан ба лоиҳаҳое бештар аҳаммият диҳанд, ки ба талаботи самаранокии иқтисодӣ ва буҷетӣ ҷавобгӯ буда, ба стратегияи рушди минтақа мувофиқат кунанд.

Роҳбарияти ҷумҳурӣ дарк мекунад, ки ташаккули шароити мусоид барои ҷалби маблағгузориҳо ва мусоидат ба афзоиши ҷараёни ҷалби сармояи худӣ ва хориҷӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот яке аз шартҳои рушди сектори аграрӣ ба ҳисоб меравад. Зимни он татбиқи сиёсати маблағгузорӣ чорабинии яквақта набуда, раванди бисёрмарҳила ва дарозмуддат аст. Раванди мазкур ташаккули инфрасохтори лозимаи бозорӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, гузаронидани ислоҳоти амиқи ҳуқуқӣ, сохторӣ ва институтсионалиро тақозо мекунад.

Чи тавре аён гашт, дар ҷумҳурӣ солҳои охир ҳуҷҷатҳои асосан муҳиме ба тасвиб расиданд, ки самтнокии сиёсати давлатиро оид ба маблағгузорӣ инъикос мекунанд. Онҳо аз санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқие иборат мебошанд, ки ба кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва пеш бурдани фаъолияти маблағгузорӣ равона гардидаанд.

Дар сектори аграрӣ дар такмили иқлимӣ маблағгузорӣ ва кам кардани бори гарони андоз дар соли 2005 қабул карда шудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани он аҳаммияти махсус дошт. Қонун «Дар бораи молу мулки манқул», ки дар охири соли 2004 аз ҷониби Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида буд, ба инкишофи минбаъдаи қарздиҳӣ тавассути ба бонкҳо додани кафолатҳо оид ба қарз мусоидат намуд.

Барои танзим намудани муносибатҳои молиявӣ, аз он ҷумла андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 Кодекс бо илова, тағйиротҳо дар самтҳо аз китоби Кодекс қабул шудааст.

Дараҷаи иштироки давлат дар фаъолияти маблағгузорӣ омили дигари муҳиме мебошад, ки ба суръатнок шудани фаъолият оид ба маблағгузорӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ таъсир мерасонад. Чи тавре таҳқиқи фаъолияти маблағгузории корхонаҳои мазкур нишон медиҳад, солҳои охир ин вазифаро давлат ба тарви бояду шояд иҷро намекард. Зимнан бояд қайд намуд, ки дар ин самт дар соли 2000 тағйироти мусбат ба назар мерасад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи ба ҳисоби миёнаи таъҷилии то соли 2030 аз бухрон баровардани КАС-ро таҳия ва тасдиқ намуд. Дар ин барнома маблағгузориҳое, ки ба рушду барқарор намудани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ равона шуда буданд, яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекарданд. Маблағҳои худи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ бошанд, ҳамчун манбаи асосии маблағдиҳӣ барои маблағгузориҳо эътироф шуда буданд. Барои ҳалли масъалаи маблағгузорӣ чунин нуқтаи назар на он қадар ба воқеият рост меояд, зеро даромаде, ки дар ихтиёри корхонаҳои хоҷагии қишлоқ мемонад, солҳои охир ба камшавӣ тамоюл дорад ва ҳиссаи маблағҳои барои амортизатсия ҷудошуда, аксар вақт ҳамчун манбаи пурра намудани воситаҳои гардон истифода бурда мешаванд.

Оид ба ҳолати самти мазкур таҳлили худро дар "Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030", ки он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023 таҳти №54 қабул шудааст, муфассал баён карда шудааст. Дар он таҳлили вазъият ва мушкилоти асосии соҳаи кишоварзӣ, ки аз 15 банд иборат мебошад, акси худро ёфтааст.

Дар банди 14 зербанди махсус оид ба маблағгузории давлатӣ ва сатҳи сармоягузории хориҷӣ бахшида шудааст.

Таҳлили сохтории функсионалии хароҷоти давлатӣ дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ гузаронида шудааст, муайян намуд, ки хароҷот барои таҳқиқоти кишоварзӣ ва хизматрасонии машваратӣ, идоракунии захираҳои табиӣ, рушди бахшҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, тадбирҳои санитарӣ ва фитосаниатарӣ, агрологистикӣ, кишоварзии рақамӣ ва ғайра хеле паст буда, каме бештар аз 1% маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва 0,7%-и ҳаҷми буҷети солонаи тасдиқшударо ташкил медиҳад ва аз маблағгузории шарикони рушд (54%) вобастагии калон дорад, дар ҳоле ки дар кишварҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз қабили кишварҳои Қафқоз ва Ӯзбекистон барои ин эҳтиёҷот дар ибтидои давраи гузариш 10-20% ҷудо карда шуда, баъдан ҳар сол хароҷот муътадил ё кам карда мешавад.

Тибқи маълумоти Созмони Озуқаворӣ ва Кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид ҳиссаи кишоварзӣ дар ташаккули умумии сармояи асосӣ 6% ва ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии қарзҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон 8,5%-ро ташкил медиҳад, ки бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи кишоварзӣ барои иқтисодиёти мамлакат начандон калон аст. Таҳкими шарикӣ байни деҳқонон, корхонаҳои кишоварзӣ ва сармоягузорони эҳтимолӣ дар мавриди ҷой доштани қоидаҳои возеҳ ва ягона истифодаи иқтидори назарраси сармоягузории кишоварзиро имконпазир мегардонад.

Чуноне ки дар боло иброз доштем, мақсад ва вазифаи асосии барнома ба амалигардонии ҳадафу вазифаҳои "Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030", ки ба соҳаи хоҷагии қишлоқ дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши ҳалкунанда мегузорад, равона карда шудааст. Мақсади асосии он ин тақвияти ислоҳоти сохторӣ ва ниҳодӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти содиршаванда қодир аст, равона шудааст. Барои амалӣ намудан вазифаҳои асосие, ки аз 13 зербанд иборат аст, акси худро ёфтаанд, яке аз ин баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти механизмҳои ташкилию иқтисодие, ки истифодаи фондҳои махсуси хусусӣ ё омехтаи сармоягузорӣ, инчунин, воситаҳои кам кардани хавфи маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзиро таъмин менамоянд.

Таҷрибаи кишварҳои сектори аграриашон пешрафта аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳатто дар шароити болоравӣ ва устуворшавии иқтисодиёт, барои таъмини амнияти озуқаворӣ давлат бояд онро дастгирӣ намояд.

Ҳамин тавр, дар ИМА КАС, умуман аз ҳисоби якҷоякунӣ мувофиқи се соҳаи таркибии он муътадил фаъолият мекунад, ки дар ин се соҳа ашёи кам амалан бефоида ва

зиёновар аз якум зина дар соҳаи дувум хусусиятҳои истеъмолии бештарро доро гашта, ҳангоми коркарди он ва пас аз он арзиши боз ҳам баландтарро соҳиб мешавад ва ба истеъмолкунанда пешниҳод ва фурӯхта мешавад. Чунин равия, умуман имкон медиҳад, ки аз соҳа даромади нағз ба даст ояд, давлат бошад, даромадҳоро аз нав тақсим карда, иқтидори ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ҷудо кардани маблағро соҳиб мегардад» [5].

«...Ҳукумати Федералии Олмон лоиҳаи буҷети аграриро ба маблағи зиёда аз 11.7 млрд. марка барои соли 1999 тасдиқ намуд. Қайдкардан зарур аст, ки 65% ин маблағ ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ пешбинӣ шуда буд. Ва ин 65% маблағҳо чунин тақсим карда шуда буданд: 4.49 млрд. марка ҳамчун пули иловагӣ ба нафақаи пиронсолӣ ба фермерон, 2.15 млрд. марка ба суғуртаи тиббӣ, 615 млн. марка ба суғурта аз ҳодисаҳои нохуш, 24 млн. марка ба ҷубронпулии фермерон ҳангоми пеш аз мӯҳлат ба нафақа баромадан» [1]. Ҳукумати Италия соли 1999 лоиҳаи нақшаи 4-солаи рушди соҳаи кишоварзиро, ки Вазорати кишоварзии мамлакат пешниҳод намуда буд, тасдиқ кард. «...Барои татбиқи ин лоиҳа аз буҷаи давлатӣ ҷудо кардани 3225 млрд. лира лозим омад. Лоиҳаи мазкур ба инкишофи иқтисодиёти минтақаҳои деҳот, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи хоҷагии қишлоқи мамлакат ва истеҳсолоти коркардабарории он, баробар кардани сатҳҳои инкишофи минтақаҳои алоҳидаи кишвар, ихтисори камомад дар тавозуни миллии озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист равона гардида буд» [2].

Ба монанди ин, мисолҳо дар амалияи хоҷагидории ҷаҳонӣ хеле зиёданд. Масалан, «...маблағгузориҳои давлатӣ дар давоми 15 соли ислоҳот дар Хитой 60-70% сармоягузориҳои умумиро ба иқтисодиёти Хитой ташкил медоданд, ки ин хусусият ва суръати инкишофи иқтисодии мамлакатро дарояндаи наздик муайян мекард» [4].

Қайд карда мешуд, ки барои пеш бурдани сиёсати пайгиронаи ташаккули шароити иқтисодӣ ва бо мақсади фаъолгардонии фаъолият дар соҳаи маблағгузориҳо ба сектори аграрӣ пешгӯиҳо, тахассуси истеҳсолкунандагон ва дигар субъектҳои бозор лозиманд. Ин ба истифодаи давлату истеҳсолкунандагон, истисно кардани тамоюлҳои эҳтимолии манфӣ дар инкишофи истеҳсолот ва истеъмолот мусоидат мекунад.

Механизмҳои истифодашавандаи дастгирии давлатӣ дар асоси қонунгузорӣ дар амал татбиқ шуда, бояд ба ҳама ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ, ки ҳуқуқи гирифтани чунин дастгириро доранд, баробар тааллуқ дошта бошад. Ба ақидаи мо, ёрии иқтисодӣ фақат ба соҳибмулкони пурсамар ва ё ҷудо карда додани он дар асоси озмун натиҷаи кам медиҳад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аён гашт, ки ғайр аз давлат боз шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои алоҳидаи кишоварзӣ низ ҳамчун маблағгузор баромад карда метавонанд. Бо дарназардошти даромаднокии нисбатан ками сектори аграрӣ, кӯшишу фаъолияти муштараки тамоми иштирокчёни раванди мазкур зарур аст. Хуб мешуд, ки зимни он боз сармояи хориҷӣ низ ҷалб мегардид.

Шакли нисбатан босамари ҷалби маблағҳои молиявии маблағгузорони чи дохилӣ ва чи хориҷӣ дар асоси сектори аграрии сатҳи даромаднокии паст, ташкил намудани корхонаҳои қобили пардохт бо баҳисобгирии сармояи беруна мебошад. Ба шахсони юридикӣ ва воқеие, ки дорои ҳуқуқи харида гирифтани молу мулки бо арзиши бозорӣ мебошанд, ба иҷора додани корхонаҳои кишоварзии коллективӣ ва давлатӣ ба сифати шакли ибтидоии ташаккули чунин корхонаҳо хеле натиҷанок мебошад.

Ғайр аз ин, «истифодаи» замин ҳам фоидаовар аст, зеро дар сурати ислоҳоти бонизоми зироаткорӣ он метавонад ҳамчун захираи асосӣ барои маблағгузорӣ гардад. Ислоҳоти мазкур тақсими заминро на танҳо ба ҳиссаҳо дар назар дошт, балки арзёбии арзиши он, инчунин, тавсеаи доираи истифодаи ҳуқуқи моликиятро ба замин ҳамчун воситаи гаравӣ, ба таври пайдарпай ҷорӣ намудани бозори заминро низ пешбинӣ мекард. Ҳамин тариқ, барои маблағгузорони дохилӣ ва хориҷӣ сектори аграрӣ нисбатан ҷолибтар мебуд.

Чи тавре муқаррар гардид, қарзи ипотекӣ дар асоси гарави замин дар тамоми дунё ба таври васеъ истифода мегардад, зеро он омили бозоргири истеҳсолот мебошад. Зимнан, дар шароити мо чунин шакли қарздиҳӣ аз сабаби мавҷуд набудани асоси ҳуқуқӣ ва таъсис наёфтани механизмҳои самараноки амалисозии он ҳанӯз истифода бурда намешавад. Аммо, қарзи ҷоиз барои маблағгузорӣ ба сектори аграрӣ манбаи муҳиме буда метавонад.

Ба ақидаи мо ба корхонаҳои хоҷагии қишлоқи сердаромад (на камтар аз 25%) фароҳам овардани имконияти ба қарздиҳандагони берунӣ ба гарав мондани ҳуқуқашон ба истифодаи замин мувофиқи мақсад мебуд. Таҷдиди фаъоли таҷҳизоти техникии корхонаҳои мазкур ба баланд шудани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот, инчунин, ба афзоиши маҳсулнокии меҳнат мусоидат мекард. Дар баробари ин, нуқтаи назар оид ба ташкил намудани корхонаҳои муштарак ва ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ бояд бо мулоҳиза бошад. Зеро ин омилҳо имконият медиҳанд, ки технологияҳои самаранок ва техникаи пешқадами сатҳи ҷаҳонӣ истифода бурда шуда, махсулоти дар бозор рақобатпазир истеҳсол гардад, афзоиши самаранокии молиявӣ ва умумии истеҳсолоти ватанӣ таъмин карда шавад.

Инчунин, ивази воситаҳои техникӣ ва технологии дар истифода қарордошта, вале ҳанӯз пурра фарсуданашуда амалӣ мегардид ва ба рушди ҳамаҷонибаи бозорҳои воситаҳои техникии истифодабурдашуда ибтидо гузошта мешуд, зеро ин воситаҳои техникии рӯзмарра дар корхонаҳои сатҳи инкишофи иқтисодиашон паст, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ҳавлию работҳои шахсии аҳолии деҳот, ки эҳтиёҷ доранд, қудрати харидани техникаи нави гаронқиматро надошта, ва ба он эҳтиёҷ доранд, замина мегузошт.

Инкишофи фаъолияти лизингӣ бояд ба самтҳои муҳимми афзоиши фаъолияти маблағгузорӣ ва ҷалби маблағгузориҳои иловагӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ гардад. Чи хеле қайд гардидааст: «…Инкишофи лизинг дар фаъолияти маблағгузорӣ барои роҳандозӣ намудани барномаҳои давлатии маблағгузорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Он имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ барои онҳо амалӣ карда шуда, зимни он аз хавфи ба дигар мақсадҳо равона гардидани онҳо натарсида, барои кори назоратшаванда оид ба навкунӣ ва ташаккули пойгоҳи техникию истеҳсолии кишвар шароит фароҳам оварданро тақозо мекунад» [4].

Рӯ гардонидан аз раванди танзими маблағгузориҳои давлатӣ, инчунин, гузариши миқёсан калони иқтисодиёти кишвар ба муносибатҳои тиҷоратӣ, кам гардидани ҳаҷми маблағҷудокунии давлат ба он мусоидат кард, ки сектори аграрӣ новобаста аз ҷалби сармоя дар ҳаҷми матлуб ва бо сикли давомноки истеҳсолоташ, таваккалҳои калон ва даромаднокии камаш қобилияти фаъолияташро қариб аз даст дод. Муайян шудааст, ки зери таъсири нобаробарии нархҳо ҳар сол аз кишоварзон маблағҳои калон мусодира мешаванд, ки ин раванд дефитсид (камомад)-и давомноки сармояи гардони шахсии корхонаҳоро муайян мекунад. Бо суст гардидани фаъолияти сармояи гардон корхонаҳо тавассути «хӯрдани» сармояи асосӣ “ноил” мегарданд, ки ҳангоми он амортизатсияро барои эҳтиёҷоти ҷорӣ истифода баранд. Ба ҳамин тарз, давоми солҳои гузарониданиислоҳот иқтидори сектори аграрӣ якчанд маротиба кам гардид.

Барои барқарор намудани пойгоҳи хароби моддӣ-техникии соҳа, афзоиши ҷараёни маблағҳо аз манбаъҳои беруна зарур аст. Аз ин рӯ, чораҳои ғайриодие оид ба фароҳам овардани шароите, ки диққати маблағгузоронро ба соҳаи хоҷагии қишлоқ боз ҳам зиёдтар ҷалб кунад, заруранд. Вале гап дар он аст, ки бе иштироки фаъоли давлатӣ ва хоҷагии қишоварзӣ, ин масъаларо мустақилона ҳал карда наметавонанд. Сиёсати нави инвеститсионии давлатӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ на танҳо ба таъмини татбиқи ҳадафи зарурии стратегӣ, бо озуқавории дастрас ва хушсифати ватанӣ таъмин кардани аҳолии ҷумҳурӣ равона шуда бошад, балки манфиатҳои маблағгузоронро низ ба инобат гирифта, барои афзоиши арзиши сармояи маблағгузорӣ замина фароҳам орад. Ин омилҳо зарурати таҳлили чораҳои ташкилӣ ва илмиеро тақозо менамоянд, ки дар сектори аграрӣ самаранокии истифодабарии маблағгузориҳоро бояд таъмин кунанд.

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, вақте ки номукаммалии ислоҳоти аграрӣ ба мушоҳида мерасад, масъалаҳои афзоиши самаранокии истифодабарии маблағгузориҳо дар сектори аграрӣ хусусияти бисёрсатҳӣ, гуногунҷанбагӣ ва мураттабу мунтазам пайдо мекунанд (ҷадвали 1).

Вобаста ба ин, таҳлили мунтазам методологияи нисбатан илман асоснокшудаи имконпазири ҳалли чунин масъалаҳои мураккаб ба шумор меравад. Алоқамандона ба масъалаи зери таҳлили мо қарордошта, мазмуни таҳлили мунтазамро ҳамчун таҳия ва татбиқи маҷмуи чораҳои бо ҳам алоқаманд маънидод кардан мумкин аст, ки афзоиши

самаранокии истифодабарии маблағҳои инвеститсиониро, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инвеститсиониро инъикос намуда, имконпазир мегардонанд.

**Ҷадвали 1. Системаи чораҳои рушди самаранокии истифодабарии маблағгузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ**

**Table 1. System of measures for the development of the efficiency of the use of funds in the field of agriculture**

| Чораҳои сиёсӣ | Чораҳои иқтисодӣ-молиявӣ | Чораҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ | Чораҳои инноватсионӣ-технологӣ | Чораҳои иттилоотӣ-техникӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ислоҳоти соҳаи аграрӣ | Ташкили механизми навтарини маблағҷудокунӣ | Ҳимояи манфиатҳои иқтисодии маблағгузор | Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ | Таъмини дастрасии озоди фермер ба иттилоот |
| Ташкили шароити мусоиди маблағгузорӣ | Таъмини дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ | Содатар кардани ДФХ системаҳои баҳисобгирӣ | Истифодаи системаҳои киштгардон ва баланд бардоштани сифати тухмӣ | Баланд бардоштани сатҳи дониши иштирокчиёни маблағгузорӣ |
| Дастгирии давлатии маблағгузоро ни муваффақ | Ба маблағгузорони муваффақ ҷуброн намудани як қисми маблағи тиҷоратии бонкӣ | Ташкили системаи самараноки идоракунии ДФХ | Ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва техникаи нав | Таъсиси парки техникии технологияҳои пешрафта ва техникаҳои нав |
| Бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои ҷалби маблағгузорӣ | Содатар кардани системаи андозбандӣ | Суғуртаи таваккалҳои инвеститсионии фермерон | Нигоҳдорӣ, коркарди ибтидоии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ | Табодули таҷриба дар рафти фаъолияти пешқадам |

Сарчршма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Бинобар ин, ба ақидаи мо диверсификатсияи сектори аграрӣ яке аз чорабиниҳои таркибии муҳим мебошад, ки ҳамчун манбаи босуботи баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин ва даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Моҳияти диверсификатсияи истеҳсолот дар он аст, ки майдонҳои кишти баъзе зироатҳои хоҷагии қишлоқ ба фоидаи зироатҳои дигари нисбатан даромаднок кам карда шаванд. Пеш аз ҳама, бояд қитъаҳои замини минтақаҳои кӯҳистон диверсификатсия кунонида шаванд, зеро релеф ва тарҳи мураккаб дошта, бо об, техника, одам кам таъмин буда, шабакаи роҳҳои душворгузар доранд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ давраи ислоҳоти иқтисодӣ оғоз ёфт ва аз соли 1992 сар карда, қисман тақсим намудани заминҳои кӯҳистон ва доманакӯҳҳо сар шуд. Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 9 октябри соли 1995 таҳти №342 дар солҳои 1995-1997 ва аз 1 декабри соли 1997 таҳти №874 ба фермерон 75 ҳазор гектар замин тақсим карда дода шуд, ки ин ба таъмин намудани аҳолӣ бо озуқаворӣ мусоидат намуд. Як қисми аҳолии бекормонда баъди эълони фармонҳои мазкур ба кор ҷалб гардид, ки барои ҳалли масъалаи шуғлнокии аҳолӣ аҳаммияти калон дошт. Бо мақсади истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои обу замин, зиёд намудани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, инчунин, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996 таҳти №5 22 «Оид ба аз нав ташкилкунии ташкилоту корхонаҳои хоҷагии қишлоқ» қабул гардид, ки дар рафти амалӣ гардидани он, супоришҳои давлатӣ ва нархҳо ба маҳсулоти хоҷагии қишлоқ озод эълон шуданд, ки ин ба интихоби озоди фермерон дар парвариши зироатҳо мусоидат намуд.

Ислоҳоти дар соҳаи хоҷагии қишлоқ амалишаванда ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳуқуқи интихоб ва парвариши тамоми намудҳои зироатҳои хоҷагии қишлоқ, инчунин, дар бисёр ҷойҳо имконияти гузаронидани кишти дубораро дар майдонҳои холишуда имкон дод.

Барномаи соли 2012 қабулшуда ба якчанд чунин қоидаҳо аз қабили таъмини «интихоби озоди зироатҳои парваришшаванда», таъмини танзими бозорӣ, таъмини ҳуқуқи заминистифодабарӣ ва истифодаи об, таъмини таҳвили устувор ва боадолатонаи хизматрасониҳо ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ асос ёфта буд. Дар такя ба ин қоидаҳо, ба фермерон дастрасӣ ба қарзҳо ва маблағҷудокунӣ лозим меояд. Барнома барои ҳалли ин масъала равона гардида, дар зимни он тавассути таҳияи қоидаҳои мувофиқ оиди асоси адолату инсоф ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҷудо кардани маблағҳо ҳамкории зич доштанро бо онҳо, инчунин, бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ бо мақсади мустаҳкам намудану минбаъд инкишоф додани дастрасӣ ба қарзҳои хурд, ин ҳамкориро ба роҳ мондан пешбинӣ гардидааст. Аз ҷониби ташкилотҳои алоҳидаи ғайридавлатӣ ба сифати намунаи таҷрибаи пешқадам, системаи обшинагии қарздиҳии ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ таъсис дода шуданд, ки бартарии худро нишон дода, минбаъд ҳам истифода бурда мешаванд.

Барнома ба амалигардонии ҳадафу вазифаҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, ки ба соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши ҳалкунанда мегузорад, равона карда шудааст. Мақсади асосии он ин тақвияти ислоҳоти сохторӣ ва ниҳодӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти содиршаванда қодир аст, равона шудааст. Барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти механизмҳои ташкилию иқтисодии истифодаи фондҳои махсуси хусусӣ ё омехтаи сармоягузорӣ, инчунин, воситаҳои кам кардани хавфи маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзиро таъмин менамоянд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки барои ҳалли масъалаи маблағгузориҳо дар соҳаи хоҷагии кишоварзи таъсис додани кооперативҳои деҳотии қарздиҳӣ ва истеъмолӣ зарур мебошад. Гап дар сари он аст, ки нокифоягии пойгоҳи моддию техникӣ, инчунин, мавҷуд набудани дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ ба фермерон имкон намедиҳад, ки диққаташонро ба самти дар асоси кооператсия якҷоя амалӣ намудан, фаъолияти хоҷагидории даромадноки молиро пеш баранд. Кооперативҳои аграрии истеъмолӣ ва қарздиҳӣ дар асоси хоҷагиҳои фермерӣ ташкил гардида, ҳамчун ҷузъи хоҷагидории истеҳсолӣ баромад мекунанд ва аз Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ куллан фарқ мекунанд ва он ҳамчун як сохтори ҷамъиятӣ буда, кӯшиш мекунад ки ҳуқуқу манфиатҳои фермеронро ҳимоя намояд. Кооперативҳо дар асоси чунин қоидаҳои демократӣ ба монанди ихтиёрӣ будан, шаффофӣ, кушодагӣ, ҳисоботдиҳии мунтазам, ҷалбшавии умумӣ таъмини самараноки такрористеҳсолкунӣ таъсис дода мешаванд.

**Расми 1. Сохтори кооперативи қарздиҳӣ**
**Figure 1. The structure of the credit cooperative**




Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Барои рушди ҳаракати кооператив ва устувории он хуб мешуд аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ истифода намоем, пеш аз ҳама, аз таҷрибаи кишварҳои собиқ шуравӣ,

ба монанди Россия, Қирғизистон, ки арзишҳою таҷрибаи пеш бурдани хоҷагидории системаи шуравиро доро мебошанд.

Рушди кооперативҳои қарздиҳии хоҷагии кишоварзӣ ба фермерон ва дигар молистеҳсолкунандагони соҳаи хоҷагии қишлоқ имконияти дастрасӣ ба қарзҳоро фароҳам меорад. Ба ақидаи мо, барои амалӣ гаштани онҳо заруранд:

- тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доштани реҷаи андозбандии имтиёзноки истеҳсолоти соҳаи хоҷагии кишоварзӣ;
- такмили асосии қонунгузорӣ барои беҳтар намудани ҳолати истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ;
- ташаккул додани механизми қарзи давлатӣ ва дастгирии бозор, молу мулк (амвол) ба сифати шарти асосии таъмини дастрасии захираҳои молиявӣ барои қарздиҳӣ ба кишоварзон баҳри харидани воситаҳои техникӣ.

Барнома асосан ба таҳияи механизмҳои маблағҷудокунии зерин бо иштироки сектори хусусӣ диққат медиҳад:

1. Қарзҳои кӯтоҳмуддат, ки ба муҳлати 1 сол ба ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аз ҷумла ба соҳибкорони инфиродӣ барои харидани воситаҳои гардон дода мешаванд.
2. Қарзҳои мақсаднок, ки бо муҳлати 5 сол ба ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аз ҷумла ба соҳибкорони инфиродӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии фаъолияташон дода мешаванд, ки онҳо коркарди ибтидоӣ ва минбаъдаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқро барои харидани таҷҳизот амалӣ мегардонанд.
3. Ба объектҳои чорводорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво, барои анборҳои картошка, сабзавот ва меваҷот, инчунин, ба комплексҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти меваю сабзавот.
4. Таҳияи воситаҳои ҳавасмандгардонии қарздиҳии кишоварзӣ, лизинг ва суғуртаи кишоварзӣ.

Бо мақсади таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ диққати зарурӣ ба маблағгузории соҳаи картошкапарварӣ дода шуда буд, ин ҳамчун яке аз тарзҳои самараноки истифодабарии замин дар минтақаҳои кӯҳистон ба ҳисоб мерафт, ки мақсад аз он рушди минбаъдаи соҳаҳои муҳимми растанипарварӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, дар асоси беҳтар ба роҳ мондани низоми тухмипарварӣ ба истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои баландсифати тухмӣ, ки ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯ бошанд, самаранок истифода бурдани шароити мусоид барои парвариши тухмии хушсифат ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои кӯҳистон, доманакӯҳ ва водиҳо, аз ин ҳисоб афзудани рушди истеҳсолот ва сатҳи содироти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба хориҷи ҷумҳурӣ мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Абдураҳмонов Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Борисенко А.Н. Инвестиционная политика в аграрно-промышленном комплексе в условиях рыночной экономики / А.Н. Борисенко. -Ростов на Дону: Литература, 1993. -203 с.
2. Закон РФ «О финансово-промышленных группах» от 30.12.1995 // Российская газета. - 1996. - 11 января.
3. Кабирова А.Я. Эффективность инвестиций в сельское хозяйство: Анализ и оценка. Научно-практическое пособие / А.Я. Кабирова, Е.В. Сергацковой. -М., 2005. -С.45.
4. Логинов В. Инвестиционная политика: возможности реализации и приоритеты / В. Логинов, К. Гусева, Ю. Соколов // «Вопросы экономики». – 1993. -№9. -С.74-79.
5. Сабзаева М.С. Проблемы формирования дехканских (фермерских) хозяйств в новых условиях / М.С. Сабзаева. –Душанбе: ООО «Экспресс», 2001. -40 с.
6. Сабзаева М.С. Современные проблемы формирования и развития дехканских (фермерских) хозяйств в рыночных условиях: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.С. Сабзаева. -Душанбе, 2004.
7. Сагайдак, А.Э. Экономическое регулирование в АПК в условиях перехода к рынку / А.Э. Сагайдак, Т.В. Каштанова // Итоги научно-практической работы молодых ученых и специалистов за 1997 год: науч. тр. -М., 1997. -С.72-73, 121.
8. Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ. Саҳми пойгоҳи моддӣ-техникӣ дар раванди истифодаи самараноки захираи замини минтақаҳои кӯҳӣ / Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2024. -№2. –С.116-122.
9. Сельское хозяйство Курской области // Статистический сборник. -Курск: Облкмгосстат, 2001. -206 с.

10. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. –Душанбе: Госстатагентство Республики Таджикистан, 2000. -313 с.
11. Ткачук, С.А. Эффективное использование земельных ресурсов: вопросы управления земельными ресурсами / С.А. Ткачук, П.С. Шевченко, Я.Я. Мауль. -М.: Экономика, 1983. -79 е.: ил.
12. Ушачев И.Г. Управление агропромышленным комплексом / И.Г. Ушачев. -М., 1985. -336 с.
13. Шоазизова М. Динамика отраслевой структуры сельского хозяйства республики / М. Шоазизова, Д.С. Пириев // Кишоварз. -Душанбе, 2004. -№1. –С.69-73.
14. Шоазизова М. Потребность населения и оптимизация овощекартофельного производства / М. Шоазизова // Замима ба «Дехдон». - 2003. -№1. -С.34-36.
15. Экономика сельского хозяйства/ под ред. Минакова. -ИАМ.: Колос, 2003. -2328 с.

## ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ МЕХАНИЗМҲОИ ИҚТИСОДӢ – АСОСИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН

Дар мақолаи мазкур самтнокии сиёсати давлатро оид ба маблағгузорӣ, ба монанди санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқие иборат мебошанд, ки ба коҳиш ёфтани монеаҳои маъмурӣ ва пеш бурдани фаъолияти молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории бо дарназардошти механизмҳои ташкилию иқтисодие, ки истифодаи фондҳои махсуси хусусӣ ё омехтаи сармоягузорӣ, инчунин, воситаҳои кам кардани хавфи маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзиро таъмин менамоянд, асоси худро ёфтааст. Системаи чораҳои рушди самаранокии истифодабарии маблағгузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои ташкили иқтисодии таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ, ки дар он маблағгузорӣ нақши хосеро иҷро намуда, ҷалби маблағҳои аъзоёни он мебошад, ифода шудааст. Бо мақсади таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ диққати зарурӣ ба маблағгузории соҳаи картошкапарварӣ дода шуда буд, ин ҳамчун яке аз тарзҳои самараноки истифодабарии замин дар минтақаҳои кӯҳистон ба ҳисоб мерафт, ки мақсад аз он рушди минбаъдаи соҳаҳои муҳимми растанипарварӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, дар асоси беҳтар ба роҳ мондани низоми тухмипарварӣ ба истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои баландсифати тухмӣ, ки ба талаботи иқтисоди бозаргонӣ ҷавобгӯ бошанд, самаранок истифода бурдани шароити мусоид барои парвариши тухмии хушсифат ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои кӯҳистон, доманакӯҳ ва водиҳо ва аз ин ҳисоб афзудани рушди истеҳсолот ва сатҳи содироти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба хориҷи ҷумҳурӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** механизм, иқтисодӣ, самаранокӣ, замин, маблағгузорӣ, амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, молия, техналогия, инноватсия, қарз, кооператив.

## РАЦИОНАЛЬНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ МЕХАНИЗМОВ – ОСНОВА ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАНИЯ

В данной статье обсуждено направление государственной политики финансирования, такие нормативно-правовые акты, которые направлены на снижение административных барьеров и стимулирование деятельности сельхозпроизводителей и повышение инвестиционной привлекательности с учетом организационно-экономических механизмов, которые включают использование специальных частных фондов или смешанного инвестирования, а также обеспечивают средства снижения риска финансирования в аграрном секторе. Для обеспечения населения республики продуктами питания необходимое внимание уделялось финансированию отрасли картофелеводства. Это рассматривалось как один из наиболее эффективных способов землепользования в горных районах, целью которого было дальнейшее развитие важных направлений селекции растений, повышение продуктивности сельскохозяйственных культур, основой более эффективного внедрения семеноводческой системы в производство является внедрение сортов семян высокого качества, отвечающих требованиям рыночной экономики, эффективное использование благоприятных условий для выращивания высококачественных семян и сельскохозяйственной продукции в горных, предгорных и долинных районах, повышая тем самым развитие производства и уровень экспорта сельскохозяйственной продукции за границу.

**Ключевые слова:** механизм, экономика, эффективность, земля, финансирование, продовольственная безопасность, сельское хозяйство, финансы, технологии, инновации, кредит, кооператив.

## RATIONAL USE OF ECONOMIC MECHANISMS IS THE BASIS FOR INCREASING THE EFFICIENCY OF LAND USE

This article discusses the direction of government policy on financing, such as regulations that are aimed at reducing administrative barriers and stimulating the activities of agricultural producers and increasing investment attractiveness, taking into account organizational and economic mechanisms, which include the use of special private funds or mixed investment, as well as provide a means of reducing financing risk in the agricultural sector. To provide the population of the republic with food, the necessary attention was paid to financing the potato growing industry. This was considered as one of the most effective methods of land use in mountainous regions, the purpose of which was to further develop important areas of plant breeding, increase the productivity of agricultural crops, the basis for a more effective introduction of the seed system into production is the introduction of high quality seed varieties that meet the requirements of a market economy, effective using favorable conditions for growing high-quality seeds and agricultural products in mountain, foothill and valley areas, thereby increasing the development of production and the level of export of agricultural products abroad.

**Keywords:** mechanism, economics, efficiency, land, financing, food security, agriculture, finance, technology, innovation, credit, cooperative.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ* -** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи замин ва кадастрӣ. **Сурога**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **(+992) 101-11-19-89**. E-mail: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Саидмурадзод Джовид Джаббори*** – Таджикский аграрный университет им. Ширинשо Шотемур, кандидат экономических наук, доцент кафедры землеустройства и кадастра. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 146. Телефон: **(+992) 101-11-19-89**. E-mail: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Saidmuradzod Jovid Jabbori*** – Tajik Agrarian University. Shirinsho Shotemur, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Land Management and Cadastre. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 146. Phone: **(+992) 101-11-19-89**. Email: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

ТДУ: 330.322 (575.3)

# МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА ТАСНИФОТИ САРМОЯГУЗОРӢ

*Сайдолимов Ғ.К.*

**Филиали Муассисаи давлатии "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" дар вилояти Суғд**

Аз оғози марҳилаи соҳибистиқлолӣ ва гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, дар ҷумҳурӣ истифодаи оқилона ва мақсадноки захираҳои молиявӣ ва сармояҳо яке аз масъалаи мубрам маҳсуб гардидааст. Махсусан, ин дар шароити таназзули иқтисодӣ тамоюли номутаъдилии молиявӣ, паст рафтани истеҳсолот ва дигар омилҳои манфӣ эҳсос мегардад.

Бояд қайд намуд, ки гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ боиси пайдоиши моликияти гуногун дар иқтисодёт гардид. Маълум аст, ки дар замони собиқ Иттиҳоди шуравӣ мафҳуми сармоя ва муносибатҳои бо он алоқаманд хусусияти танҳо давлатӣ дошт, зеро ҳамаи намуди заҳираҳои молиявӣ аз ҷониби давлат ташаккул, тақсим ва азнавтақсим мегашт. Бо гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ механизми молиявии давлат ба хусусиятҳои иқтисодиёти бозоргонӣ нигаронида шуд. Аммо дар марҳилаи инкишофёбии иқтисодиёти бозоргонӣ баъзе муаммоҳо ба вуҷуд омадаанд, ки бевосита ба самаранокии фаъолияти инвеститсионӣ таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Дар ин мақола мо кӯшиш ба ҳарҷ медиҳем, ки хусусиятҳои ин муаммоҳоро омӯхта, дар ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли ин муаммоҳо таҳқиқот гузаронем.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26-уми январи соли 2021 ироа гардид, тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳаёти ҷомеаро ба таври муфассал фаро гирифта, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат дар соли ҷорӣ тавсиф намуд, ки он дастури роҳнамо ба сӯи ояндаи неки кишвар ва танзими иқтисодиёт ба шумор меравад. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад».

«Дар соли 2022 ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021 706 миллион сомонӣ, ё ин ки 11,3% зиёд буда, 19%-и ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, дар соҳаи маориф 4 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 1 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Яъне, барои соҳа дар маҷмуъ, қариб 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Илова бар ин, соли ҷорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои барномаҳои давлатии соҳа, хусусан, дар самти таҳсилоти томактабӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз, инчунин, рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ аввалин маротиба ба таври мутамарказ 32 миллион сомонӣ ҷудо карда шуд» [9].

Сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза дар марҳилаи рушд ва ташаккулёбӣ қарор дорад. Ҳадафҳое, ки дар татбиқи ин сиёсати мушоҳида мешаванд, таъмини гузариши мамлакат ба модели индустиралию аграрӣ мебошад. Аммо бояд таъкид намуд, ки масъалаи саноатикунонии кишвар бе мавҷудияти инвеститсияҳо ғайриимкон аст. Маҳз барои ҳамин дар ҷараёни татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръат ҳалли масъалаи инвеститсияҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Новобаста аз хусусияти иқтисодиву иҷтимоии давлат омили асосии рушди иқтисодӣ инвеститсияҳо ба шумор меравaнд, зеро бе инвиститсия таъмини такрористеҳсоли васеъ номумкин аст. Аз таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки сатҳи таъминнокии инвеститсионии иқтисодиёти миллӣ имконияти таъмини мӯътадил ва устувори иқтисодиётро фароҳам намеорад. Аз маълумотҳои расмии омор бармеояд, ки ҳиссаи сармоягузориҳои дохилӣ дар ММД атрофи 20%-ро ташкил менамояд. Ин нишондиҳанда

якҷоя бо инвиститсияҳои мустақими хориҷӣ каме зиёдтар аз 21% ташкил медиҳад. Меъёри ҷаҳонии ин индикатор атрофи 32-34% мебошад, ки вазъи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10-12% кам мебошад.

Ҳамин тавр, имрӯз масъалаи сармоягузорӣ яке аз муаммоҳои асосӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад. Фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ асосии рушди иқтисодиёт буда, имкон медиҳад, ки сатҳи ҳосилнокии меҳнат баланд гашта, некуаҳволии аҳолӣ беҳтару хубтар гардад.

Вақте, ки дар ин самт таҳқиқот гузаронида мешавад, бо якчанд категорияҳои асосӣ рӯ ба рӯ мегардем. Ин мафҳумҳои маблағгузориҳо дар иқтисодиёт фаъолияти сармоягузорӣ ва инвеститсияҳо мебошад. Бояд қайд намоем, ки ҳар яке ин категорияҳо хусусияти худро дошта, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар ин ҷо инвеститсияҳо мафҳуми васеъ буда, нисбат ба категорияҳои дигар қайд шуда, маблағгузорӣ ба активҳои гардон, воситаҳои молиявӣ, сармояи инсонӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Мувофиқи маълумоти мутахассисони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ фаъолияти сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин арзёбӣ мегардад:

**Ҷадвали 1. Номгӯи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ**
**Table 1. List of priority investment projects**

| № | Маълумот оид ба ташаббус-кори лоиҳаи сармоягузорӣ | Номи лоиҳаи сармоя-гузорӣ | соҳа | Мақсади лоиҳаи сармоягу-зорӣ | Маҳалли татбиқи лоиҳаи сармоя-гузорӣ | Ҳаҷми лоиҳаи сармоягу-зорӣ (долл. ИМА) | Ҳамоҳангсози лоиҳа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶДММ «Қатари Диар Реал Истейт Инвесмент компани Тоҷикистон» | Бунёди шаҳраки замонави и “Диёри Душанбе | сохтмон | Бунёди шаҳри замонавӣ | шаҳри Душанбе | 300 млн. доллар | Имамов Ёқуб-менеҷри лоиҳа |
| 2. | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Қатар | Бунёди масҷиди калони замонавӣ | сохтмон | Бунёди иншооти сохтмонӣ | шаҳри Душанбе | 91,7 млн. доллар | Шокиров Ш. |
| 3. | ҶДММ «ТК Ойл» | Сохтмон ва ба истифо-да додани корхонаи коркарди нафт | энергети ка | Истеҳсоли маҳсулоти нефтӣ | Ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон | Марҳилаи 1- 60 млн . доллар Марҳилаи 2- 300 млн .доллар | Го Женсиян директори генералӣ |
| 4. | ҶДММ «ККН Регар» | Сохтмон ва ба истифо-да додани корхонаи коркарди нафт | энергети ка | Истеҳсоли маҳсулоти нефтӣ | Шаҳри Турсунзод а | 21 млн. доллар | Диетмар Франке-директори генералӣ Зувайдов Юсуфалӣ |

Эзоҳ: Ҷадвали мазкур аз рӯи маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷамъоварӣ карда шуда, аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҳамзамон раиси Кумитаи сармоягузории Тоҷикистон қайд кард, ки нишондиҳандаҳои мазкур мақомоти кишварро қаноат карда наметавонанд, ба ҳамин хотир Кумита амалигардонии лоиаҳои сармоягузориро идома медиҳад ва дар сурати иҷрои лоиаҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвар дар соли оянда сармоя боз ҳам бештар ворид хоҳад шуд.

**Маълумотнома оид ба воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021**

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2021, 607,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 345,9 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим, 261,2 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд.

**Диаграммаи 1. Ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар соли 2021**
**Diagram 1. Attracting capital funds in 2021**




Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки воридоти сармоягузории мустақим нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19,1 млн. доллари ИМА коҳиш ёфтааст.

Сармояи мустақим асосан ба соҳаҳои саноати коркард – 39,2 млн. дол. ИМА (14,2%), саноати истихроҷи маъдан – 231,7 млн. дол. ИМА (67,0%), фаъолияти молиявӣ ва ҳаргуна хизматрасониҳои тиҷоратӣ – 8,8 млн. дол. ИМА (2,5%), нақлиёт ва алоқа – 36,4 млн. дол. ИМА (10,5 %), сайёҳӣ – 11,0 млн. дол. ИМА (3,2%), саноати сохтмон – 2,7 млн. дол. ИМА (0,8%), ва ғайраҳо – 6,1 млн.доллари ИМА (1,8%) равона карда шудаанд.

Дар соли 2021 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 39,7 % (137,4 млн. долл. ИМА), Вилояти Суғд – 52,7% (182,3 млн. долл. ИМА), Вилояти Хатлон –3,1% (10,6 млн. долл. ИМА), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 0,6% (2,2 млн. долл. ИМА) ва ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад – 3,8% (13,3 млн. долл. ИМА) равона гардидааст.

**Диаграммаи 2. Воридоти сармояи хориҷӣ дар соли 2021**
**Diagram 2. Results of the 2021 housing market**




Эзоҳ: Диаграммаи мазкур аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Фаъолияти сармоягузорӣ – раванди сармоягузорӣ, ки марҳилаҳои таҳия, иҷро ва идоракунии лоиҳаҳои вобаста ба сармоягузориро дар бар мегирад [4].

Аз ҷониби олимони олмонӣ Э. Долан ва Д. Линдсей мафҳуми инвеститсия чунин шарҳ дода мешавад:

“Инвеститсия – зиёдшавии ҳаҷми сармоя дар низоми иқтисодӣ, яъне зиёдшавии пешниҳоди захираҳои истеҳсолкунанда, ки аз тарафи одамон амалӣ карда мешавад. Сармоягузорӣ ин даст кашидан аз истеъмолоти ҷорӣ бо мақсади дар оянда истеъмол намудан мебошад. Ҳамзамон мо дар ҳолати хуб аз нуқтаи назари қонеъ гардонидани талаботҳои оянда ба он соҳиб мегардем” [2,с.75].

Олими рус Беляева Т.В инвеститсияро ҳамчун “Шакли муҳимми фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ, ки дар худ маҷмуи амалиётҳои мувофиқи молиявии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин, давлат ва ташкилотҳои байналхалқӣ муайян намудааст, ки барои таъмини такрористеҳсоли васеи сармояи асосӣ ва гардон бо мақсади қонеъ намудани талоботҳои ҷамъиятӣ ва ноил шудан бо дараҷаи баланди самаранокии иқтисодӣ” равона карда шудааст. Дар ин таърифи инвеститсияҳо чунин нуқтаҳои муҳимро зикр намудан зарур аст: Якум, субъектони ҷараёни инвеститсионӣ ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Инчунин хамчун субъекти инвеститсия давлат ва ташкилотҳои байналхалқӣ низ иштирок карда метавонанд. Дуюм, инвеститсия омили асосии таъмини такрористеҳсолӣ васеъ ба шумор меравад. Сеюм, инвеститсия на танҳо ҳадафи ҷалби бештари фоидаро дорад,балки яке аз ҷанбаи муҳимми он пайгирии қонеи талаботи бештари ҷомеа мебошад.

Олими дигари рус С.Е. Каратишкин инвеститсияро чун “олоти ташкилкунандаи механизми иқтисодӣ, ки дорои хусусияти таъминкунандаи такрористеҳсолоти васеи сармояи воқеии ҷомеаро муаррифӣ намудааст, на танҳо сармояи асосии истеҳсолӣ, балки сармояи инсонию табииро низ ташкил медиҳад”. Аз ин бармеояд, ки мафҳуми инвеститсия бо фаъолияти бозори молиявӣ вобастагӣ дорад. Чи қадаре, ки сатҳи ин бозор инкишоф ёбад,ҳаҷми инвеститсияҳо ва самаранокии он дар иқтисодиёт баланд мегардад.

Р.М. Нурмухаметов нисбат ба категорияи инвеститсия чунин ақидаи худро баён менамояд: “инвеститсия ин маҷмуи хароҷотест, ки дар намуди маблағгузорӣ, харидории қоғазҳои қимматнок ва дигар маблағгузориҳои мақсаднок бо мақсади ҷалби фоидаи соҳибкорӣ, фоиз ё ин, ки дигар самараи иҷтимоӣ ифода меёбад” [8,с.75].

Дар ин шарҳдиҳии мафҳуми инвеститсия чунин ҷанбаҳои мусбии онро қайд намудан зарур аст:

1. Инвеститсия ҳамчун маҷмуи хароҷот дида мешавад, ки мантиқан бо моҳияти он мутобиқ мебошад.
2. Мақсади ҳамагуна инвеститсияҳо ҷалби самараи иқтисодӣ дар шакл ва намудҳои гуногун мебошад.
3. Дар шарҳи мазкур алоқамандии инвеститсия бо дигар категорияҳои молиявӣ муайян карда шудааст.

Олими рус А.Г. Грязонова бошад мафҳуми сармоягузориро дар китоби худ чунин шарҳ додааст:

Сармоягузорӣ – ин маҷмуи шартҳои сиёсӣ, иҷтимоию маданӣ, молиявию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки сифати инфросохтори соҳибкорӣ ва самараноки сармоягузорӣ ва дараҷаи хатарҳои имконпазир ҳангоми маблағгузории онҳо дар ин ё он мамлакат ба вуҷуд меояд.

Фаъолияти сармоягузорӣ - маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, фаъолияти маҷмуӣ барои маблағгузорӣ ва дигар амалиётҳои инвеститсионӣ, ҳамчунин, таъмини боздеҳи маблағгузориҳо тавсиф мегардад [9,с.215].

Агар ба адабиёти ҷаҳон назар афканем, истилоҳ ва раҳи сармоя ва сармоягузорӣ гуногун мебошад. Олимони тоҷик дар асарҳои худ истилоҳи мазкурро чунин шарҳ медиҳанд:

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ фаъолияти сармоягузорӣ барои ҳар як мамлакат нақши калон мебозад, зеро инвеститсия дар иқтисодиёти давлат мавқеи муайянро ишғол менамояд. Сармоягузориҳои асосӣ ба лоиҳаҳои маблағгузорӣ ҳамон вақт амалӣ карда мешавад, ки ба ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда мусоидат намоянд. Дар аксар маврид бо мақасади иқтисодӣ корпоратсияҳо, ташкилотҳо, ширкатҳо,

корхонаву соҳибкорон дар муддати муайян на танҳо сармояи ба гардиш мондаашонро барқарор мекунанд, балки даромади муайян низ ба даст меоваранд.

**Ҷадвали 2. Таҳлили мафҳуми “сармоягузорӣ” дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ**
**Table 2. Analysis of the concept of "Sapmoyagyzopi" in domestic and foreign literature**

| № | Муаллиф, сарчашмаҳо ва нашрия | Мафҳум |
|---|---|---|
| 1. | Абдуғаффоров А.А. ва Азизов Ф.Ҳ. “Луғати калима ва ибораҳои иқтисодиёти бозоргонӣ” [1,с.113]. | Сармоя фишанги ба ҳаракатоваранда ва муайянкунандаи дараҷаи рушди иқтисоди миллӣ ва некуаҳволии ҷомеа мебошад.<br>Сармоягузрии дарозмуддат ба ин ё он соҳаи хоҷагӣ, корхона ё барномаи иқтисодӣ ва барномаи иҷтимоӣ ки дар дохили мамлакат ва ё дар хориҷа бо мақсади гирифтани фоида амалӣ гардонида мешавад. |
| 2. | Краветс П.О., Краветс О.Б. Вазъи сармоягузории Россия дар шароити бухрони ҷаҳонии молиявӣ ва вазифаҳои калидии беҳтарсозии он [5,с.2]. | Сармоягузорӣ - дар шароити бозоргонӣ маҷмуи омилҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ, ташкили ҳуқуқӣ ва ҷуғурофии ба давлат хос, ки аз маблағгузории сармоягузор вобастагӣ доранд. |
| 3. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” [4]. | **Сармоягузорӣ** - аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида.<br>**Фаъолияти сармоягузорӣ** - раванди сармоягузорӣ, ки марҳилаҳои таҳия, иҷро ва идоракунии лоиҳаҳои вобаста ба сармоягузориро дарбар мегирад. |
| 4. | Пиров Т., Хонҷонов А., Султонов М.Ҳ. Фарҳанги молия ва бонкдорӣ [10,с.204]. | Сармоягузорӣ – маҷмуи хароҷотҳое, ки дар шакли маблағгузории дарозмуҳлат ба саноат, соҳаи кишоварзӣ, нақлиёт, заминаи моддию техникии сохтмон ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ равона гардидааст |
| 5. | Максимов Н.Б. Иқлими инвеститсионӣ | Сармоягузорӣ – ин одатан маҷмуи омилҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ҷуғрофӣ, ки ба ин ё он давлат хос буда, сармоягузоронро, ки воситаҳои худро дар ин ё он низоми хоҷагидорӣ мегузоранд, ҷалб ё аз худ дур менамояд. |
| 6. | Раҳимов О.Н., Зиёев С.С., Соҳибназаров Ғ.Ҳ. Фарҳанги истилоҳоти назарияи иқтисодӣ (тарҷума ва тафсир) [11,с.78-79]. | Сармоя – воситаҳои пулӣ, маблағҳои мақсадноки бонкӣ, саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок, теҳналогияҳо, мошинҳо, таҷҳизот ва амволи дигар, инчунин, ҳуқуқ аз амволи арзиши пулӣ дошта, ки ба объекти соҳибкорӣ ва фаъолияти дигар ба мақсади гирифтани фоида ва ё ноил гардидан ба ягон натиҷа ва самараи дилҳоҳ сармоягузорӣ мешаванд: ҳароҷот барои истеҳсолот ва пасандоз намудани воситаҳои истеҳсолот, зиёд намудани захираҳои моддӣ; сармоягузорӣ барои рушд ва такмилдиҳии тамоми омилҳои истеҳсолот.<br>Сармоягузорӣ - раванди пурракунӣ ва зиёд кардани фондҳои сармоя, ворид шудани сармояи нав ба ширкат дар соли ҷорӣ мебошад. |
| 8. | Шобеков М. Лутати тафсирии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (русӣ - англисӣ - тоҷикӣ). Нашри якум [17,с.44]. | Фаъолияти сармоягузорӣ – хариду фурӯши дороиҳои дарозмуддат ва дигар объектҳои сармоягузорӣ. |
| 9. | Шарифов Ф.Н. Луғати мухтасари истилоҳоти бонкдорӣ [16,с.175]. | Сармоягузорӣ (инвеститсия) –сармоягузории дарозмуҳлат дар кишвари худ ё берун аз кишвар дар фаъолияти корхонаҳои соҳаҳои гуногун, |

| | | |
|---|---|---|
| | | лоиҳаҳои соҳибкорӣ, барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ. Намудҳои гуногуни сармоягузорӣ арзи вуҷуд доранд: давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷаи давлат, аз манбаъҳои дигари молиявии давлатӣ ташаккул меёбанд; хориҷӣ, ки аз ҳисоби сармоягузории хориҷии давлатҳои дигар, бонкҳои хориҷӣ, иттиҳодияҳо, соҳибкорон маблағгузорӣ мешаванд; хусусӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои шахсии корхонаҳо ва ташкилотҳои корпоративӣ, шаҳрвандон, инчунин маблағҳои худӣ ва ҷалбкардашуда ташаккул меёбанд. |

Сарчашма: Ҷадвали мазкур аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ФМД ДБССТ – Обидова М.Р.**

## АДАБИЁТ


1. Абдуғаффоров А.А. Луғати калима ва ибораҳои иқтисоди бозоргонӣ / А.А. Абдуғаффоров, Ф.Ҳ. Азизов. -Хуҷанд, 2009. -188 с.
2. Воронков А.Н. Транспортно-складская логистика строительства. Монография / А.Н. Воронков, Т.Н. Лопаткина. -Н. Новгород: Нижегор. гос. архитектур.-строит. ун-т., 2010. -146 с.
3. Долан Э.Дж. Микроэкономика / Э.Дж. Долан, Д. Линдсей. -Копирайт, 1994. -389 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ"
5. Кравец П.О., Кравец О.Б. Инвестиционный климат России и условиях глобального финансового кризиса и ключевые задачи его улучшения. [Электронный ресурс]. URL: http://www. Auditfin.com/fin/2009/5/Kravec/Kravec/%20/pdf (дата обращения 31.01.2021).
6. Луғати калима ва ибораҳои иқтисоди бозоргонӣ / Ф.Ҳ. Азизов, Ф. Азизов, А.А. Маҳмудов, Н.Ф. Маҳмудова. -Хуҷанд, 2012. -188 с.
7. Максимов Н.Б. Инвестиционный климат / Н.Б. Максимов. –Иркуск: Изд. БГУЭП, 2002. -600 с.
8. Нурмухаметов Р.М. Закономерности развития инвестиционных отношений в трансформационной экономике: авт.дисс. на соис. уч. степ. д. э. и. / Р.М. Нурмухаметов. –Казань, 2009.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26-уми январи соли 2021.
10. Пиров Т. Фарҳанги молия ва бонкдорӣ / Т. Пиров, А. Хонҷонов, М.Ҳ. Султонов. -Душанбе: Эр–граф, 2008. -572 с.
11. Раҳимов О.Н. Фарҳанги истилоҳоти назарияи иқтисодӣ (тарҷума ва тавсир) / О.Н. Раҳимов, С.С. Зиёев, Ғ.Ҳ. Соҳибназаров. –Душанбе, 2014. -272 с.
12. Фарҳанги мухтасари иқтисодӣ / Х. Абдуқодиров, М. Абдуллоев, А. Якубов, Ф. Ҳошимов. -Хуҷанд, 2013. -158 с.
13. Ҳабибов С. Луғати истилоҳоти иқтисодӣ (русӣ-тоҷикӣ) / С. Ҳабибов, Х.Н. Фаҷеров, М.К. Ҷамшедов. - нашри 2-м бо баъзе тағйироту иловаҳо. -Душанбе: Ирфон, 2010. -323 с.
14. Хофизов Х.А. Инвестиционный потенциал Зеравшанской долины Согдийской области / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2-5. -Част II. -С.63-66.
15. Хофизов Х.А. Характеристика инвестиционных рисков Зеравшанского региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/8(215). -С.24-29.
16. Шарифов Ф.Н. Луғати мухтасари истилоҳоти бонкдорӣ / Ф.Н. Шарифов. -Душанбе: Эр-граф, 2012. -384 с.
17. Шобеков М. Луғати тафсирии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (русӣ-англисӣ-тоҷикӣ) / М. Шобеков. -нашри якум. -Душанбе: Империал-Групп, 2010. -144 с.


## МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА ТАСНИФОТИ САРМОЯГУЗОРӢ


Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз соҳаи асосӣ, соҳаи сармоягузорӣ мебошад, ки ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар дигар давлатҳои дунё аҳаммияти калон дорад. Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф мафҳуми сармоя ва моҳияти иқтисодии он мавриди таҳлил қарор дода, асосҳои таҳаввулоти сармогузориҳо таҳқиқ карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлилҳо фикру ақидаи олимони тоҷик ва хориҷӣ баррасӣ гардида, тариқи ҷадвал маълумотҳо ва пӯёи амалиётҳои сармоягузориҳо пешниҳод карда мешавад. Тавре муаллиф қайд менамояд, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26-уми январи соли 2021 ба соҳаи сармоягузории дохила диққати махсус зоҳир намудааст. Маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷамъоварӣ карда шуда, аз ҷониби муаллиф ҷадвали махсус тартиб дода шудааст. Муаллиф аз усулҳои уфуқию амудӣ оқилона истифода карда, таҳлилҳо гузаронида, диаграмма низ тартиб додааст. Дар ташаккули ММД-и мамлакат саҳми ин соҳа назаррас мебошад ва аз ҳамин лиҳоз, самтгирии саноат низ бо чунин воқеият мувофиқ мебошад. Бояд қайд

намуд, ки барои инкишоф ёфтани саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон албатта ҷалби сармоягузории дохила ва хориҷӣ аҳаммияти хосса дорад.
**Калидвожаҳо:** сармоягузор, сармоягузорӣ, ширкат, таҷҳизот, ташкилот, захира, иқтисодиёт, истеҳсолот, фоида.

## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ ИНВЕСТИЦИЙ И ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ

В условиях рыночной экономики основные направления инвестирования имеют большое значение в Республике Таджикистан и в других странах мира. В данной статье автор анализирует понятие «инвестиция” и ее экономическую сущность. Автором исследована основа эволюции инвестиций, правовые концепции. В результате анализа сопоставлены мнения таджикских и зарубежных ученых и представлены данные и основания инвестиционных операций в виде таблицы. Как отмечает автор, Основатель Национального Единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26 января 2021 года уделил особое внимание сфере внутренних инвестиций. В результате исследований автором была подготовлена специальная таблица на основе сведений Государственного комитета по инвестициям и управления государственным имуществом. Автор грамотно использовал горизонтальный и вертикальный методы, были проведены анализы и составлена диаграмма. Вклад этой отрасли в формирование ВВП страны значителен, и с этой точки зрения, направление отрасли также должно соответствовать этому факту. Следует отметить, что для развития отрасли в Республике Таджикистан привлечение отечественных и иностранных инвестиций, безусловно, имеет важные значение.
**Ключевые слова:** инвестор, инвестирование, фирма, техника, организация, резерв, экономический, производство, прибыль.

## ECONOMIC ESSNCE OF INVESTMENT AND THEIR CLASSIFICATION

In a market economy, the main areas of investment are of great importance in the Republic of Tajikistan and in other countries of the world. In this article, the author analyzes the concept of “investment” and its economic essence. The author has explored the basis of the evolution of investments and legal concepts. As a result of the analysis, the opinions of Tajik and foreign scientists are compared and the data and grounds for investment operations are presented in the form of a table. As the author notes, the Founder of National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, in his Message to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated January 26, 2021, paid special attention to the field of domestic investment. As a result of research, the author prepared a special table based on information from the State Committee for Investments and State Property Management. The author competently used horizontal and vertical methods, analyzes were carried out and a diagram was drawn up. The contribution of this industry to the country's GDP is significant, and from this point of view, the direction of the industry should also correspond to this fact. It should be noted that for the development of the industry in the Republic of Tajikistan, attracting domestic and foreign investment is certainly important.
**Keywords:** investor, investment, firm, technology, organization, reserve, economic, production, profit.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сайдолимов Ғофурҷон Комилҷонович*** **–** Филиали Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” дар вилояти Суғд, ассистент. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мкр. 27, хонаи 1. E-mail: **sajdolimov@mail.ru**. Телефон: **929-27-64-46; 926-27-64-46**

**Сведения об авторе:** ***Саидолимов Гофурджон Комилджонович*** **–** Филиала ГУ “Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана” в Согдийской области, ассистент. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, 27 мкр., дом 1. E-mail: **sajdolimov@mail.ru**. Телефон: **929-27-64-46; 926-27-64-46**

**Information about the author:** ***Saidolimov Gofurdzhon Komildzhonovich*** **–** Branch of the State Institution “International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan” in the Sughd region, assistant. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, 27 microdistrict, building 1. E-mail: **sajdolimov@mail.ru.** Phone**: 929-27-64-46; 926-27-64-46**

ТДУ: 33+37 (575.3)

# САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ғафорзода Ҷонона Ғафор*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 20.01.2016 қайд намуда буданд, ки «Тайёр кардани кадрҳои коргарӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулони вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, инчунин, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо буда, онҳо вазифадоранд, ки заминаҳои моддиву техникии таълимгоҳҳо, бахусус марказҳои таълими калонсолонро таҳким бахшанд ва барои омода намудани кадрҳои дар бозори меҳнат рақобатпазир, ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ намоянд» [7].

Вобаста ба ин, омодасозии мутахассисон барои иқтисодиёти воқеӣ - ин зарурати умумимиллӣ буда, яке аз шартҳои асосии афзоиши назарраси баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва яке аз ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушд маҳсуб меёбад.

Мушоҳидаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки айни замон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Тоҷикистон зарурати ҳалли фаврии масъалаҳои навсозӣ ва ислоҳоти таҳсилоти миёнаи махсусро эҳсос мекунанд. Илова бар ин, таҳлили санадҳои ҳуқуқӣ ва нишондиҳандаҳои омории муассисаҳои миёнаи касбӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки низоми имрӯзаи тайёр намудани мутахассиси сатҳи миёна, маҳз дар коллеҷҳои ҷумҳурӣ талаботҳои муосири бозори меҳнатро қаноатманд карда наметавонад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» 8 августи соли 2015 таҳти рақами 1225 аз тарафи Парлумон қабул гардид ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 октиябри соли 2016 таҳти рақами 66 «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ» бо таҳрири нав мавриди истифода қарор гирифт. Аз ин хотир, гуфтан бамаврид аст, ки барои пешрафт ва рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ марҳилаи нав бавуҷуд оварда шуд. Лекин, мушоҳидаи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ шабеҳи он ҳастанд, ки новобаста аз қабули чунин қонун ва стандарти давлатии таҳсилот дар соҳаи номбурда, ҳоло ҳам норасогиҳои зиёде мавҷуд боқӣ мондаанд.

Аз ин лиҳоз, самаранокии соҳаи номбурда, пеш аз ҳама, аз ҷорикунонии усулҳои муосири таълим, дарёфти роҳҳои иловагии молиягузорӣ ба соҳаи маориф, истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ вобастагӣ дорад. Ба ақидаи мо, маҳз равиши нав ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ имконият фароҳам меорад, то барои ояндаи наздик мутахассисони зинаи поёнии бозори меҳнат, ҷавобгӯй ба талаботҳои муосир тайёр карда шаванд.

Аз нигоҳи мо, ворид нашудан ба фазои нави таълимӣ - низоми дугонагии омӯзиш дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самаранокӣ ва таъминот бо мутахассисони касбии сатҳи миёнаро бо кумаки нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ таъмин менамояд.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавии таҳсилот таълимоти дуҷониба ва ё муттасил, бефосила фарогири ду мантиқи баҳамалоқаманд мебошад – ин, пеш аз ҳама, раванди таълим (инкишофи қобилияти фикрии аҳолӣ) ва равиши иқтисодиёт (истифодаи ҳаддалимкони захираҳои инсонӣ).

Аз ин ҷост, ки ба хусусияти муҳимтарини марҳилаи муосири инкишофи низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, равандҳои ҳамгироие, ки аз як тараф, тағйироти таркибӣ-сохториро дар дохили худи низом ва аз тарфи дигар, равандҳои ҳамкориҳои мутақобилаи байни таҳсилоти касбӣ ва бахши истеҳсолиро инъикос менамояд, дохил мешаванд. Ва муносибати навгонӣ ба низоми ТМК омодасозии мутахассисони миёнаи касбии сифатнокро дар оянда таъмин мекунад.

Таҳлили масъалаи таҳқиқотшаванда нишон медиҳад, ки таҷрибаи рушди низоми таълимӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишофи Олмон, Шветсия, Британияи Кабир ва Ҷопон ба зарурати ҳамгироии раванди таълиму тарбия ва таҷриба равона гардидаанд, ки барои таҳсили босифат барои омодасозии мутахассисони касбии сатҳи миёна хизмат мекунанд ва бо ин роҳ сатҳи бекориро байни ҷавонони то синни 25-сола хело ҳам ба поён овардаанд.

Агар сатҳи бекории ҷавонони то синни 25-соларо муқоиса намоем, Ҷумҳурии Федералии Олмон дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол менамояд, ки ҳамагӣ 7% аст, дар Шветсия – 19%, дар Испания – 43%, дар Фаронса – 30%, Федератсия Россия - 23%, Қазоқистон - 4,5% ва дар Тоҷикистон соли 2011-17% буда, дар соли 2016 ба 21% баробар гардид [13]. Ҳамин тавр, рақамҳо нишон медиҳанд, ки низоми дугонагии тайёр намудани мутахассисон дар Олмон (тули 24 сол аст чунин усул истифода мешавад) асоси паст намудани сатҳи бекорӣ миёни ҷавонон гаштааст. Ҷумҳурии Федералии Олмон аввалин кишварест, ки шартҳои низоми таҳсилоти дуҷонибаро (дугонагии таълимро) истифода мебарад.

Дар Олмон хароҷоти асосиро барои омӯзиши бахши тиҷорат (тақрибан 23 миллиард евро) ва танҳо ба маблағи 3 миллиард евро - давлат ба уҳда дорад. Ин маблағ дар маҷмуъ 0,9%-и ММД-и кишварро ташкил медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷоти буҷаи давлатӣ ба соҳаи маориф дар соли 2016-ум 16,9% ва дар соли 2021-ум 19,9%-ро ташкил медиҳад ва ба 6%-и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ баробар буда, ин нишондиҳанда дар солҳои номбурда барои таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамагӣ 3,2 ва 4,7%-ро ташкил медиҳад. Яъне, аз 3 146,2 млн. сомонии ба соҳаи маориф ҷудо гардида, ҳамагӣ 100,2 ҳазор сомонӣ дар соли 2016 ва аз 5 597,1 млн. сомонӣ 260,9 ҳазор сомонӣ дар соли 2021 ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сафарбар мегардад, ки хело маблағи ночиз аст.

Амалисозии раванди таълим тавассути синтези фаъолияти истеҳсолӣ ба сифати коромӯз (шогирд) ва омӯзиши қисмати назариявӣ дар муассисаи таълимӣ мегузарад. Илова бар ин, марҳила ба марҳила мураккаб намудани вазифаҳои таълимӣ ва амалӣ ба вуҷуд меояд. Маълум аст, ки таҳсилоти касбӣ дар Олмон гарчанде ғайримутамарказ бошад ҳам, аммо мувофиқи стандартҳои муайян таҳия гардидааст. Дар Олмон аз соли 1981 чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амал мекунанд, ба монанди мусоидати таҳсилоти касбӣ, Қонун дар бораи ҳифзи меҳнати ҷавонон, Шартнома дар бораи таҳсилоти касбӣ ва ғайраҳо [11].

Дар Британияи Кабир то соли 2020 ҳадафи муайян ҷиҳати таъсиси 3 миллион ҷойҳои нишаст дар муассисаҳо дар доираи барномаи шогирдтайёркунии дараҷаи ҷаҳонӣ гузошта шудааст. Ҳоло дар соҳаи шогирдтайёркунӣ тақрибан 900 ҳазор ҷавонон таълим мегиранд. Давлат корфармоёнро бо грантҳо дар ҳаҷми 1500 фунт стерлинг барои омӯзиши як донишҷӯ дастгирӣ менамояд ва ин амал танҳо хосси он корхонаҳое аст, ки шумораи кормандонашон то 50 нафарро ташкил медиҳанд [5,с.3].

Барои корхонаҳои на он қадар калон омӯзиши дутарафа, имконияти хуб барои гирифтани ҷавонони боистеъдод аст, ки дар шароити дигар дар гумон аст ба чунин ширкат таваҷҷуҳ зоҳир кунанд. Илова бар ин, дар давоми омӯзиши дуҷониба, ширкат дар реҷаи воқеӣ кормандро бе такя ба шаҳодатнома баҳогузорӣ менамояд, ин ба корфармо имкон медиҳад, ки хатогиҳои гаронро барои интихоби ҳайат сарфи назар кунанд.

Таълимгирандагон дар кишварҳои дорои таҳсилоти дуҷониба аз истифодабарии қувваи меҳнатии арзон ҳифз карда мешаванд. Механизмҳо гуногунанд. Дар Италия, қонунгузорӣ уҳдадориҳои корфармоёнро барои бо ҷои кор таъмин намудани 50% хатмкунандагоне, ки барномаҳоро бомуваффақият омӯхтаанд, муқаррар намудааст. Дар Бразилия барои хонандагдон, ҳамчун қисми қувваи корӣ ба андозаи аз 5 то 15%-и ҳамаи коргарон квотаҳои ҳатмӣ ҷорӣ карда шудааст ва шумораи онҳо дар ин ҷо давоми даҳ соли охир 8 маротиба афзудааст [5,с.5].

Давлат иштироки корфармоёнро дар омодасозии кадрҳо дастгирӣ менамояд. Дар Канада, қарзи андоз барои омӯзиши донишҷӯён ба корфармоён имкон медиҳад, ки ҳамасола 5000 доллари канадавиро аз ҳар як хонанда баргардонад. Дар Фаронса, корфармоён ҳуқуқ доранд дар доираи таъмини иҷтимоӣ дар ҳаҷми 1600 то 2200 евро

барои ҳар як хонанда андози ҷубронпулӣ гиранд. Дар Россия қисман хароҷоти корфармо барои донишҷӯ ва корманде, ки барои омӯзиши ӯ масъуланд, пӯшонида мешаванд [4,с.112-116].

Дар ин самт Қазоқистон аввалин аз Давлатҳои Иттиҳоди Мустақил мебошад, ки фаъолияти таълимиро дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ тағйир додааст. Дар Қазоқистон таҳсилоти дуҷониба дар соли 2012 ҷорӣ карда шуд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қазоқистон қоидаҳои ташкили омӯзиши дуҷонибаро дар ташкилотҳо тасдиқ кардааст. Ҳамзамон, омӯзиши дуҷониба дар соҳаҳои техникӣ, технологӣ ва кишоварзӣ дар 348 коллеҷҳои кишвар (43% аз ҳаҷми умумӣ) гузаронида мешаванд. 1718 корхона (0,1% аз шумораи умумӣ) бо фарогирии 22 ҳазор донишҷӯ (4% аз шумораи умумии иштироккунандагон) дар ҷорӣ шудани он иштирок мекунанд [4].

Дар кори илмии машҳури «Таҳқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» (с.1776) Адам Смит таъкид намудааст, ки низомҳои шогирдтайёркунӣ ва мураббиявӣ дар омӯзиши дуҷониба бояд усулҳои анъанавии омӯзиши касбиро дар ҷойҳои корӣ баррасӣ намоянд, зеро дар назди устод коргарони ҷавон кор карда, нозукиҳои касбро бештар меомӯзанд [3,с.1310-1313].

Истилоҳи «дуалӣ» (аз забони лотинӣ dualis) маънои «дуҷониба, дутарафа»-ро дорад ва он дар соҳаҳои мухталифи донишомӯзӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Олими олмонӣ ин низоми таълимиро ба ду муҳити омӯзишию истеҳсолии гуногун тақсим намудааст, ки дар якҷоягӣ барои ҳадафи умумӣ, омодасозии касбии шогирдон амал мекунанд. Вай нақшаи зеринро дар бораи сохтори низоми дуҷонибаи омӯзиши касбӣ дар Олмон пешниҳод намуд: муҳити омӯзишию истеҳсолии корхона инҳоянд: ҷои кор барои донишҷӯ бо қисман пардохт намудани музди меҳнат; устохонаи омӯзишӣ ва ё омӯзишгоҳҳо; омӯзиши дохилӣ-истеҳсолӣ. Муҳити омӯзишию истеҳсолии мактаби касбӣ пешбинӣ менамояд: синфи таълимӣ; устохона ва ё лаборатория [6,с.25-30]. Дастоварди асосии низоми дуҷониба дар Олмон шарики наздики иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллифи кори илмӣ «хусусиятҳои фарққунандаи низоми дуҷонибаро ҳамчун ҷустуҷӯи ҳамкории мутақобилаи педагогӣ ва корхона бо муассисаи таълимӣ ҷудо намудааст. Омӯзиш дар корхона асосан хусусияти касбию амалиро дорад, дар муассисаи таълимӣ бошад, он самти касбӣ ва назариявиро дошта, идомаи таҳсилоти умумиро пешбинӣ менамояд» [12,с.18].

Ба ақидаи Самолдина Л.Н. «ташаккули мутобиқаткунии донишҷӯён ба касб, шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ ва корхонаро пешбинӣ менамояд. Он навъҳои зерини шарикии иҷтимоиро қайд менамояд: тақвияти муносибати марбут ба равандҳои таълим ва истеҳсолот; омӯзиши ихтисос дар доираи шарикии иҷтимоӣ (барои таҳсили гуманитарии донишҷӯён вақт сарф намешавад, сатҳи фарҳангии онҳо баланд карда мешавад); наздикшавии муассисаҳои таълимӣ бо корхонаҳо; алоқаи мустаҳками ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии омодагии касбӣ» [9,с.8].

Таълими дуҷониба, ин омӯзиши касбие мебошад, ки қисмати назариявии он (30-40 %-и вақти таълим) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва қисмати амалии омодагӣ (60-70%-и вақти таҳсил) асосан дар корхонаҳои истеҳсолӣ, макони омодасозии мутахассиси касбӣ амалӣ гардонида мешавад. Мазмуни аслии консепсияи таҳсилоти дуҷониба аслан дар пурзур намудани самтҳои амалӣ-таҷрибавии омодасозии кадрҳо асос меёбад (тасвири 1) [2,с.10].

**Расми 1. Ташкили ҷараёни таълим дар усули дугонагии омӯзиш дар муассисаҳои миёнаи касбӣ**

**Figure 1. Organization of the educational process in the dual method of education in vocational secondary institutions**



Сарчашмаҳои адабиётиро мавриди таҳлил қарор дода, тасдиқ кардан мумкин аст, ки низоми таҳсилоти дуҷонибаи олмонӣ диққати муҳаққиқони зиёдро ҷалб намудааст. Ва сарфи назар аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти бунёдӣ то ҳанӯз вуҷуд надорад ва заминаи меъёрию ҳуқуқии дахлдор таҳия ва мавриди амал қарор нагирифтааст.

Ҳамзамон, таҳлили сарчашмаҳои илмии гуногун оид ба ворид намудани усули дугонагии омӯзиш ба мо имконият дод, то чанд бартариҳои онро пешниҳод намоем:

1. Ба миён омадани тафовут байни назария ва амалия.
2. Омӯзонидани мустақими дониш ва малака.
3. Доираи васеи фарогирии ҷавонон (маҳз аз синни 14 то 25-солагӣ).
4. Расидан ба прогресси техникӣ-иқтисодӣ.
5. Тайёр намудани мутахассисони касбӣ, махсусан бо равия ва самтҳои фаъолияти корхонаҳо.
6. Сабукгардонии гузариш аз мактаб ба касбомӯзӣ.
7. Сифати таълим тавассути “тестгирӣ” дар ҷойи корӣ муайян карда мешавад.
8. МТМК барои тайёр намудани мутахассисони касбии замонавӣ ва ботаҷриба талаботҳои корфармоёнро меомӯзад.
9. Ҳавасмандии корфармоён барои омӯзонидани мутахассисони худӣ, баланд бардошта мешавад.
10. Дар раванди таълими бефосила, дарёфти музди меҳнат ва пушонидани хароҷотҳои худӣ.

Айни замон, дар асоси муқаррароти дар боло овардашудаи таҳсилоти дуҷониба, тарҳи зеринро оид ба амалисозии таҳсилоти дуҷониба дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод менамоем (расми 2).

**Расми 2. Тарҳи таҳсилоти дуҷониба ва раванди он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ**
**Figure 2. The design of dual education and its process in institutions of secondary vocational education**




Манбаъ: Таҳия ва пешниҳоди муаллиф.

Бинобар ин, низоми дуҷониба ба талаботи корфармоён, донишҷӯёну волидайни онҳо ва мақомоти давлатӣ бояд мутобиқат намояд. Ҳамарӯза зиёд гардидани корхонаҳои истеҳсолӣ эҳтиёҷот ба мутахассисони баландихтисосро талаб менамояд ва аз тарафи дигар, хатмкунандагони муассисаҳои касбӣ барои саривақт бо ҷойи кор таъмин гардидан

тибқи ихтисосмандии худ манфиатдоранд. Ҳамзамон, давлат дар ин ҳангом мушкилоти омодагии кадрҳои баландихтисосро барои иқтисодиёти миллӣ зуд ҳал менамояд. Истифодаи ҷузъҳои низоми таҳсилоти дуҷониба ба пайдоиши мутахассисони ботаҷриба мусоидат менамояд, зеро ҳамин намуди омодагӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки нақшаи фаъолияти меҳнатиашонро тарҳрезӣ созанд ва натиҷаҳои хубро ба даст оранд.

Истифодаи низоми таҳсилоти дуҷониба аз он шаҳодат медиҳад, ки донишҷӯён дар як вақт дар ду муассиса, дар муассисаҳои касбӣ қисмати назариявӣ ва ҳам дар ҷойи кор бахши бештари амалияро меомӯзанд, ки арзишмандии таҳсилоти бефосиларо дар тамоми давраи таҳсил пешбинӣ менамояд.

Аз нигоҳи мо, дар асоси нақшаи болозикри татбиқи таҳсилоти дуҷониба дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, таъмини чунин заруратҳоро баён менамоем:

1. Таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои татбиқи лоиҳа.
2. Ташаккули мақоми машваратии идоракунии низоми таҳсилоти дуҷониба.
3. Бо иштироки корфармоён, таҳия намудани талаботҳои касбии тахассусӣ ба хатмкунандагон ва таҳияи барномаҳои нави таълимӣ.
4. Рушд намудани заминаи моддию техникии МТМК.

Таҳқиқоти анҷом намудаи мо, дар ин самт нишон медиҳад, ки ғайр аз шакли таҳсилоти дуҷониба боз шаклҳои дигаре, ки дар доираи таҳсилоти касбӣ-техникӣ истифода бурда мешаванд, вуҷуд доранд, ва онҳо дар бозори миллии хизматрасониҳои таълимӣ татбиқ гардида истодаанд. Аз ҷумла, ташкили таҷрибаомӯзӣ дар доираи барномаи таълимӣ маҳз дар муҳити корхона; омӯзиш дар ҷойҳои махсуси муҷаҳҳазгардонидашудаи воҳидҳои сохтории муассисаҳои таълимӣ (дар устохонаҳо, озмоишгоҳҳо, марказҳои захиравӣ ва ғ.). Чун қоида, ин шаклҳо якҷоя ва ё бо хусусиятҳои самтнокии омодагӣ (масалан, барои соҳаҳои иҷтимоӣ, бахши хизматрасонӣ ва маишӣ) алоҳида истифода бурда мешаванд.

Таҳсилоти дуҷониба бо маънои маҳдуд бо шакли ташкили таҷрибаомӯзӣ дар ҷои корӣ дар доираи барномаҳои таълимӣ мутобиқат мекунад. Чун қоида, ин шакл ҳамкории мутақобилаи ташкилоти таълимии касбиро бо ташкилот ё бо корхонаи корфармо мефаҳмонад. Аз ин хотир, корфармо бояд дар омӯзиши амалии мутахассисони касбӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ иштироки фаъолона дошта бошад ва рушди шарикӣ бо корфармо бояд бо роҳи ҷалби мутахассисони баландихтисос барои таълим анҷом дода шавад.

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани таҳсилоти дуҷониба дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ як қатор афзалиятҳои зеринро барои ташкилоту корхонаҳо, ниҳодҳо, бахши соҳибкорӣ, худи низоми маориф ва мутахассисони касбии сатҳи миёна пешниҳод менамояд (ҷадвали 1).

Аз рӯи низоми таҳсилоти дуҷониба, бояд корхона ҳангоми фаъолияти донишҷӯён дар истеҳсолот, онҳоро бо ёрии воситаҳои таълимӣ ва маводҳои зарурӣ таъмин намояд. Ба ҳар як донишҷӯ роҳнамо-устод, мутахассиси нисбатан баландихтисоси корхона, ки аз ҷониби роҳбари корхона/ташкилот бо доштани омодагии омӯзгорӣ, вобаста мегардад ва чунин амалҳоро иҷро менамояд:

- омӯзонидани таҷрибаи касбии шахсӣ ба донишҷӯ;
- ташаккул додани салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ тавассути омӯзиши тарзҳои беҳтарин ва усулҳои корӣ;
- тасҳеҳи зудҳаракатии салоҳияти касбии донишҷӯён;
- таъмини истифодабарии оқилонаи вақт ва захираҳо;
- баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён барои таъсиси муносибатҳои дарозмуддати меҳнатӣ бо корхона;
- шинос намудани донишҷӯён ба фарҳанги иттиҳодиявии корхона.

Аз ин ҷост, ки кормандони корхона маҳз бо розигии хаттии роҳнамо-устод ба кор таъмин карда мешаванд. Роҳнамо-устод ташкилкунандаи бевоситаи омӯзишҳои истеҳсолӣ мебошад ва шахсан барои сифати омодасозии барномаи таълимӣ, тайёр намудани шогирдон масъул аст.

**Ҷадвали 1. Афзалиятҳои татбиқи таҳсилоти дуҷониба дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ**
**Table 1. Advantages of implementing dual education in vocational secondary education institutions**

| | |
|---|---|
| Барои низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ | • баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ;<br>• баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилоти таълимӣ, зиёд намудани шумораи довталабон;<br>• рушди заминаи моддию техникӣ;<br>• сатҳи баланди таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор;<br>• идоракунии самараноки низоми таълими касбӣ ва таъмини сифатнокии он; |
| Барои ташкилотҳо, муассисаҳо ва бахши тиҷоратӣ | - омодасозии мутахассисони касбии замонавӣ ва ҷавобгӯй ба талаботи кордиҳанда;<br>- баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сатҳу сифати хизматрасонӣ ва маҳсулот;<br>- коҳиш додани вақти мутобиқсозии хатмкунандагон дар корхона;<br>- муваффақ шудан дар давраи миёнамуҳлат барои баргардонидани сармоягузорӣ дар натиҷаи кӯшишҳои таълимии худ;<br>- коҳиш додани хароҷот барои омӯзиши иловагӣ;<br>- иштирок дар таҳияи стандартҳои таълимии давлатӣ ва барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;<br>- баланд бардоштани эътибори касбҳои коргарӣ. |
| Барои мутахассисони минбаъда | ▪ соҳиб гардидан ба салоҳияти касбӣ ва малака барои кор ва фаъолияти меҳнатӣ;<br>▪ пардохти музди меҳнат дар давраи гузариши таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ;<br>▪ таҳсилот дар шароити воқеии корӣ дар истеҳсолот (бо омӯзиш ва дастрасӣ бо мошинаҳо, таҷҳизотҳо, равандҳои корӣ ва ғ.);<br>▪ мутобиқгардонии худ ба муҳити корхона, ихтисос ва касби интихобнамуда;<br>▪ кафолати пурраи таъмин бо ҷойи кор;<br>▪ рақобатнокӣ дар бозори меҳнат. |

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асосӣ: http://www.newcanadian.ru/education/kolledzhi-kanady.html.

Ҳангоми татбиқи барномаҳои таълимии дуҷониба аз ҷониби роҳнамо-устод шаклҳо ва усулҳои омӯзиш, ки ба қадри имкон ба фаъолиятҳои истеҳсолӣ наздиканд, истифода бурда мешаванд. Натиҷаи омӯзиш дар корхона аз дараҷаи тахассус, касбият ва ҳавасмандгардонии роҳнамо-устод вобастагии зиёд дорад. Роҳнамо-устод ҳамчун яке аз унсурҳои калидии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, бояд бо механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти мазкур таъмин бошад. Омӯзиш дар ҷойи кор тибқи барномаи таълимӣ, нақшаи омӯзиши тақвимӣ, нақшаи чорабиниҳо барои таъмини раванди таълим амалӣ карда мешавад.

Масалан, сарчашмаҳои интернетӣ нишон медиҳанд, ки коргарону мутахассисони ширкати ҶДММ «ГК «Агро-Белогоре» вилояти Белгороди Федератсияи Русия барои роҳнамо-устод будан пардохти иловагӣ мегиранд, ки андозаи он бештар аз 15 ҳазор рублро ташкил медиҳад. Шароити гузариши таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар ҳамаи корхонаҳо фарқ менамояд, масалан, дар давоми тачрибаомӯзии истеҳсолӣ дар корхонаҳои ҶДММ «Агро-Белогоре» донишҷӯён бояд ба сифати коромӯз қабул карда шаванд ва музди меҳнатро дар ҳаҷми 50% аз музди моҳона тибқи ҷадвали штатӣ гиранд. Илова бар ин, баъди хатми омӯзиш хатмкунандагон якҷоя бо диплом оид ба таҳсил, сертификати махсуси «Агро-Белогоре»-ро мегиранд. Хатмкунандагони коллеҷҳои техникӣ, ки таълимро тибқи таҳсилоти дуҷониба гирифтаанд, дар мутобиқати «ҳаёти воқеӣ» бо истеҳсолот қарор гирифта, ба хусусиятҳо ва нозукиҳои кор омода буда, дараҷаи баланди сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодиро соҳиб мегарданд [10].

Нуқтаи дигари муҳим барои татбиқи таҳсилоти дуҷониба дар низоми ТМК Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухолифати корфармоён ва омода набудани онҳо дар ташаккули чунин як тамсилаи нави таълимӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки ин ҷо масъалаи мубрам ва

асосӣ ташаккули сармояи инсонӣ мебошад ва соҳибкорони ватанӣ бояд моҳияти омӯзиши мазкурро дарк намоянд, барои ташкили кор, омӯзиш ва таъмини ҳамаҷонибаи роҳнамо-устод сармоягузор бошанд. Ба назар мерасад, ки ба онҳо пешгӯиҳои дарозмуддат кардан хеле мушкилиҳо дорад ва ба инобат намегиранд. Ба ақидаи мо, аққалан барои роҳнамо-устод бояд кумаки иҷтимоӣ дар шакли ҷубронпулӣ барои натиҷаҳои корӣ, имконияти гирифтани имтиёзҳои андозӣ, озодкунӣ аз хароҷотҳои коммуналӣ ва ғайра таҳия карда шавад.

Илова бар ин, бояд қайд намоем, ки яке аз мушкилоти асосии нақшаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ин нокифоя ҷудо гардидани ҳаҷми соатҳои фаъоли таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ маҳсуб меёбад ва ин омил метавонад ҳамчун сарчашмаи монеаҳо барои татбиқи таҳсилоти дуҷониба истифода гардад. Аз нигоҳи мо, дар ин низом ҳамкории судманди мутақобила байни муассисаи таълимӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ (ташкилотҳо), ки барои омодасозии мутахассисони соҳаи мушаххас бо сатҳи тахассусии талаботи корфармо равона гардидааст, ташаккул ва рушд дода шавад, ки асоси онро шартҳои зерини низоми таҳсилоти дуҷониба заминагузорӣ менамояд [1,с.67-68]:

- ✓ ба самти таҷрибавӣ равонагардида - ташаккул додани таҷрибаи касбии донишҷӯён ҳангоми фарогирии онҳо ба муҳити касбӣ дар раванди омӯзиш, инчунин, таълими технологияҳои ба касбомӯзӣ равонагардида, ки ба ташаккулёбии фаъолияти касбии мутахассисони минбаъда сифатҳои касбии муҳимми рушди дониш, малака, маҳорат муҳиманд, равона гардидаанд;
- ✓ маҷмуӣ - таъсиси муҳити ягонаи таълимию истеҳсолӣ, ягонагии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии омодасозии мутахассисони оянда;
- ✓ якҷоя намудани илм бо истеҳсолот;
- ✓ чандирӣ ва тағйирпазирии мазмун ва таркиби технологияҳои раванди таълим;
- ✓ мутобиқгардонӣ - рушди қобилияти ҳамоҳангсозии мутахассис оид ба шароитҳои тағйирёбии истеҳсолот;
- ✓ шарикӣ - татбиқи тадбирҳо оид ба омодасозии кадрҳои баландихтисос барои корхона дар асоси шарикии мувозинатнок;
- ✓ масъулиятнокӣ - иҷрои ҳатмӣ ва саривақтии уҳдадориҳои тарафҳо;
- ✓ озодии иттилоотӣ - фароҳам овардани муҳити иттилоотии кушода оид ба самтҳои ҳамкорӣ дар сомонаҳои интернетии корфармоён ва муассисаҳоиҳои таҳсилоти касбӣ.

Ҳамин тавр, дар асоси шартҳои ташкили низоми таҳсилоти дуҷониба, фарқияти байни низоми анъанавӣ ва дуҷонибаи омодасозии мутахассисонро метавон ошкор намуд, ки онро дар шакли ҷадвали 2 пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 2. Тафовути фарққунандаи низоми анъанавии таълим аз таҳсилоти дуҷониба**
**Table 2. Differences between the traditional education system and dual education**

| Низоми таҳсилоти дуҷониба | Низоми анъанавии таълим |
|---|---|
| 30-40% кам намудани дарсҳои аудиторӣ аз шумораи умумии вақти таҳсилот | бештар аз 60%-и вақти таҳсил дар бинои муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешавад |
| ҳаҷми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ то 60-70% аз шумораи умумии вақти таҳсилот зиёд карда шудааст | таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз шумораи умумии вақти таҳсилот ҳамагӣ то 40%-ро ташкил медиҳад |
| барномаи таълимӣ, нақшаи таълимӣ тибқи стандартҳои касбӣ ва талаботи воқеии корфармо-шарикон тартиб дода мешавад | барномаи таълимӣ, нақшаи таълимӣ мутобиқи стандарт таҳия гардидааст |
| таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ характери инфиродӣ дорад ва ҳадди ақал ба шароитҳои воқеии корхона наздик мебошад | таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба талаботҳои зарурии корхона ҷавобгӯ намебошад |
| шиносоӣ бо фарҳанги иттиҳодиявии корхона | давраи ками таҷрибаомӯзӣ имконияти ташаккул додани фарҳанги иттиҳодиявиро надорад |
| таъмини донишҷӯ бо стипендия аз ҷониби корхона-шарикон | таҳсил асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ё маблағгузории худи донишҷӯ анҷом дода |

| | |
|---|---|
| | мешавад |
| мавзуъҳои корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, корҳои барои гирифтани дараҷаи касбӣ, лоиҳаҳои инфиродӣ ба эҳтиёҷоти иқтидории корхона-шарикон равона гардидаанд | мавзуъҳои корҳои курсӣ, корҳои дипломӣ барои гирифтани дараҷаи касбӣ, лоиҳаҳои инфиродӣ аксар вақт хусусияти истеҳсолотро инъикос наменамоянд |
| фаъолияти роҳнамо-устод ҳамчун қисми ҳамкориҳои мутақобилаи шарикӣ баррасӣ карда мешавад ва аз ду ҷониб ба танзим дароварда шуда аст | шогирдтайёркунӣ аксар вақт шакли расмиро дорад |

Манбаъ: сомонаи интернетии: http://www.newcanadian.ru/education/kolledzhi-kanady.html.

Сохтори таркибии ҷадвали 2 аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳсилоти дуҷониба дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, ин тамсилаи инфрасохторие мебошад, ки иштирокро дар таблиғоти касбӣ, ташаккули дурнамои талабот ба кадрҳо, раванди омодасозии мутахассисон ва баҳодиҳии мустақими тахассусии ҳам корхонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ, инчунин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои тиҷоратиро барои омодасозии сифати кадрҳо пешбинӣ менамояд. Низоми таҳсилоти дуҷониба маблағгузории муштараки барномаҳои омодагии кадрҳоро барои ҷойи кори мушаххас аз ҷониби корхонаҳои тиҷоратие, ки ба кадрҳои баландихтисос тавақҷуҳ доранд ва мақомоти ҳукуматҳои минтақавӣ, ки ба рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар минтақа ҳавасманданд, пешбинӣ менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Табарзода О.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Аникеев А.А. Современная структура образования в Германии / А.А. Аникеев, Е.А. Артуров // Alma mater. - 2012. -№3. -С.67-68.
2. Внедрение элементов дуального обучения в образовательный процесс профессиональных образовательных организаций: Сборник организационно-методических материалов. -Кострома: Ред.-изд. отд. Костромского областного института развития образования, 2015. -С.10.
3. Воробьева И.М. Опыт дуального образования как возможный путь повышения эффективности профориентации будущих абитуриентов и профессиональной подготовки студентов технических вузов / И.М. Воробьева // Молодой ученый. - 2015. -№11. -С.1310-1313.
4. Гафорзода Дж.Г. Образование основа социальной политики государства / Гафорзода Дж.Г. // Сборник научных трудов ТГПУ имени С.Айни. -Душанбе, 2012. –С.112-116.
5. Ибрашева А. Таҳсилоти дуҷониба дар ҶҚ.: роҳ ба сӯи стандартҳои аврупоӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: http://iac.kz/ru/publishing/dualnoe-obuchenie-v-rk-na-puti-k evropeyskim-standartam. -С.3.
6. Игнатова И.Б. Таҳсилоти дуҷониба ҳамчун асоси навсозии омодасозии кадрҳо дар донишгоҳи муосири санъат ва фарҳанг / И.Б. Игнатова, И.А. Гричаникова // Таҳсилот ва ҷомеа. - 2014. -№4. -С.25-30.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj
8. Саидова, М.Х. Совершенствование механизма государственной поддержки инновационного предпринимательства в сфере услуг Республики Таджикистан / М.Х. Саидова // Вестник ТНУ. - 2013. -№2/6(120). -С.145-153.
9. Самолдина Л.Н. Научно-методическое обеспечение дуальной целевой профессиональной подготовки студентов в ссузе: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / Самолдина Лена Николаевна. -Казань, 2008. -26 с.
10. Сомонаи расмии ширкати холдингии Агро-Белогоре. [Манбаи электронӣ]. URL: http: // www. agrobel.ru.
11. Терешенкова Е.В. Низоми таҳсилоти дуҷониба ҳамчун асоси омодасозии мутахассисон // Журнал Консепт. – 2014. -№04. (апрел)–АРТ 14087.-0,4н.м. [Электронный ресурс]. URL: http://ekoncept.ru/2014/14087.htm. – Гос. рег. Эл № ФС 77- 49965.
12. Шелтен А. Муқаддима дар педагогикаи касбӣ / А. Шелтен. -Екатеринург, 1996. –С.18.
13. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.ilo.org/moscow/news/WCMS_514932/lang--ru/index.htm


## САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Омодасозии мутахассисон барои иқтисодиёти воқеӣ, ин зарурати умумимиллӣ буда, яке аз шартҳои асосии афзоиши назарраси баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва яке аз ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушд маҳсуб меёбад. Мушоҳидаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки айни замон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Тоҷикистон зарурати ҳалли фаврии масъалаҳои навсозӣ ва ислоҳоти таҳсилоти миёнаи махсусро эҳсос мекунанд. Илова бар ин, таҳлили санадҳои ҳуқуқӣ ва нишондиҳандаҳои омории муассисаҳои миёнаи касбӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки низоми имрӯзаи тайёр намудани мутахассиси сатҳи миёна, маҳз дар коллеҷҳои ҷумҳурӣ талаботҳои муосири бозори меҳнатро қаноатманд карда наметавонад. Аз ин лиҳоз,

самаранокии соҳаи номбурда, пеш аз ҳама, аз ҷорикунонии усулҳои муосири таълим, дарёфти роҳҳои иловагии молиягузорӣ ба соҳаи маориф, истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ вобастагӣ дорад. Ба ақидаи мо, маҳз равиши нав ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ имконият фароҳам меорад, то барои ояндаи наздик мутахассисони зинаи поёнии бозори меҳнат, ҷавобгӯй ба талаботҳои муосир тайёр карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** маориф, навсозӣ, мутахассисон, самаранокӣ, иқтисодиёти воқеӣ, истифодаи оқилона, маблағгузорӣ, захираҳои меҳнатӣ, ихтисос, усулҳои муосир, маориф, бозори меҳнат, низоми таҳсилоти дугона.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕХАНИЗМА РАЗВИТИЯ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Подготовка специалистов для реального сектора экономики является национальной необходимостью и считается одним из главных условий значительного повышения производительности труда и одной из основных целей Национальной стратегии развития. Наши исследования показали, что в настоящее время учреждения среднего профессионального образования Таджикистана ощущают необходимость срочного решения вопросов модернизации и реформирования среднего специального образования. Кроме того, анализ законодательных актов и статистических показателей учреждений среднего профессионального образования свидетельствует о том, что действующая система подготовки специалистов среднего звена в республиканских колледжах не может удовлетворить современные запросы рынка труда. С этой точки зрения эффективность указанной сферы зависит, прежде всего, от внедрения современных методов образования, поиска дополнительных путей финансирования сферы образования, рационального использования трудовых ресурсов. На наш взгляд, именно новый подход к системе среднего профессионального образования даст возможность в ближайшем будущем подготовить специалистов низшего звена рынка труда, отвечающих современным требованиям.

**Ключевые слова:** образование, модернизация, специалисты, эффективность, реальная экономика, рациональное использование, финансирование, трудовые ресурсы, специальность, современные методы, образования, рынок труда, дуальная система образования.

## MAIN DIRECTIONS FOR IMPROVING THE ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC MECHANISM FOR THE DEVELOPMENT OF SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Training specialists for the real sector of the economy is a national necessity and is considered one of the main conditions for a significant increase in labor productivity and one of the main goals of the National Development Strategy. Our research has shown that at present, institutions of secondary vocational education in Tajikistan feel the need to urgently address issues of modernization and reform of secondary vocational education. In addition, an analysis of legislative acts and statistical indicators of secondary vocational education institutions indicates that the current system of training mid-level specialists in republican colleges cannot satisfy the modern demands of the labor market. From this point of view, the effectiveness of this sphere depends, first of all, on the introduction of modern methods of education, the search for additional ways to finance the education sector, and the rational use of labor resources. In our opinion, it is the new approach to the system of secondary vocational education that will make it possible in the near future to prepare specialists at the lower level of the labor market who meet modern requirements.

**Keywords:** education, modernization, specialists, efficiency, real economy, rational use, financing, labor resources, specialty, modern methods, education, labor market, dual education system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғафорзода Ҷонона Ғафор*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **931-01-86-86**

**Сведения об авторе:** ***Гафорзода Джонона Гафор*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **931-01-86-86**

**Information about the author:** ***Gaforzoda Jonona Gafor*** – Tajik State Pedagogical University named after. S. Aini, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Telephone: **931-01-86-86**

ТДУ: 628.54 (575.3)

# АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ИНКИШОФИ ИНФРАСОХТОРИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРИҲО

***Комилов С.Ҷ., Ҳодиев Д.А., Маҳмадалиев Н.К.***
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Инфрасохтори инноватсионӣ унсур ва механизми асосии фаъолияти иқтисодиёти инноватсионӣ буда, сатҳи баланди рушди иқтисодиро таъмин менамояд ва фарсудашавии маънавию физикии он боиси коҳиши шадид дар рушди иқтисодиёт мегардад. Мафҳуми инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи объектҳое таъриф мешавад, ки ба татбиқи тамоми занҷири инноватсионӣ (сикли инноватсионӣ) дар яке аз сатҳҳои идоракунӣ (макро/мезо/микро) мусоидат мекунанд. Ин таърифи нисбатан васеътари инфрасохтори инноватсионӣ ба шумор меравад, ки на танҳо раванди ба вуҷуд овардан ва истеҳсол кардани навовариҳоро дар назар мегирад, балки ҷараёнҳои фурӯш ва тиҷорати онро низ фаро мегирад. Яъне, ба инфрасохтори инноватсионӣ маҷмуи объектҳое низ дохил мешаванд, ки бевосита дар ҷараёни тиҷоратикунонии навовариҳо ширкат мекунад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ва бо назардошти тамомияти (системность) ҷараёнҳои иқтисодиву иҷтимоӣ метавон гуфт, ки инфрасохтори инноватсионӣ ва инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо мазмунан яксонанд.

Вазифаҳои инфрасохтори инноватсионӣ иборатанд аз:

- мусоидат ба рушди муҳити рақобатӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани талабот ва эҳтиёҷот ба инноватсияҳо;
- такмили соҳаҳои самараноки ихтирокорию навоварӣ;
- суръат бахшидан ба равандҳои паҳншавии технологияҳо ба истеъмолкунандагон;
- мусоидт ба равандҳои модернизатсия ва ислоҳоти иқтисодиёт;
- ташаккул ва баланд бардоштани самаранокии сармояи инсонӣ дар самти афзоиши эҷодкорӣ ва инноватсионии он.
- экспертизаи мустақили лоиҳаҳои таҳқиқотӣ, самтҳои таҳқиқот, инчунин, гурӯҳҳои илмӣ;
- қонунгузорие, ки муносибатҳоро дар соҳаи иқтисодиёти инноватсионӣ танзим менамояд [6].

Одатан, намудҳои зерини (зерсистемаҳои) инфрасохтори инноватсионӣ ҷудо карда мешаванд:

- молиявӣ - намудҳои гуногуни маблағҳо (буҷетӣ, венчурӣ, суғуртавӣ, сармоягузорӣ), инчунин, дигар муассисаҳои молиявӣ, аз қабили бозори саҳҳомӣ, махсусан дар робита ба ширкатҳои баландтехнологӣ;
- истеҳсолию технологӣ - паркҳои технологӣ, марказҳои инноватсионию технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва ғ.;
- маълумотӣ - махзани маълумот ва марказҳои таҳлилӣ, омор, иттилоот ва ғайра (яъне ташкилотҳое, ки хизматрасонӣ мекунанд);
- кадрӣ - муассисаҳои таълимӣ оид ба тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо дар соҳаи идоракунии илмию инноватсионӣ, аудити технологӣ, маркетинг ва ғайра;
- машварати экспертӣ (коршиносӣ) - ташкилотҳое, ки ба пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба моликияти зеҳнӣ, стандартизатсия, сертификатсия машғуланд.

Муҳити инфрасохтори тиҷоратикунонии технологияҳо (фондҳои венчурӣ, марказҳои интиқоли технология, шабакаҳои инноватсионӣ, паркҳои технологӣ, ташкилотҳое, ки ба ширкатҳои баландтехнологӣ хизматрасониҳои маркетингӣ, машваратӣ ва дигар пешниҳод мекунанд), ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси тиҷоратикунонии технология мусоидат мекунад. Ҳамаи ин ташкилотҳо кафолати сармоягузориҳои хатарнокро таъмин мекунанд, дараҷаи номуайяниро коҳиш медиҳанд, ба кам кардани хароҷоти муомилот ва тиҷоратикунонии инноватсия кумак мекунанд ва ҳамчун пайванди байни иштирокчиёни

гуногуни раванди навҷорисозӣ амал мекунанд. Дар натиҷа, инфрасохтор раванди паҳнкунӣ ва азхудкунии натиҷаҳои таҳқиқотро ба низом медарорад ва барои тиҷоратикунонии технологияҳо замина фароҳам меорад [4,с.8-12].

Намуди муҳимтарин ва маъмулии инфрасохтор барои дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва тиҷоратикунонии он Бизнес-инкубаторҳо мебошанд. Бизнес-инкубаторҳое, ки аз ҷониби донишгоҳҳо, шарикони стратегӣ ё давлат (мақомоти маҳаллӣ) маблағгузорӣ мешаванд, ба резидентҳои худ бо шартҳои имтиёзнок хизматрасониҳои зеринро пешниҳод мекунанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Хадамоти Бизнес-инкубаторҳо дар ҷараёни тиҷоратикунонии навовариҳо**
**Table 1. Service of business incubators in the process of commercialization of innovations**

| Намуди дастгирӣ | Хадамоти асосӣ |
|---|---|
| Маъмурӣ | - барқарор кардани робитаҳо байни стартапҳои резидентӣ ва сармоягузорони эҳтимолӣ.<br>- мусоидат дар ҷалби маблағгузорӣ |
| Инфрасохторӣ | - ҷойҳои корӣ ва утоқҳои вохӯрӣ (интернет/пайвасти телефон).<br>- таҷҳизот (ҳам барои гузаронидани таҷрибаҳо/таҳқиқотҳо ва ҳам таҷҳизоти идоравӣ). |
| Машварат (ҳам аз ҷониби коршиносони худи бизнес-инкубатор ва ҳам аз ҷониби соҳибкорон ва мутахассисоне, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд) | – маркетинг ва таблиғ.<br>– андоз ва баҳисобгирии муҳосибӣ.<br>- бақайдгирии ҳуқуқӣ.<br>– ҳифзи моликияти зеҳнӣ/иҷозатномадиҳӣ.<br>– интихоби модели бизнес ва рушди тиҷорат (курси «100 рӯзи аввал» ва ғайра). |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси: Зараменских Е.П. Коммерциализация технологий. Монография. – Новосибирск: Издательство ЦРНС, 2014. -125 с.

Модели алоҳидаи инкубатсия Enterpreneurship in Residence ("Соҳибкорӣ дар як ширкати калон") номида мешавад. Навоварон дар доираи як ширкати калон/фонди сармоягузорӣ бо истифода аз тамоми захираҳои худ ҷиҳати дастрасӣ ба ғояҳои навоварона кор мекунанд. Дар навбати худ, ин ширкатҳо ба ғайр аз натиҷаҳои таҳқиқот/таҳияи мавзуъ, ҳуқуқи аввал ба интихобро мегиранд.

Баъд аз бизнес-инкубаторҳо, намуди дигар инфрасохтори тиҷоратикунонӣ ***бизнес-акселераторҳо*** шинохта шудаанд. Вазифаҳои асосии бизнес-акселераторҳо ҳам дастгирии коршиносон барои лоиҳаҳо ва ҳам роҳнамоӣ ва ҳам кумак дар бунёди шабакаи шарикӣ дар саросари ҷаҳон ва кушодани офисҳои хориҷӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, бизнес-акселераторҳо, ки пайванди ниҳоӣ дар марҳилаи ибтидоии таҳияи лоиҳаи инноватсионӣ мебошад, ба навоварон имкон медиҳанд, ки тиҷорати худро бо истифода аз дастгирии коршиносон ва шарикони шабакавӣ васеъ кунанд.

Модели бизнес-акселераторро дар мисоли ширкати TexDrive (яке аз бузургтарин ширкатҳо дар байни кишварҳои ИДМ), мушоҳида кардан мумкин аст. Барномаи суръатбахшии 12-ҳафтаина, ки ин ширкат пешниҳод мекунад, якчанд намуди хизматҳоро дар бар мегирад [12]:

1. «Пули зуд»: 25 000 доллари ИМА дар ибтидо, 100 000 доллари ИМА барои лоиҳаҳои беҳтарин дар охири барнома, инчунин, маблағгузорӣ (бонусҳо, тахфифҳо ва дастгирӣ)) аз шарикони тиҷоратӣ, фондҳо ва шарикони стратегии TexDrive.

2. Шабакаи глобалии алоқаҳо (аз ҷумла дастрасӣ ба захираҳои байналмилалӣ, таблиғ ва курсҳои шарикӣ): зиёда аз 250,000 коршиносони асосӣ.

3. Инъикос ва таблиғи босуръати лоиҳа дар ВАО (ба шарофати шуҳрат ва эътибори бренди худи акселератор).

4. Таҷрибаи технологӣ ва таҷрибаи сохтани моделҳои бизнес (зиёда аз 100 коршинос дар соҳаҳои мухталиф), омӯзиш.

5. Идора дар Москва ва ҳуқуқ ба дастгирии ҳуқуқии шашмоҳа.

6. Рӯзи сармоягузор («Demo day») чорабиниест, ки дар рафти он иштирокчиёни барнома лоиҳаҳои худро ба шарикон ва сармоягузорони эҳтимолӣ пешкаш мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳатто берун аз "рӯзи сармоягузор" лоиҳа, ки аз ҷониби як дастаи хурд

пешниҳод карда мешавад, ҳамарӯза дар вохӯриҳои гуногун, мастер-классҳо ва презентатсияҳо иштирок мекунад.

7. Муҳити рақобат: аз сабаби он, ки дар ҳар як барнома якчанд лоиҳа иштирок мекунад, тавассути муошироти доимӣ имкони ҳамкориҳоиояндадор фароҳам оварда мешавад. Дар навбати худ, TexDrive, ки акселератори хусусӣ аст, 10% ҳиссаи ширкатро мегирад ва дар сурати сармоягузорӣ дар даври дуюм, ҷуброни иловагӣ дар ин марҳиларо кафолат медиҳад.

Арзиши ҳамроҳшавӣ ба чунин барномаҳо барои фондҳо, паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва акселераторҳои донишгоҳҳо фарқ мекунад - дар баъзе ҳолатҳо, хизматҳо ҳатто метавонанд ройгон пешниҳод шаванд, то ин ки иштирокчиёни нав ҳавасманд карда шаванд.

Намуди дигари инфрасохтори тиҷоратикунонӣ "Марказҳои истифодаи муштарак" ба ҳисоб мераванд, ки дорои имконоти зарурӣ барои гузаронидани таҳқиқот, таҷҳизоти нодир/гаронбаҳо, нармафзори харидашуда ва дигар шароитиҳои барои навоварон зарурӣ мебошанд. Гузашта аз ин, чунин созмонҳо аксар вақт олимон ва мутахассисонро дар асоси шартнома киро мекунанд, ки бо ин таҷҳизотҳо кор мекунанд ва дорои доираи васеи салоҳиятҳо барои кумак ба стартапҳо дар таҳияи технологияҳо, озмоиши прототипҳо ва ғайра мебошанд. Ҳамин тариқ, ба рӯйхати маъмултарин хизматрасониҳои Марказҳои истифодаи муштарак, метавонад инҳо дохил шавад:

– пешниҳоди хадамоти машваратии муҳандисӣ ва техникӣ.

– омодагӣ ба истеҳсоли прототипҳо.

– гузаронидани корҳои лоиҳакашӣ ва истеҳсоли минбаъдаи маҳсулоти иштирокчиён [14].

Марказҳои истифодаи муштарак воҳидҳои мутамаркази функсионалии ташкилотҳои илмӣ ва таълимӣ мебошанд, ки дастрасии бисёркорбаронро ба таҷҳизот ва технологияҳо таъмин намуда, ба истифодабарандагон хизматрасонии таълимӣ, машваратӣ ва экспертиро пешкаш мекунанд. Маркази маъмулии истифодаи коллективӣ як воҳиди алоҳидаи сохтории ташкилот мебошад, ки дорои ҳайати шахсӣ, таҷҳизот ва биноҳои корӣ мебошад. Ин марказҳо хароҷоти худро тавассути пардохтҳое, ки аз муштариёни хизматҳои муштарак гирифтаанд ё тавассути грантҳои таҳқиқотӣ мепӯшонанд.

Дар шароити кам шудани маблағгузории давлатӣ ба базаи моддию техникии илм нақши Марказҳои истифодаи муштарак меафзояд. Ин модели дастрасии муштарак ба таҷҳизоти замонавӣ ва хизматрасонии баландихтисос ба гурӯҳҳои олимон имкон медиҳад, ки таҷҳизот, бартариятҳо ва имкониятҳои маркетингии ширкатҳои тиҷоратӣ, донишгоҳҳо ва марказҳои илмиро самаранок истифода баранд, яъне аз имкониятҳои тиҷоратикунонии навовариҳои худ бархӯрдор гарданд.

Намуди дигари инфрасохтори тиҷоратикунонӣ "Марказҳои прототипсозии технологӣ" ҳисобида мешаванд. Марказҳои прототипсозии технологӣ аслан як навъи маркази истифодаи муштарак буда, ба ширкатҳои инноватсионалӣ имкон медиҳанд, ки бо пардохти ҳаққи иҷора таҷҳизоти дар моликияти онҳо мавҷудбударо барои тарҳрезӣ/прототипсозӣ, сохтани прототипҳо, инчунин, моделҳои кории системаҳо ва маҳсулот барои нишон додан ба фармоишгар ё санҷиши имконпазирии назариявии татбиқи онҳо истифода баранд. Дар марҳалаҳои минбаъда истеҳсоли хурди маҳсулоти дорои конфигуратсияи мураккаб, таҳлил ва муайян кардани роҳҳои беҳтар намудани сифати маҳсулот имконпазир аст. Чунин имкониятҳои техникӣ дар якҷоягӣ бо таҷрибаи мутахассисоне, ки таҷриба/сертификатсия оид ба кор бо ин таҷҳизот доранд, метавонанд вақти ба бозор баровардани маҳсулотро хеле кам кунанд. Ин хизматҳо ҳам дар асоси ҳаққи собити ҳармоҳаи иҷора ва хам дар асоси ҳисоби миқдори воқеии (соати) истифодаи таҷҳизот пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳоли ҳозир, чунин марказҳо чун қоида, дар кишварҳои нисбатан пешрафта дар шакли лабораторияҳои хурд дар донишгоҳҳо ё шуъбаҳои таҷрибавии марказҳои инноватсионӣ таъсис дода мешаванд [9].

Инфрасохтори муҳимми дигари интиқол ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқот "Идораи интиқоли технологияҳо" (Офис технологического трансфера) мебошад. Ин ташкилотҳо аксар вақт дар назди донишгоҳҳо ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ таъсис ёфта, дорои манбаи ҷамъиятии маблағгузорӣ буда, мутахассисони соҳаи саноат (олимон, соҳибкорон),

мутахассисони ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқшиносонро муттаҳид мекунанд. Аслан, чунин сохтор як идораи тиҷоратӣ мебошад, ки дар асоси салоҳият ва робита бо доираи васеи сармоягузорон, робитаи онҳоро бо лоиҳаҳое, ки соҳаи фаъолияташон ба манфиатҳо ва ниёзҳои сармоягузорон мувофиқ аст, таъмин менамояд [13,с.1688-1710].

Вазифаҳои Идораи интиқоли технологияҳо метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

– интихоб ва арзёбии таҳияи донишгоҳҳои дорои иқтидори тиҷоратӣ;

– муайян намудани манфиатҳои назарраси рушд ва имкониятҳои тиҷоратӣ;

– таҳияи маҷмуи ҳуҷҷатҳо оид ба моликияти зеҳнӣ (инчунин, таҳияи шартномаҳо оид ба расонидани хизматҳои муҳандисию машваратӣ, созишномаҳо оид ба ҳамкории илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва дигар намудҳои ҳуҷҷатҳо);

– таъсиси корхонаҳои муштарак/шарикиҳо барои тақсими ҳам хатарҳо ва ҳам манфиатҳои имконпазир аз истеҳсол ва ба бозор баровардани маҳсулот;

– таҳқиқоти патентӣ ва маркетингӣ (аз ҷумла муайян кардани сиёсати нархгузории маҳсулоте, ки барои ба бозор ворид намудани он таҳия карда мешавад);

– ҳифзи намудҳои гуногуни моликияти зеҳнӣ, ноу-хау ва ёрии ҳуқуқи ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқи дорандагони патент ва рақобати беинсофона;

– таҳия ва татбиқи нақшаи татбиқи саноатии коркардҳо/ба бозор баровардани маҳсулот, инчунин, ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои иқтисодии фурӯш ва ғ.

Ҳамин тавр, захираҳои зеҳнӣ дар якҷоягӣ бо технологияҳои нав дурнамои рушди иқтисодиётро муайян мекунанд, ки ин нишондиҳандаи истиқлолияти иқтисодӣ, некуаҳволии кишвар ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мебошад. Воридшавии устувори онҳо ба системаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Вазифаи асосии ин ҳамкориҳо беш аз пеш ба самти эҷоди навовариҳои технологии татбиқи ҷаҳонӣ табдил меёбад, ки бозорҳои умедбахши байналмилалии фурӯш доранд. Механизми тиҷоротикунонии навоварӣ дар соҳаи иқтисодиёт доираи нисбатан васеи моделҳои консептуалиро талаб менамояд. Инкишофи илм оиди механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар низоми иқтисодиёт аз ҳисоби ташкил ва амалисозии моделҳо, мафҳумҳо ва тасаввуротҳое, ки дар илмҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ ба вуҷуд омадаст, замина мегирад. Дар низоми иқтисодиёти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, механизми тиҷоратикунонии навоварӣ вобаста ба сиёсати давлатӣ дар самти навоварӣ амалӣ мешаванд, ки ҳамчун воситаи самаранок идоракунии рушди навоварӣ ва механизми тиҷоратикунонии навоварӣ пешбинӣ гардидааст.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки аз нигоҳи теъдод инфрасохтори инноватсионии Тоҷикистон, динамикаи муътадили рушдро доро мебошад. Айни ҳол вобаста ба шумораи объектҳои инфрасохторӣ нишондиҳандаҳои ҷумҳурии мо, бо нишондиҳандаҳои кишварҳои пешрафта фарқияти зиёд надорад. Аммо, аз нигоҳи сифати фаъолият ва истифодабарии инфрасохтори иннноватисонӣ мушкилоти муайян мушоҳида мешаванд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Динамикаи рушди шумораи объектҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ**
**Table 2. Development dynamics of the number of main objects of innovative infrastructure**

| Объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ | 2001 | 2010 | 2015 | 2020 | 2022 | 2022/2001 дар % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 31 | 33 | 38 | 40 | 42 | 135,5 |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 50 | 51 | 66 | 78 | 81 | 162 |
| Муассисаю ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ | 33 | 54 | 54 | 51 | 51 | 154,5 |
| Паркҳои технологӣ | - | 3 | 12 | 22 | 28 | - |
| Марказҳои инноватсионию технологӣ | - | 1 | 5 | 9 | 11 | |
| Бизнес-инкубаторҳо | - | - | - | 4 | 6 | - |
| Озмоишгоҳҳои инноватсионӣ | 41 | 49 | 52 | 63 | 63 | 154,5 |
| Ширкатҳои машваратӣ | 12 | 51 | 66 | 93 | 114 | 9,5 мар. |
| Корхонаҳои саноатӣ | 1120 | 1804 | 2310 | 2283 | 2802 | 2,5 мар. |

Муҳосибаи муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.41,66, 235, 246. (419 с.)

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, дар аксари ҳолатҳо теъдоди объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ рӯ ба афзоиш аст. Агар теъдоди умумии объектҳоро дар алоҳидагӣ ба ҳар як сари аҳолӣ ҳисоб намоем, маълум мешавад, ки нишондиҳандаҳои ҷумҳурии мо нисбат ба кишварҳоли пешрафтатар фарқияти зиёд намекунанд. Масалан, дар ҷумҳурии бо 9 млн аҳолӣ айни ҳол 43 муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолият мекунанд, дар ҳоле, ки дар Финляндия бо 5,6 млн аҳолӣ 25 адад чунин муассисаҳо амал мекунанд. Яъне, тақрибан теъдоди мутаносиби донишгоҳҳо бо теъдоди аҳолии кишвар.

Аммо, бояд ба назар гирифт, ки аз теъдоди умумии донишгоҳҳои Финляндия 9-тои онҳо дар байни 1000, 8-то дар байни 500 ва 1-то дар байни 100 донишгоҳҳои бартари дунё ҷой гирфтаанд [11]. Дар рейтинги мазкур кишвари Гонконг ҷойи аввалро ишғол менамояд (ҳамагӣ 11 донишгоҳ, 6-тои онҳо дар байни 1000, 6-то дар байни 500 ва 3-то дар байни 100 донишгоҳҳои бартари дунё ҷой гирфтаанд). Бояд гуфт, ки донишгоҳҳои ҷумҳурии мо дар рейтинги мазкур ҷой надоранд, яъне ягон донишгоҳи мо дар байни ҳатто 1000 донишгоҳи беҳтарини дунё ҷой надоранд. Кишвари аз нигоҳи рушд нисбатан ба кишвари мо наздик – Қазоқистон танҳо бо як донишгоҳаш дар байни 1000 донишгоҳи бартари дунё ҷой гирифтааст. Яъне, дар кулл, агарчӣ теъдоди объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ дар кишвари мо ба нишондиҳандаҳои кишварҳои нисбатан пешрафта тақрибан баробар аст, вале сифати фаъолияти объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ то ҳол нигаронкунанда боқӣ мемонанд.

Тасаввурот оиди тиҷоратикунонии навоварӣ ҳамчун раванди объективии ташаккули бозорӣ на танҳо ҳамчун категория, балки дар сатҳи макро ва бахусус микроиқтисодиёт хело муҳим мебошад. Воқеан, ҳар як ташкилот дар раванди тиҷоратикунонии ин ё он навоварӣ (мол ё технология) бозори наверо аз худ менамояд, ки ин раванд низ ҳамчун ташаккулёбии бозори нав ба таври объективӣ ва табиӣ маънидод карда мешавад [8,с.55-58]. Масалан, вақте як донишгоҳ фаъолияти назаррасро дар ҷанбаҳои гуногун ба роҳ мемонад ва дар рейтингҳои ҷаҳонӣ дорои мақому мартабаи ба худ хос мегардад, маҳсулотҳои илмии (мақолаҳо, монографияҳо, патентҳо ва ғ.) он низ бештар ба фурӯш мераванд. Ҳамин тавр, ҷараёни тиҷоратикунонии навовариҳои он самараи бештар ба худ касб менамоянд.

Ҳоло ба таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло, баҳси асосӣ ин аст, ки чи гуна метавон сифати фаъолияти инфрасохторҳои инноватсиониро беҳтару хубтар намоем, то таъсири мусбати он ба раванди тиҷоратикунонии навовариҳо бештар гардад. Албатта, дар ин замина аз тарафи олимони соҳа пешниҳодоти зиёде анҷом пазируфтаанд [2,с.549-555], ки шуруъ аз бунёди объектҳои наву замонавӣ то ҷалби сармоягузорӣ ба инкишофи объектҳои инфрасохторӣ, масоили мухталифи ин самти рушди фаъолияти навҷорисозиро дар бар мегиранд. Аммо ба андешаи мо, аз байни роҳу услуҳои мухталиф, бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷумҳурии мо, ба масоили зеррин бояд таваҷҷуҳи бештар сурат бигирад.

1. **Ҷойгиркунии оқилонаи объектҳои мавҷуди инфрасохтори инноватсионӣ ва шумораи онҳо.** Чуноне аз рақамҳои ҷадвали 2 мушоҳида намудем, шумораи объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ дар ҷумҳурии мо нисбатан зиёд аст. Теъдоди донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ, ИИТ, озмоишгоҳҳо ва амсоли он мутаносиб ба аҳолии кишвар ва зарфияти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт афзоиш ёфтаанд. Аммо теъдоди паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои машваратӣ ва амсоли он ҳанӯз он қадар зиёд нестанд, ки битавонанд дар ҷумҳурӣ фазои рақобатиеро дар бахши инноватсия ва рушди он ба вуҷуд оранд. Чунин ҳолатро метавон бо он маънидод намуд, ки дар замони шуравӣ бо таваҷҷуҳ ба талаботи иқтисодиёти миллии ИИТ ва озмоишгоҳҳои марбут ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт бунёд шудаанд. Баъд аз гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва расидан ба истиқлолияти миллӣ аксари ин институтҳо ва озмоишгоҳҳо мавҷудияти худро дар таркиби вазоратҳои дахлдор ё қатъ намуданд ва ё фаъолияти худро ба таври назарас коҳиш доданд. Ҳоло вақти он расидааст, ки теъдоди чунин институтҳо ва озмоишгоҳҳо дар пайванд ба шартномаҳои тиҷоратӣ бештар карда шавад. Барои ин ба институтҳо ва озмоишгоҳҳои навтаъсис кадрҳои соҳибтахассус ва дорои тавонмандиҳои инноватсиониро ҷалб намудан лозим аст.

2. **Такмили механизми ҷалби сармоягузориҳо ба рушду инкишофи инфрасохтори инноватсионӣ.** Барои ба сармоягузорони хусусӣ ва корхонаҳо имкони сармоягузорӣ

кардани маблағ зарур аст, ки дар доираи қонунгузории мавҷуда тартиби сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ҳам дар марҳилаи таҳияи лоиҳа ва ҳам дар марҳилаи татбиқ муайян карда шавад. Омӯзиши шаклҳои гуногуни сармоягузории хароҷот барои инноватсия нишон дод, ки маблағҳои давлатӣ ба рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ таъсири қобили таваҷҷуҳ надорад. Нақшаҳои пешниҳодшудаи иштироки сармояи хусусӣ дар раванди сармоягузорӣ (тавассути фондҳои инвеститсионӣ), воридоти зарурии захираҳои сармоягузориро таъмин намекунанд, зеро фаъолияти ҷорӣ ва сармоягузории чунин фондҳо захираҳои зиёдро талаб мекунанд. Дар кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ шакли ташкилию ҳуқуқии бештар истифодашаванда, ҳангоми сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ, фондҳои венчурӣ аст. Аммо дар кишварҳои миқёси иқтисодиашон хурд, ташкили фондҳои венчурӣ душвор аст. Аз ин рӯ, дар чунин кишварҳо ҷиҳати сармоягузорӣ ба бунёд ва рушди зерсохторҳои инноватсионӣ бештар ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ рӯй меоранд. Дар Тоҷикистон ҳам бояд ҳамин модели ҷалби сармоягузориҳо ба рушду инкишофи инфрасохтори инноватсионӣ ба таври васеъ истифода шавад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» соли 2012 қабул гардид. Дар моддаи якуми Қонуни мазкур омадааст, ки: "Қонуни мазкур ба ҳамаи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусии соҳаҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ мувофиқи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешаванд, татбиқ мегардад [7]. Аммо ба андеша баъзе аз муҳаққиқон " Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” соли 2012 қабул карда шудааст, вале то ҳол аз татбиқи он натиҷаи назаррас ва матлуб ба даст наомадааст. Бинобар ин, ба мо зарур аст, ки бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриамон ба қонуни мазкур тағйироту иловаҳои дахлдор ворид намоем, то ки он ба дарёфт, омода ва амалӣ кардани лоиҳаҳои шарикӣ мусоидат кунад" [15]. Яъне, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз Қонуни мазкур навтавонистааст, ки ба таври самаранок дар самти инкишофи инфрасохторҳои таъиноти мухталиф татбиқи комили худро ёбад. Яке аз сабаҳои асосии он, кафолати нокифояи ҳуқуқҳои соҳибкорон номида мешавад [15].

3**. Ташаккул ва инкишофи кластерҳои инноватсионӣ.** Бояд гуфт, ки дар кишвар то ҳол консепсияи ташаккули кластерҳои инноватсионӣ вуҷуд надорад, технологияи идоракунии инноватсионӣ ва маркетинг дар фаъолияти амалии корхонаҳои саноатӣ ба таври зарурӣ рушд накардааст ва инчунин, асосҳои консептуалии ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии инноватсионии рушди саноати кишвар мушаххас нашудааст.

Таҷрибаи ҷаҳонии кластеркунонӣ нишон медиҳад, ки кластерҳои самараноктарин дар шароити татбиқи инноватсия амал мекунанд. Дар бисёр кишварҳо усули кластерӣ барои сохтани системаҳои миллии инноватсионии онҳо истифода мешавад. Кластерҳои инноватсионӣ ба кластерҳои насли дуюм тааллуқ доранд ва вазифаи асосии ин кластерҳо эҷоди навоварӣ ва паҳн (тиҷоратикунонии) кардани онҳо дар соҳаҳои дахлдор мебошад.

Дар заминаи татбиқи вазифаҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», зарурати ташаккули низоми миллии инноватсионӣ дар асоси татбиқи механизми самараноки идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат ба миён омадааст. Равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи инноватсионӣ дар шароити афзояндаи рақобат, таҳияи равишҳои нави ташкили идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва эҷоди механизми тиҷоратикунонии натиҷаҳои истифодаи иқтидори инноватсиониро дар эҷоди технологияҳои техникӣ, технологӣ ва навовариҳои ташкилию идоракунӣ, инчунин, таъмини рушди инноватсионии онҳо тақозо менамояд.

Профессор С.Ҷ. Комилов қайд менамояд, ки "...кластерҳои инноватсионие, ки дар муҳити инноватсионӣ фаъолият мекунанд, фазои иқтисодие мебошанд, ки дар он корхонаҳои хурду калон, воҳидҳои инфрасохторӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ рушд мекунанд ва рушди равандҳои ҳамгироиро дар соҳаи инноватсионӣ таъмин менамоянд. Дар робита ба навсозӣ ва индустрикунонии босуръати иқтисодиёти ватанӣ, масъалаҳои кластеризатсияи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисоди миллии кишвар аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Равандҳои ташаккули низоми миллии инноватсионӣ ва рушди сармояи инсонӣ, таҳкими ҳамкории илм, истеҳсолот ва зарурати

фаъол гардонидани фаъолияти инноватсиониро дар асоси ташаккул ва рушди кластерҳои инноватсионӣ ба митён овардааст. Истифодаи модели кластерӣ барои фаъолгардонии ташкили фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун воситаи муносиби ташкили иқтисодиёти инноватсионӣ алтернатива надорад" [3,с.12-17].

Дар робита ба ин, зарурати таҳияи асосҳои консептуалӣ ва методологии ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ барои фаъолият ва рушди кластерҳои инноватсионӣ дар асоси таъсиси сохторҳои шабакавии ҳамгироӣ, таҳияи механизмҳои ҳавасмандгардонии татбиқи принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ташаккули институтҳои махсуси молиявии дахлдор, ки ба фаъол шудани фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд, ба миён омадааст. Дар татбиқи сиёсати кластерӣ минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва донишгоҳҳои инноватсионӣ, ки катализатори ташаккули кластерҳои инноватсионӣ мебошанд, нақши асосиро мебозанд.

Ҳамин тавр, омили асосии инкишофи равандҳои тиҷоратикунонии навовариҳо таъмини инфрасохтори ба ҳам алоқаманди фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба инфрасохтори тиҷоратикунонӣ аҳаммияти махсус дода мешавад. Дар Тоҷикистон, ки дар марҳилаи омодагии гузариш ба модели инноватсионии рушд қарор дорад, таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методии таъмини инфрасохтори тиҷоратикунонӣ тақозои вақт мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки дар занҷираи фаъолияти навҷорисозӣ мавқеи муҳим ва калидӣ ба марҳилаи тиҷоратикунонӣ ихтисос дода мешавад. Пас ҳама кӯшишҳо дар самти таъмини модели инноватсионии рушд бесамар хоҳад буд, агар ба инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо аҳаммити хос дода нашавад.

**АДАБИЁТ**


1. Баев С.А. Перспективы развития инновационной инфраструктуры в Российской Федерации // Инновации и инвестиции. - 2021. -№12. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/perspektivy-razvitiya-innovatsionnoy-infrastruktury-v-rossiyskoy-federatsii (дата обращения: 08.02.2023).
2. Заверза Е.В. Модель развития региональной инновационной инфраструктуры на основе развития инфраструктуры и систематизации инновационной деятельности // Аллея науки. -Томск, 2019. -Т. 2. -№1(28). -С.549-555.
3. Комилов С.Дж. Инновационный кластер: условия и проблемы становления // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2022. -№1. -С.12-17.
4. Комилов С.Дж., Алиева Г.Ш. Основы формирования государственной инновационной политики // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2019. -№3. -Часть I. -С.8-12.
5. Костенко В. Инновационный кластер как субъект инновационной инфраструктуры // Хозяйство и право. - 2012. -№8(427). -С.116-119.
6. Кузнецова И.А. Инновационная инфраструктура как фактор повышения эффективности инновационной деятельности // Вестник ИрГТУ. - 2015. -№11(106). [Электронный ресурс]. URL: https:// cyberleninka.ru/ article/n/innovatsionnaya-infrastruktura-kak-faktor-povysheniya-effektivnosti-innovatsionnoy -deyatelnosti (дата обращения: 22.06.2022).
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (АМОҶТ с. 2012, №12, қ.1, м.1001).
8. Матковская Я.С. Социальная политика: формирование инновационно-активных кластеров (Как активизировать развитие инновационных технологий в России?) // Социальное партнерство и социальная политика. - 2010. -№4. -С.55-58.
9. Мурашкин Д.В. Роль центров прототипирования в содействии технологическому развитию промышленных предприятий // Экономика и менеджмент инновационных технологий. - 2017. -№5. [Электронный ресурс]. URL: https://ekonomika.snauka.ru/2017/05/14772 (дата обращения: 23.01.2022).
10. Раҳматзода Ҳ.Б. Инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи шароитҳо барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2021. -№5. -С.52-57.
11. Рейтинг стран по количеству лучших университетов. [Электронный ресурс]. URL: https://www.education-medelle.com.
12. Сайти расмии ширкати TexDrive. [Манбаи электронӣ]. URL: http://texdrive.com.
13. Файков Д. Ю., Байдаров Д. Ю. Организация технологического трансфера в национальных лабораториях США: опыт для российских предприятий // Вопросы инновационной экономики. – М., 2020. - №3. - С. 1688-1710.
14. Чеченкина Т.В. Центры коллективного пользования в развитых странах мира: проблемы и перспективы // Управление наукой и наукометрия. - 2017. -№1(23). [Электронный ресурс]. URL:

https://cyberleninka.ru/article/n/tsentry-kollektivnogo-polzovaniya-v-razvityh-stranah-mira-problemy-i-perspektivy (дата обращения: 31.01.2023).
15. Љумъаев И.С. Механизмњои таъмини њуќуќии шарикии давлат дар бахши соњибкорї // Вестник ТГУПБП. - 2022. -№4(93). [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/mehanizm-oi-tamini-u-u-ii-sharikii-davlat-dar-bahshi-so-ibkor (дата обращения: 08.02.2023).

## АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ИНКИШОФИ ИНФРАСОХТОРИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРИҲО

Дар мақола асосҳои консептуалии инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Қайд шудааст, ки яке аз омилҳои муҳимми рушди равандҳои навоварӣ ва мувофиқан, тиҷоратикунонии натиҷаҳои он, омили инфрасохторӣ ба шумор меравад. Инфрасохтор асоси ба таври самаранок ва оқилона ба роҳ андохтани равандҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, мубодила ва тақсимоти молу хизматрасониҳо мебошад, ки аз сатҳи таъминоти он ва сифати объектҳои инфрасохторӣ натиҷаҳои ниҳоии фаъолиятҳои мазкур вобастагии зиёд дорад. Дар адабиётҳои илмӣ, дар робита ба инфрасохтори рушди равандҳои инноватсионӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои он баҳсҳои зиёде сурат гирифтаанд, ки гувоҳӣ аҳаммияти бориз ва мубрами ин масъала ҷиҳати таъмини самаранокии фаъолияти навҷорисозӣ дар ҳама давру замон мебошад. Дар мақола шаклҳо ва намудҳои инфрасохтори тиҷоратикунонӣ таҳлил ва самтҳои афзалиятноки рушди он дар кишварҳои мухталиф таъриф шудаанд. Дар идома оид ба роҳҳои таъмини рушди инфрасохтори тиҷоратикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод шудаанд. Қайд шудааст, ки дар шароити феълии Тоҷикистон, бештар масоили ҷойгиркунии оқилонаи объектҳои инфрасохторӣ, ҷалби сармоягузориҳо ба инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо дар асоси шарики давлат, бахши хусусӣ, ташаккул ва инкишофи кластерҳои инноватсионӣ аз аҳаммияти мубрам бархӯрдор мебошанд.

**Калидвожаҳо:** навоварӣ, тиҷоратикунонӣ, инфрасохтор, сиёсати инноватсионӣ, шаклҳои инфрасохтори тиҷоратикунонӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, кластерҳои инноватсионӣ.

## КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ КОММЕРЦИАЛИЗАЦИИ ИННОВАЦИЙ

В статье исследованы концептуальные основы развития инфраструктуры коммерциализации инноваций. Отмечается, что одним из важных факторов развития инновационных процессов и, соответственно, коммерциализации их результатов является инфраструктурный фактор. Инфраструктура является основой эффективного и рационального осуществления процессов производства, торговли, обмена и распределения товаров и услуг, что во многом зависит от качества объектов инфраструктуры. В научной литературе много дискуссий об инфраструктуре развития инновационных процессов и коммерциализации их результатов, что свидетельствует о явной и критической важности этого вопроса для обеспечения эффективности инновационной деятельности во все времена. В статье анализируются формы и виды инфраструктуры коммерциализации и определяются приоритетные направления ее развития в разных странах. Далее представлены рекомендации по путям обеспечения развития инфраструктуры коммерциализации в Республике Таджикистан. Отмечено, что в современных условиях Таджикистана вопросы рационального размещения объектов инфраструктуры, привлечения инвестиций в инфраструктуру коммерциализации инноваций на основе ГЧП, а также формирование и развитие инновационных кластеров имеют решающее значение.

**Ключевые слова**: инновации, коммерциализация, инфраструктура, инновационная политика, инфраструктурные формы коммерциализации, государственно-частное партнерство, инновационные кластеры.

## CONCEPTUAL BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF INFRASTRUCTURE FOR THE COMMERCIALIZATION OF INNOVATIONS

The article explores the conceptual foundations for the development of infrastructure for the commercialization of innovations. It is noted that one of the important factors in the development of innovative processes and, accordingly, the commercialization of their results is the infrastructure factor. Infrastructure is the basis for the effective and efficient implementation of the processes of production, trade, exchange and distribution of goods and services, which largely depends on the quality of infrastructure facilities. There is a lot of discussion in the scientific literature about the infrastructure for the development of innovation processes and the commercialization of their results, which indicates the clear and critical importance of this issue for ensuring the effectiveness of innovation at all times. The article analyzes the forms and types of commercialization infrastructure and identifies priority directions for its development in different countries. The following are recommendations on ways to ensure the development of commercialization infrastructure in the Republic of Tajikistan. It is noted that in the modern conditions of Tajikistan, the issues of rational placement of infrastructure facilities, attracting investments in the infrastructure for the commercialization of innovations on the basis of PPP, as well as the formation and development of innovation clusters are of crucial importance.

**Keywords:** innovation, commercialization, infrastructure, innovation policy, infrastructural forms of commercialization, public-private partnership, innovation clusters.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович*** - Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон, академики Академияи байналмилалии илмҳои мактаби олӣ. **Суроға**: 734000, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. Телефон: **917 50 54 01.** E-mail: **sirodj.tj@mail.ru**

***Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-01-70-51**. E-mail: **mfahim@mail.ru**
***Маҳмадалиев Насриддин Каримович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734025, ш.Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 918942097**. E-mail: **nasriddin0101@gmail.com**

**Сведения об авторах: *Комилов Сироджиддин Джалалиддинович*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории и мировой экономики, академик Международной академии наук высшей школы. **Адрес**: 734000, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мирзо Турсунзаде 30. Телефон: **917 50 54 01**. E-mail: **sirodj.tj@mail.ru**
***Ходиев Дадахон Абдуллоевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935017051**. E-mail: **mfahim@mail.ru**
***Махмадалиев Насриддин Каримович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, докторант Ph.D кафедры экономики предприятия и предпринимательства. **Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 918942097**. E-mail: **nasriddin0101@gmail.com**

**Information about the authors: *Komilov Sirodzhiddin Dzhalaliddinovich* -** Russian-Tajik (Slavic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy, Academician of the International Academy of Sciences of Higher Education. **Address:** 734000, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Mirzo Tursunzade street 30. Phone: **917 50 54 01.** E-mail: **sirodj.tj@mail.ru**
***Khodiev Dadakhon Abdulloevich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 935017051.** E-mail: **mfahim@mail.ru**
***Makhmadaliev Nasriddin Karimovich* –** Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Ph.D doctoral student of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarova street, 16. Phone: **(+992) 918942097.** E-mail: **nasriddin0101@gmail.com**

ТДУ: 338.24(575.3)

# АССОТСИАТСИЯИ ФРАНЧАЙЗИНГ, СОХТОРИ СОҲАВӢ ВА РУШДИ ФРАНЧАЙЗИНГ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Дустова Н.О.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Франчайзинг - аз вожаи англисӣ (англ.franchise, «литсензия», «афзалият») ва франсузӣ бошад: (фр.franchiz - «озод намудан ё ин ки озод шудан»)- як намуди маъмули муносибатҳо байни субъектҳои мушаххаси бозорӣ, ки аз як ҷониб, (франчайзер) ва ҷониби дигар, (франчайзӣ) бо пардохти фоизи муайян (яъне роялтӣ) аз ҳамин шакли фаъолият ҳуқуқи пешбурди муайяни бизнесро медиҳад [1,с.280-284].

Ин намуди такмилёфтаи литсензиякунониe мебошад, ки франчайзӣ ҳуқуқи фаъолиятро дастрас намуда, мустақилона аз номи худ нишонаҳо ва брендҳои франчайзерро бо риояи шартномаи тарафайн ва дигар уҳдадориҳо истифода мебарад.

Ба таври умум, низоми франчайзинг – ин «иҷораи» бренд, нишонаи молӣ ё тиҷоратие мебошад, ки ҳангоми оқилона ва самаранок роҳандозӣ ва корбурд намудан, барои ҳарду ҷониб (франчайзер ва франчайзӣ) натиҷаи дилхоҳ ва муфид ба бор меорад. Истифодаи франшизҳо асосан аз рӯи шартномае, ки миёни франчайзер ва франчайзӣ тасдиқ ва ба имзо мерасад, ҷорӣ карда шуда, мазмунан гуногуншакл мебошад. Бандҳои шартнома тибқи ризоияти дуҷониба сурат гирифта, дар он маълумоти пурра дар бораи франчайзер:

-мавқеи ҷойгиршавӣ;

-мақсад ва миссияи ширкат;

-тартиби корбарӣ;

-хавфи тиҷоратӣ;

-усулҳои идоранамоии кормандон;

-дизайни бино;

-андозаи муайяни роялтӣ ва дигар уҳдадориҳоро дарбар мегирад.

Франчайзӣ бояд дар ҳама ҳолат (навобаста аз даромади ками франчайзер) қоидаҳои пешниҳоднамудаи франчайзерро пурра ва бекаму кост риоя намояд.

Франчайзиҳо бояд масолеҳро аз таъминотчиён харанд, ки аксар вақт онҳоро водор месозад молу маҳсулотро бо нархи қимат харидорӣ намоянд.

Дар баробари ин, ба дӯши франчайзӣ талаботҳои душвор низ гузошта мешавад:

-надоштани ҳуқуқ, оиди бунёди корхонаҳои рақобатпазир дар муҳлати муайян;

-дахолат накардан ба таблиғот (вале маҷбур аст, ки ширкатҳои таблиғотиро маблағгузорӣ намояд) [2,с.180].

Франчайзер, ширкат ё корхонае, ки пурра ба таври низоми франчайзингӣ фаъолият намуда, аллакай дар бозори ҷаҳонӣ соҳиби эътибор ва нуфузи худ гардидааст. Инчунин, франчайзер молики мутлақи бренд (тамға)-и тиҷоратӣ мебошад, ки таҳти ин бренд (тамға) аллакай машҳур гардида, маъруфият ба даст овардааст. Дар баробари ин, франчайзер ҳангоми бастани шартномаи франчайзингӣ нисбат ба франчайзӣ як қатор бартариҳоро дорост:

-мустақилияти комил;

-иҷрои мустақилонаи қабули қарорҳо;

-қатъи шартнома ва ҳамкорӣ.

Франчайзӣ баъд аз харидории франшиза дар мадди авввал, бояд диққати худро ба талаботҳои асосӣ ва муҳим, ки ба рушди тиҷоратиояндааш алоқаманд аст, равона намояд. Яке аз талаботҳои асосӣ, ин доштани ҳудуди муайян дар бинои алоҳида, макони сераҳолӣ ва наздик ба маркази шаҳр ва дигар масъалаҳое, ки марбут ба тиҷоратро дарбар мегирад.

Франчайзер дар навбати худ бояд ба франчайзӣ барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ кумаки беғаразонаи худро расонад, чунки рушд ва тараққиёти франчайзӣ барои франчайзер ҳам аз манфиат холӣ нест (ройалтӣ, пардохти шартнома ва ғ) [3,с.480].

Базудӣ равнақ ёфтани тиҷорат аз истифодаи дурусти стратегияи франчайзингӣ алоқамандии зич дорад. Мутобиқи ин стратегия ба менеҷерони тарабхонаҳо,

меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои тезтайёр (fast food) ва дигар шаклҳои фаъолият чунин талаботҳо пешниҳод карда мешавад: таҳияи таъомнома (меню), тарзи муосири тайёрнамои ғизо, идоракунии бомароми кормандон, ҷорӣ намудани тайм-менеҷмент (вақту соати муайяни корӣ), ороиши утоқҳои корию толори нишаст мутобиқ ба завқи мизоҷ ва ёрии моддӣ ҷиҳати тайёр ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа [4,с.140-284].

Мақола муқоисаи шароит ва рушди низоми франчайзингии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба мамлакатҳои хориҷӣ дар мисоли Русия ва кишварҳои Аврупоро дарбар гирифта, ба чунин мақсадҳо равона карда шудааст: омӯхтани заминаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва инчунин, истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оиди татбиқ, ташкил ва рушди низоми франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисмати назариявии таҳқиқоти мазкурро шаклҳои гуногуни тиҷорат дар бар мегирад: франчайзинги маҳсулот, сатҳи хизматрасонӣ, хизматрасониҳои омехта, ҳалли масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва дигар ухдадориҳои марбут ба соҳаи низоми франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷаи нишондиҳандаҳои таҳлил чунинанд: ҷорӣ намудани низоми франчайзингӣ дар самтҳои гуногуни иқтисод, нуқтаҳои фурӯш ва хизматрасонӣ дар ҳавзаи низоми франчайзинг, идораи кормандони нуқтаҳои фурӯш ва хизматрасониҳои омехта дар низоми франчайзинг, гардиши фурӯши франшизаҳо ва натиҷаҳои назарраси он, ташкили соҳавии низоми франчайзинг, ҳудуди ҷойгиршавии корхонаҳои ба низоми франчайзинг амалкунанда ва тақсимоти он, ҳиссаи франчайзерҳо аз ҳисоби франшиза ва фаъолияти мунтазами франчайзӣ.

Ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳо метавон чунин хулоса баровард, ки дар шароити муосири гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташкил ва рушди низоми франчайзинг хуб ба роҳ монда шудааст. Суръати рушд дар ин масир назаррас буда, як қатор соҳаҳо ин навъи тиҷоратро ҳамчун воситаи муассири рақобатпазирӣ ва дарёфти мавқеъ дар бозори молу хизматрасонии сатҳи байналмилалӣ истифода мебаранд. Вобаста ба ин, мо, метавонем фаъолияти як қатор ширкатҳое, ки бо таври низоми франчайзингӣ бизнеси худро ба роҳ мондаанд, манзур намоем: Маркази тиҷоратии Ашан-сити, Би-1, меҳмонхонаҳои Sheraton, Hilton Dushanbe, Hyatt Regency Dushanbe, маркази хизматрасонии Шоколадница, (маркази солимгардонӣ) - фитнес клуби Crocus premium ва ғайраҳо, ки аллакай дар бозори молу хизматрасонӣ ба натиҷаҳои намоён ноил гардиданд.

Махсусан клуби Crocus premium фитнесс, ки ба ҳайати он мураббиёни касбӣ ҷалб карда шуда, бо таҷҳизотҳои муосири фитнес аз бренди сатҳи ҷаҳонии LIFE FITNESS, равиши инфиродӣ, барномаҳои аслӣ, тарҳи боҳашамат ва тамоми шароити зарурӣ на танҳо барои машқ, балки барои истироҳати хубу босифат муҳайё мебошад.

Инчунин, **Crocus** маҷмуи пурраи хизматрасониҳоро аз қабили йога, шиноварӣ ва санъати ҳарбиро ба роҳ монда, дорои маҷмааи SPA, минтақаи беназири барқарорсозӣ, зебоӣ ва солимгардонӣ инчунин, макони истироҳати бофароғати шаҳрвандони кишвар навобаста ба синну сол мебошад.

**Дар фитнес-клуби Crocus club барои мизоҷон чунин шароитҳо фароҳам оварда шудааст:**

- майдони омӯзиши функсионалӣ;
- толори санъати ҳарбӣ;,
- майдони кроссфит;
- утоқҳои таълимии гурӯҳӣ ва шахсӣ;
- толори зидди вазнинӣ;
- толори велосипедронӣ;
- 3 ҳавзи шиноварӣ: умумӣ, занона ва кӯдакона;
- машқҳои берунӣ;
- футбол дар варзишгоҳи кӯча;
-ҳаммом;
- сауна;
- яхмос;
- майдони истироҳат ва STEAM;
- расмиёти косметикӣ;

-массаж.

Барои кӯдакони синну соли наврас, намудҳои гуногуни фаъолиятҳои ҷолиб ва муфид мавҷуданд. Ҳатто барои кӯдакони навзод низ дарсҳои гимнастика ва шиноварӣ дар ҳавз, дар утоқи кӯдакон бо модар ё бо ёрии мураббии худ ба роҳ монда шудааст. Навиштаҳои болозикр ба он далолат мекунад, ки айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳое, ки ба таври низоми франчайзингӣ фаъолият доранд, дорои имкониятҳои хуб ва ҷалби бештари мизоҷон ҳастанд, ки ин ба рушди иқтисодӣ дар кишвар замина мегузорад.

Дар умум, франчайзинг ба як қатор мушкилотҳои асосии мавҷуда роҳи ҳал мебахшад:

а) рақобатпазирии молу хизматрасониҳо дар муддати тулонӣ;

б) ҳамкории мутақобила бо агентҳои бозор;

в) ба таври мукаммал ба роҳ мондани қарзҳои истеъмолӣ [3,с.480].

Тибқи мушоҳидаҳо айни ҳол франчайзинги дистрибюторӣ бештар паҳн шудааст, ки донистани хусусиятҳои бозори минтақавӣ ба ин намуди франчайзинг имкон медиҳад, ки тиҷорати худро самаранок ва муфид ба роҳ монад. Франчайзинг ҳамчун як шакли муносибатҳои тиҷоратӣ аслан дар ибтидои асри XX дар ИМА ба вуҷуд омадааст. Иёлоти муттаҳидаро дорои бузургтарин «неруи франчайзингӣ» меноманд, чунки маҳз дар ин ҷо франчайзинг мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, ба дараҷаи аълои рушди худ расидааст. Дар ин соҳа мо адабиёти заруриро доир ба ташкил, такмил ва рушду нумуи низоми франчайзинг аз муҳаққиқон ва олимони амрикоӣ, ба монанди Ҷон Фон Айкен ва Ян Мюррей, Скотт Шейн ва Дэвид Новак, Ҷим Коллинз, ки дар ин ҷода корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда, оиди ширкатҳои муваффақтарини иёлотҳои мухталиф маълумотҳои кофӣ пешниҳод намудаанд.

Назорати низоми франчайзинг ва танзими ҳуқуқии он дар Иёлоти Муттаҳида аз ҷониби Комиссияи федералии тиҷорат (FTC) ба роҳ монда мешавад. Инчунин, дар Иёлоти Муттаҳида танзим ва қонунгузорӣ дар ин соҳа афзалият дошта, ҳам дар сатҳи федералӣ ва ҳам дар сатҳи давлатӣ ҷорӣ карда мешавад, иёлотҳое низ вуҷуд доранд, ки дорои санади ягонаи қонунгузорӣ оиди низоми франчайзингро мебошанд. Комиссияи федералии савдо, санади танзимкунандаи ба истилоҳ "Ҳуҷҷати ифшои франчайзинг"-ро дорост. Дар мисоли (Санадҳои танзимкунанда, санади франчайзинги дилерҳои автомобилии соли 1956, Санади амалияи маркетинги нафт аз соли 1978 ва Қарори FTC № 436) [4,с.179-183].

Дар санади "Ҳуҷҷати ифшои франчайзинг" чунин талаботҳо дарҷ гардидаанд: франчайзер бояд пеш аз имзои шартномаи франчайзингӣ ба франчайзӣ маълумотҳои муфассалро оиди фаъолияти минбаъда, пешниҳод намояд, аз ҷумла:

1) эътирофи (бренд) тамғаи молӣ ва истифода аз номи тиҷоратии франчайзер;

2) шабакае, ки аҳаммият ва афзалиятхои низоми франчайзингро фарогир аст;

3) сифати маҳсулоти истеҳсолкардаи франчайзер ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, ҳаҷми муомилоти маҳсулот, фоиданокӣ ва даромад;

4) ноу-хау, таълими касбӣ;

5) таблиғот, арзиш ва хароҷот;

6) намуди хизматрасониҳое, ки франчайзер ҳангоми иҷрои шартнома пешниҳод кардааст,

7) кумак ба франчайзӣ дар оғози фаъолият;

8) хароҷот, ва дигар уҳдадориҳо.

Дар баробари ин, франчайзер вазифадор аст, ки дар бораи шахсияти худ, мақоми ширкат, мавзеи ҷойгиршавӣ, захираҳои молиявӣ таҷрибаи соҳибкорӣ, тавсифи муфассали имкониятҳои мавҷуда, дурнамо ва стратегияи тиҷорат, шароитҳои мусоиди корӣ, ҳисоби пардохтҳои ибтидоӣ ва ҷорӣ ба франчайзӣ, муфассал маълумотҳои зарурирo пешниҳод намояд.

Ба назар чунин мерасад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни махсусе оиди танзими муносибатҳо дар доираи низоми франчайзинг мавҷуд нест. Тибқи муқаррароти Кодекси граждании «Шартномаи консессияи тиҷоратӣ» муносибатҳои ҳуқуқии франчайзер ва франчайзӣ ба танзим даровaрда мешавад. Дар қонунгузории мо, истилоҳоти франчайзинг ҳамчун мушкилот боқӣ монда, дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо зикр гардидааст, ки шакли шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба мазмуни ҳуқуқии муносибатҳои субъектҳои ҳуқуқ дар

доираи низоми франчайзинг ба пурраги мувофиқат намекунад. Айни ҳол танзими ҳуқуқии низоми франчайзинг дар кишвари мо аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ то андозае “қафо монда” аст, гӯём иштибоҳ намешавад.

Аз ин рӯ, дар низоми франчайзинг, асоси заминаи меъёрӣ-ҳуқуқиро дар давлатҳои тараққикарда, қонунгузории миллӣ оид ба франчайзинг бо санадҳои меъёрии қабулшуда, инчунин, ҳуҷҷатҳое, ки барои истифодаи ин низом зарур аст, ба таври мукаммал истифода карда мешавад. Риояи ин санадҳо, пеш аз ҳама, ба рушду такомули ин падидаи иқтисодӣ ва инкишофи васеи он дар тиҷорати байналмилалӣ мусоидат мекунад [11,с.509-512].

Маълумотҳои мухтасари оморӣ доир ба ташкил ва такмили низоми франчайзинг дар давлатҳои пешрафтаи дунё ҷамъоварӣ мегардад.

Ба андешаи мо, Ассотсиатсияҳои франчайзингӣ, хусусан Ассотсиатсияи франчайзингии Русия на ҳама омори дақиқро ба нашр мерасонад. Маълумотҳои миқдоран зиёдро маҳз Ассотсиатсияи Байналмилалии Франчайзинг ва Федератсияи Франчайзинги Аврупо баррасӣ ва пешниҳод менамояд. Айни замон ба меъёр ва миқёси рушди низоми франчайзинг ба таври объективӣ баҳогузорӣ кардан ногузир аст. Дар вақти таҳқиқот ба мо муяссар гашт, ки баъзе маълумотҳоро доир ба кишварҳои алоҳидаи ба низоми франчайзинг фаъолияткунанда танҳо барои соли 2022 пайдо намоем. Маълумотоҳои мавҷударо мо аз маводҳои муҳаққиқоне, ки доир ба ин масъала корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда истодаанд ва паҳлуҳои мухталифи ин низомро мавриди омӯзиш қарор додаанд, пешниҳод намудем. Раванди таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои рушди низоми франчайзинг аз ин сабаб мушкили эҷод мекунад, ки нишондиҳандаҳои низоми франчайзинг ҷузъи нишондиҳандаҳои оморӣ нестанд ва аз ҷониби хадамоти расмии давлатии омор ҷамъоварӣ ва коркард карда намешаванд.

Натиҷаи баҳодиҳии нишондиҳандаҳои шумораи франшизаҳоро дар самтҳои гуногуни иқтисодиёт танҳо шумораи нуқтаҳои савдо дар доираи франчайзинг, шумораи коргарони нуқтаҳои савдо дар доираи франшиза, гардиши фурӯши нуқтаҳои савдоро қайд кардан мумкин аст. Инчунин, дар доираи франчайзинг, сохтори саноатии франчайзинг, ҳудуди тақсимот, ҳиссаи франчайзерҳо дар ташкилоти худтанзимкунӣ низ назаррас мебошад.

Ассотсиатсияҳои шакли муосир дар ҳоли баланди рушд буда, иттиҳодияҳои маркетингӣ, ассотсиатсияҳои шарикӣ, ки силсилаи субъектҳои гуногуни хоҷагидории мустақилро ба шабакаи ягонаи маркетингӣ муттаҳид мекунад, дар бар мегирад.

Шуруъ аз солҳои 70-уми қарни XX, ин навъи тиҷорат дар кулли бозорҳои Аврупо ба тадриҷ васеъ гардида, асосан дар соҳаҳои тиҷорати тарабхона, меҳмонхона, фитнес-клубҳо ва савдои чакана ба авҷи аълои худ расидааст. Пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва мустақил гардидани субъектҳои хоҷагидорӣ, низоми франчайзинг дар Русия ва дигар давлатҳои ИДМ рӯ ба инкишоф ниҳод. Аз ҷумла, пас аз истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон низ субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ бо шакли нави тиҷорат- низоми франчайзинг ба фаъолият оғоз намуданд.

Ҷорӣ шудани низоми франчайзингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи тулонӣ надошта бошад ҳам, вале дар баъзе намуди фаъолиятҳо, махсусан фаъолияти меҳмонхонадорӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Тибқи назарсанҷии интернетӣ, ки дар байни меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе гузаронида шуд, меҳмонхонаи панҷситорадори Hyatt Regency Dushanbe яке аз меҳмонхонаҳои беҳтарин дониста шуда, дар рейтинги холгузорӣ дар ҷои 1-ум қарор гирифт. Ногуфта намонад, ки меҳмонхонаи панҷситорадори Hyatt Regency Dushanbe аз соли 2010-ум инҷониб ба тариқи низоми франчайзингӣ фаъолият намуда, мавқеи худро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба таври назаррас соҳиб гаштааст.

Hyatt Regency Душанбе дорои 209 утоқ ва люксҳои (утоқҳои нисбатан бароҳаттар) ва боҳашамат буда, бо услуби беназири муосир тарҳрезӣ шудаанд. Ҳуҷраҳои барҳаво барои сафарҳои корӣ, ҷашнҳои оилавӣ ё истироҳати ошиқона пурра омода буда, барои истироҳати бофароғати муштариён шароитҳои хуби хизматрасонӣ ба роҳ монда шудааст [13].

Барои ҷалби зиёдтари муштариён ва дар бозори муосир рақобатпазир боқӣ мондан, маъмурияти меҳмонхона одитарин талаботҳоро ба инобат гирифтааст. Ин меҳмонхонаи

боҳашамати 5-ситорадор дар соҳили кӯли Комсомол, дар маркази Душанбе, ҳамагӣ 10 дақиқа аз фурудгоҳ ва дар наздикии ҳамаи сафоратхонаҳо, идораҳои давлатӣ ва вазоратхонаҳо ҷойгир аст. Меҳмонхона дорои тарабхонаи гастрономӣ ва минтақаи санаторию дорои ҳавзи дарунӣ мебошад. Хусусиятҳои меҳмонхонаи Hyatt Regency дар утоқҳои хеле васеъ ва зебо муҷаҳҳазшудаи замонавӣ, дорои манзараи кӯл ва кӯҳҳо, кондитсионер, минибар, сейф, телевизиони моҳвораии LCD, чой-қаҳвапазӣ ва ҳаммоми муосир мебошанд. Дар тарабхонаи грилл Foccacia таомҳои баҳри Миёназамин ва ҷаҳонӣ пешкаш мегардад. Дар мехмонхонаи Hyatt Regency Душанбе меҳмонон метавонанд аз лоунҷ, бар ва қаннодӣ баҳра баранд. Саногоҳи «Саёҳат» дорои буғхона, сауна, ваннаи гарм, ҳавзи хунук, майдони истироҳат ва маркази муосири фитнесс мебошад. Меҳмонон метавонанд табобатҳои гуногуни санаторию зебоӣ, инчунин, маҳсро фармоиш диҳанд. Меҳмонони меҳмонхонаи Hyatt дастрасӣ доранд: мизи 24-соатаи Regency бо хизмати консерж, WiFi ройгон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, фурудгоҳ, лимузин ва иҷораи мошин, ки ин албатта ба зиёд шудани сафи муштариён бетаъсир намемонад. Инчунин, дар тобеияти меҳмонхона таваққуфгоҳи хусусии ройгон мавҷуд аст.

Меҳмонхонаи панҷситорадори Hyatt Regency Dushanbe инчунин, дорои шароит ва хизматрасониҳои маъмултарин мебошад:

- Ҳавзи дарунӣ.
- Wi-Fi ройгон.
- Таваққуфгоҳи ройгон.
- Ҳуҷраҳои тамокукашӣ.
- Расонидани хӯрок ва нӯшокиҳо ба ҳуҷра.
- Маркази фитнес.
- Имконот барои меҳмонони маъюб.
- Дар ҳама ҳуҷраҳо чой/қаҳва.
- Бар.
- Субҳонаи хуб [13].

Хулоса, чунин тарзи корбарӣ ба ширкатҳо имконият медиҳад, ки мавқеи худро дар бозори дохилӣ ва байналмилалӣ устувор намуда, дар рушди иқтисоди миллӣ ва сатҳи некуаҳволии шаҳрвандони кишвар саҳмгузор бошанд.

**Муқарриз: д.и.и., дотсенти ДДТТ – Туйчиқулов З.Ҷ.**

**АДАБИЕТ**


1. Алексеенко А.Г. Франчайзинг: сущность, понятия и история // Проспект науки. - 2016. -№3. -С.280-284. [Электронный ресурс]. URL: (открыть ссылку) (21.06.2017).
2. Акулова А.Ш., Зикова А.В., Гольченко Е.И. Сущность и роль франчайзинга в современной экономике России // Региональное развитие. – 2016. -№2. -С.1. [Электронный ресурс]. URL: http://regrazvitie.ru/sushhnost-i-roli-franchajzinga-v-sovremennoj-ekonomike-rossii/ (21.06.2017).
3. Андреева А.В., Григорьева Е. Франчайзинг: особенности и перспективы развития в России // Наука сегодня: проблемы и решения: зарубежные материалы. Научно-практическая конференция. -Вологда, 2017. -С.67-69. [Электронный ресурс]. URL: http://volconf.ru/files/archive/0129.03.2017.pdf (21.06.2017).
4. Вахитов Д.Р. Франчайзинг в России: особенности отрасли и перспективы развития / Д.Р. Вахитов // Учен. зап. Казанского филиала «Российского государственного университета юстиции». – 2014. -Т. 10. -С.179-183. Доступ после регистрации (открыть ссылку).
5. Гаджимусиева А.А. Франчайзинг: проблемы и перспективы развития в России / А.А. Гаджимусиева, К.В. Балуева // Молодая наука. - 2014. -№3. -С.81-84.
6. Жукова М.В. Франчайзинг как средство инновационного экономического развития Российской Федерации / М.В. Жукова // Инновационные аспекты социально-экономического развития региона: Сборник статей. -М., 2014. -С.167-174.
7. Нуретдинов И.Г., Манеева Ю.Р. Франчайзинг и его роль в бизнесе // Экономика и общество. – 2016. -№12-2. -С.509-512. [Электронный ресурс]. URL: http://www.iupr.ru/domainsdata/files/zurnal31/Nuretdinov%20).pdf (21.06.2017).
8. Ола Н.М., Надршин В.В. Франчайзинг. Проблемы и перспективы развития в России // Студенческая наука XXI века. - 2015. -№4. -С.402-405. [Электронный ресурс]. URL: http://interactive-plus.ru/ru/article/12839/discussionplatform (21.06.2017).
9. Перевалова А.А. Сущность франчайзинга и его роль в развитии бизнеса / А.А. Перевалова, Л.М. Степанова // Путь науки. - 2015. - Нет. 11. –С.101-103. [Электронный ресурс]. URL: http://oaji.net/articles/2016/743-1467622412.pdf (21.06.2017).

10. Поротова Т.В. Сущность, значение и перспективы франчайзинга / Т.В. Поротова // Экономика и бизнес. – 2016. -№2-2. –С.511-513. Платный доступ (открыть ссылку).
11. Рязанов А., Сироватко И.В. Факторы, влияющие на развитие франчайзинга: теоретический подход // Российское транспортное дело. - 2015. -№1. -С.150-153. [Электронный ресурс]. URL: http://cyberleninka.ru/article/n/faktory-vliyayuschie-na-razvitie-frachayzinga-teoretichesky-podhod (21.06.2017).
12. Чеглакова Л.С., Кислицина В.В. Франчайзинг: основные тенденции и перспективы развития // Модерн. тенденции развития науки и техники. – 2016. –№5-6. –С.137-140. [Электронный ресурс]. URL: http://issledo.ru/wp-content/uploads/2016/06/Sbk-5-6.pdf (21.06.2017).
13. [Электронный ресурс]. URL: https://www.hyatt.com/hyatt-regency/ru-RU/dushr-hyatt-regency-dushanbe

## АССОТСИАТСИЯИ ФРАНЧАЙЗИНГ, СОХТОРИ СОҲАВӢ ВА РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола муқоисаи шароит ва инкишофи франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Дар қисмати назариявии таҳқиқот моделҳои гуногуни тиҷорат таъкид шудаанд: франчайзинги маҳсулот, хизматрасонӣ ва омехта ҳамчунин масъалаҳои танзими ҳуқуқии франчайзинг дар кишварҳои Аврупо, ИМА ва Русия низ баррасӣ шудаанд. Дар баробари ин, таҳлили рушди иқтисодии франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои хориҷӣ гузаронида шудааст, ки ин таҳлилҳо тағйироти нишондиҳандаҳои асосии франчайзингро бо мурури замон ва сохтори соҳаи он фаро мегиранд. Нишондиҳандаҳои таҳлилшуда инҳоянд: шумораи франшизаҳои дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт додашуда, шумораи нуқтаҳои фурӯш дар доираи франшиза, шумораи кормандон дар нуқтаҳои фурӯш дар доираи франшиза, гардиши фурӯши нуқтаҳои фурӯш дар доираи франшиза, сохтори саноатии франчайзинг, ҳудуди тақсимот ва ҳиссаи франчайзерҳо дар ташкилоти худтанзимкунӣ. Дар мақола мисоли рушди меҳмонхонаҳо бо таври возеҳ нишон дода шудааст. Хулоса бармеояд, ки шароити рушди низоми франчайзинг дар кишвари мо хеле мусоид аст: суръати афзоиш баланд буда, як қатор соҳаҳо ин модели бизнесро ҳамчун воситаи муассири рақобат ва мавқеъ ёфтан дар бозор истифода мебаранд. Ин хулоса бо истифода аз мисоли меҳмонхонаҳои Hyatt Regency Dushanbe, Hilton Dushanbe, ва Sheraton, ки бо таври низоми франшизӣ фаъолият мекунанд, гирифта шудааст ва ин яке аз низомҳои франшизаи маъмултарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** уҳдадорӣ, азхудкунии тиҷорат, иҷро, тақсимоти бештар, франчайзинги тақсимот, донистани хусусиятҳои бозори минтақавӣ, имкон медиҳад, франчайзинг, меҳмонхонаҳо.

## АССОЦИАЦИЯ ФРАНЧАЙЗИНГА, СТРУКТУРА ОТРАСЛИ И РАЗВИТИЕ ФРАНЧАЙЗИНГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье сравниваются условия и развитие франчайзинга в Республике Таджикистан. В разделе теоретического исследования разные бизнес- модели акцент имеют франшиза, продукция и услуги. Смешивание и проблема регулирования франчайзинга в странах Европы, ЕС и России также рассматриваются. Наряду с этим анализом разработан экономический франчайзинг в Республике Таджикистан по отношению к зарубежным странам. Этот анализ изменения показателей основного франчайзинга, который проходит через время и состав сектора. Показания: проанализировано следующее количество франшиз в различных разделах экономики, номер точки продажи по франшизе, количество сотрудников в местах продажи и в круге франшиза, оборот точки продажи в круге франшизы, структура промышленного франчайзинга, территория распространения и доля франчайзера в организации. В статье разработано развитие отелей в четкой форме. Сделан вывод, что условия для развития системы франчайзинга в нашей стране очень благоприятны: темпы роста высокие и существуют однолинейные области этой модели бизнеса, а также инструмент эффективного соревнования и расположения. Этот вывод сделан на примере отелей Хаятт Ридженси Душанбе, Хилтон Душанбе и Шератон. Соответственно система франчайзинга работает, и это одна из систем франшиза и самый популярный в Республике Таджикистан на данный момент.

**Ключевые слова:** ответственность , мастерство торговля , исполнение, распространение подробнее, франчайзинг разделения, знание функции, территориальные рынки, возможность, франчайзинг, отели.

## FRANCHISE ASSOCIATION, INDUSTRY STRUCTURE AND ITS DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article compares the conditions and development of franchising in the Republic of Tajikistan. In the theoretical research section, different business models focus on franchising, products and services. Mixing and the problem of franchising regulation in Europe, the EU and Russia are also considered. Along with this analysis, economic franchising in the Republic of Tajikistan in relation to foreign countries has been developed. This is an analysis of changes in the performance of a major franchise over time and sector composition. Indications: the following number of franchises in various sections of the economy, the number of the franchise point of sale, the number of employees at the points of sale and in the franchise circle, the turnover of the point of sale in the franchise circle, the structure of industrial franchising, distribution territory and the franchisor's share in the organization were analyzed. The article develops the development of hotels in a clear form. It is concluded that the conditions for the development of the franchising system in our country are very favorable: growth rates are high and there are single-line areas of this business model, as well as a tool for effective competition and location. This conclusion was made using the example of the Hyatt Regency Dushanbe, Hilton Dushanbe and Sheraton hotels. Accordingly, the franchising system works, and this is one of the franchise systems and the most popular in the Republic of Tajikistan at the moment.

**Keywords:** responsibility, trade skill, execution, distribution in more detail, franchising division, knowledge of functions, territorial markets, opportunity, franchising, hotels.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Дустова Навраста Оқилбоевна* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **934-15-18-00.** E-mail: **Navrastadustova@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Достова Навраста Окилбоевна*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, ассистент кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **934-15-18-00**. E-mail: **Navrastadustova@bk.ru**

**Information about the author:** ***Dostova Navrasta Okilboevna*** – Tajik State Pedagogical University named after. S. Aini, assistant at the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: **934-15-18-00.** E-mail: **Navrastadustova@bk.ru**

ТДУ: 338.484 (575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАФҲУМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БИЗНЕС-САЙЁҲӢ

*Шарипова Ф.Н.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Сол ба сол робитаҳои тиҷоратӣ, маданӣ ва илмии байни минтақаҳо ва кишварҳо то рафт шиддатноктар мешаванд. Аз ин лиҳоз, рушди саноати бизнес - сайёҳӣ шарти муҳимми фаъолияти бомуваффақияти соҳибкорӣ буда, ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамгироии он ба бозори ҷаҳонӣ таъсири назаррас мерасонад. Ин намуди сайёҳӣ яке аз намудҳои нисбатан фоидаовар буда, барои тарафи қабулкунанда - соҳибхона аҳаммияти калон дорад.

Бизнес-сайёҳӣ яке аз соҳаҳои пешбар ва босуръат рушдакунандаи бахши иқтисодии ҷаҳонӣ ба шумор рафта, барои рушди бесобиқаи худ ҳамчун падидаи иқтисодии асри XX эътироф шудааст.

Бизнес-сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим бозида, ба ҳамгироии он ба бозори иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Тиҷорати муосир бе мубодилаи фаъоли иттилоот, бе омӯзиши технологияҳои нав, бе такмили ихтисос дар ҳама сатҳҳои таълими соҳибкорӣ, ширкат дар анҷуманҳо, семинарҳо, намоишгоҳҳои байналмилалӣ ва ғайра ғайриимкон аст. Ҳамаи ин ба доираи бизнес-сайёҳӣ дохил карда шудааст. Ба шарофати ин соҳаи сайёҳӣ, воридшавии ғояҳои нав ба иқтисодиёт ба амал меояд, бозорҳои нав забт карда мешаванд, яъне рушду пешравӣ мушоҳида мешавад.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот ба сатҳи пасти инкишофи назарияи бинес-сайёҳӣ ҳамчун як соҳаи мушаххаси сайёҳии ҷаҳонӣ вобаста аст. Соҳаи мазкур тайи се даҳсолаи охир дар фазои сайёҳии ҷаҳонӣ босуръат инкишоф ёфта, даромад аз он дар сохтори даромад аз туризми байналмилалӣ саҳми зиёд дорад; дар як қатор мамлакатҳо дар буҷаи давлатӣ нақши намоён ва ҳатто дар баъзе мавридҳо нақши асосиро мебозанд. Мутаносибан, дар илми иқтисодӣ ва ҷуғрофияи хориҷӣ, дар даҳсолаҳои охир оид ба пайдоиш ва рушди бизнес-сайёҳӣ таҳқиқот гузаронида мешавад; омори Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии он – воридшавии сайёҳон, даромаднокӣ ва ғ. зуҳур кард.

Бо вуҷуди ин, ақидаҳо дар бораи падидаи бизнес-сайёҳӣ хеле зиддият доранд. Аз ҷумла, то ҳол таърифи дақиқи ин падида вуҷуд надорад. Инчунин, моделҳои фаъолияти соҳа таҳия ва шаклҳои асосии рушди он муайян карда нашудаанд, хусусияти умумии сохтори ҳудудӣ ва вазъи кунунии бизнес-сайёҳии ҷаҳонӣ вуҷуд надорад.

Дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тафсирҳои гуногуни мафҳуми «бизнес-сайёҳӣ - хизматрасонии тиҷоратӣ» мавҷуданд. Ба бизнес-сайёҳӣ «хизматрасонии бизнес барои бизнес» (аз англисии Business-to-Business, B2B) алоқаманд аст, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои маъмулӣ ва инфиродӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба раванди такрористеҳсолкунии иҷтимоӣ нигаронида шудааст [3].

Падидаи бизнес-сайёҳӣ дар он аст, ки ҳамагуна намуди соҳибкорӣ мисли рушди давлат, бидуни аз худ намудани технологияҳои нав, табодули иттилоот, такмили таҳсилоти тиҷоратӣ ва албатта, иштирок дар чорабиниҳои байналмилалии тиҷоратӣ сурат гирифта наметавонад. Мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки бизнес-сайёҳӣ дар оянда динамикаи мусбати рушд хоҳад дошт.

Сарфи назар аз он, ки дар айни замон таваҷҷуҳи пайваста ба бизнес-сайёҳӣ афзоиш меёбад, омӯзиши дастгоҳи консептуалие, ки мутахассисони соҳаи мазкур истифода мебаранд, ба мо имкон медиҳад хулосабарорӣ кунем, ки тафсирҳои гуногуни категорияи «бизнес-сайёҳӣ» мавҷуданд. Дар нашрияҳои илмӣ, адабиёти махсуси илмӣ ва васоити ахбори омма мафҳумҳои «туризми корӣ», «саёҳати корӣ» «businesstravel» ва «индустрияи MICE» якранг истифода мешаванд. Тавсифи мафҳуми маъмултарини «businesstravel» («саёҳати корӣ»)-ро баррасӣ мекунем. «Businesstravel»-ро метавон чун саёҳате баррасӣ кард, ки мақсад ва ҷойгиршавии онро соҳибкор муайян мекунад, ҳамзамон, тамоми хароҷоти сафар аз ҷониби корхона ҷуброн карда мешавад. Категорияи нишондодашуда

сафареро фаро мегирад, ки ба супориши давлатӣ, таҳсилот ё фаъолияти тиҷоратӣ нигаронида шуда, дар он фароғат ҳамчун ангезаи дуюмдараҷа ҳисобида мешавад [14].

Аксар вақт «businesstravel» («сафари корӣ») ба сафар бо мақсади касбӣ ва корӣ бе гирифтани даромад ба макони ташриф, ки дар давоми соатҳои корӣ анҷом дода мешавад, дахл дорад. Дар маҷмуъ, истилоҳи мазкур маҷмуи муносибатҳои ташкилию иқтисодиро ифода мекунад, ки дар ҷараёни сафари хизматӣ ва фаъолияти инсон дар маҳалли муайян бо мақсади ҳалли масъалаҳои расмӣ бидуни ба даст овардани даромад ба маконе, ки дар вақти корӣ ташриф меорад ва фаъолияти касбӣ ба вуҷуд меоянд [3].

Айни замон дар тафсири консептуалии бизнес-сайёҳӣ мавкеъҳои асосии гуногунро ҷудо кардан мумкин аст. Аз ҷумла, яке аз аввалин таърифҳои бизнес-сайёҳӣ, ки Р.Дэвидсон таҳия намудааст, робитаи самти ҳадафноки онро бо меҳнат таъкид кардааст:

«Бизнес-сайёҳӣ ба сафаре дахл дорад, ки бо мақсадҳои марбут ба кор анҷом дода мешавад» [1]. Баъдтар муаллиф ин мафҳумро бо нишон додани ҷузъи мақсаднок дақиқ ва васеъ намуда, онро ба ҳамаи сафарҳое, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва амалӣ намудани манфиатҳои тиҷоратӣ нигаронида шудаанд ва метавонанд ба иҷрои вазифаҳои ҷории тиҷоратӣ равона карда шаванд; таълим додани кормандон дар бораи самараноктар иҷро кардани кор; мукофотонидани коргарон барои кори хуб алоқаманд намуд [2]. Чунин мавқеъ дар адабиёти илмии русӣ ба таври васеъ истифода мешавад, онро аз ҷумла А.В. Бабкин, И.В. Зорин, В.А. Квартальнов, И.Т. Балабанов,и А.И. Балабанов, А.Ю. Александрова, А.Т. Кириллов ва Л.А. Волкова пайгирӣ мекунанд.

Муҳаққиқони дигар ба сифати хусусияти муҳимми бизнес-сайёҳӣ, хусусиятҳои онро дар ҷанбаи фазоӣ ва робита бо тавлиди даромад ба макони сафари муваққатӣ илова мекунанд. Ҳамин тариқ, А. Агилера сафарҳои хизматӣ (саёҳат)-ро ҳамчун «сафарҳое, ки бо кори якҷоя, берун аз ҷои кори муқаррарӣ алоқаманданд» муайян мекунад. Ҷанбаи фазоӣ ҷудокардашуда барои тафриқаи бизнес-сайёҳӣ дар заминаи ҳаракати меҳнатӣ асоснок ба назар мерасад. Г.А. Папириан бизнес-сайёҳиро ҳамчун як намуди сайёҳӣ муайян мекунад, ки аз ҷониби намояндагони ширкатҳо ё ташкилотҳо бо мақсади сафари корӣ (тиҷоратӣ) ё ташкили чорабиниҳои корпоративӣ анҷом дода мешавад [9].

Ба гуфтаи А.В. Патрушева бизнес-сайёҳӣ як соҳаи саноати сайёҳӣ мебошад, ки ташкил ва идоракунии сафарҳои тиҷоратии кормандони ширкатҳои гуногунро таъмин мекунад. Баъзе муаллифон бар ин назаранд, ки бизнес-сайёҳӣ танҳо ба як қатор фаъолиятҳои ширкатҳои тиҷоратӣ дахл дорад, дигарон бар ин назаранд, ки ин як падидаи азими табииест, ки намояндагони субъектҳои хоҷагидориро бо мақсади фароғат ҷалб мекунад. Мувофиқи ақидаи паҳншуда, «бизнес-сайёҳӣ саёҳатро бо мақсадҳои тиҷоратӣ бе ба даст овардани даромад дар макони сафари хизматӣ фаро мегирад». Ассотсиатсияи туризми бизнес-сайёҳии Русия ин мафҳумро бо диққат шарҳ медиҳад ва туризми сафариро ҳамчун «саёҳат бо мақсадҳои расмӣ, чун қоида, бидуни гирифтани даромад дар ҷои сафари корӣ» шарҳ медиҳад [5]. Чунин эҳтиёт ба назар комилан асоснок аст, зеро қисми сафарҳои корӣ бо иҷрои вазифаҳои касбӣ алоқаманд аст, аммо метавонад гирифтани даромад ё ҳадди ақал ҷуброни хароҷотро дар ҷои истиқомати муваққатӣ, масалан, сафарҳои коллективҳои эҷодӣ алоқаманд аст.

Бояд ба истифодаи ду категорияи ҳадафҳои бизнес-сайёҳӣ – хизматӣ ва касбӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, ки тақсимоти онҳо метавонад барои тасаввуроти равшантар дар бораи чунин падидаи мураккаб, ба монанди бизнес-сайёҳӣ ва типологияи он хизмат кунад. Мақсадҳои хизматрасонӣ ба амалӣ гардонидан ва баланд бардоштани самараи кори корхонаю ташкилотҳо вобастаанд. Маълум аст, ки ноил шудан ба ҳадафҳои хизматӣ дар қисми муҳимми ҳолатҳо бо иҷрои фаъолияти касбии кормандон алоқаманд аст.

Ҳадафҳои касбӣ имкони ҷойивазкунӣ ба самти амалисозии манфиатҳои инфиродии кормандон ё дастаҳои алоҳидаро медиҳанд ва аксар вақт бо муаррифии дастовардҳои касбӣ, иртибот бо ҷомеаи касбӣ ва баланд бардоштани салоҳияти касбӣ алоқаманданд. Муносибати тафриқашуда ба ҷузъи мақсадноки бизнес-сайёҳӣ, тафриқаи ҷузъи захиравии бизнес-сайёҳӣ, алалхусус муваққатӣ ва молиявиро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, дар мавриди бизнес-сайёҳӣ бо мақсадҳои расмӣ, амалӣ намудани манфиатҳои расмии ташкилот, тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, хусусияти муҳимми он қайд карда мешавад, ки онро метавон ба хусусиятҳои асосии типологӣ ворид намуд. Барои фарқ кардани бизнес-

сайёҳӣ, татбиқи он дар давоми фаъолияти сайёҳӣ соатҳои корӣ, на дар вақти истироҳат, мисли сайёҳии «классикӣ» истифода бурда мешавад. Ва ҳамчун натиҷаи мантиқӣ: ташаббуси амалигардонӣ ва интихоби ҷойи татбиқи мақсадҳои расмӣ дар ин ё он шакл, инчунин, маблағгузории ин фаъолият аз ҷониби ташкилоте сурат мегирад, ки манфиатҳои мазкурро ба дӯш дорад. «Баръакси сафарҳои истироҳатӣ, қарор дар бораи сафари хизматӣ, манбаъҳо ва ҳаҷми маблағгузории онро одатан на худи сайёҳон, балки шахсони дигар (сардори хадамот, роҳбари ширкат) қабул мекунанд» [4].

Смирнова О.А. ба ду хусусияти ба андешаи ӯ муҳимтарини ҷузъи бизнес-сайёҳӣ диққат медиҳад. Якум, робитаи он бо категорияи вақти корӣ, дар фарқ ба фаъолияти одамон дар вақти холӣ. Дуюм, ҳавасмандии расмии сайёҳоне, ки бо мақсади истироҳат, фароғат, инчунин, бо мақсади фарҳангӣ ва маърифатӣ сафар мекунанд [10].

Суворова И.Н. пешниҳод мекунад, ки таваҷҷуҳи асосӣ дар таърифи бизнес-сайёҳӣ бо мақсади тиҷоратии сафари сайёҳ дар нақши ташаббускор, дар ташкили саёҳатҳо ва чорабиниҳои корпоративӣ нигаронида шавад. Ба гуфтаи муҳаққиқ, «хусусияти асосии бизнес-сайёҳӣ ҳамчун як бахши мушаххаси саноати сайёҳӣ дар он аст, ки сафарҳои корӣ ва чорабиниҳо одатан бо ташаббуси ҷониби ширкатҳо, ташкилотҳо, корпоратсияҳо оғоз мешаванд» [11].

Вақтҳои охир дар таърифи консептуалии бизнес-сайҳӣ, робитаи он бо фаъолияти фароғатии сайёҳони корӣ дохил карда шудааст, ки ҳамчун унсури таркибии бизнес-сайёҳӣ, меъёри ҷудо кардани бизнес-сайёҳӣ аз синфи васеътари сафарҳои расмӣ ба хисоб меравад. Мавқеъи мазкур равиши истироҳатиро ба консептуализатсияи бизнес-сайёҳӣ инъикос мекунад, ки ба таърифҳои сершумор ва гуногунии сайёҳӣ асос ёфта, тафсири онро ҳамчун шакли фаъолияти фароғатӣ бо мақсади рекреатсионӣ муайян мекунад. Дар муносибати бизнес-сайёҳӣ бо амалисозии намудҳои гуногуни фароғат дар ҷои муваққатии будубош ва таъсири ҳавасмандгардонии фароғат ба қабули қарор дар бораи сафарҳои корӣ бо таҳқиқотҳои сершумор, ки таҷрибаи бизнес-сайёҳӣ инъикос мекунанд, нишон дода шудааст. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги истилоҳоти сайёҳӣ бизнес-сайёҳӣ ҳамчун сафарҳо бо мақсадҳои тиҷоратӣ, ҳукуматӣ ё таълимӣ муайян карда шудааст, ки фароғат дар он ангезаи дуюмдараҷа дорад [12]. Дар адабиёти илмии русӣ ин равишро О.Г. Чимитдоржиев пешниҳод мекунад. Ҳамзамон, ӯ мулоҳизаи мазкурро тақвият дода, мавқеи ҳатмии ҳавасмандгардонии истироҳат дар сафарҳои сайёҳии корӣ, баробар будани ҳавасмандии тиҷоратӣ ва рекреатсионӣ ҳамчун меъёри мансубияти сафарҳои корӣ ба ин намуди сайёҳиро тасдиқ мекунад, ки дар муқаррароти зерин ифода ёфтааст. Аввалан, сайёҳи корӣ - ин як сайёҳи ҷаҳонгарде мебошад, ки амалӣ намудани ҳадафҳои таълимӣ ва фароғатиро пайгирӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, бар хилофи сафари хизматӣ, бизнес-сайёҳӣ омезиши ҳатмии кор ва истироҳатро дар назар дорад. Дуюм, бизнес-сайёҳӣ, ин «маҷмуи муносибатҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад, ки ҳангоми сафари кории сайёҳи ҷаҳонгард ба вуҷуд меояд, ки ноил шудан ба мақсадҳои касбиро бо фароғат мепайвандад».

Бизнес-сайёҳӣ саёҳатест, ки ҳадафҳои тиҷоратӣ ва истироҳатиро тавъам мекунад, вале ҳалли масъалаҳои касбӣ дар ҷои аввал қарор мегирад. Бояд қайд кард, ки бизнес-сайёҳӣ, ин як намуди сайёҳиест, ки ҳангоми иҷрои сафари хизматӣ бо мақсади касбӣ аз тарафи сайёҳ ба амал меояд.

Масъалаҳои рушди бизнес-сайёҳӣ ҳам аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ҳам аз тарафи олимони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор дорад. Хусусиятҳои ташаккул ва ташкилии онро И. Балабанов, А. Балабанов, М. Биржаков, В. Никифоров, А. Кириллов, Л. Волкова, О. Смирнова, М. Гасиев, Г. Папирян, Ҷ. Сварбрук, С. Хорнер, М. Ваннесте, Н.Ҷ. Холден, Р. Фримен, Н. Эванс, Д. Кэмпбел, Ҷ. Стоунхаус, Р. Дэвидсон, Б. Коуп ва дигарон мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аммо, дар адабиёти илмии ватанӣ масъалаҳои назария ва амалияи бизнес-сайёҳӣ қисм қисм таҳқиқ шудаанд. С.Гринко, О.Любитсева, М.Сасин ва дигарон ба таснифи намудҳо ва шаклҳои сайёҳӣ (туризм) машғул буданд. Вазъи ҳозира ва масъалаҳои инкишофи бизнес-сайёҳии байналхалқии тиҷоратиро В. Федорченко, М. Малская И. Пандяк, С. Никитенко, И. Прохорчук ва дигарон таҳқиқ намудаанд:

**Ҷадвали 1. Равишҳо ба тафсири мафҳумҳои олимони хориҷӣ оид ба “бизнес-сайёҳӣ”**
**Table 1. Approaches to the interpretation of the concepts of foreign scientists on "business tourism"**

| Муаллифон | Таърифи Бизнес-сайёҳӣ | Сарчашма |
|---|---|---|
| И.Т. Балабанов, А.И. Балабанов | «Сафарҳои соҳибкорон бо мақсадҳои корӣ» [2,с.25] | 2. Балабанов И.Т. Экономика туризма: учебник / И.Т. Балабанов, А.И. Балабанов. -М.: Финансы и статистика, 2002. -508 с. |
| И.В. Зорин, В.А. Квартальное | «Сафарҳои хизматии муваққатӣ ва сафарҳо, аз ҷумла иштирок кардан дар конференсияҳо, анҷуманҳо (конгрессҳо) ва ғайра, бе гирифтани даромад дар ҷои ташрифи муваққатӣ» [5,с.272] | Деловой туризм: анализ рынка. [Электронный ресурс]. URL: ttp://hotelodessa.info/delovoie-turizm/delovoj-turizm-eto.html |
| А.Т. Кириллов, Л.А. Волкова | «Сафарҳое, ки ба иҷрои вазифаҳои касбӣ-хизматӣ алокаманданд» [7,с.22] | Кириллов А.Т. Маркетинг в туризме: учебное пособие / А.Т. Кириллов, Л.А. Волкова. –СПб.: Изд-во С.-Петербургского ун-та, 1996. -204 с. |
| О.А. Смирнова | «Бизнес-сайёҳӣ маҷмуи муносибатҳо ва падидаҳоест, ки дар вақти ҳаракат ва иқомати одамон дар вақти корӣ ба вуҷуд меоянд. Ангезаи асосии он боздид ва иштирок дар вохӯриҳои гуногуни тиҷоратӣ, конгрессҳо, конфронсҳо, намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ва чорабиниҳои ҳавасмандӣ дар берун аз ҷои истиқомат ва кори муқаррарӣ мебошад» [10] | Смирнова О.А. Территориальная структура делового туризма в мире. [Электронный ресурс]. URL: http://diss.rsl.ru/diss/06/0288/060288034.pdf |
| Луғат-маълумотнома "Туризм, меҳмондорӣ, хизматрасонӣ" | «Саёҳати туристӣ бо мақсади кори бе гирифтани даромад дар ҷои сафари хизматӣ» [11,с.72] | Туризм, гостеприимство, сервис: словарь-справочник. –М.: Аспект Пресс, 2002. -305 с. |
| Ассотсиатсияи Бизнес-сайёҳии Россия | «Сафарҳо ба мақсадҳои хидматӣ, чун коида, бе гирифтани даромад дар ҷои сафари хидматӣ» [4,с.139] | Деловой туризм и индустрия MICE в России и за рубежом: основы, понятия и тенденции (практический опыт). -М.: Импринт, 2004. -206 с. |

**Манбаъ:** Аз ҷониби муалиф тартиб дода шудааст.

Омӯзиши таърифҳои гуногуни бизнес - сайёҳӣ имкон медиҳад, ба хулосае омад, ки тафсири истилоҳи «бизнес-сайёҳӣ» ба мафҳуми «business travel» (англисӣ – сафари корӣ), сафар бо мақсади корӣ ва касбӣ дар давоми соатҳои корӣ бидуни ба даст овардани даромад ба макони ба он ташрифоварда мувофиқат мекунад. Ҳамин тавр, бизнес-сайёҳӣ маҷмуи муносибатҳо ва падидаҳоест, ки ҳангоми сафарҳои одамон дар вақти корӣ ба вуҷуд меоянд, ки ангезаи асосии он иштирок дар вохӯриҳои тиҷоратӣ, анҷуманҳо, конференсияҳо, намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ва чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ дар ҷойҳои берун аз ҷойи зист ва кори маъмулии онҳо мебошад. Гуногунрангии бизнес сайёҳиро саёҳат барои харид - сафар бо мақсади харидории мол барои фурӯши минбаъда бо ҳадафи ба даст овардани фоида employed меноманд [13]. Худи мафҳуми Business Travel ба наздикӣ пайдо шуда, дар Ғарб онро ҳамчун як падидаи даромаднок ва мустақили сайёҳӣ дар солҳои 70-80-уми асри XX арзёбӣ кардаанд. Ба ҷои мафҳуми Business Travel мутахассисон бештар истилоҳи ихтисоршудаи MICE – Meeting-Intentives-Conferences-Exibitions (вохӯриҳои расмӣ – интенсив-туризм – конференсияҳо-намоишҳо)-ро истифода мекунанд. Бизнес-сайёҳӣ ба ғайр аз тафовут дар ҳавасмандгардонӣ ва истифодаи вақти корӣ, дорои хусусиятҳои зерини хос мебошад: мавсимӣ нест-дар ҳама мавсимҳои сол даромад дорад, вобастагии суст аз шароити табиию иқлимӣ, саёҳати оммавӣ, мавҷудияти инфрасохтори мушаххас, пешгӯии баланд, ҷалби контингенти назарраси кадрҳои махсус дар тайёр кардан ва гузаронидани сафарҳои хизматӣ. Он дорои сохтори мураккаби дохилӣ мебошад.

Ду қисмати асосиро ҷудо кардан мумкин аст: сафарҳои хизматии классикӣ, ин кор дар сафар (сафарҳо бо мақсадҳои мушаххаси корӣ, масалан, иҷрои вазифаҳои тиҷоратӣ аз ҷониби ширкатҳо ва фирмаҳо, сафарҳо барои бастани шартномаҳои нав) ҳисобида мешавад; MICE-сафарҳо, ин чун коида, хизматрасонӣ ба фаъолияти тиҷоратии ширкатҳо (мубодилаи таҷриба, пешниҳоди молу хизматрасониҳо, тайёр кардани шартномаҳои оянда ва ғайра), яъне кор барои оянда ё иҷрои вазифаҳои ёрирасон (ҳавасмандгардонии хизматчиён ва ғайра)-ро дар бар мегирад.

Бизнес - сайёҳӣ яке аз намудҳои сердаромад ва ояндадори бахши сайёҳӣ буда, бо афзоиши устувор ва муқовимат ба таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иқлимӣ, сиёсӣ ва ғайра хос аст. Бозори бизнес-сайёҳӣ дар доираҳои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, ки дар самтҳои анъанавии оммавӣ машғуланд, чандон маълум нест. Дар баробари ин, бизнес-сайёҳӣ дорои мизоҷони хеле зиёд ва васеъ буда, гардиши пулии калон меорад ва дорои ташкилоти махсуси фурӯш мебошад, ки яке аз бахшҳои сердаромадтарини иқтисодиёт мебошад. Бизнес-сайёҳӣ дар барномаҳои давлатии рушди иқтисодиёти аксари кишварҳо ҷойи асосиро ишғол намуда, дар баробари соҳаҳои иқтисодӣ, ба монанди маориф, саноат, кишоварзӣ, нигоҳдории тандурустӣ ва ғайра ба нақшаи маҷмуии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешавад.

Бизнес - сайёҳӣ мафҳуми хеле васеъ аст. Ин муошироти тиҷорӣ, табодули иттилоот ва технология, ҷустуҷӯи шарикони нав, бозорҳо, PR-иқдомҳо, омӯзиши кормандон, инчунин, рушди фарҳанги корпоративӣ мебошанд [8].

Як қатор хусусиятҳо мавҷуданд, ки сайёҳии тиҷоратӣ ба сиёсати рушди он давлатҳое, ки афзоиши бахши мазкур афзалият дорад, таъсири мувофиқ мерасонад:

1. ғайримавсимият (тадбирҳо бо иштироки сайёҳон дар давоми тамоми соли тақвимӣ ташкил карда мешаванд);

2. пешгӯишавандагӣ (мумкин аст, ки чорабинии тиҷоратӣ пешакӣ ба нақша гирифта шавад);

3. оммавият;

4. тамоюли бизнес-сайёҳӣ ба истеъмоли хизматрасониҳои миёна ва босифат (medium ва high). Аксар вақт ба ҷои истилоҳи «бизнес-сайёҳӣ» истилоҳи мухтасари англисӣ - MICE васеъ истифода мешавад, ки он ба таври ҳаматарафа маъноеро, ки моҳияти ин истилоҳро ошкор мекунад, фаро мегирад:

M - meetings- вохӯриҳои расмӣ;

I - incentives- фаъолшавии сайёҳӣ;

C - conferences - конференсияҳо;

E - exibitions – намоишҳо.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст, ки бизнес-сайёҳӣ якчанд таснифот дорад: якум, нисбатан васеътар, бизнес-сайёҳиро ба сафарҳои кории инфиродӣ, иштирок дар конференсияҳо ва семинарҳо, экскурсияҳои боздид, турҳои анҷуманӣ, сайёҳии фаъол тақсим мекунад; таснифоти дуюм, дар сохтори бизнес-сайёҳӣ 2 сегментро ҷудо мекунад, инҳо сафарҳои классикӣ барои мақсадҳои тиҷоратӣ ва мухтасари MICE, ки аллакай дар боло баррасӣ шудаанд. Худи мафҳуми бизнес-сайёҳӣ он қадар калон аст, ки ба коршиносон тасниф кардани навъҳои он душвор аст. Бо вуҷуди ин, намудҳои муайянро метавон фарқ кард. Табиист, ки бизнес-сайёҳӣ дар ҳама кишварҳо ба таври гуногун инкишоф ёфтааст, аз ҳамин ҷо ҷуғрофияи бизнес–сайёҳӣ амал мекунад. Асоси сафари хизматӣ, ин барномаи вохӯриҳо ва чорабиниҳо мебошад, ки пешакӣ ташкил ва ба нақша гирифта мешавад. Бизнес–сайёҳӣ дар аввал бо барномаи саёҳаӣ (экскурсия) ташкил карда мешавад, ки барои муштарии мушаххас шавқовар хоҳад буд. Ба барномаи асосии бизнес-сайёҳӣ ҷойгиршавӣ, наҳорӣ, коркарди раводид, интиқол дохил мешавад. Бо MICE дар бисёр кишварҳо ибораҳои зерин синоним шудаанд: "индустрияи вохӯрӣ", "бизнес-сайёҳӣ". Индустрияи вохӯриҳо банақшагирии чорабиниҳои гуногуни тиҷоратӣ, банақшагирии пешакӣ ва амалисозии онҳоро дар бар мегирад. Марҳилаи ниҳоӣ таҳлили муваффақият ва нокомиҳо, таҳияи стратегияҳо ва роҳҳои ҳалли нав дар асоси ин таҳлил мебошад. Ин соҳаи туризм махсусан васеъ аст, зеро доираи он ба ғайр аз мавзеъҳо ва масъалаҳои актуалии сайёҳӣ, объектҳо ва масъалаҳои тиҷорат, обрӯю эътибор, шуҳратмандии байналмилалиро дар бар мегирад.

Саноати вохӯрӣ инҳоянд: биноҳо ва майдонҳо, марказҳои конфронсӣ, толорҳои намоишӣ ва консертӣ, театрҳо, биноҳои таърихии дорои инфрасохтори конфронсҳо, меҳмонхонаҳои дарачаи олӣ, ки чорабиниҳои тиҷоратӣ, маконҳои чорабиниҳои корпоративӣ, пансионатҳо, пойгоҳҳои сайёҳӣ пешниҳод мекунанд;

-таъминкунандагон, муассисаҳои хӯрокворӣ, иҷрокунандагон (рассомҳо, аниматорҳо, агентиҳои моделсозӣ ва дигарон), ороишгарон, иҷорагирони мебелҳо ва воситаҳои нақлиёт ва ғайра; муассисаҳои махсуси сайёҳӣ ва мизоҷони онҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ё миллӣ, ки вохӯриҳоро мунтазам ташкил мекунанд; ширкатҳое, ки ба кормандон ё шарикони тиҷории худ мукофотҳо ва чорабиниҳои тиҷоратӣ дар шакли сафар пешниҳод мекунанд; ташкилотчиёни намоишҳо ва ғайра. Боз як фарқи дигари бунёдии байни MICE ва туризми анъанавӣ, ин «банақшагирии умумӣ» ва талаботҳои ғайриодии муштариён аст. Ҳатто як саҳви хурди ташкилкунандагон метавонад барои тиҷорати онҳо марговар бошад: дар бозор бозингарони зиёде мавҷуданд, ки муддати тулонӣ бомуваффақият сафарҳо ва чорабиниҳои тиҷоратиро ба таври мунтазам ва бомувафффқият ташкил мекунанд ва аз уҳдаи ин вазифаҳо ҳаматарафа мебароянд. Дар робита ба ин, барномаҳои махсус барои идоракунии стратегии рӯйдодҳои тиҷоратӣ - SMMP (strategic meeting management program) таъсис дода шудаанд.

SMMP-барнома имконият медиҳад:

- беҳсозии (оптимизатсияи) раванди банақшагирӣ, ҷараёни кор, ҳамгироии низом ва буҷетсозӣ;
- гузаронидани таҳқиқот ва муқоисаи хизматрасониҳо ва объектҳои ҳудудӣ;
- идоракунии таъмини моддӣ-техникии чорабиниҳо;
- амалинамоии онлайн-бақайдгириҳо;
- иҷрои коркарди пардохтҳо;
- пешбарии почтаи корпоративӣ;
- таҳияи ҳисоботи дақиқ, саривақтӣ ва муфассал оид ба ҳама навъи фаъолият;
- гузаронидани мубодилаи оперативии маълумот дар байни соҳаҳои гуногуни саноатии агентӣ ва ғайра.

Бизнес сайёҳӣ дар айни замон яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи саноати ҷаҳонии сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷумла сафарҳои кории профилҳои гуногун, иштирок дар конфронсҳои саноатии минтақавӣ ва байналмилалӣ, намоишгоҳҳо, симпозиумҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад [6].

Аз ҷумла, И.В. Зорин ва В. Кварталнов бизнес сайёҳиро чун «сафарҳои муваққатии хизматӣ ва сафарҳо ба мақсадҳои расмӣ, аз ҷумла иштирок дар конференсияҳо, конгрессҳо ва ғайра бе гирифтани даромад дар ҷои сафари хизматӣ шарҳ медиҳад». Чунин таърифи шабеҳ дар луғати истинодӣ «Туризм, меҳмоннавозӣ, хизматрасонӣ» оварда шудааст, ки дар доираи бизнес-сайёҳӣ «саёҳати туристӣ бо мақсади тиҷорати бидуни ба даст овардани даромад дар ҷои сафари корӣ» фаҳмида мешавад.

Ба андешаи мо, меъёри набудани даромад дар маконе, ки ба он сафари хизматӣ анҷом дода мешавад, меъёри зарурии бизнес-сайёҳӣ ба ҳисоб намеравад. Аз ҷумла бизнес-сйёҳӣ метавонад аз тафтиши филиалҳои дурдасти як корпоратсияи калон иборат бошад, ки он барои пардохти музди пешакӣ муайян карда мешавад. Инчунин, бизнес-сайёҳӣ метавонад, масалан, дар иштироки як соҳибкор ё мансабдор дар ҷаласаҳои Шурои директорони мустақили ширкат, ки дар шароити муосир аксар вақт дар осоишгоҳҳои хориҷӣ баргузор мешавад, зоҳир шавад, дар ҳоле ки дар оинномаи ширкат метавонад тартиби муқарраршуда барои додани подош ба аъзоёни Шурои директорон пешбинӣ карда шавад. Ниҳоят, бонусҳо ё мукофотпулиҳои муайян, агарчи ҳатмӣ нестанд, вале метавонанд дар шакли мустақими пулӣ, татбиқ карда шаванд, агар бизнес-сайёҳӣ бо таблиғоти васеъмиқёс ё дигар фаъолиятҳои маркетингӣ ҳамроҳ бошад.

Балабанов И.Т. ва Балабанов А.И. Бизнес-сйёҳиро ҳамчун «сафарҳои соҳибкорон бо мақсадҳои хизматӣ» муайян кардаанд. Ба назари мо, ин таъриф аз ҳад зиёд умумӣ буда, ҷанбаҳои пурмазмуни бизнес-сйёҳиро ҳамчун категорияи иқтисодӣ ошкор намекунад. Чунин таърифро А.Т. Кириллов ва Л.А. Волков низ пешниҳод мекунанд, ки бизнес-сйёҳиро ҳамчун «сафарҳои марбут ба иҷрои вазифаҳои касбӣ» шарҳ медиҳанд» [7]. Воқеан,

дар доираи таърифи дар боло овардашуда байни мафҳумҳои «бизнес-сайёҳӣ» ва «сафари хизматӣ» тафовуте вуҷуд надорад.

Смирнова О.А. чунин таъриф меорад: «Бизнес-сайёҳӣ, ин маҷмуи муносибатҳо ва падидаҳое мебошад, ки ҳангоми ҳаракат ва будубоши одамон дар вақти корӣ ба вуҷуд меояд, ки ангезаи асосии он боздид ва иштирок дар вохӯриҳои корӣ, конгрессҳо, конфронсҳо, намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ва чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ дар ҷойҳое, ки назар ба ҷои истиқомат ва кори муқаррарии худ фарқ мекунад». Бартарии таърифи дар боло овардашуда дар он аст, ки муаллиф бизнес-сайёҳиро на танҳо ҳамчун як сафари соҳибкор, балки ҳамчун маҷмуи муайяни муносибатҳое баррасӣ мекунад, ки дар рафти ин сафар ба миён меоянд ва мазмуни падидаи таҳқиқшавандаро васеъ мекунад.

Дар баробари ин, меъёри пешниҳодкардаи О.А. Смирнов барои амалӣ намудани чунин сафар маҳз дар вақти корӣ, ба андешаи мо, принсипиалӣ нест. Воқеан, чун қоида, бизнес - сайёҳӣ дар доираи истифодаи фонди вақти кории корманд сурат мегирад, аммо, аслан, вазъияте имконпазир аст, ки ширкат корманди ояндадори худро бо бастаи рухсатии имтиёзнок ё ройгон, бо назардошти меъёрҳои ҳатмӣ, таҷрибаомӯзии касбӣ дар ҷойи таъиншуда ҳавасманд мекунад.

Тсасулина И.А. чунин мешуморад, ки бизнес - сайёҳӣ «муошırати корӣ, табодули иттилоот ва технология, ҷустуҷӯи шарикон ва бозорҳои нав, PR-иқдомҳо, омӯзиши кормандон ва рушди фарҳанги корпоративиро дар бар мегирад». Дарвоқеъ, табодули иттилоот ё омӯзиши кормандон унсурҳои муҳимми навъҳои зиёди бизнес-сайёҳӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, унсурҳои мазкур дар ҳама ҳолатҳо ҳатмӣ нестанд. Ҳамин тавр, ақидаи пешниҳодкардаи Тсасулина И.А. равиши ошкор намудани моҳияти бизнес-сайёҳӣ, ба воситаи система сифатҳои умумии он ба қадри кофӣ самарабахш ба назар намерасанд. Баръакс, таърифи дар боло овардашуда мазмуни на худи бизнес-сайёҳӣ, балки муошırати хосро дар раванди сафарҳои хизматӣ тавсиф мекунад.

Таърифи маҷмуии бизнес-сайёҳӣ, ки аз ҷониби Чимитдоржиев О.Г. пешбинӣ шудааст, басанда аст. Вай бизнес-сайёҳиро ҳамчун «маҷмуи муносибатҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ҳангоми сафари кории сайёҳ ба вуҷуд омада, ноил шудан ба ҳадафҳои касбиро бо фароғат якҷоя мекунад» мефаҳмад.

Фиоктистов К.С. таърифи радикалии категорияи иқтисодиеро, ки мо меомӯзем, пешниҳод мекунад: «Бизнес-сайёҳӣ раванди такмили тахассус дар раванди фароғати соҳибкорон ё менеҷерони кироя ширкатҳои хусусӣ мебошад». Ба андешаи мо, дар ин гуна таъриф тағйири муайян, на комилан дурусти таъкид ба назар мерасад: дар раванди бизнес-сайёҳӣ истироҳат на нақши асосӣ, балки дуюмдараҷа ва иловагӣ мебозад. Ғайр аз он, агар барномаи сайёҳии тиҷоратӣ хеле пуршиддат ва сермаҳсул бошад, пас барои истироҳат ба маънои маъмулӣ вақт боқӣ монда наметавонад. Агар раванди такмили ихтисос истироҳатро низ тавъам кунад, дарвоқеъ, ин дар ихтиёри истироҳаткунанда аст, пас тавсия дода мешавад, ки ин намуди сайёҳӣ на тиҷорат, балки анъанавӣ ҳисобида шавад.

Ҳамин тариқ, ба маънои маҳдуд, дар зери мафҳуми бизнес-сайёҳӣ пешниҳод карда мешавад, ки он на танҳо сафарҳо бо мақсади тиҷоратӣ, балки системаи муносибатҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ карда шавад, ки ҳатман дар ин ё он шакл дар доираи намуди мувофиқи бизнес-сайёҳӣ ба вуҷуд меоянд. Воқеан ҳам, дар ҳар сурат, дар раванди бизнес-сайёҳӣ, сайёҳ ба ин ё он муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ворид шуда, мақоми худро касб мекунад, малакаи худро такмил медиҳад, иқтидори шахсии худро инкишоф медиҳад, ки ин дар оянда ба беҳтар шудани сайёҳӣ ва ғайра дар корхонае, ки вай дар он кор мекунад таъсири мусбат мерасонад. Мақсади ниҳоии бизнес-сайёҳӣ, мутаносибан, такмили касбии худи сайёҳ (на истироҳат, тавре дар баъзе мафҳумҳои қаблан баррасишуда пешниҳод шудааст) ба ҳисоб меравад, агар ӯ онро ба таври инфиродӣ анҷом диҳад ё такмили касбият дар баробари ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилоте, ки ӯро мефиристад.

Дар айни замон, бо назардошти хусусияти таъсири бизнес-сайёҳӣ ба рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ба андешаи мо, онро на танҳо ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар раванди сафарҳои хизматӣ ба вуҷуд меоянд, балки ҳамчун институти махсус баррасӣ намудан бамаврид аст. Хусусиятҳои асосии ҳар як муассисаи

иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз инҳо иборатанд: мавҷудияти низоми меъёрҳо ва қоидаҳои устувори ба ҳам алоқаманд, ҳамчун расмӣ.

Умуман, баррасии бизнес-сайёҳӣ дар мафҳуми маҳдуд ва васеъ, ҳамчун як низоми муносибатҳо дар ҷараёни сафарҳои хизматӣ ва як муассисаи махсус ба мо имкон медиҳад, ки ихтилофоти эҳтимолиро дар тафсири мазмуни ин категория бартараф кунем ва ҳамзамон, таъсири назарраси туризми муосири тиҷоратӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро таъкид кунем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ – Комрон Саидаброр**


**АДАБИЁТ**

1. Андреев, А.В. Основы региональной экономики: учеб. пособие / А.В. Андреев, Л.М. Борисова, Э.В. Плучевская. -М.: КНОРУС, 2014. -336 с.
2. Балабанов И.Т. Экономика туризма / И.Т. Балабанов, А.И. Балабанов. -М.: Финансы и статистика, 2002. -С.25.
3. Беликова Е.В. Специфика организации mice-сервиса в г. Волгограде / Е.В. Беликова, В.П. Попов // бизнес, образование, право, Вестник Волгоградского института бизнеса. – 2018. -№3(44). -С.26-32.
4. Гусев, Э.Б. Основы выставочной деятельности: учеб. пособие / Э.Б. Гусев. -М.: Из-во РЭА им. Плеханова, 2016. -134 с.
5. Деловой туризм и индустрия MICE в России и за рубежом: основы, понятия и тенденции (практический опыт) / под. ред. А.И. Кауровой. -М.: 103 Импринт, 2014. дис. ... канд. экон. наук. -М., 2013. [Электронный ресурс]. URL: http: //www.uniquelytexas.org/glossary.htm.html
6. Елизаров А.Н. Сущность делового туризма как экономической категории / А.Н. Елизаров // Актуальные вопросы экономических наук. –С.276-281.
7. Кириллов А.Т. Маркетинг в туризме: учебное пособие / А.Т. Кириллов, Л.А. Волкова. -СПб.: Изд-во С.-Петербургского ун-та. 1996. -С.22.
8. Папирян, Г.А. Международные экономические отношения. Маркетинг в туризме / Г.А. Папирян. -М.: Финансы и статистика, 2012. -206 с.
9. Смирнова, О.А. Территориальная структура делового туризма в мире: автореф. дис. ... канд. геогр. Наук / О.А. Смирнова. -М., 2006.
10. Суворова, И.К. Формирование комплексной стратегии развития агентств корпоративного делового туризма в рамках аутсорсингатема: диссертации и автореферата по ВАК РФ 08.00.05, кандидат экономических наук / И.Н. Суворова. - 2013. -117 с.
11. Фиоктистов К.С. Проблемы формирования инфраструктуры делового туризма / К.С. Фиоктистов // Бизнес-журнал. - 2011. -№3. -С.18.
12. Чимитдоржиева, О.Г. Деловой туризм: методологические аспекты / О.Г. Чимитдоржиева // Вестник ОрелГИЭТ. - 2016. -№2(12). -С.24-32.
13. Юрченко С.А. Особенности развития делового туризма на современном этапе / С.А. Юрченко, Е.Е. Юрченко // Вісник харківського національного університету імені В.Н. КАРАЗІНА, 2016 Серія «Міжнародні відносини. Економіка. Країнознавство. Туризм». – 2016. -Випуск 5. -С.173.
14. Ящина, А.Н. Деловой туризм как перспективное направление туристской индустрии: учеб. пособие / А.Н. Яшина. -М.: Из-во ИНФРА-М, 2015. -384 с.
15. Davidson, R. Business Travel: Conferences, Incentive Travel, Exhibitions, Corporate Hospitality and Corporate Travel / R. Davidson, B. Cope. -Essex: FT Prentice Hall, 2015.
16. Glossary of Tourism Terms. [Электронный ресурс]. URL: http: //www.uniquelytexas .org/glossary.htm.html


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАФҲУМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БИЗНЕС-САЙЁҲӢ


Рушди туризми тиҷорӣ дар саросари ҷаҳон аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши консепсияи хизматрасонии туристии тиҷоратӣ ба миён меояд. Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии таҳқиқоти консепсияи хизматрасонии туристии тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад. Муаллиф моҳият ва мазмуни мафҳуми «туризми тиҷоратӣ»-ро таҳлил намуда, самтҳои асосии рушди ин навъи туризмро дар минтақа муайян кардааст. Ба таснифи хизматрасониҳои сайёҳии соҳибкорӣ ва ташкили онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус зоҳир кардааст. Дар мақола натиҷаҳои усулҳои арзёбии самаранокии хизматрасонии таҳқиқот оид ба омилҳое, ки ба рушди сайёҳии тиҷоратӣ дар минтақа таъсир мерасонанд, оварда шудаанд. Аз ҷониби муаллиф зарурати бархӯрди ҳамаҷониба оид ба ташкили туризми соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва нақши он дар рушди иқтисод асоснок карда шудааст. Дар заминаи омӯзиши мафҳуми хизматрасонии сайёҳии соҳибкорӣ муаллиф қайд намудааст, ки барои ҷалби сайёҳони тиҷоратии хориҷӣ ба Тоҷикистон, ташкил намудани маҳсулотҳои махсуси сайёҳӣ муҳиммияти калон дорад. Ҳамин тариқ, дар мақолаи мазкур таҳқиқоти муҳимми асосҳои назариявии рушди сайёҳии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, самтҳо ва усулҳои асосии рушди онҳоро муайян намуда, барои ташкили хизматрасонии сайёҳии соҳибкорӣ дар минтақа тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.



**Калидвожаҳо*:*** туризми тиҷорӣ, хизматрасонии сайёҳии корӣ, консепсия, тасниф, ташкил, рушд, иқтисод, самаранокӣ, рушди минтақавӣ, сайёҳӣ, хизматрасонии бизнес барои бизнес, сафарҳои корӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ КОНЦЕПЦИИ УСЛУГ ДЕЛОВОГО ТУРИЗМА

Развитие бизнес-туризма в настоящее время приобретает все большую актуальность во всем мире. В связи с этим возникает необходимость исследования концепции услуг делового туризма. В статье рассматриваются теоретические основы исследования концепции услуг делового туризма в Республике Таджикистан. Автор анализирует сущность и содержание понятия «бизнес-туризм», выделяет основные направления развития данного вида туризма в регионе. Особое внимание уделяется классификации услуг делового туризма, а также организации их предоставления в Республике Таджикистан. В статье представлены результаты исследования факторов, влияющих на развитие бизнес-туризма в регионе, и методов оценки эффективности услуг данного сектора. Автор обосновывает необходимость комплексного подхода к организации бизнес-туризма в Таджикистане и его роли в экономическом развитии региона. В контексте исследования концепции услуг делового туризма, автор подчеркивает важность создания специализированных туристических продуктов для привлечения иностранных деловых туристов в Таджикистан. Таким образом, данная статья является важным исследованием теоретических основ развития бизнес-туризма в Республике Таджикистан, выделяет основные направления и методы их развития, а также представляет рекомендации по организации услуг делового туризма в регионе.

**Ключевые слова:** бизнес-туризм, услуги делового туризма, концепция, классификация, организация, развитие, экономика, эффективность, региональное развитие, туризм, бизнес-для-бизнеса, деловое путешествие**.**

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF RESEARCHING THE CONCEPT OF BUSINESS TRAVEL SERVICES

The development of business tourism is becoming increasingly relevant worldwide. Therefore, there is a need to study the concept of business tourism services. This article discusses the theoretical foundations of researching the concept of business tourism services in the Republic of Tajikistan. The author analyzes the essence and content of the concept of "business tourism," identify the main directions for the development of this type of tourism in the region. Special attention is paid to the classification of business tourism services and their organization in the Republic of Tajikistan. The article presents the results of the study on factors influencing the development of business tourism in the region, as well as methods for evaluating the effectiveness of services in this sector. The author justifies the need for a comprehensive approach to organizing business tourism in Tajikistan and its role in the economic development of the region. In the context of studying the concept of business tourism services, the author emphasizes the importance of creating specialized tourism products to attract foreign business tourists to Tajikistan. Thus, this article is an important study of the theoretical foundations of the development of business tourism in the Republic of Tajikistan, identifies the main directions and methods for their development, and presents recommendations for organizing business tourism services in the region.

**Keywords**: Business travel, corporate travel services, concept, classification, organization, development, economy, efficiency, regional development, tourism, business-to-business, businesstravel.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипова Фарангис Нурулоевна*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистети кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Тел: **(+992) 933350054**. E-mail: **farangiska1990@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарипова Фарангис Нурулоевна*** **-** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистет кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **(+992) 933350054.** E-mail: **farangiska1990@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharipova Farangis Nuruloevna*** **-** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, assistant at the department of world economics. **Address:** 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbada Avenue, 48/5. Phone**: (+992) 933350054.** E-mail**: farangiska1990@mail.ru**

ТДУ: 36. 368

# БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТА ВА МУНОСИБАТИ ИНСТИТУСИОНАЛИИ ҲАЛЛИ ОН

***Муминов А.Б.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2023» қайд карда шудааст, ки «Дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Ҳукумати мамлакат барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар оянда низ тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад» [7]. Чунон, ки аён аст, иҷтимоигардии буҷети давлатӣ ва неру гирифтани сифати иҷтимоии фаъолияти давлат ва ҳукмати мамлакат сол аз сол мушоҳида мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар таъмини ҳивзи иҷтимоӣ ва умуман рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат системаи суғурта, ки аслан вазифаи иҷтимоиро дорад, нақши калидӣ дорад. Ин вазифаи бунёдии суғурта ва бозори суғурта тариқи танзими оқилонаи давлат суръат мегирад.

Воқеан ҳам давлат дар низоми иқтисоди бозорӣ тамоми раванди пайдоиш ва таҳкими меъёру қоидаҳоро дар бахши суғуртаи иқтисодиёт, бозори хизматрасониҳои суғурта ҳамоҳанг месозад. Маҳз давлат меъёрҳои ташаббусӣ ва ҳавасмандкунандаи ҳамкории мутақобилаи агентҳои ин бозорро муайян ва меъёрҳои заруриву лозимаро ворид менамояд. Ҷанбаҳои расмии фаъолияти суғуртавӣ бо амалҳои ҳадафмандонаи давлат тағйир дода мешаванд, зеро ки давлат қоидаҳои бунёнгузори идоркунандаи мубодиларо муқаррар ва риояи онҳоро таъмин мекунад. Тағйироту тасҳеҳоти лозимаи меъёрҳои расмӣ ба таври мутамарказ тавассути тағйироти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ гузаронида мешаванд. Танзими давлатӣ дар асоси шаклҳои таъмини институтсионалӣ амал мекунад, ки дар ҷадвали 1 тасвир карда шудааст.

**Ҷадвали 1. Шаклҳои таъмини ниҳодии низоми танзими фаъолияти суғурта**
**Table 1. Forms of institutional provision of the insurance activity regulation system**

| **Шакли зоҳиршавӣ** | **Сатҳи зоҳиршавӣ** | **Мазмун** | **Василаҳо** |
|---|---|---|---|
| Назариявӣ-методологӣ | Абстрактӣ | Асоси назариявӣ – иқтисоди институтсионалӣ | Институт, меъёр, қоида, муҳити институтсионалӣ, низоми институтсионалӣ ва ғ. |
| Сохторӣ функсионалӣ | Амалӣ | Ширкаткунандагони раванди танзим | Ташкилот, корхона, танзимгар, ширкат, миёнарав, истеъмолгар ва ғ. |
| Иттилоотӣ-ташкилӣ | Зеҳнӣ | Ҳамкории ширкаткунандагони раванди танзим ва шаклҳои он | Қонун, қарор, дастур, меъёр, шартнома, қарордод, созишнома ва ғ. |

Манбаъ: Мирсаидов А.Б. Шамсуллозода Ш. Институциональное обеспечение государственного регулирования страхового предпринимательства в Таджикистане // Евразийский Союз Ученых. Серия: экономические и юридические науки. – 2021. -№12(93). -том 1. –С.49-55.

Айни замон дар мамлакат низоми танзими давлатӣ асосан дар сатҳи макроиқтисодӣ таҳқиқ мешавад. Пеш аз ҳама, ба нишондиҳандаҳои динамикӣ таваҷҷуҳ дода мешавад, яъне ба он нишондиҳандаҳое, ки бояд дар ҳоли ҳаракат (тағйир), вобаста ба ҳалли масъалаҳои пеш гузошташуда назорат карда шаванд. Дар заминаи сохтани қаторҳои динамикии дароз тамоюли умумӣ (дарозмуддат) ва лаппишҳои кӯтоҳмуддати нишондиҳандаи алоҳидаро муайян метавон кард. Дар ин ҳангом баъзан аз афзоиши самаранокӣ, афзоиши ин нишондиҳанда дар давраи навбатӣ нисбат ба пешина, дар баъзе

ҳолатҳо, баръакс, коҳишёбӣ ё бетағйир мондани он гувоҳӣ медиҳад, ин ба вазифаҳои қаблан гузошташуда вобаста аст. Самаранокии танзими давлатиро дар динамикаи рушди бахши суғуртаи иқтисоди ҷумҳурӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Ин аз маълумоти расми 1 аён аст.

**Расми 1. Динамикаи ҳаҷми даромад ва хароҷоти ташкилоти суғуртаи мамлакат (млн.сомони) [9,с.409]**

**Figure 1. Dynamics of income and expenses of the country's insurance organization (million somoni)**




Дар солҳои 2005-2022 афзоиши устувори ҳаҷми даромад ва хароҷоти ширкатҳои суғуртаи ҷумҳурӣ ба чашм мерасад. Афзоиши ҳаҷми даромад: дар солҳои 2005-2010 – 320%, солҳои 2010-2015 – 145,3% ва солҳои 2015-2022 191,5%-ро ташкил медиҳад. Воқеан, агар дар ҳар панҷсола назар кунем, афзоиши бештарин дар солҳои 2005-2010 дида мешавад. Дар давраи сс. 2010-2015 афзоиши нисбатан суст нисбат ба панҷсолаи пешина ба назар мерасад, ки ин бо бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳон ва таъсири он ба иқтисоди кишвар рабт дорад. Дар солҳои 2015-2021 боз афзоиши назарраси даромади ташкилоти суғурта мушоҳида карда мешавад (расми 2). Ба ин васила, динамика ва тамоюли рушди субъектони бозори суғурта, умуман самаранокии дахолати давлат ва танзими бозори хизматрасонии суғуртаро нишон медиҳад.

**Расми 2. Суръати афзоиши даромади ташкилоти суғурта дар панҷсолаҳо (%)**

**Figure 2. Growth rate of the insurance company's income in five years (%)**




Бинобар ин, сатҳи таҳлили макроиқтисодӣ имкони пурра ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои институтсионалӣ, сохтори соҳавии низоми танзимро намедиҳад. Ин як падидаи барои ҳар бахши иқтисод ва аз ҷумла, барои фаъолияти суғуртавӣ комилан табиист. Барои ҳамин таҳқиқотҳое лозиманд, ки дар сатҳи мезоиқтисодӣ: нисбати соҳаи муайян, комплекси байнисоҳавӣ, дар бозори махсус, дар сатҳи институти иқтисодии алоҳида гузаронида мешаванд. Дар шароити муосири ҳамгироии соҳаҳои гуногуни бахши молиявии иқтисод (бонкдорӣ, сармоягузорӣ ва суғуртавӣ), омезиши маҳсулоти ин соҳаҳо зарурати ташкили низоми танзими молиявии байнисоҳавиро ба вуҷуд овардааст. Барои такмил додани механизмҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта, низоми нишондиҳандаҳои самаранокии онро сохтан лозим аст. Аммо наметавон гуфт, ки

масъалаҳои фаъолияти суғуртавӣ тамоман таҳқиқ нашудаанд. Ҷанбаҳои мухталифи танзими давлатии суғурта дар якчанд таҳқиқот баррасӣ шудаанд. Онҳо асосан ба масъалаҳои назорати пардохтпазирии ширкатҳои суғурта дахл доранд ва бо назарияи поягузори танзими давлатии иқтисод рабт дода нашудаанд. Як қатор маводи нашрӣ ба масъалаҳои танзими фаъолияти суғуртавӣ, аз қабили рушду ташкили суғуртаи ҳатмӣ, татбиқи намудҳои нави ҳатмии суғурта, нақшу мавқеи мақомоти давлатӣ дар ҳалли ин масъалаҳо бахшида шудаанд. Дар натиҷаи ин таҳқиқот вазифаҳои танзими давлатии суғурта дар ин ё он самт муайян гардиданд, аммо ҷанбаи институтсионалии танзими фаъолияти суғуртавӣ қариб баррасӣ нашудааст. Дар ҳоле ки объекти таҳқиқот яке аз сегментҳои бахши молиявии иқтисоди ҷумҳурист, ки дорои заминаи институтсионалии рушдёфтаву пурҳаракатро дорад.

Озод шудани иқтисод ва ислоҳоти мувофиқи институсионалии суғурта дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, боиси он гаштанд, ки муносибатҳо дар бозори хизматрасонии суғуртавӣ хосияти беихтиёр танзимнашавандаро гирифтанд. Ин яке аз сабабҳои асосии муфлис шудани ширкатҳои суғуртаи навтаъсис буд. Чунин вазъият бо набудани меъёрҳои танзимкунандае вобастагӣ дошт, ки мебоист фаъолияти сармояро ба чаҳорчӯбаи дахлдори қонунгузорӣ дароранд ва барои воридшаии агентҳои ғайрикасбӣ ба бозор монеъ шаванд.

Асосҳои институсионалии суғурта ба талаботи объективии иқтисодии ҷомеа мутобиқ набуданд. Институти суғурта бисёре аз вазифаҳои барояш хос, аз қабили батанзимдарорӣ ва эҷоди сохтори муносибатҳо, коҳиш додани хатари ибҳом, таъмини амниятро иҷро намекард.

Дар натиҷаи тасвиби санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, пеш аз ҳама, як қатор санадҳои қонунгузории соҳаи суғурта, вазъият ба зудӣ тағйир ёфт. Суғурта акнун шакли институисоналии мустақил, инчунин, зерсоҳаи низоми умумии иқтисодии ҷомеа мебошад. Бинобар ин, бо асоси комил метавонад чун объекти мустақили таҳлили масъалаҳои тазими давлатӣ баромад кунад. Ин имкон медиҳад, ки бо андозаи муайяни абстраксия ва раводид, раванди танзим дар сатҳи макроиқтисод моделсозӣ карда шуда, зарурат, шаклу усулҳои асосии он муайян карда шаванд.

Одатан зарурати танзими давлатӣ аз аҳаммияти иҷтимоии суғурта, яъне ҷуброн кардани хисороти моддӣ ва молиявии шаҳрвандон, ба онҳо додани даромади иловагӣ бармеояд. Дар ин миён яке аз вазифаҳои асосии давлат таъмини эътимоди фаъолияти суғуртакунандагон муаррифӣ мешавад. Аммо дар чунин равиш, ба назари мо, дарки воқеии суғурта ҳамчун низоми кушода, мураккаб, пурсубъект ба таври сунъӣ маҳдуд ва сода гардонида мешавад. Дар робита бо ин, зарурати гузаронидани таҳлили амиқ ба миён меояд, ки он имкони исботи пурратар, таҳлили таркиб ва сабабҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта, ҷудо намудани афзори нисбатан самараноки танзимро муҳайё мекунад.

Сабабҳои танзими давлатии фаъолияти суғуртавиро, пеш аз ҳама, табиати институтсионалии он муайян мекунад. Зарурати танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ бинобар сабабҳои зерин ба миён омадааст:

- набудани рақобати солим ва имкон надоштани мувозинати комил дар бозори хизматрасонии суғурта;
- номукаммалу нопурра будани иттилоот;
- хароҷоти зиёди трансаксионӣ;
- хусусиятҳои хизматрасонии суғурта ҳамчун моли ҷамъияте, ки тақсим карданаш лозим аст;
- таъсири омилҳои берунӣ;
- зарурати таъмин намудани амнияти давлат.

Дар бозори воқеии суғурта рақобати мукаммал (солим) ғайри мумкин аст. Ташкилёбии тақозо ва арза дар бозори хизматрасонии суғурта аз бозорҳои дигар фарқ мекунад. Азбаски моли хизматрасонии савдошаванда махсус аст, бештар худи суғуртакунанда тақозоро ташаккул медиҳад. Ба ғайр аз ин, дар бозори суғурта номувофиқии маълумот махсусан возеҳ зоҳир мегардад. Бо сабаби хосияти эҳтимолӣ доштани маҳсул талаб мекунад, ки суғуртакунанда дар бораи мизоҷаш иттилооти бештар

дошта бошад. Набудани иттилоот метавонад ҳамкориро қатъ кунад ва боиси ба имзо нарасидани қарордод шавад. Дар фаъолияти суғурта зарурати гирифтани иттилоот барои ҳисобҳои омории аниқтар, махсусан шадид эҳсос карда мешавад. Ин, дар навбати худ, ба афзоиши хароҷоти трансаксионӣ оварда мерасонад, ки онҳоро ба воситаи назорати давлатӣ кам кардан мумкин аст.

Чуноне маълум аст, бозор на ҳамеша мувозинатро таъмин мекунад, ба ин сабаб танзими манофеи ширкаткунандагони он тавассути дахолати давлат амалӣ карда мешавад. Самти иҷтимоӣ доштани суғурта низ вуҷуди як асоси танзимкунандаро дар назар дорад. «Агар танзими давлатӣ набошад, ё камбудӣ дошта бошад, ҳар фаъоли бозор ба осонӣ манфиати худро болотар аз манфиати суғуртакунон мегузорад» [2,с.50], намудҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаи суғурта моли ҷамъиятӣ мебошанд, ки давлат онҳоро бояд тақсим кунад.

Танзими давлатӣ аз шартҳои асосии таъмини амнияти иқтисодии ҷомеа мебошад. Равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ илова ба хатарҳо барои иқтисоди миллӣ, инчунин, хатарҳо барои амнияти молиявиро қавитар мекунанд. Бинобар ин, давлат вазифадор аст шароитро барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва риояи қонун фароҳам созад. Ба ғайр аз ин, яке аз вазифаҳои танзими давлатӣ аз байн бурдан, коҳиш додани таъсироти берунии манфист, ки қариб дар ҳама соҳаҳои хоҷагидорӣ, минҷумла дар фаъолияти суғуртавӣ. Истифодабарии фаъоли захираҳои маҳдуд боиси пайдоиши асароти мухталифи манфӣ ва мусбат мегардад.

Мураккабии чунин падида таҳқиқи муфассалтарро металабад, зеро масъала кам таҳқиқ шуда ва бинобар ин, баҳсҳои бисёрро ба бор меорад. Масалан, оё самараҳои иқтисодии ченшавандаро, ки дар бозорҳои рақобатнок ба миён меоянд, таъсири берунӣ ҳисобидан мумкин аст ё не. Ба фикри мо, мисоли таъсири манфӣ дар чаҳорчӯбаи соҳа, ин фаъолияти ширкатҳои суғуртаи хориҷӣ шуда метавонад, ки қудрати додани маҳсули ҷолибтарро доранд ва дар натиҷа, рақобатпазирии маҳсулоти суғуртаи ватанӣ коҳиш меёбад. Пайдоиши рақибони пурзӯр ҳамеша рушди соҳаро бармеангезад. «Дахолати хориҷӣ» дар соҳаи суғурта ба таҳкими мавқеи агентҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Самараи мусбат маҳз ҳамин хоҳад буд. Берун аз доираи фаъолияти суғуртавӣ, сиёсати истилогаронаи нархгузории ширкатҳои суғуртаро самараи берунии манфӣ номидан мумкин аст, ки ба афзоиши хароҷоти субъектони хоҷагидор ва болоравии нарх бар асари он оварда мерасонад. Пешгирӣ кардану аз байн бурдани самараи манфӣ аз фаъолияти ширкатҳои суғурта, сабаби асосии танзими давлатӣ мебошад.

Хусусиятҳои соҳавии танзими давлатии фаъолияти суғуртаӣ ба пуррагӣ дар сатҳи усул, шакл ва василаҳои он зоҳир мешаванд. Набудани возеҳият дар фаҳмиш, таъин ва тақсимбандии усулу шаклҳои асосии танзими давлатӣ ҳатман ба раванди таҳия, ташкил ва татбиқи амалии механизми танзим, дар ҳаёти воқеии иқтисодӣ таъсир мерасонад. Бештари таҳқиқот дар ин соҳа хосияти умумииқтисодӣ ва ғайрисоҳавӣ доранд, дар ҳоле ки танзими давлатӣ дар соҳаҳои муайяни иқтисод аҳаммияти бештар дорад.

Ҳар соҳа хусусиятҳои вижаи худро дорад, ки онҳо ба таъини ҳадафҳои танзими давлатӣ, ба татбиқи шаклу усулҳои он таъсири зиёд мерасонанд. Хусусияти фаъолияти суғуртавӣ дар шароити кишвари мо, албатта, ба таркиб ва шаклҳои танзими давлатӣ таъсир мегузорад. Сохтори институтсионалии танзими давлатӣ тавассути маҷмуи усул, шакл ва василаҳои он шарҳ дода мешавад.

Дар бораи таснифи шаклу усулҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта то ҳол назари ягона вуҷуд надорад. Бо мақсади ба тартиб даровардани усулу шаклҳои танзими давлатӣ, мо, тафсири умумиқабулшудаи ин мафҳумҳоро асос мекунем. Усул «тарзи ноил гаштан ба ҳадафе, иҷро кардани вазифае мебошад» [2,с.406]. Шакл «ифодаи зоҳирии ягон мазмун аст» [3]. Усул маҷмуи амалҳо, шакл василаи таъсиррасонӣ тавассути ин ё он усул мебошад. Танзими давлатии фаъолияти суғурта тавассути усулҳои муайян, ки асосашонро истифодабарии шаклҳои гуногун ташкил медиҳад, амалӣ карда мешавад. Танзим одатан мустақим ва ғайримустақим мешавад. Танзими мустақим ба воситаи «таъсиси» институт, ворид кардани меъёр, қоида амалӣ карда мешавад. Институти ба ин тарз таъсисёфта, мазмунан падидаи иқтисодӣ ва аз лиҳози шакли татбиқ падидаи ҳуқуқӣ мебошад. Мисоли ин суғурта ҳатмист. Моҳияти падидаи мазкур дар хусусияти иқтисодии муносибатҳое

ифода мегардад, ки дар чаҳорчӯбаи суғуртаи ҳатмӣ ба миён меоянд. Аммо тарзи воридсозии он хусусияти сирф ҳуқуқӣ дорад, зеро суғуртаи ҳатмӣ ҳамеша бар тасвиби санади меъёрии дахлдор (қонун) асос меёбад.

Танзими давлатӣ бе муқаррар намудани маҳдудиятҳои маъмурӣ ё иқтисодӣ ғайримумкин аст. Танзими институтсионалӣ дар шакли муқаррар намудани қоидаҳо ва назорати риояи онҳо аз ҷониби ширкаткунандагони бозори суғурта зоҳир мешавад. Аломати фарқкунандаи танзими маъмурӣ, ин аст, ки он ангезаҳои хосси моддиро ба вуҷуд намеорад. Таъсиррасонии иқтисодӣ ба фаъолияти субъектони бозори суғурта, ки иборат аз усулҳои мустақиму ғайримустақим аст, ба воситаи афзори оияндабинӣ, барномасозӣ, низоми андозу буҷет, сиёсати пулии қарзӣ ва гумрукӣ татбиқ карда мешавад. Усулҳои иқтисодӣ аз маъмурӣ самараи бештар медиҳанд, зеро ангезаи риоя кардани маҳдудиятҳо бевосита дар муҳити дохилӣ ба вуҷуд меояд, на дар муҳити берунӣ.

Усулҳои танзими давлатии ғайримустақими фаъолияти суғурта бо истифода аз фишангҳои молиявию иқтисодии:

- танзими молиявӣ ва
- танзими пулию қарзӣ амалӣ карда мешаванд.

Усулҳои ғайримустақими танзими фаъолияти субъектҳои бозори суғурта татбиқи чораҳои иқтисодиро дар назар доранд, усулҳои таъсиррасонии мустақим, тадбирҳои таъсиррасонии маъмурӣ ва ҳам иқтисодиро дар бар мегиранд.

Сабаби гуногунии шаклҳои танзими давлатӣ, ба назари мо, набудани равиши ягонаи методологӣ мебошад. Бо истинод ба консепсияи сохтори институтсионалии иқтисод, шаклҳои танзими давлатӣ, маҷмуъ ё низоми афзорҳои танзим мебошанд, ки аз лиҳози мансубият ба шакли муайяни институтсионалӣ муттаҳид карда шудаанд. Дар ин ҳангом, соҳаи танзимро ба назар бояд гирифт, чунки он аломати муҳимми таснифоти шаклҳои танзим мебошад. Танзим хусусияти умумӣ ё махсус дошта метавонад. Объекти умумӣ маҷмуи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Танзими махсус дар бахшҳо ва намудҳои алоиҳдаи фаъолият гузаронида мешавад.

Ба ғайр аз ин, шаклҳои танзим хусусияти таърихӣ ва миллӣ доранд. Шакли яккаву ягонаи танзими давлатӣ вуҷуд надорад, шаклҳои сершуморе ҳастанд, ки вобаста ба ҷараёни рушди иҷтимоию иқтисодӣ, бинобар талаботи низоми технологӣ, маҳдудиятҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омадаанд.

Баъзе мутахассисон чунин ақидаи гузаро доранд, ки «дар бисёре аз соҳаҳои хоҷагӣ, аз ҷумла суғурта, ҳукумат аллакай афзори таъсиррасонии мустақим надорад» [4,с.12]. Ақидае, ки давлат «бо тариқи маҳдуд намудани озодии субъектҳои бозор амал мекунад», хеле пурихтилоф ба назар мерасад. Омилҳои мухталиф, аз қабили шароити институтсионалӣ, соҳавӣ, миллӣ, таърихӣ ва дигар шароит ба ин ё он усул таъсир мерасонанд. Хуллас, ду гурӯҳи асосии танзими давлатӣ – мустақим ва ғайримустақим – дар арсаи ҳаёти иқтисодӣ шаклҳои дахлдорро пайдо мекунанд.

Шаклҳои танзими давлатии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ на институтҳои алоҳида, балки маҷмуи узван мураттабу муттаҳидшуда тибқи аломатҳои муайян мебошанд. Масалан, дар доираи андозбандӣ василаҳои мухталиф, аз қабили андоз, имтиёз, ҷарима, муҷозот ва ҳоказо истифода мешаванд. Дар вақташ дар ИМА ва кишварҳои Аврупо имтиёзҳои андозӣ василаҳои пешрафти техникӣ, ҷунбишҳои сохторӣ ва «ҳавасмандсозии рушди иқтисодӣ» гаштанд [3,с.20]. Шаклҳои танзими давлатии суғурта то андозаи муайян маҷмуӣ ва муфассал мебошанд. Мустақилии шакли танзими давлатӣ ба меъёрҳои мансубияти он, ба субъекти муайяни танзим, соҳаи танзим, фаъолият ва омилҳои дигар асос ёфтааст.

Бо таваҷҷуҳ ба навиштаҳои боло, ба сифати шаклҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта, назорати суғурта, суғуртаи ҳатмӣ, литзензиядиҳӣ (ҳиссабандӣ), соҳибкории давлатӣ, банақшагирии давлатӣ, танзими пруденсиалӣ, барномасозии давлатӣ ва оияндабинӣ, танзими зиддиинҳисорӣ, назорати нархгузорӣ, қарордодсозии давлатӣ, тамвили давлатӣ, андозбандӣ, танзими меъёри бозтамвил, танзими асъорӣ баромад мекунанд.

Суғуртаи ҳатмӣ шакли расмии намуди муайяни фаъолияти суғуртавист, ки нақши таъмингари ҳимоя аз таваккали махсусан хавфноки иҷтимоиро мебозад.

Назорати суғурта чун шакли танзими давлатӣ на ташкилот, на сохтори ташкилӣ, балки фаъолияти танзимгар оид ба назорати риояи қонунгузории граждание ва суғуртавӣ, риояи шартҳо, қоидаҳои суғурта, ба истисноӣ масоили дастрасӣ ба иҷрои фаъолияти суғурта мебошад. Дар асл ин танзими суғурта ex post мебошад. Танзими ex ante дар шакли литсензиядиҳӣ (ҳиссабандӣ) амалӣ гардида, намудҳои назорати умумии соҳибкорӣ, бақайдгирии давлатии субъекти хоҷагидор ва назорати махсусро дар бар мегирад.

Танзими пруденсиалӣ бениҳоят муҳим аст, зеро он қариб ҳамаи самтҳои фаъолияти молиявии ташкилоти суғурта, аз ҷумла назорати пардохтпазирӣ ва фаъолияти сармоягузориро фаро мегирад.

Нархгузорӣ ҳам, бинобар аҳаммияти хос доштанаш барои фаъолияти ташкилоти суғурта, ба танзими зиддинҳисорӣ алоқамандӣ дорад, гарчанде асосан ҳуқуқи истисноии мақомоти назорати соҳавӣ мебошад.

Танзими зиддинҳисорӣ дар соҳаи суғурта, дар баробари равишҳои умумӣ як қатор хусусиятҳо ҳам дорад. Ин хусусан ба созишномаҳои амудӣ ва уфуқии фаъолияти суғуртавӣ дахл дорад.

Соҳибкории давлатӣ, яъне фаъолияти субъектони давлатии хоҷагидорӣ, ҳимояи кафолатноки таваккали махсусро таъмин мекунад ва ҳамзамон муҳити рақобатро ба вуҷуд меорад ва ба вазъияти бозори суғурта таъсири ҳавасмандкунанда мерасонад.

Қарордодсозии давлатӣ ва тамвили давлатӣ алоқаманд ҳам бошанд, шаклҳои гуногуни танзим ҳастанд. Ба воситаи қарордодсозии давлатӣ, тамвили давлатии ҳимояи суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки метавонад иштироки давлатро дар зиён пешбинӣ намояд. Масалан, дар таърих амалияи пардохтани қарзҳои ширкатҳои муфлисшуда аз ҳисоби маблағи давлат вуҷуд дорад. Ба ғайр аз ин, гурӯҳҳои муайяни шаҳрвандон бо ҳимояи суғуртавӣ, тариқи суғуртаи ҳатмии тиббӣ аз ҳисоби буҷетҳои дахлдор таъмин карда шудаанд, ки ин ҳам аслан бо тамвили давлатӣ ҳаммаъност. Қарордодсозӣ ин бастани аҳднома аст, ки дар он давлат ба ҳайси яке аз тарафҳо баромад мекунад. Ҳар аҳдномаи суғурта бо субъекти моликияти давлатӣ изҳори чунин шакл мебошад.

**Ҷавдвали 2. Таснифи усулҳо, шаклҳо ва афзори танзими фаъолияти суғурта, ки ба амалияи феълии кишвар асос ёфтааст**

**Table 2. Classification of methods, forms and tools of regulation of insurance activity based on the current practice of the country**

| Методҳо | Навъ | Шакл | Инструментҳо |
|---|---|---|---|
| Мустақим | Маъмурикунонии иқтисодӣ (танзми давлатии хоҷагидорӣ) | Соҳибкории давлатӣ, контраестатсияи давлатӣ. | Шаклҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, озмун, акредитатсия, контракт, дотатсия, субсидия, таъриф, квота ва дигар маҳдудиятҳо |
| | | Таъминоти молиявии давлатӣ, тазими зиддинҳисорӣ | |
| | Институсионалӣ (маъмурикунонии ҳуқуқи | Назорат, иҷозатдиҳӣ, суғуртаи ҳатмӣ | |
| | Банақшагирии стратегиву тактикӣ | Барномагирӣ. Банақшагирӣ ва дурнамогирӣ | Барнома, дурнамо ва нақшаҳои индикативии ҷорӣ |
| Ғайримустақим | Танзими фаъолияти молиявӣ | Назорат аз рӯи пардохтпазирӣ, фаъолияти инвеститсионӣ, нархгузорӣ, | Меёрҳо, лимит, андоз, имтиёз, ҷарима, пения ва дигар |
| | Танзими пуливу қарзӣ ва ғ. | Танзими курси асъор ва таваррум, ставкаи бозтаҳмил. | андозаи зарибаи бозтаҳмил, курси асъори миллӣ ва ғ |
| | Танзими андозиву буҷетӣ | Танзими андозбандӣ ва ғ. , | Сатҳи даромади андозбандӣ ставкаи андоз ва ғ. |

Таҳияи муаллиф

Андозбандӣ, барномасозии давлатӣ ва ояндабинӣ, танзими асъор хусусиятҳои муҳимми соҳавӣ надоранд ва аз сабаби махсус будани соҳаи танзим мустақилона амал мекунанд.

Меъёри бозтамвил ё меъёри фоизи қарз механизми мураккаби таъсиррасонии давлатӣ дорад. Дар ин ҳолат, субъекти танзим Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки фишанги асосии танзими фаъолияти суғуртавии он фоизи қарзи дорои самараи макро- ва микроиқтисодии мураккаб мебошад.

Ба ин васила ҳар шакли нисбатан мустақили номбаршуда дар асоси татбиқи афзори дахлдор амал мекунад. Таъсири афзор таҳқиқи алоҳидаро металабад, чунки он самараи хосси худро дошта, ба чандин омилҳои таърихӣ, миллӣ, институтсионалӣ ва ғайра вобаста аст.

Таснифи усулҳо, шаклҳо ва афзори танзими фаъолияти суғуртавӣ, ки ба амалияи феълии кишварамон асос ёфтааст, дар ҷадвали 2 манзур карда шудааст.

Барои ҳар шакли танзими давлатӣ, маҷмуи муайяни афзор мувофиқ меояд. Афзор ба маънои олотест, ки бо истифода аз он раванди муайян амалӣ карда мешавад. Мо ҷонибдори ақидае ҳастем, ки бар тибқи он «афзор … фишангҳо мебошанд» [5,с.28]. Афзор ё фишанги алоҳида як унсури статикиест, ки истифода аз он ягон амалро ифода мекунад. Хосияти муҳимми афзор, мавҷуд будани хусусияту мустақилияти дақиқ мебошад. Дараҷа ва андозаи таъсири афзори танзим ба соҳаи татбиқ вобастагӣ доранд. Бояд гуфт, ки истифодаи афзори иқтисодии алоҳидаву пароканда наметавонад асоси танзими давлатии пурсамарро ташкил диҳад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Гулов Ш.**

### АДАБИЁТ


1. Авдашева, С. Модернизация антимонопольной политики в России / С. Авдашева, А. Шаститко // Вопросы экономики. - 2005. -№5. -С.101-106.
2. Адамчук, Н.Г. Мировой страховой рынок на пути к глобализации / Н.Г. Адамчук. -М.: Московский государственный институт международных отношений (Университет); Российская политическая энциклопедия (РОСПЭН), 2004. -590 с.
3. Андрюшин, С. Инструменты макропруденциальной политики центральных банков / С. Андрюшин, В. Кузнецова // Вопросы экономики. - 2012. -№8. -С.32.
4. Андрюшин, С.А. Базель-III - не панацея. "Если страны G20 не договорятся, то никакие стандарты Базель-II или Базель-III не спасут мировую экономику от кризиса" //Национальный банковский журнал. - 2010. -№11. -С.46.
5. Ахвледиани, Ю.Т. Развитие обязательного страхования в современных условиях: взаимодействие государства и страхового рынка / Ю.Т. Ахвледиани // Финансы. - 2011. -№8. -С.53-55.
6. Мирсаидов А.Б. Шамсуллозода Ш. Институциональное обеспечение государственного регулирования страхового предпринимательства в Таджикистане // Евразийский Союз Ученых. Серия экономических и юридических наук. – 2021. -№12(93). -том 1. –С.49-55.
7. Омори солонаи Љумњурии Тољикистон. – 2023. –С.409.
8. Организационно-правовые и экономические основы деятельности субъектов страхового рынка / Н.А. Смородина и др. // Юридическая и правовая работа в страховании. – 2005. -№1. – 0,7 п.л.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // Минбари халқ. - 28.12.2023.
10. Постановка и развитие филиальной сети и представительств страховой компании (Методическое пособие) / Смородина Н.А. и др. -М.: Регламент, 2007. – 0,8 п.л.
11. Слияния и поглощения на страховом рынке / Н.А. Павлова и др. // Страховое дело. – 2008. -№9. – 0,35 п.л. (перечень ВАК).
12. Смородина Н.А. Организация структуры управления страховой организации как один из факторов совершенствования ее деятельности / Н.А. Смородина // Материалы 21-й Всероссийской научной конференции молодых ученых и студентов «Реформы в России и проблемы управления – 2006». -Выпуск №4. 0,1 п.л.
13. Смородина Н.А. Существующие проблемы регулирования страхового рынка России и основные задачи его развития / Н.А. Смородина // Материалы 20-й Всероссийской научной конференции молодых ученых и студентов «Реформы в России и проблемы управления – 2005». -Выпуск №1. 0,08 п.л.
14. Теоретические предпосылки возникновения института саморегулирования на страховом рынке / Н.А. Павлова [и др.] // Финансы. – 2011. -№5. – 0,45 п.л. (перечень ВАК).


### БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТА ВА МУНОСИБАТИ ИНСТИТУСИОНАЛИИ ҲАЛЛИ ОН


Дар мақола асоснок карда мешавад, ки сатҳи таҳлили макроиқтисодӣ имкони пурра ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои институтсионалӣ, сохтори соҳавии бахши суғуртаи иқтисодиётро дар низоми танзим

намедиҳад. Барои такмил додани механизмҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта, на танҳо низоми нишондиҳандаҳои самаранокии онро сохтан лозим аст, балки ҷанбаи институтсионалии танзими фаъолияти суғурта, ки дорои заминаи институтсионалии рушдёфтаву пурҳаракат мебошад, зарур аст. Бинобар ин, меъёрҳои танзимкунанда, ки фаъолияти гуногуни суғуртаро ба чаҳорчӯбаи дахлдори меъёру қоидаҳо, қонунгузорӣ дароранд ва барои воридшаии агентҳои ғайрикасбӣ ба бозор монеъ шаванд. Сабабҳои танзими давлатии фаъолияти суғуртаро, пеш аз ҳама, табиати институтсионалии он муайян мекунад: набудани рақобати солим ва имкон надоштани мувозинати комил дар бозори хизматрасонии суғурта; номукаммалу нопурра будани иттилоот; хароҷоти зиёди трансаксионӣ; хусусиятҳои хизматрасонии суғурта ҳамчун моли ҷамъияте, ки тақсим карданаш лозим аст; таъсири омилҳои берунӣ; зарурати таъмин намудани амнияти давлат ва ғ. Барои бартараф намудани ин муаммоҳо усулҳо, шаклҳо ва афзори танзими фаъолияти суғуртавӣ, ки ба амалияи феълии кишвар асос ёфтааст, коркард карда шудааст.
**Калидвожаҳо:** бахши суғуртаи иқтисодиёт, сохтори институтсионалӣ, танзими давлатии фаъолияти суғурта, даромад, хароҷоти суғурта, меъёрҳои танзимкунанда, усулҳо, шаклҳои танзими фаъолияти суғурта.

## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ СТРАХОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ПОДХОДЫ К ЕГО РЕШЕНИЮ

В статье обосновано, что уровень макроэкономического анализа не позволяет в полной мере учитывать институциональные особенности, отраслевую структуру страхового сектора экономики в системе регулирования. Для совершенствования механизмов государственного регулирования страховой деятельности необходимо не только создание системы показателей ее эффективности, но и необходим институциональный аспект регулирования страховой деятельности, имеющий развитую и динамичную институциональную основу. Поэтому нормативные нормы, регулирующие различную страховую деятельность в соответствующих рамках норм и правил, предотвращают выход на рынок непрофессиональных агентов. Причины государственного регулирования страховой деятельности определяются, прежде всего, ее институциональной природой: отсутствие здравой конкуренции и возможности идеального баланса на рынке страховых услуг; неполнота информации; высокие транзакционные издержки; характеристики страховых услуг как общественного блага, которое необходимо распределять; влияние внешних факторов; необходимость обеспечения государственной безопасности и т.д. Для преодоления этих проблем разработаны методы, формы и инструменты регулирования страховой деятельности, основанные на современной практике страны.
**Ключевые слова:** страховой сектор экономики, институциональная структура, государственное регулирование страховой деятельности поддержка, доходы, расходы на страхование, нормативы регулирования, методы, формы регулирования страховой деятельности.

## SOME PROBLEMS OF STATE REGULATION OF INSURANCE ACTIVITY AND INSTITUTIONAL APPROACHES TO ITS SOLUTION

The article substantiates that the level of macroeconomic analysis does not allow to fully take into account institutional features and the sectoral structure of the insurance sector of the economy in the regulatory system. To improve the mechanisms of state regulation of insurance activities, it is necessary not only to create a system of indicators of its effectiveness, but also an institutional aspect of regulation of insurance activities, which has a developed and dynamic institutional basis. Therefore, regulations governing various insurance activities within the appropriate framework of rules and regulations prevent non-professional agents from entering the market. The reasons for state regulation of insurance activities are determined, first of all, by its institutional nature: the lack of healthy competition and the possibility of an ideal balance in the insurance services market; incomplete information; high transaction costs; characteristics of insurance services as a public good that must be distributed; influence of external factors; the need to ensure state security, etc. To overcome these problems, methods, forms and tools for regulating insurance activities have been developed, based on modern practice in the country.
**Keywords:** insurance sector of the economy, institutional structure, state regulation of insurance activities, support, income, insurance costs, regulatory standards, methods, forms of regulation of insurance activities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муминов Абдукарим Бегович* –** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрук. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 115-73-83-83**

**Сведения об авторе:** ***Муминов Абдукарим Бегович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности. **Адрес:** 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 115-73-83-83**. E-mail: **muminov-abdukarim@mail.ru**

**Information about the author:** ***Muminov Abdukarim Begovich* –** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Customs Activities. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **(+992) 115-73-83-83.** E-mail: **muminov-abdukarim@mail.ru**

ТДУ: 338.2 (575.3)

# ШАРИКИИ ТЕХНОЛОГӢ ЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Маҳмадуллоев А.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҷаҳони муосир таъсири иқтисодиёти ҷаҳон дар ҳама бахшҳои иқтисодиёт эҳсос мешавад ва маҷмуи нави масъалаҳои иқтисодиву сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, ки яке аз ин масъалаҳо шарикӣ мебошад.

Ба ин хотир, омӯзиши мавзуи шарикиро дар мадди аввал гузошта, ҷиҳати баррасии он масоили зерини ҳадафҳои бунёди шарикӣ, шаклҳои ҳамгирой, камбудиҳои шарикӣ ва марҳилаҳои рушди онро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар шароити муосир шаклҳои мухталифи ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ба таври васеъ истифода мешавад ва он мавриди омӯзишу баҳси коршиносону олимонро ба миён овардааст. Ба таври дақиқ ин масъаларо Д.А. Ҳодиев чунин тавсиф менамояд, “Зери мафҳуми шарикӣ ҳамкории як ширкат бо ширкати дигар ва ё ҳамкории якчанд ширкат ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ фаҳмида мешавад” [8,с.87].

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз шаклҳои ҳамкорӣ, ки солҳои охир диққати олимон, муҳаққиқон ва менеҷерроні зинаҳои мухталифи идоракуниро ба худ ҷалб менамояд, ин шарики стратегӣ мебошад.

Аслан, ҳамкориҳои шарикӣ барои беҳтар кардани дурнамои тиҷорат имкониятҳои назаррасрро фароҳам меоварад. Менеҷерони зинаҳои мухталиф афзоиши шумораи соҳибкорони шарикро чун самти афзалиятноки ҳамкориҳои шарикии стратегии худ мешуморанд. Муносибатҳои кооперативӣ дар созмонҳои шарикӣ барои ба даст овардани фановаоиҳои нав, дониш ва салоҳиятҳо, васеъ кардани дастрасии тиҷоратии онҳо, кушодани бозорҳо ва сегментҳои нав барои ба даст овардани имкониятҳои нави тиҷоратӣ мусоидат мекунад.

Чуноне ки Г.А. Титоренко таъкид мекунад “... ҳамаи иштирокчиёни лоиҳаҳои муштарак тадриҷан усулҳои муосири ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва иттилоотро ба таври кофӣ донанд [8,с.172]. Дар баробари ин, барои сохтани шарикӣ моро зарур аст, ки шарикии технологиро ба таври даққиқ вусъат бахшем ва барои гузаштан ба рақамикунонӣ ва дастрасӣ ботехнологияҳои нав заминаи мусоид фароҳам орем.

Шарикиҳо одатан дар атрофи як лоиҳаи мушаххас амалӣ мегарданд, ки он, муносибатҳои шариконаро миёни ташкилотҳои шарик дар айни замон ба таври кофӣ маҳдуд кардаанд.

Масъалаи гуногунрангии аҳдофи бунёди шарикии стратегиро Д.А. Ҳодиев чунин шарҳ медиҳад: “Гуногунрангии аҳдофи бунёди шарикии стратегӣ, ин зарурати ташаккули равиши маҷмуиро нисбат ба таърифи ангезаҳои иштирокчиёни раванди таъсисёбии шарикӣ ба миён меорад” [8,с.90]. Шарики стратегӣ одатан барои муносибатҳои байни муштариён ва таъминкунандагон истифода мешавад ва шарикии технологӣ бошад, одатан, барои муносибатҳои байни таъминкунандагони маҳсулот ва хизматҳои монанд, ё аз ҳам тафовут дошта, ки ба як бахши бозор хизмат мерасонанд, истифода мешаванд.

Як қатор муҳаққиқон дар асарҳои худ байни мафҳумҳои шарикии стратегӣ ва шарикии технологӣ тафовути чандоне нагузошта, ҳамин қадар қайд кардаанд, ки муҳлати мавҷудияти онҳо бо тулонӣ будан, ё набудани ҳамгирой ва ҷузъиёти шартномаи байни муассисон метавонад, ки аз ҳам фарқ кунад.

Маънои васеи истилоҳи “шарикии технологӣ” - ин фаъолияти муштараки таҳқиқотӣ, коркард ва табодули дониш байни корхонаҳо, институтҳои таҳқиқотӣ ва ё резидентҳо, ки барои ноил шудан ба ҳама гуна ҳадафи умумӣ анҷом дода мешаванд, мебошад.

Инчунин, ҳамкории байни корхонаҳо ба хотири беҳтар намудани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, такмил ва паҳн намудани технологияҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои ба ҳамдигар судманд ифода менамоянд. Ҳамкории шарикии технологӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми ҳамкорӣ дар шароити шарикии технологӣ ва муносибатҳои шарикона нақши бориз мебозад. Ба андешаи Л. Уоллес, “Шарикии технологӣ барои бунёди муносибатҳои

дарозмуҳлати шарикӣ, корхонаҳои муштарак, ҳамкориҳои шарикии стратегиро амалан бо корхонаи муштарак як медонад” [11,с.296]. Ба ақидаи ӯ, шарикии технологӣ метавонад, як ва ё якчанд созмонҳои мустақилро барои дастёбӣ ба ҳадафи ягона - гирифтани натиҷаи муайяне муттаҳид созад, ки барои ҳар қадоми он созмонҳо дар алоҳидагӣ муясар намегардад.

Ба андешаи Ю.А. Дерябин, шарикии технологӣ маънои “созиши ҳамкории ду ё зиёда тарафҳоро дорад, ки як қисми ин тарафҳоро ташкил медиҳад, бо стратегияҳои умумии онҳо мувофиқат мекунад ва ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии онҳо мусоидат мекунад. Раванди технологӣ ба табодули ошкори иттилоот, мубодилаи ҳадафҳо, вазифаҳои умумӣ ва кор дар муҳити эътимод асос ёфта, мебошад” [4,с.109].

Дар робита ба ин, метавон гурӯҳҳои универсалии аҳдофи бунёди шарикиҳоро ҷудо намуд:

**Ҷадвали 1. Аҳдофи бунёди шарикӣ чунин мебошад**
**Table 1. The purpose of partnership building is as follows**

| | |
|---|---|
| **1** | Коҳиши хавфҳое, ки бо баромадан ба бозорҳои нав марбут мебошанд |
| **2** | Рушду тавсеаи технологӣ ва иқтисодӣ |
| **3** | Такмили низоми идоракунӣ |
| **4** | Афзоиши самаранокии иқтисодӣ |
| **5** | Таъмини рақобатпазирӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ |
| **6** | Таъмини инкишофи бемайлони ҷараёнҳои навоварӣ |
| **7** | Таъмини амнияти молиявӣ ва дарёфти сарчашмаҳои нави маблағгузорӣ |

Чуноне аз ҷадвали 1 бармеояд, шарикӣ як коркарди нав дар заминаи шарикии стратегӣ ба миён омадааст, ки дар ин шароитҳои мураккаб, созмонҳои шабакавӣ ва тағйирёбии системаи иҷтимоӣ босамар хоҳад буд. Шарикии технологӣ бошад, як шакли созишномаи расмии байни ду шарик (шарикии дуҷониба), ё бештар аз он (шарикии шабакавӣ-технологӣ)-ро дар бар мегирад.

Онҳо дар шаклҳои гуногун бо ҳам меоянд, тавре дар расми 1 нишон дода шудааст:

**Расми 1**




Раванди шарикии технологӣ, тарзи интихоби шарикон ва тарзи рушд ва идоракунии муносибатҳоро дар бар мегирад. Раванди идоракунӣ ва шарикии технологӣ бояд чандир бошад, то он тавонад ба вазъиятҳои мушаххас мутобиқ шавад. Шарикиҳо аксар вақт сарҳадҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва байни корхонавиро убур мекунанд ва саҳми мутахассисонро оид ба масъалаҳои дохилӣ ва берӯниро, ки ба миён меоянд, талаб мекунанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар шароити шарикии технологӣ, ташкил намудани ҳамкориҳо моро зарур аст, ки аз таҷрибаи бою ғании созмонҳои пешрафтаи дохилию хориҷӣ ба таври васеъ истифода намоем. Чунончи ширкатҳои васоити ахбори омма бо провайдерҳои хизматрасонии молиявӣ бештар ҳамкорӣ мекунанд, зеро ба шаклҳои афзалиятноки ҳамкориҳои шарикии технологии нави монетизатсия ва ҳам модели бизнеси оянда табдил меёбанд. Брендҳои нав дастраси корхонаҳое мешаванд, ки бо як дигар шарикии технологӣ

доранд. Шарикии технологӣ инфрасохтореро фароҳам меорад, ки метавонад, хусусияти рӯзафзуни мақсадноки таблиғро осон кунад.

Бояд қайд намуд, ки маҳз тамоюлҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, самтҳои инкишофи шаклҳои ҳамгироиро дар байни ширкату созмонҳо муайян мекунад. Камбудиҳои шарикии технологӣ дар расми 2 нишон дода шудаанд:

**Расми 2. Камбудиҳои шарикии технологӣ**
**Figure 2. Disadvantages of technological partnership**




Чуноне ки аз расми 2 бармеояд, шарикии технологӣ  яке аз шаклҳои аз ҳама ҷандиртари ҳамгироии ширкатҳоро ифода карда, як қатор нишонаҳои барҷастаи фарққунандаро доро мебошад.

Ба ақидаи В.Р. Веснин, “Равандҳои шарикии технологӣ то андозае дар муҳити шарикии стратегӣ ворид гардидааст, ки ба якдигар дар ҳоли рушд мебошанд” [2,с.195].

Амалияи ин гуфтаҳо  маънои онро доранд, ки раванди банақшагирии технологӣ дар шакли иттиҳоди стратегӣ татбиқ мегарданд. Марҳилаҳои рушди шарикии технологӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Марҳилаҳои рушди шарики технологӣ инҳоянд**
**Table 2. These are the stages of technological partner development**

| | |
|---|---|
| **1** | Арзёбии омодагии даста ба шарикии технологӣ дар доираи барнома |
| **2** | Баҳодиҳии омодагӣ ва ҳамоҳангии шарикии технологии шарикон |
| **3** | Гузаронидани семинари фарогирии ҳадафи шарикон |
| **4** | Гузаронидани семинари бо мақсади равшан намудани масъалаи гузошташуда |
| **5** | Таҳияи натиҷаҳои созишномаи расмӣ ба хотири дарки шарикӣ |
| **6** | Мутобиқати ҳадафҳо ва мақсадҳои гузошташуда дар шартномаи шарикӣ |
| **7** | Татбиқи технологияҳои нав дар раванди рушди шарикии технологӣ |
| **8** | Таҳияи стратегияи шарикӣ ба хотири ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда |

Чунон ки аз ҷадвали 2 бармеояд, шарикии технологӣ ба муносибатҳои муштараке асос ёфтааст, ки байни ташкилотҳо ва шарикии технологӣ шартнома  вуҷуд доранд, аз ҷумла, шарикӣ дар технология, ки ҳадафҳо ва вазифаҳоро муштарак анҷом медиҳанд.

Аммо, агар ба инкишоф ва нигоҳ доштани муносибатҳо ва робитаҳои байнишахсӣ, ки созмонҳои шарикро муттаҳид месозанд, таваҷҷуҳи хеле кам дода шавад, пас ин шарикӣ ба интизориҳо мувофиқат намекунад. Муносибатҳои шарикӣ он вақте самаранок буда метавонад, ки нақши шарикии технологӣ ва коркарди технологияҳои нав ба роҳ монда шавад. Ба андешаи А.Н. Авдулов, “Шарикии технологӣ вақтҳои охир васеъ паҳн шудааст

ва ба инкишофи бозорҳои нав, барои татбиқи технологияҳои нав ва барои алоқаҳои иқтисодии байни субъектҳои гуногуни хоҷагӣ мусоидат мекунанд” [1,с.396].

Ҳамин тавр, ҳамаи он чи ки дар боло дар бораи мафҳуми шарикӣ, шарикии стратегӣ, шарикии технологӣ, аз ҷумла, таҳлили аҳдофи бунёди шарикӣ, шаклҳои ҳамгироӣ, камбудиҳои шарикии технологӣ ва марҳилаҳои рушди шарикии технологиро бо таври мухтасар шарҳу тавзеҳ ва мавриди назар қарор гирифт, ба зарурати мубрами коркарду омӯзиши бештари тамоми донишҳои мавҷуд доир ба ин мафҳумҳо дар сатҳи назария ишора гардидааст.

Аз он чи дар боло матраҳ гардид, метавон ба хулосае омад, ки натиҷаи тадқиқот, ин ташаккули механизми шарикӣ, шарикии стратегӣ, шарикии тенхнологӣ мебошад, ки арзёбии он дар доираи марҳилаҳои дахлдори механизми шарикии технологӣ муайян гардида, барои татбиқи тадбирҳои танзимкунанда оид ба беҳтар намудани шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби субъектҳои шарикии технологӣ асос мегардад. Ташаккул ва рушди шарикии технологӣ ба яке аз тамоюлҳои муҳимми дигаргунсозии иқтисодии муосир дар оянда табдил хоҳад ёфт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Муҳсинов Д.**

### АДАБИЁТ


1. Авдулов А.Н. Наукоемкие технологии и их роль в современной экономике / А.Н. Авдулов, А.М. Кулькин // Финансовый бизнес. –Крым, 2021. –№12(222). –С.395.
2. Веснин, В.Р. Стратегическое управление / В.Р. Веснин. -М.: Проспект, 2004. –С.195-99.
3. Гарибов А.Г. Развитие научно-технического сотрудничества в системе современных международных отношений / И.В. Багирова // Международный научный журнал. –Азербайджан, 2009. –№1. –С.17-19.
4. Дерябин Ю.А. Механизм формирования технологического партнерства в промышленности / Ю.А. Дерябин // Омский научный вестник. Серия «Общество история современность». –Омск, 2021. -№1. -С.109.
5. Инновационное развитие предприятий в условиях цифровой трансформации экономики. Монография / И.Г. Салимьянова, Н.С. Зинчик, А.С. Погорельцев, Д.А. Степаненко, М.Г. Трейма., И.С. Цыганков; под общ. ред. А.Г. Бездудной, рец. М.А. Макарченко, К. Шамина. -СПб.: СПбГЭУ, 2020. -166 с.
6. Корпоративная социальная ответственность: управленческий аспект: монография / под общ. ред. д.э.н., проф. И.Ю. Беляевой, д.э.н., проф. М.А. Эскиндарова. -М.: КНОРУС, 2008. -146 с.
7. Маҳмадуллоев А.С. Асосҳои назариявии мукаммалгардонии муҳити институтсионалии инкишофи корхонаҳои муштарак / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2022. -№4. -С.66-71.
8. Маҳмадуллоев А.С. Ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / Д.А. Ҳодиев, Ҳ. Давлатов // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. -№4. -С.87-93.
9. Маҳмадуллоев А.С. Такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№3. –С.162-168.
10. Титоренко Г.А. Информационные технологии управления / Г.А. Титоренко. –М.: Проспект, 2013. -256 с.
11. Уоллес Л. Стратегические альянсы в бизнесе. Технология построения долгосрочных партнерских отношений и создания совместных предприятий / Л. Уоллес. –М.: Добрая книга, 2005. -296 с.
12. Хаирова Э.А. Теоретические аспекты развития международного научно-технического сотрудничества / Э.А. Хаирова // Финансовый бизнес. –Крым, 2021. –№12(222). -С.405.


### ШАРИКИИ ТЕХНОЛОГӢ ЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои мухталифи арзёбии вазъи муосири рушди шарикӣ, шарикии стратегӣ, шарикии технологӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳиммияти мавзуи мақола аз он иборат аст, ки барои рушди иқтисодии ҷумҳурӣ, ки дар ҳоли гузариш қарор дорад, ҷалби шарикиҳо аз ҷумла, шарикии стратегӣ ва шарикии технологӣ зарур аст. Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ тамоми корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолиро бе шарикии технологӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бояд ёдовар шуд, ки дар шароити шарикии технологӣ, ташкил намудани ҳамкориҳо ба мо зарур аст, ки аз таҷрибаи бою ғании ташкилотҳои пешрафтаи дохилию хориҷӣ ба таври васеъ истифода намоем. Муаллиф, дар мақола қайд менамояд, ки яке аз омилҳои дигаре, ки ба тасмимгирӣ дар бораи ҳамкорӣ барои ҷорӣ намудани технологияи нав таъсир мерасонад, ин шарикии стратегӣ мебошад. Аз ин рӯ, ширкатҳо метавонанд иҷборан ҳамкорӣ намоянд, то мутобиқати маҳсулоташон бо меъёрҳои бозор ва воридшавии бомуваффақият ба бозор мусоидат кунанд. Дар мақола муҳиммияти шарикӣ, шарикии стратегӣ ва шарикии технологӣ дарҷ гардидааст. Шарикии технологӣ як шакли ҳамкории ташкилотҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мустақил барои ҳалли муштараки масъалаҳои технологӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи тарафайн мебошад, ишора гардидааст.

**Калидвожаҳо:** шарикии технологӣ, шарикии стратегӣ, навовариҳои технологӣ, иқтисоди рақамӣ, ҳамгироии технологӣ, корхонаҳои муштарак.

## ТЕХНОЛОГИЧЕСКОЕ ПАРТНЕРСТВО КАК ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПАРТНЕРСТВА В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье изучены и исследованы различные аспекты оценки современного состояния развития партнерства, стратегического партнерства, технологического партнерства. Важность темы статьи заключается в том, что для экономического развития республики, находящейся в переходном периоде, необходимо привлечение технологического партнерства. Сегодня невозможно представить все предприятия, в том числе производственные, без технологического партнерства. Следует отметить, что в условиях технологического партнерства нам необходимо широко использовать богатый опыт передовых отечественных и зарубежных организаций. В статье автор отмечает, что одним из факторов, влияющих на решение о сотрудничестве во внедрении новых технологий, является стратегическое партнерство. Таким образом, компании вынуждены сотрудничать, чтобы их продукция могла соответствовать рыночным стандартам и успешному выходу на рынок. В статье говорится о важности технологического партнёрства. Технологическое партнёрство - это форма сотрудничества юридически и экономически независимых организаций для совместного решения технологических вопросов с целью достижения взаимной выгоды.

**Ключевые слова:** технологическое партнерство, стратегическое партнерство, технологические инновации, цифровая экономика, технологическая интеграция, совместные предприятия.

## TECHNOLOGICAL PARTNERSHIP AS A PRIORITY DIRECTION OF STRATEGIC PARTNERSHIP IN THE CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, various aspects of the assessment of the modern state of partnership development, strategic partnership, technological partnership have been studied and researched. The importance of the topic of the article is that for the economic development of the republic, which is in transition, it is necessary to attract technological partnership. Nowadays, it is impossible to imagine all enterprises, including production enterprises, without technological partnership. It should be noted that in the conditions of technological partnership, it is necessary for us to make extensive use of the rich experience of advanced domestic and foreign organizations. The author notes in the article that one of the other factors that influence the decision to cooperate in the introduction of new technology is strategic partnership. Therefore, companies may be forced to cooperate to ensure that their products conform to market standards and facilitate successful market entry. The article mentions the importance of technological partnership. Technological partnership is a form of cooperation between legally and economically independent organizations for the joint solution of technological issues with the aim of achieving mutual benefit.

**Keywords:** technological partnership, strategic partnership, technological innovation, digital economy, technological integration, joint ventures.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 988-88-83-37.** E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-88-83-37**. E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of management and marketing. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-88-83-37.** E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru**

**УДК: 340.62/.65 (575.3)**

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРОКУРОРОМ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ ПРИ ОСУЩЕСТВЛЕНИИ НАДЗОРА ЗА ЗАКОННОСТЬЮ ПРОЦЕССУАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОРГАНОВ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ

*Азамзода Акмал Азам*
**Таджикский национальный университет**

На современном этапе сотрудники прокуратуры имеют на вооружении различную криминалистическую технику, в том числе и для осмотра мест происшествий. Сегодня, выезжая на осмотр места происшествия, специалист-криминалист имеет в своем распоряжении различные наборы инструментов и приборов широкого спектра применения, в том числе для отыскания микрочастиц, поиска цветных металлов. На месте происшествия, используя передвижную криминалистическую лабораторию он, в течение нескольких часов, может составить словесный портрет, провести предварительное исследование вещественных доказательств или их экспрессанализ, изготовить фотоснимки с использованием цифрового фотоаппарата, а с помощью переносного компьютера "Ноутбук" распечатать их и передать следователю для использования в расследовании по "горячим следам".

Имея большой практический опыт использования прокурором криминалистических знаний при осуществлении надзора за законностью процессуальной деятельности органов предварительного расследования, в том числе и на руководящих должностях, обладая значительным эмпирическим материалом по результатам деятельности, автор посчитал возможным внести определенный вклад в совершенствование теории и практики использования прокурором криминалистических знаний при осуществлении надзора за законностью процессуальной деятельности органов предварительного расследования.

Прокурорская деятельность и криминалистика являются ключевыми компонентами системы правосудия, обеспечивая справедливость и борьбу с преступностью: надзор за следствием и соблюдением законности в ходе расследования преступлений; руководство деятельностью следственных органов; координация работы правоохранительных органов; подготовка обвинительных актов; оценка законности действий органов предварительного расследования; идентификация преступников через сравнительное изучение следов.

Прокуроры могут активно использовать возможности криминалистики в различных аспектах своей деятельности, включая уголовное преследование, прокурорский надзор и поддержание государственного обвинения. Основные способы, как прокуроры могут взаимодействовать с криминалистическими методами и технологиями:

1. Прокуроры могут сотрудничать с криминалистами для активного сбора, анализа и фиксации улик на месте преступления. Это включает в себя сотрудничество со следователями и экспертами, чтобы обеспечить сильные доказательства в уголовном деле.
2. Прокуроры могут привлекать криминалистических экспертов для проведения различных экспертиз, таких как баллистическая, генетическая (ДНК), компьютерная, химическая и др. Экспертные заключения могут существенно усилить доказательную базу.
3. Прокуроры могут воспользоваться современными технологиями, такими как видеонаблюдение, анализ данных, программы распознавания лиц и другие, чтобы поддержать уголовное преследование.
4. Прокуроры в ходе надзора могут оценивать законность действий правоохранительных органов и следственных органов, обращая внимание на соблюдение процедур и прав граждан.
5. Криминалистические эксперты могут предоставлять прокурорам экспертные заключения относительно правомерности применения методов расследования, а также оценивать достоверность собранных улик.
6. Криминалистические доказательства могут использоваться прокурором для поддержания обвинения в суде. Это может включать в себя представление экспертных заключений, анализ улик и других материалов.

7. Прокурор может вызывать криминалистических экспертов в качестве свидетелей на суде для подробного объяснения суду технических аспектов дела и ответов на вопросы сторон.

8. Прокуроры могут использовать криминалистические аргументы для опровержения возможных контраргументов защиты, подчеркивая надежность своего обвинения.

9. Взаимодействие прокуроров с криминалистическими методами помогает обеспечить качественное и объективное уголовное преследование, повышая вероятность вынесения справедливого решения судом.

Надзор за исполнением законов при производстве предварительного следствия является ключевой функцией прокурорского надзора в рамках правоохранительной системы. Прокуратура осуществляет контроль за законностью и обоснованностью действий следователей и других сотрудников правоохранительных органов в процессе предварительного следствия [14,с.89].

Obligations are relative legal relations, that is, they arise between specific persons -the debtor and the creditor. The specificity of the parties to the obligation allows the parties to direct their will to each other and act to meet their needs. As a rule, the death of one of the parties to the obligation does not entail exceptional consequences of termination of the obligation, that is, not all types of obligations termination of the obligation is associated with the death of a person. But sometimes the types of obligations that are personal and confidential in nature, the death of an individual (a party to the obligation) entails the termination of the obligation. The obligation is terminated on the basis of legal facts provided for by law or by agreement of the parties. Various grounds, such as the appropriate performance of an obligation, set-off, are terminated when the debtor and the creditor appear in one person, renewal of the obligation, debt forgiveness, death of an individual, liquidation or reorganization of a legal entity. This article analyzes the concept and essence of termination of an obligation due to the death of an individual on the basis of scientific and legislative literature.

**Keywords:** obligation, individual, death of an individual, relative relations, termination of an obligation, grounds for termination of an obligation, termination of an obligation due to the death of an individual, personal obligations, obligations based on trust.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодиров Фирӯз Маҳмадуллоевич*** – ҳуқуқшинос. E-mail: **kodirov.firuz@internet.ru.** Телефон: **(+992) 939-19-06-76**

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Фируз Махмадуллоевич*** – юрист. E-mail: **kodirov.firuz@internet.ru.** Телефон: **(+992) 939 – 19-06-76**

**Information about the author:** ***Kodirov Firuz Mahmadulloevich*** – lawyer. E-mail: **kodirov.firuz@internet.ru**. Phone: **(+992) 939 – 19-06-76**

**ТДУ: 342 (575.3)**

# МОДЕЛҲОИ ТАҶЗИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАШКИЛИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

*Диноршоев А.М., Сулаймонзода М.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар низоми муосири ташкили ҳокимияти давлатӣ принсипи таҷзияи ҳокимият ҳамчун асоси бунёдии ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ баромад мекунад. Вай бештар аз дусад сол пеш ба вуҷуд омада, ба ташаккули муносибатҳои типи нави давлатӣ асос гузоштааст. Чунонки маълум аст, татбиқи принсипи конститутсионии таҷзияи хокимият дар давлат, мавчудияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судиро пешбинӣ мекунад, ки онҳо дар якҷоягӣ асоси дастгоҳи давлатиро дар ин ё он мамлакат ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, тули солҳои охир, дар принсипи таҷзияи ҳокимият тағйироти муайяне ба амал омад, яъне ин падида унсури “статикӣ” надошт. Вобаста ба кишвар, асосҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва урфу одатҳои он ин принсип дигар шуда, мазмуни худро бо унсурҳо ва категорияҳои нав пур кард. Чунонки Д.Н. Шевченкова М. Нагорная қайд мекунанд, ки «дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон татбиқи раванди таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва мутаносибан низоми дастгоҳи давлатӣ ба таври худ сурат гирифта, хусусияти миллии худро пайдо кард» [14,с.103].

Воқеан, ин принсип дар Конститутсияи давлатҳо инъикос ёфта, хусусияти муайяни миллӣ пайдо мекунад, ки ин имкон медиҳад мавҷудияти моделҳои гуногуни татбиқи онро баррасӣ намоем.

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ моделҳои таҷзияи ҳокимиятро бештар ба шакли идоракунии давлат вобаста менамоянд, ки дар доираи он дар шаклҳои гуногун вуҷуд дошта метавонанд. Мақсади ин равиш нишон додани таносуби байни тақсимоти аз рӯйи конститутсия муқарраргардида, салоҳият байни мақомоти давлатӣ ва шакли мавҷудаи идоракунии давлат мебошад. Шакли идоракунии давлатӣ сохтори мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, тартиби ташкил ва тақсимоти салоҳиятро дар байни онҳо инъикос мекунад. Дар баробари ин, ҳамкории мақомотҳои давлатӣ дар асоси кадом принсип ба роҳ монда мешавад, муносибатҳои хокимияти олӣ ва аҳолии мамлакат чи тавр ташкил карда мешаванд ва то кадом андоза ташкили мақомоти олии давлатӣ барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон имконият медиҳад.

Аксари олимон бар он назаранд, ки дар давлатҳои муосир се модели муқаррарии татбиқи принсипи таҷзияи ҳокимият вуҷуд дорад: сода, чандир ва омехта. Ин истилоҳот барои муайян кардани хусусиятҳои ҳар як модели таҷзияи ҳокимият ва дар айни замон муайян намудани хусусиятҳои умумии характеристикаи як гурӯҳи тамоми давлатҳое, ки дар зери яке аз ин моделҳо амал мекунанд, истифода мешавад [7,с.362].

Ҳамин тариқ, Ҷ. Андерсон қайд мекунад, ки яке аз омилҳои асосие, ки ба моделҳои мавҷудаи таҷзияи ҳокимият таъсир мерасонад, шаклҳои идоракунӣ дар давлатҳои муайян мебошад. Имрӯзҳо бештар се модели таҷзияи ҳокимиятро ҷудо мекунанд, ки ба хусусиятҳои шакли идоракунии давлатӣ алоқамананд: якум, хосси ҷумуҳурии президентӣ; дуюмӣ, хосси ҷумҳурии парламентӣ ва монархияи парламентӣ ва сеюмӣ хосси шакли омехтаи идоракунӣ мебошад [2,с.121]. Дар баробари ин, Л.М. Энтин таҷзияи ҳокимиятро дар ҷумҳурии президентӣ, монархияҳои парлумонӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар кишварҳои дорои шакли омехтаи идоракунӣ ва дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ баррасӣ мекунад [15,с.41]. В.В. Лузин таҳқиқоти муқоисавӣ оид ба принсипи таҷзияи ҳокимият дар низоми давлатии ИМА, Британияи Кабир ва Фаронсаро анҷом дода, се модели таҷзияи ҳокимиятро нишон додааст: модели президентӣ (дар мисоли ИМА), модели парламентӣ (дар мисоли Британияи Кабир), модели нимпрезидентӣ (дар мисоли Фаронса [7,с.32]. Аслан, дар шароити инкишофи конститутсионализм модели муайяни таҷзияи ҳокимият ин ё он шакли конститутсионии идоракуниро ба ҳам мепайвандад.

Илова бар ин, ҳангоми баррасии масъалаи моделҳои таҷзияи ҳокимият дар давлатҳои ҷаҳон мақсадҳоеро зикр кардан номумкин аст, ки тавассути мустаҳкам намудани ин принсип пеш гирифта шудаанд, яъне таъсиси низоми боздорӣ ва мувозинат, дар муайян кардани салоҳият ва баҳамтаъсиррасонии ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ки асоси амалисозии ин принсипро муайян менамояд. Дар ин масъала низ миёни олимон мавқеи ягона вуҷуд надорад. Масалан, Н.И. Матузов ва А.В. Малко кайд мекунанд, ки «дар давлатҳои ҳозира як навъ низоми универсалии назорат ва мувозинат мавҷуд аст, ки ба ҳамаи шакли ҷумҳуриҳо хос аст, ки дар муносибатҳои байни шохаҳои ҳокимият маҳдудиятҳои умумии ҳуқуқиро дар бар мегиранд» [12,с.140-145]. Дар навбати худ, М.Н. Марченко қайд мекунад, ки «низоми универсалӣ ва аз тарафи умум қабулшудаи боздорӣ ва мувозинат вуҷуд надорад, баръакс, ҳар як давлат вобаста ба салоҳияти шохаи ҳокимияти давлатӣ (дар муайянсозии шакли идоракунӣ), шароити сиёсиву ҳуқуқӣ (дар реҷаи сиёсӣ), анъанаҳои таърихию ҳуқуқӣ ва далелан воқеияти мавҷудбударо муайян мекунад» [11,с.288].

Ба назари мо, дар алоҳидагӣ омӯхтани ҳарду мавқеи пешниҳодшуда комилан дуруст нест, зеро онҳо якдигарро пурра мекунанд. Ба ибораи дигар, дар тамоми моделҳои мавҷудаи таҷзияи ҳокимият дар аввал принсипҳои универсалӣ муқаррар карда мешаванд, ки асосҳои бунёди низоми таҷзияи ҳокимиятро ба миён меоранд. Ба инҳо дохил мешаванд: 1) сарчашмаҳои гуногуни ташаккули ҳар як шохаи ҳокимияти давлатӣ; 2) муҳлатлатҳои гуногуни ваколати мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, ки ба шохаҳои дахлдори ҳокимият дохил мешаванд ва барои нигоҳ доштани субот, устуворӣ ва муттасилии ҳокимияти давлатӣ имкон медиҳад; 3) ҳар як шохаи ҳокимият ваколатҳои хосси худро дорад, ки ин барои аз байн бурдани ғасби ҳокимият аз ҷониби дигар шохаҳои ҳокимият, яъне барои боздориву мовозинат ва таносуби қувваҳо имконият медиҳад [12,с.78-81].

Дар баробари ин, дар ҳар як давлат хусусиятҳои муайяни конститутсионӣ - ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки ҳам ба низоми таҷзияи ҳокимият, ҳам ба низоми мувозинат ва боздорӣ дар маҷмуъ таъсир мерасонанд. Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар давлатҳои муосир вобаста ба шакли идоракунӣ модели мувофиқи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ки дар асоси он низоми мувозинат ва боздорӣ ташаккул меёбад, ки унсурҳои он вобаста ба режими сиёсӣ, анъанаҳои таърихию ҳуқуқӣ ва воқеияти муосир муайян метавонанд гуногун бошанд.

Минбаъд, мо ба таври мухтасар ин моделҳоро дида мебароем.

Модели «сода»-и таҷзияи ҳокимият бо назария ва амалияи парламентаризм ва дар шаклҳои гуногун он зич алоқамандӣ дорад. Ин барои давлатҳои дорои шакли идоракунии парламентӣ хос аст. Ба ин модел ҳам монархияи парламентӣ (Британияи Кабир) ва ҳам ҷумҳуриҳои парлумонӣ (Италия, Олмон) мисол шуда метавонанд. Он дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- волоияти парламент таъмин карда мешавад;
- ҳукумат бо тартиби парлумонӣ ташкил ёфта, дар назди парламент масъулияти сиёсӣ дорад;
- вазифаи сарвазирро роҳбари ҳизбе, ки дар парламент аксарияти ҷойҳоро ишғол кардаанд, ба уҳда мегирад;
- ихтилофоти конститутсионие, ки байни ҳукумат ва парламент ба вуҷуд меоянд, дар якҷоягӣ ҳал карда мешаванд: ҳукумат метавонад аз ҳуқуқи пароканда кардани парламент истифода барад, парламент бошад, ҳуқуқи ба ҳукумат изҳори нобоварӣ баён карданро дорад ва ба ин васила онро ба ҷавобгарии сиёсӣ мекашад;
- дар доираи модели сода, чун қоида, роҳбарияти ягонаи сиёсии кишвар вуҷуд дорад, зеро ҳамон ҳизб ё эътилофи ҳизбҳо ҳам парламент ва ҳам ҳукуматро назорат мекунанд.

Ин моделро таҳлил намуда, К.В. Чепрасов аз ҷумла қайд мекунад, ки ҷумҳуриҳои парламентӣ ва монархияи парлумонӣ модели хосси таҷзияи ҳокимиятро доранд. Хусусияти ин навъ дар он аст, ки бар хилофи ҷумҳуриҳои президентӣ, мустаҳкам намудани принсипи таҷзияи ҳокимият дар шакли чандири он қатъиян вуҷуд надорад [13,с.134]. Ӯ дар идома қайд мекунад, ки дар ин кишварҳое, ки модели парлумонии таҷзияи ҳокимият вуҷуд дорад - муносибати парлумон ва ҳукумат ба таври сунъӣ ва ба андозаи ниҳоят ночиз амалӣ мешавад [13,с.135].

Дар навбати худ В.В. Лузин чунин мешуморад, ки системаи «боздорӣ ва мувозинат» як ниҳоди сирф амрикоӣ нест ва модели парлумонии тақсими ҳокимият дорои системаи ягонаи мувозинат ва боздорӣ мебошад, ки идоракунии конститутсиониро кафолат медиҳад [8,с.7].

Аз ҷумлаи хусусиятҳои асосии чунин низом инҳоро қайд кардан лозим аст: президент (монарх) сарвари номиналии давлат мебошад; ҳокимияти иҷроия дар асоси аксарияти парламент ташкил карда мешавад; якҷоягии вазирони салоҳиятнок ва мандати вакилӣ иҷозат дода мешавад; парламент метавонад бо изҳори нобоварӣ ҳукуматро озод кунад; ҳукумат, дар навбати худ, ҳуқуқ дорад парламентро пеш аз мӯҳлат пароканда карда, интихоботи нав таъин намояд [15,с.135-136].

Модели «мураккаб»-и тақсими ҳокимият дар китъаи Америко васеъ паҳн шудааст. Умуман, ин модели тақсими ҳокимият дар Конститутсияи Иёлоти Муттаҳидаи Америко мустаҳкам карда шудааст. Дар баробари ин, дар Конститутсияи ИМА принсипи тақсими ҳокимият бевосита зикр нашудааст. Аммо, чунонки Л.М. Энтин, кайд мекунад: «Тамоми механизми хокимияти давлатӣ, ки Конститутсия пешбинӣ намудааст, дар маҷмуъ, таҷассуми зинда ва бевоситаи ҳамин принсипи ҳокимият мебошад» [15,с.147].

Дар ягон мамлакати шакли идоракунии парлумонӣ ва ё мамлакати дорои шакли омехтаи идоракунӣ, новобаста аз мустаҳкам гардидан дар қонуни асосӣ он мисли ИМА ба таври доимӣ ва мантиқӣ ба амал баровардa намешавад» [4,с.47].

Модели «мураккаби» тақсими ҳокимият бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда мешавад:

- мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия мустақилона ва новобаста аз ҳамдигар ташкил карда мешаванд, дар сурате ки мӯҳлати ваколати онҳо мувофиқ намеояд;

- шахси мансабдор дар як вақт метавонад танҳо як шакли ҳокимиятро пеш барад, бинобар ин манъи якҷоягии мандати вакилӣ бо вазирон ва мансаби судя муқаррар карда мешавад;

- аз ҷиҳати сиёсӣ мақомоти қонунгузор ба иҷроия таъсиррасонӣ вобаста ба қатъи фаъолияти ҳамдигар карда наметавонанд. Яъне, сардори давлат наметавонад парлумонро пароканда намояд ва баръакс, парлумон наметавонад нисбати сардори давлат изҳори нобоварӣ намояд.

Ҳамин тариқ, модели «мураккаб»-и тақсими ҳокимият ба ҷумҳуриҳои президентӣ хос аст. Аксари олимон бо таҳлили ин модели тақсими ҳокимият бар ин назаранд, ки дар бартарии асосии он устувории ҳокимияти иҷроия дида мешавад. Мӯҳлати амиқи ваколати президент дар Конститутсия муқаррар шудааст, инчунин пеш аз мӯҳлат изҳори нобоварии парлумон нисбати он имконнопазир мебошад.

Ҳамзамон, дар байни камбудиҳои ин модел, мураккабӣ ва набудани механизмҳои ҳалли бархӯрдҳои конститутсионӣ баъзан таъкид мешавад, бахусус дар давраи «идоракунии ҷудогона», ки президент ва аксарияти аъзоёни парлумон ба ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ мутааллиқанд, ки аксар маврид рақобати ошкороро ба миён меорад [12,с.91].

Хусусиятҳои асосии низоми тақсими ин навъ дар ин кишварҳо чунинанд: баробарии ҳуқуқӣ ва мустақилияти шохаҳои гуногуни ҳокимият аз ҳамдигар; усули ғайрипарлумонии интихоби президент; президент ягона роҳбари ҳокимияти иҷроия мебошад; президент ҳуқуқи ветои нисбиро дорад; мавҷуд набудани падидаи масъулияти парлумонии ҳукумат; имконнопазирии пароканда кардани парламент аз тарафи сардори давлат [14,с.134].

Модели «омехта»-и тақсими ҳокимияти давлатӣ дар асри XX ба шарофати маҷмуи унсурҳои моделҳои «сода» ва «мураккаб» пайдо шудааст. Ин модел ҷараёни назарраси режими сиёсиро бе тағйир додани асосҳои конститутсионии он пешбинӣ мекунад. Дар доираи модели омехта тақсими ҳокимият дар ду режими сиёсӣ вуҷуд дошта метавонад: президентӣ-парламентӣ ва парламентӣ-президентӣ [6,с.208]. Шаклҳои омехтаи идоракунӣ дар тағйироти мухталифи худ имкон медиҳанд, ки низоми тақсими ҳокимият барои давлат бо якҷоягии афзалиятҳои модели президентӣ ва парламентӣ бо назардошти хусусиятҳо ва анъанаҳои давлат ташкил карда шавад [14,с.135].

Мисоли хосси татбиқи модели омехтаи тақсими ҳокимият дар нимаи дуюми асри XX таҷрибаи конститутсионии фаъолияти Ҷумҳурии V-уми Фаронса мебошад, ки онро Конститутсияи соли 1958 муқаррар кардааст [9,с.7].

Хусусиятҳои муҳимтарини ин модел инҳоянд:

- сарвари давлат (президент) ва ҳукумат, ки ба он сарвазир роҳбарӣ мекунад, салоҳиятҳои мустақил ва муштарак доранд;

- тибқи Конститутсия, президент мустақилона ҳукуматро ташкил медиҳад, аммо дар амалияи сиёсӣ омили ташкили парлумон дар шакли интихоботи мажоритарӣ дар парлумон аҳаммият пайдо мекунад. Агар дар аксар маврид палатаи поёнӣ аз президент ҷонибдорӣ кунад, ҳукуматро сарвари давлат ташкил медиҳад. Агар аксарият ба ҳизби дигар тааллуқ дошта бошанд, пас президент маҷбур аст бо назардошти ин аксарияти ҳизбӣ ҳукуматро ташкил кунад ва раҳбари ҳизби аксарияти парлумониро сарвазир таъин кунад;

- президент аз ҳуқуқи пароканда кардани палатаи поёнии парламент бо дарназардошти омилҳои сиёсие, ки муқаррароти конститутсиониро дастгирӣ мекунанд, истифода мебарад;

- ҳукумат воқеан дар назди президент ва палатаи поёнии парлумон масъулияти дучанд дорад. Гузашта аз ин, дар ҳар як ҳолати мушаххас вобаста ба таносуби неруҳои сиёсӣ дар парлумон ин ё он шакли масъулият бартарӣ дошта метавонад [4,с.88].

Модели «омехта»-и таҷзияи ҳокимиятро таҳлил намуда, К.В. Чепрасов қайд мекунад, ки тамоми механизми модели омехтаи таҷзияи ҳокимият ба он нигаронида шудааст, ки кори дастгоҳи давлатӣ ҳарчи бештар самарабахш гардад, он боиси ҳамкории ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия мешавад. Чунин ҳамкорӣ бо ҳокимияти пурқуввати президентӣ, ки дорои ваколатҳои махсуси ҳамоҳангсозӣ ва ҳакамӣ мебошад, таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, бояд хусусиятҳои асосии низоми боздорӣ ва мувозинат дар ин кишварҳо таъкид карда шаванд: президент расман ба ягон шохаи ҳокимият дохил карда нашудааст, ки як навъ ҳакамӣ аз болои онҳо аст; президент дар назди парламент аз ҷиҳати сиёсӣ ҷавобгар нест, балки салоҳияти пеш аз муҳлат пароканда кардани онро дорад; президент сарвазирро таъин мекунад ва дар ташкили ҳукумат иштирок мекунад; аъзои ҳукумат наметавонанд дар як вақт аъзои мақоми олии намояндагӣ (парламент) бошанд; ҳукумат ҳам дар назди парламент ва ҳам дар назди президент масъулияти сиёӣ дорад [13,с.132].

Ин моделҳои таҷзияи ҳокимият барои аксари кишварҳои ҷаҳон маъмуланд, аммо дар кишварҳои алоҳида метавонанд тағйиротҳои гуногун дошта бошанд.

Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки дар аксари давлатҳои пасошуравӣ модели «махсус»-и таҷзияи ҳокимият ба вуҷуд омадааст, ки хусусияти хосси он тамоюли таҳкими ҳокимияти иҷроия дар маҷмуъ ва аз он ҷумла ҳокимияти президентӣ мебошад. Ба ин давлатҳо Озарбойҷон, Туркманистон, Ўзбекистон ва Тоҷикистон дохил мешаванд. Тавре як қатор коршиносон қайд мекунанд, модели бунёди принсипи таҷзияи ҳокимият дар давлатҳои зикргардида ба модели амрикоии ҷумҳурии президентӣ бо баъзе «хусусиятҳои» худ шабоҳат дорад [1,с.243-278]. Ба ин мамлакатҳо он унсурҳое хосанд, ки ваколатҳои сардори давлат ва сардори ҳукумат бо президент якҷоя карда мешаванд; президент ба таври оммавӣ (ғайрипарламентӣ) интихоб мешавад; президент ҳаққи пароканда кардани парлумон ва парлумон ба президенту ҳукумат изҳори нобоварӣ карданро надоранд [3,с.22-25].

Бояд гуфт, ки ин модели ниҳоди президентӣ дар ин кишварҳо тасодуфан ба вуҷуд наомадааст. Ин бештар ба талаботи объективии давраи гузариш ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста аст [1,с.243].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагии ҳокимияти қонунгузор тавассути Маҷлиси Олӣ, ҳокимияти иҷроияро Президент ва Ҳукумат, ҳокимияти судиро судҳо тариқи мурофиаи судии конститутсионӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ амалӣ карда мешаванд.

Модели конститутсионии таҷзияи ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои чунин хусусиятҳо мебошад: Президент бо овоздиҳии умумихалқӣ интихоб карда мешавад ва мандати худро бевосита аз интихобкунандагон мегирад; ҳамчун сарвари давлат намояндаи олии Тоҷикистон дар дохили кишвар ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад; иҷрои вазифаҳои вобаста ба таъмини иҷрои Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳо, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва якпорчагии давлат ба зиммаи ӯ гузошта шудааст; барои ин мақсадҳо ба ӯ ваколатҳо ва имтиёзҳои зарурӣ дода шудаанд.

Аммо кори Ҳукуматро танҳо Президент анҷом намедиҳад. Онро ҳамаи шохаҳои ҳокимият, ки ҳар кадоми онҳо дар доираи салоҳияти худ ва бо усулҳои ба он хос амал мекунанд, ба амал мебароранд. Парламент ҳангоми иҷрои вазифаҳои қонунгузорӣ ва қабули қонунҳо набояд ба соҳаи идоракунии давлатӣ дахолат кунад. Ба мақомотҳои маъмурӣ онҳо ба корҳои адолати судӣ дахолат кардан манъ аст.

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти модели мавҷудаи таҷзияи ҳокимият дар Тоҷикистон нақши низомсоз ба зиммаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Президент дар фаъолияти худ бо дигар шохаҳои ҳокимият яқчоя амал карда, дар фаъолияти ҳар кадоми онҳо ба ин ё он шакл иштирок мекунад.

Суоле ба миён меояд, ки иштироки Президент дар фаъолияти шохаҳои дигари Ҳукумат маҳз чӣ гуна аст? Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳамкорӣ бо парламент салоҳиятҳои хеле калон дорад. Вай интихоботи Маҷлиси намояндагон ва ҳамчунин аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро таъин мекунад, аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ истифода мебарад, метавонад лоиҳаи қонунеро, ки парлумон тасдиқ кардааст, барои муҳокимаи дубора баргардонад, қонунҳоро имзо ва интишор кунад, дар ҳарду палатаи Маҷлиси Олӣ намояндагии комилҳуқуқ дорад, дар фаъолияти қонунгузории парлумон бевосита иштирок намояд.

Ҳамин тариқ, Президент метавонад ба кори парлумон таъсири хеле фаъол дошта бошад, аммо ҳаққи иваз кардани парлумонро надорад. Президент қонун қабул карда наметавонад ва санадҳои меъёрии аз ҷониби Президент баровардашуда набояд ба Конститутсия ва қонунҳо мухолиф бошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ваколатҳои хеле васеъ дорад. Ҳукуматро мустақиман Президент ташкил мекунад ва уҳдадор нест, ки дар Маҷлиси намояндагон мувофиқат кардани қувваҳои сиёсӣ (дар симои иттиҳодияҳои вакилии намояндагӣ) аз рӯйи натиҷаҳои интихобот ба палатаи поёнӣ ба инобат гирифта шавад. Аммо Конститутсия талаботи тасдиқи фармонҳо дар бораи таъин ва озод кардани сарвазир ва вазирон аз ҷониби Маҷлиси Олиро муқаррар кардааст.

Принсипи «таҷзияи ҳокимият» асоси «дахолат накардан» мебошад, ки дар Конститутсия махсусан дар робита ба вазифаи адолати судӣ ба таври қатъӣ ифода шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки вобаста ба татбиқсозии таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мақомоти махсуси олии давлатӣ ташкил карда шудаанд, ки вазифаҳои мушаххас ва маҳдудро дар ин самт иҷро мекунанд. Салоҳияти мақомоти дахлдори давлатии онҳо, ки барои иҷрои вазифаҳои муайяни амалисозии таҷзияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд, дар Қонуни асосии давлат мустаҳкам карда мешаванд [5,с.99].

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи таҷзияи ҳокимият эътироф гардида, дар Конститутсия мустаҳкам карда шудааст.

Дар хотима бояд гуфт, ки ҳоло дар бораи ягон модели таҷзияи ҳокимият барои ҳамаи ҷумҳуриҳои президентӣ бидуни истисно сухан рондан душвор аст. Тавре ки амалия нишон медиҳад, таъсиси шакли идоракунии президентӣ аксар вақт дарҳол пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлати дахлдор сурат мегирифт. Ин шакли идоракунӣ дар мамлакатҳои Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ, Осиё ва Африқо паҳн шудааст. Рушди минбаъдаи механизми ҳамкории мақомоти давлатӣ дар давлатҳои ин минтақаҳо, асосан бо хусусиятҳои режими сиёсӣ ва сатҳи умумии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки фаровонии имконоти гуногуни татбиқи принсипи конститутсионии таҷзияи ҳокимият дар ҷумҳуриҳои президентӣ мебошад, муайян карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Ализода З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно-правовое исследование: дисс. на соиск. уч. степени д.ю.н. / Ализода З. -М., 2014.
2. Андерсон Дж. Федерализм: введение / Дж. Андерсон. -М., 2009.
3. Арутюнян А.Ш. Институт президента в постсоветских республиках: Конституция и политическая реальность (сравнительно правовой анализ) / А.Ш. Арутюнян. -Ереван: Петакан-цараютюн, 2006.
4. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан / А.М. Диноршоев. -Душанбе, 2007.

5. Достиев А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятия, внесения изменений и основные положения / А.С. Достиев. – Душанбе, 2001.
6. Кравец И.А. Формирование Российского конституционализма (проблемы теории и практики) / И.А. Кравец. - Москва- Новосибирск, 2002. -362 с.
7. Лузин В.В. Принцип разделения властей как основа конституционализма / В.В. Лузин. -Н. Новгород, 1997.
8. Лузин В.В. Полупрезидентская модель разделения властей (на примере Франции) / В.В. Лузин // Право и политика. -№1.
9. Мандрыка Н.Н. Модели разделения властей в современных демократических государствах: вопросы терминологии и классификация / Н.Н. Мандрыка // Ученые записки Крымского федерального университета имени В.И. Вернадского Юридические науки. – 2015. – Т.1(67). -№2.
10. Смольяков А.А. Принципы единства и разделения властей: теория, история, практика / А.А. Смольяков. -СПб., 2011.
11. Теория государства и права. Ч.1. Теория государства: учебник/ под ред. М.Н. Марченко. -М.: Издательство «Зерцало-М», 2011.
12. Теория государства и права: Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Юристъ, 2001.
13. Чепрасов К.В. Модели разделения властей и форма правления (конституционно-правовой аспект) / К.В. Чепрасов //Известия Алтайского государственного университета. – 2013. -№2(78). -Том 2.
14. Шевченко Д.Н. Модели реализации концепции разделения властей и их отражение в конституциях современных государств / Д.Н. Шевченко, М.С. Нагорная // Вестник совета молодых учёных и специалистов Челябинской области. - 2019. -№1(24). -Т. 1.
15. Энтин Л.М. Разделение властей: опыт современных государств /Л.М. Энтин. -М.: Юридическая литература, 1995.

## МОДЕЛҲОИ ТАҶЗИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАШКИЛИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

Принсипи амалисозии ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз асосҳои сохти конститутсионии давлат муқаррар карда шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки мақомоти давлатӣ бояд дар асоси ҳамин принсип ташкил ва муносибати мутақобилаи онҳо ба роҳ монда шаванд. Мухторият ва мустақилияти мақомот ба шохаҳои гуногуни ҳокимият ҳамкории фаъолонаи онҳоро дар иҷрои ваколат, инчунин мутобиқ будани кори онҳоро истисно намекунад. Яке аз омилҳои асосие, ки ба моделҳои мавҷудаи тақзияи ҳокимият таъсир мерасонад, шакли идоракунӣ дар давлати мушаххас мебошад. Имрӯз се модели тақзияи ҳокимиятро ҷудо мекунанд, ки ба хусусиятҳои шакли идоракунии давлатӣ алоқаманданд: якум, хосси ҷумҳурии президентӣ; дуюм, хосси ҷумҳурии парламентӣ ва монархияи парламентӣ ва сеюм, шакли омехтаи идоракунӣ. Ҳар як давлат дорои хусусиятҳои муайяни ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мебошад, ки дар маҷмуъ ҳам ба низоми тақзияи ҳокимият ва ҳам ба низоми мувозинат ва боздорӣ таъсир мерасонанд. Дар давлатҳои муосир вобаста ба шакли идоракунӣ модели мувофиқи тақзияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад, ки дар асоси он низоми умумии мувозинат ва боздорӣ ташаккул меёбад, ки унсурҳои он вобаста ба реҷаи сиёсӣ ва таърихӣ-сиёсӣ ва воқеияти имрӯза метавонанд тафовут дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** сардори давлат, принсипи тақзияи ҳокимият, шакли идоракунӣ, чандир, мураккаб, омехта, низоми мувозинат ва боздорӣ, изҳори нобоварӣ, парламент, президент, ҳукумат, суд, идоракунии давлатӣ, соҳибихтиёрӣ.

## МОДЕЛИ РАЗДЕЛЕНИЯ ВЛАСТЕЙ КАК ОСНОВА ОРГАНИЗАЦИИ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ И МИРЕ: СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

Принцип осуществления государственной власти на основе разделения на законодательную, исполнительную и судебную закреплён в Конституции Республики Таджикистан как одна из основ конституционного строя государства. Это означает, что органы государственной власти должны формироваться и взаимодействовать на основе данного принципа. Самостоятельность и независимость органов, относящихся к различным ветвям государственной власти, не исключает их активного взаимодействия при осуществлении их полномочий, а также слаженность их работы. Одним из основных факторов влияния на существующие модели разделения властей является форма правления в том или ином государстве. Сегодня чаще всего выделяют три модели разделения властей, связанные с особенностью формы правления: первая характерна для президентской республики, вторая - для парламентарной республики и парламентарной монархии, третья — для смешанной формы правления. В каждом государстве существуют определённые конституционно-правовые особенности, которые влияют как на систему разделения властей в целом, так, и на систему сдержек и противовесов, в частности. В современных государствах в зависимости от формы правления определяется соответствующая модель разделения властей, на базе которой формируется общая система сдержек и противовесов, элементы которой могут варьироваться в зависимости от политического режима, историко-правовых традиций и современных реалий.

**Ключевые слова:** глава государства, принцип разделения властей, форма государственного правления, гибкий, жесткий, смешанный, система сдержек и противовесов, вотум недоверия, парламент, президент, правительство, суд, государственное управление, суверенитет

**MODELS OF SEPARATION OF POWERS AS THE BASIS OF ORGANIZATION OF PUBLIC AUTHORITIES IN TAJIKISTAN AND THE WORLD: COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS**

The principle of exercising state power on the basis of division into legislative, executive and judicial is enshrined in the Constitution of the Republic of Tajikistan as one of the foundations of the constitutional system of the state. This means that public authorities must be formed and interact on the basis of this principle. The autonomy and independence of bodies belonging to various branches of government does not exclude their active interaction in the exercise of their powers, as well as the coherence of their work. One of the main factors influencing existing models of separation of powers is the form of government in a particular state. Today, three models of separation of powers are most often distinguished, related to the peculiarities of the form of government: the first is characteristic of a presidential republic, the second is characteristic of a parliamentary republic and parliamentary monarchy, and the third is characteristic of a mixed form of government. Each state has certain constitutional and legal features that affect both the system of separation of powers in general and the system of checks and balances in particular. In modern states, depending on the form of government, an appropriate model of separation of powers is determined, on the basis of which a general system of checks and balances is formed, the elements of which may vary depending on the political regime, historical and legal traditions and modern realities.

**Keywords:** head of state, principle of separation of powers, form of government, flexible, rigid, mixed, system of checks and balances, vote of no confidence, parliament, president, government, court, public administration, sovereignty.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Диноршоев Азиз Мусоевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dinorshoev@gmail.com**. Телефон: **(+992) 935890207**
***Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sulaymonzoda.m@gmail.com**. Телефон: **(+992) 904238888**

**Сведения об авторах:** ***Диноршоев Азиз Мусоевич*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры конституционного права. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республики Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dinorshoev@gmail.com.** Телефон: **(+992) 935890207**
***Сулаймонзода Манучехр Субхонали*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой конституционного права. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республики Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sulaymonzoda.m@gmail.com**. Телефон: **(+992) 904238888**

**Information about the authors:** ***Dinorshoev Aziz Musoevich*** – Tajik national university, doctor of law, professor of the department of constitutional law, faculty of law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. E-mail: **dinorshoev@gmail.com.** Phone**: (+992) 935890207**
***Sulaimonzoda Manuchehr Subkhonali*** – Tajik national university, associate professor, head of the department of constitutional law, faculty of law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. E-mail: **sulaymonzoda.m@gmail.com.** Phone: **(+992) 904238888**

ТДУ: 343.2/.7(575.3)

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ - ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ ТАВАССУТИ ВОСИТАҲОИ ГУНОГУНИ ТЕХНИКӢ СОДИР МЕШАВАНД

## (дар мисоли мактуби фишингӣ, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ ва кибертаъқиб)

*Давлатзода Комрон Давлат*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бояд қайд намуд, ки дар даврони муосир тарзи содир намудани ҷиноятҳо тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ мубрамияти бештар касб намудааст. Пеш аз оне, ки вобаста ба тарзи содир намудани ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд сухан ронем, бояд гуфт, ки ба ин гурӯҳи ҷиноятҳо ирсоли мактубҳои фишингӣ, кибертаъқиб ва дуздиии маълумоти шахсӣ ва дигар ҷиноятҳое, ки тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содир мешаванд, шомиланд.

Фишинг (phishing, аз калимаи fishing–мафҳуми маҷозии ифодагари моҳидорӣ – як навъи қаллобӣ дар интернет буда, ҳадафи он гирифтани маълумоти махфии корбарон (логинҳо ва рамзҳо барои кортҳои бонкӣ, аккаунтҳо) мебошад [18].

Дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ кирдори барои ҷамъият хавфноке мебошад, ки ҷинояткор ба маълумоти шахсии корбар бо мақсади дуздидани маблағҳои ӯ, ба даст овардани дигар маълумоти махфӣ ворид мегардад.

Кибертаъқиб истифодаи зӯроварӣ ё овардани фишорро (бевосита ё бавосита) дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё ҷисмонӣ (бо роҳи намоиш ё дигар истифодабарӣ аз аксҳо ё видеомаводҳо) бо мақсади тарсонидан, таҳдид, пайгирӣ намудан, таъқиб ё таҳқир кардан бо истифода аз интернет ё технологияҳои дигар, масалан, телефонҳои мобилӣ пешбинӣ мекунад [20].

Албатта, вобаста ба тарзи содир намудани ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ (дар мисоли мактубҳои фишингӣ, кибертаъқиб ва дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ) содир мешаванд дар адабиётҳои илмӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Ин масъала солҳои охир бештар мавриди таваҷҷуҳи олимони соҳа қарор мегирад. Як қатор таҳқиқот ба тарзи содир намудани ин ҷиноятҳо бахшида шудаанд. Масалан, Ю.М. Батурин, Ю.И. Ляпунов, С. Пашин, А.В. Наумов, И. Клепиский, С.И. Никулин, С.В. Бородин, Н. Шурухнов, А.Ю. Чупрова, А.Н. Попов, И.Л. Марогулова, В.П. Малков, Н. Ветров, У. Усмонов, А. Ветвиский, С.В. Фирсакое, Т. Ваулина, В.В. Крилов ва дигарон паҳлуҳои асосии ин масъаларо мухтасаран таҳқиқ намудаанд.

Р.Р. Гайфутдинов фишерҳоро ҳамчун қаллобони касбии компютерие тасниф мекунад, ки онҳо донандаи усулҳои равоншиносие ҳастанд, ки ба шуури инсон аз фосилаи дур таъсир мекунанд [1,с.245-256]. Олимони М.В. Кузнетсов ва И.В. Симдянов дар китобашон“Социальная инженерия и социальные хакеры” фишерро ҳамчун шахсе тавсиф мекунанд, ки дар муоширати телефонӣ таҷрибаи кофӣ дорад [10,с.368]. Дар ин замина ба андешаи В.В. Тулегенов метавон розӣ шуд, ки фишере, ки дорои донишҳои махсус аст ва метавонад онҳоро амалан татбиқ намояд, бештар хатарнок мебошад [14,с.94-97]. Дараҷаи омодагии ҳамлаҳои фишинги муосир дар бобати сатҳи баланди касбияти фишерон шубҳае боқӣ намегузорад. Аз ҷониби онҳо хизматрасониҳои интернетие ташкил карда мешаванд, ки барои ширкатҳое, ки таъминоти барномавиро вобаста ба навшавии онҳо назорат мекунанд, фишингро таҳлил ва танзим мекунад. Бастаҳои фишинг, ки аз ҷониби фишерҳо сохта мешаванд, қарорҳои корие мебошанд, ки таввасути онҳо саҳифаҳои зараровар кушода мешаванд ва маълумоти корбар дуздида мешавад. Мушкилии муайян намудани ҳамлаҳои фишингӣ дар он аст, ки киберҷинояткорон доимо усулҳои содир кардани ҷиноятро тағйир медиҳанд ва дараҷаи касбият ва коргузории онҳо рӯз аз рӯз вусъат пайдо мекунад. Илова бар ин, миқёси паҳншавии технологияҳои интернетӣ ва ҷалби шумораи боз ҳам бештари одамон ба зумраи истифодабарони хизматрасониҳои онлайнӣ ба киберҷинояткорон имкон медиҳад, ки доираи фаъолияти ғайриқонунии худро боз ҳам васеътар кунанд. Хусусияти муҳимми механизми татбиқи фишинг фосилавӣ будани амали ҷинояткор мебошад. Бо истифода аз усулҳои муҳандисии иҷтимоӣ, ки дар самти объекти ҷиноят баррасӣ гардид, метавон ҳатто бо ҷабрдида муносибатҳои дӯстонаро ба роҳ монд,

аммо дар ин сурат ҳама муоширaт бояд ба тариқи онлайнӣ ва бидуни робитаҳои инфиродӣ сурат гирад. Технологияи маъмултарини анҷом додани фишинг почтаи электронӣ мебошад. Он дар қабули номаи электронӣ ба суроғаи почтаи электронии корбар бо дархости пешниҳод намудани ягон маълумоти махфӣ ифода меёбад ва ирсолкунандаи ин мактуб фишере аст, ки суроғаи электронии худро бо суроғаи ягон ташкилоти қонунӣ ё манбаи интернетӣ иваз кардааст. Технологияи дигар –технологияи онлайние мебошад, ки дар сохтани нусхаи сомонаҳои машҳури интернет-мағозаҳо бо номи домейн ва намои зоҳирӣ тақрибан якхела ифода меёбад, ки дар онҳо молҳо бо нархи арзон пешниҳод карда мешаванд. Ҳангоми харидории мол аз чунин сомона, фишер маълумоти корти кредитиро ба даст оварда, фавран тамоми маблағро аз он мегирад. Бо дарназардошти афзоиши саводнокии истифодабарони захираҳои интернетӣ, ин ҷинояткорон равиши худро такмил дода, истифодаи технологияи фишинги омехтаро пеш гирифтанд, ки усулҳои фишинги почтавӣ ва онлайниро муттаҳид мекунад ва айни замон маъруфияти хеле баланд пайдо кардааст.

Унсурҳои таркибии фишинг, аз нуқтаи назари мо, ду механизми татбиқ доранд.

Якум, ба даст овардани маълумоти шахсӣ тавассути миёнарав (шахсе, ки бинобар уҳдадориҳои хизматии худ ба маълумоти шахсии дигарон дастрасӣ дорад).

Дуюм, ба даст овардани маълумоти шахсӣ бевосита аз худи соҳибаш мебошад. Фиреб омили таъсиргузор дар механизми татбиқи фишинг мебошад. Аксаран он хоҳиш ё розигии ҷабрдидаро барои баён сохтани маълумоти шахсии худ ба фишер бедор мекунад. Ҷабрдида маъмулан ба таври ихтиёрӣ бо ҷинояткор алоқа ба роҳ мемонад, ки ин баъдан ба ӯ имкон медиҳад, ки мавҷудияти қасд ё ғаразро дар амалҳои худ инкор намояд.

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи ин мавзуъ метавон хулосагирӣ намуд, ки худи фишинг бо вуҷуди он ки мафҳуми маъмул буд, ба маънои муосираш ба манфиатҳои илмии муаллифон дохил нашудааст. Аз ин рӯ, мо дар асоси таҳқиқоти мавҷуда ва инчунин хулосаҳои худ пешниҳод мекунем, ки дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 298, бо иловаи 1 бо дарназардошти иловаи зербанде таҳти унвони «Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои дигар барои истифода ба манфиати шахсӣ» пурра карда шавад, ки аломатҳои муайянкунандаи он метавонад содир кардани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё суиистифода аз мақоми хизматӣ бошад. Мо пешниҳод менамоем, ки моддаи зикршуда дар таҳрири зайл оварда шавад: Моддаи 298 иловаи 1 «Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои дигари дастрасии ғайриқонунии маълумот барои истифода ба манфиати шахсӣ» 1. Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ тавассути робитаи инфиродӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои дигари дастрасии ғайриқонунии маълумот бо мақсади истифода ба манфиати шахсӣ бо... ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор, агар боиси расонидани зарари калон гардида бошад, бо... ҷазо дода мешавад.

3. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ва ё шахсе бо суиистифода аз мақоми хизматиаш содир карда шуда бошанд, бо ... ҷазо дода мешаванд.

4. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюм ё сеюми ҳамин модда агар боиси оқибатҳои вазнин гардида бошанд ё хатари сар задани онҳоро ба миён оварда бошанд, пас бо...ҷазо дода мешаванд.

Дигар намуди ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ мебошад. Дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ дар он ҳолате рух медиҳад, ки ҷинояткор ба маълумоти шахсии корбар бо мақсади дуздидани маблағҳои ӯ, ба даст овардани дигар маълумоти махфӣ ё фавран анҷом додани қаллобии андоз ё суғуртаи тиббӣ аз номи ҷабрдида дастрасӣ пайдо мекунад. Ҷинояткорон бо истифода аз маълумоти шахсӣ метавонанд ба номи шахс телефони мобилӣ ё пайвасти хизматрасонии интернетро сабти ном кунанд, номи шуморо барои нақшаи анҷом додани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок истифода баранд ва ба номи шумо имтиёзҳои давлатӣ талаб кунанд. Дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ метавонад тавассути он рамзҳое анҷом дода шавад, ки хакерон дар натиҷаи ҳимояҳоро шикаста ворид шудан ба дастгоҳи корбар,

ё ба туфайли маълумоти шахсии аз шабакаҳои иҷтимоӣ гирифташуда ё тавассути қаллобӣ бо истифода аз мактубҳои фишингӣ ба даст меоранд.

А. Доля чунин мешуморад, ки мафҳуми «дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ» (англ. Identitytheft), ки дар аввали солҳои 2000-ум паҳн шуда, кирдори барои ҷамъият хавфнокро дар назар дошт, дар он маълумоти шахсии як нафар барои ба даст овардани фоидаи моддӣ ба таври ғайриқонунӣ истифода карда мешавад, яъне бо вуҷуди ғайриқонунӣ дар ихтиёр доштани маълумоти шахсӣ ё молиявии шахси дигар ҷинояткор маълумотҳоро ба манфиати худ истифода намуда, бар замми он, ӯ аз номи шахси дигар баромад мекунад [15,с.57-64].

Дар ин самт мафҳуми дигаре ҳаст, ки тибқи он мафҳуми дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ навъи ҷиноятест, ки дар он маълумоти молиявӣ ва ё инфиродии ягон нафар бо мақсади суиистифода аз номи ӯ ё маълумотномаи ин нафар бо мақсади анҷом додани ягон хел харид ё муомилоти ғайриқонунӣ ба даст оварда мешавад [19].

Бо вуҷуди он ки ин истилоҳ хеле васеъ паҳн шудааст ва дар ифодаи маъноии онҳо духӯрагӣ ба назар мерасад, ин гуна кирдорро ҳамчун «дуздии шахсият» ҳисобидан баҳсталаб мебошад, зеро он тарҷумаи таҳтуллафзии «identitytheft» аз забони англисӣ аст. Дар асл, ин ибора маънои дуздии аломатҳои “тасдиқкунанда”-и шахсро дорад, зеро «ШАХС» –ин хислат, эҳсосот ва таҷрибаи ҳаётӣ мебошад. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки шахси ҷиноятсодиркунанда метавонад аз номи шумо баромад кунад [16]. Ба андешаи мо, чунин мулоҳизаронихо қобили қабул мебошанд.

Воқеан, субъекти дорои ин гуна маълумоти махфӣ ва шахсӣ аз номи шахс суиистифода мекунад ё ин амал тибқи истилоҳоти дар адабиёт муқарраршуда –«дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ» сурат мегирад. Бесабаб нест, ки пас аз таҳлили мушкилоти сершумори марбут ба муайянкунии қаллобие, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ анҷом дода шудааст, А.Ю. Чупрова қайд мекунад, ки гирифтани қарз аз терминал ё маблағ аз банкомат бо истифода аз корти қалбакӣ хусусияти умумӣ доранд –дар онҳо амалҳои фиребгаронае, ки ба қаллобӣ хос аст, мушоҳида карда намешавад [17].

Далелҳои овардаи А.Ю. Чупрова лоиқи дастгирӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари ӯ, «ҳангоми ҷорӣ кардани меъёр дар бораи ҷавобгарӣ барои қаллобии қарзӣ қонунгузор идеяи анъанавии тартиби гирифтани қарзро бе дарназардошти тағйиротҳое, ки бо пайдоиши технологияҳои нави бонкӣ дар натиҷаи иттилиоотикунонӣ алоқамананд, асос ҳисобидааст».

Ба ибораи дигар, ҳангоми содир шудани дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ амали дуздӣ сурат мегирад. Аммо дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ аломатҳои қаллобӣ дорад, илова бар ин, ин навъи нави дуздӣ, бешубҳа, маҷмуи амалҳоеро дар бар мегирад, ки мақсадашон таарруз ба амнияти иттилоотӣ ва маълумоти шахсӣ мебошад. Фикру мулоҳизаҳои на танҳо ҳуқуқшиносон, балки иқтисодчиёнро низ оид ба масъалаи баррасишаванда сарфи назар набояд кард. Дар ин бобат як қатор мулоҳизаҳо ҷолиб мебошанд, ки муҳтавои онҳоро моҳиятан ба шаклҳои гуногун метавон маънидод кард. Ба таври мисол, А.С. Микаева дар мақолаи худ таҳти унвони «Мушкилоти танзими ҳуқуқӣ дар шабакаи интернет ва сабабҳои онҳо» аҳаммияти таҳлили мушкилоти асосии танзими ҳуқуқӣ дар шабакаи интернетро қайд мекунад. Муаллиф дар қатори ин мулоҳизаҳо, инчунин масъалаҳоеро боасос номбар мекунад, ки дар ин рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин масъалаҳо ҳамчун ҳуқуқи истисноӣ ба суроғаи шабакавӣ, «ҳифзи маълумоти шахсӣ, ... қаллобӣ дар шабакаи интернет; қаллобии бо интернет-мағозаҳо алоқаманд буда, сомонаҳои қалбакӣ, барномаҳои блогер, фишинг )» тавсиф карда мешаванд [12,с.67-75].

Ба андешаи мо, дар сурати миқдоран ва сифатан рушд ёфтани шабакаи ҷаҳонии интернет дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ, танзими ҳуқуқии ин самт бояд «қонунгузории устувор ва муассирро дар соҳаи муносибатҳо дар шабакаи интернет таъмин намуда тавонад». Ва баъдан ӯ дуруст қайд мекунад, ки дар қонунгузории ҷиноятии янгон давлат чунин «як заминаи меъёрию ҳуқуқии босамар амалкунанда дар самти шабакаи интернет вуҷуд надорад. Сабаби асосии ин ҳолат нопурра таҳлил ва коркард шудани масъалаҳои алоҳида дар ин самт мебошад» [12,с.67-75]. Бояд зикр намуд, ки миёни 9 масъалаи асосии шабакаи интернет масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ном бурда шуданд, ки аз ҳама

паҳншудатарин ва ҳамзамон хосси замони муосир мебошанд, яъне ҳуқуқҳои истисноӣ ба суроғаи шабакавӣ (номи доменӣ); ҳифзи маълумоти шахсӣ; қаллобӣ дар шабакаи интернет.

Намудҳои гуногуни маълумоти шахсӣ дар муҳити виртуалӣ ба ҳимоя тавассути маҳдуд сохтан ва танзим намудани дастрасӣ ба чунин маълумотҳо ниёз дорад. Норасоии ҳимояро метавон дар махзанҳои ташкилшуда ва ташкилшавандаи маълумоти корбарон бо суроғаҳо, рақамҳои телефонӣ ва дигар маълумотҳои онҳо мушоҳида намуд, ки ҳангоми мубодилаи чунин маълумотҳо тавассути интернет метавонанд барои содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ истифода шаванд.

Қаллобӣ дар интернет, ҳамчун истилоҳе, ки А.С. Микаева дар шабакаи интернет истифода мебарад, воқеан хеле гуногунпаҳлу аст ва таҳлили навъҳои он, ки муаллиф анҷом додааст ва пешниҳод кардааст, имкон дод, ки чанде аз онҳоро дар ҳалли масъалаҳои такмили қонунгузорӣ дар шабакаи интернет ба таври хосса баррасӣ намоем. Ба онҳо дохил мешаванд: а) сомонаҳои қалбакие, ки намуди зоҳирии онҳо аз сомонаҳои аслӣ фарқ намекунанд ва барои бо фиреб ба даст овардани маблағ аз қурбониёни эҳтимолӣ тавассути фиристодани спам истифода мешаванд; б) барномаҳои блогере, ки барои ба таври ғайриқонунӣ ба системаи ягон шахси дигар ворид шудан ва онро қатъсозӣ кардан имкон фароҳам оварда, пас аз ин барои онро кушодан пешниҳод карда мешаванд, ки ба манфиати гунаҳкор паёмаки пулакӣ фиристода шавад. Бо дарназардошти баъзе омилҳои муҳим ба тамоми андешаҳои А.С. Микаева розӣ наметавон шуд ва дар ин асос дуздии онлайнии шахсиятро метавон як навъи қаллобӣ ҳисобид. Дар боло қаблан зикр гардид, ки дар ин кирдор аломатҳои муайяни қаллобӣ ба чашм мерасанд, вале дар баробар ин аломатҳои ҷинояти дигари муқобили моликият – дуздӣ низ дар он мавҷуд мебошанд ва ин вазъиятро нодида гирифтан нодуруст мебошад.

Андешаи мазкур, дар маҷмуъ, як кӯшиши комилан дурусти расонидани таъсири зарурирo барои коҳиш додани рӯйдоди ҳолатҳои марбут ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар шабакаи интернет ифода мекунад, аз ҷумла кирдорҳои ба таври номуайян таснифшаванда, ки ҳамзамон аломатҳои ҳам амали қаллобӣ ва ҳам дуздии шахсият доранд ва мубориза бо онҳо хеле мубрам аст.

Дар заминаи таҳлили адешаҳои зикргардида метавон чунин таснифоти дуздии онлайнии маълумоти шахсиро пешниҳод намуд:

1.**Қаллобиҳои молиявӣ** аз рӯйи усулҳои истифодашаванда ва шакли ба даст овардани воситаҳои пулӣ фарқ мекунанд. Ҷинояткорон метавонанд манбаъҳоро бо маълумоти корбарон бо мақсади бозфурӯши минбаъда дузданд, маълумоти бадастомадаро барои омода намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ бо мақсади гирифтани қарз ва анҷом додани харид ба номи ягон шахси дигар истифода баранд. Ҳолатҳои ба таври ғайриқонунӣ дастрасӣ пайдо кардан ба саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ маълуманд, ки пас аз он аз номи ҷабрдида ба дӯстони ӯ паёмакҳо бо дархости фиристодани пул ба реквизитҳои муайян кардаи қаллобон ирсол карда мешуд.

2. «**Дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ»** бо намуди қаблӣ шабоҳат дорад: дар ин кирдор низ дар асоси маълумоти пешниҳод кардаи қаллобон ба даст овардани ҳуҷҷатҳоро метавон вохӯрд (масалан, дар ИМА дуздидани рақами суғуртаи иҷтимоӣ ба кас имкон медиҳад, ки ёрии тиббӣ гирад, ки он аз ҳисоби суғуртаи ҷабрдида пардохт карда мешавад). Сипас, ҷинояткорон аз номи шахси дигар кирдорҳои мухталифи ғайриқонунӣ содир мекунанд, ки дар натиҷа шаҳрвандони бегуноҳи итоаткори қонун метавонанд ба даъвои мурофиаи суд ё ҷарима дучор шаванд.

3. **Дуздии маълумот бо мақсади тағйир додани маълумоти шахсӣ.** Ин усул аз ҷониби муҳоҷирони ғайриқонунӣ ва он одамоне истифода мешавад, ки мехоҳанд аз қарздиҳандагон ё дигар намудҳои таъқибгарон пинҳон шаванд. Ба истифодабарони усули мазкур метавон инчунин он нафаронеро ҳамроҳ кард, ки мехоҳанд бо сабабҳои муайян номаълум бимонанд.

4. **Дуздии маълумоти тиббӣ** аз тарафи ҷинояткорон асосан барои харидани доруҳое истифода мешавад, ки танҳо бо тавсияи духтур дастрас мебошанд (масалан, доруҳое, ки дар таркибашон моддаҳои нашъадор доранд).

5. **Сохтани клонҳо.** Аксар вақт шахсони сеюм дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳои қалбакии актёрҳо, сарояндаҳо ё варзишгаронро бо мақсади аз номи машҳури онҳо ба манфиати худ истифода бурдан месозанд.

Яке аз ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд ва дар замони муосир паҳншудатарин мебошанд, кибертаъқиб мебошад. Бояд қайд намуд, ки айни замон сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии давлат ба муқовимат бо ҷиноятҳо дар соҳаи ҳифзи шахсият ва ҳаёти шахсии шаҳрвандон дар муҳити интернет нигаронида шудааст. Дар робита ба ин, дар адабиёти илмӣ ва санадҳои тафсири судӣ баҳсу мунозираҳо дар бораи мавҷуд набудани меъёрҳои дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, ки барои таъқиб дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии интернет (яъне, «кибертаъқиб») ҷавобгарӣ пешбинӣ намояд, идома доранд.

Дар солҳои охир, рушди назарраси технологияҳо, бахусус шабакаи интернет, роҳҳои дарёфт ва мубодилаи иттилоотро ба таври амиқ тағйир дод. Истифодаи интернет ҳамчун воситаи муошират аллакай ҳамчун падидаи мадание эътироф шудааст, ки раванди таҳаввулоти ҷориро инъикос мекунад [21].

Бо афзоиши дастрасӣ ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии интернет, ҳодисаҳои таъқиби одамон бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани озурдаҳолӣ, хашм ё изтироб дар байни мардум, аз ҷумла кӯдакону наврасон бештар ба қайд гирифта мешавад. Шакли дигари таҳдиди киберӣ, кибертаъқиб (киберсталкинг) (аз англисии ciber - кибер ва stalking - таъқиб) мебошад. Кибертаъқиб (киберсталкинг) истифода намудани интернет барои таъқиби шахси дигар ва ё гурӯҳи одамон мебошад. Он метавонад дар шакли гунаҳкоркунӣ, таъқиб, туҳмат сурат гирад. Ба кибертаъқиб (киберсталкинг), инчунин ҷамъоварии маълумот дар бораи шахсро, ки бо мақсади таҳдид кардан ва ё таҳдиди ифшои тафсилоти бадномкунанда истифода бурда мешавад, дохил мекунанд. Падидаи кибертаъқиб (аз англ. cyber – “кибер” ва stalking – таъқиб ё пайгирии пинҳонӣ) чанд сол боз предмети таҳқиқоте мебошад, ки аз ҷониби криминологҳои хориҷӣ, аз ҷумла, мутахассисони Маркази тадқиқотии кибертаъқиби Амрико (The Cyberbullying Research Center) гузаронида мешаванд.

Кибертаъқиб истифодаи зӯроварӣ ё овардани фишорро (бевосита ё бавосита) дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё ҷисмонӣ (бо роҳи намоиш ё дигар истифодабарӣ аз аксҳо ё видеомаводҳо) бо мақсади тарсонидан, таҳдид, пайгирӣ намудан, таъқиб ё таҳқир кардан бо истифода аз интернет ё технологияҳои дигар, масалан, телефонҳои мобилӣ пешбинӣ мекунад [20].

Таъқибҳое, ки метавонанд ҳамчун кибербтаъқиб эътироф шаванд, одатан бо истифодаи шаклҳои гуногуни зӯроварии равонӣ алоқаманд мебошанд: таҳдиди қатл, таҳдиди амалҳои зӯроварӣ нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, таҳдиди нобуд кардани молу мулки хешовандон ва наздикони ӯ, таҳдиди паҳн кардани маълумот, маводҳои аудиӣ ва видеӣ ё дигар маълумоти беобрӯкунанда, ки ҷабрдида ифшо шудани онҳоро намехоҳад, таҳдид, найранг, туҳмат, таҳқир ва ғайраҳо. Чунин таҳдидҳо бо ирсоли паёмҳои таҳқиромез ба ҷабрдида тавассути почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои паёмрасон) ироа карда мешаванд. Кибертаъқибро метавонад дуздии маълумоти шахсии ҷабрдида ё вайрон кардани таҷҳизоти ӯ барои пайвастшавӣ ба шабакаи интернет ҳамроҳӣ намояд.

Аз мазмуни мафҳуми кибертаъқиб чунин бармеояд, ки он дар навбати худ, таъқиби ягон шахс тавассути шабакаи интернет ва дигар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва дастгоҳҳои электронӣ мебошад. Кибертаъқиб аз ҷамъоварии маълумот дар бораи ҷабрдида бо истифода аз системаҳои ҷустуҷӯӣ, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба шахсияти ҷабрдида ба тариқи манфӣ ва таҳқири ҷабрдида бо роҳи интишори маълумот дар бораи ӯ дар интернет тавассути чатҳо, форумҳо, блогҳо, мессенҷерҳои иҷтимоӣ (барномаҳои паёмрасони дастраси омма) ва шабакаҳои иҷтимоӣ иборат аст. Ҳама шаклҳои таъқиб таҳдидҳоро дар бар мегиранд. Кибертаъқиб метавонад ба он оварда расонад, ки киберозордиҳанда - шахсе, ки таъқибкуниро анҷом медиҳад, барои амният ва некуаҳволии ҷабрдида ҳамчун хатари воқеӣ таҳдид намояд.

Хусусан, бо ин истилоҳ метавон кӯшишҳои калонсолонро барои алоқа пайдо намудан бо кӯдакон ва наврасон тавассути шабакаи интернет [3,с.101-104] бо мақсади ташкили мулоқоти шахсӣ ва амалҳои минбаъдаи марбут ба амалҳои шаҳвонӣ ё расонидан ба худкушӣ ифода намуд [7,с.38-41]. Ин шакли кибертаъқиб ниҳоят хатарнок буда, метавонад оқибатҳои вазнинтарин дошта бошад, аз ин рӯ, ҳангоми ошкор шудани чунин далелҳо бояд барои пешгирии онҳо тамоми чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Сарфи назар аз он ки мафҳумҳои таъқиб ва кибертаъқиб зоҳиран хусусиятҳои умумӣ доранд, дар асл онҳо ҳаммаъно нестанд, аз ин рӯ онҳоро бояд дуруст мавриди истифода қарор дод. Муаллифон бар ин ақидаанд, ки кибертаъқиб як шакли нави рафтори девиантист, бинобар ин бояд онро аз таъқиби офлайнӣ (берун аз интернет) фарқ намуд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки фарқияти асосӣ ангезаҳои гуногунро фарогир будани кибертаъқиб аст. Илова бар ин, таъқиби корпоративӣ зиёд шудааст, яъне вақте ки ягон шахс, гурӯҳ ё созмон, дигар шахс, гурӯҳ ё созмонро таъқиб мекунад. Дар ин маврид ангезаҳои таъқиб манфиати сиёсӣ ё моддӣ ва рақобати ноодилона мебошад. Масалан, мухолифатҳои байни ширкатҳои гуногуни рақобаткунанда метавонад бо истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ ворид шудан ба компютерҳо, манбаи маълумотҳо ё почтаи электронии рақиб бо баъдан паҳн кардани он маълумотҳои ғайриқонунӣ бадастомада тавассути васоити ахбори омма алоқаманд бошад. Аз ҳолатҳои сабтшудаи истифодаи кибертаъқиб ҳолате нест, ки дар он таъқибгар ҷабрдидаро ҳадди ақал дар акс, дар телевизион ё шахсан надида бошад. Кибертаъқибгарҳои муосир танҳо бо як минтақаи хурди ҷуғрофӣ маҳдуд нестанд ва метавонанд ҷабрдидаҳоро дар кишварҳои хориҷа чунон ба осонӣ пайгирӣ намоянд, ки гӯё ҷабрдида бо онҳо дар як шаҳр зиндагӣ мекарда бошад. Технологияҳои навтарини иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба кибертаъқибгар имкон медиҳад, ки на танҳо шахси дигарро таъқиб ё таҳдид намояд, балки ба ин гуна амалҳо шахси сеюмро, ки боре ҳам бо ӯ ҳеҷ гуна муносибате надоштааст, ҷалб созад. Инчунин, бисёре аз технологияҳое, ки айни замон кибертаъқибгарҳо истифода мебаранд, пештар дастнорас буданд. Масалан, дуздии шахсият аз номи шахси дигар барои анҷом додани фаъолиятҳои гуногун баромад намуданро пешбинӣ мекунад, мисол, ба тариқи қаллобӣ хариди онлайнӣ анҷом додан. Аммо дар оғози ҳазораи нав дар Тоҷикистон чунин амалҳо ғайриимкон буданд, зеро дар он даврон қариб ягон мағозаи интернетӣ аз ин технология истифода намекард.

Мавриди таъқиб қарор гирифтани шоҳидони ҷиноят ва аъзои хонаводаи онҳо дар шабакаи интернет хеле нигаронкунанда мебошад [9,с.19-23]. Ин махсусан ба шоҳидон дар мурофиаҳои ҷиноятӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятҳои муташаккил дахл дорад [14,с.78-84]. Чи гунае таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, таъмини бехатарии шахсоне, ки ба барномаи ҳимояи шоҳидон дохил карда шудаанд, рӯз то рӯз ба масъалаи мубрам табдил меёбад [6,с.76-94].

П.Н. Кобетс ва К.А. Краснова таҳти мафҳуми кибертаъқиб шакли махсус ва нави рафтори девиантиро мефаҳманд, ки ба таъқиби офлайнӣ шабеҳ нест ва таъқиби ягон шахсро бо истифода аз интернет ва дигар дастгоҳҳои электронӣ дар назар дорад [5,с.77-83].

Аз мазмуни ин мафҳум бармеояд, ки бояд хатари барои ҷамъият хавфнокии ин амал ба таври ҷиддӣ ба назар гирифта шавад, чунки кибертаъқиб як шакли зӯроварӣ ва мудохила ба ҳаёти шахсӣ мебошад, ки аз ҷониби шахси дигар бо роҳи таҳдид ва таъқиб анҷом дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар як қатор мамлакатҳо [13] барои содир намудани кибертаъқиб, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида, дар фасли ҷиноятҳо муқобили шахсият муқаррар шудааст. Солҳои охир ин падида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳои фаврӣ (мессенҷерҳо) дар шакли паёмакҳо аз номи корбарони номаълум ё доимӣ паҳн гардидааст. Барои Тоҷикистони муосир ин мавзуъ на танҳо муҳиммияти худро дар ҷомеа пайдо кардааст, балки мавқеъ ва аҳаммияти хоссаро касб намудааст. Дар баробари афзоиши миқдории таҷовуз бо роҳи кибертаъқиб сифатан ташаккул ёфтани ин кирдори барои ҷамъият хавфнок ба неъматҳои моддӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, тибқи гузориши Маркази матбуоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 10 майи соли 2023 нашр шуд, шаҳрванд «А», соли таваллудаш 1990, дар шабакаи иҷтимоии

«Одноклассники» бо номи занонаи «М» саҳифа боз карда, бо ҷавонони ҷинсашон мард шиносӣ барқарор мекунад ва дар пайи ба даст овардани аксҳо ва дигар маълумоти маҳрамонона дар бораи ҳаёти шахсии онҳо ба ин кирдори барои ҷамъият хавфнок даст мезанад. Аксари ҷабрдидагони таъқибҳои «М» шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар Русия будаанд, маҳсуб меёфтанд. Худи шаҳрванд «А», дар гузориши нашршуда кирдори содиркардаашро чунин нақл кард: Дар шабакаи иҷтимоии «Одноклассники» ба номи занонаи «М» саҳифа дорам. Бо роҳи фиреб худро духтар гирифта, аз мардуме, ки дар хориҷи кишвар қарор доранду ба ман менавиштанд, маблағ талаб мекардам. Онҳое, ки маблағ намедоданд, ба номашон дар «Одноклассники» саҳифа мекушодам ва «Я голубой» менавиштам аз номашон. Баъд ба онҳо занг мезадаму мегуфтам, ки 500 рубл, 1000, ё 2 000 рубл ба корти электронии ман гузаронед, ман ин саҳифаи ба номи шумо кушодаро пок мекунам [2,с.144-150]. Яъне таъқиби мазкур дар намуди таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда), ки шаҳрванд мехоҳад онро пинҳон дорад, содир гардидааст.

Аз таҳлили адабиётҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ метавон чунин хулосабарорӣ кард:

1.Тарзи содир намудани ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (дар мисоли мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ) аз ҳаракати барои ҷамъият хавфнок тавсиф карда мешавад. Ҳаракати барои ҷамъият хавфнок шакли фаъоли дарккардашудаю иродавии рафтори ҷиноятиест, ки намудҳои гуногуни фаъолияти зиддиқонуниро дар бар мегирад.

2. Тарзи содир намудани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро, истифодаи шабакаи интернет ва ворид шудан ба системаи компютерии бонк тавассути таъсирпазирии компютерӣ ва азхудкунии рамзҳо ташкил менамояд.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Назаров А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Гайфутдинов Р.Р. К вопросу о типологии личности компьютерных преступников с учетом характера и мотивации их криминальной деятельности / Р.Р. Гайфутдинов // Вопросы российского и международного права. - 2017. -Т.7. -№4А. -С.245-256.
2. Давлатзода К.Д. Тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он// Қонунгузорӣ / Давлатзода К.Д. -Душанбе, 2023. -№3(51). -С.144-150.
3. Жестеров П.В. Криминологические меры предупреждения преступлений против несовершеннолетних: проблемы реализации в России / П.В. Жестеров // Вестн. С.-Петерб. юрид. акад. - 2017. -№1(34). -С.101-104.
4. Ивлиева Н.В. Проблемы, возникающие при отмене мер безопасности, применяемых в отношении защищаемых лиц / Н.В. Ивлиева, К.А. Краснова, Е.С. Николаева // Научный портал МВД России. - 2015. -№3(31). -С.57-62.
5. Кобец П.Н. Об общественной опасности киберсталкинга и необходимости его предупреждения / П.Н. Кобец, К.А. Краснова // Вестник Восточно Сибирского института МВД России. - 2018. -№3(86). -С.77-83.
6. Кобец П.Н., Краснова К.А. Проблемы возмещения вреда потерпевшему на стадии предварительного расследования / П.Н. Кобец, К.А. Краснова // Адвокатская практика. - 2009. -№6. -С.76-94.
7. Краснова К.А. Правовые и организационные основы предупреждения преступлений против участников уголовного судопроизводства органами внутренних дел /К.А. Краснова//Рос.следователь. -2015. -№22. -С.38-41.
8. Краснова К.А. Противодействие кибербуллициду как средство предупреждения суицидов несовершеннолетних / К.А. Краснова, Д.И. Ережипалиев // Юристъ-Правоведъ. - 2017. -№3(82). -С.78-84.
9. Краснова К.А. Психологическое воздействие и его значение в оперативно-розыскной деятельности по делам об организованной преступности / К.А. Краснова, П.В. Агапов // Юрид. психология. - 2014. -С.19-23.
10. Кузнецов М.В. Социальная инженерия и социальные хакеры / М.В. Кузнецов, И.В. Симдянов. -СПб.: БХВ-Петербург, 2007. -368 с.
11. Лозовицкая Г.П. Состояние обеспечения применения мер государственной защиты в отношении потерпевших, свидетелей и иных участников уголовного судопроизводства / Г.П. Лозовицкая, К.А. Краснова, Н.Н. Дьяченко // Пробелы в росы. законодательстве. - 2010. -№4. -С.192-194.
12. Микаева А.С. Проблемы правового регулирования в сети Интернет и их причины / А.С. Микаева // Актуальные проблемы российского права. – 2016. -№9(70). -С.67-75.
13. Такими странами являются США (запретительный приказ, приказ о не досаждении), Норвегия, Индия.
14. Тулегенов В.В. Киберпреступность как форма выражения криминального профессионализма / В.В. Тулегенов // Криминология вчера, сегодня, завтра. - 2014. -№2(33). -С.94-97.
15. Унучек Р.С. Мобильные угрозы - 2013 / Р.С. Унучек, В.В. Чебышев // Вопросы кибербезопасности. – 2014. -№3. -С.57-64.
16. Что такое кража личности. [Электронный ресурс]. URL: http://www.dal.by/ news/149/07-11-16-3/

17. Чупрова А.Ю. Проблемы квалификации мошенничества с использованием информационных технологий / Уголовное право. – 2015. – №5 / из информационного банка «Юридическая пресса». [Электронный ресурс]. URL: http://www.consultant. ru/cons/cgi/online.cgi? req=doc&base=CJI&n=94058#0 / (дата обращения 2.10.2017).
18. [Манбаи электронӣ]. URL: https://rb.ru/story/what-is-fishing/ (санаи муроҷиат: 17.06.2023).
19. [Электронный ресурс]. URL: http://allfi.biz/glossary/eng/I/identitytheft.php / (дата обращения 1.10.2017).
20. 10 форм кибербуллинга. [Электронный ресурс]. UEL: http://stopugroza.ru/life. (дата обращения: 19.08.2020).
21. Totaro S., Toffo E. &Scocco P. (2016). Suicide prevention and the Internet, risks and opportunities: a narrative review. SuicidologyOnline, 7, 40-50. (InEnglish).

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ - ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ ТАВАССУТИ ВОСИТАҲОИ ГУНОГУНИ ТЕХНИКӢ СОДИР МЕШАВАНД

**(дар мисоли мактуби фишингӣ, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ ва кибертаъқиб)**

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрам, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ (дар мисоли мактуби фишингӣ, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ ва кибертаъқиб) содир мекунад, бахшида шудааст. Муаллиф мафҳум, моҳият ва тарзи содиршавии ҷиноятҳоеро, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мегарданд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Тарзи содир намудани ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (дар мисоли, мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ) ҳамчун ҳаракати барои ҷамъият хавфнок тавсиф карда мешавад. Ҳаракати барои ҷамъият хавфнок шакли фаъоли дарккардашудаю иродавии рафтори ҷиноятиест, ки намудҳои гуногуни фаъолияти зиддиқонуниро дар бар мегирад. Тарзи содир намудани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро, истифодаи шабакаи интернет ва ворид шудан ба системаи компютерии бонк тавассути таъсирпазирии компютерӣ ва азхудкунии рамзҳо ташкил менамояд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи ҷиноятӣ, воситаҳои гуногуни техникӣ, тарзи содир намудани ҷиноят, мактуби фишингӣ, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ, кибертаъқиб, сомонаҳои қалбакӣ, интернет.

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ПРЕСТУПЛЕНИЙ СОВЕРШАЕМЫХ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ УСТРОЙСТВ ДЛЯ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ПРЕСТУПНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**(фишинговые письма, кибер-сталкинг, кража онлайн-личности)**

Данная статья посвящена одному из актуальных и дискуссионных вопросов сравнительного правового анализа преступлений, с использованием устройств для осуществления преступной деятельности (фишинговые письма, кибер-сталкинг, кража онлайн-личности). Автор в данной статье старается раскрыть понятие, сущность и способ совершения преступлений с использованием устройств для осуществления преступной деятельности. Способ совершения преступлений с использованием устройств для осуществления преступной деятельности (например, фишинговые письма, кибер-сталкинг, кража онлайн-личности), характеризуется опасностью для общественности. Общественно опасное движение-это воспринимаемая и волевая активная форма преступного поведения, которая включает в себя различные виды антикоррупционной деятельности. Способ совершения этих общественно опасных деяний, использование Интернет-сети и вход в компьютерную систему банка организуется посредством компьютерного влияния и присвоения кодов.

**Ключевые слова:** уголовное право, использующие устройства для осуществления преступной деятельности, способ совершения преступления, фишинговые письма, кибер-сталкинг, кража онлайн-личности, мошеннические сайты, интернет

## COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF CRIMES COMMITTED USING DEVICES TO CARRY OUT CRIMINAL ACTIVITIES

**(phishing emails, cyberstalking, online identity theft)**

This article is devoted to one of the topical and debatable issues of comparative legal analysis of crimes using devices to carry out criminal activities (phishing emails, cyber stalking, online identity theft). In this article, the author tries to reveal the concept, essence and method of committing a crime using devices to carry out criminal activities. The method of committing a crime using devices to carry out criminal activities (for example, phishing emails, cyber stalking, online identity theft) is characterized by danger to the public. A socially dangerous movement is a perceived and strong-willed active form of criminal behavior that includes various types of anti-corruption activities. The method of committing these socially dangerous acts, using the Internet network and logging into the bank's computer system is organized through computer influence and assignment of codes.

**Keywords**: criminal law, using devices to carry out criminal activities, method of committing a crime, phishing emails, cyber stalking, online identity theft, fraudulent websites, the Internet

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Davlatzoda Komron Davlat*** – Tajik National University, candidate of legal sciences. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 343.2(575.3)

# СОДИР КАРДАНИ РОҲЗАНӢ БО ИСТИФОДАИ СИЛОҲ, ЛАВОЗИМОТИ ҶАНГӢ Ё МОДДАҲОИ ТАРКАНДА

*Миралиев Н.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда содир кардани роҳзанӣ ба сифати аломати вазнинкунанда дар банди "в", қ.4 м.249 КҶ ҶТ муқаррар шудааст.

Мафҳуми силоҳ дар ҷинояти роҳзанӣ бо ягон хусусияти махсуси худ фарқ намекунад. Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ" аз 25 июни соли 2004, №3 "Дар мавриди бо б "в" қ.4 м.249 КҶ ҶТ бандубаст кардани кирдорҳои гунаҳгор, ба судҳо лозим аст дар асоси хулосаи экспертиза муайян намоянд, ки оё олоти ҳангоми ҳуҷум истифодашуда силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда мебошад. Дар ҳолатҳои ҷой доштани асосҳо, ҳаракатҳои чунин шахс бояд ба таври иловагӣ бо м.195 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад" [8,с.83].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи силоҳ" аз 19 марти 2013, №939 [6] "***силоҳ*** - васила ва ашёе, ки амалан барои зарба задан ба ҳадафи зинда ва ё нишони дигар, додани ишораҳо (сигналҳо) таъин шудаанд", муайян шудааст.

Силоҳ метавонад, силоҳи оташфишон, силоҳи шикории оташфишони муштарак, ҳаводиҳанда, ишоракунанда, силоҳи пневматикӣ, газӣ, силоҳи сард бошад.

***Силоҳи оташфишон*** - силоҳе, ки барои бо гулӯлаи аз ҳисоби кулоҳаки (заряди) борут ё кулоҳаки дигар ҳаракати самтнокгирифта ба тарзи механикӣ аз масофа ба ҳадаф зарба задан таъин шудааст.

**Мафҳуми силоҳи** оташфишон ҳамаи намудҳои силоҳи ҷангӣ, хизматӣ ва ғайринизомӣ, аз он ҷумла худсозРО, ки барои аз масофа бо снаряд ба ҳадаф расонидан таъин шудаасту аз ҳисоби қувваи заряди борут ва ё заряди дигар ҳаракати самтнок гирифтааст, дар бар мегирад. Ба ин гурӯҳ милтиқҳо, карабинҳо, таппончаҳо ва револверҳо, автомат ва пулемётҳо, миномётҳо, гранатамётҳо, тӯпҳо ва дигар яроқҳои оташфишон, новобаста аз қутрашон, дохил мешаванд.

**Таҳти мафҳуми силоҳи сард** бояд силоҳи бо тарзи саноатӣ ё худсоз сохташудае, ки:

- барои зарба задан ба ҳадаф бо ёрии қувваи мушакҳои инсон ҳангоми бархӯрди бевосита бА объекти зарбазанӣ таъин шудаасту аз силоҳи сарди теғдор (ханҷар; кордҳои ҷангӣ, шикорие, ки силоҳ ҳисобида мешаванд; найза-кордҳо; шофҳо; шамшерҳо ва ғайра), дигар силоҳҳои буранда, халанда поракунанда ё таъсирҳои гуногундошта (найзаҳо, табарҳои ҷангӣ ва ғайра), ҳамчунин силоҳи таъсири бо зарба-поракунанда дошта (кастетҳо, нунчакҳо, кистенҳо ва ғайра) иборат аст;
- ҳаводиҳанда буда, ки барои бо гулӯлаи аз ҳисоби мушакаҳои инсон (кордҳо ва табарҳои ҳаводиҳанда, найзаҳо ва ғайра) ё василаи ҳаракати самтнокгирифта аз масофа ба ҳадаф зарба задан, таъин шудааст (камонғӯлакҳо ва ғайра), фаҳмида мешавад (б.5 . Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)" аз 23 ноябри соли 2012, №38) [8,с.208].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе олимон мафҳуми силоҳро ҳангоми роҳзанӣ ба таври маҳдуд маънидод намуда, силоҳи газӣ ва силоҳи шикории суфтамилро ба дигар предметҳои ҳамчун силоҳ истифода шаванда дохил мекунанд [12,с.551]. Мафҳуми силоҳро В.Д. Иванов боз ҳам маҳдудтар маънидод карда, ба он дар роҳзанӣ танҳо силоҳи оташфишон ва сардро дохил кардааст [4,с.122]. Албатта, ин ба муқаррароти Қонун "Дар бораи силоҳ" мувофиқат намекунад.

Г.Л. Кригер дар роҳзанӣ ба силоҳ силоҳи ишоракунандаро низ дохил намуд [5,с.358]. Чунин андеша аз ҷониби В.В. Малсев [9,с.49], З.А. Незнамовар [13,с.306; 14,с.266] низ баён

шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки чунин андешаҳо асоснок нестанд, зеро бо дарназардошти моҳияти таркиби роҳзанӣ ҳамчун таҷовузи зӯровариии ғаразнок ба моликият, на танҳо эътирофи ин ё он предмет ба сифати силоҳ, балки таъиноти мақсадноки он - зарба задан ба ҳадафи зинда муҳим аст. Силоҳи ишоракунанда бошад, силоҳе, ки амалан барои додани ишораҳои (сигналҳои) чароғӣ, дудӣ ё овозӣ таъин шудааст (м.1 Қонун “Дар бораи силоҳ”).

Б.В. Волженкин, ба ғайр аз намудҳои дар боло номбаршуда, инчунин силоҳеро номбар кард, ки "таъсири зараррасони он ба истифодаи энергияи барқ, радиатсияи радиоактивӣ ва омилҳои биологӣ асос ёфтааст" [10,с.409]. Азбаски чунин предметҳо ҳамчун силоҳ дар Қонуни ҶТ "Дар бораи силоҳ" пешбинӣ нашудаанд, бинобар ин, ба андешаи мо, чунин предметҳоро ба сифати силоҳ ҳамчун асоси татбиқ намудани б “в” қ.4 м.249 КҶ ҶТ ба инобат гирифтан мумкин нест.

Махсусан дар мавриди таркиби роҳзанӣ бояд ба мафҳуми силоҳи газӣ диққат дод. На ҳамаи он дар амалия ҳамчун силоҳ эътироф карда мешавад, ки ба аломати вазнинкунандаи м.249 КҶ ҶТ дохил мешавад; ин аз хосиятҳои газе, ки бо он силоҳи газӣ муҷаҳҳаз карда шудааст, вобаста аст. Азбаски роҳзанӣ дар асл, истифодаи зӯроварӣ ба ҳаёт ё саломатиро дар бар мегирад, газ бояд ба талаботи номбаршуда ҷавобгӯ бошад.

Силоҳ бояд на танҳо ба ҳамаи аломатҳои силоҳ, ки дар Қонуни дар боло зикршуда пешбинӣ гардидааст, ҷавобгӯ бошад, балки мувофиқи таъиноти бевоситаи он барои истифода, ки ба одамон ё мақсадҳои дигар зарар расонида метавонад, мувофиқ бошад.

Аз ин рӯ, ба аломатҳои силоҳ дохил намешаванд:

1) силоҳи номувофиқ, яъне силоҳе, ки аломатҳои силоҳро бо ягон сабаб аз даст додааст (шикаста, осеб дидааст ва ғайра);

2) макети силоҳ;

3) силоҳи бозича, ки зоҳиран ба силоҳи ҳақиқӣ монандӣ дорад;

5) силоҳи бетир.

Дар айни замон, бояд қайд кард, ки ҳар яке аз предметҳои номбаршуда метавонанд, ба сифати силоҳ барои зарба задан ба ҷабрдида истифода шаванд. Аммо дар б “в” қ.4 м.249 КҶ ҶТ қонунгузор аломати бо истифода аз предметҳои ба сифати силоҳ истифодашавандаро муқаррар накардааст, бинобар ин вобаста ба ҳолатҳои кор чунин ҳаракатҳо танҳо аз рӯйи қ.1 м.249 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Бо вуҷуди он ки силоҳи номувофиқ (ё бетир ва ғайра аз номгӯйи дар боло овардашуда) аз хосиятҳои хавфнокии силоҳи воқеӣ маҳрум аст, набояд аз ҷониби ҷабрида дарк шудани чунин предметро ба сифати силоҳ, ки одатан нуқсони онро дарк намекунанд, ба назар нагирем. Зеро ҷабрдида бо асосҳои кофӣ чунин таҳдидро ҳамчун таҳдиди истифодаи зуроварӣ ба ҳаёт ё саломатӣ қабул мекунад.

Бинобар ин, агар шахс дидаву дониста бо силоҳи корношоям ё заряддоркарданашуда ё силоҳи сунъӣ, масалан, бо макети таппонча, ханчарбозича ва ғайра таҳдид карда бошад, ҳаракатҳои вай бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси кор, бояд чун роҳзанӣ дар асоси қ.1 м.249 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад (б 25 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ” аз 25 июни соли 2004, №3) [8,с.41-42].

Силоҳ, инчунин предметҳои ба сифати силоҳ истифодашаванда, бояд истифода карда шаванд, яъне онҳо бояд ба ҳаёт ё саломатии одамон зарар расонанд ё онҳо бояд барои расонидани чунин зарар истифода шаванд. Танҳо силоҳро намоиш додан барои татбиқ шудани б “в” қ.4 м.249 КҶ ҶТ асос шуда наметавонад.

Намоиши силоҳ таҳдиди муайяни зӯроварӣ ба ҳаёт ё саломатӣ мебошад. Он аз истифодаи силоҳ фарқ мекунад, ҳамон тавре ки таҳдиди зӯроварӣ аз истифодаи зӯроварӣ фарқ мекунад [3,с.86].

Таҳдиди зӯровариии хавфнок аломати ҳатмии алтернативии (ба зӯроварӣ) қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ, яъне, яке аз ду тарзҳои эҳтимолии ҳуҷум (тарзи содиршавии кирдор) ба ҳисоб меравад. Татбиқи таҳдид ба истифодаи воқеии силоҳ, бешубҳа, дар муқоиса бо роҳзании одӣ ва ҳатто зӯроварӣ ифодагари роҳзании хавфноктар аст, зеро истифодаи силоҳ ҳаракатҳои гунаҳгорро барои расонидани зарари ҷисмонӣ ба ҷабрдида ба таври назаррас баланд мебардорад. Аз ин рӯ, бо таҷрибаи судӣ оид ба бандубасти намоиши силоҳ розӣ

шудан мумкин аст. Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои дигар низ баён шудаанд. Масалан, Г.Н. Борзенков [11,с.201] байни истифодаи силоҳ ва намоиши он аломати баробарӣ мегузорад. А.И. Рарог [15,с.168] ба мафҳуми истифодаи силоҳ ва дигар предметҳо ҳам истифодаи воқеии онҳоро барои расонидани зарар ба саломатӣ ва ҳам намоиши онҳоро бо таҳдиди истифодаи фаврӣ дар ҷараёни ҳуҷум дохил менамояд. З.А. Незнамова [14,с.267] истифодаи силоҳро, аз ҷумла тавассути истифодаи предметҳо барои зӯроварии руҳӣ (намоиш додани силоҳ) маънидод месозад.

П.С. Яни қатъиян изҳор медорад, ки ҳар гуна нишон додани силоҳи тирдор ба гунаҳгорон дар сурати таҳдиди воқеӣ, бигзор ӯ дар асл силоҳро барои расонидани зарар истифода набарад, маънои истифодаи онро ҳангоми роҳзанӣ дорад ва дар сурати набудани дигар ҳолатҳои вазнинкунанда бояд тибқи қ.2 м.162 КҶ ФР (қ. 4 м. 249 КҶ) ҷавобгарӣ татбиқ карда шавад [18,с.34-39]. Б. В. Ятселенко дуруст қайд мекунад: барои ба ҷавобгарӣ кашидани чунин роҳзанӣ бо ҳолати вазнинкунанда танҳо як далели ошкор гардидани силоҳ дар гунаҳгор кам аст ва истифодаи ҳатмии силоҳ ҳангоми ҳуҷум (тир паррондан, захмӣ кардан бо корд ва ғайра) зарур аст [16,с.393].

Дар илм баъзан зери мафҳуми истифодаи силоҳ ё предмет истифодаи онҳо барои нобуд кардани шахс ё таҳдиди чунин истифодаи онҳо фаҳмида мешавад [7,с.29]. Масалан, В.В. Векленко ва Е. Зайсева менависанд: “... ҳаракатҳои шахсро аз рӯйи аломати "бо истифода аз силоҳ ё предмете, ки ба сифати силоҳ истифода мешавад" дар ҳолатҳои ҳам истифодаи бевосита ё кӯшиши истифодаи онҳо барои расонидани зарари ҷисмонӣ ва ҳам таҳдиди истифодаи онҳо, вақте ки ин таҳдид воқеан аз ҷониби ҷабрдида қабул карда мешавад, бандубаст кардан лозим аст. Дар ин ҳолат, силоҳ ё предмете, ки ба сифати силоҳ истифода мешавад, бояд барои зарар расонидан аз рӯйи хусусиятҳои худ ба таври объективӣ мувофиқ бошанд” [2,с.29].

Аммо, таҳдиди истифодаи силоҳ - ин таҳдиди зӯроварӣ ба ҳаёт ё саломатӣ аст, на ин ки истифодаи силоҳ. Таҳдиди истифодаи зӯроварии хавфнок дар қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ғайр аз ин, агар ба фаҳмиши истифодаи силоҳ, инчунин таҳдиди истифодаи он дохил карда шавад (ҳатто истифода ва таҳдиди истифода нишон медиҳад, ки ин нодуруст аст, гарчанде ки он, масалан, аз ҷониби В.В. Векленко ва Е. Зайсева, ки истифодаи силоҳро тавассути истифода ва таҳдиди истифода ошкор мекунад), ҷудо намудани чунин таҳдид аз намоиши силоҳ ғайриимкон мегардад.

Дар асл, инро тарафдорони фаҳмиши васеи истифодаи силоҳ ё предмете, ки ба сифати он истифода мешаванд, эътироф мекунанд: "таҳдиди истифодаи силоҳ намоиши одии он нест, гарчанде ки гузоштани сарҳад байни намоиши одӣ ва таҳдид душвор аст" [17,с.574].

Таҳлили мафҳуми "истифодаи силоҳ"-ро ба анҷом расонида, ба назар чунин мерасад, ки тафсири дурусти ин аломат, ки Г.М. Байзакова додааст, мувофиқтар ба назар мерасад: "Таҳти истифодаи силоҳ бояд истифодаи қасдонаи хосиятҳои зарба задани он ба ҳадафи зинда фаҳмидан лозим аст, вақте ки силоҳ ба ҳаёт ё саломатӣ зарар мерасонад ё кӯшиши чунин зарар расонидан сурат мегирад. Намоиши силоҳро бояд ҳамчун таҳдид арзёбӣ кард, ки ҳамчун аломати ҳатмии таркиби асосии ҷинояти зӯроварӣ, аммо на таркиби вазнинкунандаи он пешбинӣ шудааст” [1,с.9].

Аломати вазнинкунандаи дар б “ в” қ.4 м.249 КҶ ҶТ муқаррашуда, инчунин, истифодаи лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои таркандаро пешбинӣ месозад. Ба мафҳуми лавозимоти ҷангӣ мутобиқи м.1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи силоҳ” аз 19 марти 2013 “таҷҳизоти аслиҳа, ки барои зарба задан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳое таъин гардидаанд, ки барои зарба задан ба он мадад мерасонанд ва дорои кулоҳаки тарканда, ҳаводиҳанда, тарфгарӣ (пиротехникӣ), зада баровардан ва ё кулоҳаки якҷояи онҳо мебошанд. Ба лавозимоти ҷангӣ патронҳои силоҳҳои оташфишон ва газӣ низ дохил мешаванд”. Ба категорияи лавозимоти ҷангӣ тири тӯп ва минаҳо, зарядҳои таркандаи ҳарбӣ-муҳандисӣ ва минаҳо, гранатаҳои зиддитанкии дастӣ ва реактивӣ, ракетаҳои ҷангӣ, бомбаҳои авиатсионӣ ва ғайраҳо, новобаста аз он ки воситаҳои тарканда доранд ё не ва барои зарба задан ба ҳадаф таъин шудаанд, ҳамчунин ҳамаи намудҳои патронҳо барои силоҳҳои оташфишони гуногун, новобаста аз қутрашон, ки дар завод сохта шудаанд ё худсоз мебошанд, ба истисноии патронҳое, ки қисмҳои ба ҳадаф зарбазаниро надошта

бошанд (снаряди-тир, картеч, сочма ва ғайра) ва барои ба ҳадаф зарба задан таъин нашуда бошанд, мансуб мебошанд (б.4 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)” аз 23 нобябри 2012, №38) [8,с.207].

**Таҳти мафҳуми моддаҳои тарканда** таркибҳои химиявӣ ё омехтагиҳои механикии моддаҳо, ки ба мубодилаи тези химиявии худпаҳншаванда-таркиш мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад. Ба инҳо мансубанд: тротил, аммонитҳо, пластитҳо, борути дуднок ва бедуд, сӯзишвории сахт барои ракета ва ғайра.

Ҳамин тавр, мафҳуми силоҳ мутобиқан ба б “в” қ.4 м.249 КҶ ҶТ истифодаи васила ва ашёе, ки амалан барои зарба задан ба ҳадафи зинда таъин шудааст дар бар мегирад.

Истифодаи силоҳ бояд истифодаи қасдонаи хосиятҳои зарба задани он ба ҳадафи зинда фаҳмида шавад, вақте ки силоҳ ба ҳаёт ё саломатӣ зарар мерасонад ё кӯшиши чунин зарар расонидан сурат мегирад. Намоиши силоҳро бояд ҳамчун таҳдид арзёбӣ карда шуда, ҳаракатҳои гунаҳгор вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор вобаста ба қ.1 м.249 КҶ ҶТ бандубаст гарданд.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ – Шарипов Т.Ш.**

## АДАБИЁТ


1. Байзакова Г.М. Применение оружия как квалифицирующий признак насильственных преступлений: дис. … канд. юрид. наук / Г.М. Байзакова. -Челябинск, 2007. -С. 9.
2. Векленко В. Спорные вопросы квалификации преступлений, совершенных с применением оружия или предметов, используемых в качестве оружия / В. Векленко, Е. Зайцева // Уголовное право. - 2009. -№2. -С.29.
3. Гребенкин Ф.Б. Психическое насилие в преступлениях против собственности (сравнительно-правовой анализ) / Ф.Б. Гребенкин. -Киров, 2008. -С.86.
4. Иванов В.Д. Особенная часть / В.Д. Иванов // Уголовное право. -Ростов-на-Дону, 2002. -С.122.
5. Курс российского уголовного права. Особенная часть / под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. -М., 2002. -358 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи силоҳ” аз 19 марти 2013, № 939 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-силоҳ (санаи муроҷиат 28.01.2024).
7. Лопашенко Н.А. Преступления против собственности / Н.А. Лопашенко. -М., 2004. -С.120.
8. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). -Душанбе, 2019. -С.83.
9. Мальцев В.В. Ответственность за преступления против собственности / В.В. Мальцев. -Волгоград, 1999. -С.49.
10. Практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под общ. ред. Х.Д. Аликперова, Э.Ф. Побегайло. -М., 2001. -409 с.
11. Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть / под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. -М.: Проспект, 2010. -201 с.
12. Уголовное право России. Общая и Особенная части / под ред. В.П. Ревина. -М., 2000. -551 с.
13. Уголовное право. Особенная часть / отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. -М., 2001. -306 с.
14. Уголовное право. Особенная часть / отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. -М.: Норма, 2008. -266 с.
15. Уголовное право России. Особенная часть / под ред. А.И. Рарога. -М.: Эскимо, 2009. -168 с.
16. Уголовное право России. Части Общая и Особенная / под ред. А.И. Рарога. -6-е изд. -М.: ТК «Велби»; Проспект, 2008. -393 с.
17. Уголовное право России. Части Общая и Особенная / под ред. А.В. Бриллиантова. -М.: Проспект, 2010. -574 с.
18. Яни П.С. Вопросы квалификации разбоя / П.С. Яни // Законность. - 2015. -№10. -С.34-39.


## СОДИР КАРДАНИ РОҲЗАНӢ БО ИСТИФОДАИ СИЛОҲ, ЛАВОЗИМОТИ ҶАНГӢ Ё МОДДАҲОИ ТАРКАНДА


Дар мақола аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ, дар намуди содир намудани ҷинояти мазкур бо истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми силоҳро вобаста ба таркиби роҳзанӣ ошкор намудааст. Баён шудааст, ки зери мафҳуми истифодаи силоҳ бояд қасдан истифода намудани васила ва ашёе, ки амалан барои зарба задан ба ҳадафи зинда таъин шудааст, вақте бо онҳо ба ҳаёт ё саломатӣ зарар мерасад ё кӯшиши расонидани чунин зарар амалӣ мегардад, фаҳмида шавад. Ҳамин тавр, мафҳуми силоҳ мутобиқан ба б “в” қ.4 м.249 КҶ ҶТ истифодаи васила ва ашёеро, ки амалан барои зарба задан ба ҳадафи зинда таъин шудааст, дар бар мегирад. Истифодаи силоҳ бояд истифодаи қасдонаи хосиятҳои зарба задани он ба ҳадафи зинда фаҳмида шавад, вақте ки силоҳ ба ҳаёт ё саломатӣ зарар мерасонад ё кӯшиши чунин зарар расонидан сурат мегирад.

Намоиши силоҳро бояд ҳамчун таҳдид арзёбӣ карда шуда, ҳаракатҳои гунаҳгор вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор вобаста ба қ.1 м.249 КҶ ҶТ бандубаст гарданд.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, роҳзанӣ, таркиби ҷиноят, силоҳи сард, силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, бандубасти ҷиноят, таҳдид, расонидани зарар, силоҳи газӣ.

**СОВЕРШЕННЫЕ РАЗБОЯ С ПРИМЕНЕНИЕМ ОРУЖИЯ, БОЕПРИПАСОВ ИЛИ ВЗРЫВЧАТЫХ ВЕЩЕСТВ**

В статье анализируется такой квалифицирующий признак разбоя как совершенное с применением оружия боеприпасов или взрывчатых веществ. Автор на основе анализа соответствующих законодательств Республики Таджикистан, Постановление Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан раскрывает понятие оружия применительно к составу разбоя. Отмечается что под применением оружия следует понимать умышленное использование устройства и предметы, конструктивно предназначенные для поражения живой цели, когда оружием причиняется вред жизни или здоровью либо предпринимается попытка такого причинения. Таким образом, понятие оружия в соответствии с р. "в" ч. 4 м. 249 УК РТ включает в себя применение орудий и предметов, фактически предназначенных для поражения живой цели. Под применением оружия следует понимать умышленное применение его поражающих свойств по живой цели, когда оружием причинен вред жизни или здоровью, либо совершена попытка причинения такого вреда. Демонстрация оружия должна расцениваться как угроза и движения виновного должны рассматриваться в зависимости от конкретных обстоятельств в соответствии с р. 1 с. 249 УК РТ.

**Ключевые слова:** Уголовный кодекс, разбой, состав преступления, холодное оружие, огнестрельное оружие, боеприпасы, взрывчатые вещества, квалификация преступления, угроза, причинение вреда, газовое оружие.

**COMMITTED ROBBERY WITH THE USE OF WEAPONS, AMMUNITION OR EXPLOSIVES**

The article analyzes such a qualifying sign of robbery as committed with the use of weapons, ammunition or explosives. The author, based on an analysis of the relevant legislation of the Republic of Tajikistan, the Resolution of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan reveals the concept of weapons in relation to robbery. It is noted that the use of weapons should be understood as the deliberate use of devices and objects that are structurally intended to defeat a living target, when the weapon causes harm to life or health or an attempt is made to do so. Thus, the concept of weapons in accordance with p. "c" part 4 m. 249 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan includes the use of tools and objects actually intended to hit a living target. The use of a weapon should be understood as the deliberate use of its destructive properties on a living target, when the weapon causes harm to life or health, or an attempt is made to cause such harm. The display of weapons must be regarded as a threat and the movements of the perpetrator must be considered depending on the specific circumstances in accordance with s. 1 p. 249 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** criminal code, robbery, crime, edged weapons, firearms, ammunition, explosives, qualification of crime, threat, causing harm, gas weapons.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Миралиев Некрӯз Абдусаломович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **984-97-77-77**

**Сведения об авторе**: ***Миралиев Некруз Абдусаломович*** - Таджикский национальный университет, соискатель, кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **984-97-77-77**

**Information about the author:** ***Miraliev Nekruz Abdusalomovich*** - Tajik National University, applicant, department of criminal law and anti-corruption. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 984-97-77-77**

ТДУ: 347.633

# ФАРЗАНДХОНДӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ҶОБАҶОКУНИИ КӮДАКОНИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАР МОНДА: БАҲС ОИДИ ДОКТРИНАҲО ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

*Исмоилзода Х.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайравӣ аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак [4], ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда дар оиларо аз шаклҳои афзалиятноки ҷобаҷокунии чунин категорияи кӯдакон эътироф намудааст, зеро ин шакли тарбия, чуноне М.А. Маҳмудов қайд намудаанд, барои таъмини рушди ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ, равонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдакон мусоидат менамояд [6,с.233].

Аз ин ҷост, ки дар қонунгузории оилавӣ ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба фарзандхондӣ диққати хос дода шудааст. Аммо фарзандхондӣ чун як институти муҳимми ҷомеаи имрӯза табиист, ки вобаста ба марҳилаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа дорои мушкилоти муайян низ мегардад ва танзими ҳуқуқии дахлдори дар пояи назарияҳои санҷидашудаи доктриналӣ асосёфтаи ин муносибатҳо метавонад ба ҳалли мушкилоти мавҷуда кумак расонад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба мазмуни м. 124 Кодекси оила ҶТ [3], ҳамаи шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар мондаро ба ду гурӯҳ тақсим намудаанд [2,с.241]:

- шакли оилавии тарбияи кӯдакон (ба фарзандхондӣ додан, таҳти васоят (парасторӣ) гирифтан, тибқи шартнома барои тарбия ба оилаҳо (мураббӣ)-и парастор додан);
- шакли ғайриоилавии тарбияи кӯдакон (муассисаҳои кӯдакони ятим ё муассисаҳои барои кӯдакони бе парастории падару модар монда (муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои монанд).

Дар китоби дарсии ҳуқуқи оилавӣ вобаста аз субъекте, ки тарбияро дар нисбати кӯдаки бе парастории падару модар монда ба амал мебарорад, ҳамаи шаклҳои ҷобаҷокуниро ба шакли ҷобаҷокунии фардӣ (фарзандхондӣ, васоят ва парасторӣ) ва шакли ҷобаҷокунии ғайрифардӣ (ҷобаҷокунӣ дар ташкилотҳои дахлдор) ҷудо намудаанд [12,с.255].

Ҷобаҷокунии чунин категорияи кӯдакон дар хонаи кӯдакон, интернатҳо ва ба ҳамин монанд муассисаҳо чун шакли муваққатии ҷойгиркунонӣ ба ҳисоб меравbooked [11,с.385]. Худи мафҳуми фарзандхондӣ дар қонунгузорӣ таърифи ҳуқуқӣ надорад. Оиди мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии фарзандхондӣ дар доктринаи ҳуқуқӣ низ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд.

Ба андешаи А.М. Нечаева, фарзандхондӣ амале мебошад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои падарию модариро дар асоси қонун ба вуҷуд меорад [7,с.274]. Ҳамин тариқ, А.М. Нечаева муносибатҳои дар натиҷаи фарзандхондӣ пайдошудаи байни фарзандхондкунанда ва фарзандхондшударо ба муносибатҳои падарию модарӣ баробар медонад.

Ба ҳамин маъно, вале ба тарзи мукаммалтар Л.М. Пчелинтсева фарзандхондиро таърифи ҳуқуқӣ дода, онро ҳамчун амале медонад, ки дар натиҷаи он байни фарзандхондкунанда ва хешу табори вай, аз як тараф ва фарзандхондшуда, аз тарафи дигар, ҳамон гуна ҳуқуқу уҳдадориҳое пайдо мешаванд, ки байни падару модар ва фарзандон, инчунин хешу табори онҳо аз рӯйи асли баромад пайдо мешаванд [9,с.411].

Тибқи назари С.Н. Тағоева, қонунгузорӣ муносибати фарзандхондшуда ва фарзандхондкардаро ба муносибати хешутабории хунӣ баробар карда, бо ҳамин дар масъалаҳои тарбия, таъминот, таълим ҳамон гуна талаботҳоро дар нисбати фарзандхондкарда пешниҳод менамояд [13,с.198].

М.В. Антоколская фарзандхондиро ҳамчун ниҳоди ҳуқуқие медонад, ки байни фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда муносибатҳои нисбатан наздик ба он равобитеро, ки миёни падару модар ва фарзандони аслӣ пайдо мешаванд, эҷод мекунад [1,с.289-290]. Тибқи ақидаи дигар, фарзандхондӣ шакли фардии бемуҳлати ҷобаҷокунии

кӯдаконе мебошад, ки бе парастории падару модар мондаанд. Хусусияти фарзандхондӣ ҳамчун шакли ҷобаҷокунии кӯдакон, ба андешаи муаллифи мазкур, якум, дар бемуҳлат будани муносибатҳои ҳуқуқӣ, дувум, дар равобити махсуси ҳуқуқии фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда, ки ба равобити падару модар ва кӯдак монанд мебошанд, зуҳур мекунад [12,с.258]. Чуноне аз мафҳуми додашуда бармеояд, муаллиф фарзандхондиро ҳамчун шакли ҷобаҷокунии кӯдак, ки дорои хусусияти хос, ба мисли бемуҳлат будан ва мавҷудияти равобити махсуси ҳуқуқии фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда, ки ба равобити падару модар ва фарзанд наздикӣ доранд, эътироф мекунад.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №17 аз 2 октябри соли 2003 "Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳо оид ба фарзандхондӣ" чун қ. 1 м. 125 Кодекси оила фарзандхондиро шакли нисбатан афзалиятноки тарбияи кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, дониста, бар илова мақсади онро таъмин намудани ҳамон гуна шароите барои кӯдакони бе парастории падару модар монда медонад, ки кӯдакон дар оилаи аслии худашон доранд [5].

Аз мафҳумҳои дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳодшуда бармеояд, ки муаллифон истилоҳи "фарзандхондӣ"-ро аз мавқеи гуногун баррасӣ намудаанд. Ҳамин тариқ, фарзандхондӣ дорои ҷанбаҳои гуногун буда, ба андешаи мо, ҳангоми пешниҳоди таърифи доктриналии он бояд ин ҷанбаҳо, ки дар зер оварда мешаванд, ба назар гирифта шаванд.

Аввал, фарзандхондӣ ҳамчун факти ҳуқуқӣ (амал)-е, ки ҳуқуқу уҳдадориҳоро байни фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда ба вуҷуд меорад. Дар чунин маврид, чуноне дар адабиёти илмӣ дуруст қайд шудааст, фарзандхондӣ ҳамзамон дорои аҳаммияти ҳам ҳуқуқбавуҷудоранда ва ҳам ҳуқуққатъкунанда мебошад [1,с.291]. Дувум, ҳамчун шакли ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда. Севум, фарзандхондӣ ҳамчун равобити ҳуқуқии байни фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда, яъне муносибати ҳуқуқие, ки аз факти ҳуқуқии фарзандхондӣ ба вуҷуд меояд. Чорум, фарзандхондӣ ҳамчун ниҳод (институт)-и ҳуқуқӣ.

Дигар ҳолате, ки ин ҷо мехоҳем ба он рӯшанӣ андозем, ин масъалаи дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуд будани ду нуқтаи назар оиди муносибати байни фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда мебошад. Бар асоси мавқеи аввал, муносибатҳои байни фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда ба муносибатҳои миёни падару модар ва фарзанди аз никоҳ пайдошуда яксон ҳисобида мешаванд. Нуқтаи назари дувум бар пояи он аст, ки равобити байни фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда наздик ба муносибатҳои миёни падару модар ва фарзанди аслӣ буда, муносибатҳои баробарасл нестанд.

Дар илми ҷомеашиносӣ бар он ақидаанд, ки оила падидаи пайванди хешовандии биологӣ ва иҷтимоӣ буда, ҳангоми фарзандхондӣ шакли хешовандии иҷтимоии оила густариш меёбад. Аз ин нуқтаи назар, фарзандхондиро бояд ҳамчун як амали иҷтимоие донист, ки барои пайдоиши хешовандии иҷтимоӣ равона шудааст [8,с.64].

Ба андешаи мо, муносибати байни фарзандхондкунанда ва фарзандхондшударо бо муносибатҳое, ки миёни падару модар ва фарзанди аслӣ ба вуҷуд меоянд, баробарасл донистан дуруст нест. Агарчи қонунгузорӣ тариқи танзими ҳуқуқӣ ин муносибатҳоро баробар медонад, вале онҳоро набояд айнан як падида донист. Ба ҳамин маънӣ М.В. Антоколская менависад, ки агарчи ҳуқуқу уҳдадориҳои фарзандхондкунандагон амалан бо ҳуқуқу уҳдадориҳои волидон яксон бошанд ҳам, вале равобити воқеие, ки дар тули раванди фарзандхондкунӣ ба вуҷуд меоянд, на ҳамеша шабеҳи равобити падару модар бо фарзанд мебошанд [1,с.290].

Дар қонунгузорӣ маҳз бо ҳамин далел муқаррарот оиди бекор кардани фарзандхондӣ ҳамчун асоси қатъ кардани муносибатҳо вобаста ба фарзандхондӣ пешбинӣ шудааст (м. 140, м. 141 Кодекси оили ҶТ), ҳол он ки дар нисбати волидони биологӣ дар чунин мавридҳо институти маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ истифода мегардад (м. 69 Кодекси оилаи ҶТ).

Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №17 аз 2 октябри соли 2003 "Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳо оид ба фарзандхондӣ" низ, бо ишора ба ҳамин хусусияти фарзандхондӣ чунин қайд шудааст: "Азбаски дар фарзандхондкунандаҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модарӣ нисбати кӯдаки ба фарзандхондӣ қабулкардашуда на

дар натиҷаи аз онҳо ба таври табиӣ ба вуҷуд омадани кӯдакон, балки дар натиҷаи фарзандхондӣ пайдо мешаванд, бояд дар назар дошт, ки дар ҳолати аз иҷрои вазифаҳои ба зимаашон гузошташудаи падару модарӣ саркашӣ кардани фарзандхондкунандаҳо, аз ин ҳуқуқҳо суиистифода намудан ё бо фарзандхондшудагон муносибати бераҳмона доштан, ҳамчунин агар фарзандхондкардагон мубталои бемории майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд, аз ҷониби суд мумкин аст на маҳрум намудан аз ҳуқуқи падару модарӣ (моддаҳои 69, 70 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), балки масъалаи бекор намудани фарзандхондӣ ҳал карда шавад (моддаи 140, қисми 1 моддаи 141 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон)" [5].

Дар натиҷаи фарзандхондӣ байни фарзандхондкунанда ва кӯдаки фарзандхондшуда муносибатҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд. Ин муносибатҳо аз нигоҳи қонун бо муносибатҳои ҳуқуқии падару модарӣ ҳангоми хешутаборecho хунӣ баробар дониста шудаанд ва бинобар ин, онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои меросӣ, алиментдиҳӣ ва амсоли чунин муносибатҳои ҳуқуқиро, ки ба равобити ҳуқуқии падару модар ва фарзандон хосанд, ба миён меоваранд. Ҳамзамон бо ин, муносибатҳои кӯдаки фарзандхондшуда ва падару модари биологии ӯ, ба истисноИ ҳолатҳои дар қ. 3 ва 4 м. 137 Кодекси оила пешбинишуда, қатъ мегарданд. Бинобар ин, чуноне дар боло зикр гардид, фарзандхондӣ ба сифати факти ҳуқуқии ҳуқуққатъкунанда низ баромад менамояд.

Фарзандхондӣ, чуноне таҳлили дар боло анҷомдодашуда исбот менамояд, ҷанбаҳои иҷтимоию ҳуқуқиро доро мебошад. Агар ҷанбаи иҷтимоии фарзандхондӣ дар амалигардонии ҳуқуқи кӯдаки бе парастории падару модар монда барои зиндагӣ ва тарбия ёфтан дар оила ва таъмин намудани ӯ бо ҳамон гуна шароите, ки кӯдакон дар оилаи аслии худашон доранд, зуҳур намояд, пас аз нуктаи назари ҳуқуқӣ фарзандхондӣ – ин замина, асос (факти ҳуқуқӣ)-ест, ки муносибатҳои ҳуқуқии ба муносибатҳои ҳуқуқии падару модарӣ ва фарзандон монандро ба вуҷуд меорад.

Дар ҳуқуқи оилавӣ яке аз фактҳои ҳуқуқии муайянкунанда, ки асос барои бавуҷудойии муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ба шумор меравад, ин хешутаборӣ мебошад. Бинобар ин метавон гуфт, ки дар ҳуқуқи оилавӣ яке аз хусусиятҳои фактҳои ҳуқуқӣ ин бунёд бар асосҳои табиӣ-биологӣ доштани онҳо ба шумор меравад. Аммо ин нуктаро наметавон дар нисбати фарзандхондӣ изҳор дошт. Асоси пайдошавии муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба фарзандхондӣ на хешутаборий бар таваллуд бунёдёфта ва бо тартиби муайянкардаи қонун бақайдгирифташуда, балки қарори суд, ки қувваи қонунӣ пайдо кардааст, дар ҳамҷоягӣ бо изҳори иродаи фарзандхондкунанда ва дар ҳолатҳои муайян – падару модари кӯдаки фарзандхондшаванда, васӣ (парастор), инчунин изҳори иродаи худи фарзандхондшаванда, ташкил медиҳад.

Фактҳои ҳуқуқии номбаршуда (қарори ба қувваи қонун даромадаи суд, изҳори иродаи шахсони муайянкардаи қонун), дар маҷмуъ, ҳолат - муносибати ҳуқуқии фарзандхондиро ба вуҷуд меоранд. Дар ҳуқуқи оилавӣ фактҳои ҳуқуқӣ аз аҳаммияти муҳим бархӯрдоранд [15,с.38]. М.В. Антоколская ҳолатро ҳамчун факти ҳуқуқие медонад, ки муддати тулонӣ арзи вуҷуд дошта, ба таври мудом ё давра ба давра оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меоварад. Ҳолат-факти ҳуқуқӣ дар як маврид метавонад ба ҳодиса ва дар дигар маврид ба амал нисбат дода шавад [1,с.88].

Ҳамин тариқ, мо бар он назарем, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба фарзандхондӣ намуди мустақили муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ба шумор мераванд. Пас, фарзандхондӣ – ин шакли оилавии ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда мебошад, ки иртиботи ҳуқуқии байни фарзандхондкарда ва фарзандхондшударо бо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба вуҷуд оварда, ҳуқуқу уҳдадориҳои фарзандхондкардаро нисбат ба фарзандхондшуда ба равобити падару модар ва фарзанди аслӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробар менамояд.

Қонунгузорӣ фарзандхондиро шакли афзалиятноки ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда эътироф намуда, шартҳо ва тартиби фарзандхондӣ, оқибатҳои ҳуқуқӣ ва дигар ҷанбаҳои онро муфассал танзим намудааст. Пеш аз ҳама, дар нисбати интихоби фарзандхондкунанда қонунгузорӣ талаботҳои махсусро пешбинӣ намудааст. Дар ин ҷо мо ба андешаи С.Н. Тағоева розӣ ҳастем, ки мегӯяд, бояд талаботҳо дар нисбати фарзандхондкунанда сахттар аз он бошанд, ки оид ба падару модари аслӣ аз

ҷониби қонун ироа шудаанд, зеро расонида шудани зарар ба саломатӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи кӯдак аз ҷониби падару модари аслӣ бо ғариза (инстинкт)-и падару модарӣ маҳдуд шудаанд, ки инро дар нисбати фарзандхондкунанда наметавон баён кард [14,с.40].

Тибқи м. 127 Кодекси оилаи ҶТ фарзандхондкунанда танҳо шаҳрвандони ба балоғатрасидаи ҶТ шуда метавонанд, ба истиснои: шахсоне, ки ҷойи муайяни истиқомат надоранд; шахсоне, ки ҳангоми фарзандхондӣ барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ доранд; шахсоне, ки суд барои содир намудани ҷиноят нисбати онҳо чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин кардааст; шахсоне, ки суд онҳоро ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф намудааст; зану шавҳаре, ки суд яке аз онҳоро ғайриқобили амал ё қобилияти амалаш маҳдуд эътироф намудааст; шахсоне, ки суд онҳоро аз ҳуқуқи падару модар маҳрум сохтааст ё ҳуқуқи падару модарро маҳдуд кардааст; шахсоне, ки ба сабаби иҷрои ғайриқаноатбахши уҳдадориҳои бо қонун ба зиммаашон гузошташуда аз вазифаи васӣ ё парасторӣ дур карда шудаанд; шахсоне, ки қаблан фарзандхонд доштанду вале фарзандхондӣ бо гуноҳи онҳо аз ҷониби суд бекор карда шудааст; шахсоне, ки аз сабаби беморӣ наметавонанд ҳуқуқи падару модариро амалӣ намоянд.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №17 аз 2 октябри соли 2003 "Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳо оид ба фарзандхондӣ" қайд гардидааст, ки "ҳангоми ҳал намудани масъалаи раво будани фарзандхондӣ бояд дар ҳама ҳолатҳои мушаххас сифатҳои ахлоқӣ ва дигар сифатҳои фардии фарзандхондкунанда (ҳолатҳое, ки рафтори аризандиҳандаро дар кор, зиндагонӣ муайян месозанд), вазъи саломатии ӯ ва ҳамчунин аъзои оилааш, ки бо ӯ зиндагӣ мекунанд, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо дар оилаашон, муносибатҳои байни шахсони мазкур ва кӯдак, инчунин шароити моддӣ ва манзилии фарзандхондкунандагони оянда санҷида ва ба назар гирифта шаванд" [5].

Агарчи муқаррароти қонунгузорӣ нишондиҳандаи он аст, ки дар нисбати фарзандхондкунанда дар ҳақиқат талаботҳои хеле сахт пешбинӣ шудаанд, вале аз ҷониби дигар меъёрҳои қ. 1 м. 127 Кодекси оила ва дигар муқаррароти дахлдори қонун фарзандхондкунандаро ҳамчун субъекти дорои статуси махсуси ҳуқуқӣ нишон дода, бо ҳамин эълом медоранд, ки на ҳар кас ҳуқуқи фарзандхондкунанда буданро соҳиб шуда метавонад.

Қонунгузорӣ дар баъзе маврид истисно аз қоидаҳои сахти интихоб оиди фарзандхондкунандаро низ пешбинӣ намудааст. Агар падарандар ва (ё) модарандар ба сифати фарзандхондкунанда баромад намоянд, чунин талаботҳо: ҷойи муайяни истиқоматӣ доштан; фарқияти синну соли фарзандхондкунанда ва фарзандхондшаванда; хулосаи мақомоти васоят ва парасторӣ оиди мутобиқати фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак, дар нисбати онҳо корбурд намешавад.

Чунин истисноҳоро оиди падарандару модарандар корбурд намудан, ба андешаи мо, бар он асос аст, ки кӯдаки фарзандхондшаванда то ин дам бо онҳо якҷоя зиста, дар нисбати ин ашхос аллакай ҳисси муҳаббати фарзандӣ дошта, онҳоро падару модари худ меҳисобад. Татбиқи беистиснои муқаррароти номбаршуда дар нисбати падарандару модарандар метавонист, баръакс, манфиати кӯдаки фарзандхондшавандаро поймол намояд, ки ин хилофи мақсадҳои институти фарзандхондӣ мебуд.

Дар сурати мавҷудияти ҳуқуқвайронкунӣ ҳангоми фарзандхондӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ пайдо мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқии оилавӣ, ки ҳангоми мавҷудияти гуноҳ дар нисбати фарзандхондкунанда метавонанд истифода шаванд, бекор кардани фарзандхондӣ ва беэътибор донистани фарзандхондӣ ба шумор меравconfigured [14,с.39].

Бояд зикр кард, ки дар асосҳои дар қ. 1 м. 141 Кодекси оила пешбинишуда оиди бекор кардани фарзандхондӣ (агар фарзандхондкардагон аз иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташудаи падару модарӣ саркашӣ кунанд, аз ҳуқуқи падару модарии худ суиистифода намоянд, бо кӯдакони фарзандхондкардаашон муносибати бераҳмона дошта, майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд), рафтори зиддиҳуқуқии гунаҳкоронаи фарзандхондкунанда возеҳу равшан чун асоси ҷавобгарии ҳуқуқии оилавӣ баромад менамояд. Рафтори зиддиҳуқуқии фарзандхондкунанда метавонад дар вайронкунии

ухдадориҳо оиди тарбия, таълим ва таъминоти моддӣ дар шакли қасдона ё беэҳтиётӣ зуҳур намояд, ки инро дар асосҳои беэътибории фарзандхондӣ наметавон мушоҳида кард.

Аммо бояд тазаккур дод, ки номгӯйи асосҳои дар қ. 1 моддаи 141 Кодекси оила нишондодашуда мукаммал набуда, тибқи қ. 2 ҳамин модда суд метавонад бо дигар асосҳо низ фарзандхондиро бекор намояд. Пленуми Суди Олии ҶТ ин меъёрро тавзеҳ дода, дар қарори худ аз 2 октябри соли 2003 зикр намудааст, ки суд ҳуқуқ дорад дар сурати набудани рафтори гунаҳгоронаи фарзандхондкунанда низ, агар муносибатҳои барои ташаккул ва тарбияи муътадили кӯдак зарурбуда аз рӯйи ҳолатҳои ба фарзандхондкунанда вобастабуда ё вобастанабуда ба вуҷуд наомада бошанд, фарзандхондии кӯдакро бекор кунад.

Чуноне аз мазмуни м. 145 Кодекси оила бармеояд, дар фарқият аз асосҳои бекор кардани фарзандхондӣ, номгӯйи асосҳои беэътибории фарзандхондӣ мукаммал буда, на танҳо рафтори зиддиҳуқуқии фарзандхондкунанда, инчунин рафтори зиддиҳуқуқии дигар иштирокчиёни фарзандхондӣ низ асос барои беэътибории фарзандхондӣ мегардад. Бар асоси ин муқаррарот фарзандхондӣ метавонад беэътибор ҳисобида шавад, агар: ҳалномаи фарзандхондӣ ба ҳуҷҷатҳои қалбакӣ асос ёфта бошад; фарзандхондӣ қалбакӣ бошад; шахси ба балоғатрасида ба фарзандхондӣ қабул шуда бошад; фарзандхондкарда шахсе бошад, ки суд ӯро ғайриқобили амал ё қобили амалаш маҳдуд эътироф карда бошад; шахси фарзандхондкарда бо ҳалномаи суд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шуда бошад; шахсоне, ки барои номатлуб иҷро кардани ухдадориҳои қонунан ба зиммаашон гузошташуда аз ухдадориҳои васӣ ё парасторӣ бартараф карда шуда бошанд; фарзандхондӣ бинобар гуноҳи содиркардаи собиқ фарзандхондагон аз ҷониби суд бекор карда шуда бошад; шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ наметавонанд ҳуқуқи падару модариро амалӣ намоянд.

Ба андешаи мо, мавҷудияти институти беэътибор донистани фарзандхондӣ дар Кодекси оила барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдаки фарзандхондшуда мусоидат накарда, баръакс, бархилофи мақсадҳои фарзандхондӣ ҳамчун шакли оилавии ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда мебошад. Қарори суд оиди беэътибор донистани фарзандхондӣ қувваи бозгашт дошта, фарзандхондӣ аз рӯзи қабули ҳалнома оиди фарзандхондӣ беэътибор дониста мешавад ва бо ҳамин гӯё ҳеҷ гуна муносибати ҳуқуқие оиди фарзандхондӣ то беэътибор донистани ин фарзандхондӣ вуҷуд надошт. Ба қавли В.А. Рясентсев, беэътибории фарзандхондӣ ин муқаррар шудани ғайриқонунӣ будани санади фарзандхондӣ тавассути суд ва дар натиҷаи он бекор гардидани ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии пайдошудаи фарзандхондӣ аз лаҳзаи фарзандхондӣ мебошад [10,с.274].

Аз муқоисаи мазмуни меъёрҳои қонунгузорӣ оиди фарзандхондӣ бармеояд, ки бекор кардани фарзандхондӣ ҳамчун чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдаки ба фарзандхондӣ додашуда равона гардида, танҳо дар мавридҳое истифода мегардад, ки агар он хилофи манфиатҳои фарзандхондшуда набошад. Баъди бекор гардидани фарзандхондӣ мумкин аст ном, номи падар ва насаби кӯдаки фарзандхондшуда, ки ҳангоми фарзандхондӣ ба ӯ дода шудаанд, нигоҳ дошта шаванд. Ғайр аз ин, ҳангоми бекор шудани фарзандхондӣ ба зиммаи собиқ фарзандхондкарда метавонад ухдадории пардохти алимент ба манфиати кӯдаке, ки аз ҷониби ӯ ба фарзандхондӣ қабул карда шуда буд, вогузошта шавад. Дар мавриди беэътибор донистани фарзандхондӣ, бинобар қувваи бозгашт доштани ҳалномаи суд, тамоми ҳуқуқу ухдадориҳои фарзандхондкардаю хешовандони ӯ ва кӯдаки фарзандхондшуда, ки аз фарзандхондӣ бармеоянд, аз байн мераванд, яъне, чуноне зикр шуд, ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии пайдошудаи фарзандхондӣ аз лаҳзаи фарзандхондӣ бекор карда мешаванд.

Бо дарназардошти нуктаҳои дар боло зикршуда, мо бар он назарем, ки дар Кодекси оилаи ҶТ бояд дар ин самт тағйирот сурат гирифта, меъёрҳои вобаста ба беэътибории фарзандхондӣ аз қонунгузорӣ хориҷ карда шуда, номгӯйи асосҳои бекор кардани фарзандхондӣ, баръакс, васеътар карда шаванд. Чунин тағйиротҳо, бешак, ҷавобгӯйи манфиатҳои кӯдаконе, ки ба фарзандхондӣ дода мешаванд, буда, таъиноти институти фарзандхондиро ҳамчун шакли афзалиятноки ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда бештару беҳтар инъикос хоҳанд кард.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Ғаффорзода И.Ғ.**


**АДАБИЁТ**

1. Антокольская М.В. Семейное право: учебник / М.В. Антокольская. -М.: Юристъ, 2002. -336 с.
2. Исмоилзода Х.А. Амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии ноболиғони бе парастории падару модар монда / Исмоилзода Х.А., Ҳ.Н. Ҳиматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№5. -С.240-247. – EDN MCTERI.
3. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1998. -№22. – С.303.
4. Конвенция о правах ребенка (принята резолюцией 44/25 Генеральной Ассамблеи от 20 ноября 1989 года). [Электронный ресурс]. URL: СПС «КонсультантПлюс».
5. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 17 аз 2 октябри соли 2003. [Манбаи электронӣ]. URL: https: //sud.tj/upload/iblock/595/595966c94e346ba6fe06b025f21e419c.pdf (санаи муроҷиат: 08.10.2023).
6. Маҳмудов М.А. Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун заминаи ислоҳоти ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистон / М.А. Маҳмудов // Маҷмуаи мақолаҳо: «Илми Тоҷикистон дар замони истиқлолият». -Душанбе: Дониш, 2011. -С.227-241.
7. Нечаева А.М. Семейное право: курс лекций / А.М. Нечаева. -М.: Юристъ, 1999. -336 с.
8. Пак Г.С. Усыновление как конструирование социального родства: теоретические подходы / Г.С. Пак, Е.Б. Ходырева // Вестник Пермского национального исследовательского политехнического университета. -Пермь: Пермского национального исследовательского политехнического университета, 2017. -№1. -С.63-75.
9. Пчелинцева Л.М. Комментарий к Семейному кодексу Российской Федерации / Л.М. Пчелинцева. -М.: Изд-во НОРМА, 2000. -696 с.
10. Рясенцев В.А. Семейное право: учебник / В.А. Рясенцев. -М.: Юрид. лит, 1971. -296 с.
11. Семейное право: Учебник / Н.А. Аблятипова, Ф.М. Аминова, Г.Г. Бодурова [и др.]. –М.: ООО "Научно-издательский центр Инфра-М", 2022. -501 с. – ISBN 978-5-16-016629-2. – DOI 10.12737/1200568. – EDN VCUQQG.
12. Семейное право: учебник / Б.М. Гонгало, П.В. Крашенинников, Л.Ю. Михеева, О.А. Рузакова; под ред. П.В. Крашенинникова. -5-е изд., перераб. и доп. -М.: Статут, 2022. -320 с.
13. Тагаева С.Н. Правовая сущность семейно-правовой ответственности (по материалам Республики Таджикистан) / С.Н. Тагаева. -Душанбе: Ирфон, 2012. -226 с. – ISBN 978-99947-0-633-4. – EDN XNGXWP.
14. Тагаева С.Н. Меры семейно-правовой ответственности при усыновлении (удочерении) несовершеннолетних детей по законодательству Республики Таджикистан / С.Н. Тагаева // Семейное и жилищное право. – 2012. -№5. -С.39-40. – EDN PNFFQF.
15. Химатов Х.Н. Проблемы правового регулирования имущественных отношений супругов (по материалам Республики Таджикистан): специальность 12.00.03 “Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право”: дисс. ...канд. юрид. наук / Х.Н. Химатов. -Душанбе, 2008. -194 с. – EDN NQDNQD.


## ФАРЗАНДХОНДӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ҶОБАҶОКУНИИ КӮДАКОНИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАР МОНДА: БАҲС ОИДИ ДОКТРИНАҲО ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ


Дар мақола мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳимми фарзандхондӣ ҳамчун шакли ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда баррасӣ шудаанд. Манбаъҳои доктриналӣ, меъёрҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии масъалаҳои бекор кардани фарзандхондӣ ва беэътибор донистани фарзандхондӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф роҳҳои рафъи ин мушкилотро пешниҳод кардааст. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва дигар маводи дахлдор муаллиф мавқеи худро оид ба проблемаҳои таҳқиқшаванда асоснок карда, инчунин барои ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ пешниҳод манзур намудааст.



**Калидвожаҳо:** фарзандхондӣ, кӯдак, падару модар, фарзандхондкарда, фарзандхондшуда, шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакон, қарори суд.


## УСЫНОВЛЕНИЕ КАК ФОРМА УСТРОЙСТВА ДЕТЕЙ, ОСТАВШИХСЯ БЕЗ ПОПЕЧЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ: ДИСКУССИЯ О ДОКТРИНАХ И ПРАВОВОЙ РЕГЛАМЕНТАЦИИ


В статье рассматриваются понятие, правовая сущность и другие важные аспекты усыновления как форма устройства детей, оставшихся без попечения родителей. Проанализированы доктринальные источники, нормы законодательства и судебная практика по исследуемой проблематике. Исследованию подверглись проблемы правового регулирования вопросов отмены усыновления и признания усыновления недействительным, при этом автор предлагает пути преодоления этих проблем. На основе анализа научной литературы и других соответствующих материалов автор аргументирует свою позицию по исследуемой проблематике, а также предлагает внести изменения в законодательство по рассматриваемым вопросам.



**Ключевые слова:** усыновление, ребёнок, родители, усыновитель, усыновленный, формы устройства детей, решение суда.

**ADOPTION AS A FORM OF ARRANGEMENT FOR CHILDREN WITHOUT PARENTAL CARE: DISCUSSION ABOUT DOCTRINES AND LEGAL REGULATION**

The article discusses the concept, legal essence and other important aspects of adoption as a form of placement for children left without parental care. Doctrinal sources, legislative norms and judicial practice on the issues under study are analyzed. The problems of legal regulation of issues of cancellation of adoption and recognition of adoption as invalid were studied, and the author suggests ways to overcome these problems. Based on an analysis of scientific literature and other relevant materials, the author argues his position on the issues under study, and also proposes changes in legislation on the issues under consideration.

**Keywords:** adoption, child, parents, adoptive parent, adopted, forms of child placement, the court's decision.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исмоилзода Хадиҷабону Абдулазиз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи граждан́ӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **7806_91@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Исмоилзода Хадичабону Абдулазиз*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры гражданского права. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **7806_91@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ismoilzoda Khadijabonu Abdulaziz*** - Tajik National University, applicant of the Department of Civil Law of the Faculty of Law**. Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. E-mail: **7806_91@mail.ru**

ТДУ: 340 (575.3)

# НИЗОМИ СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МАВҚЕИ ОНҲО ДАР НИЗОМИ СУДӢ

*Зокирова Н.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аввалин маротиба ғояи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судиро олими фаронсавӣ Ш.Л. Монтаске ба илм ворид намудааст, ки давлатҳои Ғарб зиёда аз 250 сол пеш аз он истифода менамуданд, давлат барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ҳадаф ва вазифаҳои худ ба шохаҳои ҳокимияте, ки дар боло қайд намудем, бояд тақсим гардад. Инчунин, ҷонибдори ин гуна ақида Ж.Ж. Руссо ва Ҷ. Локк ва дигарон мебошанд [8,с.160]. Усули таҷзияи ҳокимият ба воситаи муқаррар кардани тартиби ҳуқуқии боздорӣ ва мувозинати байни ҳокимиятҳо амалӣ мегардад.

Дар таъсиси модели муосири давлатдорӣ принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мавқеи хосро ишғол менамояд, ки дар асоси он дар Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҷудо мешавад. Чунин меъёри Конститутсия, яъне принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ бахри самаранок намудани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва марҳилаи асосии рушди ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат менамояд [7,с.33].

Дар Тоҷикистони таърихӣ ба ғайр аз судҳои умумӣ, инчунин судҳои махсус (судҳои иқтисодӣ, арбитражӣ) ҳастанд, ки баҳсҳои хоҷагиро баррасӣ намуда, ба низоми судҳои салоҳияташон умумӣ шомил набуда, фаъолияташонро алоҳида пеш мебаранд. Чунончи, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ чунин оварда шудааст, ки иттиҳодияҳо, судҳои арбитражӣ ва инчунин судҳои фавқулода ва махсус ба низоми судҳои умумӣ дохил карда намешаванд [11,с.265].

Мувофиқи моддаи 84-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва суди иқтисодии шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд.

Мутобиқи моддаи 1-и Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон адолати судиро дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо роҳи ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва баррасии дигар парвандаҳо, ки бо Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо ба салоҳияти онҳо дахл доранд, ба амал мебароранд.

Ташкили низоми судҳои иқтисодӣ ҳамчун мақомоти судии юрисдиксияи махсус, ки баҳсҳоеро, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ бармеоянд, баррасӣ намуда, таҷассумгари рушди ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таъсис ва инкишофи низоми судҳои иқтисодӣ аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мегардад, зеро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати давлатии моликияти хусусӣ дарҷ карда шудаанд. Судҳои иқтисодӣ зернизоми мустақили мақомоти ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад ва ки шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ мебошанд [13,с.135].

Ба ақидаи олими соҳаи ҳуқуқ Ковалев М.А., судҳои арбитражӣ шохаи муҳимми мақомоти ҳокимияти судӣ буда, парвандаҳои зертобеи онҳо ба шохаи дигари низоми судӣ, аз он ҷумла судҳои умумӣ, ҳарбӣ ва суди конститутсионӣ алоқамандӣ надоранд [13,с.135]. Чи тавре ки маълум аст, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои гуногуни моликиятро кафолат додааст. Маҳз ҳамин меъёр ба пайдоиши шаклҳои мухталифи ташкилӣ-ҳуқуқии субъектҳо мусоидат намуда, имконияти афзунгардии муносибатҳо бо механизми идоракунии бозорӣ, озодии рақобат ва маҳдуд кардани вазъияти монополистиро фароҳам овард. Дар маҷмуъ, самараи таъсири онро метавон дар омилҳои зерин мушоҳида намуд:

- рушди босамари соҳаи иқтисод;

- раванди рушди идоракунӣ ва мухтавои баҳсҳо.

Маҳз омилҳои мазкур зарурияти ташкили мақомоти махсус, ки баҳсҳои ҳуқуқиро ҳамчун судҳои иқтисодӣ баррасӣ менамояд, ба миён овардааст [7,с.258]. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз фаъолияти судҳои иқтисодӣ бармеоянд, танзими ҳуқуқии худро талаб менамоянд ва дар илми ҳуқуқшиносии муосир ин муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ доир ба ҷой ва мақоми ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ баҳсу мунозираи олимон зиёд аст. Новобаста аз ин, имрӯз бештари олимон бар он назаранд, ки ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи кишвар мақоми хосса дошта, дорои предмет ва методи танзимнамоии мустақил буда, принсипҳо, мақсад, вазифаҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои судяҳои суди иқтисодӣ, иштирокчиёни мурофиа, тобеияти идоравию судии парвандаҳоро муқаррар менамояд.

Қобили зикр аст, ки чун дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ҳамчун фанни таълимӣ эътироф гардида, хусусиятҳои мурофиавии судҳои баррасии баҳсҳо байни соҳибкорон ва бо иштироки онҳоро меомӯзад. Ҳолати мазкур зарурати дарки илмии фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва омӯзиши амалигардонии қонунгузории мурофиавии иқтисодиро талаб менамояд. Зеро, мурофиаи иқтисодӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро буда, аз мурофиаи гражданӣ фарқ дорад. Ба фанни мустақил табдил ёфтани “Мурофиаи иқтисодӣ” заминаи асосии худро аз дар низоми ҳокимияти судӣ ба ҳайси судҳои мустақил дарҷ карда шудани судҳои иқтисодӣ мегирад.

Судҳои иқтисодӣ ба монанди судҳои юрисдиксияи умумӣ, шакли ба худ хосси мурофиавии татбиқи функсияҳои ҳуқуқтатбиққуниро доранд. Зеро, қонунӣ, саривақт ва дуруст баррасӣ намудани баҳсҳо дар соҳаи иқтисодии ҳайати ҷомеа, дар шароити ташаккули муносибати бозоргонӣ барои ҳимояи ҳуқуқи иштирокчиёни он, ҳимояи моликияти хусусӣ ва рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодӣ равона карда хоҳад шуд.

Судҳои иқтисодӣ намуди махсуси мақомоти судӣ мебошанд, ки ҳокимияти судиро бо роҳи ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳое, ки ба баррасии онҳо мансубанд, амалӣ менамоянд. Судҳои иқтисодӣ салоҳияти худро ба тартиби мурофиаи судии хусусиятҳои иқтисодии худро дошта, ки бо Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, амалӣ менамоянд.

Санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдо кардаи судҳои иқтисодӣ барои ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомот, ташкилот, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошанд ва дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд иҷро карда шаванд. Мақоми судяҳои судҳои иқтисодӣ қонунан дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” сабт ёфтааст.

Дар низоми ҳокимияти судӣ судяҳо барандагони он ба ҳисоб рафта, ҷойи марказиро дар амалӣ намудани адолати судӣ ишғол менамоянд. Мақоми ҳуқуқии онҳо бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян карда мешавад. Судя ҳал намудани парвандаҳоро ба уҳда дошта, барои ноил шудан ба созиши тарафҳо, ки дар баҳси судӣ иштирок доранд, мусоидат менамояд, дар ҳал намудани шикояту эътирозҳо нисбати қарорҳои судҳои иқтисодӣ иштирок мекунад, амалияи татбиқи қонунгузориро аз тарафи судҳои иқтисодӣ меомӯзад ва ҷамъбаст менамояд, дигар вазифаҳоеро, ки Қонун ба зиммаи вай гузоштааст, амалӣ месозад. Суд ҳуқуқ дорад, ки аз мақоми давлатӣ ё дигар мақомот, ташкилот, шахсони мансабдор, шаҳрвандон иҷрои талаботҳои вобаста ба парвандаи баррасишаванда ё иҷрои қарори судиро талаб намояд, аз онҳо маълумоти зарурӣро талаб кунад. Ҳангоми ҳал намудани ҳама гуна масъалаҳое, ки дар маҷлиси суди иқтисодӣ ба миён гузошта мешаванд, судяҳо аз ҳуқуқҳои баробар истифода менамоянд.

Суди иқтисодиро раиси он роҳбарӣ менамояд, ки муовинони (муовини) худро дорад. Фаъолияти судро дастгоҳи он таъмин менамояд. Кормандони дастгоҳи суд дар хизмати давлатӣ буда, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва ҷавобгарии кормандони дастгоҳи суд ва шароити аз тарафи онҳо иҷро намудани хизмати давлатӣ бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба хизмати давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

Мақсади асосии судҳои иқтисодӣ устуворгардонии қонуният ва адолат дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули эҳтиром

нисбат ба қонун ва таъмини фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Дар давоми 31 соли соҳибистиқлолии давлатӣ ба ҳокимияти судӣ Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва талаботи мақомоти судӣ ба кадрҳо, баҳри дар амал татбиқ намудани муқаррароти нави конститутсионӣ, ки бо фармонҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 9-уми июни соли 2016, №698 Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, бо фармонҳои дигари Сарвари давлат аз ҳамин рӯз тахти №699 ва №700, сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва тасдиқ карда шуданд, ки боиси таҳсин аст. Қобили қайд аст, ки дар Тоҷикистон ҳокимияти судии мустақилу беғараз дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонуният ва адолати иҷтимоӣ нақши муҳим дорад, аз ин рӯ, ба ташаккули ин шохаи ҳокимияти давлатӣ аҳамияти хосса дода мешавад.

Ин аст, ки фармонҳои мазкури Пешвои миллат шароитҳои назаррасро фароҳам овarданд ва масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шурои адлия дахл доштанд, минбаъд дар доираи ислоҳоти сохторӣ мутаносибан ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор гардида, тамоми масъалаҳои вобаста ба ташкили фаъолияти ҳокимияти судӣ, таъмини моддию техникии ин сохтор, таъминоти кадрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони судҳо, назорати судӣ аз болои фаъолияти судҳо, ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунҳо минбаъд ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор гардид. Дар доираи талаботи фармонҳои мазкур ва моддаҳои 9, 69, 84, 85, 86 ва 89 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки боиси боз ҳам ҷоннок кардани ин мақомоти ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, дар ин давра, чандин тағйиру иловаҳо ба санадҳои соҳаи мазкур ворид гардиданд, ки барои боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти ин мақомот мебошад.

Дар ин замина дар Тоҷикистон дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ 4 маротиба Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки мақсади асосии онҳо таҳкими ҳокимияти судӣ ва таъини мустақилияти судҳо ба шумор мераванд:

- Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни соли 2007, тахти №271;
- Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми январи соли 2011, тахти №976;
- Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2015, тахти №327;
- Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2019, тахти №1242 (https://soi.tj/?page_id=4819&lang=ru).

Ҳадафи асосии қабули ҳар яке аз ин барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, содагардонии ҷараёни мурофиаи судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилотҳо, таъмини қонунияту адолат ва дар заминаи он такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти судии кишвар мебошад [2,с.155].

Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, масъалаҳои такмили минбаъдаи сохтори судӣ, таҳкими мустақилияти судҳо, баланд бардоштани масъулияти судяҳо ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии онҳо, рушди қонунгузории соҳа, таъмини дастрасии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии баландихтисос, иҷрои санадҳои судиро пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади амалӣ намудани барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ҷиҳати дар низоми судии кишвар ворид намудани ниҳоди нав – коромӯз-судя ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Вобаста ба такмили қонунгузории низоми судҳои иқтисодӣ дар санаи 5 январи соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мурофиаи судии иқтисодӣ» қабул карда шуд, ки мутобиқи он, Кодекси мазкур аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор дода шуд. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои

куллиеро дар роҳи демократикунонии мурофиаи судии иқтисодӣ, таъмини мустақилияти иштирокчиёни мурофиа ва ба таври мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи суди иқтисодӣ, зиёд намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиа ва таъмини кафолати истифодаи самараноки ин ҳуқуқу уҳдадориҳо, баланд бардоштани нақши судҳоро дар мавриди ба амал баровардани адолати судӣ, таъмини бемайлони мустақилияти судяҳоро пешбинӣ намудааст.

Барои таъмини иҷрои Барномаи мазкур як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ворид намудани тағйири иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», омӯзиши масъалаҳои ба тобеияти судҳои иқтисодӣ мансуб донистани баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дар таҳрири нав, такмили тартиби иҷрои маҷбурии санадҳои иҷро, омӯзиши масъалаҳои ҷорӣ намудани мансаби ёрдамчии судяҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дар доираи маблағҳои мавҷуда ва воҳидҳои кории амалкунанда, беҳдошти сифати санадҳои судӣ, ҷиҳати баланд бардоштани донишҳои назариявӣ ва амалӣ ба бозомӯзӣ фаро гирифтани кормандони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, такмили Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ва танзими масъалаҳои дигари мурофиавӣ, таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» бо мақсади саривақт ба ҷомеа расонидани иттилоот аз кори судҳо, таҳкими боварии мардум ба ҳокимияти судӣ, инчунин беҳдошти кори сомонаҳои судӣ, тақсимоти электронии парвандаҳои судӣ ва такмили қонунгузорӣ, масъулият ва одоби судяҳо, раванди бозомӯзии ихтисосӣ ва бо дар назар доштани тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳо, таҳия ва қабули Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав бо мақсади таҷдиди назар кардани ҷазои ҷиноятӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ва ғайриҷиноигардонии баъзе кирдорҳои ҷиноятии дараҷаи хавфнокиаш паст, инчунин мутобиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии миллӣ, таҳия ва қабули Кодекси гражданӣ дар таҳрири нав, омӯхтани масъалаи таъсиси судҳои минтақавӣ бо мақсади беҳдошти сифати санадҳои судӣ ва таъмини принсипи баробарии ҳама дар назди қонун, баррасии шикоятҳои кассатсионӣ ва назоратӣ оид ба санадҳои судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, таҳия ва қабули Кодекси манзил дар таҳрири нав, такмил ва мутобиқ кардани меъёрҳои қонунгузории соҳа бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқи миллӣ, инчунин танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ оид ба манзил ва беҳдошти иҷрои санадҳои судӣ вобаста ба баҳсҳои манзил, қабул карда шудаанд.

Дар натиҷаи рушди босуръати соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа шумораи парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ сол то сол зиёд шуда истодаанд. Чунин ҳолат боиси афзоиши сарбории судяҳо шуда, барои босифат ва дар муҳлатҳои муқаррашуда баррасӣ гардидани парвандаҳо метавонад таъсири манфӣ расонад [14,с.66].

Ҷиҳати амалӣ намудани ин ҳадафҳо ба мақсад мувофиқ аст, ки маблағгузории мақомоти судӣ, бо дарназардошти эҳтиёҷоти воқеии судҳо, аз ҷумла талабот ба биноҳои замонавӣ, воситаҳои нақлиёт, техникаву таҷҳизоти муосир, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷиҳати автоматизатсиякунонии кори судҳо таъмин карда шавад. Бо ин васила ба мустақилияту беғаразии судяҳо таҳким бахшида мешавад.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 45-60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ намуда, оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки аз тарафи судҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, мақоми олии судӣ ба ҳисоб меравад. Суди мазкур, дар шаклҳои мурофиавие, ки қонун пешбинӣ кардааст, ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ назорати судӣ мебарад ва оид ба масъалаҳои таҷрибаи судӣ тавзеҳоти дастурӣ медиҳад.

Матлаби батанзимдарории мурофиаи судии иқтисодӣ гуфта, маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқи мурофиаи иқтисодиро меноманд. Доираи муносибатҳои мурофиаи иқтисодӣ хеле васеъ мебошад, ки дар якҷоягӣ мурофиаи судии иқтисодиро ташкил медиҳад.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти олии судии судҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ назорати судиро аз болои фаъолияти судҳои зинаҳои поёнӣ амалӣ месозад. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳо, тартиби интихоб, таъин, бозхонд ва озод намудани судяҳоро Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намуда, инчунин дигар муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо ба танзим медарорад. Боби чаҳоруми Қонуни мазкур ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, тартиби фаъолияти он пурра оварда шудааст.

Аз ин лиҳоз, дар мувофиқа бо моддаи 44 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақоми олии судӣ оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқамананд, инчунин парвандаҳои дигари аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баррасигардида ба ҳисоб рафта, назорати судиро аз болои фаъолияти Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе оид ба парвандаҳои иқтисодии дар тобеияти онҳо буда амалӣ намуда, барои ташкили кори Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе, таъминоти моддию техникии онҳо, хоста гирифтан ва тайёр намудани номзадон ба вазифаи судя, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, пешниҳод барои ба вазифа интихоб ва таъин намудан, аз вазифа бозхонд ва озод кардани судяҳо, ташкили имтиҳоноти тахассусӣ ва иҷрои ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад.

Маҳз бо ташкил ёфтани муносибатҳои бозоргонӣ талабот ба ташкилкунии системаи судии мустақил, ки махсус барои баррасӣ намудани баҳсҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқ гардонида шудаанд, ба миён омад. Зарурияти такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии хоҷагӣ дар соли 1995 ба кор карда баромадан ва қабули ду санади нав: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расонд, ки асоси ҳуқуқии системаи сохтори судӣ ва мурофиаи судии судҳои иқтисодӣ гаштанд.

Онҳо табдил ёфтани собиқ арбитражҳои давлатиро ба мақомотҳои комили пурраи ҳокимияти судӣ ифода менамуданд ва бори аввал салоҳияти баамалбарории адолати судиро аз рӯйи парвандаҳои хоҷагӣ ба зиммаи мақомоти судӣ гузоштанд. Идомаи такмили қонунгузории низоми судии кишвар соли 2001 ба қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда расонид.

Дар мувофиқа бо Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон адолати судиро дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо роҳи ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва баррасии дигар парвандаҳо, ки бо Кодекси мазкур ва дигар қонунҳо ба салоҳияти онҳо дахл доранд, ба амал мебароранд.

Вазифаҳои мурофиаи судии иқтисодӣ аз дуруст ва сари вақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои иқтисодӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарор доштаи шахсони воқеӣ (соҳибкорони инфиродӣ) ва ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони дигар, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, замин, экологӣ ва муносибатҳои дигари ҳуқуқӣ мебошанд, иборат аст. Мурофиаи судии иқтисодӣ ба таҳкими адолат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ташаккули муносибати эҳтиромона ба қонун ва суд бояд мусоидат намояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мурофиаи судии иқтисодӣ ба

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси мурофиавии иқтисодии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври возеҳу равшан мафҳум, моҳият ва принсипҳои фаъолияти судҳои иқтисодиро шарҳ додааст.

**Муқарриз: н.и.ҳ. дотсенти ДМТ – Мралиев И.**

## АДАБИЁТ


1. Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ). дис.. / Абдуллозода Ф.Н. -Душанбе, 2009. -С.167.
2. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2015, таҳти №327.
3. Боголюбов А.С. Пресечение и наказание в мусульманском праве (VIII-IX вв.) / А.С. Боголюбов // Ислам. Религия, общество, государство. -М.: Наука, 1984. -115 с.
4. Буриев И.Б. Становление и развитие государственности на территории Таджикистана (досоветский период) / И.Б. Буриев. -Душанбе, 2007. -С.57.
5. Гафуров Х.М. Экономические суды Республики Таджикистан: этапы развития и их место в судебной системе. [Электронный ресурс]. URL: http://www.superinf.ru/view_helpstud.php?id=1698 (дата обращения 23.11.2017)
6. Декларация о принятии суверенитета // Ведомости Верховного Совета Тадж. ССР. - 1990. -№16. -47 с.
7. Мирзамонзода Х.М. Конститутционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. док. юрид. наук / Мирзамонзода Х.М.. -Душанбе, 2021. -Ст.33.
8. Монтеске Ш. О духе законов / Ш. Монтеске. -М.: РИПОЛ классик, 2018. –132 с.
9. Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов / В.С. Нерсесянц. -М., 2005. -150 с.
10. Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон // Маҷмуи паёмҳо. -Хуҷанд: Хуросон, 2019. -С.604.
11. Периханян А.Г. И право Ирана в парфянский и сасанидский периоды / А.Г. Периханян. -М., 1983. -С.26.
12. Постановление Верховного Совета РСФСР «О концепции судебной реформы в РСФСР» от 24 октября 1991 г. № 1801-1 // Лебедов В.М., Корчагин А.Ю., Свечникова Л.Г. // Верховный суд России. -Пятигорск: Снег, 2012. -С.354.
13. Правоохранительные органы. -М.: Бек, 1995. -С.135.
14. Рушди судҳои иқтисодӣ дар даврони Истиқлолият. –Душанбе: ЭР-граф, 2021. -С.66.
15. Фармони Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз 14 апрели соли 1997, №692 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон. -Душанбе, 1997. -№3-4. -С.85.
16. Черниловский З.М. Всеобщая история государства и права / З.М. Черниловский. -М., 2001. -С.95.
17. [Электронный ресурс]. URL: https://soi.tj/?page_id=4819&lang=ru


## НИЗОМИ СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МАВҚЕИ ОНҲО ДАР НИЗОМИ СУДӢ


Дар мақолаи мазкур мавқеи судҳои иқтисодӣ дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷкистон, фаъолият ва салоҳиятҳои судҳои иқтисодӣ, таркиб ва сохтори онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Суд шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, мувозинати шохаҳоро бо истифодаи принсипи мувозинат ва боздорӣ таъмин намуда, намегузорад, ки ҳеҷ як шохаи дигар ваколати ҳокимияти худро суиистифода намояд. Бинобар ин, мавзуи мазкур ҳамчун асоси рушди системаи судӣ, аз он ҷумла судҳои иқтисодӣ ва воситаи муҳимми барқарор намудани адолат, махсусан дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи муносибатҳои характери иқтисодӣ дошта эътироф карда мешавад. Инчунин, масъалаи ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва низоми муосири судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шудаанд. Ҳадафи асосии интихоби мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, шарҳ додани функсия, фаъолият ва салоҳиятҳои судҳои иқтисодӣ бахри дуруст дарк намудани таркиб ва сохтори онҳо мебошад. Зеро, судҳои иқтисодӣ маҳз бахсҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки онҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа аҳаммияти хоссаро доро мебошанд. Фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолияти иқтисодӣ дар ташаккул ва рушди давлат нақши муассир дорад. Ҳар як тадқиқоти илмӣ ҳам аз ҷиҳати методологияи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Усулҳои назариявии мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, аз лаҳзаҳои таърихи ташаккул то замони рушди марҳилаҳои он вобаста ба қонунгузории муосир мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Методи амалии он бошад, дар раванди фаъолияти судҳои иқтисодӣ, хусусан фаъолияти амалии судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** судҳои иқтисодӣ, ташаккулёбии судҳои иқтисодӣ, роҳҳои ташаккулёбии судҳои иқтисодӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, ҳокимияти судӣ, шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, низоми судӣ, сохтори судӣ, адолати судӣ, волоияти қонун, инсондӯстӣ.

**ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУДЕБНАЯ СИСТЕМА И ИХ ПОЛОЖЕНИЕ В СУДЕБНОЙ СИСТЕМЕ**

В данной статье упоминается место экономических судов в судебной системе Республики Таджикистан, широко разъясняются функции, деятельность и полномочия экономических судов, а также полностью понимается их состав и структура. Суд является независимой ветвью государственной власти, он обеспечивает баланс ветвей, используя принцип сбалансированности и сдержанности, и не позволяет какой-либо другой ветви власти злоупотреблять своими полномочиями. Поэтому данная тема исследования признана основой развития судебной системы, в том числе экономических судов, и важным средством восстановления справедливости, особенно в сфере предпринимательской деятельности и других видов экономических отношений. В данной статье разъясняются правовые вопросы создания и деятельности экономических судов, а также современная система экономических судов Республики Таджикистан. Основная цель выбора данной темы – прежде всего подробно разъяснить функцию, деятельность и полномочия хозяйственных судов, а также правильно и полно понять их состав и структуру. Потому что экономические суды рассматривают именно те споры, которые имеют особое значение в экономической жизни общества. Предпринимательство и другие виды экономической деятельности играют важную роль в становлении и развитии государства. Каждое научное исследование оценивается как с точки зрения теоретической, так и практической методологии. Теоретические методы данного предмета изучаются, прежде всего, от моментов истории становления до времени этапов его развития, связанных с современным законодательством. Его практический метод оценивается на примере деятельности экономических судов, особенно практической деятельности экономических судов в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** Экономические суды, формирование экономических судов, пути формирования экономических судов, экономические отношения, судебная власть, ветви государственной власти, судебная система, судебная структура, судебное правосудие, верховенство права, гуманность.

**ECONOMIC JUDICIAL SYSTEM AND THEIR POSITION IN THE JUDICIAL SYSTEM**

This article mentions the place of economic courts in the judicial system of the Republic of Tajikistan, broadly explains the functions, activities and powers of economic courts, and fully understands their composition and structure. The Court is an independent branch of government, it ensures the balance of the branches using the principle of balance and restraint, and does not allow any other branch of government to abuse its powers. Therefore, this research topic is recognized as the basis for the development of the judicial system, including economic courts, and an important means of restoring justice, especially in the field of business and other types of economic relations. This article explains the legal issues of the creation and operation of economic courts, as well as the modern system of economic courts of the Republic of Tajikistan. The main purpose of choosing this topic is, first of all, to explain in detail the function, activities and powers of economic courts, as well as to correctly and fully understand their composition and structure. Because economic courts consider precisely those disputes that are of particular importance in the economic life of society. Entrepreneurship and other types of economic activities play an important role in the formation and development of the state. Each scientific study is assessed both from the point of view of theoretical and practical methodology. The theoretical methods of this subject are studied, first of all, from the moments of the history of its formation to the time of the stages of its development associated with modern legislation. His practical method is assessed using the example of the activities of economic courts, especially the practical activities of economic courts in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** economic courts, formation of economic courts, ways of development of economic courts, economic relations, business activity, function and activity of economic courts, jurisdiction of economic courts, judicial authority, court system, judicial structure, rule of law, humanity.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зокирова Нодира Иномҷоновна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 105020000.** E-mail: **nodira.zokirova.97@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зокирова Нодира Иномджоновна*** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 105020000.** E-mail: **nodira.zokirova.97@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zokirova Nodira Inomdzhonovna*** **–** Tajik National University, PhD candidate at the Department of Human Rights and Comparative Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 105020000.** E-mail: **nodira.zokirova.97@mail.ru**

ТДУ: 343

# НАҚШ ВА МАЗМУНИ ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ СУДӢ


***Раҳматуллоева Р.Р.***

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**


Принсипҳои фаъолияти мақомоти судӣ доир ба парвандаҳо аз рӯйи қоидаҳои расмии умумиҳатмӣ ҷараён мегиранд, ки онҳо дар ягонагӣ принсипҳои мурофиаи судии гражданӣ, ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Қоидаҳои умумиҳатмӣ - принсипҳои баамалбарории адолати судӣ аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон сарчашма мегиранд. Принсипҳои баамалбарории адолати судӣ ба ҳам пайвастагии на танҳо мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки асосҳои ба ҳам алоқамандии амалҳои мурофиавӣ, меҳвари мурофиаи гражданию ҷиноятиро ташкил медиҳанд.

Қонунгузории мурофиавӣ вобаста ба намуди парвандаҳо доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи судиро муқаррар менамояд, ки ҳар яке аз онҳо дорои вазъи мурофиавӣ-ҳуқуқии ба худ хос буда, дар намудҳои алоҳидаи парванда баромад менамоянд. Ба монанди айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида, шахсони холис дар мурофиаи ҷиноятӣ, даъвогар, ҷавобгар шахсони сеюм, тарафи манфиатдор дар мурофиаи гражданӣ ва иқтисодӣ. Иштирокчиёни мурофиа, новобаста аз он ки дар кадом намуди парванда баромад менамоянд, дорои вазъи ҳуқуқии баробар буда, аз ҳуқуқҳои мурофиавии баробар истифода мебаранд.

Қайд кардан лозим аст, ки доираи ҳуқуқҳои мурофиавии ҳар яке аз иштирокчиёни мурофиа гуногун буда, аз ҳамдигар фарқ менамояд, ки онҳо, дар маҷмуъ, мавзуи омӯзиши соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ – ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва монанди инҳоро ташкил медиҳанд.

Тарафҳо дар маҷлиси судӣ бо роҳи муқарраркардаи қонун ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ҳимоя менамоянд. Қонун ба онҳо дар ин маврид имкониятҳои якхела медиҳад. Дар маҷлиси судӣ тарафҳо баҳс мекунанд, ҳар як тараф барои тасдиқи фикру мулоҳизаҳои худ ва муайян кардани воқеият далелҳо пешниҳод менамояд, дар тафтиши онҳо иштирок намуда, доир ба он мавқеи худро муайян менамояд ва дар хусуси пурра ва ҳаматарафа санҷидани ҳодисаи рухдода дархост пешниҳод мекунанд [1]. Тамоми рафтору пешниҳоди далелҳо ба суд нигаронида мешавад. Ба мурофиаи судӣ суд (судя) роҳбарӣ мекунад ва ӯ кафили риояи ҳуқуқҳои тарафҳо ва қонуният мебошад.

Маҷлиси судӣ дар асоси баҳсу мунозираҳои тарафҳо, ки ба суд ба андозаи баробар далел оварда, дар тафтишу арзёбии онҳо иштирок мекунанд, гузаронида мешавад. Тартиби мазкур на танҳо дар қонунгузории мурофиавӣ, ҳамчунин дар қонунҳои конститутсионии соҳавӣ низ пешбинӣ гардидааст.

Дар мурофиаи гражданӣ ва иқтисодӣ низ тарафҳо аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ баробар истифода мебаранд.

Мурофиаи судӣ яке аз марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ буда, бояд дар марҳилаи якуми судӣ масъалаи гунаҳгор будан ё набудани судшаванда ҳатман бо роҳи мубоҳисаи тарафҳо ва баробарии онҳо баррасӣ гардад. Дар мурофиаи ҷиноятӣ иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва намояндагони онҳо дар мавриди пешниҳод намудани далелҳо, ширкат варзидан дар таҳқиқи далелҳо ва додани илтимосномаҳо аз ҳуқуқи баробар истифода мебаранд. Дар ин ҳолат аз тарафи айбдоркунанда прокурор ё ҷабрдида баромад мекунанд. Аз тарафи ҳимоя бошад, судшаванда ё адвокати ӯ баромад мекунанд. Баҳсҳои дар мурофиа пайдошударо танҳо суд ҳал мекунад. Барои суд ҳам тарафи айбдоркунанда ва тарафи судшаванда баробаранд. Далелҳои пешниҳодкардаи айбдоркунанда аз тарафи суд баҳо дода мешаванд, тафтиши пешакии бурдашуда аз нуқтаи назари қонунӣ ва асоснок будани он санҷида мешавад. Прокуроре, ки дар мурофиа иштирок мекунад, ҳуқуқи иштирокчии мурофиаро дорад. Суд (судя) бо фикри айбдоркунанда вобаста нест. Далелҳо ва арзҳои пешниҳодкардаи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судӣ баробар санҷида мешаванд. Мақсади дигари ин принсип дар он аст, ки ҳар як тараф дар асоси баробар будан барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ кӯшиш мекунад [3].

Мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. КМҶ ҶТ бори аввал шакли мубоҳисавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ карда, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба сифати тарафҳо эътироф кардааст [8,с.334].

Тарафҳо – иштирокчиёни мурофиа, ки дар муҳокимаи судӣ дар асоси мубоҳиса ва баробарҳуқуқӣ айбдоркуниро дастгирӣ мекунанд ва ё ҳимояро аз айбдоркунӣ анҷом медиҳанд. Дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба сифати тарафи айбдоркунанда – прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ), даъвогари гражданӣ, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ баромад мекунанд.

Ба сифати тарафи ҳимоя - гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи қонунии ӯ баромад мекунанд.

Суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо бояд шароит муҳайё намояд.

Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ баробарҳуқуқанд ва барои ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд.

Воситаҳои таъмини баробарҳуқуқии тарафҳоро дар ҷорӣ шудани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ дидан мумкин аст, ки мувофиқи он суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё танҳо ҷазодиҳанда нест ва набояд тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намояд, хулосаи суд (ки дар ҳукм ифода меёбад) аз хулосаи айбдоркунӣ ё мавқеи ҳимоятгар вобастагӣ надорад. Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ барои тавқият ё ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд. Суд якҷоя бо иштироки тарафҳо дар тафтиши судӣ далелҳоеро мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор медиҳад, ки ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доштаро ё бегуноҳии судшавандаро тасдиқ мекунанд.

Бинобар ин, тибқи м. 339 КМҶ ҶТ ҳукми айбдоркунанда ба шарте бароварда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмуи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ ёбад. Ҳукми айбдоркунанда ба тахмин асос ёфта наметавонад. Суд мустақилият, беғаразӣ ва холисии худро нигоҳ дошта, роҳбарии мурофиаро анҷом медиҳад. Суд таъиноти (функсияи) таъқибнамоӣ, айбдоркуниро, ё танҳо ҷазодиҳиро надорад. Бинобар ин, қонун асосҳои қабул шудани ҳукми сафедкунандаро низ ҳангоми мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят; ҳангоми дар кирдори судшаванда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, инчунин дар сурати бо далелҳо исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир кардани ҷиноят, пешбинӣ кардааст. Суд, судя ба далелҳо аз нуқтаи назари кифоя буданашон барои ҳалли масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда баҳо медиҳанд. Барои суд ягон далел пешакӣ қувваи муайянкунандаро доро нест. Мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудааст, ба ҳолатҳои воқеии парванда асоси бевоситаи бекор кардани ҳукм мебошад (м.374 КМҶ ҶТ) [4].

Эътироф гаштани қоидаҳои мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ ба мазмуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар ҷараёни дигар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дида мешаванд, аз ҷумла ба тартиби интихоб ва татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ дошта, ба ҷамъоварии далелҳо ва талаботе, ки нисбати маълумоти воқеӣ пешбинӣ шудаанд, таъсири назарраси мусбӣ мерасонад. Аввал ин ки, доираи сарчашмаҳои маълумоти воқеӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ пешбинӣ гаштааст, ки дар навбати худ, имкониятҳои васеи ҷамъоварии далелҳоро дар баробари анҷом додани амалҳои тафтишотӣ таъмин мекунад. Дуюм ин ки, доираи субъектоне, ки имконияти ҷамъоварии далелҳоро доранд, танҳо бо мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд маҳдуд нашудааст. Бинобар эътироф гаштани баробарии тарафҳо (тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя) ва мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, хавфи яктарафа анҷом дода шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз байн рафтааст.

Қонун ба ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо имкониятҳои васеи ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст, ки дар ҳама зинаҳои ҷараёни исботнамоӣ [12], аз ҷумла дар ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳии маълумоти воқеӣ, фаъолона иштирок намоянд. Муқаррароти моддаи 86 КМҶ ҶТ ҳуқуқи субъектҳои номбаршуда (ки бояд риоя ва иҷро шаванд), ҳамин ақидаро тасдиқ мекунад. Сеюм ин ки, қонун воситаҳои ҷамъоварии далелҳоро, ҳам барои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва ҳам барои субъектони тарафи ҳимоя, маҳдуд накардааст. Масалан, хулоса ва нишондоди мутахассис; сабтҳои пинҳонӣ; гуфтугӯйи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида; мушоҳидаҳои электронӣ, видеӣ ва магнитофонӣ дар қонун бори аввал ба сифати сарчашмаи далелҳо пешбинӣ шудаанд (м.72 КМҶ ҶТ); ҷамъоварии маълумот аз ҷониби субъектони тарафи ҳимоя ба тариқи шифоҳӣ ё хаттӣ, сабти аудиою видеӣ, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳо, ки далел шуда метавонанд, талаб карда шудани тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳо аз муассиса, ташкилот ва корхонаҳои мухталиф, ки бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо уҳдадоранд, имконияти васеи ҷамъоварии далелҳоро нишон медиҳанд (м.86 КМҶ ҶТ).

Ҳарчанд қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нисбати роҳу воситаҳои ҷамъоварии маълумот аз ҷониби субъектони аз оқибати мурофиаи ҷиноятӣ манфиатдор шакли махсуси мурофиавиро (ба монанди тартиби анҷом додани амалҳои тафтишӣ) пешбинӣ накарда бошад ҳам, маълумоти ҷамъовардаи онҳо ҷоиз эътироф мешаванд, чунки:

1) аз ҷониби субъектони дар қонун пешбинӣ шуда ҷамъ оварда шудаанд;

2) бо яке аз роҳу воситаҳои пешбинӣ кардаи қонун ҷамъ оварда шудаанд;

3) ба тариқи яке аз шаклҳои пешбинӣ кардаи қонун (маълумот дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видеӣ, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳо) пешниҳод мешаванд.

Чорум, меъёрҳои қонун ҷамъоварии далелҳоро танҳо бо ёрии амалҳои тафтишотӣ маҳдуд намекунад, дар ҷараёни исботнамоӣ воситаҳои расмӣ-ҳуқуқӣ низ мавқеъ ва аҳаммияти худро доранд. Воситаҳои расмии исботнамоӣ ба шумор мераванд: презумпсия; преюдитсия; расман эътироф кардан.

4) қоидаҳои (ҳамчун далел) истисно кардани маълумот (м.88 КМҶ ҶТ), ки амалӣ гаштани онҳо бе иштироки тарафҳо имконнопазир аст.

Масъалаи интихоб ва татбиқ гардидани баъзе аз чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ - ҷиноятӣ дошта (чораҳои пешгирӣ ва дигар чораҳои маҷбурӣ) дар маҷлиси судӣ бо иштироки тарафҳо ҳалли худро меёбад. Чунончи, қарори оғоз кардани дархост дар бораи интихоб кардани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё татбиқи ҳабси хонагӣ аз ҷониби судяи суди шаҳр ва ноҳия, ё ин ки суди ҳарбии гарнизон бо иштироки гумонбаршуда, айбдоршаванда, прокурор, ҳимоятгар, аз рӯйи маҳалли пешбурди тафтиши пешакӣ, ё ин ки аз рӯйи маҳалли дастгиршавии гумонбаршуда баррасӣ карда мешавад. Дар маҷлиси суд инчунин намояндаи қонунии гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳуқуқи иштирок карданро доранд [2,с.128].

Амали принсипи мубоҳисаро то оғози маҷлиси судӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории исбот намудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ вогузор гардидааст. Албатта, аз нуқтаи назари принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, баамалбарории таъиноти (функсияи) айбдоркунӣ ва ҳимоя ба зиммаи як тарафи баҳси ҳуқуқӣ вогузор намешавад. Иштироки шахсони мафиатдори мурофиаи ҷиноятӣ – гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданиро дар фаъолияти исботнамоӣ то марҳилаҳои судӣ, қонун кафолат медиҳад. Онҳо метавонанд, мувофиқи тартиботи мурофиавии муқарраркардаи қонун аз имкониятҳои ҳуқуқии худ мустақилона истифода намоянд. Аз ҷумла, далелҳо пешниҳод кунанд; бо протоколи амалҳои тафтишӣ, ки бо иштироки онҳо гузаронида шудаанд, шинос шаванд ва ба онҳо эродҳо баён кунанд; бо иҷозати муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости намояндааш амалӣ мешаванд, иштирок кунанд; пас аз анҷоми тафтиш бо ҳамаи маводи тафтишот шинос шаванд, аз онҳо ҳама гуна маълумотро ба андозаи гуногун барои худ рӯйнавис кунанд ва ғайраҳо. Дар ҷараёни исботнамоӣ мақомоте, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаи

онҳо вогузор гардидааст, вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари граждании ва ҷавобгари граждании ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун мавқеи худро ҳимоя ва асоснок намоянд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳоро таъмин намоянд.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи расмӣ эътироф гаштани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, зарурияти ислоҳоти тамоми институтҳои мурофиаи ҷиноятиро ба миён овард, доираи амали принсипи қонуният васеъ гардид, ки ба ташаккули қоидаҳои марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намуд.

Эътироф ва дар амал татбиқ гаштани ин қоидаҳо, минбаъд барои пурра ба шакли таърихии мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меоранд.

Баррасии ошкорои парванда яке аз муҳимтарин принсипи баамалбарории адолати судӣ буда, ба марҳилаи якум, кассатсионӣ, назоратӣ, аз нав баррасӣ намудани парванда аз рӯйи ҳолатҳои нав ошкоргардида ва инчунин ба марҳилаи кассатсионӣ алоқамандӣ дошта, аз тарафи судҳо ҳатман риоя карда мешавад.

Ба таври ошкоро баррасӣ намудани парванда дар моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [9], моддаи 11 Кодекси мурофиавии гражданӣ [5], моддаи 11 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] ва моддаи 19 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ифода гардидааст.

Илова бар ин, бо мақсади бевосита таъмин гардидани принсипи зикргардида бо қарори Пленуми Суди Олӣ аз 31 августи соли 2007 «Дар бораи риоя намудани принсипи ошкоро будани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» ба судҳои ҷумҳурӣ тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст.

Ҳамчунин, принсипи мазкур аз талаботи санадҳои байналмилалӣ оид ба адолати судӣ низ бармеояд. Дар банди 1 моддаи 14 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи гражданӣ ва сиёсӣ муқаррар шудааст, ки «ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар навъ айбдории ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда мешавад ё ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ дар ягон мурофиаи гражданӣ ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ҳақ дорад».

Чунин муқаррарот дар моддаи 6 Конвенсияи Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ низ пешбинӣ шудааст.

Таҳти мафҳуми ошкоро будани мурофиаи судӣ на танҳо гузаронидани мурофиаи кушоди судӣ, балки таъмини иштироки тарафҳо дар он, имконияти ширкат намудани дигар шахсоне, ки дар парванда иштирок надоранд, фаҳмида мешавад.

Ошкоро будани мурофиаи судӣ ин имконияти озодонаи шинос шудани иштирокчиёни мурофиаро бо ҳамаи маводи парванда, аз он ҷумла бо маводе, ки ҳангоми чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дастрас шудаанд, бо амрҳои (дастурҳои) прокурор, ки дар рафти тафтиши пешакӣ дода шудаанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд), дар назар дорад. Ба ғайр аз ин, ба принсипи мазкур ба таври оммавӣ эълон кардани қарори суд, хабар додан ва шинос кардани тарафҳо бо шикоятҳои воридгардидаи дигар иштирокчиёни мурофиа, воқиф будан оид ба вақту ҷойи баррасии парванда дар марҳилаҳои гуногуни судӣ, таъсис додани манбаи ягонаи ҳукмҳою қарорҳои судии эътибори қонунӣ пайдо намуда ва иҷозати озодона доштан ба онҳо, озод будани маълумот оид ба иҷрои санадҳои судӣ низ дохил мешаванд.

Кушода будани муҳокимаи суд тарзи асосии таъмини ошкорои мурофиаи судӣ буда, парванда дар ҳузури омма баррасӣ мегардад ва хоҳишмандон имконият доранд озодона ба маҷлисгоҳи суд ворид шуда, дар рафти мурофиа иштирок намоянд. Ин ҳолат ба намояндагони ахбори умум низ паҳн мегардад.

Аз ҷониби суд дар маҷлисгоҳи судӣ истифода бурдани сабти видеӣ-аудиоӣ тарзи нисбатан ба мақсад мувофиқ буда, барои ба таври мушаххас қайд карда гирифтани ҳамаи воқеиятҳои дар мурофиаи судӣ баамаломада мусоидат мекунад ва барои аз байн бурдани далелҳои таҳрифшудае, ки дар парванда муқаррар карда шудаанд, хизмат менамояд.

Маводи видеӣ-аудиоии аз ҷониби суд сабтшуда, ба тариқи дахлдор муҳргузорӣ карда шуда, бо парванда якҷоя нигоҳ дошта мешаванд.

Дар рафти баррасии парванда аксбардорӣ, истифодаи сабти видеӣ-аудиоӣ танҳо бо розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва бо иҷозати раисикунандаи парванда имконпазир аст. Ин амалҳо набояд ба рафти муътадили мурофиаи судӣ халал расонанд.

Раисикунанда метавонад истифодабарии сабти видеӣ-аудиоиро дар давраи муайяни мурофиаи судӣ, ё ин ки нисбат ба баъзе аз иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва ё шахсони дигар бо ризоияти онҳо иҷозат диҳад. Инчунин, ӯ ҳуқуқ дорад дар ҳар як марҳилаи мурофиаи судӣ истифодабарии сабти видеӣ-аудиоиро манъ намояд.

Ҳамаи амрҳои раисикунанда оид ба масъалаҳои истифода бурдани сабти видеӣ-аудиоӣ дар маҷлисгоҳи судӣ дар протоколи мурофиаи судӣ нишон дода мешаванд.

Бо назардошти муқаррароти моддаи дахлдори Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон амри раисикунанда дар мурофиаи судӣ ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиа ва шахсони дигар, ки дар толори суд ҳузур доранд, ҳатмӣ мебошад. Амри раисикунанда дар бораи манъ кардан ё қатъ намудани сабти видеӣ-аудиоӣ низ бояд иҷро гардад.

Дар сурати ба амри раисикунанда итоат накардан, вайрон намудани ҳуқуқҳои конститутсионӣ оид ба дахолат кардан ба ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, раисикунанда метавонад нисбат ба шахсони гунаҳгор талаботи моддаи 292 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро [13,с.68] татбиқ намояд.

Раисикунанда ҳангоми кушодани мурофиаи судӣ масъалаи дар мурофиаи ошкоро ё пӯшидаи судӣ баррасӣ кардани парвандаро эълон менамояд ва дар ин хусус дар протоколи маҷлиси судӣ қайд карда мешавад.

Ҳангоми дар мурофиаи судӣ пешниҳод шудани дархост оид ба дида баромадани парванда дар мурофиаи пӯшидаи судӣ, суд вазифадор аст аз шахси дархост пешниҳоднамуда муайян намояд, ки бо кадом асосҳои дар қонун пешбинигардида масъалаи маҳдуд кардани ошкоро будани мурофиаи судӣ ба миён гузошта шудааст ва дар ин хусус фикри дигар иштирокчиёни мурофиаро маълум намояд.

Маҳдудияти ғайриқонунии ошкоро будани мурофиаи судӣ (беасос махфикунонии маводи парванда, гузаронидани мурофиаҳои пӯшида бо асосҳои бо қонун пешбининашуда ва ғайра), ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи судиро халалдор сохта, ба талаботи принсипи ошкоро будани мурофиаи судӣ ҷавобгӯ намебошад.

Принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ, дар маҷмуъ, бо дигар принсипҳо иҷрои вазифаҳои қонунҳои мурофиавиро, ки ба баррасии боадолатонаи парвандаҳои судӣ равона карда шудаанд, таъмин менамояд.

Зиёда аз ин, баррасии ошкорои парвандаҳо аҳаммияти тарбиявӣ дошта, ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намуда, муносибати шаҳрвандонро ба ҳокимияти судӣ ва қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ мусбӣ менамояд.

Ҷузъи муҳим дар таъмини ошкоро будани фаъолияти судӣ риоя намудани тартиботи ҳуқуқӣ ҳангоми гузаронидани мурофиаи судӣ аз ҷониби иштирокчиёни он, шахсони дар толори суд ҳузурдошта ва намояндагони ахбори омма мебошад. Дар толори суд шахсони ҳузурдошта, иштирокчиёни парванда бояд ба суд бо эҳтиром муносибат намоянд, ба супоришҳои раисикунанда, пристави судӣ, ки ба зиммаи ӯ вазифаи таъмини тартибот дар толори суд вогузор шудааст, итоат намоянд.

Қарорҳои судӣ дар ҳама ҳолатҳо ошкоро эълон карда мешаванд.

Ҳамчун истисно аз принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ, гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судӣ дар ҳолатҳои бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида иҷозат дода, дар онҳо номгӯйи ҳолатҳои гузаронидани мурофиаҳои пӯшидаи судӣ муайян гардидаанд.

Шарти умумии гузаронидани мурофиаҳои пӯшидаи судӣ, тибқи қонунгузории амалкунанда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои мушаххас мебошад. Дар баъзе санадҳо номгӯйи ҳолатҳои мазкур ва бо мавҷудияти санади меъёрии дахлдор ё бо ишора ба гурӯҳи муайяни парвандаҳо ба таври кифоя дарҷ шудаанд.

Гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судӣ на барои маҳдуд кардани ошкоро будани он, балки амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии озодона ҷустуҷӯ намудан, гирифтан, супоридан, коркард ва паҳн намудани маълумотро ифода менамояд.

Дар моддаи 19 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар шудааст, ки муҳокима дар ҳама судҳо ошкоро аст, ғайр аз мавридҳое, ки ин ба манфиатҳои муҳофизати сирри давлатӣ зид бошад. Инчунин, баррасии парванда дар мурофиаи пӯшидаи судӣ бо таъиноти ваҷҳноки суд дар парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни 16 нарасидаанд, дар корҳои ҷиноятҳои оид ба алоқаи ҷинсӣ, дар корҳои дигар бо мақсади пешгирӣ кардани ошкоршавии маълумот оид ба ҷиҳатҳои паҳншавии маҳрамии ҳаёти шахсони иштирокчии парванда ва дигар ҳолатҳое, ки барои таъмини бехатарии ҷабрдида, шоҳидон ва дигар иштирокчиёни кор, ҳамчунон аъзои оила ё хешовандони онҳо талаб менамояд, гузаронида мешавад.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судиро барои он иҷозат медиҳад, ки ба паҳн гардидани сирри давлатии бо қонун ҳифзшаванда роҳ дода нашавад.

Илова бар ин, тибқи Қонуни конститутсионии мазкур Суди конститутсионӣ мурофиаи пӯшидаро дар ҳолатҳое низ таъин менамояд, ки агар ин барои таъмини амнияти шаҳрвандон, сирри ҳаёти шахсии онҳо ва ҳифзи ахлоқу одоби ҷомеа зарур бошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» маълумотҳое, ки ба сирри давлатӣ мансуб мебошанд, муқаррар карда шудаанд. Ба ин гурӯҳ маълумот дар соҳаҳои ҳарбӣ, сиёсати беруна ва фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ, иқтисодиёт, илм ва техника, фаъолияти разведкавӣ, контрразведкавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва номгӯйи ташкилоти ҳифзи сирри давлатидошта дохил мешаванд, ки паҳн кардани маълумот нисбат ба онҳо метавонад ба бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад.

Ҳамчунин, дар моддаи 11 Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси гузаронидани маҷлиси пӯшидаи судӣ дар ҳолатҳое, ки ба дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон, ифшои сирри онҳо, ё ба халалдор кардани манфиатҳои қонунии ноболиғон боис мешаванд, нишон дода шудаанд.

Бо мақсади ошкор нагардидани сирри фарзандхондӣ, ки моддаи 139 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, моддаи 278 Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳоро вазифадор намудааст, ки аризаро дар бораи фарзандхондӣ дар мурофиаи пӯшидаи судӣ мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Кодекси мурофиаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии парванда дар мурофиаи пӯшидаи судӣ дар ҳолатҳое, ки агар муҳокимаи ошкорои парванда ба фош гардидани сирри давлатӣ оварда расонад, дар дигар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда, ҳамчунин ҳангоми аз ҷониби суд қонеъ намудани дархости шахси дар парванда иштироккнамуда оид ба зарурати нигоҳдории сирри тиҷоратӣ, хизматӣ ва дигар сир иҷозат медиҳад.

Зимни гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судӣ дар толори суд танҳо тарафҳо, намояндагону дигар иштирокчиёни парванда, ки дар Қонун нишон дода шудаанд, ҳузур дошта метавонанд. Баррасии парванда дар мурофиаи пӯшидаи судӣ бо риоя намудани ҳамаи қоидаҳои раванди судӣ анҷом меёбад.

Маҳдудиятҳои қайдгардидаи ошкоро будани муҳокимаи судӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқат мекунанд. Дар баробари ин, дар баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ номгӯйи ҳолатҳое, ки ба гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судӣ иҷозат медиҳанд, ҳатто васеътар мебошанд. Чунончи, дар банди 1 моддаи 14 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи гражданӣ ва сиёсӣ ва моддаи 6 Конвенсияи Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ дарҷ гардидааст, ки «кормандони матбуот ва мардум метавонанд на ба ҳамаи мурофиаи судӣ ё як қисми он бо сабабҳои ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти давлатӣ дар ҷомеаи демократӣ ё вақте ки инро манфиатҳои зиндагии шахсии тарафҳо тақозо намояд ё ба андозае, ки мувофиқи ақидаи суд ба таври қатъӣ зарур аст, дар ҳолатҳои махсус, ки оммавӣ будани мурофиа метавонад манфиатҳои адолатро халалдор созад, роҳ дода шаванд» [7].

Ҳамин тариқ, баррасии парвандаҳо дар тамоми судҳо ошкоро сурат мегирад, ба истисноимавридҳое, ки қонунгузории амалкунанда муайян кардааст. Мурофиаи судӣ дар

маҷлисҳои пӯшидаи суд фақат дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ва зимнан бо риояи ҳамаи қоидаҳои судӣ, ба роҳ монда мешавад. Қарор, ҳукмнома ва таъиноти судӣ дар ҳама маврид ошкоро эълон карда мешавад.

Тарафи дигари масъала принсипи ҳатмӣ будани иҷроиши санадҳои судӣ аст, ки тибқи ин принсип санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бидуни истисно барои ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ буда, бояд дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бемамоният иҷро карда шаванд.

Санадҳои судӣ дар шакли ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо қабул карда, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои иҷро ҳатмӣ мебошанд. Санадҳои судӣ аз лаҳзаҳои гуногун эътибори қонунӣ пайдо мекунанд. Мутобиқи қисми 1 моддаи 133 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [14,с.284], агар дар муҳлати муқарраргардида аз қарздор ба суд норозигӣ ворид нагардад, судя ба ситонанда нусхаи фармонро, ки бо муҳри нишондори суд тасдиқ гардидааст, ҷиҳати пешниҳод барои иҷро месупорад, ин маънои эътибори қонунӣ пайдо намудани фармонро дорад.

Ҳукм, ҳалнома ва таъинот баъди гузаштани муҳлати шикоят ва эътирози кассатсионӣ эътибори қонунӣ пайдо мекунанд, агар нисбат ба онҳо шикоят ва эътирози кассатсионӣ пешниҳод нашуда бошад. Дар сурати пешниҳод намудани шикоят ва эътирози кассатсионӣ ҳукм, таъинот ва ҳалнома аз рӯзи қабули қарори марҳилаи кассатсионӣ эътибори қонунӣ пайдо мекунад, агар он бо қарори марҳилаи кассатсионӣ бекор карда нашуда бошад. Тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироз ё шикоят дар бораи аз сари нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарори суде, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, ба истиснои қарорҳои раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба суди марҳилаи назоратӣ аз ҷониби прокурор, маҳкумшуда, сафедкардашуда, ҳимоятгарон ва намояндагони онҳо, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони қонунии онҳо, инчунин дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо бо ҳукм халалдор шудааст, тибқи муқаррароти ҳамин қонун пешниҳод карда мешавад. Тибқи моддаи 356 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад; қарори суди марҳилаи кассатсионӣ аз лаҳзаи қабул шудани он эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

Иҷро накардани санади судӣ, ҳамчунин дигар зуҳуроти беэҳтиромӣ нисбат ба суд боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонун мегардад. Масалан, барои қасдан иҷро накардани ҳукм, ҳалнома ё санади дигари эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд аз ҷониби намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, инчунин хизматчии муассисаи давлатӣ, ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот, инчунин ба иҷрои онҳо монеъ шудан, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, қарорҳои судӣ баъд аз гузаштани муҳлати муайян эътибори қонунӣ пайдо намуда, хусусияти умумиҳатмиро соҳиб мешаванд. Ягон шахс ҳуқуқи сарфи назар намудани онҳоро надорад. Вале нисбати доираи муайяни шахсон он ҳатман паҳн шуда, иҷроишаш аз тарафи ин шахсон хатмӣ мебошад.

Баҳри саривақт ва дуруст иҷро намудани ҳукму ҳалномаҳо ва санадҳои дигари судӣ мақомоти махсуси ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, онҳо масъули иҷрои ин вазифа мебошанд. Ба ғайр аз ин, шахсоне ҳастанд, ки аз рӯйи вазифаи ишғолнамудаашон уҳдадоранд, ки ҳукм, ҳалнома ва санадҳои дигари судиро иҷро намоянд. Инҳо намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақомоти худидораи маҳаллӣ, хизматчии муассисаи давлатӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ ё дигар корхонаҳо мебошанд. Мисол, дар қисми иҷроии корҳои ислоҳӣ аз вазифа озод намудани шахсоне, ки нисбати онҳо ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян татбиқ карда шудааст, маҳдуд намудан дар хизмати ҳарбӣ, мусодираи амвол ва ғайра.

Ба иҷро наросонидани ҳукму ҳалномаҳо ё ба иҷрои онҳо монеъ шудан фаъолияти адолати судӣ ва низоми иҷрои ҷазоро фалаҷ намуда, реҷаи қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро халалдор намуда, ба шахс, ҷомеа ва давлат зарар мерасонад.

Ҳатмӣ будани санадҳои судӣ шахсони манфиатдореро, ки иштирокчии парванда намебошанд, аз имконияти муроҷиат ба суд маҳрум намесозад, агар санади қабулнамудаи суд ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо дахолат намояд.

Ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои судии судҳои давлатҳои хориҷӣ ва судҳои ҳакамии хориҷӣ (арбитражҳо) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, муайян мегардад. Ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва иҷро карда мешаванд, агар ин дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинӣ гардида бошад. Ба қатори шартномаҳои муҳимми бисёртарафаи байналмилалӣ, ки масъалаи мазкурро танзим менамоянд, Конвенсия оид ба кумаки ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ (Минск аз 22.01. с. 1993) ва Конвенсияи СММ дар бораи эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои ҳакамии хориҷӣ (арбитражҳо) (Ню-Йорк с. 1958) дохил мешаванд.

Мутобиқи шартномаҳои байналмилалии мазкур барои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудани ҳалномаҳои суди хориҷӣ ва ҳакамӣ онҳо бояд бо қарори суди ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди эътироф ва иҷро қарор дода шаванд. Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ ва суди ҳакамии хориҷӣ дар маҷлиси кушоди суд дар асоси аризаи тарафи баҳсе, ки суди хориҷӣ баррасӣ кардааст ва ё аризаи тарафи муҳокимаи ҳакамӣ анҷом дода мешавад. Дар сурати қонеъ гардидани ариза суд таъинот қабул менамояд ва дар асоси он варақаи иҷро медиҳад, ки тибқи он ҳалномаҳои хориҷӣ ва суди ҳакамӣ иҷро карда мешаванд.

Дар шартномаҳои байналмилалӣ воситаҳои гуногуни эътироф ва иҷрои санадҳои судҳои хориҷӣ ва судҳои ҳакамии хориҷӣ дарҷ гардидаанд. Дар иртибот бо ин маълум кардан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадом давлати мушаххаси хориҷӣ доир ба масъалаҳои эътироф ва иҷрои санадҳои судҳо ва судҳои ҳакамии хориҷӣ шартнома дорад. Дар ҳолати вуҷуд доштани якчанд шартнома, дар навбати аввал мувофиқи шартномаҳои дутарафа ва сипас бисёртарафа амал карда мешавад.

Таҳти ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ҳалномаҳо доир ба парвандаҳои гражданӣ, ба истиснои парвандаҳо оид ба баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳои вобаста ба иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар фаъолияти иқтисодӣ, ҳукмҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисми ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи ҷиноят расонида шудааст, фаҳмида мешавад.

Ҳалномаи суди давлати хориҷӣ метавонад барои иҷрои маҷбурӣ дар давоми се соли эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суди давлати хориҷӣ пешниҳод карда шавад. Муҳлати бо сабабҳои узрнок гузаронидашударо суди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо тартиби пешбининамудаи қонун барқарор намояд. Иҷрои ҳалнома бо пешниҳоди дархост дар бораи иҷрои маҷбурии он ҳуқуқи даъвогар буда, ба муҳлати се сол маҳдуд карда намешавад.

Заминаҳои ҳуқуқии таъмини иҷроиши санадҳои қабулнамудаи судро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" танзим менамояд. Тибқи моддаи 7 Қонуни мазкур, ҳуҷҷати иҷро аз ҷониби суд ба ситонанда баъд аз эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ супорида мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки ҳуҷҷати иҷро фавран баъд аз қабули санади судӣ дода мешавад [10]. Ҳуҷҷати иҷро ба ситонанда супорида мешавад, ё ин ки бо дархости ӯ барои иҷро бевосита аз ҷониби суд равон карда мешавад. Супоридани ҳуҷҷати иҷро барои иҷро мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Агар қарздор шахси воқеӣ бошад, пас амали иҷро аз тарафи иҷрочии мақомоти иҷро дар маҳалли истиқомат, ҷойи кор ё дар маҳалли ҷойгиршавии молу мулки вай гузаронида мешавад. Агар қарздор шахси ҳуқуқӣ бошад, пас амали иҷро аз ҷониби иҷрочии мақомоти иҷро дар маҳалли ҷойгиршавии ташкилот ва ё маҳалли ҷойгиршавии молу мулки он гузаронида мешавад. Иҷрои талаботи дар ҳуҷҷатҳои иҷро муайяншудае, ки қарздорро барои иҷро намудани амалҳои муайян уҳдадор менамояд, дар маҳалли иҷрои ин амалҳо ба ҷо оварда мешавад. Ҳуҷҷати иҷрое, ки аз тарафи як иҷрочии мақомоти иҷро ба иҷрочии мақомоти иҷрои дигар равона карда шудааст, аз тарафи охирон барои иҷро қабул карда мешавад [11,с.120]. Маҳалли иҷрои амалҳои иҷро байни иҷрочиёни мақомоти иҷро мавриди баҳс шуда

наметавонад. Агар дар ҷараёни иҷрои ҳуҷҷати иҷро тағйироте дар маҳалли истиқомати қарздор, ҷойи кор ва маҳалли ҷойгиршавии ӯ ба вуқуъ ояд ва ё муқаррар гардад, ки молу мулки қарздор, ки мебоист ба он ситониш нигаронида шавад, дар ҷойи аввалааш нест, иҷрочии мақомоти иҷро фавран дар ин бора санад тартиб дода, на дертар аз рӯзи дигари баъди тартиб додани он ҳуҷҷати иҷроро бо нусхаи ин ҳуҷҷат ба иҷрочии мақомоти маҳалли нави истиқомати қарздор, ҷойи кори вай, маҳалли ҷойгиршавии вай ё маҳалли нави ҷойгиршавии молу мулки қарздор равон менамояд. Ҳамзамон, иҷрочии мақомоти иҷро дар ин бора ба ситонанда, суд ё дигар мақомоте, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст, хабар медиҳад. Агар иҷро талаботи ситонандаро пурра қонеъ нагардонад, иҷрочии мақомоти иҷро оид ба ин ҳолат фавран санад тартиб дода, на дертар аз рӯзи дигари баъди тартиб додани он ҳуҷҷати иҷроро якҷоя бо нусхаи ин ҳуҷҷат ба иҷрочии мақомоти иҷрои маҳалли ҷойгиршавии молу мулки боқимондаи қарздор мефиристад.

Ҳамин тавр, ҳокимияти судӣ ҳокимияти воло мебошад, волоияти ҳокимияти судӣ дар ҳатмӣ будани риоя ва иҷрои санадҳои қабуламудаи он аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ифода мегардад.

**Муқарриз: н.и.ҳ-и ДМТ – Мирзозода Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Ведяхина К.В. Разделение властей как принцип российского права. Дайджест официальных материалов и публикаций в периодической печати. Конституционное правосудие в странах СНГ и Балтии. - 2002. -№16.
2. Гуломов И.Ш. Принцип состязательности и реализация уголовно – процессуальных функций / И.Ш. Гуломов // В сб. научных трудов «Верховенство закона – основа укрепления независимости // Сб. науч. трудов.Ч.V.// Под об. ред. Рахматулоева А.Э. –Худжанд, 2012. -228 с.
3. Иброҳимов С. Ташаккули адлияи маъмурӣ (таҳлили муқоисавӣ- ҳуқуқӣ) / С. Иброҳимов //Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. -№3.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №12, мод.815; Қонунҳои ҶТ аз 23.11.2015 с., № 1229; аз 15.03.2021с., №1275; аз 18. 03. 2022 № 1857). [Манбаи электронӣ]. URL: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 30.08.2023).
5. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. 05.01.2008. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, №1, мод. 6; с. 2012, №7, мод. 721; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 388; №12, мод. 821; с. 2015, №11, мод. 953; с. 2016, №5, мод. 360; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1474; аз 02.01.2019 с., № 1559; аз 20.06.2019 с., №1612; аз 04.07.2020 №1697; Қонуни ҶТ аз 23. 12. 2021 с., №1818; Қонуни ҶТ аз 18. 03. 2022 с., № 1856, аз 19. 07. 2022 с. №1818). [Манбаи электронӣ]. URL: www. mmk. tj. (санаи муроҷиат: 30.08.2023).
6. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.4, мод.5; с. 2011, №12, мод.840; с. 2012, №7, мод.719; с. 2013, №3, мод.180; с. 2015, №11, мод.954; с. 2017, №5, қ.1, мод.277; с. 2018, №1, мод.7, №7-8, мод.523; с. 2019, №1, мод.7; с. 2020, №4-5, мод. 235) (Қонуни ҶТ аз 26.12.2011 № 776, аз 03.07.2012 № 869, аз 19.03.2013 № 937, аз 23.11.2015 № 1233, аз 30.05.2017 № 1420, аз 2.01.2018 № 1475, аз 3.08.2018 № 1539, аз 2.01.2019 № 1560, аз 02.04.2020 № 1687, аз 17.12.2020 № 1731, аз 23.12.2021 № 1818, аз 18.03.2022 № 1857, аз 19.07.2022 № 1899, аз 24.12.2022 № 1931). [Манбаи электронӣ]. URL: www. mmk. tj. (санаи муроҷиат 30.10.2023).
7. Конвенсияи Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: www. mmk. tj. (санаи муроҷиат: 30.08.2023).
8. Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф / Зери назари Ф. Раҳимӣ, А.А. Шамолов. -Душанбе: Дониш, 2014. -837 с.
9. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014 «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», №1083 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2015 с., №1175. [Манбаи электронӣ]. URL: www. mmk. tj. (санаи муроҷиат: 30.08.2023).
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, № 3, мод.192; с. 2010, №7, мод. 543; ҚҶТ аз 03.07.2012с., №867; аз 02.01.2019 с., № 1562; аз 20.06.2019 с., №1613; аз 29.01.2021с., №1757; аз 08.06.2022, № 1873. [Манбаи электронӣ]. URL: www. mmk. tj. (санаи муроҷиат 30.10.2023).
11. Нашрияи муаммоҳои қонунгузорӣ ва амалия // Иҷрои маҷбурии ҳалномаҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва граждании дар Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. -205 с.
12. Петрухин И.Л. Проблема судебной власти в современной России / И.Л. Петрухин // Государство и право. – 2000. -№7.
13. Раҳматулоев А.Э. Принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ – кафолати таъмини адолати иҷтимоӣ / А.Э. Раҳматулоев, М. Қаландарова. –Хуҷанд, 2012. -108 с.
14. Фозилов Н.Н. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Н. Фозилов. -Душанбе: Эр-граф, 2013. -784 с.

## НАҚШ ВА МАЗМУНИ ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ СУДӢ

Мақола ба нақш ва мазмуни принсипҳои фаъолияти мақомоти судӣ ва қоидаҳои дар амал татбиқ шудани принсипҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро будани муҳокимаҳои судӣ, ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои судӣ бахшида шудааст. Муаллиф ба асос ва тартиби риоя ва иҷро шудани принсипҳо дар таъмини адолати судӣ дар мурофиаи гражданӣ, ҷиноятӣ диққат дода, бо назардошти амалияи татбиқи принсипҳои мурофиаи судии гражданию ҷиноятӣ онҳоро мавриди таҳлил ва муқоисаи ҳуқуқӣ қарор додааст. Таҳлили назариявии қоидаҳо ва тартиби баррасии парвандҳои гражданию ҷиноятӣ бо иштироки шахсони иштирокчии парванда ба муаллиф имконият додааст, ки доир ба баҳсҳои назариявӣ ва муаммоҳои дар амалияи мақомоти пешбурди парвандаҳои гражданию ҷиноятӣ ҷой дошта фикру андешаҳои худро пешбарӣ ва асоснок намояд.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, мазмун, адолати судӣ, ошкоро, санадҳои судӣ, ҳатмӣ будан, принсипҳо, амалишавӣ, қоидаҳо, риоя, иҷро, вазифа, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, пешбурди парванда, марҳила, иштирокчиёни мурофиа.

## РОЛЬ И СОДЕРЖАНИЕ ПРИНЦИПОВ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ

Статья посвящена роли и содержанию принципов деятельности судебных органов и правил практической реализации принципов ведения дискуссии и равенства сторон, гласности судебных заседаний, обязательности исполнения судебных документов. Автор уделил внимание основам и порядку соблюдения и реализации принципов обеспечения судебной справедливости в гражданском и уголовном судопроизводстве, провел правовой анализ и сравнение с учетом практики применения принципов гражданского и уголовного судопроизводства. Теоретический анализ правил и порядка рассмотрения гражданских и уголовных дел с участием участников дела дал автору возможность изложить и обосновать свои мысли и мнения по теоретическим дискуссиям и проблемам практики гражданского и уголовного судопроизводства. органы управления уголовными делами, что привлекает внимание и поддержку.

**Ключевые слова***:* понятие, содержание, судебное правосудие, прозрачность, судебные акты, обязательность, принципы, реализация, правила, соблюдение, исполнение, обязанность, уголовный, гражданский, процессуальный процесс, стадия, участники судебного разбирательства.

## ROLE AND CONTENT OF THE PRINCIPLES OF ACTIVITY OF THE JUDICIARY

The article is devoted to the role and content of the principles of the activities of judicial bodies and the rules for the practical implementation of the principles of discussion and equality of parties, the transparency of court hearings, and the mandatory execution of court documents. The author paid attention to the basics and procedure for observing and implementing the principles of ensuring judicial justice in civil and criminal proceedings, conducted a legal analysis and comparison taking into account the practice of applying the principles of civil and criminal proceedings. A theoretical analysis of the rules and procedure for considering civil and criminal cases with the participation of participants in the case gave the author the opportunity to present and justify his thoughts and opinions on theoretical discussions and problems in the practice of civil and criminal proceedings. criminal case management authorities, which attracts attention and support.

**Keywords:** concept, content, judicial justice, transparency, judicial acts, obligation, principles, implementation, rules, compliance, execution, obligation, criminal, civil, procedural process, stage, participants in the trial.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳматуллоева Райҳон Рашидовна* -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария, таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, маҳаллаи 17, бинои 1. Телефон: **(+992) 644-58-00**

**Сведения об авторе:** ***Рахматуллаева Райхон Рашидовна* –** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кафедра теории, истории государства и права, соискатель. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, Согдийский область, мкр, 17, дом 1. Телефон: **(+992) 644-58-00**

**Information about the author:** ***Rakhmatullaeva Raikhon Rashidovna*** - Tajik State University Law, Business and Politics, Department of Theory, History, State and Law, applicant. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Sughd region, microdistrict, 17, building 1. Phone: **(+992) 644-58-00**

ТДУ: 349 (575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

*Раҳим Зафар Ҳаким*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар замони муосир дар илми ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаи идоракунии давлатӣ масъалаи идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои танзими дурусти муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва баамалбарории фаъолияти мақомоти давлатӣ, қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва дигар санадҳои соҳавӣ қабул гардидаанд.

Мутобиқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад» [13].

Аз муҳтавои ин меъёри конститутсионӣ бармеояд, ки сарватҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва барои он ки самаранокии истифодабарии онҳо аз ҷониби истифодабарандагон таъмин карда шавад, давлат бояд идоракунии устуворро дар ин самт роҳандозӣ намояд.

Асоси идоракунии давлатиро дар соҳаи муайяни фаъолият, сиёсати давлатӣ ташкил медиҳад, ки фаъолияти аз ҷиҳати стратегӣ пурмазмун ва низоми мақсаду идеяҳои консептуалро дорад ва ҷанбаҳои муҳимми дурнамои рушди муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос мекунад. Ягон сиёсатро бе дурнамои мушаххас, бе тасаввурот дар бораи натиҷаҳои ниҳоии фаъолият, инчунин роҳҳо, муҳлатҳо, давраҳо ва комёбиҳои онҳо тасаввур кардан мумкин нест [18,с.16].

Дар сиёсати имрӯзаи пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи муҳити зист мавқеи муайянро ишғол намуда, аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар дарстгирӣ ёфта, аллакай дар ин самт ҳуҷҷатҳои барномавӣ қабул ва амалӣ шуда истодаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 декабри соли 2018 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр намуданд: «Мо бояд таъсири рӯзафзуни оқибатҳои тағйирёбии иқлимро ба вазъи корҳо дар самти расидан ба идораи устувори захираҳои об ҳамеша дар мадди назар дошта бошем. Маълум аст, ки тағйироти глобалии иқлим ба ҳаҷми захираҳои оби нӯшокии тоза ва сифати он таъсири манфӣ расонида, кишварҳо ва минтақаҳои мухталифи оламро ба вазъи ташвишовари экологӣ дучор месозанд» [24].

Масъалагузории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба идоракунии устувори захираҳои обӣ бесабаб нест ва он гувоҳи мубрамияти масъалаи идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро нишон дода, таҳлилу баррасии дурусти идоракунии давлатиро дар самти ҳифзи муҳити зист талаб мекунад.

Дар ҳуқуқи маъмурӣ мушкилоти идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист яке аз масъалаҳои меҳварӣ ба шумор рафта, мавриди таҳқиқ ва омӯзиши олимони ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаи идоракунии давлатӣ қарор дорад.

Дар асарҳои илмӣ ва кори олимони соҳаи ҳуқуқи ватанӣ Р.Ш. Шарофзода [31], Х. Ойёв [23], С.И. Иброҳимов [9], А.Д. Ғафурзода [7], А.Ғ. Холиқзода [29] оид ба идоракунии давлатӣ, дар маҷмуъ, таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудааст, вале дар хусуси идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист таҳқиқоти пурраи маъмурӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода нашудааст.

Вобаста ба идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист олимони соҳаи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ Бучакова А.М. [5], Исмаилбеков М.С. [10], Марин Е.В. [20], Махотлова М.Ш. [21], Слободчикова И.В., Андреева С.Н., Манҷиев М.В., Очиргоряева К.С. [8], Хрулев Д.А., Савченко И.А. [30] таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Инчунин, дар соҳаи ҳуқуқи экологӣ олимон Р.Ҷ. Ҷабборов [17], М.М. Соҳибзода [25], А.М. Архипов [3], Д.С. Велиева [6], ба мавзуи идоракунии соҳаи экология дахл карда, онро аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи экологӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Идоракуниро ҳанӯз дар Рими қадим «administratio» «идоракунӣ», ё ин ки «роҳбарӣ» мешумориданд ва ин мафҳум аз он давра сарчашма гирифта, имрӯз дар илми ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаи идоракунии давлатӣ истифода бурда мешавад.

Ба ақидаи олими соҳа Х.Ойев, ҷавҳари идоракунӣ дар таъсиррасонии идории субъект ба объект ифода меёбад, ки мақсади он батартибдарории низом, таъмини фаъолияткунии он мутобиқи қонуниятҳои мавҷудаи инкишоф мебошад [23,с.13].

Идоракунии давлатӣ бошад, яке аз намуди идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки он намуди махсуси фаъолияти давлатӣ буда, аз дигар шаклҳои зуҳуроти фаъолияти давлатӣ бо хусусият ва таъиноти худ фарқ мекунад.

Идоракунии давлатӣ фаъолияти ҳокимияти иҷроия буда, дар раванди роҳбарии ҳаррӯза ба доираи ваколати мақомоти он ихтиёрдории ҳамаи сарватҳои табиӣ ва идоракунии самараноки истифодаи онҳо дода шудааст.

Идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар радифи масъалаҳои идоракунӣ, идоракунии давлатӣ, унсури асосии илми ҳуқуқи маъмурӣ буда, он аз объект, субъект ва мақсади хоси худ иборат аст [21,с.158].

Ба ақидаи Суркова И.С., идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳамчун фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешавад, ки фаъолияти онҳо бо мақсади самаранок истифадабарии сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист равона карда шудааст [1,с.100-104].

Ба ақидаи олимони ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаи идоракунии давлатӣ, таносуби зичи идоракунии давлатӣ ба ҳокимияти иҷроия дида мешавад. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба ҳокимияти иҷроия дахл дорад ё не?

Барои равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур ҳаминро гуфтанием, ки яке аз вазифаҳои ҳокимияти иҷроия дар амалинамоии идоракунии давлатӣ «контрол» ва «назорат» дар ҷараёни идоракунӣ ва танзимкунии соҳа бо мақсади ошкорсозӣ ва рафъи мушкилиҳо дар иҷро намудани қарордодҳои давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ аз тарафи субъектҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад.

Ҳаминро бояд хотирнишон сохт, ки яке аз масъалаҳои муҳим барои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, назорати давлатии истифодабарии дурусти сарватҳои табиӣ мебошад. Вобаста ба ин баҳси илмӣ оид ба мафҳуми «назорат» ва «контрол» ҳамбастагиву тафовут вуҷуд дорад.

Нисбат ба мафҳуми «назорат (надзор)» ва «контрол (контроль)» се ҳолати асосии маънидодкунӣ мавҷуд аст. Якум, «назорат» ва «контрол» якхела фаҳмида мешавад. Дуюм, «контрол» ҳамчун як намуди «назорат» фаҳмида мешавад. Савум, «назорат» боз ҳамчун як намуди «контрол» фаҳмида мешавад. Ба ғайр аз ин, «контрол» ва «назорат» баъзан вақт ҳамчун функсияи алоҳидаи ҳокимиятӣ дониста мешаванд [1,с.13].

Нуқтаи назари олимон баъзан куллан фарқ мекунад, бисёр вақт як намуди фаъолият мумкин аст ҳам «назорат» ва ҳам «контрол» ҳисобида шавад. Дар фаҳмиши моҳияти ҳуқуқии ин мафҳумҳо, айни ҳол шакл ва усулҳои ягонагии он вуҷуд надорад.

Дар назария ва амалияи маъмурӣ мафҳуми «контрол» ва «назорат» васеъ истифода бурда мешавад. Муайян кардани мафҳуми аниқтари «контрол» ва функсияи асосии он, муқаррар намудан ва минбаъд бартараф намудани норасогиҳо ва ё камбудиҳои фаъолияти идоракунӣ ба шумор меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки «контрол» дар илми ҳуқуқӣ ё ба сифати функсияи идоракунии давлатӣ, ё ин ки ба сифати фаъолияти махсуси мақомоти алоҳидаи давлатӣ фаҳмида мешавад [19,с.9]. «Контрол» ҳамчун функсияи мустақил мумкин аст ҳамчунин дар ҷанбаи назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ аз болои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ фаҳмида шавад. Ба ғайр аз ин «контрол» ба сифати тарзи таъмини қонуният ва тартибот маънидод карда мешавад [11,с.242].

Дар илми идоракунӣ «контрол» (аз калимаи фаронсавӣ controle – контрол) ҳамчун функсияи таҳлилии идоракунӣ, ки бо худ амалӣ намудани маҷмуи чораҳои тафтишӣ

ҳангоми таҳия, қабул ва иҷроиши қарорододҳои идоракунӣ ва ҳамчунин тафтиши ҳолати фаъолияти ташкилот, кормандони он, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятнок ва ё шахси мансабдори алоҳида гузаронида мешавад, фаҳмида мешавад.

Низоми «контрол» ба таъмини корҳои мураттаби дастгоҳҳои идоракунӣ, баланд бардоштани натиҷанокӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои инкишофи беҳтарини сохторҳо, инчунин, равандҳо бо назардошти сатҳи тағйироти иқтисодӣ, сиёсӣ ва шароитҳои иҷтимоӣ дар ҷамъият равона карда шудааст [12,с.84].

Мақсади «контрол» на танҳо ошкор кардани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, мукаммалгардонии фаъолияти субъекти санҷишшаванда мебошад. Вобаста ба ин, дар «контрол» самти юрисдиксионӣ, ки аз ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани меъёри ҳуқуқ ва тартиботи муқарраршудаи фаъолияти идоракунӣ бармеояд, инчунин, самти мусбӣ (позитивӣ), ки аз расонидани ёрӣ ба субъекти санҷишшаванда барои таъсис ва амалӣ намудани фаъолият бармеояд, ҷудо кардан мумкин аст.

Ба вазифаҳои «контрол» дохил мешавад:

- муайян кардани ҳолати воқеии фаъолияти коллективӣ;
- баҳодиҳӣ ба сифат ва саривақт иҷро кардани дастурҳои роҳбар, иҷроиши дигар ухдадориҳои функсионалии субъекти санҷишшаванда;
- огоҳкунӣ барои камбудиҳо ва хатоҳисобкуниҳо дар рафти амалӣ намудани фаъолияти хизматии ташкилот (сохторҳои дохилӣ, кормандон)-и санҷишшаванда, ошкоркунии шароит ва сабабҳои онҳоро бавуҷудоваранда ва коркарди пешниҳодҳо барои пешгирӣ ва бартараф кардани онҳо;
- муайян намудани захира ва имкониятҳои нав дар фаъолияти ташкилот;
- муайян намудани таҷрибаи мусбии ҳалли вазифаҳои идоракунӣ бо назардошти ҳолати мавҷуда, ошкор кардани захираҳои имконпазиру истифоданашуда ва имконияти истифода бурдани онҳо бо мақсади натиҷагирӣ ва паҳн кардани ин гуна таҷриба, мукаммалгардонии фаъолияти ташкилот;
- ҳангоми контрол аз рӯйи натиҷаи он ба мақомот (сохторҳо, кормандон)-и ба санҷиш фарогирифташаванда, пешниҳод намудани ёрии мушаххаси амалӣ барои мукаммалгардонии фаъолияти онҳо ва баланд бардоштани натиҷанокии он;
- аз рӯйи натиҷаҳои контрол баҳо додан ба кори мақомот (сохтор ва кормандон)-и санҷишшаванда, мувофиқати шахсони мансабдори муайян ба мансабҳои муайяни ишғолкардаашон, коркарди пешниҳодҳо (ҳангоми зарурият) барои боз ҳам беҳтар истифода бурдани кормандони мақомоти (сохтори) санҷишшаванда ё сабукдӯш кардани онҳо аз мансабҳои ишғолкардаашон;
- ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон.

Ба ақидаи баъзе муаллифон, фарқияти «назорат» аз «контрол» дар он аст, ки «назорат» ҳама вақт нисбат ба объектҳои дигар низом амалӣ карда мешавад, «контрол» бошад, мумкин аст дар дохили низоми худ низ ба роҳ монда шавад, масалан худсанҷишкунӣ.

Козлов Ю.М. зикр кардааст, ки «назорат» фаъолияти махсуси идоракунии соҳавии сохтори давлатӣ мебошад, ки барои гузаронидани санҷиш аз болои иҷроиши қоида ва талаботҳои махсус, ки бо қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва дастурамалҳои худи мақомоти давлатӣ мустаҳкам карда шудаанд», амалӣ мегардад [14,с.289].

Назорат воситаи ташкилӣ-ҳуқуқии таъмини устувории қонуният дар давлат, мушоҳидаи риояи аниқи меъёрҳои қонунгузорӣ, фаъолияти махсуси мақомоти давлатӣ дар огоҳкунӣ, ошкоркунӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидан, мебошад.

Назорат дар идоракунии давалатӣ, одатан, ба ду намуд тақсим мешавад: якум, назорати прокурорӣ аз болои риояи қонуният; дуюм, назорати маъмурии мақомоти махсуси ваколатдор.

Дар илми ҳуқуқи маъмурӣ хусусиятҳои хосси фарққунандаи назорат ва контрол муайян карда шудаанд:

- дар фарқият аз мақомоти контрол, мақомоти назоратбаранда ваколати санҷиш кардани фаъолияти субъектҳои ба онҳо тобеъ набударо доранд;

- дар фарқият аз матлаби назорат, матлаби контрол на танҳо қонуният, балки фаъолияти натиҷабахш ва судманд низ мебошад;

- ҳангоми амалӣ намудани функсияи назорат нисбат ба субъектони гунаҳкор меъёрҳои на интизомӣ, балки меъёрҳои маъмурӣ татбиқ карда мешаванд.

Ҳамин тавр, «контрол» ва «назорат» – ҷузъи муҳимми танзимнамоии муносибатҳои маъмурӣ ба ҳисоб рафта, барои таъмин намудани қонуният дар фаъолияти субъектҳо равона карда мешавад. «Контрол» ва «назорат» ҷузъи маъмурӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист ва функсияҳои мустақили онҳо ба шумор меравад.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист бо мақомоти ҳокимияти иҷроия таносуби зич дошта, асосан аз ҷониби он амалӣ гардида, дар баамалбарории он аз механизми «контрол» ва «назорат» васеъ истифода карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва суд амалӣ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти иҷроияро Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [15], Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳокимияти иҷроияи давлатӣ буда, фаъолияти худро дар асоси дастҷамъӣ амалӣ намуда, низоми мақомоти идоракунии давлатиро роҳбарӣ мекунад, фаъолият ва мутобиқати ҳамкории онҳоро таъмин менамояд.

Мафҳуми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда шудааст [13]. Мутобиқи он мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ – шакли ташкилии амалисозии идоракунии давлатиест, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақсим карда мешаванд.

Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ инҳо мебошанд:

- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва худидоракунии шаҳраку деҳот ташкил медиҳад.

Ҳокимияти иҷроия шохаи нисбатан мустақили ҳокимияти давлатии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҳамкорӣ бо шохаҳои дигари ҳокимият – қонунгузорӣ ва судӣ амал мекунад. Ҳар яки онҳо бо ҳамдигар алоқаманд буда, яке дигареро иваз ё ба фаъолияти дигар дахолат карда наметавонанд.

Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ идоракунии умумии тамоми соҳаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷимоӣ ва фарҳангиро амалӣ менамояд. Масалан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар баамалбарории идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист корҳои зеринро анҷом медиҳад:

- пешбурди сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи истифодаи табиат, ҳифзи муҳити зист ва бехатарии экологӣ таъмин менамояд;

- доир ба татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон барои муҳити зисти мусоид ва оид ба таъмини беҳбудии экологӣ тадбирҳо меандешад;

- фаъолияти мақомоти идоракунии давлатиро дар бобати якҷоя гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи табиат ва татбиқи барномаҳои экологии аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доштаро ҳамоҳанг месозад, дар бораи рафъи оқибатҳо ва кам кардани хатари сар задани ҳолати фавкулодаи хислати табиӣ, техногенӣ ва экологидошта тадбирҳо меандешад [18] (м.18 Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо низ дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист иштирок намуда, дар ҳудуди худ вобаста ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист чораҳои дахлдорро роҳандозӣ менамоянд.

Ба ақидаи Иброҳимов С.И., «фаъолияти идоракунии давлатӣ мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама ба Президенти кишвар ва мақомоти ҳокимияти иҷроия мутааллиқ мебошад» [9,с.363].

Дар ҳақиқат, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии ҳифзи муҳити зист бисёр назаррас мебошад. Ӯ нисбати табиатистифодабарӣ ва муҳофизати табиат санадҳои дахлдорро қабул мекунад, фонди заминро тасдиқ намуда, таъмини муҳофизати объектҳои табииро муқаррар ва дар доираи ваколати худ дигар чораҳоро, ки барои табиатистифодабарӣ ва муҳофизати табиат зарур аст, амалӣ менамояд.

Тихамиров Ю.А. идоракунии давлатиро ба маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ медиҳад. Ба ақидаи олим, идоракунии давлатӣ ба маънои васеъ ҳамчун фаъолияти ташкилию маъмурии мақомоти давлатӣ фаҳмида мешавад. Ба маънои маҳдуд бошад, ҳамчун фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешавад [28,с.254].

Муҳаққиқ Б.В. Сисоев ин масъаларо аз нуқтаи назари дигар ба назар гирифта, менависад: «...омилҳои амнияти ҳарбию стратегӣ, истифодаи қувва ва амалиёти ба онҳо наздик афзалиятро аз даст дода, ҷойи худро ба чунин тадбирҳои сиёсию иқтисодӣ, ба монанди таҳияи стратегияи тиҷоратию иқтисодии Ғарб нисбат ба Шарқ, равишҳои нави иттилоотӣ ва манипулятсионӣ дар нисбати ҳимояи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ, ҳалли мушкилоти баҳсталаб бо мақсади пешгирии ба буҳронҳо ва низоъҳо мубаддал нагардидани онҳо, бо роҳи гуфтушунид ва миссияҳои сулҳдӯстӣ ҳал намудани ихтилофҳо, мегузоранд...» [21,с.1-2]. Аммо ин чунин маъно надорад, ки нақши қувваи ҳарбӣ аҳаммияти худро барои таъмини амнияти сиёсӣ тамоман гум кардааст. Номгӯйи омилҳо, чолишҳо, хатарҳо ва таҳдидҳоро метавон минбаъд ишора намуд, ки аксарияти олимон дар айни ҳол дар бораи онҳо ва чанд омилу хатарҳои дигар (ки сиёсӣ ҳастанд) ибрози назар намудаанд. Таъмини амният ва нигоҳдошту тақвияти истиқлолият дар шароити глобаликунонӣ ва иттилоотикунонӣ кори чандон осон нест. Кафолати ҳимояшавандагии манфиатҳои миллии давлатҳо аз дараҷаи таъмини амният ва мустаҳкамкунии асосҳои истиқлолияти сиёсии онҳо вобастагӣ дорад. Аз ҳамин хотир, таъмини амният ва нигоҳдошти истиқлолият аз давлат фаъолияти гуногунҷанбаро талаб дорад. Обзори суръатие, ки фазои иттилоотӣ-маҷозӣ ба вуҷуд овардааст, иштироки босуръат ва

ҳадафмандонаи давлат, ҷомеа ва институтҳои таъминкунандаи бехатарии миллиро меписандад. Меъёрҳои андозанамоии самаранокии ҳукуматҳои миллӣ ва давлатҳо аллакай тағйир ёфтааст. Онро ба қобилияти тавоноии давлат дар нисбати таъмини амният ва мустаҳкам намудани пояҳои истиқлоли миллӣ дар замони прогресси иттилоотӣ, метавон чен кард. Афзалият пайдо намудани омӯзиши масъалаи амнияти сиёсӣ ва иттилоотӣ ва истиқлолият аз хатарнок шакл гирифтани фазои иттилоотиву маҷозӣ вобастагӣ дорад [1,с.198]. Пас, ба гуфтаи А. Жириков, давлатҳои муосир бояд низоми сиёсиро мустаҳкам намуда, ба эътидол оваранд [9,с.4].

Аммо, ҳатто номбар кардани омилҳои рушди тамаддуни муосир барои фаҳмидани ҳақиқат кифоя аст. Ҳеҷ як давлати ҷаҳон дар шароити муосир аз онҳо канорагирӣ карда наметавонад. Ба ин ё он дараҷа, дер ё зуд, вале ҳама кишварҳо таъсири ҳама ё аксари ин омилҳоро амалан эҳсос хоҳанд кард (ё аллакай эҳсос мекунанд). Аз ин рӯ, метавон зери мафҳуми амнияти сиёсӣ – қобилияти муқобилият ва ҳимоякунандагӣ нишон додани системаи сиёсӣ (пеш аз ҳама, ҳокимияти давлатӣ) ба тамоюлҳои манфии дар дохили худ ва ҷомеа бавуҷудмеомада (хатарҳо, ҳавфҳо ва таҳдидҳо), дар айни замон фаъолона тавсеа ва татбиқ намудани иқдомоти мусбӣ, ки ба тараққиёти давлат, ҷомеа ва шахс бурда мерасонад, фаҳмида мешавад.

Дарк ва баҳодиҳии мафҳуми «амнияти сиёсӣ» аз оғози солҳои 90-ум асри гузашта ба амал омадааст. Он замоне буд, ки нақши амнияти сиёсӣ дар рушди давлат, системаи сиёсии ҷомеа ва шахсият бевосита дарк гардид. Оид ба моҳият ва маънидоднамоии мафҳуми амнияти сиёсӣ нуқтаҳои назари гуногун мавҷуд мебошанд. Доираҳои илмӣ табиист, ки аз нигоҳи худ вобаста ба талаботу манифтаҳои илмии худ ба масъала таваҷҷуҳ намуда, онро шарҳ додаанд. Мо метавонем бо тартиби муайян онҳоро баррасӣ намоем:

- ҳолати ҳимояшавандагии сохти конститутсионии мавҷуда, суботи сиёсию ҷамъиятӣ [11];
- истифода накардани зӯроварӣ ба мақсадҳои сиёсӣ ва ғайра (…ки натиҷааш ризоияти оммавиро метавонад ба вуҷуд оварад) [13,с.37];
- ҳолати кафолатноки ҳимояшавандагии шахс, ҷомеа, соҳибихтиёрии кишвар, тамомияти арзӣ, сарватҳои табиӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ, сохти конститутсионӣ ва низоми идоракунии давлатии мамлакат [23,с.65];
- амнияти сиёсӣ маҷмуи чораҳои муайян, пешгирӣ ва рафъи он омилҳое мебошад, ки метавонанд ба манфиатҳои сиёсии кишвар, халқ, ҷомеа, шаҳрвандон зиён расонанд, боиси монеаи инкишофи сиёсӣ ва ҳатто нобудии давлат гарданд, инчунин боиси табаддулот гардад (режими сиёсӣ) ва оқибат сабаби харобиҳо, манбаи мусибату бадбахтиҳо барои одамон ва ҷомеаву давлат гардад [20,с.19];
- амнияти сиёсии дохилӣ ин амнияти институтҳои сиёсии давлатӣ, нигоҳдории устувории сохтори конститутсионӣ, институтҳои ҳокимияти арзӣ; таъмини сулҳ ва ризоияти миллӣ; маомияти сарҳадот; ягонагии фазои ҳуқуқӣ, волоияти қонун ва ғ. мебошад. Амнияти сиёсати берунӣ ҳам ҳолати ҳимояшавандагии манфиатҳои миллии давлат, вале аллакай дар сатҳи сиёсати ҷаҳонӣ мебошад. Ин, аз ҷумла, ҳифзи тамомияти давлатӣ, манфиатҳои миллӣ, таҳкими сарҳад ва пешгирии даъвоҳо ба қаламрави давлатӣ; пурзӯр намудани ҷанбаҳои сиёсиву –ҳарбӣ аст [8,с.3];
- амнияти системаи сиёсии ҷомеа аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ; тавоноии давлат дар нисбати нигоҳ доштани сохтори конститутсионии кишвар, ташаккул ва фаъолияти пурсамари системаи сиёсӣ, инчунин тамоми институтҳои давлатӣ ба манфиатҳои миллӣ; роҳ надодан ба фишори беруна ва дахолати дағалона ба корҳои давлат аз тарафи давлатҳои дигар; низоми тадбирҳо, мақомот ва вазифаҳои муайяни давлат ва ҷомеа барои ҳимояи манфиатҳои сиёсии давлат, шаҳрвандон ва умуман халқ [22];
- ҳолати устувор ва рушди босамари низоми сиёсии ҷомеа, ки имкон медиҳад ба таъсироти манфии дохилӣ ва берунӣ вокуниш нишон диҳад, якпорчагии ҷомеа ва сифатҳои муҳимми онро нигоҳ дорад. Онро метавон ҳамчун мувозинати динамикии соҳаи сиёсӣ тавсиф кард. Ғайр аз ин, амнияти сиёсӣ мафҳуми маҷмуи тадбирҳо ва вазифаҳои муайяни давлат ва ҷомеа барои ҳифзи манфиатҳои сиёсии давлат, шаҳрвандон ва тамоми аҳолӣ мебошад [14,с.11];

- амнияти сиёсӣ таъмини самаранокии ҳокимият, ҳифзи сулҳи дохилии шаҳрвандӣ, ба вуҷуд овардани ризоият байни миллатҳо ва конфессияҳо, тамомияти арзӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ дар сатҳи умумимиллӣ, минтақавӣ, ҳимояшавандагӣ аз таҳдидҳои дохилӣ, беруна ва фаромарзӣ (суботи сиёсӣ) [18,с.15].

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили тавсифҳои дар таърифҳо ва равишҳои аз тарафи муҳаққиқон овардашуда як қатор хулосаҳои муҳим баровардан мумкин аст, ки асоси онҳо иборатанд аз:

- аввалан, дар сиёсатшиносии ватанӣ то ҳол дар бораи тафсири ин мафҳум андешаи ягона вуҷуд надорад;

- дуюм, қариб аксари таърифҳо ва маънидодкуниҳову равишҳои назариявии мавҷуда амнияти сиёсӣ ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ дар робита ба риояи манфиатҳои сиёсии давлат мебошад;

- сеюм, дар таърифҳои овардашуда омили иттилоотӣ дар таъмини амнияти сиёсӣ кам ба назар мерасад, ки аҳаммияти он дар ҷомеаи иттилоотии рушдёбанда сол то сол босуръат меафзояд ва иттилоот, фазои иттилоотӣ омили муҳимми, аз як тараф, таъсиррасон ба амнияти сиёсӣ аз тарафи дигар бошад, иттилоот ва фазои иттилоотӣ метавонад восита ва майдони ба вуҷуд омадани хатар ва таҳдидҳои сиёсӣ-идеологӣ бошанд.

Агар ду муқаррароти аввалро барои фаҳмиши назариявии ҳама гуна намуди амният (ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ ва ғ.) хос донистан мумкин бошад, пас нақши системасозандаи иттилоот дар раванди ташаккули таҳдидҳои гуногун (ба истиснои таҳдидҳои мустақими иттилоотӣ) як самти нави омӯзишӣ дар назарияи амниятшиносӣ аст.

Дар доираи назарияи амният робитаи амиқтарини иттилоот ва таҳдидҳо ба ҷомеа ва шахс мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар байни асарҳои фундаменталие, ки ба омӯзиши ин навъи амният бахшида шудаанд, метавон асарҳои Г.В. Грачева, А.В. Маноило, Г. Г. Почепсова [7], А. Прохожев [15] ва дигаронро шомил намуд. Онҳо бештар ба амнияти иттилоотӣ-психологӣ диққати худро равона намудаанд. Дар ин асарҳо амнияти иттилоотӣ-психологӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти иттилоотӣ фаҳмида мешавад, ки дар маҷмуъ, ҳолати ҳифзи шахсият, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иттиҳодияҳои одамон аз таъсири иттилоотие мебошад, ки бар хилофи хоҳиш ва иродаи онҳо, тағйир додани ҳолати руҳӣ ва хусусиятҳои равонии шахс, тағйир додани рафтори ӯ ва маҳдуд кардани озодии интихоби онҳо метавонанд бошад.

Пайвастани амнияти сиёсӣ бо равандҳои инфокоммуникатсионӣ дар робита ба ҳифзи иттилоотӣ ва идеологии инфрасохтори давлатӣ ва ҳифзи иттилооти зерсистемаи сиёсӣ ва коммуникатсионии системаи сиёсӣ, ки дар асарҳои Р.Н. Мамедова, И.Л. Морозова, Е.В. Просенко, А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода, П.А. Маҳмадов дар мақолаҳои алоҳидаи Х.Қ. Сафарализода, Н. Асламзода ва дигарон оварда шудааст, муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳдидҳо ба амнияти иттилоотию коммуникатсиониро, ки аз ҷониби муаллифони номбурда зикр шудаанд, метавон ба чор гурӯҳ ҷудо кард: таҳдидҳои иттилоотию равонӣ, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ дар маҷмуъ; таҳдидҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ-техникӣ.

Тавре ки дар боло ишора карда шуд, рушди босуръати истеҳсолоти иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои иттилоотӣ дар охири асри XX - ибтидои асри XXI боиси ташаккули сохтори ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ ва сиёсиву иқтисодии амалан нави иҷтимоию технологӣ - ҷомеаи иттилоотӣ гардид. Тамоюли асосии ин ҷомеа афзоиши доимии таъсири иттилоот ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ: ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа мебошад. Дар баробари ин, дар ҳар яке аз ин соҳаҳо иттилоот нақши муҳим мебозад, ба равандҳои рушд бо тарзҳои гуногун таъсир мерасонад.

Таъсири иттилоот ба таъмини тамоми намудҳои амният, аз амнияти фард ё гурӯҳи иҷтимоӣ сар карда, то ҳамаи навъу шаклҳои амнияти миллӣ, ки аксаран онҳоро вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тасниф мекунанд, аҳаммияти хосса дорад. Аз рушди босуръат ва мавҷудияти субот дар низоми амнияти давлатӣ амнияти миллии мамлакат вобастагии зиёд дорад, ки он ҳамчун ҳолати на танҳо мавҷудияти ҳолати ҳимояшавандагии сохтори конститутсионӣ, тамомияти арзӣ, ҳатто ҳолати ҳимояшавандагии сохтореро дар назар

дорад, ки ба таркиботи институтсионалии чораҳо ва барномаҳо татбиқи амнияти миллиро амалӣ мегардонад.

Муносибати анъанавӣ ба таърифи амнияти миллӣ ба таври куллӣ тағйир ёфта, васеъ гардидааст. Он дигар навъҳои амният, аз ҷумла амнияти сиёсӣ ва иттилоотиро низ дар бар мегирад. Аз ҳамин ҷост, ки самтҳои амнияти миллӣ васеъ буда, вобаста ба тақвияти ҳаёти ҷамъиятӣ, фаъолияти одамон, ба вуҷуд омадани навъу шаклҳои муносибатҳо ва ҷанбаҳои дигари соҳаҳо васеъ мегардад. Он амнияти экологӣ, тандурустӣ, биологӣ ва бактереологиро низ фарогир аст. Ва дар шароити муосири инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ амнияти сиёсиву иттилоотӣ баҳши муҳимми амнияти миллӣ бояд эътироф гардад [10]. Бояд гуфт, ки инкори чунин тавсифот инкори амнияти миллӣ ва низоми чорабиниҳои он метавонад бошад.

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми муайян кардани навъҳои гуногуни амният дар аввал амнияти иттилоотӣ ҳатто ба назар гирифта намешуд. Таҳлилҳо ва муайянкуниҳои назариявию методологӣ дар соҳаи амнияти сиёсӣ, ҳарбӣ, амнияти иқтисодӣ ва ғайра гузаронида мешуданд. Гузашта аз ин, ин навъи амниятро омили муҳимтарини ташаккули хатарҳо ва таҳдидҳои навъҳои гуногун арзёбӣ кардан мумкин нест. Ҳамин тариқ, ин самти тадқиқот дар назарияи амниятшиносӣ умуман нав аст [6, с. 189].

Олимоне, ба монанди В.А. Манойло, Г.Г. Почепсов, А.А. Прохожев, Г.В. Грачев, В.М. Буренок, В.П. Шерстюк ва дигарон, аз муҳаққиқони ватанӣ бошад Г.Н. Зокиров, С. Ятимов, А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода, П.А. Маҳмадов ва дигарон дар мақолаҳои алоҳида, дар асарҳо ва мақолаҳои таҳлиливу илмии худ аҳаммияти иттилоотро ҳамчун асоси ба вуҷуд омадани хатару таҳдидҳо ба давлат, ҷомеа ва инсон муайян кардаанд. Онҳо ба фаҳмиши назариявии муносибати байни ҳолати равонӣ ва таъсироти иттилоотӣ такя кардаанд. Муҳаққиқон амниятро ҳамчун таъмини ҳифзи шахсият, гурӯҳи иҷтимоӣ ё дигар иттиҳодияи одамон аз ҳама гуна таъсироти иттилоотие муайян кардаанд, ки онҳоро аз интихоби худ ва қабули қарорҳои мустақилона, таъсири манфӣ ба равони онҳо, тағйир додани ҳолат ва рафтори онҳо монеъ мешавад.

Бори аввал мавриди алоқамандии бевоситаи амнияти иттилоотӣ ва амнияти сиёсӣ ва вобастагии ин ҳарду аз якдигар М.М. Кучерявий дар мақолаи фундаменталии худ «Оид ба фаҳмиши сиёсати модернизатсионии амнияти миллӣ» дар соли 2015 диққати асосӣ додааст [2,с.36]. Дар ин мақола, М.М. Кучерявий ба муомилоти илмӣ мафҳумҳоеро, ба мисли амнияти иттилоотӣ-сиёсӣ, суботи иттилоотӣ-сиёсӣ, буҳрони иттилоотӣ-сиёсӣ, конфронтатсияи иттилоотӣ-сиёсӣ ва ғайраро ворид кардааст. Аз ҷумла, дар доираи амнияти иттилоотию сиёсӣ пешниҳод намудааст, ки вазъи амнияти давлат, ки соҳибихтиёрии иттилоотии кишварро дар баробари таҳдидҳои мавҷуда аз фазои иттилоотии ҷаҳонӣ бо истифода аз интернет, ВАО ва дигар воситаҳо таъмин менамояд, дарк карда шавад.

Баҳамалоқамандии амнияти сиёсӣ ва амнияти иттилоотиро В.В. Боршенко дар кори худ «Манипулятсияи сиёсӣ дар фазои интернетӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти иттилоотӣ» ишора мекунад. Муҳаққиқ чунин ишора мекунад: «Соли 2015 як қатор муаллифон робитаи зичи байни амнияти сиёсӣ ва иттилоотиро ошкор карданд… Таърифи муфассали мафҳуми асосӣ, ки иттилоот ва амнияти сиёсиро муттаҳид мекунад, имкон медиҳад, ки он барои таҳлили дараҷа ва сатҳи ҳифзи соҳибихтиёрии иттилоот истифода шавад. Ин махсусан дар шароити ба вуҷуд омадани хатару таҳдидҳои нав ба фазои иттилоотии давлатҳо аз ҷониби субъектҳои сиёсии ҷаҳоние, ки дар интернет ва дигар манбаъҳои иттилоотию иртиботӣ фаъолият мекунанд, муҳим аст» [3,с.63].

Бештари таҳдид ва хатарҳои муосир дар шароити нави инкишофи глобалии олам вобаста ба ташаккули фазои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба вуҷуд омада истодаанд. Андозаи зиёди истифодабарии иттилоот ва ҳарчи бештар ҳузури виртуалӣ пайдо намудани одамон дар фазои иттилоотӣ мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва иқтисодии давлатҳоро тораф афзоиш дода истодааст. Намудҳои амниятро аз рӯйи хусусияти хатарҳо, таҳдидҳо ва ҳадафи субъектони онҳо арзёбӣ кардан мумкин аст, аммо то ҳол ҳама таснифоти ин навъ шартӣ боқӣ мемонанд, зеро ба як категорияи муайян мансуб донистани хатару таҳдидҳои мушаххас на ҳамеша имкопазир аст [12,с.33].

Воқеан, амнияти иттилоотӣ ва сиёсӣ ҳамчун падида дар мушаххассози масъалаҳои амнияти иттилоотию коммуникатсионӣ, амнияти иттилоотию техникӣ ва амнияти иттилоотию психологӣ ташаккул меёбад. Бо баррасии муфассалтари ин навъи амният баҳшҳои ҳамгирошудаи амнияти ҳолати равонии шахс, гурӯҳи одамонро, ки бо ҳадафҳо, вазифаҳо, арзишҳо, ҷомеаҳои маҳаллӣ ва миллӣ муттаҳид шудаанд, бехатарии кори воситаҳои техникӣ-иттилоотӣ, маҳсулоти барномавӣ, шабакаҳои интернетии давлатӣ ва миллӣ, воситаҳои дигари коммуникатсионӣ, ки ҳангоми ҷамъ овардан, таҳлил ва интиқоли ахборот истифода мешаванд, дар ҳошияи таъмини амнияти сиёсӣ-иттилоотӣ мақоми махсусро пайдо мекунад. Мафҳумҳои умумии бештари иттилоот ва амнияти иттилоотию коммуникатсионӣ бо таъминоти иттилоотии равандҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои муоширати байни онҳо алоқаманданд. Дар маҷмуъ, дар доираи амнияти иттилоотӣ ва сиёсӣ маҷмуи бузурги мушкилоте ба миён меояд, ки ҳалли системавиро тақозо мекунад. Таҳия ва қабули онҳо танҳо дар заминаи таҳлили амиқи худи падида имконпазир аст.

Ба ақидаи бисёре аз коршиносон дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва низомӣ, "ҷанги киберӣ"-ро метавон "амалҳои ҳадафнок барои расонидани хисорот, таҳти назорат гирифтан ё нобуд кардани шабакаҳо ва иншооти барои фаъолияти ҷомеа ва давлат, инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, низомӣ ва молиявӣ зарур арзёбӣ кард. Инчунин, роботҳо ва ба дараҷаи баланд автоматӣ кунонидани истеҳсолот, хатҳои технологӣ низ метавонанд таҳдидҳои кибериро ба вуҷуд оваранд. Воситаи таъсири ҷангӣ дар ҷангҳои киберӣ метавонад рамзи барномае ҳисобида шавад, ки онро ғайрифаъол месозад, амалиётҳоро халалдор мекунад ё имкон медиҳад, ки назорати шабакаҳои гуногун ва объектҳои моддие, ки бо системаҳои идоракунии электронӣ муҷаҳҳаз шудаанд, халалдор гардад.

Дар фазои электронии шабакавӣ ду намуди ҷангҳо ҷараён дорад: ҷангҳои иттилоотӣ ва ҷангҳои киберӣ. Онҳо шабакаҳои пӯшидаи ҳукуматӣ, низомиён, корпоративӣ ва хусусиро фаро мегиранд. Ҳар як намуди ҷанг усулҳо, стратегияҳо, воситаҳо, қобилияти огоҳкунӣ ва ғайраро дорад.

Аз таҳлили муқаррароти назариявии баррасишуда, мо метавонем ба хулосае оем, ки омили асосии иттилоотии системасозӣ дар назарияи амниятшиносӣ истифодаи иттилоот барои ташаккули таҳдидҳои характери гуногундошта мебошад. Дар баробари ин, аниқ ҷудокунии навъҳои гуногуни амният, ки омили иттилоотиро ба инобат мегиранд, вуҷуд надорад.

Дар асоси ин хулоса ва аз муқаррароти асосии назарияи амнияти сиёсӣ ва иттилоотӣ дар доираи таҳияи онҳо пешниҳод карда мешавад, ки баъзе мафҳумҳои мавҷуда такмил дода, як қатор мафҳумҳои нави марбут ба амнияти иттилоотӣ ва сиёсӣ ҷорӣ карда шаванд.

Хатари иттилоотӣ - хатарест бо таъсири харобиовари иттилоотӣ-сиёсӣ, ки ҳам ба шуури фардӣ ва ҳам ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Он хосияти манипулятсионӣ дошта, дар ҷараёни он далелҳо ва рӯйдодҳои объективӣ, мақсаднок ба таҷриба ва эътиқодҳои камтар аҳаммият медиҳанд, ки дар асоси "хабарҳои қалбакӣ, "ҳақиқати воқеӣ"-ро таҳриф мекунанд. Моҳияти ин навъи иттилоот дар он аст, ки нақши асосиро дар интиқоли иттилоот на далелҳо, балки эҳсосот мебозанд. "Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ҳуҷумҳои иттилоотии дохилӣ ва берунииро аз ҳам фарқ менамоянд. Ҳуҷумҳои иттилоотии беруна одатан аз ҷониби гумоштаҳо ва дастнишондаҳои ташкилотҳои рақиб анҷом дода мешаванд. Ҳуҷумҳои дохилӣ бошанд, аз ҷониби кормандони худи ташкилот, ки бо сабабҳои гуногун (кам будани маош, муносибати дағал дар корхона, истисмори меҳнатӣ ва ғ.) аз кору фаъолияти худ норозианд, анҷом дода мешаванд" [16,с.112-113].

Таҳдиди иттилоотӣ ва сиёсӣ – маҷмуи омилҳо ва шароитҳое мебошад, ки хатари вайрон кардани амнияти иттилоотӣ ва сиёсиро ба вуҷуд меоранд. Барои муайян кардани фаҳмиши васеъ ва дақиқи амнияти иттилоотӣ ва сиёсӣ, дар идомаи тадқиқот мо таҳдиди иттилоотӣ ва сиёсиро, чуноне ки дар боло ишора кардем, ҳамчун «зарари эҳтимолӣ ба манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷомеаи пасосаноатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист баррасӣ мекунем…» [4,с.125].

Ҳамин тариқ, амнияти иттилоотӣ ва сиёсӣ ҳамчун як мушкилоти мураккабе, ки аз ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шаҳрвандон, давлат ва ҷомеаи миллӣ, дар маҷмуъ, дар

соҳаи сиёсӣ аз таҳдидҳои иттилоотии дохилӣ ва берунӣ иборат аст, фаҳмида мешавад. Амнияти иттилоотӣ ва сиёсӣ бояд ҳамчун ҳолати амнияти муҳити иттилоотӣ ва сиёсӣ муайян карда шавад. Ин таъриф имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи субъектҳои сиёсӣ, ки ба таъмини амният манфиатдоранд, то ҳадди имкон баҳри ба назар гирифтани манфиатҳои шахсият, тамоми ҷомеа ва давлат равона карда шавад.

Таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ, ки аксаран ҷанбаҳои таъсиррасонии идеологӣ-психологӣ доранд ва бо методҳои манипулятсионӣ ба амал бароварда мешаванд, метавонанд зиёни бузурги сиёсӣ ва идеологиро барои як давлати миллӣ ба бор оранд. Чунин шакл гирифтани вазъи фазои иттилоотӣ масъулияти бештареро аз давлат ва сохторҳову субъектони бевоситаи таъмини амнияти миллӣ талаб мекунад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Сафарализода Х.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Асламзода Н. Бехатарӣ ва истиқлолият дар ҳошияи таҳдид ва хатарҳои гибридӣ-кибернетикӣ / Асламзода Н. // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). –Душанбе: ДМТ, 2022. -С.198.
2. Борщенко В.В. Информационные аспекты теории политической безопасности / В.В. Борщенко, Ю.В. Косов // Управленческое консультирование. - 2017. -№12. -С.33-43.
3. Борщенко В.В.. Политическое манипулирование в интернет-пространстве как угроза информационной безапасности: дисс.на соис. уч. степ.канд.полит.наук .спец. 23.00.02 / В.В. Борщенко. -СПб., 2021. -С.63.
4. Борщенко, В.В. Особенности механизма противодействия информационно-политическим угрозам в Интернете / В.В. Борщенко // Власть. – 2018. -№7. -С.122–127.
5. Васильев А.В. Моделирование политической ситуации как средство совершенствования политического управления в регионе: автореф. дис. … канд. полит. наук / А.В. Васильев. -М., 1998. -С.1, 2.
6. Васильев, Ю.С. Глобальная безопасность в эпоху антропоцена: реалии и теоретические подходы / Ю.С. Васильев, И.Ф. Кефели, М.О. Колбанев // Геополитика на страже Родины. К 75-летию Л.Г. Ивашова: коллективная монография / отв. ред. И.Ф. Кефели. -Санкт-Петербург: «Стратегия будущего», 2018. -189 с.
7. Грачев Г.В. Информационно-психологическая безопасность личности: состояние и возможности психологической защиты. [Электронный ресурс]. URL: http://www.e-reading.club/ bookreader.php/106938/Grachev_-_Informacionno-ihologicheskaya_bezopasnost%27_lichnosti. html (дата обращения: 02.07.2023 г.); Манойло А.В. Государственная информационная политика в особых условиях: монография. –М.: МИФИ, 2003.; Почепцов Г.Г. Информационные войны. -М.: Рефл-бук, 2000.
8. Дармокрик В.Ф. Политическая безопасность в современной России: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук / В.Ф. Дармокрик. -Саратов, 2007.
9. Жириков А.А. Проблемы политической стабильности Российского государства (этнополитический анализ): автореф. дис. … докт. полит. наук / А.А. Жириков. -М., 1996. -С. 4.
10. Жуков, А.В. Социальные сети как инструмент политической власти: влияние на международную безопасность. Политическая социология: автореферат кандидата социологических наук специальность 22.000.05 / А.В. Жуков. -М., 2020.
11. Информационно-аналитический бюллетень. - М., 1996. -№21.
12. Кефели, И.Ф. Информационный потенциал государства как основа информационного суверенитета / И.Ф. Кефели, С.А. Мальмберг // Управленческое консультирование. – 2019. -№1(121). -С.29-39.
13. Ларин В. Безопасность развития и развитие безопасности / В. Ларин // Свободная мысль. - 1996. -№7. -С.37.
14. Мизер А.А. Политическая безопасность государства: постановка проблемы / А.А. // Научные и образовательные проблемы гражданской защиты. - 2012. -№1. -С.89-95.
15. Общая теория национальной безопасности: учебник / под общ. ред. А. А. Прохожева. -2-е. изд. -М.: Изд-во РАГС, 2005.
16. Сафарализода Х.Қ. Зоҳиршавии навъҳои гуногуни таҳдид дар раванди таҳкими истиқлолият / Сафарализода Х.Қ. // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияимиллии илмҳои Тоҷикистон. - 2021. -№2. -С.110-116.
17. Сафарализода Х.Қ. Ташаккулёбии таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир дар шароити пешрафти илмию техникӣ / Сафарализода Х.Қ. // Идоракунии давлатӣ. – 2021. -№2(51). –С.248-257.
18. Семченков А.А. Противодействие современным угрозам политической стабильности в системе обеспечения национальной безопасности России: Научная биография / А.А. Семченков. - 2012.
19. Семченков А.С. Оценка состояния политической безопасности России / А.С. Семченков // Вестник МГУ. Серия 12. Политические науки. - 2003. -№2. -С.34–39.
20. Серебрянников В.В. Политическая безопасность / В.В. Серебрянников // Свободная мысль. - 1997. -№1. -С.19.
21. Сысоев Б.В. Политические проблемы европейской безопасности: автореф. дис. … канд. полит. наук / Б.В. Сысоев. -М., 1999. -С.1-2.
22. Телявский Д. Политическая безопасность. [Электронный ресурс]. URL: http://www.myshared. ru/slide/1282428/.
23. Яновский Р.Г. Глобальные изменения и социальная безопасность / Р.Г. Яновский. -М., 1999. -С.65.

**АМНИЯТИ СИЁСӢ ВА ИТТИЛООТӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА КОНСЕПТУАЛӢ**

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми инкишофи донишҳои сиёсии замони муосир бахшида шудааст. Дар он ҷиҳатҳои назариявӣ ва консептуалии масъалаи амнияти сиёсӣ ва иттилоотӣ, алоқамандии онҳо бо ҳамдигар, вобастагии амнияти сиёсӣ аз иттилооти сиёсӣ, таъсиррасонии таҳдиду хатарҳои иттилоотонӣ ба суботи сиёсии ҷомеа мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, масъаларо аз назари консептуалӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад. Таъсири иттилоот ба таъмини тамоми намудҳои амният, аз амнияти фард ё гурӯҳи иҷтимоӣ сар карда, то ҳамаи навъу шаклҳои амнияти миллӣ, ки аксаран онҳоро вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тасниф мекунанд, аҳаммияти хосса дорад. Бештари таҳдид ва хатарҳои муосир дар шароити нави инкишофи глобалии олам вобаста ба ташаккули фазои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба вуҷуд омада истодаанд. Андозаи зиёди истифодабарии иттилоот ва ҳарчи бештар ҳузури виртуалӣ пайдо намудани одамон дар фазои иттилоотӣ мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва иқтисодии давлатҳоро торафт афзоиш дода истодааст. Аз ҳамин хотир, дар раванди таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ва прогресси илмиву техникӣ доираи масъалаҳои муайяни аҳаммиятнок зарурияти омӯзиши бештареро пайдо менамоянд. Яке аз ин масъалаҳо амнияти сиёсӣ ва иттилоотӣ ҳамчун бахши муҳимми амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** амният, амнияти сиёсӣ, амнияти иттилоотӣ, иттилоот, хатарҳои иттилоотӣ, суботи сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ, фазои идеологӣ, таҳдидҳои сиёсию иттилоотӣ, фазои виртуалӣ.

**ПОЛИТИЧЕСКАЯ И ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ**

Статья посвящена одному из важных вопросов развития политической науки в современный период. В ней обсуждаются теоретические и концептуальные аспекты проблемы политической и информационной безопасности, их взаимосвязь, зависимость политической безопасности от информации и информации от политики, влияние информационных угроз и рисков на политическую стабильность общества. Автор попытался изучить и раскрыть проблему с концептуальной точки зрения. Особое значение имеет влияние информации на обеспечение всех видов безопасности, начиная от безопасности личности или социальной группы, до всех видов и форм национальной безопасности, которые зачастую относят к сферам общественной жизни. Большинство современных угроз и опасностей возникают в новых условиях глобального развития мира в связи с формированием информационно-коммуникационного пространства. Большой объем использования информации и возрастающее виртуальное присутствие людей в информационном пространстве постепенно обостряют политические, социальные, психологические и экономические проблемы государств. По этой причине в процессе политического и социального развития, а также научно-технического прогресса круг некоторых важных вопросов требует дальнейшего изучения. Одним из таких вопросов является политическая и информационная безопасность как важная часть национальной безопасности.

**Ключевые слова:** безопасность, политическая безопасность, информационная безопасность, информация, информационные риски, политическая стабильность, национальные интересы, идеологическое пространство, политические и информационные угрозы, виртуальное пространство.

**POLITICAL AND INFORMATION SECURITY: THEORETICAL AND CONCEPTUAL ASPECTS**

The article is devoted to one of the important issues in the development of political science in modern times. It discusses the theoretical and conceptual aspects of the problem of political and information security, their relationship, the dependence of political security on information and information on politics, the influence of information threats and risks on the political stability of society. The author tried to study and reveal the problem from a conceptual point of view. Of particular importance is the influence of information on ensuring all types of security, ranging from the security of an individual or social group, to all types and forms of national security, which are often classified as spheres of public life. Most modern threats and dangers arise in the new conditions of global development of the world in connection with the formation of the information and communication space. The large volume of information use and the increasing virtual presence of people in the information space are gradually aggravating the political, social, psychological and economic problems of states. For this reason, in the process of political and social development, as well as scientific and technological progress, a range of some important issues require further study. One of these issues is political and information security as an important part of national security.

**Keywords:** security, political security, information security, information, information risks, political stability, national interests, ideological space, political and information threats, virtual space.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуров Абдумолик Саидшоҳович*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа. **Суроға**: 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33.Телефон: **(+992) 889 00 02 94**

**Сведения об авторе:** ***Нуров Абдумолик Саидшохович*** – Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры политологии и связей с общественностью. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 889 00 02 94**

**Information about the author:** ***Nurov Abdumolik Saidshohovich*** – Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant for the Department of Political Science and Public Relations. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosira Street, 33. Phone: **(+992) 889 00 02 94**

ТДУ: 32.019.5

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ МАДАНИЯТИ СИЁСӢ

*Комилов М.М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар раванди омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои алоҳидаи сиёсат ҳаёти одамон ба сифати раванди ҷудонашаванда муайян карда мешавад, ки он дар бисёр мавридҳо ба сифати шакли рафтору фаъолияти сиёсии инсон намоён мегардад. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши тарзи рафтор ва фаъолияти сиёсии одамон, ки баёнгари маданияти сиёсӣ мебошад, мавзуи асосии таҳқиқот дар илми сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши масъалаи маданияти сиёсии ҷомеа ба мо имкон медиҳад, ки сабабҳои асосии норасогиҳоеро, ки дар муносибат бо системаи сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, муайян намоем, аз ҷумла шаҳрвандон ва рафтори сиёсии онҳо ва дигар масъалаҳое, ки дар муносибат бо дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд. Маданияти ҷомеа ба тарзи зиндагӣ ва натиҷаҳои фаъолияти одамон ва гурӯҳҳо алоқаманд мебошад. Аз ин лиҳоз, барои таҳлилу дарки дурусти равандҳои сиёсӣ зарур аст, то ба масъалаи маданияти сиёсӣ рӯ оварда бошем.

Масъалаи маданияти сиёсӣ диққати олимону муҳаққиқони соҳаи илми сиёсатшиносиро ба худ ҷалб намудааст. Зеро ташаккул додани маданияти сиёсии шаҳрвандон иштироки ҷомеаро дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъмин мекунад, муносибати онҳоро бо ҳокимияти сиёсӣ муайян менамояд, фаъолшавии ҷомеа дар раванди ҳаёти сиёсӣ ва барои ташаккули рафтори сиёсии онҳо омили муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкур дар шароити имрӯза муҳим буда, дар ин самт омӯзиши ҳамаҷонибаро тақозо дорад.

Доир ба масъалаи маданияти сиёсӣ сухан ронда, пеш аз ҳама, муайян намудан зарур аст, ки худи мафҳуми маданият чиро ифода мекунад? Зеро барои дарки моҳияти масъала зарурати донистани моҳияти мафҳуми «маданият» ба миён меояд. Илова бар ин, маданияти сиёсӣ як ҷузъи маданияти умумӣ ба ҳисоб меравад. Истилоҳи «маданияти сиёсӣ» на танҳо дар илм, балки дар расонаҳо низ васеъ истифода мегардад. Азбаски мафҳуми «маданияти сиёсӣ» ҳам ба мафҳуми «маданият» ва ҳам ба мафҳуми «сиёсат» асос ёфтааст, бояд ба мазмун ва мантиқи тафсири онҳо дар илм аҳаммияти бештар дода шавад.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ мафҳуми «Маданият – фарҳанг, тамаддун: маданияти моддӣ, маданияти маънавӣ, маданияти оммавӣ ва ғайра» [17,с.739] тавсиф гардидааст. Илова бар ин, доираи мазмуни маданият хеле васеъ буда, он дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, таъмини амният, якпорчагӣ ва устувории онҳо нақши калидӣ дорад. Маданияти ҷомеа натиҷаи тарзи зиндагӣ ва амалу рафтори шахс ва гурӯҳҳо мебошад.

Дар бораи мафҳуми «маданияти сиёсӣ» бошад, назарияҳои зиёд ва гуногун мавҷуданд. Гарчанде муҳаққиқон назарияҳои худро баён намудаанд, аммо дар байни онҳо ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Масъалаи маданияти сиёсӣ ҳамчун падидаи муҳим дар фаъолияти сиёсии субъектҳо, гурӯҳҳои алоҳида ва тамоми ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамчун ба сифати объекти таҳқиқот қарор дорад. Он унсури зарурии ҳаёти сиёсии ҷамъият, нишондиҳандаи муҳимми инкишофи демократия ва дараҷаи фаъолияти ҷамъиятию сиёсии ҳар як шаҳрванд мебошад. Дар ҷомеашиносии муосири хориҷӣ низ таҳқиқоти алоҳида оид ба масъалаи «маданияти сиёсӣ» кам ба назар мерасад, аммо таҳқиқот оид ба омӯзиши ҷанбаҳои падидаи мазкур идома доранд. Қисми зиёди ҷомеашиносоне, ки ба омӯзиши муносибатҳои сиёсӣ машғул буданд, ба масъалаи маданияти сиёсӣ рӯ овардаанд. Гарчанде онҳо танҳо ҷиҳатҳои алоҳидаи масъалаи мазкурро меомӯхтанд, дар аксар мавридҳо мафҳуми «маданияти сиёсӣ»-ро истифода накардаанд. Яъне, онҳо унсурҳои маданияти сиёсӣ: меъёрҳо, арзишҳо ва ғайраро омӯхтаанд. Камтар муҳаққиқоне буданд, ки маданияти сиёсиро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Бо вуҷуди ин, ҳоло дар илмҳои ҷомеашиносӣ таҳқиқоти зиёде ба тафсирҳои гуногун оид ба истилоҳи «маданияти сиёсӣ» вуҷуд дорад. Масалан, муҳаққиқони рус А.П. Мелников ва С.Ф. Сокол дар китоби худ «Маданияти сиёсӣ дар ҳаёти ҷомеа» доир ба тафсир ба истилоҳи «маданияти сиёсӣ» чунин қайд мекунанд: «Дар сиёсатшиносии

муосири дохилӣ ва хориҷӣ оид ба тафсири ҳам маданияти сиёсӣ ва ҳам унсурҳои сохтории он равишҳои мухталиф вуҷуд доранд. Дар ин ҷо, доираи васеи таърифҳо ва истилоҳот мавҷуданд, ки шумораашон тақрибан ба панҷоҳ адад мерасад» [10,с.7]. Тибқи пажуҳишҳои муҳаққиқи канадагӣ Г. Патрик, дар охири солҳои 80-уми асри XX зиёда аз чил тафсири мафҳум ва истилоҳи «маданияти сиёсӣ» вуҷуд дошт.

Дар муайянкунии моҳияти мафҳуми «маданияти сиёсӣ» назарияҳои муҳаққиқони ҳам ватанӣ ва хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегарданд, зеро мафҳуми «маданияти сиёсӣ» ҳам дар таҳқиқотҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам ватанӣ ба чашм мерасад.

Доир ба мафҳуми «маданияти сиёсӣ» муҳаққиқони тоҷик низ андешаҳои гуногун баён намудаанд. Муҳаққиқи ватанӣ Зокиров Г.Н. мафҳуми «маданияти сиёсӣ»-ро дар «Донишномаи сиёсӣ»-и худ чунин шарҳ додааст: «Маданияти сиёсӣ – таҷрибаи муайяни таърихии одамон, рӯйоварии онҳо, малака, сатҳи ахборотгирӣ, ки ба рафтори сиёсӣ таъсир мерасонад» [6,с.136]. Дар «Донишномаи мухтасари сиёсӣ»-и муҳаққиқ Маҳмадов А.Н. мафҳуми мазкур чунин шарҳ дода шудааст: «Маданияти сиёсӣ – як системаи муайяни донишҳои сиёсии ҳуқуқӣ, принсип, метод ва воситаҳои идоракунии ҷамъиятро гӯянд, ки дар қонун, урфу одат ва шуури синфӣ инъикос ёфта, онҳоро гурӯҳу табақаҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида дар фаъолияти ҷамъиятию сиёсии худ истифода мебаранд» [13,с.155]. Гарчанде масъалаи маданияти сиёсӣ дар маркази таҳқиқоти олимони соҳаи сиёсатшиносӣ қарор дошт, аммо то ҳол таърифи ягонаи он мавҷуд нест, зеро, ҳар як муҳаққиқ мувофиқи фаҳмиши худ масъалаи мазкурро шарҳ додааст.

Як қисми муҳаққиқони тоҷик ба ҷойи мафҳуми «маданияти сиёсӣ» «фарҳанги сиёсӣ»-ро истифода кардаанд. Масалан, дар осори муҳаққиқон Пӯлодов Ҳ., Пӯлодов А. [15], Хуморов Д.М., Афғонов С.М., Ҳусейнов Б.А., Каримова З.Ҳ.[16] ба ҷойи мафҳуми «маданияти сиёсӣ» мафҳуми «фарҳанги сиёсӣ» истифода бурда шудааст. Бо назардошти чунин муносибат зарурати муайян намудани моҳияти мафҳумҳои «маданияти сиёсӣ» ва «фарҳанги сиёсӣ» ба миён меояд.

Барои муайян намудани масъалаи мазкур бояд ду ҷанбаро ба назар гирифт:

**Якум**, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ овардан ба масъалаи сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ баъди давраи истиқлолият ба миён омада, муҳаққиқони ватанӣ таҳқиқоти худро дар ин марҳила ба анҷом расонидаанд. Дар ин давра муҳаққиқон дар оғози таҳқиқи илми сиёсатшиносӣ қарор доштанд ва таъсири фазои илми шуравӣ низ кам набуд. Агар ба илми сиёсатшиносии рус назар афканем, маълум мегардад, ки истилоҳи «политическая культура» дар тарҷума ба забони тоҷикӣ ҳам «маданияти сиёсӣ» ва ҳам «фарҳанги сиёсӣ»-ро ифода менамояд. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқони тоҷик дар оғоз мафҳуми «фарҳанги сиёсӣ»-ро истифода намудаанд.

**Дуюм,** чи таваре дар боло қайд гардид, ташаккули илми сиёсатшиносӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолият ба миён омада, дар ин давра бисёр масъалаҳои сиёсӣ дар доираи назарияҳо фаҳмида мешуд. Ба андешаи мо, истилоҳи «фарҳанги сиёсӣ» бештар ҷанбаи назариявии масъаларо фарогир мебошад. Агар ба таҳқиқоти муҳаққиқоне, ки истилоҳи «фарҳанги сиёсӣ»-ро истифода кардаанд назар кунем, маълум мегардад, ки онҳо истилоҳи мазкурро чун донишҳои сиёсӣ, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, маънавият, эҳсосот, арзишҳо ва ғайра медонанд. «Фарҳанги сиёсӣ – маҷмуи як падидаи таърихии устувори фаъолияти сиёсӣ мебошад, ки аз рӯйи дониши сиёсӣ, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, маънавият, эҳсосот, арзишҳо муайян карда мешавад» [15,с.188].

Фаҳмиши мафҳуми «маданияти сиёсӣ» бошад, бештар ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам амалиро дар худ инъикос мекунад. «Маданияти сиёсӣ маҷмуи воситаҳо, роҳҳо ва шаклҳои рафтор аст, ки тавассути онҳо одамон ба сиёсат кашида мешаванд ва дар доираи он фаъолият мебаранд» [7,с.201].

Ба андешаи мо, мафҳумҳои «маданият» ва «фарҳанг» синоним буда, дар умум як маъноро ифода мекунанд. Аммо, аз сабаби он ки истилоҳи «фарҳанги сиёсӣ» бештар фарогири ҷанбаҳои назариявӣ аст, мо ҷонибдори истифодаи мафҳуми «маданияти сиёсӣ» ҳастем. Аз ин лиҳоз, истифодаи мафҳуми «маданияти сиёсӣ» инъикоскунандани моҳияти асосии масъала ба ҳисоб меравад.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки падидаи «маданияти сиёсӣ» гуногун ва серҷанба ба ҳисоб рафта, паҳлуҳои гуногуни он ба омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба ниёз доранд, ки чунин муносибат мубрамияти масъалаи таҳқиқотро боз ҳам бештар менамояд.

Бояд гуфт ки ҳанӯз дар асри XVIII мутафаккири олмонӣ Иоган Гердер масъалаи мафҳуми «маданияти сиёсӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода буд. Олим дар раванди омӯзиши робитаи сиёсат ва маданият ибораҳои «маданияти сиёсӣ», «инкишофи маданияти сиёсӣ», «паҳнкунандагони маданияти сиёсӣ»-ро пешниҳод намудааст. Ниҳоят, ӯро аввалин шахсе медонанд, ки истилоҳи «маданияти сиёсӣ»-ро ба илм ворид намудааст. Муҳаққиқ мафҳуми «маданияти сиёсӣ»-ро дар асараш «Ғояҳо ба фалсафаи таърихи инсоният» [18] истифода бурда, масъалаи таҳаввулоти раванди иҷтимоию фарҳангиро таҳқиқ ва роҳҳои ҳамкории маданият ва сиёсатро дар мисоли муқоисаи маданияти сиёсии юнониҳо ва яҳудиҳо баррасӣ намудааст.

Гарчанде истилоҳи «маданияти сиёсӣ» аз ҷониби Иоган Гердер ба илм ворид шудааст, вале дар гузашта дар муайян намудани қисматҳои таркибии мафҳуми «маданияти сиёсӣ» Арасту, Афлотун, Н. Макиавелли, Ш. Монтеские, А. де Токвил, М. Вебер ва дигар мутафаккирон саҳми назаррас гузоштаанд.

Масалан, Арасту дар асари худ «Сиёсат» иштироки аҳолиро дар раванди баргузории чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятӣ зарур дониста, ин амалро беҳтарин мавриди иштироки шаҳрвандон дар давлат меҳисобид: «Беҳтарин ҳолати шаҳрвандон ин аст, ки онҳо хислатҳои неки худро инкишоф дода, вазифаҳои худро иҷро мекунанд: дар артиш хизмат, дар шуроҳо иштирок ва дар судҳо доварӣ мекунанд» [2]. Дар Юнони қадим масъалаҳои муҳимми давлатӣ маҳз дар шуроҳо ва судҳо ҳал карда мешуданд ва артиш барои таъмини амнияти давлат хизмат менамуд. Мутафаккир дар сохторҳои мазкур иштироки фаъоли шаҳрвандонро муҳим арзёбӣ намуда, онҳоро дар ҳаёти сиёсии кишвар ба фаъолшавӣ даъват менамуд.

Афлотун дар асари худ «Давлат» мавқеи шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии давлат хуб нишон додааст. Ба андешаи мутаффакир, нақши шаҳрвандон дар рушди давлат ва ҳимояи он дар ҳолатҳои ҷангӣ барои пешрафти кишвар омили муҳим ба ҳисоб меравад. Яъне, барои он ки давлат пеш равад, шаҳрвандонаш бояд фаъол бошанд, барои осоиштагии кишвар бетараф набошанд ва ба қонунҳои амалкунанда итоат намоянд. Дар ҳолати риоя нашудани омилҳои мазкур давлат рушд нахоҳад кард. Мутафаккир шаҳрвандонро барои итоат намудан ба қонунҳои амалкунанда ва муттаҳидӣ даъват менамояд ва амалҳои мазкурро омили асосии пешрафти ҳам давлат ва ҳам дигар корҳои муҳимми ҷомеа меҳисобад: «Давлате, ки дар он шаҳрвандон бештар ба қонун итоат мекунанд, дар замони осоишта обод ва дар замони ҷанг мағлуб намегардад. Якдилии шаҳрвандон барои давлат бузургтарин неъмат аст. Агар шаҳрвандон ба қонун итоат кунанд, давлат мустаҳкам ва обод аст ва бе якдилӣ на давлат нашъунамо меёбад ва на хоҷагӣ» [14].

Баъди аз ҷониби Иоган Гердер ба илм ворид гардидани истилоҳи «маданияти сиёсӣ» соли 1956 муҳаққиқони амрикоӣ Г. Алмонд ва С. Верба типологияи маданияти сиёсиро дар асари худ «Маданияти шаҳрвандӣ» [1] пешниҳод намудаанд, ки он ҳамчун нигоҳи классикӣ ҳисобида мешавад. Муҳаққиқон ҳаёти сиёсии панҷ кишвар: ИМА, Англия, Олмон, Италия ва Мексикаро омӯхта, доир ба муҳимтарин навъҳои маданияти сиёсие, ки ба ин кишварҳо хосанд, андешаҳои худро баён намудаанд.

Гарчанде андешаҳои муҳаққиқон таъсири маданиятро ба раванду фаъолияти сиёсии одамон ва хусусиятҳои онро дар рушди инсон пурра инъикос намекунанд, аммо минбаъд он барои ташаккул ва мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтани мафҳуми «маданияти сиёсӣ» қадами муҳим гардидааст. Дар ибтидо мафҳуми «маданияти сиёсӣ» ҳамчун муқоиса ва гурӯҳбандии системаҳои сиёсӣ муайян карда шудааст. Илова бар ин, Г. Алмонд ва С. Верба дар асарашон «Маданияти шаҳрвандӣ» чор омилро нишон додаанд, ки барои муайян кардани маданияти сиёсӣ муҳим мебошад [1]:

1. Маданияти сиёсӣ бо ягонагии самти сиёсие, ки ба ҷомеа хос аст, фарқ мекунад.
2. Арзёбии маданияти сиёсӣ дар робита бо воқеаҳои сиёсӣ, ки маърифати сиёсӣ, дарки ҳодисаҳои сиёсӣ, муносибат бо сиёсат, омӯзонидани арзишҳои сиёсиро дар бар мегирад.

3. Маданияти сиёсӣ зери таъсири як қатор омилҳо ташаккул меёбад: иҷтимоишавии сиёсӣ, омӯзиши ҳаёти сиёсӣ, озодии ВАО, робита бо ниҳодҳои давлатӣ, таъсири омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеа ва ғайра.

4. Маданияти сиёсӣ ба фаъолияти сохторҳои сиёсӣ ва давлатӣ таъсир мерасонад, аммо самти онро муайян карда наметавонад. Алоқаи байни маданияти сиёсӣ ва сохторҳои сиёсӣ аз рӯйи доираи фаъолияташон дуҷониба мебошад.

Аввалин маротиба дар адабиёти илмии рус мафҳуми «маданияти сиёсӣ» дар солҳои 70-уми асри XIX аз ҷониби В.И. Гере ба гардиши илмӣ ворид гардидааст [7,с.197].

Дар адабиётҳои ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносии рус масъалаи маданияти сиёсӣ дар давраи шуравӣ ва пасошуравӣ ба назар мерасад. Н.М. Кейзеров маданияти сиёсиро шакли муайян ва имконияти танзими манфиатҳои гурӯҳӣ, ки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мувофиқ аст, ҳисоб мекунад. Дар охир ба тамоми система мувофиқ будани манфиатҳои синф ва гурӯҳ хос мебошад. Тарафдорони ин ақида, инчунин В.Е. Бойков, В.Н. Иванов, З.Т. Тошенко, Р.М. Бурлатский, А.А. Галкин ва дигарон низ мебошанд. Баъзе муҳаққиқон маданияти сиёсиро шакли бошуурона ва коркардшудаи шуури ҷамъиятӣ ва баъзеи дигарашон онро шакли коркарднашуда тавсиф кардаанд. Дар ҳар ду ҳолат он дар тамоми шуури сиёсӣ ҷой гирифта, арзишҳо, принсипҳо, самтҳо, қоидаҳои рафтор ва ғояҳои сиёсиро ба назар мегирад.

Инчунин, муҳаққиқон Е.М. Бабосов, В.И. Набелахов, Н.В. Ефимова, Г.В. Погодин, В.С. Тарасов, В.Л. Сандригайло ва И.С. Тихонович дар маданияти сиёсӣ ду сатҳро муайян намудаанд: якум, сатҳи худшиносии сиёсии омма ва шахсони алоҳида ва дувум, сатҳи эҳсосотӣ ва ҳавасмандии маданияти сиёсӣ [5,с.28].

Муҳаққиқони зиёд дар асарҳои худ мафҳуми маданияти сиёсиро дараҷаи иштироки бошууронаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа муаррифӣ кардаанд. Дар ин замина, маданияти сиёсӣ ҷузъи ҷудонашавандаи маданияти умумӣ бо имкониятҳои фаъоли одамон дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва сатҳи шуури сиёсии онҳо тавсиф карда мешавад. Илова бар ин, ба маданияти сиёсӣ меъёру принсипҳои асосии муносибатҳои сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ хос мебошад.

Дар замони шуравӣ В.И. Ленин мафҳуми маданияти сиёсиро ба ҷомеашиносии марксистӣ ворид карда буд. Ӯ дар ин муносибат маданияти сиёсии мавқеи коммунистӣ-сотсиалистиро нишон додааст. Нуктаи асосии чунин муносибат аз он иборат аст, ки идеология ва маданият ҳамчун типи махсуси ҳодисаи ҷамъиятӣ дар иҷрои фаъолияти синфӣ муносибати пешқадамонаи ҳизбӣ мебошад, ки сохтмони ҷамъияти коммунистиро бо роҳи аз байн бурдани тартиботи кӯҳна муайян мекунад.

Маданияти сиёсӣ барои иҷтимоишавии сиёсии одамон, ташаккули муносибати онҳо бо ҳокимияти сиёсӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад. Ба ин муносибат муҳаққиқи рус Коган Л.Н. андешаҳои худро чунин баён намудааст: «Маданияти сиёсӣ муҳимтарин воситаи иҷтимоишавии шахс ва дар айни замон ба фардшавии ӯ мусоидат мекунад. Инчунин, он барои амалӣ намудани хоҳишҳои одамон дар сиёсат ва барқарор намудани муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ муҳимтарин омил мебошад» [8,с.88].

Дар нимаи дуюми солҳои 60-70 асри XX омӯзиши минбаъдаи масъалаи мафҳуми маданияти сиёсӣ дар осори олимону муҳаққиқон, аз қабили Л. Пай, Р. Маркридис, В. Найман, Д. Марвик ба назар мерасад. Дар оғоз мафҳуми мазкур дар ИМА, баъдан дар дигар кишварҳо васеъ паҳн гардида, ҳамчун воситаи муҳимми омӯзиши тамоюл ва ҳолатҳои рафтори сиёсӣ истифода ва инкишоф меёбад. То имрӯз дар кишварҳои алоҳида оид ба ҷиҳатҳои гуногуни маданияти сиёсӣ асарҳо ва таҳқиқоти зиёде анҷом дода шудаанд.

Тибқи таҳқиқоти сиёсатшиноси амрикоӣ Л. Пай: «Дар ҳар системаи сиёсӣ як соҳаи субъективии сиёсат мавҷуд аст, ки ба воқеаҳои ҳаёти сиёсӣ аҳаммият дода, институтҳои сиёсиро танзим мекунад. Дар ин ҷода, танҳо маданияти сиёсӣ имконияти пешгӯӣ кардани равандҳои сиёсиро дорад» [19,с.7]. Муҳаққиқ ҳангоми кор карда баромадани консепсияи маданияти сиёсӣ онро мазмуни асосии равандҳои сиёсӣ мешуморад.

Мувофиқи назари муҳаққиқ Ёжи Вятр, маданияти сиёсӣ маҷмуи арзишҳо ва рафторҳое мебошад, ки муносибати байни ҳокимият ва шаҳрвандонро муайян мекунанд. Ёжи Вятр дар рафти баррасии мафҳуми «маданияти сиёсӣ» ба низоми арзишҳо ва

намунаҳои рафтор диққат додааст. Муҳаққиқ бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои рафтори сиёсӣ таркиби маданияти сиёсиро чунин муайян кардааст [7,с.200]:

- фаҳми сиёсат, санадҳо ва одамоне, ки манфиатдоранд;
- баҳогузории ҳодисаю падидаҳои сиёсӣ, муҳокимаронию хулосабарориҳои қиматгузорие, ки ба чигунагии амалишавии ҳокимият мансубанд;
- ҷиҳатҳои эҳсосотии ирода ва мақоми сиёсӣ. Масалан, муҳаббат ба Ватан, нафрат ба душманон ва ғайра;
- эътирофи рафтори сиёсии намунавӣ дар ҷомеа.

Паҳлуҳои гуногуну хосси масъалаи маданияти сиёсӣ дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла Зокиров Г.Н., Маҳмадов А.Н., Муҳаббатов А., Пулодов Ҳ., Пулодов А., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ., Ҷӯразода Ҷ.Ҳ, Холиқӣ А. ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Маданияти сиёсӣ дар таркиби худ роҳҳо ва шаклҳои рафторро фаро мегирад, ки муносибати ҷомеа бо сиёсатро таъмин мекунад. Ҷалби бештари одамон ба сиёсат имконият медиҳад, ки онҳо аз равандҳо ва рӯйдодҳои сиёсӣ бештар огоҳӣ дошта, мавқеи сиёсии худро дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ муайян намоянд. Муҳимтарин вазифаи маданияти сиёсӣ низ ба роҳ мондани муносибат байни одмон ва ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи тоҷик Зокиров Г.Н. маданияти сиёсиро муҳимтарин воситаи ҷалби одамон ба сиёсат меҳисобад. Ба андешаи олим, мақсади асосии маданияти сиёсӣ ба ҳам алоқаманд намудани одамон дар системаи сиёсии ҷомеа ва фаъолияти сиёсӣ мебошад. «Маданияти сиёсӣ маҷмуи воситаҳо, роҳҳо ва шаклҳои рафтор аст, ки тавассути онҳо одамон ба сиёсат кашида мешаванд ва дар доираи он фаъолият мебаранд» [7,с.199].

Раванди ҳаёти сиёсӣ аз чигунагии фаъолияти одамон вобаста буда, дар ин раванд, фаъол шудани онҳо омили муҳим ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, фаъолшавии одамон дар ҳаёти сиёсӣ зери таъсири як қатор омилҳо, аз қабили урфу одат, анъана, меъёрҳо ва тамоюлҳои сиёсии ҷамъиятӣ ва қабули донишҳои сиёсӣ сурат мегирад. Омилҳои мазкур ба шуур, рафтор ва муносибати одамон таъсир расонида, барои амалигардии фаъолияти сиёсии онҳо омили муҳим мегарданд. Ба ин мазмун, сиёсатшиносон Муҳаммад А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ. маданияти сиёсиро маҷмуи арзишҳо, мавқеъ ва намунаҳои рафтори сиёсии одамон, ки муносибати байни шаҳрвандон ва ҳокимияти давлатиро инъикос мекунанд, тавсиф кардаанд: «Маданияти сиёсӣ – ин низоми андешаҳо ва донишҳои сиёсӣ, баҳогузории сиёсии одамон, урфу одат ва меъёрҳои сиёсии ҷомеа, инчунин шаклҳои гуногун ва қолабҳои мухталифи тамоюлоти сиёсӣ ва рафтори сиёсие мебошад, ки дар заминаи онҳо фаъолияти сиёсии одамон амалӣ мегардад» [11,с.332].

Дар шароити рушди муносибатҳои сиёсӣ, ташаккул ва инкишофи низоми демократӣ дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа фаъол гардидани одамонро тақозо дорад. Илова бар ин, фаъолияти ҳамарӯзаи одамон бо сиёсат алоқамандии зиёд дошта, дар дигаргун шудани ҳаёти сиёсӣ нақши одамон муҳим ҳисобида мешавад. Иштироки одамон дар равандҳои сиёсӣ ва дигаргуншавии вазъи сиёсии ҷомеа аз сатҳи ташаккули шуур ва маданияти сиёсии онҳо вобаста мебошад. Дар ин раванд, соҳиби маданияти баланди сиёсӣ будани одамон, муҳимтарин омил дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Чи тавре ки муҳаққиқ Маҳмадов А.Н. қайд мекунад: «Соҳиби маданияти сиёсӣ набуда, кас сиёсатмадори соҳибтаҷриба ва ботадбир нахоҳад шуд» [13,с.229].

Ба андешаи муҳаққиқон А. Холиқва, Ҷ. Ҷӯрабоев, маданияти сиёсӣ аз насл ба насл тавассути урфу одат ва меъёрҳои рафтор мегузарад: «Маданияи сиёсӣ маҷмуи як падидаи таърихии устувори фаъолияти сиёсӣ мебошад, ки аз рӯйи дониши сиёсӣ, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, маънавият, эҳсосот, арзишҳои сиёсӣ муайян карда мешавад» [18,с.378].

Ташаккул ва инкишофи ҷомеа аз ҳар ҷиҳат аз сатҳи маданияти сиёсии ҷомеа вобаста мебошад. Бо назардошти чунин муносибат дар ҷомеа ташаккул додани маданияти сиёсӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Ташаккули маданияти сиёсӣ барои инкишофи муносибатҳои байни ҳокимияти сиёсӣ ва одамон муҳимтарин омил мебошад. Зеро муайянкунандаи сатҳи муносибати байни одамон ва ҳокимияти сиёсӣ танҳо маданияти сиёсӣ мебошад. Барои ташаккул ёфтани маданияти сиёсӣ таъсири омилҳои гуногун ба

назар мерасад. Яке аз чунин омилҳо нигоҳ доштани дастовардҳои таърихи гузашта ба ҳисоб меравад, зеро ҷомеа дар асоси гузаштаи таърихии худ ояндаро месозад. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик А. Муҳаббатов, дарёфти арзишҳои муҳимми маданияти сиёсӣ объективона баҳо додан ба равандҳои инкишофи таърихӣ мебошад: «Барои ташаккул додани маданияти сиёсӣ принсипи нигоҳ доштани меросият хеле зарур аст. Маҳз маданияти сиёсӣ бояд дар заминаи дастовардҳои гузаштаи таърихӣ асос ёбад. Ба ин масъала бояд аз нуқтаи назари он ки «бе гузашта ҳозира нест ва бе ҳозира оянда нест», назар кардан зарур аст» [9,с.287].

Маданияти сиёсӣ падидаи таърихии фаъолияти сиёсӣ буда, аз рӯйи меъёрҳои гуногун, аз қабили донишҳои сиёсӣ, тафаккур, сатҳи ҷаҳонбинӣ, эҳсосот ва ғайра муайян карда мешавад. Маърифати сиёсӣ, тафаккур ва сатҳи ҷаҳонбинии шахс ба рафтор ва муносибати ӯ таъсир расонида, иштирокашро дар ҳаёти сиёсӣ таъмин мекунад. Чи тавре ки дар боло қайд гардид, муҳаққиқон Ҳ. Пӯлодов ва А. Пӯлодов ба ҷойи мафҳуми «маданияти сиёсӣ» истилоҳи «фарҳанги сиёсӣ»-ро истифода намудаанд. Ба андешаи онҳо, маданияти сиёсӣ маҷмуи падидаҳои таърихии фаъолияти сиёсиро тавсиф мекунад, ки аз рӯйи дониши сиёсӣ, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, маънавият, эҳсосот ва арзишҳои сиёсӣ муайян карда мешавад. «Фарҳанги сиёсӣ – маҷмуи як падидаи таърихии устувори фаъолияти сиёсӣ мебошад, ки аз рӯйи дониши сиёсӣ, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, маънавият, эҳсосот ва арзишҳои сиёсӣ муайян карда мешавад» [15,с.188].

Муҳаққиқони зиёд маданияти сиёсиро системаи таърихан ташаккулёфтаи таҷрибаи наслҳои гузаштаи одамон медонанд. Аз ҷумла, муҳаққиқон Хуморов Д.М., Авғонов С.М., Ҳусейнов Б.А., Каримова З.Ҳ. чунин муносибатро ҷонибдорӣ менамоянд. «Фарҳанги сиёсӣ системаи таърихан ташаккулёфтаи таҷрибаи наслҳои гузаштаи одамон аст, ки дар он гузориш, эътиқод, ҳиссиёт, тарзи рафтор дар фаъолияти субъектҳои раванди раванди сиёсӣ ифода меёбанд ва дар асоси меросият такрористеҳсолкунии ҳаёти сиёсии ҷомеаро таъмин менамоянд» [16,с.144].

Дар баробари ин, бо мурури замон, бо ташаккул ёфтани фаҳмиши мафҳуми маданияти сиёсӣ андешаҳои гуногун пайдо мегарданд. Аз сабаби фаҳмиши васеъ доштани мафҳуми маданияти сиёсӣ ва доираи татбиқи он, дар кишварҳои ғарбӣ чандин таърифҳо пешниҳод шудаанд.

Охирҳои асри XX бо сабаби ташаккули мафҳуми маданияти сиёсӣ баҳсҳои зиёд дар бораи моҳияти он ба миён меоянд. Дар натиҷаи чунин муносибат ду равиши фаҳмиши маданияти сиёсӣ ташаккул меёбад: дар **равиши аввал,** маданияти сиёсӣ маҷмуи самтҳои сиёсӣ ҳисобида мешавад; **равиши дуюм,** маданияти сиёсиро тавассути рафтори сиёсӣ баррасӣ кардаанд.

Дар маҷмуъ, бисёре аз муҳаққиқон барои муайян намудани хусусиятҳои маданияти сиёсии ҷомеа ба падидаҳо, аз қабили принсипҳо ва самтҳои сиёсӣ, тарзи рафтори гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида, хусусиятҳои институтҳои сиёсӣ, паҳншавии арзишҳо дар ҷомеа такя кардаанд.

Маданияти сиёсӣ анъанаҳо, ғояҳо, таҷрибаҳои мавҷудаи сиёсӣ ва эътиқодҳоеро дар бар мегирад, ки дар заминаи ҳаёти наслҳои замони гузашта ташаккул ёфтаанд. Он принсип ва самтҳои рафтори сиёсии одамон ба низоми мавҷудаи сиёсӣ, институтҳое, ки онро ташкил медиҳад, принсипҳои муносибати мутақобилаи шахс, ҷомеа ва давлатро, ки дар он кор мекунанд, дар бар мегирад.

Маданияти сиёсӣ ба маънои васеъ ҳамчун тавсифи таркибии тарзи ҳаёти кишвар, миллат, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шахс, таҷрибаи сиёсӣ, намунаҳои рафтор ва фаъолияти субъектҳои сиёсӣ ифода меёбад. Он таҷриба ва хотираҳои таърихии ҷомеа ва шахсони алоҳида дар доираи самтҳо ва таҷрибаҳои муқарраршуда дар сиёсат мебошад, ки ба рафтори сиёсии онҳо таъсир мерасонад. Дар умум, ҳамаи таърифҳои мавҷудаи маданияти сиёсиро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: **якум,** он доираи нисбатан маҳдудро дар бар мегирад; **дуюм,** тавсифи васеъ, он ба ҷузъи муҳимми маданияти умумии марбут ба сиёсат дохил мешавад.

Ҳамин тавр, маданияти сиёсӣ системаи арзишҳои бунёдии сиёсӣ, принсипҳо, тарзи рафтор, анъана ва манфиатҳои субъектҳои иҷтимоӣ ва имконияти танзими меъёру қоидаҳои онҳо, инчунин имконияти фаъолияти қабулшудаи сиёсӣ мебошад.

Назария ва мафҳумҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, се унсури асосии маданияти сиёсиро қайд намудан мумкин аст, ки маънои назариявии онро ошкор мекунанд: аввал, муносибатҳои байни одамон ва ҳокимияти сиёсӣ; дуюм, муносибат бо унсурҳои сиёсии ҷомеа; сеюм, ҳамчун фаъолияти инфиродии сиёсии ҳар як шахс арзёбӣ карда мешавад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Холов Х.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Алмонд Габриэль, Верба Сидней. Гражданская культура: политические установки и демократия в пяти странах / Алмонд Габриэль, Верба Сидней; пер. с англ. Е. Генделя. –М.: Мысль, 2014. -500 с.
2. Аристотель / Политика; пер. с др.-греч. С.А. Жебелева. -СБП.: Азбука, Азбука-Аттикус, 2018. -352 с.
3. Буралский Ф.М. Политические системы современности / Ф.М. Буралский, В.Е. Чиркин. -М.: Наука, 1978. -356 с.
4. Гердер И.Г. Идеи к философии истории человечества / И.Г. Гердер; пер. с нем. А.В. Михайлова. -2-еизд., испр. -М.;-Спб.: Центр гуманитарных инициатив, 2013. -760 с.
5. Две культуры – два образа мысли / Е.М. Бабосов, В.И. Набелахов, Н.В. Ефимова, Г.В. Погодин, В.С. Тарасов, В.Л. Сандригайло, И.С. Тихонович. -Минск: Наука и техника, 1985. -142 с.
6. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе: Андалеб-Р, 2015. -Ҷилди II. -536 с.
7. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои сиёсии мактабҳои олӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе: Эр-граф, 2019. -Ҷ. II. -684 с.
8. Коган Л.Н. Теория культуры: Учеб. пособие / Л.Н. Коган. -Екатеринбург: УрГУ, 1993. -160 с.
9. Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А.Н. Маҳмадов. -Душанбе, 2010. -442 с.
10. Мелников А.П. Политическая культура в жизни общества / А.П. Мелников, С.Ф. Сокол. -Минск, 2011. -262 с.
11. Муҳаммад А.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайриихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Муҳаммад А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ. -Душанбе: Паёми ошно, 2018. -416 с.
12. Муҳаббатов А. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А. Муҳаббатов. -нашри дуюми такмилёфта. –Душанбе: Истеъдод, 2013. -392 с.
13. Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз. Донишномаи мухтасари сиёсӣ / Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз. -Душанбе: Эр-граф, 2016. -378 с.
14. Платон / Государство; пер. с др-греч. А. Егунова. -СБП.: Азбука, Азбука-Аттикус, 2019. -480 с.
15. Пӯлодов Ҳ. Сисатшиносӣ: Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва миёна / Ҳ. Пӯлодов, А. Пӯлодов, нашри 2, бо такмил ва тавзеҳот. -Душанбе: Шарқи озод, 2002. -264 с.
16. Сиёсатшиносӣ / Д.М. Хуморов, С.М. Афғонов, Б.А. Ҳусейнов, З.Ҳ. Каримова. -Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. -250 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд, ҷилди I. -Душанбе, 2008. -950 с.
18. Холиқӣ А. Сиёсатшиносӣ: мафҳуму назарияҳо ва ҷадвалҳои мантиқӣ / Холиқӣ А., Ҷ. Ҷӯрабоев. -Хуҷанд: Ношир, 2013. -564 с.
19. Pay L. Political culture and Political development / L. Pay // Political culture and Political development. -Princtown, 1965.


**ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ МАДАНИЯТИ СИЁСӢ**


Мақола ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии масъалаи маданияти сиёсӣ бахшида шудааст. Маданияти сиёсӣ яке аз категорияҳои асосии илми сиёсатшиносӣ маҳсуб ёфта, омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои илмӣ маданияти сиёсиро маҷмуи воситаҳо, роҳҳо ва шаклҳои рафтор медонад, ки тавассути онҳо одамон ба сиёсат кашида мешаванд ва дар доираи он фаъолият мебаранд. Қайд мегардад, ки ташаккули маданияти сиёсӣ омили асосии рушди ҷомеа ва давлат маҳсуб меёбад. Дар мақола назарияҳои муҳаққиқони гуногуни ватаниву хориҷӣ доир ба моҳияти маданияти сиёсӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Барои омӯзиши маданияти сиёсии ҷомеаи тоҷик нақши муҳаққиқон ва сиёсатшиносони ватанӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Чунин шуморида мешавад, ки маданияти сиёсӣ дар ташаккул ва инкишофи муносибати байни одамон ва ҳокимияти сиёсӣ ба сифати омили таъсиррасон баромад мекунад. Иштироки одамон дар ҳаёти сиёсӣ, ки инъикоскунандаи нишонаи сатҳи баланди маданияти сиёсӣ мебошад, дар рушди ҷомеаи демократӣ омили асосӣ ҳисобида мешавад. Ҳамчунин, муаллиф чунин мешуморад, ки омӯзиши масъалаи маданияти сиёсӣ имкон медиҳад, ки муносибати одамон дар робита бо ҳокимияти сиёсӣ муайян карда шавад.



**Калидвожаҳо:** маданияти сиёсӣ, раванди сиёсӣ, иштироки сиёсӣ, рафтори сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, системаи сиёсӣ, донишҳои сиёсӣ, афкори ҷамъиятӣ, демократия, давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ.


**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИЗУЧЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ**


Статья посвящена исследованию теоретических аспектов проблемы политической культуры. Политическая культура является одной из основных категорий политической науки и требует всестороннего изучения. На основе изучения и анализа научной литературы автор рассматривает политическую культуру как совокупность средств, способов и форм поведения, посредством которых люди привлекаются к политике и действуют в ней. В статье анализируются и обсуждаются теории различных отечественных и зарубежных исследователей о сущности

политической культуры. Отмечается, что формирование политической культуры считается главным фактором развития общества и государства. Роль отечественных исследователей и политологов в изучении политической культуры таджикского общества считаеться важным фактором. Считается, что политическая культура выступает влияющим фактором на формирование и развитие отношений между людьми и политической властью. Участие народа в политической жизни, отражающее высокий уровень политической культуры, считается ключевым фактором развития демократического общества. Также автор считает, что изучение вопроса политической культуры позволяет определить отношение людей по отношению к политической власти.

**Ключевые слова:** политическая культура, политический процесс, политическое участие, политическое поведение, политическая культура, политическая система, политическое знание, общественное мнение, демократия, государство, гражданское общество.

**THEORETICAL ASPECTS OF STUDYING POLITICAL CULTURE**

The article is devoted to the study of theoretical aspects of the issue of political culture. It is noted that the formation of political culture is considered the main factor in the development of society and the state. Political culture is one of the main categories of political science and requires comprehensive study. Based on the study and analysis of scientific literature, the author considers political culture to be a set of means, ways and forms of behavior through which people are drawn to politics and operate within it. The article analyzes and discusses the theories of various domestic and foreign researchers on the essence of political culture. The role of domestic researchers and political scientists is considered important for the study of the political culture of Tajik society. It is believed that political culture acts as an influencing factor in the formation and development of the relationship between people and political authority. People's participation in political life, which reflects a high level of political culture, is considered a key factor in the development of a democratic society. Also, the author believes that studying the issue of political culture makes it possible to determine the attitude of people in relation to political authority.

**Keywords:** political culture, political process, political participation, political behavior, political culture, political system, political knowledge, public opinion, democracy, state, civil society.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Комилов Мирзокомил Мирзоубайдович*** **–** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мкрн. 17, хонаи 1. Телефон: (**+992) 926-10-83-75**

**Сведения об авторе:** ***Комилов Мирзокомил Мирзоубайдович*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, ассистент кафедрой политологии. **Адрес**: 735700, г.Худжанд, Республики Таджикистан, 17 мкр-н, дом 1. Телефон: (**+992) 926-10-83-75**

**Information about the author:** ***Komilov Mirzokomil Mirzoubaydovich*** – Tajik State University of Law, Business and Policy, Assistant of the politology department. **Address**: 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, 17 microdistrict, house 1. Phone: (**+992) 926-10-83-75**

ТДУ: 34+628.1(575.3)

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ОБ

*Умарзода Амриддин Саидаҳмад*

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар марҳилаи муосир сиёсати об босуръат пеш меравад, ки ин бевосита ба мураккаб шудани масоили об дар арсаи ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Дар ҷаҳон аллакай заминаи кофии ҳуқуқӣ барои ташаккул ва такмили сиёсати ҷаҳонии об таҳия шудааст. Аммо саволе ба миён меояд, ки кадом намуди сиёсати об ба ҷаҳони муосир лозим аст ва ин гуна сиёсатро чӣ тавр бояд таҳия кард?

Зикр намудан лозим аст, ки асноди бунёдии байналмилалие, ки асоси сиёсати ҷаҳонӣ дар соҳаи обро ташкил медиҳанд, консепсияҳо ва қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид мебошанд. Маҷмааи Умумии СММ барои иштироки фаъолона дар ҳалли мушкилоти об дар арсаи ҷаҳонӣ зиёда аз 15 қатънома қабул кард, ки тамоми ҷанбаҳои масъалаҳои об ва сиёсати обро дар бар мегиранд:

1. Қатъномаи СММ аз 22 декабри соли 1992, № 47/193 «Дар бораи таҷлили Рӯзи ҷаҳонии об»;

2. Қатъномаи СММ аз 20.12.2000, № 55/196 «Дар бораи эълон намудани соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза»;

3. Қатъномаи СММ аз 23.12.2003, № 58/217 «Дар бораи эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт»;

4. Қатъномаи СММ аз 20.12.2006, № 61/192 «Дар бораи эълон намудани соли 2008 ҳамчун Соли байналмилалии беҳдошт»;

5. Қатъномаи СММ аз 20.12.2010 № 65/154 «Дар бораи эълон намудани соли 2013 Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об»;

6. Қатъномаи СММ аз 21.12.2012, № 67/204 «Дар бораи гузаронидани Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об – 2013»;

7. Қатъномаи СММ аз 21.12.2009, № 64/198 «Дар бораи Баррасии миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи иҷрои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», 2005-2015»;

8. Қатъномаи СММ аз 19.12.2014, № 69/215 «Дар бораи гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015»;

9. Қатъномаи СММ аз 18.12.2013, № 68/157 «Дар бораи ҳуқуқи инсон ба оби тозаи ошомиданӣ ва санитария»;

10. Қатъномаи СММ аз 17.12.2015, № 70/169 «Дар бораи ҳуқуқи инсон ба оби нӯшокӣ ва санитария» ва қарорҳои дахлдори Шурои ҳуқуқи инсон, аз ҷумла:

а) Қатъномаи СММ аз 27.09.2013, № 24/18;

б) Қатъномаи СММ аз 25.09.2014, № 27/7;

в) Қатъномаи СММ аз 25.09.2015, № 70/1 «Дар бораи дигаргунсозии ҷаҳони мо: Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030»;

г) Қатъномаи СММ аз 29.07.2016, № 70/299 «Дар бораи фаъолияти минбаъда вобаста ба Рӯзномаи рушди устувор дар давраи то соли 2030 ва баррасии ҷараёни татбиқи он дар сатҳи ҷаҳонӣ.

11. Қатъномаи СММ, № 71/222 «Дар бораи эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028» [11,с.1-2].

Ин қатъномаҳо ҳуҷҷатҳои асосӣ ва манбаи асоси ҳуқуқии сиёсати байналмилалии об мебошанд. Тибқи меъёрҳое, ки дар ин қатъномаҳо муайян шудаанд, бо риояи пурра ва иҷрои вазифаҳои бамиёнгузошташуда имкон дорад, ки сатҳи бuҳрони об дар сайёра хеле коҳиш ёфта, миллионҳо сокинони Замин бо оби нӯшокӣ ва шароити хуби санитарии зист таъмин карда шаванд. Дар ин самт созмонҳо, ниҳодҳо ва донорҳои минтақавӣ ва байналмилалии дигар низ фаъолона иштирок мекунанд.

Онҳо асосан ба давлатҳои гирифтори буҳрони об ё кишварҳое, ки мушкилоти дигари марбут ба захираҳои об доранд, кумаки техникӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва зеҳнӣ мерасонанд.

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки ҳамаи давлатҳои ҷаҳон сиёсати худро оид ба об доранд, ки дар асоси санадҳои ҳуқуқии миллӣ ташаккул ёфтаанд. Сиёсати миллии об характери миллӣ дошта, вобаста ба мавқеи ҷуғрофии давлат ва хусусияти захираҳои оби он таҳия карда мешавад. Тибқи маълумоти мавҷуда, сокинони беш аз 80 кишвари ҷаҳон аз оби тозаи ошомиданӣ маҳруманд. Табиист, ки сиёсати оби ин кишварҳо, пеш аз ҳама, ба таъмини аҳолӣ бо об ва беҳбуди вазъи санитарию гигиении мардум нигаронида шудааст.

Минтақаҳое вуҷуд доранд, ки сатҳи баланди захираҳои обтаъминкунӣ доранд: Канада ва шимолу ғарби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷанубу Шарқи Осиё, шимоли Бразилия, Скандинавия, Африқои Марказӣ ва ғайра ва минтақаҳои дорои сатҳи нокифояи захираҳои об: Шарқи Наздик, Африқои Шимолӣ, Европаи Ҷанубӣ ва ғайра [14,с.4].

Аз ин нуқтаи назар давлатҳои ҷаҳонро метавон ба чаҳор гурӯҳ ҷудо кард:

1. Давлатҳое, ки аз оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд ва инфрасохтори зарурии об надоранд (дар ин ҷо зери инфрасохтори об тамоми системаи об ва технологияи муосири тозакунии об фаҳмида мешавад).

2. Давлатҳое, ки аз оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд, вале инфрасохтори зарурии об доранд.

3. Давлатҳое, ки бо захираҳои обӣ таъминанд, вале инфрасохтори об рушд наёфтааст.

4. Давлатҳое, ки бо захираҳои кофии об ва инфрасохтори муосири об таъминанд.

Таъминоти миёнаи ҷаҳонӣ бо захираҳои маҷрои умумии дарёҳо ба ҳар сари аҳолӣ мунтазам коҳиш ёфта, имрӯз 7 ҳазор м³/солро ташкил медиҳад. Агар дар Норвегия, Канада, кишварҳои Африқои Марказӣ, Зеландияи Нав таъминот бо захираҳои об тақрибан 100 ҳазор м³/сол бошад, пас дар Аврупои Ғарбӣ, аксари минтақаҳои Африқо, Шарқи Миёна, Чин – 1 ҳазор метри мукааб ё камтар аз он дар як сол [8,с.5].

Бухрони шадиди об дар Судони Ҷанубӣ, Камерун, Зимбабве, Кот-д'Ивуар, Сомали, Эфиопия ва Нигерияи Шимолӣ пеш омадааст. Онҳо ба гурӯҳи якум тааллуқ доранд. Сиёсати оби давлатҳои гурӯҳи якум бо сабабҳои молиявию иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва донорҳо таҳия ва амалӣ карда мешавад. Онҳо мушкилоти оби дохилиро мустақилона ҳал карда наметавонанд.

Мутобиқи маълумоти мавҷуда, дар давоми шаш соли охир, Бонки Рушди Осиё (БРО) лоиҳаҳои беҳтар кардани дастрасӣ ба об ва шароити беҳдоштро дар ҳаҷми 3,3 миллиард доллар сармоягузорӣ кардааст, ки тақрибан 2,2 миллиард доллари ин маблағ ба лоиҳаҳои системаҳои шаҳрӣ, ки ҳадди ақал ба 17 миллион нафар хизмат мерасонанд, равона карда шудааст. Бунёди Билл ва Мелинда Гейтс, инчунин аз таҷрибаи Бонки Рушди Осиё тавассути пешниҳоди грантӣ истифода намуда, 18 миллион доллар барои маблағгузории марҳилаи дуюми Барномаи беҳдошти шаҳрии БРО пешниҳод намуд [1,с.5].

Бар асоси таҳлил метавон гуфт, ки ҳадафи асосии сиёсати оби кишварҳои Африқо, ки дучори камбуди об ҳастанд, пеш аз ҳама, ба ҷалби сармоя аз сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва беҳбуди вазъи санитарию гигиении одамон нигаронида шудааст. Онҳо сиёсати мустақилонаи обро надоранд ва роҳандозӣ намекунанд. Илова бар ин, дар ин ҷо то ҳол стратегия ё барномаи мувофиқи таъмини устувори аҳолӣ бо об таҳия нашудааст.

Ба гурӯҳи дуюм мамлакатҳои араб дохил мешаванд. Сарфи назар аз он ки онҳо дар минтақаи нисбатан камтаъмини об ҷойгиранд, тавонистанд ин мушкилотро тавассути эҷоди инфрасохтори мувофиқи об ҳал кунанд. Ба далели рушди демографӣ ва тағйирёбии иқлим дар ин кишварҳо, нишондиҳандаҳои истифодаи об ба ҳар сари аҳолӣ дар чанд даҳсолаи охир коҳиш ёфтааст. Агар дар соли 1960 дар ин минтақа ба ҳар сар аҳолӣ сарфи об соле 3,3 ҳазор метри мукааб об рост ояд, вале ҳоло ин рақам то ба 1,3 ҳазор метри мукааб кам шудааст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар мамлакатҳои араб бар хилофи мамлакатҳои Африқо кӯшиш мекунанд масъалаи обро мустақилона ҳал намоянд. Илова бар ин, онҳо инфрасохтори муосири обро ба вуҷуд овардаанд. Дар ин ҷо маблағгузории татбиқи сиёсати об дар сатҳи баланд қарор дорад. Махсусан, маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар системаи обтаъминкунӣ, ки нишондиҳандаҳои махсуси татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи об мебошанд. Сиёсати оби

кишварҳои арабиро, бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ ва доштани захираҳои обӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияи тоза кардани оби шӯр, метавон сиёсати муосиртарини сиёсати об арзёбӣ кард.

Қадамҳои аввалин дар роҳи ҳалли мушкилоти об дар Либия гузошта шуданд. То соли 1984 барои ба вуҷуд овардани обанборҳои зарфияташон 387 миллион метри мукааб 6 сарбанд сохта, 2,9 ҳазор чоҳи артезианӣ парма карда шуд [10,с.4].

Ғайр аз ин, 30 стансияи обкашӣ сохта шуд, ки дар як шабонарӯз 150 ҳазор мукааб/метр оби шӯрро соф менамоянд [10,с.4].

Пешвои инқилоби Либия Муаммар Қаззофӣ дар соли 1983 идеяи бунёди дарёи бузурги сунъиро барои интиқоли оби тоза ба шимол аз кӯлҳои зеризаминии Саҳрои Кабир дар минтақаҳои Мурзук, Куфра ва Ҳамада ба миён гузошта буд, ки 35 ҳазор км мукааб об дорад [21,с.3].

Ин лоиҳа, ки 30 миллиард доллар арзиш дорад, бузургтарин иншооти гидротехникии ҷаҳон дар асри XX буд. 270 чоҳ парма карда, 250 ҳазор қубури оҳану бетонии диаметраш аз 1,6 то 4 метр гузаронда шуд. Дар натиҷаи сохтани дарёи сунъӣ ба соҳил гузарондани 2 км мукааб об дар як сол мумкин шуд.

Сохтмони стансияҳои обтозакунӣ дар кишварҳои минтақа густариш ёфта, теъдоди онҳо дар баҳри Миёназамин ва Халиҷи Форс ба 1,5 ҳазор расидааст, ки 120-тои онҳо дар Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар, Баҳрайн, Арабистони Саудӣ, Кувайт ва Ироқ ҷойгиранд. Аморати Муттаҳидаи Араб бо 2,4 миллион аҳолӣ ҳар рӯз 1,1 миллион метри мукааб оби тозашуда мегирад ва дар Абу-Даби ба ҳар сари аҳолӣ дар як шабонарӯз 528 литр оби тоза рост меояд, ки дар навбати худ, дар Германия – 128 литр аст. Мамлакатҳои нимҷазираи Араб 70%-и эҳтиёҷоти худро аз захираҳои обӣ тозакардашуда қонеъ мегардонанд [10,с.5]. Дар ин ҷо ягона мушкилӣ нархи об аст: 1 литр оби софкардашуда ҳудуди 50 сент арзиш дорад.

Умуман, метавон гуфт, ки аз ҷиҳати захираҳои табиии об кишварҳои Африқо ва Араб дар як сатҳ қарор доранд. Аммо татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи об дар кишварҳои араб ба рушди устувори давлат мусоидат кард. Фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ, устувории сиёсии мамлакатҳои араб бештар ба ҳалли мушкилоти об вобаста аст.

Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои асосии пайдоиш ва паҳн шудани гурӯҳҳои гуногуни террористию экстремистии мусаллаҳ дар баъзе кишварҳои африқоӣ ин ҳал нашудани мушкилоти об мебошад, ки дар баробари омилҳои дигар, ба паст шудани рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва шиддатнокии сиёсии мардум мусоидат мекунад.

Барои коркарди гидрополитикаи муосир сиёсати об дар абарқудратҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти хосса дорад. Дар ин ҷо Русия ҷойи махсусро ишғол мекунад. Аммо, қудратҳои ҷаҳоние ҳастанд, ки бо сабабҳои объективӣ мушкилоти ба таври ҷиддӣ ҳал нашудани мушкилоти обро доранд. Масалан, сиёсати обии Русияро бо сиёсати оби Ҳиндустон муқоиса кардан душвор аст.

Федератсияи Русия кишвари дорои захираҳои бойи об дохил мешавад. Русия ба гурӯҳи давлатҳои дорои захираҳои нисбатан бойи об мебошад. Захираҳои обии дарозмуддати барқароршавандаи Русия ба ҳисоби миёна 10 дарсади маҷрои дарёҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад (дар ҷаҳон пас аз Бразилия ҷойи дуюмро ишғол мекунад) ва 4,3 ҳазор км мукааб дар сол ҳисоб карда мешавад. Умуман, дар кишвар захираи об 30,2 ҳазор мукааб метр ба як нафар дар як солро ташкил медиҳад [6,с.5]. Ин нишондиҳанда дар Ҳиндустон нисбат ба Россия хеле паст аст.

Ба гуфтаи Арнабха Гоша, директори иҷроияи Шурои энергетика, муҳити зист ва захираҳои оби Ҳиндустон, дар соли 1951, ба ҳисоби миёна ҳар як ҳиндӣ ба 5200 метри мукааб об дастрасӣ дошт, дар ҳоле ки аҳолии кишвар 350 миллион нафар буд. Соли 2010 ин рақам то 1600 метри мукааб коҳиш ёфт [6,6].

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои байналмилалӣ, ин сатҳ хеле ташвишовар арзёбӣ мешавад. Дар шароити имрӯза ин сатҳ то 1400 метри мукааб коҳиш ёфтааст ва таҳлилгарон нигаронанд, ки дар давоми ду даҳсолаи оянда он то ба камтар аз 1 ҳазор метри мукааб коҳиш хоҳад ёфт [9,с.5].

Сабаби воқеии норасоии об дар Ҳиндустон афзоиши хеле босуръати аҳолӣ, низоми бесамари нақлиёт, истифодаи зироатҳое, ки обёрии фаровонро талаб мекунанд, аз қабили шолӣ ё лаблабуи қанд дар заминҳои лалмии кишвар ва қобилияти назорат карда натавонистани талабот ба об бинобар ройгон будани қувваи барқ ва субсидия барои сӯзишвории дизелӣ мебошад.

Арнабха Гоша инчунин тағйирёбии иқлимро қайд менамояд, ки ба мушкилоти об дар кишвар таъсир расонидааст. Тибқи пешгӯийҳо ҳарорат дар Ҳиндустон боло меравад, ки ин ҳам боиси афзоиши истифодаи об мегардад, аммо ҳамчунин интизор меравад, ки боришоти борон низ камтар мешавад [6,с.6].

Метавон гуфт, ки сиёсати оби Ҳиндустон, пеш аз ҳама, ба васеъ намудани дастрасӣ ва таъмини аҳолӣ бо захираҳои об ҳам барои эҳтиёҷоти дохилӣ ва ҳам барои обёрии кишоварзӣ ва истеҳсолоти саноатӣ нигаронида шудааст. Афзоиши демографӣ ва тағйирёбии иқлим сол аз сол ин мушкилотро дар Ҳиндустон душвортар гардонида истодааст.

Рушди демографӣ ва тағйирёбии иқлим ду омили асосии мушкилоти об ва буҳрони об ба ҳисоб мераванд. Ҳиндустон зери таъсири сахти ин ду омил қарор дорад. Пешрафтҳо дар технологияи обтозакунӣ ва тадбирҳои мутобиқшавӣ метавонанд буҳрони оби Ҳиндустонро коҳиш диҳанд. Яъне, ба Ҳиндустон стратегияи тоза кардани об ва мутобиқшавӣ ба буҳрони об лозим аст.

Дар хусуси Федератсияи Русия бошад, ин мушкилиот барои вай бегона мебошанд. Зиёда аз 75% ё зиёда аз 109 миллион нафар аҳолӣ аз хизмати обтаъминкунии мутамарказ истифода мебаранд. Сиёсати оби Федератсияи Русия ба рушди комплекси хоҷагии оби кишвар, истифодаи устувори об, ҳифзи объектҳои об, муҳофизат аз таъсири манфии об ва ҳифзи экосистемаҳои обӣ нигаронида шудааст. Аммо, сарфи назар аз сатҳи баланди таъминот бо захираҳои об, сиёсати об яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии Федератсияи Русия мебошад.

Тибқи Стратегияи оби Русия [6,с.7] сиёсати об яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ ва таъмини фазои мусоиди муҳити зист дар кишвар мебошад. Дар баробари ин, рушди комплекси хоҷагии оби кишвар барои Федератсияи Русия самти афзалиятноки фаъолияти давлат мебошад.

Сиёсати оби Федератсияи Русияро метавон бо сиёсати оби Канада муқоиса кард. Аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ ва захираҳои обӣ онҳо аз бисёр ҷиҳат бо ҳам шабоҳат доранд. Канада, дар баробари Русия, аз ҷиҳати захираҳои оби тоза дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. Сарчашма ва захираҳои асосии об дар Канада дарёҳо ва кӯлҳо мебошанд. Шабакаи дарёии Канада зич ва сероб аст. Дарёҳои Юкон, Манитоба, Колумбия, Фрейзер, Маккензи, Сент-Лоуренс, Андерсон, Олбани ва ғайра аз ҳудуди мамлакат мегузаранд [16,с.5].

Канада, инчунин аз ҳисоби Кӯлҳои Бузург – Сент-Лоуренс, Боло, Гурон, Мичиган, Эри, Онтарио, ки дар қаламрави он (қисман дар Иёлоти Муттаҳида) ҷойгиранд, дорои иқтидори ғании захираҳои об мебошад. Ҳавзаи Кӯлҳои Бузург яке аз калонтарин системаҳо дар сайёра мебошад, ки 18% захираҳои оби тозаи ҷаҳонро дар бар мегирад, ки бо таносуби захираҳои оби тозаи ҷаҳон дар Русия муайян карда мешавад [16,с.5].

Дараҷаи таъминоти об дар Канада тақрибан ба дараҷаи таъминоти об дар Федератсияи Русия баробар аст. Бо мушкилоти таъминоти об дар Канада ширкатҳои тиҷоратӣ машғул ҳастанд. Аз ҷумла, ширкатҳои «Обрези Канада», «Обтаъмини Канада» ва ғайраҳо.

Сарфи назар аз сатҳи баланди мавҷудияти захираҳои об, сиёсати об дар системаи сиёсати давлатӣ дар Канада ҷойи махсусро ишғол мекунад. Амалҳои асосии давлат дар соҳаи сиёсати об ба ҳифзу нигаҳдории захираҳои об, истифодаи оқилонаи ин захираҳо барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нигаронида шудааст. Мушкилоти асосии таъмини об дар Канада, дар айни замон, бад шудани сифати об мебошад.

Хусусияти асосии фарқкунандаи сиёсати оби Федератсияи Русия, Канада, Ҳиндустон, ИМА ва давлатҳои дигари ҷаҳон дар он аст, ки захираҳои об ва фазои обӣ барои онҳо аҳаммияти хоссаи ҳарбию стратегӣ ва нақлиётӣ доранд. Яъне, сиёсати обии фаъолони

ҷаҳонӣ ҳамзамон ба таҳкими мавқеашон ва тавсеаи минтақаҳои таъсири геополитикӣ ва геостратегии онҳо нигаронида шудааст.

Аҳаммияти низомии фазои обӣ барои ин кишварҳо дар ҳадафҳои гидросиёсӣ ва стратегӣ ифода ёфтааст. Маҳз, сиёсати давлатӣ дар соҳаи об барои таъмини ҳамаҷонибаи амнияти давлат нақши ҳалкунанда мебозад. Онҳо манфиатҳои геополитикии худро аз фазои гидрополитикӣ муҳофизат мекунанд. Яъне, фазои гидрополитикӣ минбари таъмини амнияти давлат ва ҳадафҳои геополитикӣ ва геостратегӣ мебошад.

Пойгоҳҳои асосии низоми ҳарбии ин кишварҳо маҳз дар фазои гидрополитикӣ ҷойгир шудаанд. Абарқудратҳои ҷаҳонӣ маҳз бо ёрии флоти ҳарбии баҳрӣ сарҳадҳо ва соҳибихтиёрии давлати худро муҳофизат мекунанд. Қувваҳои мусаллаҳи пуриқтидортарин дар флотҳо ҷойгир шудаанд. Қувваҳои флоти баҳрӣ ҳамчун воситаи геополитикӣ чандиртар мебошанд. Онҳо метавонанд дар як муддати хеле кӯтоҳ ба вазъияти буҳронӣ ҷавоб диҳанд. Қувваҳои флоти баҳрӣ воситаи тавонотарин ва серсоҳаи сиёсати берунии субъектҳои (акторони) ҷаҳон мебошанд.

Дар ҷаҳони муосир муборизаи байни абарқудратҳои ҷаҳонӣ барои васеъ кардани минтақаи геополитикии таъсири онҳо маҳз дар фазои гидрополитикӣ сурат мегирад. Фазои обӣ қодир аст, ки қувваҳои пуриқтидортарин, дар айни замон хавфноктарини ҳарбӣ: ракетаҳои баллистикӣ, яроқи ядроӣ ва атомӣ ва ғайраро муддати дароз дар худ нигоҳ дорад.

Таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии оби ин давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки захираҳои об на танҳо аҳаммияти хосси иҷтимоию иқтисодӣ, балки аҳаммияти махсуси ҳарбӣ низ доранд. Ин танҳо ба абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва кишварҳои дар соҳили укёнусҳо ҷойгиршуда хос мебошад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи оби давлатҳое, ки роҳи баромадан ба баҳр надоранд, чандон аҳаммият надорад.

Дар асоси ин метавон гуфт, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ва фаъолияти/сиёсати давлат бо гидрополитика алоқаманд аст. Гидрополитика муҳимтарин фаъолияти сиёсии ҳокимияти давлатӣ ва самти асосии сиёсати давлатӣ мебошад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, сиёсати оби давлатҳои ҷаҳон ин сиёсати гуногунарзишманди об мебошад. Аммо, новобаста аз он ки ҳар як давлат сиёсати худро барои об дорад, хусусияти умумии сиёсати об барои тамоми кишварҳои ҷаҳон таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба оби маишӣ ва беҳтар намудани вазъи санитарию гигиении аҳолӣ мебошад.

Сиёсати об, инчунин, аз мавқеи ҷуғрофии давлат вобаста аст. Аз ин нуқтаи назар метавон сиёсати оби давлатхои Осиёи Марказиро муқоиса кард. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳама дарёҳои бузург фаромарзӣ мебошанд. Сиёсати об дар Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон асосан аз бисёр ҷиҳат бо ҳам монанд аст. Онҳо давлатҳои поёноб мебошанд. Онҳо ҷараёни асосии обро аз дарёҳои фаромарзӣ мегиранд, ки дар кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад.

Захираҳои обу энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ дар байни давлатҳо бениҳоят нобаробар тақсим карда шудаанд ва истифодаи онҳо нисбат ба вазифаҳои иқтисодӣ бештар вазифаҳои сиёсиро иҷро мекард ва ҳоло ҳам иҷро карда истодааст [17,с.3].

Бо дарназардошти ин раванди истеъмоли об ва истифодаи об дар яке аз кишварҳои минтақа, ба раванди истеъмоли об дар кишварҳои дигар таъсир мерасонад. Зиёда аз 80%-и захираҳои оби минтақа дар қаламрави Тоҷикистону Қирғизистон ташаккул меёбанд, ки асосан ба тавлиди неруи барқ манфиатдоранд. Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистан ба истифода бурдани захираҳои обӣ бо мақсадҳои ирригатсионӣ ва дар фасли тобистон барои обёрӣ кардани заминҳои обӣ бо сарфи ҳадди аксари захираҳои обӣ бештар манфиатдор мебошанд. Ва барои Тоҷикистону Қирғизистон ҳадди аксари сарфи об дар фасли зимистон барои тавлиди неруи барқ муфид аст.

Қазоқистон кишвари вобаста ба об аст, бинобар ин масъалаи истифодаи дарёҳои фаромарзӣ барои он авлавияти аввалиндараҷа дорад. Захираҳои обҳои рӯизаминии Қазоқистон имрӯз қариб 100 миллиард метри мукаабро ташкил медиҳанд. Инҳо манбаъҳои ҳамасола барқароршавандаи об мебошанд, ки 44 фоизи онҳо ба кишварҳои ҳамсоя – Чин – 18,9 км$^3$, Ӯзбекистон – 14,6 км$^3$, Русия – 7,5 км$^3$, Қирғизистон – 3,0 км$^3$ рост меояд. 56 фоизи боқимонда дар дохили кишвар ташаккул меёбад [13,с.5].

Хитой дар ин масъала ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ҳиссаи баландтарини обе, ки аз хориҷи кишвар ба Қазоқистон ҷорӣ мешавад, ба Хитой рост меояд, ки беш аз 18%-и ҳаҷми умумии оби кишварро ташкил медиҳад. Онҳо дарёҳои байнисарҳадии Или ва Иртишро аз ҳам ҷудо мекунанд.

Мутобиқи Кодекси оби Ҷумҳурии Қазоқистон, идоракунии захираҳои об дар кишвар ба принсипи ҳавзавӣ асос ёфтаас т[3,с.6].

Принсипи хоҷагии обӣ-ҳавзавӣ ҳангоми тақсимоти захираҳои об дар ҳавзаҳои дарёҳо, кӯлҳо ва иншооти дигари об байни воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ амалӣ карда мешавад. Дар Қазоқистон 8 ҳавзаи дарё мавҷуд аст. Инҳо: Балхаш-Алакол, Шу-Талас, Арал-Сирдарё, Урал-Каспий, Тобол-Торгай, Ишим, Иртиш ва Нура-Сарису. Дар баробари ин, 7 ҳавзаи он фаромарзӣ, ба истиснои Нура-Сарису, мебошанд [13,с.9].

Ҳаҷми хосси таъминот бо об 37 ҳазор метри мукааб дар як $км^2$ ва 6,0 ҳазор метри мукааб ба як нафар дар як сол аст. Барои муқоиса: дар Гурҷистон 878 ҳазор $м^3$ ба ҳар $км^2$ ва 11613 ҳазор $м^3$ ба ҳар нафар, дар Қирғизистон мутаносибан 245 ҳазор $м^3$ ва 11.763 ҳазор $м^3$ ба ҳар кас рост меояд.

Дар чунин вазъият мақомоти сиёсии Қазоқистон мушкили камбуди обро фаъолона ҳал карда, самти стратегиро тағйир медиҳад. Дар ҳамкории зич бо донорҳои байналмилалӣ, Қазоқистон идоракунии обро ислоҳ карда, ба робитаҳои байни истифодабарандагони бузурги об дар бахшҳои гуногун таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Роҳбарияти кишвар «Иқтисодиёти сабз» - сиёсати нави иқтисодиеро қабул кард, ки ба истифодаи устувори сарватҳои табиӣ асос ёфтааст. Бо истифода аз абзорҳои сиёсат, ба монанди таҳлили энергияи ғизо, таҳлили иқлим ё об, василаи асосии сиёсат, ки дар Аврупои Ғарбӣ таҳия ёфтааст, Қазоқистон нақшаҳои идоракунии обро аз нав сохтааст.

Диққат ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи об дода шуд. Дар Консепсияи сиёсати хориҷии он гуфта мешавад, ки Қазоқистон "ба такмили заминаи ҳуқуқӣ бо кишварҳои ҳамсоя дар мавриди истифода ва ҳифзи манобеи оби фаромарзӣ барои беҳбуди амнияти об идома хоҳад дод... [аммо] ҳадафи сиёсии он ҳифзи об мебошад".

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки Қазоқистон ҳамчун кишвари вобаста дар соҳаи захираҳои обӣ, сиёсати самараноки обро пеш мебарад. Пеш аз ҳама, дар соҳаи захираҳои об заминаи устувори ҳуқуқӣ дорад. Илова бар ин, дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои молиявии минтақавӣ ва байналмилалӣ ва донорҳо талош дорад, ки мушкили обро дар кишвар ҳал намуда, сатҳи буҳрони обро дар манотиқи осебпазири ҷумҳурӣ коҳиш диҳад. Қазоқистон, инчунин, дар соҳаи истифодаи об бо кишварҳои ҳавзаи обҳои фаромарзӣ муносибатҳои хуби дипломатӣ барқарор кардааст, дар ин самт сиёсати таҳаммулпазириро пеш гирифта, аз ихтилофоти байнидавлатӣ канорагирӣ мекунад.

Туркманистон низ мисли Қазоқистон аз захираҳои обӣ, ки дар қаламрави Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ба вуҷуд меоянд, вобаста аст. Он захираҳои обии чор дарёи фаромарзӣ: Амударё, Теҷен, Атрек ва Мурғобро истифода мебарад.

Амударё калонтарин дарёи Осиёи Миёна буда, яке аз 30 дарёи калонтарини Замин мебошад. Дарозии умумии он 2540 километр буда, қариб 1000 километраш аз хоки Туркманистон мегузарад. Дарёи Аму барои хоҷагии қишлоқи Туркманистон аҳаммияти калон дорад. Бе оби он, масалан, дар ҷумҳурӣ ҳосили пахта назар ба ҳосили ҳозира 10-15 баробар кам буд. Он қариб 90%-и обёрии мамлакатро таъмин мекунад.

Мурғоб аз ҷиҳати серобӣ дар Туркманистон дувумин дарё аст ва аз Амударё даҳҳо баробар камтар аст. Дарё аз Афғонистон сарчашма мегирад. Дарозии умумии дарё 978 километр буда, 350 километри он аз қаламрави Туркманистон мегузарад. Қариб тамоми оби он барои обёрӣ истифода мешавад, боқимондаи оби дарё дар регҳои Қароқум нобуд мешавад [4,с.5].

Теҷен (Гирирӯд) аз рӯйи ҳаҷм ва аҳаммият дар Туркманистон ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Он аз Мурғоб дарозтар буда, 1124 километр аст. Аммо 800 километри он аз даштҳои Эрону Афғонистон ва Туркманистон мегузарад ва аз ҳамин сабаб қисми зиёди шохобҳои дарё дар фасли тобистон хушк мешаванд. Теҷен аз Афғонистон сарчашма мегирад. Сарфи назар аз он ки масоҳати ҳавзаи дарё ба 70 ҳазор километри мураббаъ мерасад, ба Туркманистон оби кам меорад.

Дар қисми ҷанубу ғарби Туркманистон дарёи Атрек ҷорӣ мешавад, ки дар вақти обхезӣ ба баҳри Хазар мерасад. Атрек аз Эрон сарчашма мегирад. Дарё аз обҳои зеризаминӣ ва боришоти атмосферӣ ғизо мегирад [4,с.5].

Дар Туркманистон ҳамасола тақрибан 90% об ё тақрибан 9500 $м^3$ ба ҳар гектар барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сарф мешавад.

Истеъмоли об ба ҳар сари аҳолӣ аз 4511 $м^3$ дар соли 1995 то 3571 $м^3$ дар соли 2005 кам шуд. Бо афзоиши минбаъдаи аҳолӣ ва тағйирёбии иқлим, истеъмоли об то соли 2010 то 2134 $м^3$ ба ҳар як нафар кам шуд [2,с.4].

Дар Туркманистон оби тозаи зеризаминиро барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба оби маишӣ ва нӯшокӣ истифода мебаранд. Чун мамлакатҳои араб дар Туркманистон ба рушди технологияи тоза кардани об диққати махсус медиҳанд. Дар низоми сиёсати оби Туркманистон таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва маишӣ афзалият дорад. Танҳо дар зарфи 9 соли охир бо ин мақсад дар мамлакат чор корхонаи калони обтаъминкунӣ сохта шуд [2,с.4].

Бар асоси нишондодҳо мо мебинем, ки Туркманистон, сарфи назар аз вобастагии обӣ, сиёсати фаъол ва муассири дохиливу минтақавии обро пеш мебарад. Мисли Қазоқистон ба кишвар муяссар гардид, ки дар соҳаи истифодаи захираҳои об бо мамлакатҳои ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ муносибатҳои хуби дипломатӣ ба роҳ монад. Туркманистон ҳамеша кӯшиш мекунад, ки тамоми мушкилоти оби минтақаро бо роҳи дипломатӣ ва дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳал кунад. Кишвар масъалаи обро дар ҷаласаҳои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, ташкилотҳои дигар ва дар мулоқотҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи сарони давлатҳои минтақа фаъолона матраҳ мекунад.

Дар баробари Туркманистон як кишвари дигари минтақа - Ӯзбекистон низ дар ҳалли мушкилоти оби Осиёи Марказӣ фаъол аст. Ҷумҳурии Ӯзбекистон кишвари вобаста ба об аст. Сиёсати оби он асосан характери ирригатсионӣ дорад. Ӯзбекистон қисми зиёди захираҳои обро барои парвариши пахта ва шолӣ истифода мебарад, ки дар истеҳсоли ин захираҳо дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад.

Дар Ӯзбекистон зиёда аз 17,7 ҳазор маҷрои табиии об мавҷуд аст, ки аз онҳо ҷараёнҳои хурди обӣ, ки дарозиашон аз 10 км камтар аст, инчунин тақрибан 505 кӯл мавҷуд аст ва инҳо асосан обанборҳои хурди обии масоҳаташон камтар аз 1 $км^2$ мебошанд. Айни замон, дар кишвар 53 обанбор, ки асосан хусусияти ирригатсионӣ доранд, сохта шудаанд: Туямуюн, Тудакӯл, Чорвок, Каттақӯрғон, Оҳангарон, Сурхондарёи Ҷанубӣ, Чимқӯрғон ва ғайра [8,с.5]. Ин обанборҳо асосан барои захира ва танзими низоми оби дарёҳо ва барои ҷамъ намудани обҳои баҳорӣ, тирамоҳӣ ва зимистонӣ ва истифодаи онҳо дар давраи обёрии фасли тобистон сохта шудаанд. Ягон кишвари минтақа ин қадар зиёд обанбори сунъӣ надорад.

Захираҳои оби дар Ӯзбекистон бавуҷудомада қариб 20%-и ҳаҷми умумии истеъмоли оби мамлакатро ташкил медиҳанд. Ва 80%-и боқимондаи эҳтиёҷоти худро аз ҳисоби захираҳои дарёҳои фаромарзии Амударё ва Сирдарё таъмин мекунад [12,с.4].

Ӯзбекистон аз маҷрои дарёи Сир 50,5% ва аз Амударё 42,2%-ро мегирад. Ин дар муқоиса бо кишварҳои дигари минтақа баландтарин нишондод ба шумор меравад. Аз ин бармеояд, ки Ӯзбекистон истеъмолкунандаи асосии захираҳои обии аҳаммияти фаромарзидошта дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Сиёсати давлатии Ӯзбекистон дар соҳаи об асосан ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти обёрии ҷумҳурӣ аз ҳисоби захираҳои обии транссарҳадӣ нигаронида шудааст. Бо ин мақсад дар давоми се соли охир баъди дигаргуниҳои сиёсӣ дар мамлакат кишвар барои ҳалли тамоми масъалаҳои об бо мамлакатҳои ҳамсоя муносибатҳои дипломатӣ барқарор мекунад. Унсурҳои асосие, ки сиёсати имрӯзаи Ӯзбекистонро дар соҳаи об ташкил медиҳанд, эҳтиром ба манфиатҳои тарафайн, ҳалли мушкилоти об тавассути дипломатия, расонидани кумакҳои техникӣ ва молиявӣ ва ғайра мебошанд. Ин барои Ӯзбекистон ва тамоми Осиёи Марказӣ роҳи боэътимод ва ягона роҳи ҳалли мушкилоти об дар минтақа аст.

Сиёсати оби Қирғизистон аҳаммияти махсуси минтақавӣ дорад. Ҷумҳурии Қирғизистон кишвари худкифои об аст. Тибқи маълумоти мавҷуда, 27,2%-и захираҳои оби

рӯизаминии Осиёи Марказӣ дар қаламрави Қирғизистон ташаккул меёбад. Ҳаҷми умумии захираи оби дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда 2458 км/мукааб, аз он ҷумла 650 мукааб/км об (26,4%) дар пиряххо захира мебошанд, 1745 мукааб/км дар кӯлҳо (71%), инчунин 13 км/мукааб захираи эҳтимолии обҳои зеризаминӣ (0,5%) ва аз 44,5 то 51,9 км/мукаабро маҷрои миёнаи солонаи дарёҳо (2%) ташкил медиҳанд [15,с.6].

Айни замон, Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамагӣ 12-17%-и захираҳои обро истифода мебарад, ки 90%-и он барои обёрӣ сарф мешавад [15,с.7].

Миқдори зиёди захираҳои обиро, ки дар ҳудуди Қирғизистон ба вуҷуд меоянд, ҷумҳуриҳои ҳамсоя ба мақсадҳои ирригатсионӣ истифода мебаранд. Баръакси давлатҳои қаблии минтақа, захираҳои обӣ барои Қирғизистон аҳаммияти махсуси гидроэнергетикӣ доранд. Рушди гидроэнергетика вазифаи махсуси стратегии тамоми тараққиёти комплексии мамлакат мебошад.

Захираҳои гидроэнергетикӣ ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз ҷиҳати аҳаммиятнокӣ унсури асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон, суботи сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонии он ба ҳисоб мераванд. Дар ин замина принсипи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи оби Қирғизистон эътирофи об ҳамчун моли иқтисодӣ мебошад. Маҳз, дар ҳамин манфиатҳои миллии Қирғизистон зоҳир мешаванд.

Такмили инфрасохтори об барои Қирғизистон як мушкили махсус боқӣ мемонад. Инфрасохтори мавҷудаи таъмини оби нӯшокӣ ва обпартовҳо (канализатсия) низ дар ҳолати вазнин қарор дошта, қисми зиёди аз 1074 системаи мутамаркази обтаъминкунии кишвар бесамар кор мекунанд [18,с.12]. Ҳалли ин проблема маблағгузории калонро талаб мекунад. Вазъи иқтисодию молиявии давлат имкон намедиҳад, ки ин масъала аз ҳисоби буҷети давлат ҳал карда шавад. Яъне, Қирғизистон ба шарикон ва сармоягузорони боэътимод ниёз дорад. Илова бар ин, ин мушкилот барои Қирғизистон печида буда, на танҳо аз набудани сармоягузорӣ барои нигоҳдорӣ, таъмир ва рушди ин бахш, балки аз нарасидани кадрҳои соҳибихтисос, назорати сусти истеҳсолӣ, набудани таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётӣ ва нақлиёти махсусгардондашудаи алтернативии оби нӯшокӣ асоснок карда мешавад.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки Қирғизистон, аз рӯйи захираҳои обии мавҷуда, гарчанде ки кишвари бо об таъмин аст, аз рӯйи сатҳи пасти инфрасохтори об ба гурӯҳи сеюми давлатҳо шомил аст. Аммо, сарфи назар аз ҳама мушкилот, тибқи моддаи 19-и Кодекси об, дар Қирғизистон дар тамоми инфрасохтори хоҷагии об модернизатсия сурат мегирад, ки ба ҳалли саривақтии мушкилоти об дар кишвар мусоидат мекунад. Илова бар ин, заминаи ҳуқуқии соҳаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки мушкилоти соҳаи об самаранок ҳал карда шаванд [5,с.7].

Дар маҷмуъ, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсати ҳамоҳангшудаи об бо эҳтироми манфиатҳои тарафайн, сиёсати муассиртарин, боэътимод, замонавӣ ва муосир мебошад. Дар умум, дар минтақа ду манфиат вуҷуд дорад – манфиати ирригатсионӣ ва гидроэнергетикӣ. Вазифаи асосии сиёсати оби кишварҳои минтақа ҳамоҳангсозии ин ду манофеъ аст. Маҳз, ҳамин гуна сиёсати об дар ин минтақа зарур аст. Ин равиш имкон медиҳад, ки рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа ва амнияти сиёсии он таъмин карда шавад.

Об ва захираҳои обӣ дар рушди ҳамаҷонибаи давлат ва устувории сиёсии он аҳаммияти хосса доранд. Ба манфиати халқ истифода бурдани иқтидори истеҳсолии об яке аз вазифаҳои асосии ҳокимияти сиёсӣ мебошад, ки унсури асосии он мунтазам бо об таъмин намудани мардум мебошад. Ва таъмини об нишондиҳандаи асосии рушди устувори давлат ба шумор меравад. Дар ҷаҳони муосир бо сабаби афзоиши демографӣ ва тағйирёбии иқлим мушкилоти гидротехникӣ босуръат зиёд шуда,, мураккабтар гардида истодаанд. Барои ҳалли ин мушкилот дар тамоми кишварҳои ҷаҳон заминаи ҳуқуқӣ таҳия ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи об амалӣ карда мешавад. Дар асоси унсурҳои асосии сиёсати оби кишварҳои алоҳида зарурати таҳияи гидрополитикаи муосири ҷаҳонӣ ба миён меояд.

Дар ин замина дар баъзе мамлакатҳои ҷаҳон рушди технологияи намакзанӣ аҳаммияти махсус дорад. Унсури дигари таркибӣ технологияи обёрии қатрагӣ мебошад, ки барои кам кардани талафоти об дар кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи оқилонаи захираҳои об дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳо, рушди инфрасохтори об, муносибати эҳтиёткорона ба об, танзими рушди демографӣ, ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи истифодаи мутақобилан судманди захираҳои об, мутобиқшавӣ ба буҳронҳои об ва тағйирёбии иқлим ҷузъҳои муҳимми гидрополитикаи муосир маҳсуб мешаванд. Дар айни замон зарурати такмили мавқеи ҳуқуқии об ҳамчун унсури асосии мавҷудияти ҳаёт ва муҳимтарин сарвати табиӣ ба миён омадааст. Бояд иқрор шуд, ки муносибати манфӣ ба захираҳои об поймолкунии ҳуқуқи инсон аст, зеро об манбаи ҳаёт аст ва ҳаёт дахлнопазир аст.

Дар ин замина идоракунии захираҳои об аҳаммияти хосса дорад. Он муҳимтарин унсури сиёсати давлатӣ дар соҳаи об дар сатҳи байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳанӯз имкони пурра идора кардани захираҳои обро надорад. Аз сабаби он ки захираҳои об дар сайёра тақсим карда мешаванд ва дар кишварҳои алоҳида хеле нобаробаранд, идоракунии онҳо як амали махсуси сиёсӣ ҳисобида мешавад.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДДХ ба номи М.Назаршоев – Комилбек А.Ё**

**АДАБИЁТ**


1. Акинвуми А. Справиться с проблемой воды в Африке. [Электронный ресурс]. URL: https://inosmi.ru/politic/ 20170703/239718264.html (дата обращения 02.07.2018).
2. Акмаммедов М. Водная стратегия Туркменистана. [Электронный ресурс]. URL: http://www.cawater-info.net/5wwf/national_report_turkmenistan.htm. (дата обращения 07.07.2018г).
3. Водный Кодекс Республики Казахстан от 9 июля 2003 года, №481. [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/ document/?doc_id=1042116(дата обращения 04.07.2018).
4. Водные ресурсы Туркменистана. [Электронный ресурс]. URL:http://geografictm.narod.ru/index/0-8 (дата обращения 07.07.2018г).
5. Водный Кодекс Кыргызской Республики от 12 января 2005 года №8. [Электронный ресурс]. URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/1605 (дата обращения 26.08.2017).
6. Водная стратегия Российской Федерации на период до 2020 года. [Электронный ресурс]. URL: http://docs.cntd.ru/documen t/902173350 (дата обращения 29.06.2018).
7. Вести Экономика-Индия и другие: войны за воду - новая реальность? [Электронный ресурс]. URL: https://www.vestifinance.ru.http://www.iimes.ru/?p=15919 (дата обращения 25.08.2017)
8. Влияние изменения климата на водные ресурсы в Центральной Азии. [Электронный ресурс]. URL: https://articlekz.com/article/7850 (дата обращения 09.07.2018г).
9. Горбанёв В.В. Водная проблема в условиях глобализации. [Электронный ресурс]. URL: http://www.mirec.ru/upload/ckeditor/files/mirec-2016-4-gorbanev-2.pdf (дата обращения 02.07.2018г).
10. Индия и другие: войны за воду - новая реальность? [Электронный ресурс]. URL: https://www.vestifinance.ru.http://www.iimes.ru/?p=15919 (дата обращения 15.10.2017).
11. Подцероб А.Б. Проблема водообеспечения в арабских странах. [Электронный ресурс]. URL: http://www.iimes.ru/?p=15919 (дата обращения 25.08.2017).
12. Резолюция ГА ООН от 21.12.2016 года №71/222, об объявлении Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития», 2018–2028 годы. –С.1-2.
13. Водные ресурсы и их использование. [Электронный ресурс]. URL: nd.uznature.uz/ page / resursi-vodnih-resursov-i-ih-ispolzovanie (дата обращения 09.07.2018г).
14. Сотрудничество и безопасность в Центральной Азии: состояние и перспективы. – Алматы: КИСИ, 2008. – С. 323. // https://articlekz.com/article/14878 (дата обращения 04.07.2018).
15. Сулеймен М.Б. Водные ресурсы как фактор безопасности в Центральной Азии. [Электронный ресурс]. URL: https://articlekz.com/article/7850. (дата обращения 06.07.2018г).
16. Курманбекова М. Состояние водных ресурсов Кыргызской Республики. [Электронный ресурс]. URL: http://www.stanradar.com (дата обращения 10.07.2018).
17. Лаврентьев А.В. Сравнительный опыт водоснабжения в Канаде. [Электронный ресурс]. URL: https://www.science-education.ru / ru/article/view?id=11437 (дата обращения 29.06.2018).
18. Муртазаев У.И. Управление водными ресурсами центральноазиатского региона: проблемы и пути их решения (минимизации) / У.И. Муртазаев, М.С. Мавлони. –Душанбе: Ирфон, 2016. -213 с.
19. Национальный диалог по водной политике в Кыргызстане в сфере интегрированного управления водными ресурсами. –Бишкек, 2013. –С.12.
20. Шатманов О.Т., Жанбиров Ж.Г., Турсымбекова З.Ж., Каримов Т.Х. Водные ресурсы Кыргызской Республики. [Электронный ресурс]. URL: http://izron.ru (дата обращения 10.07.2018).
21. The Man Made River. Libya. // New Dawn Magazine-at. [Электронный ресурс]. URL: http://wwwgalenfrysinger.com/man_made_river_libya.htm


**ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ОБ**


Мақолаи мазкур ба баррасии заминаҳои таърихии ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи об бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар марҳилаи муосир сиёсати об бо суръат пеш меравад, ки ин

бевосита ба мураккаб шудани масоили об дар арсаи ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Дар ҷаҳон аллакай заминаи кофии ҳуқуқӣ барои ташаккул ва такмили сиёсати ҷаҳонии об таҳия шудааст. Истифодаи оқилонаи захираҳои об дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳо, рушди инфрасохтори об, муносибати эҳтиёткорона ба об, танзими рушди демографӣ, ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи истифодаи мутақобилан судманди захираҳои об, мутобиқшавӣ ба бӯҳронҳои об ва тағйирёбии иқлим ҷузъҳои муҳимми гидрополитикаи муосир маҳсуб мешаванд. Муаллиф ба он ишора менамояд, ки дар айни замон зарурати такмили мавқеи ҳуқуқии об ҳамчун унсури асосии мавҷудияти ҳаёт ва муҳимтарин сарвати табиӣ ба миён омадааст. Бояд иқрор шуд, ки муносибати манфӣ ба захираҳои об поймолкунии ҳуқуқи инсон аст, зеро об манбаи ҳаёт аст ва ҳаёт дахлнопазир аст. Дар ин замина идоракунии захираҳои об аҳаммияти хоса дорад. Он муҳимтарин унсури гидросиёсати давлатӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳанӯз имкони пурра идора кардани захираҳои обро надорад. Аз сабаби он ки захираҳои об дар сайёра тақсим карда мешаванд ва дар кишварҳои алоҳида хеле нобаробаранд, идоракунии онҳо як амали махсуси сиёсӣ ҳисобида мешавад.

**Калидвожаҳо:** заминаҳои таърихии ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи об, мураккаб шудани масоили об, такмили мавқеи ҳуқуқии об, идоракунии захираҳои об.

## ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ В ВОДНОЙ СФЕРЕ

Данная статья посвящена рассмотрению исторических предпосылок формирования государственной политики в водной сфере. Автор отмечает, что на современном этапе водная политика развивается быстрыми темпами, что напрямую связано со сложностью водных проблем на мировой арене. В мире уже создана достаточная правовая база для формирования и совершенствования глобальной водной политики. Важными составляющими современной гидрополитики считаются рациональное использование водных ресурсов во всех сферах и отраслях, развитие водной инфраструктуры, бережное отношение к воде, регулирование демографического развития, межгосударственное сотрудничество в области взаимовыгодного использования водных ресурсов, адаптация к водным кризисам и изменению климата. Автор указывает на то, что на данный момент существует необходимость совершенствования правового положения воды как основного элемента существования жизни и важнейшего природного ресурса. Общеизвестно, что негативное отношение к водным ресурсам является нарушением прав человека, поскольку вода – источник жизни, а жизнь неприкосновенна. В этом контексте особое значение приобретает управление водными ресурсами. Это важнейший элемент государственной, межгосударственной, региональной и глобальной гидрополитики. Мировое сообщество пока не способно в полной мере управлять водными ресурсами. В связи с тем, что водные ресурсы распределены на планете и весьма неравномерно в отдельных странах, управление ими считается особой политической функцией.

**Ключевые слова**: исторические предпосылки формирования государственной политики в водной сфере, сложность водных вопросов, совершенствование правового положения воды, управление водными ресурсами.

## HISTORICAL BASIS FOR THE FORMATION OF STATE POLICY IN THE WATER SECTOR

This article is devoted to the consideration of the historical prerequisites for the formation of state policy in the water sector. The author notes that at the present stage, water policy is developing at a rapid pace, which is directly related to the complexity of water problems on the world arena. The world has already created a sufficient legal framework for the formation and improvement of global water policy. Important components of modern hydropolitics are considered to be the rational use of water resources in all spheres and industries, the development of water infrastructure, careful treatment of water, regulation of demographic development, interstate cooperation in the field of mutually beneficial use of water resources, adaptation to water crises and climate change. The author points out that at the moment there is a need to improve the legal status of water as the main element of the existence of life and the most important natural resource. It is well known that a negative attitude towards water resources is a violation of human rights, since water is the source of life, and life is inviolable. In this context, water resource management is of particular importance. This is an essential element of state, interstate, regional and global hydropolitics. The global community is not yet capable of fully managing water resources. Due to the fact that water resources are distributed on the planet and very unevenly in individual countries, their management is considered a special political function.

**Keywords**: historical background for the formation of state policy in the water sector, complexity of water issues, improvement of the legal status of water, water resources management.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Умарзода Амриддин Саидаҳмад*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.Телефон**: (+992) 938-38-38-39**

**Сведения об авторе:** ***Умарзода Амриддин Саидахмад*** - Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон**: (+992) 938-38-38-39**

**Information about the author:** ***Umarzoda Amriddin Saidakhmad*** **-** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street, 33. Phone: **(+992) 938-38-38-39**

**ТДУ: 32. 001**

# АНДЕШАҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ДАР «ИСКАНДАРНОМА»-И НИЗОМӢ

*Қодиров К.*

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав**

Рисолаҳои «Сиёсат»-и Арасту, «Давлати ормонӣ»-и Афлотун ва «Орои аҳли мадинаи фозила»-и Абунасри Форобӣ, дар бораи «мадинаи фозила» (ормон) мавриди баррасии «Искандарнома»-и Низомӣ қарор ёфтаанд. «Мадинаи фозила», ки бозтобе аз шаҳр (давлат)-и хирад дар қаламрави хирад, халқоният ва иродаи инсон аз навъи пешгӯиҳо аст, яке аз муҳаққиқон мегӯяд: «Мусулмонон дар оғози кӯшишҳои илмӣ ва фикрии худ ба навиштаҳои Афлотун, махсусан рисолаҳои сиёсии ӯ таваҷҷуҳи хос доштанд. Аз рисолаҳои Абуюсуф Яқуб Исҳоқи Киндӣ, нахустин файласуфи араб, монанди «Гузориш аз фазилати Сукрот» пайдост, ки навиштаҳои сиёсии юнонӣ, шояд мутааллиқ ба Афлотун иқтибос шудааст. Аҳмад ибни Юсуф Матуфӣ низ рисолаеро бо унвони «Ал-китоб-ал-сиёсата ал-Арасту» навиштааст» [1,с.38]. Таҳти таъсири ин рисолаҳои сиёсӣ Низомӣ маснавии «Бахромнома» ё «Ҳафт пайкар» ё «Ҳафт гунбад»-ро ба номи Алоуддин Карп Арслон подшоҳи Мароға навиштааст, роҷеъ ба достони Баҳроми Гур (Баҳроми панҷуми Сосонӣ) аст, ки шоир шарҳе аз саргузашти Баҳромро аз кӯдакӣ ва ҷавонӣ то вусул ба салтанат ва корҳои давлатии ӯро овардааст, он гоҳ ба достони ӯ бо ҳафт духтар аз подшоҳони ҳафт иқлим ишора кардааст, ки барои ҳар як гунбаде бо ранги хос сохтааст ва ҳар рӯз ва ҳар ҳафта меҳмони яке аз онҳо будааст. Ин ҳафт достон, ки Низомӣ аз забони ҳафт аруси ҳисорӣ овардааст, ҳикояҳои дилчасп мебошанд, ки ҳар як манзумаи хосе шумурда мешавад. Баъд аз ин достонҳо Низомӣ шарҳи парешонии мулкро бар асари ғафлати Баҳроми Гур овардааст, тариқи шеъри ормонӣ суруда шудааст ва ҷомеаи мавриди васфи ӯ дар шаҳр (давлат) тараннум ёфтааст. Низомӣ дар шаҳр ва тасвири шаҳри ормонӣ пайрави Арасту ва Афлотуни юнонӣ аст ва дар оғози «Иқболнома» он ҳар ҷавҳари андеша медонад:

*Сари файласуфони юнонгурӯҳ,*
*Ҷавоҳир чунин орад аз кони кӯҳ…*
*Зи ромиш сӯи дониш овард рой,*
*Пажуҳишгарӣ кард бо раҳнамой.*
*Димоғи фалакро ба андеша суфт,*
*Дари бастагиҳо кушод аз ниҳуфт…* [12,с.319].

Ормоншаҳри Низомӣ, идеяи олии оромбахш, дур аз изтироб ва палидӣ, мардумписандӣ баҳрамандӣ аз адолат ва ростӣ ва саодат аст. Шаҳри (давлати) ормонии Низомӣ шаҳрест хурам, сарзамини сарсабз ва обод аст. Низомӣ дар достони «Бозгаштани Искандар аз ҷанги занг бо фирӯзӣ» орои ин шаҳрро чунин васф кардааст:

*Ба Миср омаду мисриёнро навохт,*
*Ба оини худ кори он шаҳр сохт…*
*Нахустин иморат ба дарёканор,*
*Бино кард шаҳре чу хуррамбаҳор.*
*Ба ободию хуррамӣ чун биҳишт,*
*Ҳамаш ҷои бозору ҳам ҷои кишт.*
*Ба Искандар он шаҳр чун шуд тамом,*
*Ҳам Искандария-ш ниҳоданд ном* [12,с.300].

Ғояи олии ормоншаҳри Низомӣ мулки сарсабз, гулҳои пурнам, ки дидори он ҳар дилро тозаву шодмон месозад ва зимистонаш насими баҳорӣ, нозу неъмати фароҳ ва бумаш осудаҳол аст:

*Тамузаш гули кӯҳсорӣ диҳад;*
*Зимистон насими баҳорӣ диҳад…*
*Саводаш зи бас бар домонаш,*
*Чу боғи Ирам, хоса, Боғи сапед…*
*Гироянда бумаш ба осудагӣ,*
*Фурӯшуста хокаш зи осудагӣ…*

*Алафгоҳи мургони ин кишвар ӯст,*
*Агар шири мургат бибояд, дар ӯст.*
*Заминаш ба оби зар огуштанд,*
*Ту гӯӣ, дар он заъфарон киштанд…*[12,с.301].

Ормоншаҳри Низомӣ дур аз изтироб ва палидӣ, мардумписандӣ, баҳрамандӣ аз адолат ва ростӣ ва саодат аст. Мардуми ин сарзамин қавлу феъли хос доранд ва каҷравӣ ва аз дурӯғ безоранд. Кишоварзӣ пояи асосии иқтисодии ин ҷомеа аст. Равобити иҷтимоӣ дар зимни баробарӣ ба адл аст. Агар касе дучори нотавонӣ шавад, ҷомеа ӯро кумак мекунад, зеро ки ҳеҷ касе дар молу сарват афзунӣ ё камӣ аз дигарон надорад:

*Чу оҷиз бувад ёр, ёрӣ кунем,*
*Чу сахтӣ расад, бурдборӣ кунем.*
*Гар аз мо касеро зиёне расад,*
*В-аз он рахна моро нишоне расад.*
*Бароремаш аз кисаи хеш ком,*
*Ба сармояи худ кунемаш тамом.*
*Надорад зи мо кас зи кас моли беш,*
*Ҳама ростқисмем дар моли хеш* [12,с.431].

Мардум аз дузд ва шабгирӣ ҳарос надоранд ва аз ҳамин рӯ, ба зиёни онҳо аз нигаҳбонон ва посбонон эҳтиёҷе нест. Чун дар фарҳанги онҳо вожаҳои ба номи «таҷовуз ва duздӣ» вуҷуд надорад, ҷомеа дар ҳолати қудрати неруманд ва илоҳӣ ҳимоя мешавад:

*Зи дуздон надорем ҳаргиз ҳарос,*
*На дар шаҳр шаҳна, на дар кӯй пос.*
*Зи дигар касон мо надуздем чиз,*
*Зи мо дигарон ҳам надузданд низ.*
*Надорем дар хонаҳо қуфлу банд,*
*Нигаҳбон на бо гову на бо гӯспанд.*
*Худо кард хӯрдани моро бузург,*
*Сутурони мо фориғ аз шеру гург* [12,с.432].

Аммо онҳо (мардум) эҳтиёҷи он надоранд, ки ҳар чизе ба ҳоли худ анҷом шавад. Асл ба талош ва тавоноии худи онҳост. Дар фасли муайян кор мекунанд, синаи заминро мешикофанд ва тухм мепошанд ва бо осудагиву хаёл фасли зироатро интизоранд ва он гоҳ аз баракати талош кӯшиш бо қалби соф аз ҳар дона ҳафтсад дона маҳсул бардошт мекунанд:

*Бикорем дона гаҳи кишту кор,*
*Супорем кишта ба парвардигор.*
*Нагардем бар гирди говарсу ҷав,*
*Магар баъди шаш маҳ, ки бошад дарав.*
*Ба мо з-он чи бар ҷои х(в)ад мерасад,*
*Яке донаро ҳафтсад мерасад* [12,с.301].

Он чи мебинанд, хубӣ ва зебоист ва ҳаргиз касеро ба бадӣ раҳнамун намекунанд. Ҳеҷ касе аз дигаре изтиробе надорад. Касе чизеро аз дигарӣ пинҳон намекунад, бо маслиҳату ёварӣ корро дастаҷамъона анҷом медиҳад:

*Суханчинӣ аз кас наёмӯхтем,*
*Зи айби касон дида бардӯхтем.*
*Гар аз мо касе расад доварӣ,*
*Кунемаш сӯи маслиҳат ёварӣ.*
*Набошем касро ба бад раҳнамун,*
*Наҷӯем фитна, нарезем хун.*
*Ба гамхории якдигар гам х(в)арем,*
*Ба шодӣ ҳамон ёри ёри якдигарем* [12,с.304].

Ҳар касе муваззаф аст, ки хешро назорат кунад, қарордодҳо ва гармдилии сохти ҷомеа (шаҳр, давлат) таврест, ки ниёзе ба созмоне надорад. Мардум дар ҷомеа кори бад надоранд, зеро ки низоми ҷомеа онро тақозо мекунад:

*Ба ҳар-ч офаринанда кардаст рост,*
*Нагӯем, к-ин чуну он аз куҷост?*

*Касе гирад аз халқ бо мо қарор,*
*Ки бошад чу мо поку парҳезгор* [12,с.432].

Риояи усули мушаххас дар хӯрок ва пӯшок, саломатӣ ва беҳдошти ҷомеаро танзим менамояд ва аз ин рӯ касе бемор намешавад:

*Набошанд бемор то рӯзи марг,*
*Чу мирад аз эшон яке, он гурӯҳ!*
*Хӯрандаш ҳамон сон дар дашту кӯҳ,*
*На мурдор монад дар он хоки шӯр.*
*На кас мурдае низ бинад, на гӯр,*
*Ҷуз ин як ҳунар нест, к-он абу хок* [12,с.428].

Игнатенко А.А. менависад, ки бақои ҷомеа (шаҳр, давлат) дар як масъала муҳим аст: касе ба қадри ниёзе, ки дорад аз сарвати ҷомеа баҳраманд мешавад [16,с.114]. Ин дидгоҳи неруманди иқтисодӣ, ҳатто дар истифода аз манбаъҳои табиии муҳити зист мавриди таъкид аст:

*Ба вақти ниёз оҳуву гурму гӯр,*
*Зи дарҳо дароянд моро ба зӯр.*
*Аз он ҷумла чун ба шикор оварем,*
*Ба миқдори ҳоҷат ба кор оварем.*
*Дигарҳо, ки бошем аз он бениёз,*
*Надоремашон аз дару дашт боз,*
*На бисёрхорем чун гову хар,*
*На лаб барбаста аз хушку тар.*
*Хӯрем он қадар моя аз гарму сард,*
*Ки чандони дигар тавонем х(в)ард* [12,с.432].

Ин ҷо «оҳуву гурму гӯр» ишора ба манобеи муҳити зист аст, ки масрафи он бояд риоя карда шавад.

Масъалаи марг низ, аз он ҷумла, дар «Иқболнома»-и Низомӣ, ба сурати ҷолиб ва орифона ҳал шудааст: аввалан касе дар ҷавонӣ намемирад, танҳо пирон ва афроде, ки дар амалкард бархилофи қоидаи табиӣ мебошанд, дучори марази ғайриқобиланд ва ба коми марг меафтанд, ки амри табиӣ аст, ки ҷомеа чораи дармони онҳоро намедонад:

*Зи мо дар ҷавонӣ намирад касе,*
*Магар пир к-ӯ умр дорад басе.*
*Чу мирад касе, дил надорем танг,*
*Ки дармони он дард н-ояд ба чанг* [12,с.432].

Аммо муҳимтар аз ин, бардошти Низомӣ аз фалсафаи марг аст. Ӯ маргро низ як қавонини одиву табиӣ аз фармояндаи мантиқӣ ва сарнавишт
мешуморад ва аз забони аҳли «мадинаи фозила»-и Абунасри Форобӣ мегӯяд:

*Паси кас нагӯем чизе ниҳуфт,*
*Ки дар пеши рӯяш наёрем гуфт.*
*Таҷассус насозем, к-ин кас чӣ кард,*
*Фиғон барнаёрем, к-онро кӣ х(в)ард.*
*Ба ҳар сон, ки моро расад хубу зишт,*
*Сари худ натобем аз он сарнавишт.*

Низомӣ зисти иҷтимоии ҷомеаро дар нақши тақсими кор чунин мегӯяд: «ҳар инсони фитрӣ то барои бақоӣ расидан, ба бартарин камолоти худ ба бисёр чиз ниёзманд аст, ки имкон надорад ба танҳоӣ аз уҳдаи анҷоми онҳо барояд» [9,с.114]. Бинобар ин, ба афроде ниёзманд аст, ки то ҳар кадом ниёзе аз ниёзҳои ӯро афзояд, бо ин далел ҳар фарди ҷомеа ба соҳибдиле, ки даромӯхташ расми динпарварӣ аст ва аз ҳисоби худою пайғамбарӣ аст, ниёзманд аст:

*Бар он қавм соҳибдиле баргумошт,*
*Ки донад диле чандро пос дошт.*
*Чу шуд кори он кишвар ороста,*
*Раворав шуд аз роҳ бархоста.*
*Ба фаррухикобию хуррамдилӣ,*
*Берун ронд аз он шоҳ якманзилӣ* [12,с.408].

Аз ин рӯ, имкон надорад, ки инсон ба камолот ва вуҷуди худ, ки муқтазои табиии ӯст, бирасад. Танҳо дар партави осоиши манзил, ки дар он саломатӣ суратпазир аст ва ҳар кас дар рафъи ниёзҳои хеш талош мекунад. Бо ин сабаб мардуми ин ҷомеа шитобандагони осоиши манзили хешанд:

*Шитобандагоне, ки соҳибдиланд,*
*Талабгори осоиши манзиланд.*
*Гузаранд гетӣ ҳама зери пой,*
*Ҳам охир бо осоиш оранд рой.*
*Ҳама роҳравон, пешбинандагон,*
*Кунанд офарин бар нишинандагон*
*Саломат дар иқлими осудагист,*
*К-аз ин бигзарӣ, ҷумла беҳудагист* [12,с.387].

Ҳар яке аз касоне, ки дар «ормоншаҳр»-и Низомӣ сар мебаранд, бояд ба коре шуғл дошта бошанд ва ба ҳеҷ кас иҷоза дода намешавад, ки амали касир анҷом диҳад, яъне ҷомеа аз дидгоҳи Низомӣ вуҷуди мустақил дорад ва ҳатто метавон гуфт, ки вай ҷомеаро ҳувияти ҷадид барои афрод медонад. Дарвоқеъ, ҷомеа аз назари Низомӣ ҷузъи маҷмуаи афроди инсонӣ аст, ки фаросатшинос аст, ки ҳадафест, барои ноил шудан ба талошҳои онҳо, ки бо ҳам чорасозӣ мекунанд:

*Баду неки ҳар сурате аз қиёс,*
*Шиносам, ки ҳастам фаросатшинос.*
*Шабу рӯз бе чорасозӣ наям,*
*Дар ин парда ба худ ба бозӣ наям.*
*Тарозӯи ҳиммат равон мекунам,*
*Сабук сангини хусравон мекунам* [12,с.160].

Аҳдофе, ки дастёбӣ ба онҳо барои ҳар яке аз аъзои ҷомеа (давлат) ба танҳоӣ муяссар нест. Бо ин асос, ҷомеа вуҷуди айнӣ ва на ҷабрӣ ва зарурияте аст, ки қонунмандии хос дорад ва қавонини ҳоким дар робитаи афрод ҳоким аст:

*Агар нозе аз давлат ояд падид,*
*Сар аз нозе аз давлат набояд кашид.*
*Ба нозе, ки давлат набояд кашид,*
*Ки дар нози давлат бувад кони ганҷ.*
*Чу ҳангоми нози ту ояд фароз.*
*Кашад давлат он рӯз низ аз ту ноз* [12,с.383].

Аз сӯйи дигар, Низомӣ нақши дониш омӯхтани афроди ҷомеаро асосӣ медонад, зеро донишмандӣ сабаби ихтилофот нест [2,с.96]. Низомӣ тафовути афроди ҷомеаро дар истеъдод медонад, зеро тафовути афрод дар дониш аст. Низомӣ фарзонагии дониши мардуми «ормоншаҳр»-ро дар фарҳангафзунӣ медонад:

*Қарор ончунон шуд, ки наздики шоҳ,*
*Ба дониш бувад мардро пойгоҳ.*
*Чу давлат ба дониш равон кард маҳд,*
*Меҳон сӯи дониш намуданд ҷаҳд.*
*Ҳама рух ба дониш барафрӯхтанд,*
*Зи фарзонагон дониш омӯхтанд* [12,с.320].

Низомӣ дар айни он ки сиришти муштараки мардуми ҷомеаро мепазирад, тамизи онҳоро ба асари сарнавишт ба эътибор мегирад. Бовар дорад, ки тартиби кор дар «ормоншаҳр» зарур аст. Низомӣ тамизи асосии ҷомеаро як организм медонад ва афроди ҷомеа аз рӯйи огоҳӣ, ҳамфикрӣ ва бародарӣ ихтиёр доранд ва кори худро анҷом медиҳанд:

*Зи пирӯзагон гунбад андӯҳ мадор,*
*Ки пирӯз бошад саранҷоми кор.*
*Машав ноумед, ар шавад кор сахт,*
*Дили худ қавӣ кун аз неруи бахт…*
*Рабеъ аз рабеӣ намояд сиришт,*
*Тамуз аз тамуз оварад сарнавишт.*
*Чу ҳар ч-ӯ бигардад зи тартиби кор,*
*Бигардад бар ӯ гардиши рӯзгор* [12,с.384].

Дидгоҳи Низомӣ он аст, ки ҷомеа монанди организми фардӣ дар маъразе беморӣ аст ва амали муҳим дар дармони иҷтимоӣ ҳамон ғоятандешаву мардумнавозӣ аст. Муолиҷаи бемории иҷтимоӣ тариқи ҳифзи одоб имконпазир аст. Ба василаи давлат, ки дар партави он ин ахлоқ дар шаҳр байни мардум роиҷ ёбад, давлат бояд алоқаманд намудани мардумро дар ҳифзи он ба миён орад. Яъне, Низомӣ дар партави низоми шаҳр (давлат) ҳамбастагии иҷтимоиро муҳим медонад:

*Дар он шаҳр шуд бо тане чанд пир,*
*Ҳама гоятандешу ибратпазир…*
*Муқимони он шаҳри мардумонавоз,*
*Ба пеш омаданаш аз роҳ ба кох,*
*Басе хони неъмат баророstanд* [12,с.430].

Ҳамбастагӣ дар «ормоншаҳр»-и Низомӣ дар асоси бовариҳои муштарак дар заминаи огоҳӣ ва арзишҳо падид меояд. Ба ҳамин далел, ин ҳамбастагиҳои офаринандаро ба миён меоранд, ки дар асоси тақсими кор дар байни афроди ҷомеа пайвандҳои покиву парҳезгорӣ дар ҷомеа ба вуқуъ меоянд:

*Шуморем худро ҳама ҳамсарон,*
*Нахандем бар гиряи дигарон…*
*Гар аз мо касеро расад доварӣ,*
*Кунемаш сӯи маслиҳат ёварӣ…*
*Ба гамхории якдигар гам х(в)арем,*
*Ба шодӣ ҳамон ёрӣ якдигарем…*
*Касе гирад аз халқ бо мо қарор,*
*Ки бошад чу мо поку парҳезгор* [12,с.429].

Низомӣ бо илҳом аз биниши динии худ бар ин бовар аст, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ пойдор аст, зеро дар асоси бовариҳои муштарак шакл мегирад, вале ӯ масъалаи бовариҳои муштаракро дар чаҳорчӯбаи ростқавлӣ қарор дода, ба ин бовар аст, ки он чи ки амали пайдоиши ҳамбастагии иҷтимоӣ мешавад, ростӣ аст ва таъкид медорад, ки бахшҳои мухталифи ҷомеа бар асари дӯстиву ҳамфикрӣ пойдоранд:

*Гурӯҳе заифони динпарварем,*
*Сари мӯе аз ростӣ нагзарем.*
*Надорем бар пардаи каҷ басеъ,*
*Ба ҷуз ростбозӣ надонем ҳеҷ.*
*Дари каҷравӣ бар ҷаҳон бастаем,*
*Зи дунё бад-ин ростӣ растаем…*
*Пазирем, ҳар ч-он худоӣ бувад,*
*Хусумат худойозмоӣ бувад* [12,с.430].

Дар ин замина Низомӣ бахшҳои мухталифи ҷомеаро дар партави донишу ҳунар ба якдигар устувор медонад. Ҳунарпарварӣ ба унвони амали ҳамбастагӣ дар навъи табиӣ ва ирода аст. Донишу ҳунар чун дар фазилат барои ба даст овардани муваффақият аст ва фазилат тариқи иштирок дар орои фаъоли афрод аст ва бояд мардуми «ормоншаҳр» баҳри ин ҳунар омӯхтан саъй дошта бошанд:

*Ишорат чунон шуд зи тахти баланд,*
*Ки доност наздики мо арҷманд.*
*Наҷӯяд касе бар касе бартарӣ,*
*Магар, к-аз тариқи ҳунарпарварӣ…*[12,с.320].

Дар марҳилаи баъд, аз он ҷо ки афроди ҷомеа бо ҳамдигари зиндагӣ мекунанд ва ба якдигар ниёз доранд ва ба поксириштӣ мерасанд, бап асари поксириштӣ дар марҳилаи дигар чун афроди ҷомеа дар фазилати муштарак ва бо якдигар ҳунар меомӯзанд ва бо таври табиӣ аз он лаззат мебаранд ва ба ин тариқ, поксириштӣ бар асари ҳунар фароҳам меояд ва дар сояи он ҳамбастагӣ ба вуқуъ меояд:

*Касеро, ки покӣ бувад дар сиришт,*
*Чунин қиссаҳо з-ӯ тавон дар навишт.*
*Ҳунар тобад аз мардуми гавҳарӣ,*
*Чу нур аз Маҳу тобиш аз Муштарӣ…*[12,с.330].

Низомӣ зиндагии иҷтимоии шаҳр (давлат)-ро дар тавоноӣ тасвир мекунад. Он гоҳ иҷтимоиёти комилро ба назар гирифта, як меъёри сарбаландии афроди онро дар замини обод, ба навъи иҷтимоиёти бузарг (ватан) медонад. Мақсад аз иҷтимоиёти азим ҳамкории ҳамаи аъзоёни ҷомеа баҳри ободии ватан аст. Аз ин ҷо, ҷомеа наметавонад камтар аз шаҳр бошад, зеро ин ҳадди лозим барои дастёбӣ ба хайр аст. Низомӣ дар «Иқболнома» андешаи хешро роҷеъ ба ҷомеаи шаҳрӣ ҳамчун иҷтимоиёти маданӣ медонад:

*Дигарбора давлат даромад ба кор,*
*Дили давлатӣ бо сухан гашт ёр…*
*Чу давлат диҳад бар кушоиш калид,*
*Зи санги сияҳ гавҳар ояд падид.*
*Ҳама рӯзҳо рӯзгор аст ном,*
*Яке рӯз дона асту як рӯз дом* [12,с. 314].

Нуқтаи шоёни таваҷҷуҳ ин аст, ки ҳарчанд Низомӣ дар ин ки ҷомеаи комил ҷомеаи шаҳрӣ аст, аз рисолаи «Сиёсат»-и Арасту истифода кардааст. Дар кор ва зиндагии ҷомеаи шаҳрӣ аз «хиради шаҳриёр» сухан мегӯяд, ки биниши Арасту дар давраи ислом ташхис дода мешавад:

*Хирад гуфт, к-он кас бувад шаҳриёр,*
*Ки бошад писандида дар ҳар диёр,*
*Ба доду диҳиш чиработу бувад,*
*Ҷаҳонбахши беҳамтарозу бувад…*
*На чун ҳамкоре, ки мастӣ кунад,*
*Ба ҳама занад, ҳамдастӣ кунад* [12,с.314].

Ҷомеаи шаҳрии Низомӣ, ҷамъи афродест, ки дорои вокуниши иҷтимоӣ аст. Афроди ҷомеа дар партави ҳамбастагии иҷтимоӣ, низоми воҳидро ташкил медиҳанд. Ҷомеаи шаҳрӣ монанди низоми табиат аст ва дар он афрод дар як сохтор қарор доранд. Манзил ва пойгоҳи афроди ҷомеа аз одобу русум вобастагӣ дорад:

*Бад-ин эминӣ чун зиёд аз газанд,*
*Ки бар дар надорад касе қулфу банд!*
*Ҳамон боғбон нест дар боғи кас,*
*Рама низ чӯпон надорад зи пас.*
*Шубоне наву сад ҳазорон гала,*
*Гала карда бар кӯҳу саҳро яла…*[12,с.430].

Дар «ормоншаҳр»-и Низомӣ ҷомеа ва давлат якҷо сурат мегиранд ва масоили иҷтимоӣ дар баробари масоили сиёсӣ ва давлатӣ матраҳ мешаванд. Албатта, иллати аслӣ ва барҷастагии масоили сиёсӣ ва давлатӣ дар андешаҳои Низомӣ, гароиши Яздони пок аст, ки ҷомеа ба мадори ӯ ҳамбастагӣ дорад:

*Хабар бозпурсидаш аз кирдгор,*
*К-аз ин сон туро кист парвардигор?*
*Ки шуд посдори ту дар хуфту хез?*
*Паноҳат куҷо кард бозор тез?*
*Киро мепарастӣ, киро бандаӣ?*
*Назар бар кадомин раҳ афкандаӣ?*
*Ҷавонмард гуфт: - «Эй зи гетӣ Худой,*
*Ба пайғамбарӣ халқро раҳнамоӣ»* [12,с.430].

Ин ҷо бояд нақш ва асари Арасту роҷеъ ба андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро ба эътибор гирифт ва метавон Низомиро пайрави андешаҳои Арасту донист ва аз ин ҷо барои Арасту масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти зиёде дошта, Низомӣ низ ба он майл кардааст:

*Арасту ба дилгармии пушти шоҳ,*
*Барафзуд бар ҳар яке пойгоҳ.*
*Ки «аҳли хирадро» манам чорасоз,*
*Зи илми дигар бехирадон бениёз.*
*Ҳамон нақди ҳикмат ба ман шуд раво,*
*Ба ҳикмат манам бар ҳама пешво.*
*Фалон илми хуб аз ман омад падид,*

*Фалон кас фалон нуқта аз ман шунид* [12,с.411].

Низомӣ мисли Афлотун адолатпазириро меписандад ва ҷомеаро барои зиндагии солим медонад. Ин роҳро аз рушди донишу ҳикмат матраҳ кардааст. Ҷомеа бояд таҳти фармонравӣ ва ҳам доноии ҳар яке аз аъзоёни он бошад:

*Фалотун, ки бар ҷумла буд устод,*
*Зи дарёи дил ганҷи гавҳар кушод…*
*Зи давлат ба ҳар кор ёриш бод,*
*Гузар ба роҳи ростгориш бод…*
*Ки аз лавҳи нодида хонем дарс?*
*Дар андешаи ман чунон шуд дуруст* [12,с.373].

Дуруст аст, ки байни андешаҳои Афлотун ва Низомӣ доир ба сиёсат ҳаммонандиҳо вуҷуд доранд, аммо шаҳри ормонии Низомӣ дар фарҳанги бостонӣ «ҷаҳони менуӣ» ва дар фарҳанги ислом намоди дигар дорад ва нур ва хуршед, равшанӣ ва покӣ аст. Меҳвари бунёдии «ормоншаҳр»-и Низомӣ, ки ваҳдат дар сарупои шаҳри ормонӣ дар оғози хилқат ва ҳолати минуӣ аст. Ормон ҷомеаест, ки барои мардуми он саодат меофарад. Барои онҳо ғайр аз саодати ҳақиқӣ ирода меофарад. Афрод дорои ҳикмат мегардад, зеро дорои ҳикмат фазилат аст ва найрангу фиреб ва зоҳирсозӣ ҷой надорад.

Ҳар як таърифи «ормоншаҳр»-и Низомӣ дар маънии бинишҳои эътиқодӣ гуногун аст, аммо шаҳри ормонии ӯ шаҳри хаёл аст, ки дар он ҳама чиз, дар ниҳояти камол аст ва мардумаш дар осудагӣ зиндагӣ мекунанд. Дар шаҳри ормонии Низомӣ давлати аҳли хайр ихтилофоти табақотӣ надорад, дар он ҳамбастагӣ, хирад ҳукмрон аст. Низомӣ дар «Искандарнома» ба таъбироти се фарҳангнома, ки шаҳри ормониро эзоҳ медиҳад, имон дорад ва менависад:

*Се фарҳангнома зи фаррух дабир,*
*Ба мушки сиаҳ нақш зад бар ҳарир.*
*Арасту нахустин варақ барнавишт,*
*Хабар додаш аз гавҳари хуби зишт.*
*Фалотун дигар номаро нақш баст,*
*Зи ҳар донише, к-омад ӯро ба даст.*
*Севум дурҷро кард Суқрот банд,*
*Зи ҳар ҷавҳаре, к-он бувад дилписанд.*
*Чу гашт ин се феҳрист пардохта,*
*Суханҳои бо ҳам омехта…*[12,с.379].

Фаҳми тасвире, ки Низомӣ аз шаҳри ормонӣ медиҳад, дар баёни ҷаҳонбинии ӯ аст, ки афроди ҷомеа аз офариниши нухуст ганҷ мегирад ва афроди фаъол ва боақл «табиати» модели ормоншаҳр аст:

*Гар аз чиз чиз офаридӣ Худой,*
*Азал то абад моя будӣ ба ҷой!*
*Таваллуд бувад, ҳар чӣ аз моя хост,*
*Худоӣ ҷудо, кадхудоӣ ҷудост…*
*Зи давлат ба ҳар кор ёриш бод,*
*Гузар бар раҳи ростгориш бод!*
*Ҳадисе, ки пурсад дили поки ӯ,*
*Бигӯему тарсем аз идроки ӯ…*[12,с.373].

Хайри афзал ва камоли ниҳоии шаҳри ормонӣ на иҷтимоиёти ғайрикомил, балки бо иҷтимоиёти комил ҳосил мешавад. Ормоншаҳри Низомӣ низ дар ҳамин асоси иҷтимоӣ тавоно аст, ки ин ҳадаф афроди ҷомеаро ба саодат мерасонад. Низомӣ дар «Иқболнома» дар мавриди дигар «саодат»-ро таъриф надодааст ва ин роҳро равшан накардааст.

Модели шаҳри ормонии Низомӣ модели Абунасри Форобӣ аст, ки дар қолаби раиси аввал аст ва аъзои ҷомеа ба ӯ тақсимбандӣ карда мешавад. Раиси аввал, ҳамон тавре ки аъзои бадани афроди ҷомеа аст, аз лиҳози фитрат ва қувватҳои табиӣ нуфуз дорад, ки қалб ва маротиби онҳо аст, ки дар ҳар яки онҳо қувваи табиӣ мениҳад ва ба воситаи он кори худро дар вақти хоста анҷом медиҳад, ки байни афроди ҷомеа ва раёсат дар низоми хонавода ҳамбастагӣ дорад:

*Ҳарисӣ макун, к-ин сарои ту нест,*

*В-аз ӯ ҷуз яке нон барои ту нест.*
*Ба як қурса қонеъ шав аз хоку об,*
*Най беҳтар, охир ту аз офтоб…*
*Чу дарё макун ху ба танҳохӯрӣ,*
*Ки талх аст, ҳар-ч он чу дарё хӯрӣ.*
*Ба ҳар кас бидеҳ баҳра чун оби ҷӯй,*
*Ки то пешмират шавад ҳар сабуй* [12,с.389].

Бад-ин тартиб, андешаи Низомӣ аз шаҳри ормонӣ он аст, ки касе ва чӣ мушаххасоте метавонад афроди ормоншаҳрро ҳукумат ва раёсат кунад ва масъалаи ӯ чигунагии усули ҳукумат ва раёсат дар ҳамбастагии ҷомеа аст. Ба ҳамин далел, дар «Иқболнома» андешаҳои мухталиф овардааст. Шаҳри ормонӣ аз назари Низомӣ усулан ва асосан шаҳрест, ки таҳти раёсати афроди комил дар он дар мартаба ҳукумат аст ва ин шаҳр далели дигаргунӣ, равиш ва аҳаммияту ҳадаф қарор мегирад, ки номаш «Искандаробод» аст:

*Дар ӯ садде аз ақл бунёд кард,*
*Ҳамон номаш «Искандаробод» кард.*
*Ба ободиаш дод маншури хеш,*
*Ки ҳар кас диҳад ҳаққи муздури хеш.*
*Диҳад ҳар касе моли худро закот,*
*Ба тороҷашон кас наёрад барот…* [12,с.412].

Агар барои рӯзгузаронии афроди ҷомеа чунин шахс ёфт нашавад, шаҳри ормонӣ мантиқӣ нест ва афрод метавонанд тибқи суннатҳо, қавонин ва шароите, ки онҳо муқаррар доранд, худро барои чунин ҷомеа омода кунанд. Шаҳри ормонӣ низоми силсиламаротиб дорад ва ин силсиламаротибро Искандар танзим мекунад. Искандар чун раиси аввали шаҳр-давлат (ҷаҳоншоҳ) афроди ҷомеаро, бо тартиби хос дониш меомӯзонад:

*Сикандар ба он халқи соҳибниёз,*
*Бибахшаду бахшудашон баргу соз.*
*Даромӯхташон расму оини хеш,*
*Барафрӯхташон дониш аз дини хеш* [12,с.405].

Низомӣ дар низоми шаҳри ормонӣ маротиби вуҷудро таъкид менамояд ва бо ташбеҳу тамсил ҷомеаро як воҳид ва як силсила меҳисобад ва пайвастагии афроди ҷомеаро дар ин низоми олӣ тасвир мекунад.

Ҳосили саодат дар шаҳри ормонӣ ба уҳдаи сиёсатмадори шаҳр аст, ки ба эҷоди низоми хос мукаллаф аст. Афроди ҷомеа ба якдигар ёрӣ мекунанд ва ин шароити лозима низ ба уҳдаи сарвари шаҳр аст, ки ба василаи саодату хушбахтӣ ба даст меояд ва омӯзиш ва тарбияи динпарварӣ аҳли ҷомеаро анҷом медиҳад:

*Напурсем чизе, к-аз ӯ суд нест,*
*Ки Яздон аз он кор хушнуд нест.*
*Пазирем, ҳар ч-он худоӣ бувад,*
*Хусумат худойозмоӣ бувад…*
*Таваккул бар Эзад, на бар х(в)ад кунем,*
*Нигаҳдори мо ҳаст Яздону бас…*[12,с.430-431].

Фитрати умумии афроди ҷомеа, боварихои онҳо, ки андешаи иҷтимоӣ-сиёсии Низомӣ аст, ба воситаи ҳамин нуқтаҳо зикр гардидааст. Низомӣ ба ҷойи пайгирии равишҳои мушаххаси шаҳри ормонӣ ба суроғи ҳокими шаҳр-давлат ва вижагиҳои ӯ рафтааст. Низомӣ низоми ҳастии афроди ҷомеаро дар таносуби ақл дараҷабандӣ мекунад, аввалин мартабае, ки байни ҳамаи аъзоёни ҷомеа аст, ақл аст, ки таносуби он истеъдод аст. Ин ақли фаъол ба аъзоёни ҷомеа имкон медиҳад, ки дар низоми адолат, баҳри саодати ҳақиқӣ, ки сарнавишт аст, талош намоянд:

*Сари худ натобем аз он сарнавишт,*
*Ба ҳар-ч офаринанда кардаст рост.*
*Нагӯем, к-ин чуну он аз куҷост?*
*Касе гирад аз халқ бо мо қарор.*
*Ки бошад чу мо поку парҳезгор,*

*Чу аз сирати мо дигаргун шавад* [12,с.432].

Шаҳри ормонии Низомӣ шаҳрест, ки оро ва ақидаи афроди он айнан оро ва ақидаи афроди шаҳри ормонӣ аст. Афроди он саодатро ба хубӣ мешиносанд ва ба зоти Худованд, ки Мавҷуди аввал аст, имон доранд. Афроди ормоншаҳр бо ақли фаъол ҳар он чӣ мавҷуд аст, огоҳӣ меёбанд.

Ҳамин тариқ, шаҳри ормонӣ, шаҳрест, ки афродаш дар зиндагӣ бозпеши саодат аст ва танҳо ақл – ақли фаъол орои он аст. Низомӣ дар қасди шаҳри ормонӣ расидани афроди ҷомеаро аз «Сабаби аввал», аз ваҳй ва расонидан ба шароити комил медонад. Ин вазифа ду вуҷуд дорад: ҳам таолӣ, ки бахши афроди ҷомеа мавриди назар аст ва ҳам ин ки дар зиндагии ин ҷаҳон аз саодат бархӯрдор будан. Шинохти низоми шаҳри ормонӣ (маданӣ) як низоми шинохти ҳастӣ ва низоми ҷомеашиносӣ, сиёсати Низомӣ аст, ки силсиламаротибро, ки дар ҳастишиносӣ мепазирад ва ба ҷомеа ва сиёсат тасвир медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадшоҳӣ, А. Мадинаи фозила дар ислом ва Эрон / Аҳмадшоҳӣ, А. // Ошно. -Теҳрон, 1371 ҳ.ш. -№1. -С.38-44.
2. Бартольд, В.В. Теократическая идея и светская власть в мусульманском государстве / В.В. Бартольд. -М., 1966. -263 с.
3. Бертельс, Е.Э. Низами / Е.Э. Бертельс. -М.: Молодая гвардия, 1947. -303 с.
4. Большаков, О.Т. Средневековый арабский город / Очерки истории арабской культуры V-XV вв. // О.Т. Большаков. -М., 1982. -С.46-63.
5. Васильев, Л.С. Феномен власти – собственность. Типы общественных отношений на Востоке в средние века / Л.С. Васильев. -М.: Наука, 1982. -334 с.
6. Вейнберг, И.П. Человек и культура древнего Востока / И.П. Вейнберг. -М., 1986. -280 с.
7. Грязневич, П.А. Ислам и государство / П.А. Грязневич // История государственно-политической идеологии раннего ислама. -М.: Восточная литература, 1986. -С.56-79.
8. Гусейнов, Г. К вопросу о социальных воззрениях Низами / Г. Гусейнов // Известия Азербайджанского филиала Академии наук СССР. - 1943. -№4. -С.50-56.
9. Гусейнов, Г. О социальных воззрениях Низами / Г. Гусейнов // Труды института философии Академии наук Азербайджанской ССР. -Баку, 1945. -201 с.
10. Ермаков, Д.В. Правитель и община в «Муснаде» Ибн Ханбала / Д.В. Ермаков // Народы Азии и Африки. -М., 1983. -№1. -С.12-16.
11. Игнатенко, А.А. Ибн Халдун / А.А. Игнатенко. -М.: Наука, 1980. -198 с.
12. Игнатенко, А.А. Средневековые поучения владыкам и проблематика власти / А.А. Игнатенко // Социально-политические представления в исламе. -М.: Восточная литература, 1987. -С.64-89.
13. Низомӣ, Г. Лайлӣ ва Маҷнун / Низомӣ Г. -Душанбе: Ирфон, 1982. -364 с.
14. Низомӣ, Г. Ҳафт пайкар / Низомӣ Г. -Душанбе: Ирфон, 1983. -414 с.
15. Низомӣ, Г. Хамса: Искандарнома / Низомӣ Г. -Душанбе: Адиб, 2012. -480 с.
16. Низомӣ, Г. Хусрав ва Ширин / Низомӣ Г. -Душанбе: Ирфон, 1983. -462 с.
17. Хачатурян, Н.А. Город в системе феодальной формации / Н.А. Хачатурян // Вопросы истории. -М., 1983. -№1. -С.26-39.
18. Штекли А.Э. О политическом строе / А.Э. Штекли // Утопия. -М., 1986. -Вып. 49. -С.53-78.


## АНДЕШАҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ДАР «ИСКАНДАРНОМА»-И НИЗОМӢ


Дар мақола зимни таҳлили «Искандарнома» андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Низомӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки муҳтавои андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Низомӣ «шаҳри ормонӣ» аст, ки тариқи шеъри ормонӣ дар «Искандарнома» суруда шудааст. «Ормоншаҳр» дар «Искандарнома»-и Низомӣ, идеяи олии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, мардумписандӣ, баҳрамандӣ аз адолат ва саодат аст. Низомӣ дар партави рисолаҳои «Сиёсат»-и Арасту, «Давлати ормони»-и Афлотун ва «Орои аҳли мадинаи фозила»-и Абунасри Форобӣ шаҳр (давлат)-и хирадро дар қаламрави хирад, халқоният ва иродаи инсон мавриди таҳлил қарор додааст. Низомӣ сарвати ҷомеа, нерумандии иқтисодӣ ва истифодаи бомақсади манбаъҳои табииро барои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии шаҳри ормонӣ муҳим меҳисобад. Аз ин рӯ, ҷомеаи инсонӣ, ки муқтазои табиат аст, метавонад ниёзҳои хешро дар «ормоншаҳр» таъмин намояд. Афроди шаҳри ормонӣ барои шаҳр-давлат вуҷуди айнӣ мебошанд ва зарур аст ба ҷомеа қонунмандии хос дошта бошанд. Низомӣ бар ин бовар аст, ки ҳамбастагии иҷтимоии афроди «ормоншаҳр» дар асоси бовариҳои муштарак шакл мегиранд ва ҷомеа бар асари дӯстиву ҳамфикрӣ устувор аст. Низомӣ ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии шаҳр-давлатро дар тавоноии идораи он тасвир менамояд. Мақсад аз ин таъкид ҳамфикрӣ бо ҳамаи аъзоёни ҷомеа баҳри ободии ватан аст. Нуктаи шоёни таваҷҷуҳ ин аст, ки ҳарчанд Низомӣ «ормоншаҳр»-ро тасвир кардааст ва дар ин низом рисолаи «Сиёсат»-и Арастуро истифода кардааст, вале дар кор ва зиндагии ҷомеаи шаҳрӣ аз «хиради шаҳрёр» сухан мегӯяд, ки дидгоҳи Арасту дар давраи ислом ташхис дода шудааст. Дар «ормоншаҳр»-и Низомӣ ҷомеа ва давлат як ҷо сурат мегиранд ва масоили иҷтимоӣ дар баробари масоили сиёсӣ ва давлатӣ матраҳ мешаванд.



**Калидвожаҳо:** Низомӣ, давлат, сиёсат, низом, ҷомеа, инсон, саъодат, ормоншаҳр.

**СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ В «ИСКАНДАР-НАМЭ» НИЗАМИ**

В статье рассматриваются социально-политические взгляды в «Искандар-намэ» Низами. Подчеркивается, что основу социально-политических взглядов Низоми составляет «добродетельный город». «Добродетельный город» в «Искандар-намэ» Низами воспевается как «добродетельный стих». «Добродетельный город» в «Искандар-намэ» Низами является высшей идеей социально-политической жизни, как идея справедливости, человеколюбия и счастья. Низами в русле трактатов «Политика» Аристотеля, «Государства» Платона и «О взглядах жителей добродетельного города» Абунасра Фараби для жителей «добродетельного города» - государства считает разум и разумность главными основами жизни общества.Низами внес важный вклад в разработку проблем общества, таких как особенности города – государства в объединении жителей и способах достижения счастья. Согласно Низами, географическая среда оказывает определенное влияние на общественную жизнь жителей «добродетельного города». Низами с целью возможности установления в «добродетельном городе» единого добродетельного общества подчеркивает необходимость взаимной помоши жителей. Низами в социально-политической жизни общества отвергает несправедливость и невежество. Низами в социально-политической жизни добродетельного общества способ управления государством считает искусством, которое способствует получению счастья. Низами при разработке проблем общества, в том числе города-государства, особенностей государственного объединения, функций государства и форм его управления, опирается на трактат «Политика» Аристотеля, но его социально-политические мотивы основывались на канонах ислама. В теории «добродетельного города» Низами социальные вопросы рассматриваются в тесной связи с его политической проблематикой.

**Ключевые слова:** Низами, государство, политика, порядок, общество, человек, добродетельный город, счастья.

**SOCIO-POLITICAL VIEWS IN NIZAMI'S «ISKANDER-NAME»**

The article examines the socio-political views in Nizami's "Iskandar-name". It is emphasized that the basis of Nizomi's socio-political views is the "virtuous city". The "virtuous city" in Nizami's "Iskandar-name" is glorified as a "virtuous verse". The "virtuous city" in Nizami's "Iskandar-name" is the highest idea of socio-political life, as the idea of justice, philanthropy and happiness. Nizami, in line with the treatises "Politics" by Aristotle, "The Republic" by Plato and "On the views of the inhabitants of a virtuous city" by Abunasr Farabi for the inhabitants of the "virtuous city" - the state, considers reason and reasonableness to be the main foundations of the life of society. Nizami made an important contribution to the development of problems of society, such as features of the city-state in uniting residents and ways to achieve happiness. According to Nizami, the geographical environment has a certain influence on the social life of the residents of the "virtuous city". Nizami, in order to be able to establish a single virtuous society in the "virtuous city," emphasizes the need for mutual assistance of residents. The lower classes in the socio-political life of society reject injustice and ignorance. The lower classes in the socio-political life of a virtuous society consider the method of governing the state to be an art that contributes to happiness. Nizami, when developing the problems of society, including the city-state, the features of state association, the functions of the state and the forms of its government, relies on the treatise "Politics" by Aristotle, but his socio-political motives were based on the canons of Islam. In Nizami's theory of the "virtuous city", social issues are considered in close connection with its political issues.

**Keywords:** Nizami, state, politics, order, society, man, virtuous city, happiness.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, иҷрокунандаи вазифаи профессор. **Суроға:** 735440, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Каримчон*** - Бохтарский государственный университета имени Носира Хусрав, исполняющий обязанности профессора. **Адрес:** 735440, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Information about the author:** ***Kodirov Karimchon*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting. professor, **Address**: 735440, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-14-74-68**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


***Тохирова Р.С.*** Особенности развития аутсорсинга, бухгалтерского консалтинга и аутстаффинга в странах ЕВРАЗЭС (ЕАЭС) и Республике Таджикистан в условиях цифровой экономики………………………………………………………………………………………… ***5***

***Хусаинов М.К., Тарасова Н.В.*** Цифровые экосистемы и банковская деятельность: проблемы экономической безопасности…………………………………………………………………… ***12***

***Улугходжаева Х.Р., Файзулоев П.Б.*** Развитие банковского маркетинга в Республике Таджикистан……………………………………………………………………………………… ***18***

***Набиева З.Т.*** Управление затратами в зерновом производстве (на материалах зернового подкомплеса Хатлонской области Таджикистана)...................................................................... ***25***

***Турсунов Р.Р.*** Фриланс как форма занятости в условиях цифровизации: проблемы и перспективы……………………………………………………………………………………… ***31***

***Шарипов И.О.*** Научный подход к изучению некоторых теоретических аспектов инвестиций и их классификация............................................................................................................ ***39***

***Абдурахмонова М.З.*** Анализ доходных статей финансовой отчётности учреждений государственного социального страхования и пенсий Таджикистана…………………………….. ***47***

***Султонов З.С., Холова С.Х.*** Управление организационной структурой инновационной деятельности торговых предприятий на основе технологии аутстаффинга……………………… ***53***

***Негматов Дж.С.*** Перспективные направления развития кинорынка в Республике Таджикистан……………………………………………………………………………………… ***59***

***Турсунов Р.Р.*** Некоторые аспекты современного состояния рынка труда Республики Таджикистан……………………………………………………………………………………… ***68***

***Мирбобоев Р.М., Қодирзода Ф.А.*** Татбиқи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи гурӯҳҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ...................................................... ***78***

***Иброҳимзода И.Р., Камолзода И.А., Камолов С.А.*** Такмили низоми пешгӯинамоии даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи гузариши ба иқтисоди рақамӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)......................................................................................................... ***90***

***Одинаев М.А.*** Таҳқиқи омории сохтори массаи пул ва суръати гардиши воҳиди пулӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ..................................................................................... ***102***

***Шарифзода Фаррух Зариф.*** Хариди давлатӣ, танзим ва ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ ***111***

***Ходжаев Д.Х.*** Таъмини бехатарии захираҳои гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ***117***

***Юнусов Т.А.*** Вижагиҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва танзими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ***125***

***Ахмедов Д.Ҳ., Ятимзода Хуршед Мардон.*** Ҷанбаҳои методологии коркарди маҳсулоти боғу токпарварӣ............................................................................................................... ***134***

***Холматова Д.А.*** Таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ.......................... ***139***

***Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ.*** Истифодаи оқилонаи механизмҳои иқтисодӣ – асоси баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин..................................................... ***148***

***Сайдолимов Ғ.К.*** Моҳияти иқтисодӣ ва таснифоти сармоягузорӣ......................................... ***157***

***Ғафорзода Ҷонона Ғафор.*** Самтҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..................... ***164***

***Комилов С.Ҷ., Ҳодиев Д.А., Маҳмадалиев Н.К.*** Асосҳои консептуалии инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо........................................................................ ***173***

***Дустова Н.О.*** Ассотсиатсияи франчайзинг, сохтори соҳавӣ ва рушди франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................................................................... ***182***

***Шарипова Ф.Н.*** Асосҳои назариявии таҳқиқи мафҳуми хизматрасониҳои бизнес-сайёҳӣ.... ***189***

***Муминов А.Б.*** Баъзе муаммоҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта ва муносибати институсионалии ҳалли он.................................................................................................. ***198***

***Маҳмадуллоев А.С.*** Шарикии технологӣ чун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………………………. ***06***

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Азамзода Акмал Азам.*** Использование прокурором криминалистических знаний при осуществлении надзора за законностью процессуальной деятельности органов предварительного расследования……………………………………………………………….. ***211***

***Кодиров Ф.М.*** Понятие и сущность прекращения обязательства в связи со смертью физического лица…………………………………………………………………………………. ***218***

***Диноршоев А.М., Сулаймонзода М.С.*** Моделҳои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ҳамчун асоси ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ........................................................................................................ ***225***

***Давлатзода Комрон Давлат.*** Таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (дар мисоли мактуби фишингӣ, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ ва кибертаъқиб)........................................................................ ***232***

***Миралиев Н.А.*** Содир кардани роҳзанӣ бо истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда....................................................................................................... ***240***

***Исмоилзода Х.А.*** Фарзандхондӣ ҳамчун шакли ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда: баҳс оиди доктринаҳо ва танзими ҳуқуқӣ.......................................... ***245***

***Зокирова Н.И.*** Низоми судҳои иқтисодӣ ва мавқеи онҳо дар низоми судӣ........................... ***252***

***Раҳматуллоева Р.Р.*** Нақш ва мазмуни принсипҳои фаъолияти мақомоти судӣ.................. ***259***

***Раҳим Зафар Ҳаким.*** Масъалаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист........................................................................................................................ ***269***

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

***Нуриддинов Р.Ш.*** Позиция Китайской Народной Республики в вопросах расширения и укрепления БРИКС……………………………………………………………………………….. ***277***

***Нуров А.С.*** Амнияти сиёсӣ ва иттилоотӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва консептуалӣ…………….. ***285***

***Комилов М.М.*** Ҷанбаҳои назариявии омӯзиши масъалаи маданияти сиёсӣ......................... ***292***

***Умарзода Амриддин Саидаҳмад.*** Заминаҳои таърихии ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи об.......................................................................................................................... ***300***

***Қодиров К.*** Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар «Искандарнома»-и Низомӣ……………………… ***310***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2024. №3.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 40,38 усл. п.л. 40,38.
Подписано в печать 18-03-2024